ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №2

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №2

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.2

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №2. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карроматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №2. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – №2. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2023

УДК: 491.550

ҚАЙДҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР «ФАРҲАНГИ НИЗОМ»

Сатториён М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як фарҳангу луғатнома вобаста ба муҳтаво, сохтор, масъала ва доираи калимаю вожаҳо ва ифодаю таъбирҳои фарогирифтааш дар забон дар байни муҳаққиқон мавқеъ пайдо намуда, диқатти муҳаққиқону донишмандони соҳаро ба худ ҷал менамояд. «Фарҳанги Низом» ҳам аз ҷумлаи чунин фарҳангҳои машҳури дар ибтидои асри 20 таълифшудае мебошад, ки то кунун арзиши баланди илмӣ ва маҳбубияти худро то кунун ба сифати яке аз фарҳангҳои мукаммалу камназир нигоҳ доштааст. Пеш аз он ки доир ба ин фарҳанг чизе гуфта шавад, беҳтар он аст, ки анъанаи луғатнигорӣ дар забони форсию тоҷикӣ мухтасар баррасӣ гардад, то фарҳангу луғатномаҳои пешин, ки дар такмили ин фарҳанг ҳамчун сарчашма хидмат кардаанд, ба хонанда шинос бошанд.

Анъанаи фарҳангнигорӣ дар забоншиносии форсу тоҷик таърихи қадима ва беш аз ҳазорсола дошта, дар фарҳангу адабиёти мардуми мо мавқеи махсус дорад. Чуноне ки маълум аст, фарҳангнигорӣ кори душвору заҳматталаб буда, донишҳои махсуси филологиро талаб менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки гузаштагони мардуми тоҷик ҳазорсолаҳо қабл ба чунин донишҳои забонӣ соҳиб буданд ва чирадастии онҳо низ дар таҳяи фарҳангу лугатномаҳо аз ҳамин сабаб мебошад. Дурустии ин гуфтаҳоро мавҷудияти луғатномаҳои «Фарҳанги оим-евак», «Рисола»-и Абӯҳафси Суғдӣ (асри X), «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри XI), «Фарҳанги Фахри Қаввос» (асри XIII) ва садҳо фарҳангу луғатномаҳои дар асрҳои минбаъда таълифшуда тасдиқ карда метавонанд.

Фарҳангнигорӣ дар забони тоҷикӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронида, вобаста ба умумият ва фарқиятҳои даврaҳои ташаккул онро даврабандӣ намудаанд. Дар забоншиносии тоҷик ин умумият ва фарқиятҳоро ба назар гирифта, луғатнигории забони тоҷикиро ба се давраи асосӣ: 1) луғатнигории тоисломӣ; 2) луғатнигории асрҳои X–XV; 3) луғатнигории XVI–XIX, марҳилабандӣ кардаанд [11, с.191].

Пас аз асри X луғатнигорӣ ва фарҳангу луғатноманависӣ вориди марҳилаи тамоман нав гардид. Дар ин давра, аз як тараф, низому сохтори фарҳангнависӣ хеле такмил ёфта, чорчӯбаи ба худ хос гирифт, аз тарафи дигар, фарҳангу луғатномаҳои зиёде рӯйи кор омадаанд, ки то ин рӯз онҳо арзиши баланди илмии худро нигоҳ доштаанд. Доираи инкишофи давраи дуюми фарҳангнигорӣ дар забони форсию тоҷикӣ асосан, ба сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр рост меояд. Ин даврaро метавон марҳилаи рушди фарҳангнигорӣ дар ин сарзаминҳо ҳисобид.

Авзои сиёсию фарҳангии Осиёи Миёна дар асрҳои XV– XVI мардумро водор намуд, ки барои зиндагии худ макони беҳтару амнтаре пайдо намоянд. Бо ин мақсад мардум, ки аҳли илму фарҳанг ҷузъи ин қофила будан, ба сарзамини Ҳинд, ки дар он замон мулки ободу амн буд, ҳиҷрат намудаанд. Дар натиҷа ҳавзаҳои илмию адабӣ аз Бухорою Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Марказию Хуросон ва Эрон ба Ҳиндустон кӯчонида шуд. Аҳли илму фарҳанг дар он ҷо марказҳои бузурги илмӣ ташкил намуда, фарҳангу забон ва адабиёти форсию тоҷикиро руш доданд. Дар баробари дигар илмҳо, фарҳангу луғатнигорӣ ҳам босуръат рушд намуд. Ин аст, ки марҳилаи сеюми инкишофу тараққиёти фарҳангнигориро, ки ба асрҳои XV– XVI рост меояд, марҳилаи рушди фарҳангнигории забони тоҷикӣ дар Ҳиндустон низ меноманд. Забоншиноси шинохтаи тоҷик –Ҳомид Маҷидов дар робита ба ин масъала чунин менигорад: «Аз асри XV шуруъ карда маркази луғатсозии тоҷикӣ ба Ҳиндустон интиқол меёбад. Дар мураттаб овардани луғатҳои тафсирии тоҷикии ин давра мақоми луғатсозони Ҳиндустон хеле бузург аст. Дар байни асрҳои XV–XIX дар ин сарзамин як идда асарҳои бузурги лексикографӣ–фарҳангҳо, луғатҳо, тафсиру шарҳҳои ҷудогона ба вуҷуд оварда шудаанд. Луғатҳои «Адотулфузало»-и Қозихони Бадр Муҳаммад (с. 1419), «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ»-и Иброҳими Форуқӣ (с. 1473), «Маҷмаулаҷам» (ё ки «Фарҳанги Осимӣ»)-и Осим Шуайби Абдусӣ (с. 1449), «Муайидулфузало»-и Ибни Лод (с. 1519), ки дар ҳамин сарзамин мураттаб гаштаанд,

баробари калимаҳои забони адабӣ миқдори зиёди калимаҳои истилоҳӣ ва соҳавиро низ дар бар гирифтаанд» [11, с.194].

Лозим ба ёдоварист, ки фарҳангу луғатнигорӣ дар ҳама давру замон як майлон ва ҷараёни хосси инкишофи худро дошт ва имрӯз ҳам дора два фарҳангу луғатномаҳо бузургтарин хазина, ганҷина ва дурдонаҳои пурқимати ҳар як қавму миллат, аз ҷумла мардуми тоҷик, маҳсуб мешаванд. Маҳз ба туфайли онҳо калимаю ифодаҳои забон аз як насл ба насли дигар ва аз як давра ба давраи дигар маҳфуз дошта шуда, интиқол дода мешаванд. Яке аз омилҳои пойдорӣ ва рушди мунтазами забони тоҷикӣ ҳам дар давраҳои ниҳоят ҳассоси таърихи гузашта, ки қавму миллатҳои зиёд мавҷудияти худро аз даст додаанд, дар баробари осори назмию насрии шоирону донишмандони тоҷик маҳз ана ҳамин фарҳангу луғатномаҳои дар гузашта таълифшуда мебошанд. Бояд онҳо гирдоварӣ ва аз нав нашр ва маҳфуз дошта шаванд.

Ҳар як фарҳангу луғатнома вобаста ба сохту таркиб, тарзу принсипҳои таҳя, миқдори вожаю калимаҳо ва таъбиру ифодаҳои варогирифтаи худ ба арзиши муайяни илмӣ соҳиб буда метавонад. Хушбахтона, чунин фарҳангу луғатномаҳо дар забони форсию тоҷикӣ хеле зиёд мебошанд, ки бо сохтору мазмун, тарзи овардан ва тафсир кардани калимаю ифодаҳо дар онҳо ҳар яки онҳо ҷойгоҳи хосси худро дорад. Яке аз чунин фарҳангҳо, ки мавқеи худро то кунун ба пуррагӣ нигоҳ доштааст, ин фарҳангномаи «Фарҳанги Низом»-и Сайид Муҳаммадалӣ Доъ-ял-салом мебошад. Фарҳанги мазкур дар панҷ ҷилд мураттаб шуда, соли 1926 дар дар шаҳри Ҳайдарободи Ҳинд нашр шудааст. Бояд гуфт, ки ин фарҳанг фарҳанги тафсирӣ буда, дар он, асосан, калимаҳои матрук ва маъмулу мустаъмали гузаштаю ҳозираи забони форсию тоҷикӣ шарҳу тафсир шудаанд.

Фарҳангномаи «Фарҳанги Низом» дар забоншиносии форсу тоҷик аз рӯйи сохт, мазмун ва доираи фарогирии масъалаҳо ва калимаю ифодаҳои тафсиршаванда мукаммалтарин фарҳанги тафсирӣ то солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба шумор меравад. Ин фарҳанг як навъ фарҳанги ҷамъбастӣ буда, дар он таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи фарҳангу луғатноманависии мардуми мо ҷамъбаст ва гирдоварӣ шудааст. Дар он, дар баробари шарҳу тафсири калимаю вожаҳо, ҷилди якуми он, аниктараш дар муқаддимаи он, доир ба анъанаи фарҳангнигорӣ, бурду бохти фарҳангу фарҳангнигорони гузашта маълумоти муфид дода шудааст.

Фарҳангномаи «Фарҳанги Низом» қомуси мукаммале мебошад, дар илми забоншиносии форсу тоҷик қимати ниҳоят баланди илмӣ дорад. Махсусан, қисмати муқаддима ва қисмати аввали он, ки дар ҷилди якуми ин фарҳанг ҷой дода шудааст. Дар ин ҷилди фарҳанги мазкур қабл аз он ки калимаю ифодаҳо мавриди шарҳу тафсир қарор дода шаванд, масъалаҳои зиёди ба калимаҳо ва умуман луғат алоқаманд баррасӣ шуда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Аксари афкори дар ин қисмати фарҳанг матраҳ ва баррасишуда аҳаммияти илмӣ дошта, фарогири масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ мебошанд. Яъне қайдҳое, ки дар ин қисмати фарҳанг дар робита ба ин ё он паҳлуи масъала оварда шудаанд, аксаран аҳаммияти забоншиносӣ дошта, хеле ҷолиб ҳам мебошанд.

Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки забони адабии форсии кунунӣ дар марҳилаҳои аввали пайдоиш ва зуҳури дини Ислом дар сарзамини Эрону Хуросон шакл гирифтааст ва хатти китобат ҳам алифбои арабӣ буд. Дар ҳамин росто ӯ қайд менамояд, ки аксари фарҳангҳое, ки аз замони устод Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Дақиқӣ то кунун то кунун (то солҳои сиюми асри гузашта) таълиф шудаанд, фарҳангномаҳои ашъори буда, фарогири луғату вожаҳои ашъори ин ё он шоири алоҳида мебошанд. Дар баробари ин, ба мавҷуд будани калимаҳои дорои доираҳои гуногуни истеъмол дар ашъори онҳо ишора карда қайд менамояд: «Пас, маълум мешавад, ки аз ибтидо дар фарҳангнигорӣ то ҳол ҳар чи, навишта шуда, фарҳанги ашъорӣ буда, ниҳоят дастаи аввал ҳамон алфози матруку вилоятӣ ва мухаффафи ашъорро навиштаанд ва дастаи дувум тамоми алфози шеърро навиштаанд ва назаре ба ду шуъбаи дигари забони форсӣ, ки такаллум ва наср аст, надоштанд ва ман аввалин кас ҳастам, ки фарҳанги ҷомеъи забонро бинависам ва алфози ҳар се шуъбаи форсӣ: 1) такаллум; 2) наср; 3) назмро меоварам. Дар ҳар забон се шуъбаи мазкур мавҷуд аст ва дар ҳар шуъба алфозе истеъмол мешавад, ки дар шуъбаи дигар нест» [20, с.5].

Муаллиф ноқисии фарҳангномаҳои гузаштаро, пеш аз ҳама, дар он мебинад, ки муаллифони онҳо дар доираи фарҳангҳои худ ба шарҳу тафсири алфоз ё худ калимаҳои

ашъори шоир ва калимаҳои матруку аз истеъмолбаромада ва лаҳҷавӣ иқтифо намуда, вожаю ифодаҳои зиёдеро, ки дар наср ва забони зиндаи халқ ба кор бурда мешаванд, сарфи назар намудаанд. Сайид Муҳаммадалӣ Доъ-ял-салом мавҷуд будани анбуҳи бузурги калимаҳоро дар се сатҳи корбурд, дар забони зиндаи халқ, дар назм ва дар наср, қайд намуда, қасди таълиф намудани чунин як фарҳанги мукаммал ва фарогир доштани худро таъкид менамояд. Ин фарҳангнигор ҷойгоҳи махсус доштани ин се гурӯҳ калимаҳоро дар сатҳи забони форсӣ хеле хуб тавсиф намудааст.

Қайди дигаре, ки бевосита ҷанбаи забоншиносӣ дошта, дар идомаи қайдҳои худ меорад, ин масъалаи дар сатҳи забони зиндаи халқ мавҷуд будани гурӯҳҳои гуногуни вожаю калимаҳои марбути касбу кори мухталиф мебошад: «Дар такаллум ҳам шуъбаҳое аст ва ҳар шуъба хусусиёте дорад, забони уламо алоҳида аст ва забони бозорӣ алоҳида. Мардон хусусиёте доранд ва занон дар такаллуми худ хусусиёти дигар доранд. Бисёре аз алфоз ва ҷумал(ҷумлаҳо)-и бозорён аз даҳани уламо бурун намеояд» [20, с.5]. Манзур аз истифодаи калимаи шуъба дар гуфтаҳои муаллифи фарҳанг ишора ба гурӯҳи махсус ва алоҳидаи калимаҳое мебошанд, ки дар байни одамони касбу кори гуногун ё умуман табақаҳои мухталифи ҷомеа ба кор бурда мешаванд. Ӯ мавҷуд будани гурӯҳҳои гуногуни калимаҳоеро, ки дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба кор бурда мешаванд, қайд намуда, аломат ва тафовутҳои ба худ хос доштани онҳоро хеле хуб қайд намудааст. қисмати аввали ҷилди якуми фарҳанги «Фарҳанги Низом» матраҳ аст, ин масъалаи чандшуъбагии забон мебошад.

Муаллиф пас аз таҳлилу баррасиҳои зиёд қайд менамояд, ки фарҳанг бояд фарогири калимаҳои тамоми сатҳи забон бошад, на фарогири гурӯҳи маҳдуди онҳо. Дар идома иброз медорад, ки дар забони форсӣ то имрӯз чунин фарҳанг рӯйи чоп наомадааст: «Фарҳанги як забон бояд дорои тамоми алфози шаъаб (шуъбаҳо, бахш, қабатҳои истеъмолии калимаҳо)-и он бошад ва хусусиёт ва мавориди истеъмоли ҳар лафзро диҳад ва чунин коре то кунун барои забони форсӣ нашудааст» [20, с.5].

Дар луғати мазкур забонҳои миллию ақаллиятҳои миллӣ ва лаҳҷаю шеваҳои Эрон низ мавриди тадқиқу баррасии мукаммал қарор дода шуда, таъкид карда мешавад, ки дар Эрон беш аз сад забону гӯйишҳои алоҳида мавҷуд аст, ки барои сокинони маҳалҳои дигар нофаҳмоянд. Муаллифи инро ба назар гирифта, қайд менамояд, ки бояд фарҳанги меъёрӣ ё стандартие ба вуҷуд оварда шавад, ки фарогири калимаҳои умумигаштаи забони форсӣ бошад. Зеро новобаста аз он ки мардум дар оила ва дар байни ҳамқавмони худ бо лзабону лаҳҷаҳои мухталиф ҳарф мезананд, ҳамин ки бо намояндагони ақвоми дигар рӯ ба рӯ шуданд, бо забони форӣ ҳарф мезананд.

Дар робита ба забони форсӣ низ дар фарҳанг афкори назарии ҷолиб баён шудаанд. Шарҳу тафсирҳои гуногун доир ба мавқеъ ва таърихи забони форсӣ, ки пайдоиши забони тоҷикӣ низ ба он робита дорад, ба таври хеле муфассал оварда шуда, қайд карда мешавад, ки то замони зуҳури дини Ислом дар Эрон се забони форсӣ: 1) форсии авестоӣ; 2) форсии каёнӣ; 3) форсии паҳлавӣ ва пас аз зуҳури он як забон –форсии исломӣ мавҷуд буд, ки забони форсии баъдиисломӣ то имрӯз дар хидмати мардум аст. Бояд гуфт, ки ин тарзи таснифоти забони форсӣ характери таърихӣ дорад. Мақсад аз навъи забони форсӣ гуфтан даврaҳои мавҷудияти забони форсӣ бо ин номҳо дар тули таърих аст, ки бо номи сулолаҳо ва китоби муқаддаси зардуштиён –Авесто, алоқаманд карда шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар қисмати аввали ҷилди аввали фарҳанг ба он таваҷҷуҳи махсус сурат гирифтаас, ин шарҳутафсири паҳлуҳои гуногуни алифбоҳои қадима ё тоисломии забони форсӣ мебошад. ҳар як ҳарф бо гунаи алифбои арабиасоси форсиаш ишора шуда, дар ҳолати зарурӣ тарзи талаффуз ва хониши он ҳам нишон дода шудааст. омӯзишҳои доир ба алифбоҳо анҷомдодашуда аҳаммияти бузурги забоншиноси –фонетикӣ дошта, хеле ҷолиби диқат ҳам мебошанд.

Доираи масъалаҳои аҳаммияти бузурги забоншиносидошта, ки дар фарҳанги мазкур матраҳ ва баррасӣ шудаанд, хеле васеъ мебошанд. Аз оне ки масъалаи меҳварии таҳлилу омӯзишҳои муаллифро таҳяи луғати мукаммал ташкил менамояд, ӯ масъалаҳои зиёдеро шарҳ дода, аз нуқтаи назари луғатнигорӣ онҳоро баррассӣ менамояд ё аз ягон ҷиҳат ба таҳяи фарҳангу луғатномаҳо алоқаманд будани онҳоро қайд менамояд. Аз ҷумла ӯ фарҳангҳои тафсирии то замони худ таълифшударо ҷамъоварӣ намуда, сохтори ҳар бандубаст ва тарзи шарҳу тафсири калимаю вожаҳо ва таъбирҳоро дар кисмати дебочаи

фарҳанги худ таҳлилу баррасӣ намудааст. Муаллиф зимни баррасии муҳтаво сохтори луғатномаҳо ва тарзи овардану шарҳу тафсир кардани вожаю таъбирот дар онҳо барои исботи гуфтаҳои худ бевосита аз ин фарҳангу луғатномаҳо мисол меорад. Аз ҷумла дар мавриди луғатномаи «Бурҳони қотеъ» чунин меорад: «Дар «Бурҳони қотеъ», илова бар алфози фарҳангиҳои аслоф ӯ алфози ҳавзаи орисӣ (сурёнӣ) ва алфози форсии авасто ва форсии паҳлавӣ ва алфози ҷаълӣ …ҳам ҳаст. Агар мо аз Бурҳони қотеъ алфозе гирифта, бо он алфози як сафҳаи дигар иборот нависем маълум мешавад, ки маълум мешавад, ки он иборот форсӣ аст ё як забони африқоӣ. Муаллифи Бурҳони қотеъ муҳаққиқ набуда ва монанди муаллифони фарҳангҳои дигар се солу бист сол заҳмати он корро накашида, балки хостааст, алфози фарҳангҳои мутааддида ва алфози табиӣ ва алфози (катаби ҷаълӣ) ва таъсиру дабистоналмазоҳиб ва мисоли онҳоро дар як китоб ҷамъ кунад [20, с.21].

Дар қисмати дебоча дар ҷилди аввал фарҳанг қариб тамоми фарҳангҳои пешин оварда шуда мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Муаллиф аз паҳлуҳои мухталиф тарзи овардани мисолҳо, тафсиру маънидодкунӣ калимаю вожаҳоро дар онҳо омӯхта, навоқису рорасоиҳои онҳро зик намудааст. ӯ ин корҳоро, пеш аз ҳама барои он анҷом дода, дар кисмати дебоча овардааст, ки худаш ҳангоми таълифи луғатномаи «Фарҳанги Низом» чунин камбудиҳоро такрор нанамояд. Дар ҳаҷми як мақола баррасӣ намудани қайдҳои забоншиносии дебочаи мазкур ғайри имкон буда, он як тадқиқоти нисбатан мукаммал ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, фарҳангнигорӣ дар забони форсию тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола дошта, чандин марҳилаҳои рушду такомулро аз сар гузаронидааст. Таҷрибаи таърихии фарҳангнигорӣ имкон додааст, ки дар даврaҳои гуногун фарҳангу луғатномаҳои зиёд бо шеваю усулҳои мухталиф таълиф шуда, калимаю ифода ва таъбироти забони мо дар онҳо ҳазорсолаҳо маҳфуз дошта шудаанд. Омӯзиш ва баррасии қисмати дебочаи фарҳанги мазкур шаҳодат медиҳад, ки фарҳангнигории забони тоҷикӣ на дар замони шуравӣ, балки садсолаҳо қабл ба як бахши ҷудогонаи забоншиносӣ табдил ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Қисми I. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С.17–87.
2. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 102 с.
3. Калонтаров Я.И. Инкишофи лексикографияи тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Советӣ. //Мактаби советӣ. – №11. – 1974. – С.21-24.
4. Калонтаров Я.И., Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ.– Душанбе: Дониш, 1974. – 95 с.
5. Капранов В.А. К истории таджикской лексикографии. //Известия отд. обществ. наук АН Тадж. ССР. – Вып 9. – Душанбе, 1956.
6. Капранов В.А. «Луғати фурс» Асади Тӯсӣ и его место в таджикской (фарси) лексикографии. – Душанбе: Изд. АН Тадж. ССР, 1964. –212 с.
7. Капранов В.А. Таджкско-персидская лексикография в Индии 16–19 в.в.– Душанбе: Дониш, 1987. –224 с.
8. Луғатномаи осори С. Айнӣ. / Мураттибон Ҳ. Рауфов, М. Шукурова, Ҳ. Муҳаммадиев. – Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.
9. Луғати русӣ-тоҷикӣ. / Мураттибон С. Ҷ. Арзуманов, М. Аминзода, А. П. Деҳотӣ... – Москва– Сталинобод, 1949. – 880 с.
10. Луғати русӣ-тоҷикӣ. / Мураттибон С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ. А. Аҳрорӣ, Н. Беҳбудӣ, Н.Н. Ершов, Ш. Собир ва дигарон. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди I.– Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 248 с.
12. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. –Душанбе: Нашриёти ЭСТ, 1990.
13. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. – Иборат аз 2 ҷилд. – Душанбе: Нашриёти ЭСТ, 1983–1984.
14. Орзу Сирочиддини Алихон. Чароғи ҳидоят. –Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
15. Отахонова А. «Фарҳангнома»-и Ҳусайн Вафоӣ. – Душанбе: Дониш, 1986. – 124 с.
16. Польный русско-таджикский словар. /Составители С. Ализаде и другие. – В двух томах. – Сталинабад, 1933–1934.
17. Сайид Муҳамм АдалӣДоъ-ял-Салом. Фарҳанги Низом. -Ҳайдаробод
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ /Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз 2 ҷилд. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951с; Ҷ. 2. – 948с.
19. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». /Мураттиб И.Ализода. Таҷдиди Ҳ.Рауфов, З.Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
20. Ҳошимов С. Луғатнигорӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 79 с.
21. سید محمد علی الاسلام. فرهنگ نظام. جلد 1. – حیدرآباد. 1237 ش.
22. سید محمد علی الاسلام. فرهنگ نظام. جلد 2. – حیدرآباد. 1237 ش.
23. سید محمد علی الاسلام. فرهنگ نظام در. جلد 3. – حیدرآباد. 1237 ش.

24. سید محمد علی الاسلام. فرهنگ نظام. جلد 4. – حیدرآباد. 1237 ش.
25. سید محمد علی الاسلام. فرهنگ نظام. جلد 5. – حیدرآباд. 1237 ш.

ҚАЙДҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ФАРҲАНГНОМАИ «ФАРҲАНГИ НИЗОМ»

Фарҳангнигорӣ дар забони тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола дошта, чандин марҳилаҳои инкишофро аз сар гузаронидааст. Ба мушкилоту авзои сиёсию фарҳангӣ нигоҳ накарда анъанаи фарҳангнигорӣ дар забоншиносии форсу тоҷик дар гузашта мунтазам рушд намуда, фарҳангу луғатномаҳои зиёд таълиф шудаанд, ки аксари онҳо то ба замони мо омада расидаанд. Дар ин миён фарҳангномаи «Фарҳанги Низом» яке аз бузургтарин ва мукаммалтарин фарҳанги тафсирии форсу тоҷик аст, ки дар ибтидои асри бист китобат ва нашр шудааст. Муаллифи фарҳанги мазкур таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи мардуми форсизабонро истифода карда, ин фарҳанги мукаммалро таълиф намудааст. Луғатномаи «Фарҳанги Низом» қомуси мукаммале мебошад, ки таҷрибаи чандинасраи мардуми мо дар он гирд оварда шудааст. Луғатномаи «Фарҳанги Низом танҳо фарҳанги мукаммали тафсирӣ набуда, сарчашмаи муътамади забоншиноси ҳам ба шумор меравад. Махсусан дар кисмати дебочаи он муаллиф афкори зиёди дорои аҳаммияти бузурги забоншиносӣ баён намудааст. Омӯзиш ва тадқиқи ҳаматарафаи он назарияи забоншиносии форсу тоҷикро ғанӣ гардонида, ба ҳалли бисёр маъалаҳои луғатшиносӣ, таърихи забон ва фарҳангу лугатнигорӣ дар забонамон нуқта гузорад.

Калидвожаҳо: фарҳангнигорӣ, забони тоҷикӣ, омӯзиш ва тадқиқ, ҳалли маъалаҳои луғатшиносӣ, таърихи забон ва фарҳангу лугатнигорӣ

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ЗАМЕТКИ О "СЛОВАРЕ НИЗОМА"

Лексикография в таджикском языке имеет более чем тысячелетнюю историю и прошла несколько этапов развития. Независимо от политических и культурных проблем, традиции лексикографии в персидско-таджикском языкознании в прошлом неуклонно развивались, и было написано множество словарей, большая часть которых дошла до нашего времени. Между тем «Словарь Низома» является одним из самых больших и полных персидско-таджикских толковых словарей, который был написан и издан в начале XX века. Автор данного словаря использовал более чем тысячелетний опыт персоязычного народа и написал этот целостный словарь. «Словарь Низома» – это целостный словарь, в котором собран многовековой опыт по составлению словарей нашего народа. «Словарь Низома» является не только полным толковым словарем, но и надежным языковедческим источником. Особенно в предисловии автор высказал много мыслей, имеющих большое лингвистическое значение. Его всестороннее изучение и исследование обогатит теорию персидско-таджикского языкознания и решит многие вопросы лексикографии, истории языка и культуры.

Ключевые слова: таджикский язык, изучение и исследование, решение лексикографических задач, история языка и культуры, лексикография.

LINGUISTIC NOTES IN THE « DICTIONARY OF NIZOM"

Culture in the Tajik language has more than a thousand years of history and has gone through several stages of development. Regardless of political and cultural issues, the cultural tradition in Persian-Tajik linguistics has steadily developed in the past, and many dictionaries have been written, most of which have come down to our time. Meanwhile, " Dictionary of Nizom" is one of the largest and most complete Persian-Tajik explanatory dictionaries, which was written and published at the beginning of the 20th century. The author of this dictionary used more than a thousand years of experience of the Persian-speaking people and wrote this integral culture. " Dictionary of Nizom" is a complete dictionary, which contains the centuries-old experience of our people. " Dictionary of Nizom" is not only a complete explanatory dictionary, but also a reliable source for linguists. Especially in the preface, the author expressed many thoughts of great linguistic significance. Its comprehensive study and research will enrich the theory of Persian-Tajik linguistics and will solve many issues of lexicography, history of language and culture in our language.

Key words: lexicography, Tajik language, study and research, solving lexicographic problems, history of language and culture and lexicography.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17

Сведения об авторе: ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Sattoriyan Matlubakhon Amonzoda*** - National University of Tajikistan, candidate of philological sciences, associate professor of the department of modern Tajik literary language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550-56

ИНЪИКОСИ АЛОМАТҲОИ ХОССИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР НАСРИ ӮРУН КӮҲЗОД

Мирзоева М.М., Худоёрова Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фразеология маҷмуи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои рехтаву устувори забонро меомӯзад. Дар забонамон ифодаҳои таркибан устувор зиёданд, вале ВФ бо аломат ва хусусиятҳои ба худ хос аз онҳо фарқ мекунанд. Ҳама воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, зуҳуроти аломати забонанд. Фразеологизмҳо чун аломатҳои дигари забон ба маъно далолат мекунанд. Ҷараёни шаклгирии аломатҳои забон, аз ҷумла ВФ-и он, ба фаъолияти пайвастаи ҳаётии инсонҳо рабт дорад. ВФ бо ифодаи маъно, мавқеи истеъмол ва вазифаҳои синтаксисӣ ба калимаҳо наздик бошанд ҳам, аз ҷиҳати сохти таркибии худ аз онҳо фарқ карда, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озодро ташкил менамоянд. Сабаби ин духӯрагии фразеологизмҳоро ба табиати махсуси забонӣ ва таърихи пайдоиши онҳо вобаста шуморида, профессор Ҳ. Маҷидов чунин меорад: «Онҳо дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои одии синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд ва дар рафти рушду инкишофи тадриҷӣ ба дараҷае рехтаву устувор мегарданд, ки бисёре аз онҳоро аз калимаҳои одӣ фарқ намудан душвор аст» [3, с.12].

ВФ яке аз воситаҳои муҳимми ифодаи фикр, масолеҳи тайёри забонӣ барои ба вуҷуд овардани образҳои пуробуранги бадеӣ, лавҳаю манзараҳои гуногуни зиндагӣ, баҳодиҳӣ ба ҳодисаю воқеаҳои ҳаёт ба шумор мераванд. «Дар воҳидҳои фразеологии ҳар забон зимни қолабҳои ниҳоят мухтасар ва муъҷаз таҷрибаи зиндагӣ, табъу кайфият, урфу одат ва таъриху фарҳанги мардумӣ таҷассум гардидааст» [3, с.10].

Бояд гуфт, ки доир ба муайян кардани хусусиятҳои асосии ВФ фикру ақидаи муҳаққиқон гуногун аст, вале бе ҳалли ин масъала дар бобати хусусиятҳои дигари ВФ сухан рондан душвор аст, чунки муайян кардани гурӯҳҳо ва мавқеи ВФ дар низоми воҳидҳои дигари забонӣ бевосита ба хусусияти фарқкунандаи онҳо вобаста аст. Бинобар ин, агар ақидаҳои муҳаққиқони ин соҳаро бодиққат назар кунем, маълум мешавад, ки аксарияти онҳо ба ду хусусияти ВФ, ба таври норавшан бошад ҳам, ишора кардаанд. Ин ифодаи маънои яклухт ва устувории сохти ВФ мебошад. «Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳамдигар марбут, ки таркибан рехтаву устувор буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно муродифи калима ва ибораҳои ноустувор шуда метавонанд, воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Ифодаи маънои яклухт ва сохти устувори воҳидҳои фразеологӣ аломатҳои асосии фарқкунандаи онҳо буда, хусусиятҳои дигари онҳо бевосита дар заминаи ҳамин хосиятҳои асосӣ ба вуҷуд меоянд» [1, с.45].

Ин андеша баъдтар аз ҷониби муҳаққиқ тақвият ёфта, нишона ё аломатҳои асосии ВФ-ро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст:

1) аломатҳои асосии фарқкунандаи ВФ ва 2) аломатҳои иловагии фарқкунандаи ВФ.

Профессор Ҳ. Маҷидов аломатҳои асосии ВФ-ро ба тариқи зайл ташреҳ намудааст: «Аломатҳои фарқкунандаи асосӣ моҳияти воқеии воҳидҳои фразеологӣ, моҳияти табиии нишонаҳои шакл ва маънои онҳоро инъикос менамоянд. Ба ин нишонаҳо, пеш аз ҳама, таркиби компонентӣ (таркибёбӣ аз ҷузъҳои луғавии доимӣ), ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, устувории таркиби луғавӣ, аз байн рафтани алоқаи зиндаи наҳвӣ ва умумихалқӣ будани онҳоро дохил намудан мумкин аст» [1, с.45].

Бар иловаи нишонаҳои муҳимтарини дар боло зикршуда муҳаққиқи соҳа аломатҳои иловагии хосси фразеологизмҳоро муайян намудааст: «Ба ин аломатҳо маъмулан маҷоз ё ин ки нобаробарии маънои умумии фразеологизмҳо ба маъноҳои ҷузъии унсурҳои онҳо, обуранги миллӣ, тобишҳои эҳсосотӣ, образнокӣ, равшану возеҳӣ ва ба забони дигар айнан тарҷума нашудани онҳоро дохил мекунанд» [1, с.51-52].

Ин нишонаҳои муҳимро дар ВФ-и истифоданамудаи нависанда Ӯрун Кӯҳзод баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, ВФ-и аз ҷаҳон **чашм пӯшидан** ба маънои «фавтидан», **тухми анқо** «камёфт», **чон ба каф гирифтан** «дар хатар будан», **дандон ба дандон мондан** «базӯр тоқат кардан», **чашм дӯхтан** «нигоҳи дурудароз кардан» ва амсоли инҳо гарчанде аз якчанд калимаи мустақилмаъно иборат бошанд ҳам, маънои яклухтро ифода

намуда, бо калима ва таркибҳои **мурдан, камёфту нодир, эҳтиёткорона ё боазоб, пурсаброна** ва **нигаристан** муродиф мешаванд.

Аз ВФ-и овардашуда мебинем, ки аз рӯйи ифодаи маъно ба калимаҳо шабоҳат доранд ва онҳоро чун муродифи устувору таркибии калима ва ибораҳои озоди синтаксисӣ кор фармудан мумкин аст. Албатта, тобиши услубӣ ва ҳиссии онҳо нисбат ба калима ва воҳидҳои озоди синтаксисӣ чандин зина болотар меистанд. Инро дар мисолҳои зайл мушоҳида намудан мумкин аст:

Азбаски ҳеҷ тоқати гапбардорӣ надошт, оламгурезу одамбезор шуд ва ниҳоят баъди чандин сол ба дарди сили майна гирифтор шуда, ***аз ҷаҳон чашм пӯшид*** *[12, с.120]. Ман ҳам мард будани худро нишон додам «раве,* ***тухмат анқо шавад****, ки ба рӯят нигоҳ намекунам» гуфтам ва нигоҳ ҳам накардам [10, с.168]. Аммо падару модар бо мақсади ҳунару касби хубе омӯзондани фарзанд не, балки барои кенҷа будан* ***ҷон ба каф гирифта*** *фарзанди кенҷаашонро калон мекарданд [8, с.180]. Аммо сир бой додан даркор нест,* ***дандон ба дандон монда*** *тоқат кардан лозим аст, чунки ҳамаи ин базмиҳо ба ӯ* ***чашм дӯхтаанд*** *[13, с.43].*

Дар мисоли аввал ибораи **аз ҷаҳон чашм пӯшидан** маҳз дар ҳамин қолаб ибораи яклухти фразеологиест, ки маънои «мурдан»-ро ифода мекунад, агар **чашм пӯшидан** аз таркиби ин ибора ҷудо карда шавад, маънои тамоман дигарро медиҳад, ки он низ ИФ буда, маънои «чизеро нодида гирифтан»-ро дорад.

Мундариҷаи яклухти як гурӯҳ ВФ дар заминаи маънои нав гирифтани ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. ВФ, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маънои луғавии ҷузъҳои таркибӣ сурат мегиранд, чун ибораҳои озоди синтаксисӣ мушаххасмаъно буда, мавқеи истеъмолии муайяне доранд. Онҳо аз ибораҳои синтаксисӣ бо ҳамин фарқ мекунанд, ки сохти устувор доранд ва ҳамеша дар як шакл ба кор бурда мешаванд. Масалан, ифодаҳои **дарди сар** ба маънои «нолозим, зиёдатӣ», **риштаи суҳбат** «мавзуъ», **хабари обнарасида** «хабари нав», **чашми кордон** «соҳибтаҷриба», **аз замири дил** «мақсад», **аз сидқи дил** «бо боварӣ», **қаъри дил** «ботин», **суханҳои нӯгиостинӣ** «нолозим» аз ҳамин ҷумла мебошанд:

Аз ҳамин ***дарди сар*** *халос шавем, гуфтанду як одами бегонаро раис карда фиристоданд, ки шахси бегараз ба ҳамаашон як хел муомила мекунад [16, с.247]. … Лекин* ***риштаи суҳбат,*** *асосан, ба дасти Абушаҳид буд ва Баҳром гоибона гуфторҳои ӯро тасдиқ мекард… [13, с.12]. Боз таассуроти наву куҳнаи чанд бор нақлкардаашро бори дигар ҳамчун* ***хабари обнарасида*** *ба муомилот мебароварда… [9, с.56]. Ҳо, вай Аҳмадбой барин* ***чашми кордону*** *пулёб набуд. Сода, намефаҳмид, ки байни қувваи бозуву қувваи пул фарқи зиёде ҳаст [9, с.234]. Он вақт Исфандиёр* ***аз замири дили*** *ӯ огаҳ набуд, бо як ҳавобаландии беҳосили бачагона менигарист ва дар гӯши Вера мегуфт [9, с.15]. Ҳамин тавр мефаҳмидам, –* ***аз сидқи дил*** *тасдиқ мекунад Хумор [9, с.49]. Дар* ***қаъри дил*** *ҳис мекард, ки як чизи бисёр муҳимме намерасад, аммо ҳамон норасоӣ чист, ёфта наметавонист, ки чораи рафъашро ҷӯяд [9, с.88]. Дар суҳбатҳо* ***суханҳои нӯгиостинӣ,*** *аз қабили куҷо рафту киро диду чи хӯрд, лавҳаҳо гуфта механдид [9, с.48].*

Аз истифодаи фразеологизмҳое ба мисли **замири дил, қаъри дил** маълум мегардад, ки гоҳо нависанда ВФ-и хосси услуби гуфтугӯйиро тағйир медиҳад ё дар заминаи онҳо ВФ-и нав месозад. Дар забони мардум ибораи фразеологии **таки дил, таки дили касеро фаҳмидан** бо маъноҳои «ният, ботин, мақсади касеро пай бурдан, фаҳмидан» хеле серистеъмол аст. Нависанда ба онҳо оҳанги адабии китобӣ бахшида ибораи **замири дил, қаъри дил**ро сохтааст, ки услуби фардии онро нишон дода, ҳамзамон қолаби устувор доштанашонро хонанда бо қиёс ба ҳамон воҳидҳои мавҷуда ба зудӣ пай мебарад. Ҳамин аст, ки ВФ-и **замири дил, қаъри дил** дар луғатҳои фразеологӣ ба назар намерасанд. Дар забони тоҷикӣ назири ҳамин гуна ВФ, ки хосси қабатҳои гуногуни услубӣ буда, бо обурангашон аз ҳам фарқ мекунанд, кам нестанд. Як хусусияти ин гуна ВФ-ро муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов дар он мебинад, ки: «Як қисми калони фразеологияи гуфтугӯйиро воҳидҳои фразеологии забони зиндаи халқ, ки бо вуҷуди пуробурангии хосси худ то андозае носуфта мебошанд, ташкил медиҳанд» [3, с.91]. Маълум мешавад, ки нависанда Ӯ. Кӯҳзод низ ҳамин хусусияти баъзе ВФ-ро пай бурда, хостааст, ки ба онҳо оҳанги адабии китобӣ бахшад ва, ба назари мо, моҳирона аз уҳдаи иҷрои ин кор баромадааст.

ВФ-е, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маънои луғавӣ, маънои ҳарф ба ҳарфи ҷузъҳои таркибӣ сурат меёбанд, пуробуранг ва таъсирбахш нестанд. Онҳо чун истилоҳоти таркибии соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, мафҳумҳо, ҳодисаҳо ва ҳаракату амалро дар шакли ифодаҳои забонзадаи рехта зикр мекунанд. Бинобар ин, ВФ-и таҳтуллафзӣ бисёр вақт

синонимҳои калимагӣ надоранд, онҳоро танҳо дар шакли тасвирӣ шарҳу эзоҳ додан мумкин аст. Вале муродифи калимагӣ надоштани ВФ-и таҳтуллафзӣ нишонаи ин нест, ки онҳо маънои яклухтро ифода карда наметавониста бошанд. Ба ин маънӣ ҳақ ба ҷониби профессор М. Қосимова аст, ки менависад: «Предмет, ҳодиса, амалу ҳолатҳои ҷудогонаро ифода намудани чунин воҳидҳои фразеологӣ далели равшани он аст, ки онҳо мундариҷаи яклухтро ифода мекунанд» [18, с.68]. Албатта, ин гурӯҳи ВФ бевосита хоси услуби бадеӣ набошанд ҳам, доираи имкониятҳои васеъ доштани асари бадеӣ, доманаи фарохи фаро гирифтани воқеаву ҳодисаҳои зиндагӣ чи аз ҳаёти оилавӣ, чи аз ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва чи сиёсӣ, ҳатто гоҳо навгониҳои илм ба нависанда имкон медиҳанд, ки тамоми имконоти забондонии худро истифода карда, аз имконоти услубҳои гуногуни нутқ кор гирад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки муҳаққиқон қайд кардаанд, ки сарҳади услубҳои гуногуни нутқ қатъӣ нестанд, онҳо гоҳо унсурҳои ҳамдигарро дар бар мегиранд, бахусус, услуби бадеӣ ва публитсистӣ чунин хусусиятро бештар зоҳир мекунанд [7, с.17]. Нависанда Ӯрун Кӯҳзод низ аз ин гуна имкониятҳои услубӣ моҳирона истифода карда, дар ин ҳангом ВФ-ро корбаст менамояд, ки маҳз ҳамин гуна хусусияти беобурангӣ доранд ва маънои рехтаашон аз ҷузъҳои таркибашон бармеояд. Таркибҳои **хешу табор, расму русум, дилу бедилон** дар мисолҳои зерин чунин хусусият доранд:

Барои ҳамин рафтаҳо баргарданд, ҳама ба пешвоз мебаромаданд, ***хешу табор*** *ба шукронаи пою қадамаш мол мекуштанд, хун мебаровардаанд, қурбонӣ мекарданд [16, с.116]. – Тӯю тамошо аз қадим ҳаст ва ҳар* ***расму русуме****, ки бобову додоямон карда бошанд, мо* ***ҳам*** *мекунем, ин чӣ бадӣ дорад? [16, с.91]. Умари ваъдаро ёдовар мешуданд ва аз сидқи дил ба каромати ӯ бовар надоштанд ва дар айни замон* ***дилу бедилон*** *мунтазири муъҷиза буданд гӯё [17, с.41].*

Бояд гуфт, ки маънои яклухти ВФ на ҳама вақт дар асоси маънои ҳарф ба ҳарфи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. Дар бисёр мавридҳо маънои яклухти фразеологизмҳо бо маънои ҷузъҳои таркибӣ мутобиқат намекунад. Дар ин ҳангом маънои яклухти ибораҳо метавонад ё дар натиҷаи куҳна шуда фаромӯш гардидани маънои баъзе ҷузъҳо, ё ин ки дар натиҷаи маънои маҷозӣ гирифтани мундариҷаи яклухти ибораҳо ба вуҷуд оянд.

Аксаран маънои яклухти фразеологизмҳо дар заминаи маънои маҷозии ҷузъҳои таркибии онҳо шакл мегирад. Дар ин маврид иртиботи мантиқии байни маънои яклухти ибора ва маъноҳои ҷузъҳои таркиби онҳо то дараҷае нигоҳ дошта мешаванд. Дар фразеологизмҳое, ки аз эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод гирд овардем, ҳамин хусусиятҳо баръало мушоҳида мешавад. Масалан, ибораҳои **назар партофтан** «нигаристан» ва **чашм давондан** ба маънои «зуд-зуд нигаристан», «сатҳӣ нигоҳ кардан» аз ҳамин қабиланд:

Ҳурматбибӣ, ки назди пилтаи газ истода ба дег намак меандохт, ба ӯ як ***назар партофт*** *ва гӯё чизе нашунида бошад, чумча гирифта маззаи таомро чашиданӣ шуд [16, с.89]. Вай беист ба чор тарафи хона* ***чашм медавонд*** *ва беист гап мезад, дар таги дилаш ҳарос мекашид, ки агар лаҳзае хомӯш истад, самимияти ташриф барҳам мехӯрад [16, с.144].*

Агар дар баъзе мавридҳо нависанда аз забони худ ба баъзе ВФ оҳанги адабии китобӣ бахшида бошад, дар мисолҳои боло ВФ-и **назар партофтан, чашм давондан** назари нависандаро ба халқияти забон нишон медиҳад. Ҷумлаҳо маҳз ба туфайли ҳамин ИФ симои персонажро ҳамчун як шахси одӣ, намояндаи халқи заҳматкаш ҷилвагар месозанд. Мисолҳои поён низ ҳамин гуна хусусият доранд: **ҷони касе дар азоб** «ба мушкилӣ афтодан», **чашм партофтан** «як нигоҳ карда мондан», **рӯз кӯр кардан** «вақтро гузаронидан». Ин ВФ ба забони нависанда оҳанги хоссаи гуфтугӯйӣ бахшида, самимияти ӯро ба мардум барҷастатар нишон медиҳанд:

Одатан вай дар айвони дарози писараш, ё болои бом, паҳлуи мӯрӣ ва ё сари вози замине, ки соҳибаш обдорӣ дошт, нишаста ***рӯз кӯр мекард*** *[10,* с.*128]. Ба дилаш омад, ки гурезад. Ба атроф* ***чашм партофт.*** *Роҳи гурез нест [10,* с.*190]. Гӯё як зарурати ногузире ӯро маҷбуран нигоҳ медорад ва агар ҳамин «зарурати ногузир» намебуд, кайҳо гурехта ба ягон ҷойи дури беташвишу бегавго мерафту* ***ҷони дар азобмондаашро*** *халос мекард [10,* с.*167].*

Яклухтии маънои маҷозии гурӯҳи дигари ВФ дар заминаи санъатҳои гуногуни бадеӣ ба вуҷуд омада, ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш мешаванд. Дар заминаи бисёре аз онҳо санъатҳои ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя ва амсоли инҳо хобидаанд. Чунончи, барои ташбеҳ: **мум барин об шудан** «нарм гардидан», **мурғи посӯхта барин** «беқарор, хеле бетоқат»:

Абдол аз ин таърифҳо зери боми шарм монд ва дар айни ҳол чунон хушаш омад, ки мулоим шуд, ***мум барин шуд*** *ва сар то по ба табассуми ноаён мубаддал гашт ва лол монд [9,* с.*332]. Фозила, сардори бригада,* ***мурғи посӯхта барин*** *як нафас орому қарор надошт – як дам ба сари механизаторон мерафт… [9,* с.*25].*

Барои истиора: **чашми рӯз кафид** «рӯз шуд», **чашми кордон** «қобил, корчаллон», **бухси дил кафондан** «аламашро гуфтан, дарди дил кардан»:

Вақте ки вай хеста ба ҷунбуҷӯлаш сар кард, ***чашми рӯз акнун мекафид****. Як офтоба об гирифта дар лаби суфаи лаби айвон дасту рӯ шуст [7,* с.*102]. Ҳо, вай Аҳмадбой барин* ***чашми кордону*** *пулёб набуд [8,* с.*298]. Як ҳолати тазйиқовари ботинӣ ӯро фаро гирифта буд, бисёр мехост, ки хозир дар суҳбати дӯсте бошад,* ***бухси дилашро кафонад****, ё ҳарчи ӯ гӯяд, гӯш карда шинад [4,* с.*23].*

Дар мавриди ҷумлаи **«Чашми рӯз кафид»** ҳамин нуктаро зикр кардан бамаврид аст, ки муҳаққиқ М. Фозилов онро дар шакли «чашми рӯз кушода шудан» меорад [24, с.557]. Ба назари мо, аввалан воҳиди мазкур дар қолаби ҷумла аст, онро дар шакли «чашми рӯз кушода шуд» бояд зикр мекард. Дар ин бора профессор Ҳ. Маҷидов баҳси асоснок кардаанд, ки дигар ҳоҷат ба таҳлил ва исботи қолаби ҷумла доштани он нест [4, с.18]. Бояд ба эътибор гирифт, ки алоқаи байни маънои яклухт ва маънои ҷузъҳои таркибии ВФ бетағйир наемонанд. Дар рафти истеъмоли мунтазам маънои яклухти фразеологизмҳо торафт возеҳтар ва барҷастатар ифода шуда, сохту таркиби он торафт рехтаву суфта мегардад. Дар ин маврид маънои яклухти фразеологизмҳо бо маъноҳои ҷузъҳои таркиби онҳо мувофиқат намекунад. Ин типи ВФ ниҳоят серобуранг буда, дар онҳо хусусиятҳои ба худ хосси забони тоҷикӣ бо тамоми махсусиятҳояшон инъикос гардидаанд.

Мундариҷаи пуробуранги бадеӣ ва хусусиятҳои хосси миллии ин гурӯҳ ВФ имконият намедиҳанд, ки онҳо аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума карда шаванд. Аз ин рӯ, дар вақти ба дигар забон тарҷума намудани ин гурӯҳ фразеологизмҳо муодил ё ҳамвазни онҳоро аз забони тарҷумашаванда пайдо намуда, бадеиёт ва обуранги забони асарро нигоҳ доштан лозим аст. Дар ҳолати ғайр, ҷаззобияти забони асар аз байн меравад. Масалан, матни «**Чашми мизбон чор шуда** буд. Ғурроси мошин барояд, ҳама **гӯшҳоро сих карда** ба роҳ менигаристанд ва зуд мувофиқи мартаба саф меоростанд, то дар навбати худ салом диҳанд [5, с.201]», ки дар асари «Як сару сад хаёл» ба кор бурда шудааст, ба забони русӣ айнан: «Глаза хозяина **было четыре**. Раздался рев машины, все смотрели на дорогу, **уши делали шампуром**, и быстро выстроились в очередь, чтобы поприветствовать друг друга» тарҷума намудан мумкин нест.

Ин аст чанд андешае доир ба маънои яклухти ВФ, ки дар заминаи мундариҷаи таҳтуллафзӣ, маҳдуд гардидани яке аз ҷузъҳои таркибӣ, маънои маҷозии тамоми воҳиди фразеологизм шакл мегирад. Дар натиҷа, баъзан алоқаи байни маънои яклухт ва маънои маҷозӣ аз якдигар дур мегардад ва ВФ ба ифодаҳои рехтаву суфтагардидаи забон, ба муодили пуробуранг ва таъсирбахши калимаҳо табдил меёбанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Текст] / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
2. Маҷидов, Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1978, №5. – С.18-20.
3. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
4. Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: Дақиқӣ. − 2014. −351с.
5. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.
6. Мирзоева, М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ [Матн] / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
7. Мирзоева, М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С. Айни [Текст] / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Олами дониш, 2017. – 400 с.
8. Кӯҳзод, Ӯрун. Роҳи ағба (Повестҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 199 с.
9. Кӯҳзод, Ӯрун. Кини Хумор (Повест) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 238 с.
10. Кӯҳзод, Ӯрун. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз (Повест) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 191 с.
11. Кӯҳзод Ӯрун. Як сару сад хаёл (Ҳикояҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
12. Кӯҳзод, Ӯрун. Писанддара (Повестҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 1984. – 208 с.
13. Кӯҳзод, Ӯрун. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим (Роман) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе, Ирфон, 1986. – 314 с.

14. Кӯҳзод, Ӯрун. Роҳи паси ағба (Повест ва ҳикояҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе, Ирфон, 1987. – 384 с.
15. Кӯҳзод, Ӯрун. Тақвими раҳ гум (Повестҳо, ҳикояҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 1989. – 386 с.
16. Кӯҳзод, Ӯрун. Бандии озод (Ҳикояҳо, роман) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 1994. – 267 с.
17. Кӯҳзод, Ӯрун. Тоҷикони имрӯза (Достонҳо, мақолаҳо) [Матн] / Ӯрун Кӯҳзод. – Москва: Трассдорнаука, 2000. – 191 с.
18. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.
19. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе, 1963. – 952 с.
20. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе, 1964. – 802 с.

ИНЪИКОСИ АЛОМАТҲОИ ХОССИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР НАСРИ ӮРУН КӮҲЗОД

Дар мақола хусусият ва нишонаҳои хосси асосии фразеологизмҳо дар умум ва аломатҳои дигари ВФ-е, ки дар осори наисанда Ӯрун Кӯҳзод мушоҳида шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамаи хусусиятҳои асосие, ки муҳаққиқони гуногун муайян кардаанд, ба тамоми намудҳои воҳидҳои фразеологӣ баробар дахл доранд. Дар байни онҳо хусусиятҳое ҳастанд, ки хосси кулли воҳидҳои фразеологии забон буда, баъзеи онҳо моҳияти забонии танҳо гурӯҳ ё намудҳои муайянро инъикос мекунанд. Аз ҳамин сабаб, тамоми хусусиятҳои муҳимми воҳидҳои фразеологиро ба аломатҳои асосӣ ва иловагӣ тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Хусусиятҳои асосии воқеии воҳидҳои фразеологӣ моҳият ва хусусияти зоҳирии аломат ва мазмуни онро инъикос мекунанд. Ба ин нишонаҳо, пеш аз ҳама, таркиби компонентӣ (таркибёбӣ аз ҷузъҳои луғавии доимӣ), ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, устувории таркиби луғавӣ, аз байн рафтани алоқаи зиндаи наҳвӣ ва умумихалқӣ будани онҳоро дохил намудан мумкин аст. Ба ғайр аз аломатҳои асосии номбаршуда як қатор хусусиятҳои иловагӣ ба доираи нишонаҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ мансуб мешаванд. Ба чунин хусусиятҳо, одатан, маҷоз ё нобаробарии маънои умумии воҳиди фразеологӣ бо маъноҳои ҷузъҳои таркибии он; рангубори миллӣ, ғановати эҳсосотӣ, образнокӣ, равшанбаёнӣ, айнан тарҷума нашудан ба дигар забонҳо ва ғайра дохил мешаванд. Дар осори насрии Ӯрун Кӯҳзод ВФ-и истеъмолшуда бо тамоми нишонаҳояшон ба ВФ-и забони адабии муосири тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

Калидвожаҳо: фразеологизмҳо, нишонаҳои ВФ, аломатҳои фарқкунандаи ВФ, насри Ӯрун Кӯҳзод, аломатҳои асосӣ, аломатҳои иловагӣ.

ОТРАЖЕНИЕ СПЕЦИФИЧЕСКИХ ПРИЗНАКОВ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ПРОЗЕ УРУНА КУХЗОДА

В статье изучены основные характеристики и признаки фразеологизмов в целом и другие дополнительные признаки ФЕ, наблюдаемые в произведениях Уруна Кухзода. Все основные признаки, выделяемые разными исследователями, в равной степени относятся ко всем типам фразеологизмов. Среди них есть признаки, характерные для всех фразеологизмов языка, а некоторые из них отражают языковую сущность только определенных групп или типов. По этой причине целесообразно разделить все признаки фразеологических единиц на главные и дополнительные признаки. Основные реальные признаки фразеологизмов отражают сущность и внешний вид знака, и его содержание. К таким признакам относятся, прежде всего, компонентный состав (состоящий из постоянных лексических единиц), выражение цельного значения, не поддающегося разделению на части, устойчивость лексического состава, утрата их синтаксических связей и общенародность. Помимо перечисленных основных признаков, к кругу отличительных признаков фразеологизмов относятся ряд дополнительных признаков. К таким признакам обычно относят метафоричность или несоответствие общего значения фразеологизма значениям его составных частей; национальный колорит, эмоциональная насыщенность, образность, ясность, непереводимость на другие языки и т.д. В прозаических произведениях Уруна Кухзода используемые ФЕ по всем своим признакам соответствуют ФЕ современного таджикского литературного языка.

Ключевые слова: фразеологизмы, признаки ФЕ, отличительные признаки ФЕ, проза Уруна Кухзода, основные признаки ФЕ, дополнительные признаки ФЕ.

REFLECTION OF SPECIFIC FEATURES OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN PROSE OF URUN KUKHZOD

The article studies the main characteristics and signs of phraseological units in general and other secondary signs of VF observed in the works of Urun Kukhzod. All the main features identified by different researchers equally apply to all types of phraseological units. Among them there are signs that are characteristic of all phraseological units of the language, and some of them reflect the linguistic essence of only certain groups or types. For this reason, it is advisable to divide all the features of phraseological units into main and secondary features. The main real characteristics of phraseological units reflect the essence and appearance of the sign, and its content. These features include, first of all, the component composition (consisting of constant lexical units), the expression of an integral meaning that cannot be divided into parts, the stability of the lexical composition, the disappearance of live linguistic communication and their universality. In addition to the listed main features, the range of distinctive features of phraseological units includes a number of additional features. Such signs usually include metaphor or discrepancy between the general meaning of a phraseological unit and the meanings of its constituent parts; national flavor, emotional richness, imagery, clarity, non-literal translation into other languages, etc. are included. In the prose works of Urun Kukhzod, the VFs used in all their characteristics correspond to the VFs of the modern Tajik literary language.

Key words: phraseological units, features of phraseological units, distinguishing features of phraseological units, prose of Urun Kukhzod, main features of phraseological units, additional features of phraseological units.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17
Худоёрова Нигина Зардовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-24-59-60**

Сведения об авторах: ***Мирзоева Мохира Мадиброхимовна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
Худоёрова Нигина Зардовна – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-24-59-60**

Information about the authors: ***Mirzoeva Mohira Madibrohimovna*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17
Hudoyorova Nigina Zardovna – Tajik National University, the assistant of the department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 918-24-59-60**

УДК: 491.550:42

СОХТОРИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ БО ИСТИЛОҲОТУ ВОЖАҲОИ ОМОРИ МУҲОҶИРАТ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

(тоҷикӣ ва англисӣ)

Дадоҷонова И.Б., Ҳусейнова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дуруст аст, ки калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо на танҳо ибораҳои гуногун, балки ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [7, с.144]. Бо назардошти чунин мавқею мақоми калимаҳои мураккаб мо тасмим гирифтем, ки хелҳои қолабию тобишҳои маъноии калимаҳои мураккабро бо истилоҳоту вожаҳои оморию муҳоҷират дида бароем ва ҳаддалимкон онҳоро таҳлилу баррасӣ намоем. Чунки муҳоҷират ва омори он дар замони муосир бо инсон, ҷамъият ва падидаҳои бо он вобаста зич алоқаманд аст.

Вожаи омор ё статистика аз забони лотинӣ: status – ҳолат гирифта шуда, яке аз илмҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки равандҳои гуногуни соҳаҳоро омӯхта, онҳоро аз ҷиҳати миқдор тавсиф медиҳад. Дар замони муосир ин илм барои ҷамъоварии маълумоти саҳеҳи рақамӣ оиди раванди фаъолият ва натиҷаҳои ниҳоии корхонаву ташкилотҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Забоншиносони зиёде нисбати мавзуи калимасозӣ тадқиқот бурдаанд, ки ба қатори онҳо забоншиносони машҳур ба монанди Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко, Л.П. Постушенко, В.В. Виноградов, В.М. Лейчик, П.М. Каращук, П. Ҷамшедов, Т.К. Джураев, Б. Камолиддинов ва дигарон дохил мешаванд ва мо аз ин сарчашмаҳо истифода бурдем.

Доир ба мафҳуми истилоҳ забоншиноси рус В.М. Лейчик дар китоби «Терминоведение. Предмет, методы, структуры» як қатор назарияҳо ва андешаҳои забоншиносонро роҷеъ ба муқаррар намудани мафҳуми истилоҳ (термин) омӯхта, истилоҳро чунин маънидод менамояд: «Истилоҳ воҳиди лексикии забони муайян барои мақсадҳои махсус, ки ифодакунандаи мафҳумҳои конкретӣ ва абстрактӣ буда, мафҳумҳои назариявии соҳаи махсус ва ё фаъолиятеро ифода мекунад» [8, с.32-49].

Дар мавриди калимасозӣ вожаҳо, алалхусус истилоҳоту вожаҳои омори муҳоҷират аз ҷиҳати сохташон ***сода*** (*sample – намуна; median – медианӣ; estimate (estimator, estimation) – баҳо, баҳогузорӣ; coefficient - нишондиҳанда (коэффитсиент); standard – стандарт, меъёр; model - қолаб; method - усул; interval - фосила; analysis – таҳлил)*; ***сохта*** (*estimator, estimation – баҳо, баҳогузорӣ; distribution – тақсимот; stochastic - стохастикӣ; regression – регрессия; convolution – таҳвил, конволюция; variance – дисперсия, парокандашавӣ, аз андозаи миёна дуршавӣ; unmarried - муҷаррад, бешавҳар, homelessness - бехонагӣ*), ***мураккаб ва таркибӣ*** мешаванд (*databases - пойгоҳи додаҳо; benchmarking - таҳлили муқоисавӣ; outcome - натиҷа; baseline – нуқтаи ибтидоӣ (омор); birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ, probit-analysis – пробит-таҳлил*) [4] [13].

Калимаҳои мураккаб, аз он ҷумла истилоҳоти омори муҳоҷират вобаста ба сохтори худ ва тарзи алоқаи маъноии байни ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст ва калимаҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд [3].

Мо дар ин мақолаи худ роҳу усулҳои сохтани калимаҳои мураккабро бо истилоҳоти омори муҳоҷират дида мебароем. Ба тарзи тобеъ таркиб ёфтани калимаҳо типи сермаҳсултарини калимасозӣ, хусусан исмҳо мебошад. Дар калимаҳои мураккаби тобеъ, муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо мушоҳида мешавад. Дар таркибёбии калимаҳои мураккаби тобеъ қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ иштирок менамоянд. Аз рӯйи таркибёбии ҷузъҳо калимаҳои мураккабро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

I. ***Калимаҳои мураккабе, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд***. Ин гурӯҳи калимаҳои мураккаби аз исму исм сохташуда сермаҳсуланд: *маълумотнома, таваллудкунӣ, навзод, нармафзор (истилоҳоти соҳаи компютер), хушбахт, майхона, Самарқанд* ва ғайраҳо дар забони тоҷикӣ; *probit-analysis – пробит-таҳлил; databases - пойгоҳи додаҳо; work-based - дар асоси кор; command-and-control - фармонфармоӣ ва назорат; cross-reference - маълумотномаи (истиноди) салибӣ (чандтарафа); software*

- нармафзор; benchmarking - таҳлили муқоисавӣ; outcome - натиҷа; baseline – нуқтаи ибтидоӣ (омор); Commonwealth - Иттиҳод; kinsfolk – хешутабор, winter-time - айёми зимистон, birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ, homesickness - пазмони ватаншуда, birthweight - вазни кӯдаки навзод ва ғайраҳо дар забони англисӣ [4] [13].

Ин хели калимаҳои мураккаб боз ба ду гурӯҳи калон тақсим мешавад:

а) калимаҳои мураккабе, ки дар онҳо ҷузъи якум ба ҷузъи дуюм тобеъ мебошад;

б) калимаҳои мураккабе, ки ҷузъи дуюмашон калимаи асосӣ буда, ҷузъи якум ба вай тобеъ мебошад ва онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, дар калимаҳои мураккаб мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Ба кадом маъно ва ба кадом вазифа омадани калимаҳои мураккаб, чӣ гуна мафҳумро ифода намудани ин асосан ба ҷузъи асосии калима вобаста мебошад [3].

Калимаҳои мураккабе, ки ҷузъи якумашон ба ҷузъи дуюм тобеъ мебошад, боз ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. *Калимаҳои мураккабе, ки шахсро мефаҳмонанд.* Муносибати ҷузъҳои ин гуна исмҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҷузъи якум нисбат ба дуюм хусусияти соҳибӣ ва таъинӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ: *адабиётшинос, автомобилрон, автомобилсоз, муфтхӯр судхӯр муҳитшинос (эколог)*, *муҷассамасоз*, *муҳофиза(т)кунанда, мушакандоз, мушакбоз*, *мушоҳидакор*, *мӯзадӯз, оташгар, оташнишон, оҳангсоз, ошпаз* ва ғайра.

Дар забони англисӣ: *counterparty – аҳли шартнома, clansman - узви қабила, non-resident – муҳоҷир; bridesmaid - дугонаи арӯс, matchmaker – хостгор, policeman - корманди полис, hairdresser – машшота, chairman – раис, penman – хаттот, каллиграф, tractor-driver – трактортчӣ, sportsman – варзишгар, bridegroom - домод, шаҳ* ва ғайра [4] [13].

2. *Калимаҳои мураккабе, ки ашёро мефаҳмонанд.* Дар он гуна исмҳо ҷузъи якум бештар таъинот, нисбат ва соҳибиятро мефаҳмонад: *автомобилгард, ошхона, паймоннома, пайтеша* ва ғайра. Дар забони англисӣ: *benchmark – нишондиҳандаи назоратӣ, payroll - музди меҳнат; workforce - қувваи корӣ; outlay - хароҷот, deadline - муҳлати охирин, aquaculture – аквафарҳанг, парвариши ҳайвоноти обӣ ё парвариши растаниҳои обӣ барои хӯрок (соҳаи кишоварзӣ), greenback - банкнота, пул, fingerprint – изи ангушт, guideline – дастур, multimedia - чандрасонаӣ; multi-factor – бисёромила, gasoline – бензин, telecommunication – телекоммуникатсия, buyout – харид* ва ғайра [4] [13].

Ҳамаи ин истилоҳҳо ба соҳаҳои гуногуни илм ва фаъолияти инсон вобастаанд, бинобар ин, онҳоро истилоҳи омори муҳоҷират низ ҳисобидан мумкин аст, чунки муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ дар ҳамаи ин соҳаҳо кору фаъолият доранд ва дар маълумотномаҳои оморӣ ин вожаҳо ҳамчун истилоҳот дар истифодаанд.

Калимаи *нома* дар созмони калимаҳои мураккаб низ серистеъмол аст. Ба ин калима асосан исмҳои абстракт тобеъ шуда меоянд, ки ин ба маънои луғавии худи калимаи асосӣ вобаста мебошад: *маълумотнома – reference, созишнома – agreement, табрикнома – greeting, congratulation letter, муроҷиатнома - treatment, сулҳнома – peace agreement, намоишнома - performance* ва ғайра.

3. *Калимаҳои мураккабе,* ки маконро ифода мекунанд. Маконро ифода намудани калимаҳои мураккаб ҳам мисли калимаҳои мураккаби зикршуда бо ҷузъи дуюм вобаста аст ва маконро маҳз ба туфайли ҷузъи асосӣ - калимаи *хона* ифода менамояд.

Дар забони тоҷикӣ: *шифохона, таваллудхона, табобатхона, расадхона, саисхона, шарбатхона, боҷхона, обанбор* ва ғайра [10].

Дар забони англисӣ: *airport – фурӯдгоҳ, database - базаи маълумот, birthplace – зодгоҳ, forest-dweller - сокини ҷангал, city-dweller - сокини шаҳр, backwoodsman - сокини ҷойи хилвати (дурдасти) беша, household – хоҷагӣ*, *database – манбаъ, базаи маълумот, carriageway - роҳи мошингард, extraterritoriality – экстерриториалӣ; groundwater - оби зеризаминӣ; hypermarket - гипермаркет; hometaker - хонашин; homeworkers - хонакорон; waterways - роҳҳои обӣ; workshop – корхона, идора; drugstore – дорухона; pipeline - лӯла; rainforest - ҷангали тропикӣ; landfill – партовгоҳ; railway - роҳи оҳан; framework – таҳкурсӣ, сохтор, чаҳорчӯба* ва ғайра [4] [13].

Дар забони тоҷикӣ ҷузъи асосӣ ва серистеъмолтарини калимаҳои мураккабе, ки ба маънои макон меояд, вожаи *хона* мебошад, вале ин вожа вобаста ба ҷузъи тобеи худ маъниҳои мухталифро ифода мекунад.

а) дар калимаи мураккаб ҷузъи тобеъ шахсро далолат кунад, вожаи *хона* ҷойи машғулият ва касбу корро ифода менамояд: *устохона - workshop, оҳангархона - blacksmith shop, нонвойхона – bakery, корхона – office, табобатхона - hospital* барин калимаҳои мураккаб идора, муассиса ва раёсатгоҳу ҷойи амалиёти калимаҳои тобеъ ифода гардидааст ва хусусияти таъинотӣ доранд.

б) дар калимаи мураккаб бо вожаи *хона* ҷузъи тобеъ аз номи хӯрок ва нӯшокӣ низ иборат шуда метавонад, чунончи: *ошхона - canteen, чойхона - chikhana, майхона – tavern, drugstore, pharmacy* ва ғайра. Ин гуна калимаҳои мураккаб маконеро мефаҳмонанд, ки дар он ҷо хӯрданию нӯшиданӣ, алалхусус предметҳои дар ҷузъи тобеъ номбаршуда дар фурӯшанд ва ё истеъмол карда мешаванд. Калимаи *хона* аз маънои маъмулии луғавии худ гоҳо дур рафта мавқеи ҷойгиршавӣ, ҷойи ишғолкардаи он ашёҳо *хона* ном гирифтааст: *косахонаи* сар - *skull*, *сархонаи* чилим – *place in special device for smoking cigarettes* ва ғайра.

в) *калимаҳои мураккабе,* ки дар онҳо ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ мебошад. Чунончи, *сармуҳандис, сармуҳаррир, сардухтур, сарлашкар, сарвазир, сабадчӯб, соҳибхона* ва ғайра [10].

г) *калимаҳои мураккабе,* ки бо дефис (нимтире) навишта мешаванд. Мо мисолҳои хеле зиёдеро бо калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ пайдо намудем, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудаанд ва бештари чунин калимаҳо бо нимтире (дефис) навишта мешаванд, вале миқдори чунин тарзи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ хеле каманд: *capital-labour - сармоя-меҳнат, buy-back – харида гирифтан, age–period–cohort model, age-dependency - вобастагии синнусолӣ, age-efficiency - самаранокии синнусолӣ, agri-monetary - аграрӣ-пулӣ, full-time - вақти кории пурра, in-patient – бемори дар касалхона табобатгиранда, passenger-kilometer - мусофир-километр, medium-term - миёнамуҳлат, micro-economic - микро-иқтисодӣ, micro-enterprises - микро-корхонаҳо, dual-currency - асъори дугона, pre-paid - пешпардохт, e-banking - бонкдории электронӣ, e-Borders – сарҳадҳои электронӣ (electronic border control), user-cost - арзиши корбар, user-pays - пардохти корбар, X-efficiency – X-самаранокӣ, quasi- corporations – квази-корпоратсияҳо, intra-company - дохилиширкатӣ (within their organisation), points-based system – низом дар асоси нуқтаҳо (барномаи компютерӣ), eco-development - рушди экологӣ, hothouse – кӯчатхона, easy-chair - роҳаткурсӣ, good-natured (man)- инсони некукор, dry-cleaners - муассисаи хушкашӯӣ, high-income - даромади калон; low-income - даромади паст, the poor-house – фақирхона* ва ғайраҳо[4] [13].

II. *Калимаҳои мураккабе, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд.* Дар вожаҳои мураккабе, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд, ҷузъи асосӣ исм буда, сифат вайро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар ин гуна калимаҳои мураккаб сифат метавонад чун ҷузъи якум ва ҳам ҷузъи дуюм шуда ояд. Ин тарз калимасозии вожаҳои мураккаб каммаҳсул аст, чунки қолаби аз сифату исм сохтани калимаҳои мураккаб нисбат ба қолаби калимасозӣ бо бандаки изофӣ хеле барвақт пайдо шуда, мавқеи асосиро дар забони тоҷикӣ ишғол намудааст [1, с.152].

Дар забони англисӣ ин намуди калимасозӣ он қадар маъмул нест: *multivariate - гуногунҷабҳа; multifactor – бисёромила.*

III. *Калимаҳои мураккабе, ки аз сифату исм сохта мешаванд*. Ин тарзи калимасозии калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст: *кӯтоҳмуддат (муҳоҷират) - short-term (migration), дарозмуддат (қарз) - long-term (loan), байнибонкӣ – interbank, миёнамуҳлат - medium-term* ва ғайраҳо. Дар забони англисӣ: *wholesale – фурӯши яклухти молу маҳсулот, white-collar – зиёӣ, wildlife – мавҷудоти зинда, small-scale - миқёси хурд, single-employer - корфармои инфиродӣ, single-factor – яккаомила, ягонварӣ, short-term (migration) – кӯтоҳмуддат (муҳоҷират), shift-working – бо баст коркунӣ, multi-year (agreement) – бисёрсола (созишнома), medium-term - миёнамуҳлат, mid-term - миёнамуҳлат, red-tape – бюрократӣ, macro-edit - макро-вироиш (вироиши бузургҳаҷм), long-term (loan) - дарозмуддат (қарз), intra-company - ширкати дохилӣ (худӣ), interbank – байнибонкӣ* ва ғайраҳо [9] [13].

IV. *Калимаҳои мураккабе, ки аз исму сифати феълӣ сохта мешаванд:* *benchmarking – таҳлили муқоисавӣ, countervailing - ҷуброн, household – хоҷагидорӣ, childbearing -*

таваллудкунӣ, housekeeping - хоҷагӣ, хоҷагидорӣ, рӯзгордорӣ кардан, shareholding - соҳиби аксари саҳмияҳо, cross-training – омӯзиши чандтарафа, policy-based - бо сиёсат асосёфта; age-heaping - аккумулятсияи синнусол; waterlogging – ботлоқшавӣ (замин); browbeaten – тарсонидашуда; weather-beaten - аз обу ҳаво азияткашида; man-eating - одамхӯрӣ, каннибализм, country-made – дар дохили кишвар истеҳсолшуда, project-tied (migrant) – ба лоиҳа вобастабуда (муҳоҷир), post-enumeration – барӯйхатгирии баъдӣ, post-audit - аудити баъдӣ ва ғайра. Дар забони тоҷикӣ: *хоҷагидорӣ - household, одамхӯрӣ - man-eating, таваллудкунӣ – childbearing* ва ғайраҳо [9] [13].

Бояд қайд кард, ки мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки калимаи «made» барои сохтани ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб нисбатан серистеъмол буда, метавонад бо шумораи зиёди вожаҳои дигар якҷоя омада, калимаҳои мураккаб созад, чунончи: *home-made - ватанӣ, hand-made - дастӣ, man-made - аз тарафи одамизод офаридашуда, истеҳсолшуда* ва ғайра.

V. *Калимаҳои мураккабе, ки аз исму асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд,* дар омор ҳамчун намуди касбу ҳунар ва ақидаҳои динӣ ё иҷтимоии фард истифода мегардад: *чорводорӣ, бутпараст, оташпараст, раҳбар, раҳнамо, роҳзан, сардор, хаймазан, хӯшачин, ҷаҳонбин.* Агар мо баъзе аз ин вожаҳоро аз рӯйи маънӣ ва сохтор таҳлил намоем, дар мавридҳои гуногун истифода мешаванд, масалан, калимаи *«сардор»* аз исми *сар* ва феъли замони ҳозираи *дор (доштан)* сохта шудааст ва ғайраҳо.

Дар забони англисӣ аз ***исму асоси замони ҳозираи феъл + пасванди –er*** калимаҳои мураккаб бо ифодаи касбу ҳунари шахс сохта мешаванд. Як гурӯҳи ин калимаҳо якҷоя навишта мешаванд ва баъзеи онҳо бошанд бо нимтире ҷудо карда шудаанд: *sharepusher – даллол, маклер, shareholder - саҳмдор, penny-saver – сарфакор, эҳтиёткор, book-hunter - коллексионери китобҳои нодир, housekeeper - кадбону, book-keeper – муҳосиб, bookbinder – муқовасоз, ҷилдсоз, asylum [ə'siləm] - seeker - паноҳҷӯянда, гуреза, autoproducer - мошинсоз, мошинистеҳсолкунанда, man-hater - мардбезор (дар бораи зан)* [9] [13].

VI. *Калимаҳои мураккабе, ки аз шумораву исм сохта мешаванд*. Ин тарзи калимасозӣ каммаҳсул аст, вале он дар сохтани номвожаҳо, яъне бо истилоҳи забоншиносӣ – топонимҳо корбаст карда мешавад. Масалан, бо шумораи як, ки дар ин маврид шакли яккаро мегирад ва топонимҳо, яъне номҳои ҷуғрофӣ мебошанд: *Яккачинор, Яккабед, Яккатут*; бо шумораи ду дар охири қолаб пасванди -а илова мешавад ва инҳо ҳам топонимҳо: *Дучинора, Дубеда*; бо шумораи ***чор*: *Чортут, Чорбед, Чорсада;*** бо ***дах***: *Даҳбед;* бо ***чил*: *Чилчинор, Чилучорчашма, Чилдухтарон*** ва монанди инҳо. Мо калимаҳои мураккаби зиёдеро бо шумораҳо дар истилоҳоти омор пайдо намудем: *садсола; three pillar approach – усули сеҷабҳа; half-blood - дунажода; half-breed - дурага; half-education - маълумоти нопурра, half-cast (half-caste) - дурага; half-sibling - додарандар ё хоҳарандар, half-comprehend – тахминҳои ҳанӯз норавшан* ва ғайраҳо.

VII. *Калимаҳои мураккабе, ки худ шумораи мураккаб мебошанд* ва *дар илми омор ҷузъи асосии он ба ҳисоб меравад.* Масалан, барои ба ҳисоб гирифтани *миқдори муҳоҷирон, идораҳо, бонкҳо* васеъ истифода мешаванд: *дусад, сесад, чорсад, панҷсад, шашсад, ҳафтсад, ҳаштсад, нуҳсад.*

VIII. *Калимаҳои мураккабе, ки аз сифати феълию исм сохта мешаванд*. Ба мисли: *«гурезамуҳоҷир», «парокандалашкар».* Он бемаҳсул буда, дар сифат сермаҳсул аст, ки дар он ҷо сифати феълӣ ҷузъи асосӣ шуда меояд.

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб ва воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама, ибора мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат калимасозии вожаҳои мураккаб масъалаи муносибати калимаҳои мураккаб ва ибораҳоро ба миён мегузорад [3, с.119]. Ҷузъи тобеи калимаи мураккаб шуда омадани ибора низ мумкин аст: Ясавулони дарбор мувофиқи фармоиши амир ***намадисиёҳпӯшонро***…: доданд (С.Айнӣ). Ин тарзи калимасозӣ дар сифат нисбатан серистеъмол аст: *одами молимардумхӯр, хасиси чиркидандонхӯр* ва ғайра [3, с.125].

Дар забони тоҷикӣ боз тарзи дигари сохтани калимаҳои мураккаб вуҷуд дорад, яъне исмҳои мураккаби сеҷузъа дар қолаби исмҳои дуҷузъа сохта шудаанд. Дар ин гуна исмҳо яке аз ҷузъҳо (асосан дуюм) сода ва дигаре мураккаб мебошад: *ҳофизи шашмақомхон, мардикорбача, сартарошхона* [3, с.125].

Асоси калимаҳои сохта ва мураккаб ҳамчун воҳиди мустақили луғавӣ низ истифода шуда, аз он калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Бинобар ҳамин, сарчашмаи асосии вожасозӣ калимаҳои решагӣ, бунёдӣ ба шумор мераванд. Баъзе калимаҳо куҳнашуда ба

ҳисоб раванд ҳам, вале ҳамчун калимаҳои решагӣ дар таркиби калимаҳои сохтаву мураккаб дар истифода мебошанд. Ин гуна калимаҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъниро ифода намекунанд, масалан, *«кад»* дар таркиби *донишкада, кадбону, кадхудо, оташкада* барин калимаҳо ҳоло ҳам дар истифода буда, маҳз ба туфайли ҷузъи дуюм маънии хона доштани *када* равшан мешавад, ҳоло *кадхудо* ба маънии соҳибхона, хонадор ва *кадбону* ба маънии бонуи хона, соҳибхонадон истифода мешавад [3, с.110].

Калимасозии аффиксҳои *«кад»* ва *«када»*-ро дар исмҳои *саркотиб, сармуҳаррир, сарлашкар* ва ғайра вохӯрдем. Вале дар ин вожаҳои мураккаб ҷузъи *сар-* на ба маънии сардори котибҳо, балки дараҷаи мансабро ифода мекунад ва дар ин калимаҳои ҳиссаи дуюм исми ҷузъ буда, вазифаю мансабро мефаҳмонад. Агар ҷузъи дуюми калимаҳои мураккаб исми ғайришахс бошад, исми мураккаб на шахсро, балки номи предмет ва амалро далолат мекунад. Масалан: *сар- сармашқ, сармаст, сардор, сарбаланд, сарфароз, сарнавишт, саргузашт, сархат, саргашта, сарманзил.* Дар забони англисӣ бошад бо ҷонишини нафсӣ-таъкидии *self* сохта мешаванд: *self-destruction - худкушӣ; self-murdering - худкушӣ; self-killer – худкуш.*

Дар забони адабии тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Мураккабшавии исм, сифату зарф, шумораву ҷонишин ва пайвандакҳо сабаби пайдо гардидани калимаҳои нав мешаванд. Қобили тазаккур аст, ки мо ҳангоми баррасии калимаҳои мураккаб вожаҳои мураккаби соҳаи иқтисодӣ, аз қабили *андозбандӣ, андозсупорӣ, бонкдорӣ, бозоргирӣ, гайрибонкӣ, иқтисоддон, қарздиҳӣ, маблаггузорӣ, макроиқтисод, муфлисшуда, сармоягузор, сармоягузоришаванда, саҳмиядор, соҳибкор, ҳисоббарор, ҳисоббаробаркунӣ* ва ғайраҳоро истифода мебарем.

Хулоса, калимаҳои мураккабро вобаста ба талаботи замон созмон медиҳанд ва истифода мекунанд, ки ин гуна вожаҳо дар сохтани калимаҳои нав, гуногунрангӣ, бою ғанӣ гаштан ва рушди таркиби луғавии забонамон нақши калон мебозанд. Ҳадаф аз нигоштани ин кор ва инъикоси калимаҳои мураккаб дар он аст, ки барои аз худ кардани ин риштаи забоншиносӣ ба устодон, донишҷӯён, пажуҳишгарон дар ин масъалаву мавзуъ «қатрае аз баҳр» кумаке карда бошем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бортничук, Е.Н. Словообразование в современном английском языке. Учебник / Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко, Л.П. Постушенко. - Киев: Вища школа, 1988. – 261 с.
2. Виноградов, В.В. Лексикология и лексикография. Учебник / В.В. Виноградов. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4. Дададжанова, И.Б. Сопоставительный анализ демографической лексики в английском и таджикском языках: дис. ... канд. филол. наук 10.02.20 / И.Б. Дададжанова. - Душанбе, 2011.- 262 с.
5. Джамшедов, П. Таджикско-английские соответствия. Учебник / П. Джамшедов. – Душанбе, 1974. – 88 с.
6. Джураев, Т.К. Научно-техническая терминология эпохи Авиценны и ее современное употребление. Монография / Т.К. Джураев. – Душанбе: ТТУ, 2009. – 172 с.
7. Каращук П.М. Словообразование английского языка. Учебник / П.М. Каращук. – М.: Высшая школа, 1977. – 303 с.
8. Лейчик В.М. Терминоведение. Предмет, методы, структуры. Учебник / В.М. Лейчик. – М.: Книжный дом «Либроком», 2009. - 256 с.
9. Мюллер В.К. Англо-русский словарь. Учебник / В.К. Мюллер. – М.: Советская энциклопедия, 1971. – 912 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Т. II. –949 с.
11. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. – Душанбе: Дониш, 2004. - Ҷ.I. – 388 с.
12. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. – Душанбе: Дониш, 2005. - Ҷ.II. – 461 с.
13. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Ҷамшедов П.Ҷ., Розӣ Толиб. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 1202 с.
14. Language Publihers, English-Russian Economic Dictionary. – М., 1986. – 645 p.
15. Longman Business English Dictionary. – Pearson Education Limited, 2000. – 533 p.

СОХТОРИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ БО ИСТИЛОҲОТУ ВОЖАҲОИ ОМОРИ МУҲОҶИРАТ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

(тоҷикӣ ва англисӣ)

Дар ин мақола мо сохтори калимаҳои мураккаб бо истилоҳоту вожаҳои омори муҳоҷиратро таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба ин намуди калимаҳо маълумоти мухтасаре пешниҳод намудем. Худи вожаи омор ё статистика аз забони лотинӣ: *status* – ҳолат гирифта шуда, яке аз илмҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки равандҳои гуногуни соҳаҳоро омӯхта, онҳоро аз ҷиҳати миқдор тавсиф медиҳад. Дар мавриди калимасозӣ вожаҳо, алалхусус истилоҳоту вожаҳои омори муҳоҷират аз ҷиҳати сохташон ***сода*** (*sample – намуна; median – медианӣ; estimate (estimator, estimation) – баҳо, баҳогузорӣ*), ***сохта*** (*estimator, estimation – баҳо, баҳогузорӣ; distribution – тақсимот; stochastic – стохастикӣ*), ***мураккаб ва таркибӣ*** мешаванд *(outcome - натиҷа; baseline – нуқтаи ибтидоӣ (омор); birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ, probit-analysis – пробит-таҳлил*), ки бо овардани мисолҳо таҳлил карда шудаанд. Дар мақола калимаҳои мураккаб, аз он ҷумла истилоҳоти

мураккаби омори муҳоҷиратро аз рӯйи таркибёбии ҷузъҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шудаанд: 1) *калимаҳои мураккабе, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд.* 2) *калимаҳои мураккабе,* ки *аз исму сифат таркиб ёфтаанд.* 3) *калимаҳои мураккабе, ки аз сифату исм сохта мешаванд. 4) Калимаҳои мураккабе, ки аз исму сифати феълӣ сохта мешаванд.* Мисолҳои хеле зиёде бо калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудаанд ва бештари чунин калимаҳо бо нимтире (дефис) навишта мешаванд, вале мушоҳида карда шуд, ки миқдори чунин тарзи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ хеле каманд. Дар забони адабии тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Мураккабшавии исм, сифату зарф, шумораву ҷонишин ва пайвандакҳо сабаби пайдо гардидани калимаҳои нав мешаванд.

Калидвожаҳо: омор, муҳоҷират, таҳлил, вожасозӣ, англисӣ, тоҷикӣ, калимаҳои мураккаб.

СТРУКТУРА СЛОЖНЫХ ТЕРМИНОВ СТАТИСТИКИ МИГРАЦИИ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ

(таджикский и английский)

В данной статье мы рассмотрели структуру сложных терминов статистики миграции в таджикском и английском языках и привели краткую информацию по этим типам лексических единиц. Само слово «статистика» происходит от латинского языка: статус - случай, взятой из социальных наук, изучающих различные процессы в данной области и указывающих на их количества. В области словообразования слова, особенно статистические термины миграции, по своей структуре являются ***простыми*** (*sample – намуна; median – медианӣ; estimate (estimator, estimation) – баҳо, баҳогузорӣ),* ***производными*** (*estimator, estimation – баҳо, баҳогузорӣ; distribution – тақсимот; stochastic – стохастикӣ),* ***сложными и сложносоставными*** *(outcome - натиҷа; baseline – нуқтаи ибтидоӣ (омор); birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ, probit-analysis – пробит-таҳлил*), которые проанализированы с приведением различных примеров. В статье сложные слова, в том числе сложные термины статистики миграции, по составу компонентов разделены на следующие группы: 1. Сложное слово, составленное из двух существительных. 2. Сложные слова, состоящие из существительных и прилагательных. 3. Сложные слова, состоящие из прилагательных и существительных. В английском языке есть много примеров сложных слов, которые состоят из разных частей речи, и большинство этих слов пишется через дефис, но было замечено, что количество таких слов в таджикском языке очень незначительно. В таджикском литературном языке очень продуктивно словообразование сложных существительных. Образование сложных существительных, прилагательных, числительных, местоимений и союзов становится причиной появления новых слов.

Ключевые слова: статистика, миграция, анализ, лексикография, английский язык, таджикский язык, сложные слова.

STRUCTURE OF COMPLEX WORDS WITH MIGRATION STATISTICS' TERMS IN COMPARABLE LANGUAGES

(Tajik and English)

In this article, we examined the structure of compound words with terms of migration statistics in Tajik and English and provided brief information on these types of lexical units. The word statistics is derived from the Latin language: *status* - a case, taken from the social sciences, which studies the various processes in the field and describes them in terms of quantity. In the field of word formation, the words, especially the terms of migration statistics, according to their structure are ***simple*** (*sample – намуна; median – медианӣ; estimate (estimator, estimation) – баҳо, баҳогузорӣ;* ***derivative*** (*estimator, estimation – баҳо, баҳогузорӣ; distribution – тақсимот; stochastic - стохастикӣ;* ***complex and compound***: *outcome - натиҷа; baseline – нуқтаи ибтидоӣ (омор); birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ, probit-analysis – пробит-таҳлил*). Complex words, including complex terms of migration statistics, can be divided into the following groups according to the composition of the components: 1. A compound word made up of two nouns. 2. Compound words consisting of nouns and adjectives. 3. Compound words made up of adjectives and nouns. 4. Compound words made up of nouns and adjectives. In English, there are many examples of compound words that consist of different parts of speech, and most of these words are written with a hyphen, but it has been noticed that the number of such words in the Tajik language is very small. In the Tajik literary language, word formation of compound nouns is very productive. The formation of complex nouns, adjectives, numerals, pronouns and conjunctions causes the emergence of new words.

Key words: statistics, migration, analysis, lexicography, English, Tajik, compound words.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Дадоҷонова Иноят Боировна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ, факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-58-44-59**

Ҳусейнова Фарзона - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми ихтисоси англисӣ-тоҷикии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Дададжанова Иноят Боировна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра английского языка и сравнительной типологии, факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-58-44-59**

Хусейнова Фарзона - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса специальность английский-таджикский факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about authors: ***Dadajanova Inoyat Boirovna*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of English and Comparative Typology, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

Huseynova Farzona - Tajik National University, 2nd year Master, English-Tajik specialty, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.1 (575.3)

ТОПОНИМҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Насимов Н.
Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

Топонимика калимаи юнонӣ буда, аз ду ҷузъ **topos** – маҳал, макон, ҷой ва **onyma** – ном иборат мебошад, ки ҳамчун як ҷузъи ономастика таъриху шароити пайдоиш, инкишоф, маънову мундариҷа ва макони интишори номҳои ҷуғрофиро (топонимҳоро) меомӯзад.

Барои ишораи маҳал ё мавзеъҳои калони ҷуғрофӣ истилоҳи **макротопонимия** ва барои ишораи маҳал ё мавзеъҳои хурди ҷуғрофӣ истилоҳи **микротопонимия**-ро истифода мебаранд [26, с.384].

Мавзуи баҳси номҳои ҷуғрофӣ аз замонҳои қадим диққати олимонро ҷалб кардааст.

Маълумоти нахустини илмии топонимӣ дар асри I аз ҷониби олими испанӣ Помпоний Мела дар асари «De situ orbis» («О положении Земли») ё «Хорография» оид ба номҳои ҷуғрофии ҷануби нимҷазираи Пиреней дода шудааст.

Дар сарзамини Шарқ бунёд ва заминаи ин соҳаи илм дар асрҳои миёна (VII-XI) аз олими армян Мовсеса Хоренатс ва Абурайҳони Берунӣ ибтидо мегирад.

Топонимика ҳамчуни илми мустақил дар Россия аз асрҳои XVII-XIX рушд мекунад, ки асосгузори он таърихшинос ва географ В.Н. Татишев дониста мешавад.

Нимаи якуми асри XX омӯзиши истилоҳоти ҷуғрофӣ ва топонимӣ аз асарҳои ҷуғрофии Л.С. Берг оғоз меёбад. Баъдан географ В.П. Семенова-Тян-Шанский ва забоншинос В.А. Никонов асарҳои зиёдеро дар бораи ном ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ иншо менамоянд [13].

Дар хусуси паҳлуҳои мухталифи илми топонимика забоншиноси тоҷик Ҷ. Алимӣ низ дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқот асарҳои зиёдеро таълиф намудааст. Аз ҷумла рисолаҳои илмии ӯ «Топонимика» ва «Ономастика» таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои топонимиро дар забонҳои мухталифи дунё аз ибтидои омӯзиш то ду даҳаи аввали асри XXI комилан дар бар мегиранд [ниг.: 3; 5].

Ҷ. Алимӣ қайд намудааст, ки таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии номҳои ҷуғрофии маҳалҳои Тоҷикистон асосан пас аз солҳои 50-уми асри XX ривоҷ меёбад. Ин масъала аввалан аз ҷониби муҳаққиқон – шарқшиносони рус, ба монанди С.И. Климчитский, О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд, А.А. Фрейман, В.А. Маллитский, И.Г. Лившитс, М.И. Боголюбов, А.Л. Хромов, Д.И. Эделман, Т.И. Пахалина, М.И. Стеблин-Каменский дар асару мақолаҳои алоҳида пиромуни номи минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна ва хусусан маҳалҳои Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст [ниг.: 5, с. 103].

Дар умум **топонимика** илмест, ки номҳои хосси мавзеъҳои ҷуғрофиро меомӯзад ва қисматҳои гуногун, аз ҷумла **агоронимҳо** (номи майдону масоҳат), **гидронимҳо** (номи дарёҳо ва мавзеъҳои ба об алоқаманд) **гидротопонимҳо** (номи уқёнусҳо, дарёҳо, баҳрҳо, ҳавзу кӯлҳо), **годонимҳо** (номи маҳаллаю кӯчаҳо), **дромонимҳо** (номи роҳҳои мухобиротӣ), **макротопонимҳо** (номи мавзеъҳои калони ғайримаскунӣ), **микротопонимҳо** (номи мавзеъҳои начандон калони ғайримаскунӣ), **ойконимҳо** (номи нуктаҳои маскунӣ), **оронимҳо** (номи кӯҳҳо), **урбанонимҳо**-ро (номи мавзеъҳои дохилишаҳриро) дар бар мегирад [ниг.: 5, с. 62, с.96-98].

Ҳамчунин оид ба топонимҳои минтақаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла доир ба микротопонимҳои Ванҷу Дарвоз Н. Офаридаев [14], дар бораи топонимҳои минтақаи Ӯротеппа (Истаравшан) А. Абдунабиев [1], оид ба топонимияи минтақаи Кӯлоб Ҷ. Алимӣ [3], доир ба топонимҳои водии Қаротегин Ш. Исмоилов [8], роҷеъ ба топонимҳои Суғд аз назари этимологӣ П.Б. Луре [10], оид ба топонимҳои минтақаи Ромит ва водии Ҳисор О.О. Маҳмадҷонов [11; 12] ва дар робита ба топонимҳои Норак ва мавзеҳои атрофи он М.А. Қувватова [9] таҳқиқоти таърихӣ-забоншиносиро аз рӯйи маводи сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла асарҳои таърихӣ, маълумот аз бойгониҳо ва ҳисоботи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба анҷом расонидаанд.

Бо пайваст ба радифи таҳқиқотҳои мавҷуда лозим донистем мавқеъ ва мундариҷаи истеъмоли топонимҳоро аз рӯйи маводи эҷодиёти халқ, ки дар хат бо истилоҳи матнҳои фолклорӣ ном бурда мешаванд, дар мисоли фолклори Сари Хосор мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем. Маводи таҳқиқотӣ аз асари фолклоршинос Р. Амонов «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [6] ҷамъоварӣ ва мавриди истифода қарор гирифт.

Бахусус оид ба мавқеи ҷуғрофии Сари Хосор Р. Амонов чунин қайд менамояд: «... Мавзеи Сари Хосор дар қисми шимолии Кӯлоб, дар самти ҷанубӣ-ғарбии қаторкӯҳҳои Дарвоз воқеъ гардида, яке аз районҳои кӯҳии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Қисми шимолӣ-шарқӣ ва шарқии Сари Хосор дар байни пештеппаҳои қаторкӯҳҳои душворгузари Дарвоз, ки Сари Хосорро аз районҳои Обигарм ва Тавилдараи собиқ вилояти Ғарм ҷудо мекарданд, ҷойгир шуда, қисми ҷанубӣ-ғарбии Сари Хосор бо райони собиқи Балҷувон ва қисми ҷанубӣ-шарқии он бо собиқ райони Хаволинг ҳамҳудуд аст.

Сари Хосорро дарёи Сурхоб, ки аз кӯҳҳои Дарвоз сар зада, ба дарёи Балҷувон ҳамроҳ мешавад, ба ду қисм чудо менамояд» [6, с. 14].

Инчунин дар ин асар ба сифати топонимҳо чанде аз номи деҳаҳои (дар асар қишлоқҳои – Н.Н.) Сари Хосор, аз ҷумла Тошохур, Дараи Калот, Заки Малик, Арзаниён, Яккатут, Бушолон, Сайлон, Ғундиён, Ҳусайниён, Зувайр, Шайхон, Сари Хосор, Дараи Разоқ, Кафшдӯзон, Порвор, Насронӣ, Садаҳо ва Дашта ном бурда шудааст [6, с.15-16].

Дар матнҳои фолклории Сари Хосор 34 номи хосси мавзеъҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо) 86 маротиба, аз ҷумла **Соқипар** – 10 маротиба [6, с. 264, 267], **Қуқан** – **Қуқанд** – 10 маротиба [6, с. 66, 181, 310, 311, 312, 314], **Чамбул** – 9 маротиба [6, с. 102, 103, 105, 112, 114, 116], **Ховалинг** – 7 [6, с. 56, 181, 189, 327], **Қоф** – 3 [6, с. 297], **Миср** – 3 [6, с. 54, 300], **Тай сояҳора** (Таги сояҳо**)** – 3 [6, с. 265,] **Товаҳо** – 3 [6, с. 266], , **Балх** – 2 [6, с. 288, 289], **Гирмон** (Германия) – 2 [6, с. 229], **Дашти Шуро** (Дашти Шуро) – 2 [6, с. 251], **Кангърт** – **Кангурт** – 3 [6, с. 198, 311, 327], **Калот** – 2 [6, с. 265], **Кобъл** –**Кобул** – 2 [6, с. 63, 267], **Мочин** – 2 [6, с. 291], **Норак** – 2 [6, с. 314], **Сияҳарчаҳо** – 2 маротиба [6, с. 266], **Ҳисор** – 2 [6, с. 56, 181], **Бағлон** [6, с. 111], **Балҷъвон** (Балҷувон) [6, с. 181], **Бъхоро** (Бухоро) [6, с. 181], **Дърозпитов** (Дароз Питов) [6, с. 265], **Дътанг** (Дутанг) [6, с. 265], **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ) [6, с. 266], **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак) [6, с. 265], **Къндонӣ** (Кандонӣ) [6, с. 47], **Канъон** [6, с. 54], **Кремл** [6, с. 234], **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид) [6, с. 197], **Қурғон** (Қурғонтеппа) [6, с. 243], **майдони Бағлоншо** (Майдони Бағлоншоҳ) [6, с. 111]**, Севи шърин** (Себи Ширин) [6, с. 265], **Сиёпушда** (Сиёҳпӯш) [6, с. 282], **Тошкалот** [6, с. 111] ва **Чин** [6, с. 291] якмаротибагӣ омадаанд.

Аз маҷмуи умумии 86 номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ 24 ном ба жанрҳои назмӣ ва 62 ном ба наср рост меояд.

Танҳо 2 номи хос – **Гирмон** (Германия) ва **Кремл** ба назми фолклори солҳои 50-уми асри ХХ-ро мансуб аст.

Топонимҳои **Кангурт**, **Кобул** ва **Қуқанд** ҳам дар шакли адабӣ ва ҳам дар шакли лаҳҷавӣ – **Кангърт, Кобъл ва Қуқан** истифода шудаанд, аз ин лиҳоз, дар ҳарду шакл оварда мешаванд.

*«– Эҳа, – гуфт, дар **Кангурт**, – тарактир рос кардестай, аҳ ҳиҷо нест, ки биёя»* [6, с. 198].

Кавкаби **Кобъл**, ҳавзи сари пул,
Хондани бълбъл ҳама дар боғи латифа [6, с.267].

«– Ира ҳай кънен, – гуфт, – **Қуқан** барен!» [6, с.181].

И абри ғубор-ғубор миҷгони ман аст,
Қуқанд меравӣ, ларза дар ҷони ман аст [6, с.66].

Аз ин номгӯй 12 ном – **Дашти Шуро** (Дашти Шӯро), **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дътанг** (Дутанг), **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ), **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак), **Калот**, **Къндонӣ** (Кандонӣ), **Севи шърин** (Себи Ширин), **Сияҳарчаҳо, Соқипар, Товаҳо** ва **Тошкалот** шояд мутааллиқ ба мавзеъҳои ҷуғрофии замони пеш аз солҳои 60-уми асри ХХ ноҳияи Сари Хосор буданд, ки алҳол ҳамчун мавзеъҳои мансуб ба Сари Хосор номбар намешаванд.

Ҳоло дар «Феҳристи номи маҳалҳои Тоҷикистон» дар номгӯи маҳалҳои Ҷамоати деҳоти Сари Хосори ноҳияи Балҷувон танҳо номи деҳаҳои **Дарозпитов** дар шакли **Дароз Питов** ва **Сари Хосор** дарҷ ёфтааст [ниг.: 22, с.98].

Номҳои **Бағлон, Балх, Бухоро** (Бухоро), **Гирмон** (Германия), **Канъон, Кремл, Қуқан** – **Қуқанд, майдони Бағлоншо-е** (Майдони Бағлоншоҳ), **Миср, Мочин** ва **Чин** номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии хориҷӣ маҳсуб меёбанд.

Омӯзиши топонимҳо нишон дод, ки онҳо ҳам дар матнҳои фолклории назмӣ ва ҳам насрӣ вомехӯранд.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар.
Хори ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба **Миср** подшоҳӣ мекард,
Сад кош гадо буд, ба **Канъон**, хуштар! [6, с.54].

Кънъск дар **Кангърт** ва Мънъск дар **Ховалинг** зиндагӣ мекард [6, с. 327].

Номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии **Гирмон** (Германия), **Миср, Мочин** ва **Чин** номи давлатҳо, **Бағлон, Балх**, **Балҷъвон** (Балҷувон), **Бъхоро** (Бухоро), **Ховалинг**, **Канъон**, **Кремл, Кобул** – **Кобъл**, **Қуқан** – **Қуқанд**, **Қурғон** (Қурғонтеппа), **Норак**, **Чамбул**, **Ҳисор** номи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, иншоот ва **Қоф** номи кӯҳ мебошад.

Номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дашти Шуро** (Дашти Шуро), **Дътанг** (Дутанг), **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ), **Калот**, **Къндонӣ** (Кандонӣ), **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид), **майдони Бағлоншо-е** (Майдони Бағлоншоҳ), **Севи шърин** (Себи Ширин), **Сияҳарчаҳо**, **Соқипар, Товаҳо**, **Тошкалот** ва **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак) ба номҳои деҳа ва майдонҳо дохиланд.

Дар доираи фарогирии масоҳат ё ҳудудҳои калону хурд мавзеъҳои **Гирмон** (Германия), **Миср, Мочин, Чин, Бағлон, Балх**, **Балҷъвон** (Балҷувон), **Бъхоро** (Бухоро), **Ховалинг**, **Канъон**, **Кобул** – **Кобъл**, **Қуқан** – **Қуқанд**, **Қурғон** (Қурғонтеппа), **Норак**, **Чамбул** ва **Ҳисор** гурӯҳи макротопонимҳоро ташкил медиҳанд.

Мерай район, ҳаргиз натарс ай **Гирмон**,
И лашкари советӣ марги **Гирмон** [6, с.229].

«Търки **Бағлон** мекънем, – мега, ғазо».
Рузи маҳшарай дар ҳардуи мо-е,… [6, с.111].

Дар шаҳри **Чину Мочин** тӯй бъд [6, с.291].

Доир ба мавқеъ, масоҳат ва ҳудуди ҷойгирии деҳаҳои Сари Хосор Р. Амонов қайд менамояд, ки қишлоқҳои Сари Хосор аксар дар байни дараҳо ва паҳниҳои болои теппаҳо ва қисман дар пастхамӣ, нишебӣ ва доманаи кӯҳҳо – дар канори ҷӯй ва дарё ҷойгир шудаанд. Онҳо аз ҷиҳати андоза аз ҳамдигар хеле фарқ карда, гурӯҳе 3-4 хоҷагӣ, қисми дигар то 25-30 ва баъзе қишлоқҳо то 50-60 хоҷагӣ доштанд [6, с. 15].

Аз ин рӯ, мавзеъҳои ҷуғрофи **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дашти Шуро** (Дашти Шӯро), **Калот**, **Къндонӣ** (Кандонӣ), **Соқипар, Товаҳо** ва **Тошкалот**, ки масоҳати хурдро дар бар мегиранд, ба гурӯҳи микротопонимҳо шомил мешаванд.

Ҳамчунин деҳаҳои зикршуда ба бахши махсуси топонимика – **комонимҳо**, ки номи деҳаҳоро меомӯзад, тааллуқ доранд.

Нав ина дар **Дърозпитов** умадем [6, с.265].

Ай, мо ҳам ай **Дашти *Шуро*** [6, с.251].

Соқипарда кор дошта бошӣ, майлъш, мъ ҳаму **Соқипар** мерам, ай дъстакът мегиръм, мерам, неки ... [6, с.264].

Дар илми топонимика мавзеъҳои аҳолинишин ё маскунии аҳолиро ойконимҳо – ҷойи нуктаҳои маскунӣ меноманд, ки номҳои **Бағлон, Балх**, **Балҷъвон** (Балҷувон), **Бъхоро** (Бухоро), **Гирмон** (Германия), **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дашти Шуро** (Дашти Шуро), **Калот**, **Къндонӣ** (Кандонӣ), **Канъон**, **Кобъл** – **Кобул**, Қуқан – **Қуқанд**, **Қурғон** (Қурғонтеппа), **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид), **Миср, Мочин, Норак**, **Соқипар, Тошкалот, Ховалинг**, **Ҳисор, Чамбул** ва **Чин** ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

«– Дар бозори **Балҷъвон** панҷ танга ҳаст» [6, с.181].

«– Дар шаҳри почои **Балх** ҳамита дъхтаре ҳаст, ки ба монандъш дар вилоято нест» [6, с.288].

Хъди Севи шъринда умадем, тай **Калотда** [6, с.265].

Аз навъи топонимҳо номи кӯҳҳоро **оронимҳо** ва майдону масоҳатҳоро **агронимҳо** меомӯзанд, ки номҳои кӯҳи **Қоф** ва майдонҳои **Дътанг** (Дутанг), **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ), **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак), **майдони Бағлоншо-е** (Майдони Бағлоншоҳ), **Севи шърин** (Себи Ширин), **Сияҳарчаҳо** ва **Товаҳо** ба ҳамин навъҳо вориданд.

Ё бъбин, ё бъбин Бегавлиё-е,
Хамбид дар **майдони Бағлоншо-е** [6, с.111].

Ина, ҷура, тай **Севи шъриндам**, умадем, даҳани **Дътангда** [6, с.265].

Даҳани **Дътаҳагида**? [6, с.266].

Ба гурӯҳи **мифонимҳо**, ки номҳои афсонавӣ ва устуравиро мемӯзад, **Мочин, Қоф** ва **Чамбул,** ба гурӯҳӣ **урбанонимҳо**, ки мавзеъҳои дохилишаҳриро меомӯзад, **Кремл** дохил мешавад.

Харбачаҳак гърехт паси куи **Қоф** рафтай, ки мъ дига даракша надоръм [6, с.297].

Муждаҳои нав мерасад,
Ай **Кремл** бахши мо… [6, с.234].

Аз маҷмуи топонимҳо **Канъон, Қоф** ва **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид) ба забони арабӣ, **Қуқан** – **Қуқанд, Тошкалот** ба ӯзбекӣ, **Қурғон** (Қурғонтеппа) туркӣ, **Кремл** ба русӣ, **Бағлону Балх**, **Гирмон** (Германия), **Канъон**, **Кобъл** – **Кобул**, **Миср** ва **Чин** ба забонҳои хориҷӣ ва калимаҳои байналмилалӣ мутааллиқ мебошанд.

Аз ҷумла номҳои **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид) маънои он чи ки дар роҳи Худо садақа мекунанд (*монанди гӯсфанд, гов, шутур*) ва бо он ба Худованд наздикӣ, қаробат ҷустан (**шаҳид** – кушташуда дар роҳи дин ва кори ҳақ), **Қӯрғон** маъноҳои **қалъа, ҳисор, диж, истеҳкомот**-ро доранд [20, с. 697, с. 700; 21, с. 631,].

«– Э марди хъдо, апаи тъ дар **Қърбоншаҳидай**, ай ҳаму ҷа, ки бод сар медиҳа, бодъш гъли орда мебараву сабусъш мемуна» [6, с. 197].

Ман чиҳил руз шуд, ки **Қурғон** рафтаам,
Раҳканони паҳлавонро дидаам [6, с.243].

Бахше топонимҳоро шакли лаҳҷавии онҳо – диалектизмҳо ташкил медиҳанд, ки хосси лафзи аксари мардуми Сари Хосору Балҷувон мебошанд: **Дашти Шуро** (Дашти Шуро), **Балҷъвон** (Балҷувон), **Бъхоро** (Бухоро), **Гирмон** (Германия), **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дътанг** (Дутанг), **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ), **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак), **Къндонӣ** (Кандонӣ), **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид), **Қурғон** (Қурғонтеппа), **майдони Бағлоншо-е** (Майдони Бағлоншоҳ), **Севи шърин** (Себи Ширин).

Афтов задай дар сараки **Къндонӣ**
Ҷура, меравӣ, рута намегардонӣ [6, с.47].

«– Мара ҷавоб бътен, даҳсола **Бъхоро** хонданӣ меравъм…» [6, с.81].

Бахусус оид ба хусусиятҳои этимологӣ ва грамматикии топоними **Сари Хосор** забоншиносон Б. Бобохон [7, с. 349-356] ва Ҷ. Алимӣ [4, с. 202-204] ибрози андеша намудаанд. Аз ҷумла пиндошта шудааст, ки **Сарихосор** (ҳоло Сари Хосор) бо **Хуросон** дар баромад як буда, маъноҳои **«макон ё маҳалле, ки пешорӯ (рӯ ба рӯ)-и Офтоб воқеъ аст»** ё **«сари чашмасор», «чашмасорон»** – **«мавзеъ ё макони чашмасорон»**-ро ифода мекунанд.

Вобаста ба баромад ва маънои калимаи **Ховалинг** топонимшинос Ҷ. Алимӣ дар натиҷаи таҳқиқ чунин шумурдааст: «а) Ховалинг –Хвараминка (Хварамунк, - мунг, -минг) – ба маънии «шаҳри офтобрӯя», «шаҳр дар самти шарқ», б) Ховалинг – Хвалинг (Хваминк, -минг) – ба маънии «некманзар», «хушманзар», «хушманзара», в) Ховалинг-хан (хон,-хо)-ин (г) – ба маънии «чашмасор».

… дар ҳудуди мавзеъ як навъ гиёҳи шифобахши маҳаллӣ бо номи «ховал» дар гузашта мавҷуд будааст, ки табибони маҳаллӣ ва мардуми аз он ҳангоми шифобахшии беморон истифода менамуданд. Аз ин ҷо Ховалинг – «маконе, ки гиёҳи шифобахши «ховал» фаровон аст» [4, с.204].

Аксари топонимҳоро исмҳо ташкил медиҳанд: **Бағлон, Балх**, **Балҷъвон** (Балҷувон), **Бъхоро** (Бухоро), **Гирмон** (Германия), **Калот**, **Кангърт** – **Кангурт**, **Канъон**, **Кобъл** – **Кобул**,

Қоф, **Кремл**, **Қуқан** – **Қуқанд**, **Қурғон** (Қурғонтеппа), **Миср**, **Мочин**, **Норак**, **Ҳисор**, **Товаҳо**, **Тошкалот, Ховалинг**, **Чамбул ва Чин.**

«Вой **Чамбули** ҷазир!».

Ҳӣ... Ҳӣ... Ҳӣ... [6, с.103].

Кънъск дар **Кангърт** ва Мънъск дар **Ховалинг** зиндагӣ мекард. Онҳо ягдигара надида бъдан [6, с.327].

Аз ин исмҳо **Сияҳарчаҳо** ва **Товаҳо** бо топоформанти -ҳо, **Къндонӣ** (Кандонӣ) бо формантҳои **-он, -ӣ, Зъмини бармолак** (Замини Бармолак) ва **Норак** бо форманти **-ак** сохта шуда, **Дърозпитов** (Дароз Питов), **Дътанг** (Дутанг), **Дътаҳагӣ** (Дутаҳагӣ), **Қърбоншаҳид** (Қурбоншаҳид), **Сияҳарчаҳо, Соқипар** ва **Тошкалот** исмҳои мураккабанд.

Даҳани **Сияҳарчаҳода** бъгу? [6, с.266].

Товаҳора дидам-ку, уқа соз надидам [6, с.266].

Нағалтид, ҷилабъта метум сар,

Ҷонъма ба **Тошкалотъма** бубар [6, с.111].

Топонимҳои **Дашти Шуро** (Дашти Шуро), **Зъмини бармолак** (Замини Бармолак), **майдони Бағлоншо-е** (Майдони Бағлоншоҳ) ва **Севи шърин** (Себи Ширин) аз ибораҳои исму исм ва исму сифат ташаккул ёфтаанд. Воситаи алоқаи байни калимаҳои ибораҳои мазкур бандаки изофии **-и** мебошад.

Ай, мо ҳам ай **Дашти *Шуро*** [6, с.251].

Нав ина дар **Зъмини бармолак** умадем [6, с.265].

Ина, ҷура, тай **Севи шъриндам**, умадем, даҳани Дътангда [6, с.265].

Аз истифодаи топонимҳо дар фолклори Сари Хосор маълум мегардад, ки бо вуҷуди макони дурдаст ва кӯҳистон будани Сари Хосор мардуми он аз мақому манзалат ва мавқеи мавзеъҳои ҷуғрофии давлат ва шаҳру ноҳияҳои хориҷию дохилӣ хуб огоҳ ҳастанд ва маълумоти кофӣ доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдунабиев, А. Лингвистический анализ топонимии региона Ура-тюбе: автореф… дис… канд. филолог. наук / А. Абдунабиев. – Душанбе, 1992. – 14 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Топонимика / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 51 с.
3. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 443 с.
4. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи Сари Хосор / Ҷ. Алимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Континент-ТҶ, 2015. – №2 (13). - С.202-205.
5. Алимӣ, Ҷ. Ономастика. (Назария ва амлия) / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 2017. – 552 с.
6. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. – 347 с.
7. Бобохон, Б. Сари Хосор Хуросон аст / Б. Бобохон // Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С.349-355.
8. Исмоилов, Ш. Топонимия Каратегинской долины Таджикистана (лингвистическое исследоание): автореф. дис. … канд. филолог. наук / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 1999. – 30 с.
9. Кувватова, М.А. Историко-лингвистическое исследование топонимии Нурека и его окрестностей: автореф. дис… канд. филолог. наук [Манбаи электронӣ] / М.А. Кувватова. – Душанбе, 2019. – 27 с. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.dissercat.com/content/istoriko-lingvisticheskoe-issledovanie-toponimii-nureka-i-ego-okrestnostei/read.
10. Лурье, П.Б. Историко-лингвистический анализ Согдийской топонимии: автореф. дис. … канд. филолог. наук [Манбаи электронӣ] / П.Б. Лурье. – Санкт-Петербург, 2004. – 24 с. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.dissercat.com/content/shugnanskaya-antroponimika-struktura-semantika-i-istochniki-proiskhozhdeniya/read.
11. Махмаджонов, О.О. Топонимия Ромитского региона: дис. ... канд. филолог. наук / О.О. Махмаджонов. – Душанбе, 2005. – 169 с.
12. Махмаджонов, О.О. Историко-лингвистические исследование Гиссарской долины Таджикистана: автореф. дис. … канд. филолог. наук [Манбаи электронӣ] / О.О. Махмаджонов. – Душанбе, 2010. – 54 с. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.dslib.net/jazyki-mira/.
13. Основные этапы развития топонимики [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://studopedia.ru/3_49357_osnovnie-etapi-razvitiya-toponimiki.html].
14. Офаридаев, Н. Микротопонимия Ванджа и Дарваза / Н. Офаридаев. – Душанбе: Дониш, 1991. – 176 с.

15. Розенфельд, А.З. Название «лангар» в топонимике Таджикистана / А.З. Розенфельд. – ИВГО, 1940. – Вып. 6 [72]. – С.861-864.
16. Розенфельд. А.З. Материалы по этнографии и топонимике Ванджа / А.З. Розенфельд. – ИВГО, 1953. – Вып. 4 [88]. – С.402-404.
17. Смирнова, О.И. Вопросы исторической топонографии и топонимики Верхнего Заравшана / О.И. Смирнова // Тр. СТАЭ. Т.1. МИА СССР. – М.-Л., 1950. – № 15. – С.56-66.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
22. Феҳристи номи маҳалҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2013. – 332 с.
23. Хромов, А.Л. К вопросу о топонимике Матчи / А.Л. Хромов // Изв. АН Тадж. ССР. – 1983 – № 1 [32]. – С.76-82.
24. Хромов, А Л. Общая лингвистическая характеристика топонимии и микротопонимии Ягноба / А.Л. Хромов // Изв. ООН АН Тадж. ССР. – 1966. - №3 [45]. – С.83-87.
25. Хромов, А.Л. Некоторые проблемы топонимического исследования Таджикистана / А.Л. Хромов // Изв. ООН Тадж. ССР. 1968. – № 1 [51]. – С.68-76.
26. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 7. Сақофӣ – Ховалинг. – Душанбе, 1987. – 640 с.

ТОПОНИМҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Дар мақолаи мазкур дар оғоз оид ба топонимика ҳамчуни як бахши ономастика маълумот дода мешавад. Яъне, топонимика таъриху шароити пайдоиш, инкишоф, маънову мундариҷа ва макони интишори номҳои чуғрофиро меомӯзад. Барои ишораи маҳал ё мавзеъҳои калони ҷуғрофӣ истилоҳи **макротопонимия** ва барои ишораи маҳал ё мавзеъҳои хурди ҷуғрофӣ истилоҳи **микротопонимия**-ро истифода мебаранд. Дар умум **топонимика** илмест, ки номҳои хосси мавзеъҳои ҷуғрофиро меомӯзад ва қисматҳои гуногун, аз ҷумла **агоронимҳо**, **гидронимҳо, годонимҳо**, **дромонимҳо**, **ойконимҳо**, **оронимҳо** ва **урбанонимҳо**-ро дар бар мегирад. Мавзуи баҳси номҳои ҷуғрофӣ аз замонҳои қадим диққати олимонро ҷалб кардааст. Дар хусуси паҳлуҳои мухталифи илми топонимика забоншиноси тоҷик Ҷ. Алимӣ асарҳои зиёд, аз ҷумла «Топонимика» ва «Ономастика»-ро таълиф намудааст. Таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии номҳои ҷуғрофии маҳалҳои Тоҷикистон асосан пас аз солҳои 50-уми асри XX ривоҷ меёбад. Ин масъала аввалан аз ҷониби муҳаққиқон – шарқшиносони рус, ба монанди С.И. Климчитский, О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд, А.А. Фрейман, В.А. Маллитский, И.Г. Лившитс, М.И. Боголюбов, А.Л. Хромов, Д.И. Эдельман, Т.И. Пахалина, М.И. Стеблин-Каменский дар асару мақолаҳои алоҳида перомуни номи минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна ва хусусан маҳалҳои Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: фолклор, Сари Хосор, топоним, агоронимҳо, гидронимҳо, годонимҳо, дромонимҳо, ойконимҳо, оронимҳо, урбанонимҳо макротопонимия, микротопонимия.

ТОПОНИМЫ В ФОЛЬКЛОРЕ САРИ ХОСОРА

В данной статье приводятся сведения о топонимии как отрасли ономастики. То есть топонимика изучает историю и условия возникновения, развития, значения, содержания и места издания географических названий. Термин «макротопонимия» используется для обозначения населенных пунктов или крупных географических районов, а термин «микротопонимия» - для обозначения населенных пунктов или небольших географических районов. В общем виде топонимия — это наука, изучающая видовые названия географических мест и включающая в себя различные категории, в том числе агоронимы, гидронимы, годонимы, дромонимы, ойконимы, оронимы, урбанонимы. Тема географических названий привлекала внимание ученых с древних времен. Говоря о различных аспектах науки топонимии, таджикский лингвист Дж. Алими написал множество работ, в том числе «Топонимию» и «Ономастику». Комплексное научное исследование и изучение географических названий местностей Таджикистана развивается в основном после 50-х годов 20 века. Впервые этот вопрос обсуждался исследователями - русскими востоковедами, такими как С.И. Климчицкий, О.И. Смирнова, А.З. Розенфельд, А.А. Фрейман, В.А. Маллицкий, И.Г. Лившиц, М.И. Боголюбов, А.Л. Хромов, Д.И. Эдельман, Т.И. Пахалина, М.И. Стеблин-Каменский, в отдельных работах и статьях о названиях различных районов Средней Азии и особенно районов Таджикистана.

Ключевые слова: фольклор, Сари Хосор, топонимы, агоронимы, гидронимы, годонимы, дромонимы, ойконимы, оронимы, урбанонимы, макротопонимы, микротопонимы.

TOPNAMES IN THE FOLKLORE OF SARI KHOSOR

In this article, at the beginning, information is given on toponymy as a branch of onomastics. That is, toponymy studies the history and conditions of origin, development, meaning, content and place of publication of geographical names. The term macrotoponymy is used to refer to localities or large geographical areas, and the term microtoponymy is used to refer to localities or small geographical areas. In general, toponymy is a science that studies specific names of geographical places and includes different parts, including agoronyms, hydronyms, godonyms, dromonyms, oikonyms, oronyms, and urbanonyms. The topic of geographical names has attracted the attention of scientists since ancient times. Regarding various aspects of the science of toponymy, Tajik linguist J. Alimi wrote many works, including "Toponymy" and "Onomastics". The comprehensive scientific research and study of the geographical names of Tajikistan's localities develops mainly after the 50s of the 20th century. This issue was first discussed by researchers - Russian orientalists, such as S.I. Klimchitskyi, O.I. Smirnova, A.3. Rosenfeld, A.A. Freiman, W.A. Mallitsky, I.G. Livshits, M.I. Bogolyubov, A.L. Khromov, D.I. Edelman, T.I. Pakhalina, M.I. Steblin-Kamensky in

separate works and articles about the names of various regions of Central Asia, and especially the regions of Tajikistan, has received attention.

Key words: folklore, Sari Khosor, toponyms, agoronyms, hydronyms, godonyms, dromonyms, oikonyms, oronyms, urbanonyms, macrotoponymy, microtoponymy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насимов Нуриддин*** – н.и.ф., раиси Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Сведения об авторе: ***Насимов Нуриддин*** – к.ф.н., председатель Испольнительного комитета Ассоциации таджиков и персоязычных народов мира – «Пайванд». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Information about the author: ***Nasimov Nuriddin*** - candidate of philological sciences, chairman of the Executive committee Association of Tajiks and Persian-speakersof the world – «Payvand». **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave. 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Phone: **(+992) 902-77-88-99**

УДК: 930.1(575.3)

ИСТИЛОҲОТИ ВОБАСТА БА СИПОҲ Ё АРТИШ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Абдулҳадов Ҷ.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар кас, ки бо пешинаи эронзамин ва таъриху фарҳанги Эрони бостон ошноӣ дорад, медонад, ки сипоҳиён ё артишиёни эронӣ дар таърихи эронзамин ҷойгоҳи бисёр баланд доштаанд. Барои ин ки мо ҷойгоҳи баланди онҳоро бишносем, танҳо басандааст, ки ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нигоҳе биафканем. Ин нуктаро ҳам бояд ёдовар шуд, ки куҳантарин матне, ки ба созмони артиш дар Эрони бостон пардохта китоби «Авасто» аст. Пажуҳишгар Ваҳид Сабзиёнпӯр чунин нигоштааст: «Дар китоби «Авасто» аз артишиён бо номи “расайяштар” (رَئِیشتَر) ёд шуда, ки маънои “истода бар гардуна” (истода бар ароба – А.Ҷ.) аст.» [28, с.75-104].

«Китоби «Таърихи Систон» аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони порсӣ таълиф гардидаанд. Дар масъалаи ном ва муаллиф ё саҳеҳтар муаллифони ин асар, яъне «Таърихи Систон» дар миёни донишмандон ва асҳоби таъриху тазкираҳои асрҳои миёна ихтилофи назар мавҷуд аст. Ҳарчанд ин китоб бо номи «Таърихи Систон» шуҳрат пайдо кардааст, вале дар нусхаи асл ҳаргиз аз ин ном ёд нашуда ва дар ҳар ҷои асар аз он бо номи «таърих» ишора шудааст.

Аммо дар ин ки ин китоб (яъне «Таърихи Систон» –А.Ҷ.) аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шудааст ё дар асл ба форсӣ навишта шуда ва аз китоби арабӣ истифода шудааст, ба назари ҳақир, ташхиси ин маъно чандон осон нест, хоса дар навиштаи қудамо, зеро медонем, ки насри порсӣ ғолибан тақлид аз насри арабӣ аст» [10, с.26].

«Нависандагони дигари осори барҷастаи таърихӣ ба истиснои мавориде ҳамчун «Таърихи Ҷаҳонгушо» тавзеҳи дақиқ ва мӯшикофона ба масоили низомӣ мабзул (бахшида –А.Ҷ.) нашудааст. «Таърихи Гардезӣ» аз назари замонӣ ба «Таърихи Байҳақӣ» бисёр шабеҳ аст. Бахшҳои марбут ба ҳокимияти Масъуди Ғазнавӣ дар «Таърихи Гардезӣ» низ мавҷуд аст. Ривояти ҷангҳое, ки ду таърихнавис ба онҳо ишора кардаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши яксоне надоранд. Гардезӣ дар баёни ҷангҳо масоили ҷузъиро баён накарда ва бар хилофи Байҳақӣ иттилооти дақиқеро дар ихтиёри мухотаб қарор надодааст.

«Таърихи Систон» низ аз ҷиҳоте бо «Таърихи Байҳақӣ» қобили муқоиса аст. Муаллифи номаълуми ин китоб (яъне «Таърихи Систон» –А.Ҷ.) борҳо аз ҷангҳои амирони Сомонӣ сухан гуфтааст. Метавон «Таърихи Систон»-ро аз ҳайси диққат ва ҷузъинигарӣ ба «Таърихи Байҳақӣ» шабеҳ донист, аммо иттилооти ин китоб дар ҳавзаи масоили ҷангию низомӣ мушобеҳи «Таърихи Гардезӣ» ва ҷузъиёти масоили сипоҳию размӣ дар он дида намешавад» [12, с.93-201].

«Таърихи Систон» афзун ё илова бар мавзуъҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайваста ба замони худ, фарогири бисёре аз вожаҳо, истилоҳоти идорӣ, девонӣ ва фарҳангӣ аст, ки дар ин мақола мо танҳо ба шарҳу бозгӯии истилоҳоти вобаста ба сипоҳ ё артиш таҳқиқ мекунем ва сарчашмаи пажуҳиши мо дар ин мақола бар асоси нусхаи форсии «Таърихи Систон», ба тасҳеҳи Муҳаммадтақии Баҳор (Малик-уш-шуаро). (Теҳрон, 1381. – с. 436) мебошад. Истилоҳоти вобаста ба сипоҳ ё артишро ба се даста: а) вожаҳои форсӣ – тоҷикӣ, б) вожаҳои арабӣ ва в) вожаҳои дутаркиба гурӯҳбандӣ кардаем.

а) вожаҳои форсӣ - тоҷикӣ.

Испаҳбад **اِسپَهبُد** – сипаҳбад (سپَهبَد) ё **сипаҳбуд** (**سپَهبُد**) дар форсии миёна ба гунаи “spāhpat” ё “spāhbed” ва дар форсии бостон ба гунаи “spāda-pati” ё “spāda-pati” будааст. Ин вожа дар «Шоҳнома» зиёд ба кор рафтааст. Барои намуна: *Задам достон, то зи роҳи хирад, / Сипаҳбуд ба гуфтори ман бингарад*. Номи яке аз дараҷаҳои артиш буда, ки болотар аз “сарлашкар” ва поинтар аз “артишбуд” аст [16].

“Ва он ҷо ҳафт рӯз бибуд ва исбаҳбади Систонро бинвохт” [10, с.23].

Лашкар **لشکر** – сипоҳ, сипаҳ, ҷайш, аскар, фавҷ, қушун; дар паҳлавӣ “гунд” омада ба маънои “сипоҳ” [16].

“Фиристодани лашкари Мансур ба вилояти Гармсер ва ҳаволии Буст ва Такнобод...” [10, с. 312].

Ҳамчунин “лашкар” зоҳиран номи мазеъе будааст ба Систон [16].

“Эшон бирафтанд, ин туркманон, ки бо Амир Бӯрӣ буданд, пеш аз он ки ба Лашкар расиданд, бонг карданд.” [10, с. 328].

Навбатсолор نوبتسالار – посбон, посдор, нигаҳбон, навбатдор, қаровул [16].

“...куштани он касон, ки бо вай ёр шуда буданд ба куштани амми вай Малик Шамсуддин Алӣ ибни Масъуд чун навбатсолор Тоҳир ибни Абиласад Қавқаҳиро.” [10, с. 305].

Ин вожа, яъне “навбатсолор” дар «Таърихи Систон» танҳо як бор ба кор рафтааст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба гунаи “солори навбат”(نوبت سالار) омадааст на “навбатсолор” (نوبتسالار). Барои намуна: *Ба солори навбат бифармуд шоҳ, / Ки ҳар кас, ки ояд бад-ин даргоҳ. / Варо боз гардон ба неку сухан, / Ҳама мардумӣ ҷӯйю тундӣ макун* [14].

Озодагон آزادگان – озода, ҷавномардон, ворастагон, дарвешон; эорниён; нуҷабо, аҳрор [16].

М. Баҳор менависад: «Сипоҳ бар чанд қисм будааст, қисмате “ғуломон” будаанд, ки “маволӣ” гӯянд ва қисмате “сарҳангон”, ки ғуломони озодкарда ва қисмате “озодагон” ё “озодон”, ки мардуми соҳиби хонавода ва номҷӯ ва фарзандони даҳоқини соҳиби мол буда ва дохили лашкар мешудаанд.» [10, с. 299].

“Сипоҳ ҷамъ шуд аз маволию сарҳангону озодагони Систон, ҳама якдилу якниҳод ва ташвиш аз миёна бархост” [10, с.299].

Пиёдагон پیادگان – ҷамъи вожаи пиёда «پیاده» аз вожаи паҳлавии «پیادَک» аст, бо пасванди “-гон” ҷамъбандӣ шуда ба маънои гурӯҳе дар сипоҳ пиёдабуда, ки бидуни маркаб будаанд; пиёданизом [16]; дар муқобили “савор” ва “савора”, ҷангкунандагони пиёда [13, с.85].

“Чун бомдод равшан шуд, туркманон бозомаданд ва ҷанг огоз карданд, то намози пешин ҷанг мекарданд. Туркмании Мирбурӣ бигрехтанд ва Амир Бурию Амир Тоҳир пушт бидоданду пиёдагонро ба дасти эшон бигзоштанд.” [10, с. 348]; *“Гурӯҳе аз пиёдагони Саҷзӣ бикуштанд ва Тоҳир бозгашту ба Систон омад ва ҳама бузургони хешро банд барниҳод”* [10, с.349].

Дар забони тоҷикӣ имрӯз таркибҳое чун “ҷузъу томҳои пиёданизом”, “аслиҳаҳои пиёданизом”, “неруи пиёданизом”, “сарбозони пиёданизом”, “аскарони пиёданизом” корбурд мешаванд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (соли 2008) вожаи “пиёдагон”, ки дар «Таърихи Систон» ба кор рафта, зикр нашудааст, аммо муродифи он “пиёданизом” (پیاده نظام) ва “пиёдааскар” (پیادهعسکر) ба маънои “қисми ҳарбии пиёдагард”; “пиёдақӯшун”, “аскари пиёдагард”, “ғайрисаворӣ”, “аскари пиёданизом” [7, с.944] навишта шудааст.

Сарлашкар سرلشکر – фармондеҳи лашкар, сипаҳсолор, сардори лашкар, фармондеҳи сипоҳ, лашкардор [16].

Бояд бигӯём, ки мо дар «Таърихи Систон» вожаи “сарлашкар”-ро дар маънои болонавишта, яъне “фармондеҳи лашкар” мушоҳида накардем. Ба таъкиди Малик-уш-шуаро Баҳор: “Сарлашкар маҳаллае будааст дар беруни қалъаи Зиранҷ.” [10, с. 159].

“Пас рӯзе чанд ин ҷо бибуд ва ба Сарлашкар фуруд омад ва Сарлашкар аз ин ҷо гӯянд. Боз ба Буст шуд ва аз он ҷо ба Рухҳад шуд ва Занбил бигрехт.” [10 с. 159].

Сарҳанг سَرهَنگ – дар забони порсии миёна: sarhang > порсии бостон: sara- ‘сар; пеш’ + θang- ‘кашидан; ҳанҷидан) [23, с.1735]; вожаест куҳан ва дар дастнавиштаҳои суғдӣ, ки аз садаҳои VIII–X мелодӣ боз мондаанд, «srδ’nk; srδnng; srϑng» навиштаву [sarθang] хонда мешуда ва маънояш *фармондеҳ, сардор, сарҳанг, сарвар* будааст. Дар забони порсии миёна низ «sarhang» *сардор, фармондеҳ* буда ва ин маъниро дар форсии дарӣ низ нигаҳ доштааст [9, с.361-362]; Чунончи, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» сурудааст: *Набояд ки аз кордорони ман, /Зи сарҳангу ҷангисаворони ман. /Бихуспад касе дил пур аз орзуй, / Гар аз банда, гар мардуми некхӯй*. [16]; сарҳаг ба касе гуфта мешуда, ки бар саворон раёсат мекардааст [13, с.94]

Дар сипоҳи Сомониён ва Ғазнавиён “сарҳанг” сардору фармондеҳи фавҷ (гурӯҳ)-ро мегуфтанд [11, с.133]; сарҳанг дар қадим ба маънии *паҳлавон* ва *муборизъ* буд ва дар миёни айёрон, пешвоён ва руасоро *сарҳанг* меномиданд [27, с.402].

Аз ин рӯ, аз дер боз «сарҳанг»-ро сохташуда аз ду вожа шумурдаанд: «сар» (сардор) + «ҳанг» (форсӣ: هنگ «сипоҳ, лашкар» > порсии миёна: hang «нерӯ, зӯр»); “сар” ба маънии “сардору амир” ва “ҳанг” ба маънии “сипоҳ” [17, с.545].

Ба андешаи Муҳаммадризо Ноҷӣ «Ҳанг ҳамчун ягони размӣ нахустин бор дар сипоҳи Ҳахоманишиён (550 – 330 то мелод) падид омадаву «ҳазора» (порсии бостон: hazāra-) номида мешуда ва онро «ҳазорабад» (порсии бостон: hazārapati-) фармондеҳӣ мекард. Ҳазорабад 1 000 сарбозро дар бар мегирифт. Ҳар ҳазора ё ҳанг барои худ дирафш (порсии бостон: «drafša-» дошт. Аз ин рӯ, дар сипоҳи Ашкониён (250 то мелод – 224), ки созмони радабандии даҳдаҳии сипоҳи Ҳахоманишиёнро ба кор гирифта буд, ҳазора «дирафш» (порсии миёна: drafš) ном гирифта ва сардори он «дирафш-солор» (порсии миёна: drafš-sālār) хонда мешуд. Дар сипоҳи Сосониён (224 – 651) низ ҳамин радабандӣ ва номгузорӣ ба кор мерафта. Дар пайи шикасти шоҳаншоҳии Сосониён аз мусулмонон ва густариши ислом дар Эронзамин, арабҳо бархе аз истилоҳоти низомии эрониро вом гирифтанд ва бархеро низ бо истилоҳоти арабӣ ҷойгузин карданд.

Чунончи, вожаи «аскар» (عسکر) аз порсии миёна: laškar (لشکر), вожаи «ҷунд» (جُند) аз порсии миёна: gund (گُند) ва вожаи «файҷ» (فَیج) аз порсии миёна: payg (پیگ) вом гирифта шудаанд, вале «дирафш» ҷояшро ба «фавҷ» (فوج) додааст.

Бархе аз истилоҳоти низомии порсии миёна дар сипоҳи Сомониён (819–999) низ ба кор мерафтанд, ки бузургвор Фирдавсӣ онҳоро дар «Шоҳнома» овардааст. Чунончи, сарфармондеҳи неруҳои мусаллаҳи Сомониён «сипаҳсолор» (سپه‌سالار) ва фармондеҳи фавҷ «сарҳанг» (سرهنگ) номида мешуданд» [25, с.352].

Сарҳангшуморон سرهنگ‌شُماران – ин таркиб аз се вожаи паҳлавии «сар» (سَر) ва «аҳнг» (هنگ) яъне зур, қудрат, виқор ва вожаи «ошумор» (آشُمار) яъне, шумора, адад; яъне дар шумори сарҳангон буд ва аз он тоифа ба шумор мерафт [11, с.133]

Дар «Таърихи Байҳақӣ» ва «Таърихи Систон» сардороне, ки дар радифу мартабаи сарҳангон будаанд, «сарҳангшумор» (سرهنگ‌شمار) номида шудаанд [15, с.115 – 116].

“Ин Абулурён марде айёр буд аз Систон ва аз сарҳангшуморон буд ва ғавғо ёри ӯ буданд. Пас Сайф ба сари лашкар дар сарои хеш фуруд омад ва Муҳаммад бини Ҳузайн бо ӯ ҳарб кард” [10, с.177].

Сарҳангёр سرهنگیار – сарҳангёр аз ду вожа сохта шудааст: сарҳанг + ёр. Пасванди «-ёр» дар вожаҳое чун «додёр» (муовини додситон; додситонёр), «донишёр» (дотсент –А.Ҷ.), «устодёр» (асситент –А.Ҷ.) ҳамин маъноро мерасонад [18, с.322].

“Ва намози пешин хилъатҳо, ки аз Амир Байғу оварда буд, ба дасти ҳоҷиб бифиристод ва номаҳои сарҳангёр бар он” [10, с.293].

Фарҳангистони Эрон бо пешниҳоди Анҷумани вожагузинии артиш дар соли 1935 «сарҳангёр»-ро ба ҷои дараҷаи «ноиби сарҳанг» (نایب‌سرهنگ) ниҳода буд, вале дертар «сарҳанги дувум» (سرهنگ دوم) ҷойгузини он шудааст [19, с.38].

Сипоҳ (سپاه) [sipāh] > порсии миёна: spāh > порсии бостон: spāda- > эронии бостон «spāda-» эҳтимолан аз spa-d- андохтан, пеш андохтан; равона кардан; фиристодан [23, с. 1665]; яке аз куҳантарин истилоҳоти низомӣ дар забонҳои эронӣ аст, ки дар авестоии пешин: spāda-, авестоии пасин: spāδa будааст ва дар форсии дарӣ «сипаҳбуд» (سِپَهبُد) гаштааст [4, с.226].

“Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Булқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме барҳонд, Маҳмуд гуфт: Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеч нест магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст, Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд (подшоҳ –А.Ҷ.) *дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки Худой-таоло хештанро ҳеч банда чун Рустам дигар наёфарид”* [10, с.53].

Дар «Таърихи Систон» “сипоҳон” ба маънои Исфаҳон ҳам омадааст: *Наср бини Аҳмад ҳазимат кард ва Аҳмад бини Абдулазиз кор маҳкам фурӯ гирифт ва Бакр бини Абдулазиз бародари вай қалъати Форс горат карду онро вайрон кард ва дарҳои он барканду ба Сипоҳон фиристод ва Мусоид бини Мухаллад ба нафси хеш ба ақиби Аҳмад бини Абдулазиз ба Форс омад ва ба Шероз қарор кард. Ва Аҳмад бини Абдулазиз ба Сипоҳон шуд ва Бӯталҳа ба зинҳор омад пеши Амр ба Систон”* [10, с.241].

Ба гунаи “Исфаҳон” ҳам омадааст (ва бо ҳарфи “сод”(ص) навишта шудааст): “*Ва Амрро хабар набуд аз он ва ҳадяҳо фиристод сӯи Муваффақ ва Муваффақ ба Исфаҳон буд, омада ба талаби Аҳмад ибни Абдулазиз ва Мусо ал-Муфлиҳиро ба Порс фиристод бо сипоҳе бисёр*” [10, с.245].

Дар “Луғатнома”-и Деҳхудо ба гунаи “испоҳон” (اسپاهان), “сипоҳон” (سِپاهان), “испаҳон” (اِسپهان), “сафоҳон” (صَفاهان), “исбаҳон” (اِسبهان) низ омадааст [16].

Сипоҳсолор سِپاه‌سالار – сипаҳсолор яке аз куҳантарин истилоҳоти низомист ва аз ду вожа сохта шудааст: сипоҳ (форсӣ: سپاه > порсии миёна: spāh > порсии бостон: spāda- > эронии бостон: spāda- > эҳтимолан аз spad- андохтан, пеш андохтан; равона кардан; фиристодан) + солор (форсӣ: سالار < порсии миёна: sālār > паҳлавӣ: sarδār > эронии бостон: sara-dāra-) [23, с.1665].

Вожаи “солор” гунае дигар аз “сардор” аст, ки аз куҳантарин замонҳо ба маънои “сардор”, “бузурги қавм”, “пешво” дар номгузории симату дараҷаҳои низомӣ ба кор меравад [7, с.259].

Аз «spāda» дар порсии бостон: «spāda-pati» сохта шуда, ки дар паҳлавӣ: spāδpat: spāδbad, дар порсии миёна: spāhpat: spāhbed, дар суғдӣ spāδpaδ ва дар форсӣ: сипаҳбуд (سپهبُد) гаштааст [4, с.63].

“Аҳмад ибни Абдулазизро, ки сипоҳсолори Яъқуб буда буд. Кирмону Порс мусаммо кард ва аҳду маншур дод. Наср ибни Аҳмад чун ин хабар бишнид, аз Порс ба Кирмон омад ва Амрро огоҳ кард.” [10, с. 241]; “Боз Муҳаммад ибни Ҳамдун ба Хуросон шуд ба хидмати амири Хуросон. Амир Бӯҷаъфар Булфатҳро сипаҳсолор кард ва корҳо бар дасти Булфатҳ ҳамерафт” [10, с.253]; “Сипаҳсолор ин ҷо омад ва шаҳру ҳисор биситуд ва ба ман супурду кори ман тамом гашт ва худ бирафт” [10, с.319].

Дар сипоҳи Сомониён (819 – 999) сарфармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳро сипаҳсолор (سپه‌سالار) ва фармондеҳи фавҷ (қисмате аз артиш, ҳанг ё ҳамон полк – А.Ҷ.)-ро сарҳанг (سرهنگ) меномиданд [25, с. 252].

Дар асар вожаи “сипаҳсолор” ба гунаи “исфислор” (اسفسلار) ҳам омадааст: “*Муҳаммади Қосим бигрехт ва ба Зобулистон шуд ва Аҳмад ибни Қудом Мутаҳҳар ибни Тоҳирро Буст дод. Боз Муҳаммад ибни Ҳамдун исфислорро бо гурӯҳе сипоҳ ба ёрии вай фиристод ба Буст ва худ ба Систон буд, то хабар омад ки Муҳаммад ибни Ҳамдун хилоф пайдо кард ва қасди Буст кард*” [10, с.295].

М. Баҳор гуфтааст, ки: “исфислор” мухаффафи “исфҳасолор” аст [10, с.295], аммо дар “Луағатнома”-и Деҳхудо, вожаи “исфислор”, ки кӯтоҳшудаи ё мухаффаи “исфҳасолор” бошад, зикр нашудааст. Дар ин миён мехоҳам бигӯям, ки дар «Таърихи Систон» вожаи “артиш”, ки маънои “сипоҳ” ё “лашкар”-ро бозгу мекунанд, пайдо нагардид.

Солор سالار – дар забони порсии миёна: sālār > порсии бостон: sar(a)-dāra- > эронии бостон: sara-dāra- < паҳлавӣ: sarδār; сардори сипоҳ, фармондеши лашкар [23, с.1648]; сардор ва фармондеҳи сипоҳ, шуғли солорӣ мисли бисёре аз машоғили муҳимми он замон хилъат дошта ва хилъати шуғли солорӣ, таблу алам ва он чи бо онҳо мутаносиб бошад буда, барои солорӣ доштан савод матраҳ наббудааст [13, с.85].

“Боз сипоҳ ороста кард ва Утайба ибни Мусоро солор кард ва ба Буст фиристод. Аз ин гурӯҳе мутамаррадонро (саркашону нофармоён – А.Ҷ.) *Утайба ибни Мусоро ба наздики хеш роҳ дод ва қасд кард, ки нофармон гардад”* [10, с.160]. Дар асар ба гунаи ҷамъ “солорон” (سالاران) ҳам ба кор рафтааст: *“Солорони эшонро шонздаҳ мард он рӯз бикуштанд* [10, с.133]; *Ва бисёр солорони эшонро бигрифт ва Аҳмади Тоҳиру Исҳоқи Кожин бигрехтанд, ки касе эшонро надид”* [10, с.281].

Дар «Таърихи Систон» вожаи “хонсолор” низ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ҳарчанд “хонсолор” вожаи низомӣ нест, чун ҷузъи дувуми он бо “солор” аст онро ҳам дар ин ҷо зикр мекунем:

Хонсолор خوانسالار – расиси ошпазхона, ошпази суфрахона, сарпарасти суфрахона [16]; сардори дастархон, тартибдиҳандаи дастархон; ошпаз, таббох [7, с.449].

“Абдурраҳмон чун нома бихонд, намози шом чизе хӯрдан пеш оварданд. Яке мурғи фарбеҳ буд бар хон, ҳамехӯрд, ӯро хуш омад. Хонсолорро пурсид, ки: Ҳоли ин мурғ бозгӯй. Гуфт: Он мурғе чанд будаст, ки Абдуллоҳ ибни Омир фиристодаст, ҳама ҳамчунин аст” [10, с.139].

Яксавор یکسوار – савори сипоҳе, ки дар лашкар соҳиби ҳеҷ рутбаи лашкарӣ нест; сипоҳи довталаб; таксавора [16]; танҳосавор, савори танҳо [7, с.686].

“Яъқуб меҳтарони эшонро хилъат дод ва некӯ гуфт, ки: Аз шумо, ҳар ки сарҳанг аст, амир кунам ва ҳар ки яксавор аст, сарҳанг кунам ва ҳар чи пиёда аст шуморо, савор кунам ва

ҳар чи пас аз он ҳунар бинам, ҷоҳу қадр афзоям" [10, с.211]; *"Чун сулҳ бикард, пеши Абдурраҳмон омад, бозгуфт, ки: Ман ин сулҳ ба чӣ кардам, ки яксавор бо ман чунин кард. Абдурраҳмон боз пурсид, ки: Ин кӣ буд? Чандин мард биёмаданду даъво карданд, ки мо будем. Абдурраҳмон гуфт: Маъно надорад, ки даҳ мард ба як ҷисм даршавад, коре чунин кунад, ҳам яке беш буда нест"* [10, с.218].

б) вожаҳои арабӣ.

Маволӣ مَوَالی – ҷамъи вожаи мавло «مولی» аст, ки ба маънои – афроде, ки сипоҳро ташкил медоданд; ғуломон буданд, ки маволӣ хонда мешуданд; ғуломону бандагон; ғуломи озодкарда; соҳиб, молик; чокар, навкар [16].

"Бояд, ки дили сарҳангон ва маволии мо, ки он ҷоанд, бад-он диёр хуш гардонӣ ва эшонро аз ҷиҳати ман таҳният кунӣ, ба хилъатҳои неку ва навохтҳову амалҳои бузургвор." [10, с. 298]; *"Ва андар пеши ӯ ба пой биистод то маволию ом ӯро ба хидмати ӯ бидиданд ва з-он боз гаштанд"* [10, с.233].

Мир-ул-умаро ميرالامرا ё амир-ул-умаро اميرالامرا – фармондеҳи кулли сипоҳ; унвони ҳукком ва подшоҳоне, ки бар кулли сарзамин ҳукумат мекарданд [16].

"Пас вазири хешро наздики ӯ фиристод, ки: Хоҳӣ ту мир бош, то ман сипаҳсолор ва агар на, ту сипаҳсолор, то ман бигӯям, ки мир-ул-умароӣ турост андар ҳама корҳо" [10, с.314].

Муқаддамон مُقَدَّمان – (муқаддам + он) пешравони лашкар; сардорон, солорон ва фармондеҳони лашкар ва пештозон [16].

"Фиристодани лашкари Мансур ба вилояти Гармсер ва ҳаволии Буст ва Такнобод ва ҷамоате дуздон ва рунуд (ҷамъи ринд; зирак, ҳушёр – А.Ҷ.) *-ро барандохтану баъзеро қатл кардан ва он вилоятро аз он ҷамоат холӣ гардонидан ва овардан сари хайлону* (саворон – А.Ҷ.) *муқаддамон ва мардумон..."* [10, с.312].

Муқаддима مُقَدَّمه – пешоҳанги лашкар; гурӯҳе аз сипоҳ, ки пешопеш ҳаракат кунанд; яке аз аркони хамсаи лашкар; маққадимат-ул-ҷайш ё бузурги лашкар [16].

"Амр сипоҳ берун фиристод, сӯи Бурҷон ва Муҳаммад ибни Амрро бар муқаддима фиристод ва Буталҳаро бар асари ӯ ва сипоҳҳои бисёр фавҷ-фавҷ ҳаме фиристоданд." [10, с. 243]; *"Чун лашкарҳо фароҳам расиданд, Муҳаммад ибни Амр буд бар муқаддима ва Амр ҳанӯз аз пас буд"* [10, с.244].

Ориз عارض – исми фоил аз арз (عرض) лашкарнавис ва маъмури арзи сипоҳиён [13, с.127]; фармондеҳи лашкар; арздиҳандаи лашкар; шуморкунандаи лашкар; арзкунанда; ҳисобдори сипоҳ, вазифадори таъминоти сарбозон [16].

"Яъқуб ҳамаи ёрону меҳтаронашонро хилъат дод ва оризро фармон дод, то номҳояшон ба девони арз набишту бистгонишон пайдо кард..." [10, с.172].

Ба андешаи мо истилоҳи "ориз"-ро дар замони имрӯз метавон бо истилоҳи "вазири мудофиа" ё "вазири дифоъ" ҳаммаъно донист.

Соҳиб-ул-ҷайш صاحب‌الجيش – сипаҳсолор, сипоҳсорор, фармондеҳи қушун [16].

"Талҳа ба Систон омад ва бародараш Умар соҳиб-ул-ҷайши ӯ буд ва соҳибшурти (нигаҳбон ва баргузидаи ҳоким – А.Ҷ.) *ӯ Молик ибни Авс ал-Аздӣ"* [10, с.228].

Ҳоҷиб-ул-ҳуҷҷоб حاجب‌الحُجّاب – ин вожа дар фарҳангҳое, ки дар ихтиёри мо буд зикр нашудааст, ҳатто дар "Луғатнома"-и Деҳхудо. Ин вожаи аз ду ҷуз: "ҳоҷиб" ба маъноии пардадор, дарбон, бештар ба пардадор ва дарбони саройи подшоҳ ва амир итлоқ мешавад [13, с.105] ва "ҳуҷҷоб" ҷамъи "ҳоҷиб" ки маънои "ҳоҷибон, пардадорон, дарбонон"-ро дорад [16].

Ба анднешаи мо "ҳоҷиб-ул-ҳуҷҷоб" ҳаммаънои вожаи "ҳоҷиб-ул-кабир" аст, ки маънои "ҳоҷиби бузург", "пардадори бузург", "дарбони бузург" [16] мебошад.

"Гурӯҳе аз пиёдагони Сақзӣ бикуштанд ва Тоҳир бозгашту ба Систон омад ва ҳама бузургони хешро банд барниҳод. Бораси Дайламро, ки сипоҳсолори вай буд, Булҳасани Кошириро, ки ҳоҷиб-ул-ҳуҷҷоб буд, Носир ибни Мансур, ки раиси лашкар буд" [10, с.316].

Талоя طَلایه – қисмате аз лашкарро гӯянд, ки пеш фиристода мешаванд; гурӯҳе, ки пеш фиристанд, то аз душман воқиф шавад; гурӯҳи пешгарди лашкар; аскароне, ки вақти шаб лашкарро посбонӣ мекунанд [16].

"Ин ҳама андар санаи салосун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се –А.Ҷ.) *буд ва савор ба талоя ҳамешуд зи лашкари султонӣ"* [10, с.271].

Ҳашам حَشَم – ҳашам, гурӯҳе аз мардум аст, ки барои ҷанг дар маркаби подшоҳон ҷамъ мешуданд; пасравон [16].

"...Муҳаммади Хамдун ба ҳашам ба Хуросон шуд ба даргоҳи амири Хуросон..." [10, с.258].

Шиҳнагон شِحنگان – (шиҳна + гон). Шиҳна (شِحنه) марде, ки ӯро подшоҳ барои забти корҳо ва сиёсати мардум дар шаҳр насб кунад ба урф онро кутвол ва ҳоким гӯянд ва ин лафз ба фатҳа (яъне шаҳна – А.Ҷ.) ғалат аст; нигаҳбони шаҳр, ноиби ҳокими шаҳр, доруға, ҳокими низомӣ [16].

"Ва амир Булфазл аз Дошан бирафт ва айёрони шаҳру сарҳангону шиҳнагон он ҷо ҳарб карданду эшонро галаба карданд ва бисёр солорони эшонро бигрифт" [10, с340].

в) вожаҳои дутаркиба.

Девони арз دیوان عَرض – мутасаддии умури лашкариён; мутасаддии ҳоли сипоҳиён; вазорати ҷанг, вазорати дифоъ; ба маънои "девони сипоҳ" ҳам маъруф буд [13, с. 84].

Вожаи "девон" (دیوان) дар порсии бостон: dipi-pāna; dipi: набишата, катиба хат ва pāna: аз решаи pā: пойидан, ҳифз кардан [22, с.1405] ва вожаи "арз" (عَرض) дар ин ҷо ба маънои "идора ва гардонидани умури сипоҳиён" [16] мебошад

"Яъқуб ҳамаи ёрону меҳтаронашонро хилъат дод ва оризро (вазири мудофеаро – А.Ҷ.) *фармон дод, то номҳошон ба девони арз* (вазорати мудофеа – А.Ҷ.) *набишт"* [10, с.171].

Зарродхона زرّادخانه – силоҳхона, маҳалли аслиҳа ва захоиру муҳиммоти низомӣ, анбори муҳимот ва аслиҳа, анбори аслиҳа [16].

"Сарҳангони сипоҳро ҳама некӯӣ гуфт ва аз Амр умедҳо кард ва чиз дод, то бо ӯй (ӯ – А.Ҷ.) *яке гаштанд, пас бар Тарак бини Аббос худ ва он сипоҳ, ки аз они амирулмуъминин бо ӯ буданд шабехун кард ва ҳама сипоҳи ӯро бикушт ва моли ӯй ва хазоину сутурон бигирифт ва зарродхона..."* [10, с.242].

Силоҳхона سِلاح خانه – ин таркиб аз ду вожа "силоҳ" (سِلاح) вожаи арабӣ аст, яъне ҳар олате, ки дар ҷанг ба кор равад; олати ҷанг ва вожаи "хона" (خانه) паҳлавӣ аст ва ҳар ду дар якҷогӣ ба маънои – ҷойе ки силоҳро дар он ҷо ҷой кунанд, анбори аслиҳа, ҷое ки дар он теғу шамшер ва ханҷар нигоҳ доранд, ҷабҳахона ва аслиҳахона низ гӯянд [16].

"…ва ҳанӯз ҳеч дари силоҳхона боз накарда буданд" [10, с.293].

Ҳашариён حَشَریان – ҷамъи "ҳашар" (حَشَر) сипоҳи номуназам; афроде, ки довталабона кореро анҷом медиҳанд (кори ҷанг ё ғайри ҷанг) [13, с.85].

"Тирбороне саъб (сахт –А.Ҷ.) *карданд ва ҳамлаҳои гарм оварданд ва лашкаре чун ҳазимат* (шикаст, ақибнишинӣ –А.Ҷ.) *дид, низ бирондан гирифт, то з-он ҳашариён андар он ҳазимат наҳви се ҳазор мард кушта шуд"* [10, с.225].

«Ибораҳои кӯтоҳу расо ҳамроҳ бо таркибҳои бадеъ ва истилоҳоти ноби порсӣ аз дигар вижагиҳои ин матн ба шумор меравад. Маҷмуи вожагони тозии матн аз 5% бештар нест ва аз ин рӯ, «Таърихи Систон» забонеро зинда нигаҳ дошта, ки дар ҳудуди 5% вожаҳои он аз миён рафтааст» [20, с.258].

Хулоса, аз пажуҳиши хеш ба чунин хулоса омадем, ки вожаҳои вобаста ба сипоҳ ё артиш, ки дар «Таърихи Систон» ба кор рафтаанд дар камтар китобе дида мешавад. Муаллифи он аз ин рӯ дар интқоли забони форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои пасин саҳми арзанда дорад ва аз матни китоб равшан мешавад, ки сарзамини Систон аз нигоҳи лашкардорӣ хело бомунтазам, устувор ва дорои низомҳои нерӯманд ва пешрафта будааст.

Аз ин рӯ, «Таърихи Систон» гузашта аз арзиши ривоятҳои таърихӣ, аз нигоҳи шевоии забон ва равонию содагии матн дар канори «Таърихи Байҳақӣ» ва «Таърихи Гардезӣ» карор мегирад ва ҳамчунин нигорандаи он тавониста дар густариши таърихнигории эронӣ нақши бисёр муҳим ва созгор бозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Восканян Г.А. Русско - персидский словарь: Ок. 30 000 слов / Г.А. Восканян. – М.: Рус. яз., 1986. – 832 с.
2. Рубинчик Ю.А. Персидско – русский словарь (В двух томах) Том I. / Ю.А. Рубинчик. – Издательстов "Советская энциклопедия", – Москва, 1970. – 782 с.
3. Рубинчик Ю.А. Персидско - русский словарь. В двух томах. Том II. / Ю.А. Рубинчик. – Издательстов "Советская энциклопедия", – Москва, 1970. – 847 с.
4. Саймиддинов Додихудо. Вожашиносии забони форсии миёна / Додихудо Саймиддинов. – Душанбе: "Пайванд", 2001. – 310 с.

5. Сулаймон Анварӣ. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома» / Анварӣ Сулаймон. – Душанбе: «Маориф», 1994. – 120 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1 (А–Н) Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: “Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ”, 2008. – 949 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 2 (О–Я) Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе: “Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ”, 2008. – 944 с.
8. Худоиева Н. Структурно - семантический анализ системы военной терминологии таджикского языка/ Н. Худоиева Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2019. – 148 с.
9. بدرالزمان قریب، شهرزاد فتوحی. فرهنگ سُغدی (سغدی - فارسی - انگلیسی). – تهران: "فرهنگان" 1374. ص. 650
10. تاریخ سیستان. به تصحیح محمدتقی بهار (ملک‌الشعرا). – تهران: "معین" 1381. ص. 436
11. حسن انوری. اصطلاحات دیوانی دوره غزنوی و سلجوقی. – تهران: "سخن" 1373. ص. 323
12. رضا رفایی قدیمی مشهد، زهرا اختیاری. تاریخ بیهقی و علوم و فنون نظامی. جستارهای ادبی مجله علمی پژوهشی، شماره 191، زمستان 1394. ص. 201
13. سید احمد حسینی کازرونی. فرهنگ تاریخ بیهقی. «تأریخ تمام نمای دوره‌ی غزنویان». – تهران: "زوّار"، 1384. ص. 778
14. شاهنامه حکیم ابوالقاسم فردوسی. (متن کامل چهار کتاب اصلی و سه داستان الحاقی با مقابله و تصحیح از روی مشهورترین نسخه‌ها) به کوشش پژمان پورحسین. (نسخه سازگار با آیپاد). شهرور ماه1391. ص. 622
15. علاءالدین طباطبایی. فرهنگ توصیفی دستور زبان فارسی. – تهران: "فرهنگ معاصر"، 1395. ص. 640
16. علی‌اکبر دهخدا. "لغتنامه دهخدا". (نسخه دیجیتال) بر اساس نسخه فیزیکی 15 جلدی انتشار سال 1377. مؤسسه لغتنامه دهخدا و مرکز بین‌المللی آموزش زبان فارسی دانشگاه تهران، 1399.
17. غیاث‌الدین محمد بن جلال‌الدین بن شرف‌الدین رامپوری. "غیاث‌اللغات". با حواشی و اضافات به کوشش محمد دبیرسیاقی. جلد دو. – تهران: "کانون معرفت" 1377. ص. 656
18. فرهنگ‌نامه فارسی: واژگان و اعلام. غلام حسین صدری افشار، نسرین حکمی، نسترن حکمی. 3 جلد. – تهران: "فرهنگ معاصر"، 1390. ص. 1078
19. محسن روستایی. واژگان نظامی مصوب فرهنگستان ایران (1314-1320) – بخش سوم. گنجینه اسناد. **دوره 4، شماره 4، زمستان 1373.** ص. 956
20. محمّد تقی بهار. «ملک الشّعرا»، سبک شناسی یا تأریخ تطوّر نثر فارسی. جلد اوّل. – تهران: "امیر کبیر"، 1382. ص.467
21. محمد حسن‌دوست. فرهنگ ریشه‌شناختی زبان فارسی. جلد اوّل. فرهنگستان زبان و ادب فارسی. – تهران: "نشر آثار". 1393. ص. 584
22. محمد حسن‌دوست. فرهنگ ریشه‌شناختی زبان فارسی. جلد دوم. فرهنگستان زبان و ادب فارسی. – تهران: "نشر آثار". 1393. ص. 1410
23. محمد حسن‌دوست. فرهنگ ریشه‌شناختی زبان فارسی. جلد سوم. فرهنگستان زبان و ادب فارسی. – تهران: "نشر آثار". 1393. ص. 2080
24. محمد حسن‌دوست. فرهنگ ریشه‌شناختی زبان فارسی. جلد چهارم. فرهنگستان زبان و ادب فارسی. – تهران: "نشر آثار". 1393. ص. 2954
25. محمد رضا ناجی. فرهنگ و تمدن اسلامی در قلمرو سامانیان. – تهران: "امیر کبیر" 1386. ص. 904
26. محمد کاظمی. فرهنگ واژه‌های نظامی. چاپخانه ارتش شاهنشاهی. – تهران: 1355. ص.411
27. مهوش واحددوست. کتاب تاریخ بیهقی از منظر فرهنگ شناسی.– تهران: "زوار"، 1399. ص. 606
28. وحید سبزیان پور. بررسی تطبیقی آیین سپاهیگری ایران باستان با استناد به "عیون‌الاخبار" ابن قتیبه و "شاهنامه" فردوسی. کاوشنامه ادبیان تطبیقی، سال پنجم، شماره 17، بهار 1394. صص.75-104

ИСТИЛОҲОТИ ВОБАСТА БА СИПОҲ Ё АРТИШ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Аз нигоҳи забонӣ ин китоб, яъне «Таърихи Систон» арзиши беандоза дорад, чаро ки моро ба чигунагии гуфтори забони порсӣ-тоҷикӣ дар садаи XI ба хубӣ ошно месозад. Гуфторҳои арзандае дар ин таърих нигошта шудааст, ки дар дигар таърихномаҳо дида намешавад. Барои намуна маълумот перомуни оғози шеъри порсӣ ва нахустин шоирони порсигӯй дар дарбори Яъқуби Лайси Саффорӣ аст. Китоби «Таърихи Систон» дарбаргирандаи бахше аз таърих ва рухдодҳои ин сарзамин аст, ки яке аз боризтарин ва равшантарин вижагиҳои он истилоҳоти артишӣ ва идорӣ аст, ки дар он ба кор рафтааст. Ин нукта худ нишонгари он аст, ки Эрони бостон соҳиби ойини кишвардории тавоно ва арзишманд будааст.Шинохти истилоҳоти вобаста ба сипоҳ ё артиш дар осори таърихии форсӣ-тоҷикӣ ба андешаи мо бисёр муҳим ба назар мерасад, зеро арзиши вожаҳои таърихии форсӣ-тоҷикӣ ба ҳадде аст, ки агар ба дигаргунии вожагонӣ таваҷҷуҳе нашавад, мумкин аст бо гузашти замон ҳувият ва асолати як миллатро бо гузаштааш бегона созад. Мақолаи мо як пажуҳише аст дар шинохти бархе истилоҳоти сипоҳӣ ё артишӣ дар «Таърихи Систон». Ҳадафи мо аз нигоштани ин мақола он аст, ки истилоҳоте, ки дар «Таърихи Систон» ба кор рафтаанд, имрӯз низ корбурд доранд ё не ва дигаргунии вожаҳо, то кадом андоза аст ва сабаби дигаргунӣ чӣ будааст, онро бозшинохта ё мушаххас намоем.

Калидвожаҳо: таърих, таърихнигор, «Таърихи Систон», сарзамини Систон, бостонӣ, ойини лашкардорӣ, сипоҳ, забони форсӣ, вожаҳои таърихӣ, истилоҳоти низомӣ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ, СВЯЗАННАЯ С АРМИЕЙ ИЛИ ВОЕННЫМИ СИЛАМИ В КНИГЕ «ИСТОРИЯ СИСТАНА»

С лингвистической точки зрения книга «История Систана» имеет огромную ценность, потому что знакомит нас разговорной персидско-таджикской речью XI века. В эту книгу включены ценные истории, которые не встречаются в других источниках. Например, есть сведения о зарождении персидской поэзии и первых персоязычных поэтах при дворе Якуба Лаиса Саффари.Книга «История Систана» содержит историю и события этой земли, одной из самых явных и ясных черт которых является используемая в ней военно-административная терминология. Этот факт показывает, что в древнем Иране существовали сильные ценные традиции патриотизма. На наш взгляд, в персидско-таджикских исторических трудах признание терминов, связанных с армией или военными силами, очень важно, потому что значение исторических персидско-таджикских слов настолько велико, что если не обращать внимания на изменение лексики, то, возможно, что с течением времени оригинальность и менталитет нации отдалят ее от своего прошлого. Наша статья представляет собой исследование некоторых военных терминов в книге «Истории Систана». Наша цель при публикации этой статьи состоит в том, чтобы повторно

идентифицировать или уточнить термины, используемые в книге «Истории Систана», независимо от того, используются ли они до сих пор или нет, в какой степени слова изменились и что послужило причиной изменения.

Ключевые слова: история, историк, «История Систана», земля Систан, древность, воинский обряд, войско, персидский язык, исторические слова, военные термины.

TERMINOLOGIES RELATED TO ARMY OR MILITARY FORCES «HISTORY OF SISTAN»

From a linguistic point of view, this book, namely "History of Sistan", has immense value, because it makes us well acquainted with the way of speaking the Persian-Tajik language in the 11th century. There are some valuable stories in this history that cannot be found in other histories. For example, there is information about the beginning of Persian poetry and the first Persian-speaking poets at the court of Yakub Lais Saffari. The book "History of Sistan" contains a part of the history and events of this land, one of the most obvious and clearest features of which is the military and administrative terminology used in it. This fact shows that ancient Iran had a powerful and valuable rite of patriotism. In our opinion, the recognition of terms related to the army or military forces in Persian-Tajik historical works is very important, because the value of historical Persian-Tajik words is so great that if we do not pay attention to the change of vocabulary, it is possible that with the passage of time, the identity and originality of a alienate the nation from its past. Our article is a study on the recognition of some military terms in the "History of Sistan". Our goal in publishing this article is to re-identify or identify the words used in the "History of Sistan" whether they are still used today or not, and to what extent the words have changed and what was the reason of changing.

Keywords: history, historian, "History of Sistan", the land of Sistan, antiquity, military rite, army, Persian language, historical words, military terminology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулҳадов Ҷумъахон Зикируллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

Сведения об авторе: ***Абдулхадов Джумахон Зикируллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

Information about the author: ***Abdulhadov Jumakhon Zikirulloevich*** – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associated Professor of Iranian Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

УДК: 491.550:44

КОРБУРДИ ФЕЪЛҲОИ ЁВАР ДАР ШАКЛГИРИИ ЗАМОНҲОИ СИҒАИ ХАБАРИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

(дар асоси маводи повести «Одина»-и С.Айнӣ)

Хуҷамқулов С.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Феълҳо гуногунвазифаанд ва вобаста ба матн маънову мазмун ва вазифаашон фарқ мекунад. Ба ақидаи Н. Маъсумӣ ҳамаи феълҳо дар ҷумла мустақил буда, гурӯҳе мафҳуми мутлақ ва қисми дигар мафҳуми нисбиро ифода мекунанд [8, с.192].

Аслан дар ҷумла бо назардошти вазифаашон ду маънои асосии феълҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) маънои луғавӣ; 2) маънои грамматикӣ.

Маънои луғавии феълҳо он аст, ки ифодаи мазмуни ҷумла тавассути вай мукаммал мегардад ва набудани он боис ба ноқис баромадани муҳтавои матн ё ҷумла мешавад. Ин навъи маъноро ба ҳамаи феълҳо рабт додан мумкин аст, зеро ҳеҷ як феъл бидуни мазмун буда наметавонад.

Маънои грамматикии феъл бошад дар баёни хусусиятҳои дастурии ҷумла инъикос мегардад ва бе мавҷудияти он сохтори грамматикии ҷумла вайрон мегардад. Ин шакли маъно хосси на ҳама феълҳост.

Дар баробари ин, феълҳое ҳастанд, ки ҳам маънои луғавӣ доранд ва ҳам грамматикӣ, яъне онҳо дар офаридани хусусияти грамматикии ҷумла низ саҳм мегузоранд. Дар илми забоншиносӣ ин қабил феълҳоро бо истилоҳи “феълҳои ёридиҳанда” ё “феълҳои ёвар” ба кор мебаранд.

Доир ба хусусиятҳои грамматикию семантикии феълҳои ёридиҳанда андешаҳои гуногун пешниҳод карда шудаанд, вале пажуҳиши ҷудогонаи илмии онҳо, ба истиснои “феълҳои модалӣ”, анҷом дода нашудааст. Бештарин андешаҳо оид ба моҳияти феълҳои ёридиҳанда ҳангоми таҳлили сохти феълҳо ва категорияҳои феълӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар забоншиносии тоҷик метавон аз муҳаққиқоне чун Расторгуева В., Керимова А., Розенфельд А., Н. Маъсумӣ, Ҷамшедов П., Маҷидов Ҳ., С. Ҳалимиён, Сиёев Б., Гулназарова Ж., Мирзоева М., Исмоилзода Э., Низомова С., Яқубов Т., Сангимадов Ф., Кенҷаева О., Обртелова Я., Маликзода Ҳ., Толибова Г., Ҳабибов С., Бойматов А., Мавлонбердиева О., Қулматова Г., Шербоев С. ва дигарон ном бурд, ки дар мақола ва китобу дастурҳояшон роҷеъ ба феълҳои ёридиҳанда маълумот додаанд.

Феълҳои ёридиҳандаи забони фаронсавӣ ҳам аз назари забоншиносон дур намондаанд ва дар ин маврид андешаҳои илмии бисёре дастрас мебошанд. Яке аз муваффақтарин забоншиносон дар самти таҳқиқи грамматикаи забони фаронсавӣ Гак В. Г. мебошад, ки бештари пажуҳишгарони муосир такя ба андешаҳои ӯ менамоянд. Номбурда дар асари назариявии худ ба масъалаи калимаҳои мустақилмаънову ёридиҳанда дахл менамояд ва, махсусан, феълҳоро аз рӯйи иштирокашон дар шаклгирии бисёр хусусиятҳои забонӣ ҷудо месозад ва то андозае вазифаи онҳоро мушаххас намудааст. Аз ҷониби дигар, донишмандони риштаи забон, мисли М. Риежел, Жан-Кристоф Пеллат, Рене Риул, Ш. Балли, Кузнецова И. ва дигарон низ назарияҳои илмӣ оид ба феълҳои ёридиҳандаи забони фаронсавӣ дастрас ҳастанд.

Новобаста ба ин ҳама омӯзишҳо ҳоло ҳам масоили ҳалталабу ба тадқиқ ниёздоштаи ин қабил феълҳо пешорӯйи забоншиносон қарор доранд. Аз ҷумла, дақиқ намудани миқдори феълҳое, ки ба қатори феълҳои ёвар дохил мешаванд ва мушаххас кардани вазифаҳои грамматикии онҳо то кунун анҷом дода нашудааст. Пажуҳиши муқоисавии феълҳои ёридиҳанда дар мисоли забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ, ки аз ҷиҳати гурӯҳбандӣ ба як оилаи забонҳо дохил мешаванд, барои ҳалли масъалаҳои таҳқиқнашуда метавонад то андозае мусоидат карда бошад. Бинобар ин, дар мақола мавқеи феълҳои ёридиҳандаи забонҳои зикршуда дар сохтани замонҳои сиғаи хабарии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ нишон дода шудааст. Барои боз ҳам мутақоид намудани хонанда муаллиф аз ҷумлаҳои қиссаи “Одина”-и устод Садриддин Айнӣ истифода бурдааст.

Бояд гуфт, ки тавассути феълҳои ёридиҳанда феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ сохта мешаванд. Онҳо дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ иштирок карда, барои ташкили

категорияҳои феъл ва ифодаи вазифаву маънои таркибҳои феълӣ хизмат мекунанд [5, с.182]. Як қисми феълҳои ёридиҳанда, ки бештар хусусияти модалнокӣ доранд ва муносибати фоилро бо амал нишон медиҳанд, феълҳои модалӣ (*тавонистан, хостан, шоистан, боистан*) ҳастанд [5, с.183; 13, с.87].

Бештари феълҳои ёвари забонҳои омӯхташаванда дар сохтани феълҳои таркибӣ иштирок намуда, доираи корбурди васеъро соҳибанд, маънофарӣ дар онҳо зиёд дида мешавад. Аломатҳои морфологии амал (феъл), монанди тасрифшавӣ, замон, намуду тарз ва сиға дар феъли ёридиҳанда зоҳир гардад ҳам, вале дар сохтори феълҳои таркибӣ вай аслан вазифаи маъносозиро иҷро мекунад ва якҷоя бо дигар ҳиссаи номии нутқ маънои навро меофарад. Муҳаққиқ Раҳмонов Б. ба Парвиз Нотили Хонларӣ пайравӣ намуда, ин чунин феълҳоро «феълҳои ҳамкард» мегӯяд [12, с.93]. Бо дарназардошти маънофариашон мо онҳоро шартан «феълҳои ёвари маънофар» (- С.Х.) меномем. Аз феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ *кардан, намудан, гардидан, шудан, сохтан* ва ғайра бештар дар сохтани феълҳои таркибии номӣ саҳм мегиранд [8, с.193].

С. Ҳалимиён феълҳои *будан, шудан, кардан* ва *намудан*ро феълҳои ёвар гуфта, аз гурӯҳи феълҳои мустақил ҷудо намудааст [17, с.9]. Ин гурӯҳбандӣ на чандон қобили қабул буда метавонад, зеро феълҳои зикршуда маъноҳои зиёди луғавиро низ доранд. Чунончи, феъли "будан" аз мавҷудияти ашёву предмет хабар медиҳад. Ё худ, дар ҷумлаи "*Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлу, гоҳ ба он паҳлу ва гоҳе пуштнокӣ ёзида оқибат хобаш даррабуд, дигар надонист, ки рама кӯҷо рафт, маркаб чӣ кард ва ҳезум чӣ* ***шуд****?"* [1, с.9] феъли ***шудан*** вожаи мустақили маънодор буда, ба маънии «***ба вуқӯъ омадан, рух додан***» кор фармуда шудааст.

Дар забони тоҷикӣ феълҳои *будан, гаштан, истодан, гирифтан, шудан* ва *хостан* дар сохтори таркибҳои феълӣ иштирок карда, аломатҳои дастурии амалро инъикос менамоянд. Аз ин ҷиҳат, донишмандон онҳоро феълҳои ёридиҳандаи шаклсоз [17, с.10] низ мегӯянд.

Гак В. Г. феълҳои ёвари забони фаронсавиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: 1) **вспомогательные глаголы**; 2) **служебные глаголы** [3, с.139]. Ҳарчанд дар "Луғати русӣ-тоҷикӣ" вожаи "служебный, ая, ое" ба маънои грамматикиаш "ёридиҳанда" [7, с.1026] шарҳ дода шудааст, вале гурӯҳи якумро "феълҳои ёридиҳанда" ва гурӯҳи дуюмро "феълҳои хизматрасон" меномем. Ҳарчанд ин номгузорӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ бошад ҳам, аммо барои фарқиятгузорӣ миёни онҳо кумак мерасонад. Ӯ мегӯяд, феълҳои хизматрасон (служебные глаголы) бо маънои аслии худ ба шакли морфологии феъл дохил нашуда, ҳамроҳ бо он (қисми дигари феъли таркибӣ - С.Х.) як аъзои ҷумла, мисли ибораву таркибро ташкил медиҳад [3, с.139]. Пажуҳишгарони системаи дастурии забони фаронсавӣ онҳоро «феълҳои нимаёридиҳанда» (verbes semi-auxiliaires) ҳам номидаанд. Ин гуна феълҳо асосан ду вазифаро иҷро менамоянд: 1) бандак, ки муносибати хабар бо мубтадоро ифода мекунанд; 2) хабари таркибии масдарӣ, ки хусусиятҳои тарзу намуд ва муносибати фоил бо амалро нишон медиҳанд.

Ҳамчунин гурӯҳи дигари феълҳои нимаёридиҳанда низ ҷудо карда шудааст, ки онҳоро «глаголов-операторов», яъне «феълҳои таҳиякунанда» ё «феълҳои муносибатсоз» (verbes opérateurs, verbes supports) меномад. Онҳо имконият медиҳанд, ки бо дигар ҳиссаи нутқ (исму сифат) хабари феълӣ сохта шавад [3, с.139].

Бо истилоҳи феълҳои ёрирасон - «вспомогательные глаголы» (verbes auxiliaires) Гак В.Г. танҳо феълҳоеро ба ҳисоб мегирад, ки дар ифодаи категорияҳои феъл иштирок мекунанд. Ба ин гурӯҳ феълҳои «*être, avoir, aller, venir*»-ро дохил мекунад [3, с.139].

Дар сохтани замонҳои сиғаи хабарии забони тоҷикӣ аз феълҳои ёвари шаклсоз *будан*, *истодан* ва *хостан* иштирок мекунанд, ки шаклҳои замони гузашта, ҳозира ва ояндаро ба вуҷуд меоваранд.

Феъли **будан** яке аз вожаҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ буда, бо маъноҳои *«вуҷуд доштан, ҳастӣ доштан; истодан, нишастан»* [14, с.209] шарҳ дода шудааст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, маънои бештари феъл ифода ёфтааст: *1. вуҷуд доштан; мавҷудият, ҳастӣ. 2. ҳузур доштан; ҳозирӣ; воқеъ гаштан. 3. истиқомат доштан, қарор гирифтан; истодан. 4. банд шудан. 5. ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозад* [15, с.242]. Дар ифодаи хусусиятҳои зиёди грамматикӣ низ ин феъл мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Аз ҷумла, дар сохтори замонҳои *гузаштаи дур*, *гузаштаи дури нақлӣ*,

гузаштаи дури давомдор (муайян) ва *гузаштаи дури давомдори нақлӣ* мавқеи назаррасро ишғол мекунад.

Дар қиссаи «Одина» устод Айнӣ аз замонҳои зикршуда ба таври васеъ ва вобаста ба нутқи қаҳрамонҳои асар истифода намуда, меъёри забони адабии тоҷикиро бо маҳорати баланди нависандагӣ ба инобат гирифтаанд: *Ба ҳамин тариқа аз расидани санге ба санге гулгулае дар кӯҳсор <u>бархоста буд</u>* [1, с.10].

Ҷумлаи болоӣ дар замони гузаштаи дур ифода гардидааст. Феъли асосии ҷумла (*бархостан*) дар шакли сифати феълӣ (*бархоста*) омада, асоси замони гузаштаи феъли *будан* (*буд*) ҳамчун феъли ёридиҳанда кор фармуда шудааст. Дар фосилаи дур воқеъ гардидани амал маҳз тавассути он инъикос гардидааст.

Чун феълҳои таркибӣ дар замонҳои бо феъли «будан» сохташаванда қарор гиранд, он гоҳ феъли ёвари маънофар дар шакли сифати феълӣ ва феъли ёвар дар шакли тасрифӣ ифода мегардад. Чунин ҳолат дар асар бениҳоят зиёд мушоҳида карда мешавад: *Соли гузашта аз ваҷҳи гӯсфанди маибшуда низ даҳ танга <u>қарздор шуда будӣ</u>* [1, с.19].

Тавре дар ҷумла мебинем, феъли таркибӣ аз сифату феъл (*қарздор+шудан*) иборат аст ва дар замони гузаштаи дур ифода гардидааст. Аломати дар фосилаи дур воқеъшавии амал тасрифи феъли шаклсоз дар шахси дуюми танҳои замони гузаштаи наздик (*будӣ*) мебошад.

Ифодаи фосилаи замонии комилан ё нисбатан дури хабар бештар аз мазмуну муҳтавои матн фаҳмида мешавад. Баъзан калимаю ибораҳои алоҳида, ки дар инъикоси вақт нақш доранд (монанди зарфҳои замон) барои дарки фосилаи замон кумак мекунанд: *Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падару модари худ ҷудо шуда, <u>ятиму бекас монда буд</u>* [1, с.5].

Дар ин ҷумла хабар феъли таркибӣ буда, ба воситаи сифату феъл (*ятиму бекас мондан*) сохта шудааст. Шакли тасрифии шахси сеюми танҳои замони гузаштаи наздики феъли *будан* (*буд*) аз бармаҳал воқеъ шудани амал гувоҳӣ медиҳад. Илова бар ин, фосилаи дури иҷрошавии амалро вожаи «*дувоздаҳсолагӣ*» бо нишон додани лаҳзаи дақиқу муайян инъикос кардааст.

Шакли инкории замонҳои бо феъли ёридиҳанда сохташаванда тавассути илова намудани пешванди инкории на- (баъзан не-) ба феъли асосии ҷумла ё феъли ёвари маънофар анҷом дода мешавад: *Одина модаркалони меҳрубони худро низ <u>аз ёд набароварда буд</u>* [1, с.63]. Дар ҷумлаи овардашуда ба воситаи феъли *баровардан* феъли таркибӣ (*аз ёд баровардан*) сохта шуда, ба маънои «фаромӯш кардан» корбаст шудааст ва ҳамчун хабари ҷумла дар шакли инкорӣ (*аз ёд набароварда буд*)-и замони гузаштаи дур омадааст.

Илова бар ин, дар шакли инкорӣ омадани феъли замонсозро ҳам вохӯрдан мумкин аст. Чунин шакл гирифтани феъли инкорӣ асосан хосси забони назм ва насри адабиёти классикӣ мебошад. Аммо устод Айнӣ дар повести «Одина» то андозае аз ин қоида истифода намудаанд: *Аммо оммаи мардум ба ризову рағбати худ ҳеҷ гоҳ ба ӯ <u>ёрӣ додани набуданд</u>* [1, с.125]. Гарчанде ҷумлаи боло дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ баён гардида, иҷрои амалро дар майлу хоҳиши гурӯҳи шахсон вобастабуда нишон додааст, лекин шакли инкории феъли ёвари «будан» (*набуданд*) дар гузашта воқеъшавии онро ифода намудааст. Ин гувоҳи он аст, ки феъли мавриди назар дар шаклгирии замонҳои дигар сиғаҳо ҳам иштирок мекунад.

Аз дигар замонҳои ба воситаи феъли ёвари шаклсози *будан* сохташаванда муаллифи асар дар муқоиса бо замони гузаштаи дур нисбатан камтар истифода намудааст. Чунончи, замони гузаштаи дури нақлӣ танҳо 5 маротиба, замони гузаштаи дури давомдор (муайян) 14 маротиба кор фармуда шудаанд. Мутаассифона, дар повест устод Айнӣ аз замони гузаштаи дури давомдори нақлӣ ягон маротиба истифода набурдаанд.

Арбоб Камол аз ҳанг задани хар омадани рамаро фаҳмида, ошеро, ки <u>хӯрда истода буд</u>, нимкора монда берун баромад ва аз назар гузаронид ... [1, с. 12].

Феъли *хӯрдан* дар ҷумла замони гузаштаи дури давомдор (*хӯрда истода буд*)-ро ифода карда, амалеро нишон медиҳад, ки қабл аз оғози амали дигар иҷро гардидааст ва бо шурӯи амали нав қатъ шудааст. Дар ташкили замони қайдшуда ду феъли ёвар – *истодан* ва *будан* иштирок мекунанд. Аввалӣ дар шакли сифати феълӣ (*истода*) аз давомнокии амал ва дувумӣ дар ҳолати тасрифшуда (*буд*) фосилаи дури замонро ифода мекунанд.

Агар феъли таркибӣ ба воситаи феъли «*будан*» сохта шуда бошаду дар замони гузаштаи наздик биёяд ва барои ифодаи давомнокии амал феъли *истодан* истифода бурда шавад, он гоҳ шакли замони гузаштаи наздик бо замони гузаштаи дури давомдор монанд мешавад. Барои дарки замон мазмуни ҷумла ёрӣ мерасонад. Чунончи, дар ҷумлаи *«Аз заъфу*

нотавонӣ ҷонаш ба лаб расида, гӯё ки фақат аз барои шунидани хабари ҷонони худ <u>мунтазир истода буд</u> [1, с.119]» феъли *истодан* ҳам давомнокии амал ва ҳам барқарории онро ифода менамояд. Хабари ҷумла феъли таркибии *мунтазир будан* ба шумор рафта, феъли ёвари шаклсози *будан* ҳамчун феъли ёридиҳандаи маъносоз ба кор рафтааст ва дар замони гузаштаи наздик *(мунтазир буд)* қарор гирифтааст.

Замони гузаштаи дури нақлӣ ба воситаи сифати феълии феъли асосӣ ва тасрифи феъли ёридиҳандаи *будан* дар замони гузаштаи нақлӣ сохта мешавад ва амалеро ифода менамояд, ки пеш аз амали дигар рух дода ба анҷом расидааст ва натиҷааш барои гӯяндаву шунаванда маълум аст. Доираи истеъмоли ин замон нисбатан маҳдуд буда, матн барои муайян намудани маънии он ёрӣ мерасонад. Устод Айнӣ дар повести «Одина» замони мазкурро асосан зимни нишон додани амали дар фосилаи дур воқеъгардида кор фармудааст, ки сарчашмаи маълумот шахси дигар аст: *Лекин бо вуҷуди ин, ба умеди хизматона ситонидан ба модарам хабар доданд, ки баъд аз чор рӯз бечора кампир омад, барои ман як куртаву як лозимӣ, як мурги яхнӣ, камтар нон ва як коса равғани зард <u>оварда будааст</u>* [1, с.143]. Таврe аз ҷумла маълум мегардад, се амал – яке пештар ва дуи дигар сонитар воқеъ гардидаанд. Амали якумро феъли *овардан* дар замони гузаштаи дури нақлӣ ҳамроҳ бо феъли ёвари *будан* (*оварда будааст*), дигар амалҳоро феъли таркибии *хабар додан* ва феъли содаи *омадан* дар замони гузаштаи наздик (*хабар доданд, омад*) инъикос намудаанд.

Феълҳои ёридиҳандаи маънoофар дар замони гузаштаи дури нақлӣ шакли сифати феълиро мегиранд ва феъли *будан* ҳамчун воситаи замонсоз тасриф меёбад: – *Кринский – гуфт ношинос, – Николайро бекор карда худ ба ҷойи ӯ <u>подшоҳ шуда будааст</u>, коргарону деҳқонон вайро бекор карда, корро ба дасти худ гирифтаанд* [1, с.107]. Дар ҷумла феъли таркибии *«подшоҳ шудан»* дар замони гузаштаи дури нақлӣ (*подшоҳ шуда будааст*) омада, амали қабл аз вуқуи амали дигарро нишон медиҳад, ки дар фосилаи дури номуайян иҷро шудааст. Феъли мазкур тавассути ду феъли ёридиҳанда – шудан ва будан сохта шудаст, ки якумӣ маънoофар ва дувумӣ ифодаи замонист. Мазмуни ҷумла бар он гувоҳӣ медиҳад, ки гӯянда худ шоҳиди воқеа набуда, каси дигар ба ӯ ин хабарро расонидааст.

Феъли **истодан** ба қатори феълҳои содаи забон дохил шуда, сермаъност: *1. ба по будан. 2. иқомат доштан, зистан, будан. 3. таваққуф кардан; ист кардан; қарор гирифтан, ором шудан. 4. барҷо (қоим) будан; воқеъ гаштан. 5. истодагарӣ кардан, устувор будан, пойдор будан. 6. ҳамчун феъли ёридиҳанда ба феълҳои асосӣ ҳамроҳ шуда, давомнокии амалу ҳолатро ифода мекунад. 7. ҳамчун феъли ёридиҳанда шаклҳои замони ҳозираи муайян ва замони гузаштаи дур месозад* [15, с.563].

Мавқеи феъли мазкур дар ифодаи чанд хусусияти амал аввалиндараҷа аст. Аломати намудии феъл бештар дар он зоҳир мешавад, яъне вай давомнокии амалро ҳангоми суханронӣ нишон дода, дар баробари ин, ба замони иҷрошавиаш низ ишора мекунад. Аз замонҳои сиғаи хабарии забони тоҷикӣ тавассути он замони ҳозираи давомдор (муайян) ва замони гузаштаи дури давомдор шакл мегиранд, ки дар ин ҳолат феъл дар шаклҳои гуногун истеъмол меёбад. Доир ба ин масъала муҳаққиқон чунин ибрози андеша намудаанд: «Замони ҳозираи давомдор аз ҷумлаи замонҳои мураккаби забони тоҷикӣ ба шумор рафта, бо ёрии феъли “истодан” дар шакли гузаштаи нақлӣ (сифати феълӣ бо бандакҳои хабарӣ) ва сифати феълии феъли маънодори ҷумла сохта мешавад» [16, с.108]. Дар шакли замони аввалӣ феъл тасриф шуда, дар дувумӣ ҳамеша дар шакли сифати феълӣ меояд: … *ба сӯяш давид ва чӯбдасти чӯпониро, ки Одина ларзида ба он <u>такя карда истода буд</u>, аз дасташ рабуда ба сараш чунон зад, ки ҷо ба ҷо ба замин фарш шуда, хун аз фарқи сараш монанди нӯли (ҷӯмаки) офтоба равон гардид* [1, с.16]. Дар ин ҷо феъли таркибии «такя кардан» дар замони гузаштаи дури давомдори шахси сеюми танҳо (*такя карда истода буд*) омадааст ва ду феъли ёвар – *истодан* ва *будан* истеъмол шудаанд. Ёридиҳандаи *истодан* дар шакли сифати феълӣ (истода) асосан давомнокӣ ва тасрифшудаи *будан* (буд) гузаштагии амалро инъикос мекунад.

Замони ҳозираи давомдор бошад бо истифодаи сифати феълии феъли асосӣ ва феъли ёвари *истодан* дар ҳамин шакл бо бандакҳои феълӣ сурат мегирад: … *бисёр Шарифҳо, бисёр Одинаҳо ва бисёр Сангинҳо дар зиндони ҷавру бедод хок шудаанд ва <u>шуда истодаанд</u>* [1, с.145]. Дар ҷумлаи қайдшуда феъли таркибии *хок шудан* ду амали пайдарҳамро ифода менамояд, ки яке, аллакай, ба охир расидааст (*хок шудаанд*) ва дигаре дар ҳоли ҷараён аст (*хок шуда*

истодаанд). Давомнокии амал маҳз дар феъли ёвари *истодан* зоҳир мегардад. Дар баробари ин, ифодаи амали акнун иҷрошаванда, яъне замони ҳозира бударо низ дар бар мегирад.

Дар қисса муаллиф замони мазкурро бисёртар барои ифодаи амали дар лаҳзаи сухан воқеъшаванда кор фармудааст ва саҳми феъли ёридиҳанда барои инъикоси он муҳимму аввалиндараҷа нишон дода шудааст. Чунончи, дар ҷумлаи поёнӣ якчанд хабар (феъл) амалҳои гуногун бо лаҳзаҳои мухталифро ифода мекунанд. Феъли таркибии *кор кардан* дар замони ҳозираи давомдор (*кор карда истодаанд*) амали дар мавриди иҷрошавӣ қарордоштаро дар бар гирифтааст: *Одина мурд, аз мурдан ва зистани Шарифу Шоҳмирзо хабаре надорем … содиқона кор карда истодаанд* [1, с.173].

Дигар феъли ёридиҳанда **хостан** аст, ки аз ҷиҳати сохт сода буда, ба гурӯҳи феълҳои модалии забон дохил мешавад ва майлу хоҳиши шахсро аз баҳри иҷрои коре ифода менамояд. Дар фарҳангномаҳо ба маъниҳои гуногун тавзеҳ дода шудааст: *1. хестан, бар по шудан; 2. пайдо шудан, ба вуҷуд омадан, рӯй додан; 3. талаб кардан, майл доштан, хоҳиш кардан, орзу доштан* [14, с.496; 15, с.452]. Доираи истеъмоли феъли мазкур ҳамчун феъли ёвари замонсоз дар муқоиса бо дигар феълҳо маҳдуд мебошад. Ягона замони тавассути он таҳияшаванда – замони ояндаи китобӣ ё ояндаи дур мебошад. Замони зикршуда ифодаи амалест, ки дар оянда иҷро гардиданаш тасаввур карда мешавад. Маҳз ин хусусияти амал дар феъли ёридиҳанда (*хостан*) инъикос мегардад. Баъзан иҷрошавии амали замони мавриди назар дақиқ баъзе вақт номуайян мебошад.

Устод Айнӣ дар повести «Одина» ин шакли замони ояндаро нисбатан камтар истифода бурдаанд. Танҳо дар 88 ҷумлаи асар онро вохӯрдан мумкин аст ва дар бештари ҳолат феъли замони мазкур ифодакунандаи амали дар ояндаи дур воқеъшаванда мебошад: *– Ба ширинкомаи ин оштӣ ягон зиёфат хоҳед кард, гуфта хандакунон бо Арбоб хушбошед намуда, баромада рафтанд* [1, с.14].

Аз мазмуни ҷумла мутолиакунанда дарк мекунад, ки гӯянда амалро дар гузашта ба нақша гирифтааст (дар алоқамандӣ бо феълҳои замони гузашта – *гуфт, хушбошед намуд, рафтанд*), вале иҷрои он дар ояндаи номуайян (*зиёфат хоҳед кард*) дар назар дошта шудааст.

Зимни шаклгирии замони ояндаи китобии феълҳои таркибӣ феъли ёвари шаклсоз (*хостан*) асосан пеш аз феъли ёридиҳандаи маънофар ҷой мегирад. Вале дар баъзе ҳолатҳо феъли ёвар метавонад қабл аз шакли пурраи феъли таркибӣ биёяд. Дар кадом шакл истифода намудани он ба услубу забони нависанда вобастагӣ дорад. Чунин ҳолат дар повести «Одина» ҳам дида мешавад: *«оё ба кинаи гӯсфанди маибшудаи худ дасту пойи ӯро хоҳад шикаст, ё баданашро бо корд чок-чок намуда, намак хоҳад ҷой кард ва ё ба тариқи дигаре, ки монанди Арбоб Камол як сагдили хунхореро сазовор аст, ҷазо хоҳад дод?!* [1, с.11]». Тавре аз ҷумлаи овардашуда маълум мегардад, феъли содаи *«шикастан»* ва феълҳои таркибии *«ҷой кардан, ҷазо додан»* дар шахси сеюми танҳои замони ояндаи китобӣ (*хоҳад шикаст, хоҳад ҷой кард, ҷазо хоҳад дод*) омадаанд ва амалеро мефаҳмонанд, ки иҷрошавиашон дар вақти номуайян гуфта шудааст. Дар феъли таркибии аввал феъли ёвар қолаби маъмулиро шикаста, пеш аз шакли пурраи феъли таркибӣ омадааст (*хоҳад ҷой кард*).

Дар забони фаронсавӣ ҳам низоми замонҳои феъл басо мураккабу душвор мебошад. Замонҳоро вобаста ба иштироки воситаҳои грамматикӣ дар сохторашон ба ***simple*** (*сода*), ***composé*** (*мураккаб*) ва ***surcomposé*** (*мураккаби душвор – С.Х.*) ҷудо мекунанд [20, с.248]. Ин гурӯҳбандӣ, пеш аз ҳама дар асоси истифода шудани феълҳои ёридиҳанда сурат гирифтааст [4, с.138]. Феълҳои *avoir (доштан), être (будан), aller (рафтан), venir (омадан), faire (иҷро кардан), laisser (гузоштан), pouvoir (тавонистан), vouloir (хостан), devoir (боистан)* дар забони фаронсавӣ дар шаклгирии хусусиятҳои гуногуни дастурӣ ширкат меварзанд [4, с.138]. Аз ин гурӯҳ танҳо *avoir, être, aller* ва *venir* василаи сохта шудани замонҳои сиғаи хабарӣ маҳсуб меёбанд. Ба воситаи онҳо ду гурӯҳи замонӣ - замонҳои гузашта (*des temps passés*) ва оянда (*des temps futurs*) сохта мешаванд.

Феъли **avoir** дар шаклгирии замонҳои Passé composé, Plus-que-parfait, Passé antérieur ва Futur antérieur кор фармуда шуда, нисбат ба дигар феълҳои ёвари замонсоз серистеъмол мебошад. Замонҳои мураккаби бо он сохташаванда замонҳои гузашта буда, дар сохтори онҳо ин феъл вобаста ба шахсу шумора тасриф меёбад *(ниг. ба ҷадвали 1)*.



Ҷадвали 1. Сохтори замонҳои бо феъли «avoir» сохташаванда

Зимни баррасии мавзуъ ҷумлаҳои фаровонеро аз тарҷумаи фаронсавии повести «Одина» дарёфтем, ки дар замонҳои зикршуда ифода шудаанд ва чанде аз онҳоро мавриди таҳлил қарор додем.

Depuis, trois ans ont passé. Odina avait grandi [19, с.214];

Бибиошиа Одинаро муддати се сол парвариш карда… [1, с.6]. []

Ҷумлаи асл аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, як шакли замониро фаро гирифтааст, вале варианти баргардоншуда бо ду ҷумлаи сода, ки ҳар яке замони ҷудогонаро соҳиб аст, ифода гардидааст. Дар ҳарду замон феъли *avoir* ёридиҳанда буда, дар шахси сеюми ҷамъи замони ҳозира (*ont*) Passé composé (*ont passé-гузаштанд*) ва дар гузаштаи давомдори шахси сеюми танҳо (*avait*) Plus-que-parfait (*avait grandi-бузург шуда буд*)-ро сохтааст.

Тарҷума: *Аллакай, се сол гузашт. Одина бузург шуда буд* (- С.Х.).

Фарамӯш набояд кард, ки шарти асосӣ дар тарҷуманигорӣ, пеш аз ҳама, кушода додани мазмуни матни баргардоншаванда ба шунавандаву хонанда мебошад. Аз ин ҷиҳат, таваҷҷуҳи мутарҷим ба хусусиятҳои дастурӣ камтар дода мешавад ва на ҳамеша матни тарҷумашаванда аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ ба забони асл шабеҳ буда метавонад. Чунин ҳолатҳо дар гунаи фаронсавии повести «Одина» низ зиёд ба чашм мерасад. Масалан, дар ҷумлаи *«Модаркалонам мегӯяд, ки…»* [1, с.16] амал дар замони ҳозира-оянда, ки бе ёрии феъли ёвар сохта мешавад, ифода гардидааст, аммо дар варианти тарҷумашуда он дар замони гузаштаи мураккаби бо феъли ёридиҳандаи *avoir* сохташаванда баён гардидааст: – *Ma grand-mère m'a dit que* ... [19, с.222].

Тарҷума: – *Модаркалонам ба ман гуфт, ки…* (- С.Х.)

Дар ҷумла омадани чанд шакли замонии бо феъли ёридиҳанда сохташавандаро пайдо намудан мумкин аст, аммо дар ҳама ҳолат вай вазифаи дастурии худро нигоҳ дошта, ба мазмуни ҷумла таъсир намегузорад. Ин ҳолат хосси ҷумлаҳои мураккаб буда, якбора чанд амал ба таври пайваста ифода мегардад. Масалан, ҷумлаи "*Tu as fait périr la brebis, c'est comme si tu avais versé du sang humain*" [19, с.220] ду замон – passé composé (*as fait*) ва plus-que-parfait (*avais versé*) дорад, ки ҳарду шакли замонӣ бевосита бо ёрии феъл сохта мешаванд. Вале дар забони тоҷикӣ амалҳои овардашуда тавассути як замон ифода гардидаанд: *Ту моли Арбобро талаф кардӣ, гӯё ки хуни ӯро рехтӣ…* [1, с.13]. Ҳарчанд муҳтавои ҷумлаи асл дар тарҷума инъикос ёфта бошад ҳам, вале соҳибияти исм дақиқ нишон дода нашудааст.

Тарҷума: *Ту гӯсфандро нобуд кардӣ, ин ҳамчунон аст, ки хуни одамро рехтаӣ* (- С.Х.).

Ё ин ки, дар ҷумлаи «*Tu as servi pendant deux ans Arbob Kiamol»* [19, с.221] шахси дуюми танҳои феъл (*as*) замони гузаштаи мураккаб (Passé composé) месозад. Ҷумлаи мазкур бешак аз ҷиҳати ифодаи мазмун ба ҷумлаи асл шабеҳ аст: *Ду сол аст, ки ба Арбоб хизмат мекунӣ…* [1, с.15]. Лекин номувофиқии замонӣ дар ҷумлаи тоҷикӣ ва фаронсавӣ мушоҳида мегардад, зеро амали ҷумлае, ки устод Айнӣ ба кор бурдаанд дар замони ҳозира-оянда баён гардидааст, вале ҷумлаи баргардоншуда замони гузаштаро нишон медиҳад. Хонанда аз мутолиаи варианти тоҷикӣ пай мебарад, ки амал дар ҳоли ҷараён қарор дорад, лекин хониши фаронсавии ҷумла дар зеҳни шахс амали аллакай ба охиррасидаро таҷассум месозад.

Тарҷума: *Ту давоми ду сол ба Арбоб Камол хизмат кардӣ…* (- С.Х.)

Аз замонҳои бо феъли ёридиҳандаи «avoir» сохташаванда дар тарҷумаи фаронсавии повести «Одина» мутарҷимон passé composé ва plus-que-parfait-ро, ки муодили замонҳои

гузаштаи одӣ ва гузаштаи дури забони тоҷикӣ ба шумор мераванд, бештар дар ҷумлаҳо истифода намудаанд. Навъҳои дигари замонҳо мавриди ками истеъмол қарор гирифтаанд. Масалан, шакли замони passé antérieur (замони гузаштаи анҷомёфта - С.Х.) ба воситаи феъли «avoir» дар ягон ҷумла истифода нашудааст. Замони futur antérieur (замони ояндаи анҷомёфта - С.Х.) бошад, аз ҷониби тарҷуманигорони повест барои ифодаи амалҳои гуногун кор фармуда шудааст. Ин замон аслан амалеро ифода месозад, ки иҷроиши он дар оянда баробар бо дигар амал ба ҳисоб гирифта шудааст. Ба андешаи Попова И.Н., Казакова Ж.А. «Futur antérieur ифодаи амалест дар оянда бо амали дигари анҷомёфта, яъне амале, ки дар оянда дар лаҳзаи муайян иҷро хоҳад шуд» [11, с.200]. Муқоисаи ҷумлаҳои фаронсавии повести «Одина» бо ҷумлаҳои асл нишон доданд, ки бештар амалҳои тавассути замони ҳозира-ояндаи забони тоҷикӣ ифодашударо мутарҷимон бо замони мазкур ифода намудаанд: *On m'appelle Arbob Kiamol. L'aurais-tu oublié, hein?* (19, с. 301); *Маро арбоб Камол мегӯянд, магар ту намедонӣ?* [1, с.159].

Чунонки аз ҷумлаи овардашуда маълум мегардад, тасрифи шахси сеюми ҷамъи феъли «гуфтан» (мегӯянд) ва шакли инкории шахси дуюми танҳои феъли «донистан» (намедонӣ) дар замони ҳозира-оянда ифода гардида, амалҳоеро нишон медиҳанд, ки дар ҳоли иҷрошавӣ қарор доранд. Аммо мутарҷимони асар мазмуни ҷумларо бо ду ҷумлаи сода нишон дода, феъли ҷумлаи якумро дар замони ҳозира ва хабари ҷумлаи дуюмро дар замони futur antérieur овардаанд.

Тарҷума: *Маро Арбоб Камол меноманд. Ту онро фаромӯш мекунӣ, магар?* (- С.Х.)

Дигар аз феълҳои ёридиҳандае, ки дар сохтори замонҳои гуногуни забони фаронсавӣ нақши асосиро мебозад, феъли **«être»** аст. Гуфтан мумкин аст, ки феъли мазкур бо феъли ёвари «avoir» баробарвазифа ҳастанд. Зеро он ҳама замонҳое, ки ба воситаи феъли «avoir» сохта мешаванд, дар шаклгирии онҳо феъли «être» ҳам иштирок мекунад. Тафовут дар ин аст, ки бо ёрии феъли «être» феълҳои *aller, venir, partir, sortir, entrer, rentrer, revenir, rester, descendre, monter, mourir, naître, arriver, tomber, devenir* ва феълҳои баргарданда, ки дар забони фаронсавӣ онҳоро «феълҳои ҷонишиндор» низ ном мебаранд, дар замонҳои зикрёфта ифода мегарданд. Аз ин ҷиҳат, феъли мазкур ҳамчун феъли ёвар камистеъмол мебошад. Аз ҷумлаҳои дар варианти фаронсавии повести «Одина»-и устод Айнӣ пайдонамуда маълумамон гардид, ки замони Plus-que-parfait ба воситаи феъли «être» бештар мавриди корбурди мутарҷимон қарор гирифтааст. Масалан, дар ҷумлаи *«Odina croyait que maintenant était arrivé un meilleur temps pour le travail, et que tout se ferait pour le bien des travailleurs»* [19, с.259] тасрифи шахси сеюми танҳои феъл дар замони imparfait (*était*) ва сифати феълии феъли "arriver-расидан, омадан" (*arrivé*) замони plus-que-parfait-ро ба вуҷуд оварда, амали дар гузаштаи дур воқеъшударо ифода месозанд. Мазмуни ҷумлаи баргардоншуда ба ҷумлаи асл наздикӣ дошта бошад ҳам, вале то андозае фарқ мекунад: *…Одина гумон мекард, ки баъд аз ин дар зовуд ҳар кор мувофиқи манфиати коргарон шуда, хурсандӣ ва осоиш пайдо хоҳад шуд* [1, с.88]. Аммо тарҷумаи фаронсавии ҷумла чунин буда метавонад:

Тарҷума: *Одина фикр мекард, ки ҳоло барои кор вақти беҳтар расидааст ва ҳама чиз ба хубии коргарон анҷом дода хоҳад шуд* (- С.Х.).

Дар ҷумлаи зерин низ замони plus-que-parfait истеъмол ёфтааст ва яке аз вижагиҳои феълҳои бо ёрии феъли «être» шаклгиранда ин аст, ки сифати феълӣ вобаста ба ҷинс ва шумораи мубтадо тағйир меёбад: *Elle était couchée sur les pierres, agitant lamentablement sa tête* [19, с.217]; *...гӯсфанд дар даруни об хобидааст ва сари худро боло бардошта меҷунбонад* [1, с.10]. Феъли "coucher-хобидан" дар шакли сифати феълӣ (couchée) дар якҷоягӣ бо шахси сеюми танҳои феъли «être» дар замони imparfait омадаанд. Муҳтавои ҷумлаҳо шабеҳи ҳамдигаранд.

Тарҷума: *Вай дар болои сангҳо баробари оҳиста сарашро ҷунбонидан хобида буд* (- С.Х.).

Шакли замони passé composé бо феъли «être» дар повест нисбатан камтар омадааст. Масалан, дар ҷумлаи зер феъли ёвар дар ду ҳолат замони мавриди назарро ба вуҷуд овардааст: *Aujourd'hui il gardait le troupeau, j'ignore s'il dormait ou s'il attrapait des mouches, mais une brebis est tombée dans le précipice, et voilà ce qu'elle est devenue!* [19, с.219]; *...имрӯз рамаро ба сари худ гузошта ба хоб рафтааст ё ба бозӣ саргарм шудааст, ки ин гӯсфанди шишак дар ҷарӣ галтида ба ин ҳол, ки мебинед, омадааст* [1, с.13].

Агар ба мазмуни ҷумлаҳо диққат диҳем, шабеҳият дар муҳтавои онҳо дида мешавад, ҳарчанд баъзе ҷузъҳое ҳастанд, ки мутарҷимон илова намудаанд. Чунончи, дар ҷумлаи тоҷикӣ калимаи "магас" ифода наёфтааст, вале дар варианти фаронсавии ҷумла ин вожа (mouche) ба кор рафтааст.

Тарҷума: *Имрӯз вай рамаро посбонӣ мекард, ман намедонам, вай хоб мекард ё магас меқапид, аммо гӯсфанде ба чуқурӣ афтид ва ана он чизе ки бо вай шуд* (- С.Х.).

Истифодаи замони futur antérieur бо ёрии феъли «être» танҳо дар 5 ҷумлаи повест мушоҳида карда шуд. Масалан, дар ҷумлаи поёнӣ замони зикргардида ду маротиба ифода ёфтааст: *Je ne serai tranquillé que lorsque le chef l'aura fourré en prison* [19, с.305]; *...бо ӯ ба забони чӯби миршаб гуфтушунид мекунам* [1, с.166]. Тавре дар боло қайд намуда будем, мутарҷимони қисса ба воситаи замони futur antérieur аслан ҷумлаҳои замони ҳозира-ояндаи забони тоҷикиро ифода кардаанд. Замони ҷумлаи тоҷикии овардашуда ҳам замони ҳозира-оянда мебошад, вале мазмуни ҷумлаҳо тафовути калонро соҳиб аст, зеро устод Айнӣ дар ҷумла ибораи фразеологии «забони чӯби миршаб»-ро истифода бурдааст, ки маънои «ҷазо додан, танбеҳ додан»-ро ифода мекунад.

Тарҷума: *Ман танҳо вақте ором мешавам, ки сардор ӯро маҳбас мекунад* (- С.Х.).

Дар ҷумлаи зер бошад феъли «être» ҳамчун феъли ёвар барои сохтани замони passé antérieur бо феъли «mener» омадааст: *Son jeu fut mené si adroitement qu'Arbob Kiamol ne douta pas un seul instant qu'aujourd'hui ou demain Odina aurait quitté ce monde* [19, с.225]; *...ин бозиро ҷунон ҳунармандона бозӣ кард, ки арбоб Камол пиндошт, ки имрӯз ё фардо Одина аз дунё хоҳад гузашт* [1, с.21-22]. Чунин шакли замон дар варианти фаронсавии повест танҳо як маротиба мавриди истеъмоли мутарҷимон қарор гирифтааст.

Феълҳои "aller" (рафтан) ва "venir" (омадан) ҳам ба сифати феъли ёвар дар сохтани замонҳои futur immédiat (замони ояндаи наздик – С.Х.) ва passé immédiat (замони гузаштаи наздик)-и сиғаи хабарии забони фаронсавӣ иштирок мекунанд. Ба қавли Гак В.Г. ин шаклҳои замонӣ воситаи асосии ифодакунандаи фосилаи замонӣ ба шумор мераванд [3, с.170].

Азназаргузаронии ҷумлаҳои фаронсавии повести "Одина" нишон дод, ки тарҷуманигорон замони passé immédiat-ро дар ягон ҷумла истифода накардаанд. Аммо замони futur immédiat мавриди корбурд қарор гирифта, дар панҷ ҷумла онро мушоҳида намудем.

Замони futur immédiat бо роҳи тасриф намудани феъли "aller" дар замони ҳозира ҳамчун феъли ёридиҳанда ва масдари феъли маънодори ҷумла сохта мешавад. Вай асосан барои инъикоси амале истифода мешавад, ки ичрои он дар ояндаи наздик ба нақша гирифта мешавад. Воситаи асосии нишондиҳандаи замони мазкур дар забони тоҷикӣ зарфҳои "ҳоло, акнун, ҳозир" маҳсуб меёбанд. Таҳлили ҷумлаҳои дастрасшуда бар он гувоҳӣ доданд, ки мутарҷимон феълҳои дар замони ҳозира-оянда омадаи забони тоҷикиро тавассути замони мазкур ифода намудаанд.

Nous voyons vos biens. Nous allons estimer leur valeur [19, с.243]; *Мо бору бунаи шуморо мебинем, ҳисобашро месанҷем…* [1, с.65].

Чунонки мебинем, мазмуни ҷумлаи асл бо ёрии ду ҷумлаи сода нишон дода шудааст. Феъли ҷумлаи аввал дар замони ҳозира омада, хабари ҷумлаи дуюм дар шахси якуми ҷамъ замони futur immédiat (*allons estimer*)-ро ташкил медиҳад.

Тарҷума: *Мо молҳои шуморо мебинем. Мо ҳозир арзиши онҳоро муайян мекунем* (- С.Х.).

Баррасиву таҳлилҳои анҷомдода бори дигар аз он шаҳодат доданд, ки мавқеи феълҳои ёридиҳанда дар сохтори чанде аз замонҳои сиғаи хабарии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ устувор гаштааст. Ин гурӯҳи феълҳо дар забонҳои омӯхташаванда нисбатан серистеъмол буда, илова бар маънои луғавиашон боз маъноҳои зиёди грамматикиро ҳам соҳиб ҳастанд. Дар мавриди худ истифода кардани онҳо барои ифодаи дурусти мақсади муаллифи сухан ва кушода додани мазмуну муҳтавои матн ба хонандаву шунаванда мусоидат менамоянд.

Муқарриз: ***Замонов З.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Одина (повест) / С.Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 2014. – 178 с.
2. Аловиддинов, Б. Муродифҳои феълҳои ёвари намуди мутлақ ва давомдори ибораҳои фразеологии феълии забони адабии тоҷик / Б.Аловиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2012. – №4/2. – С. 6-60.

3. Гак, В.Г. Теоретическая грамматика французского языка: учебник для студентов высших учебных заведений / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 414 с.
4. Гак, В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков: учеб. пособие для студентов фак. и ин-тов ин.яз. / В.Г. Гак. – Л.: Просвещение, 1976. – 286 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Қулматова, Г.Т. Роҳҳои ифодаи замони ояндаи китобӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи асарҳои тарҷумашудаи С.Айнӣ) / Т.Г.Қулматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №4/1. – С.141-144.
7. Луғати русӣ-тоҷикӣ. – М.: Рус. яз., 1985. – 1280 с.
8. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. Забоншиносӣ / Н.Маъсумӣ. Тарт.: В.П.Осмакова, Р.Ғаффоров. Ҳайати таҳр.: М.Турсунзода, М.Осимӣ, А.Маниёзов ва диг. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 352 с.
9. Мирмухамедов, О. Сермаъноии феълҳои ёвар дар «Таърихи Байҳақӣ» / О.Мирмухамедов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №4/6. – С.129-132.
10. Муминов, Ф.Б. Вожасозии феъли «кардан» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Ф.Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3. – С.145-151.
11. Попова, И.Н. Грамматика французского языка. Практический курс: учебник для институтов и факультьтетов иностранных языков. – 5-е изд., испр. и доп. / И.Н. Попова, Ж.А. Казакова. – М., 1997. – 480 с.
12. Раҳмонов, Б. Маҳдудаи сохторӣ ва маъноии феълҳои ёвар (дар асоси маводи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ) / Б.Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №4/3. – С.93-97.
13. Сиёев, Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1968. – 166 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (А-О). – Москва: Советкая энсиклопедия, 1969. – 950 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (А-Н). – Душанбе, 2008. – 950 с.
16. Хуҷамқулов, С.Х. Баёни замони ҳозираи давомдори сиғаи хабарии забони тоҷикӣ ба забони форонсавӣ (таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С. Айнӣ) / С.Х. Хуҷамқулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – №2. – С.107-113.
17. Ҳалимиён, С. Феъл (куниш) / С.Ҳалимиён. – Душанбе, 2013. – 128 с.
18. Ҷумъаев, М.О. Баъзе хусусиятҳои луғавию морфологии иқтибосоти арабие, ки бо феълҳои ёридиҳандаи «кардан» ва «намудан» феълҳои таркибии номӣ сохтаанд, дар насри бадеии Абдураҳмони Ҷомӣ (дар мисоли «Баҳористон») / М.О. Ҷумаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №4/7. – С.126-130.
19. Aini, S. La mort de l'usurier (nouvelles): traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot / S. Aini. – Paris: Les éditeurs français réunis, 1957. – 317 p.
20. Martin, Riegel. Grammaire méthodique du français / Martin Riegel, Jean-Christophe Pellat, René Rioul. – Paris, 2004. – 648 p.

КОРБУРДИ ФЕЪЛҲОИ ЁВАР ДАР ШАКЛГИРИИ ЗАМОНҲОИ СИҒАИ ХАБАРИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

(дар асоси маводи повести «Одина»-и С.Айнӣ)

Омӯзиши вижагиҳои феълҳои ёридиҳанда аз назари грамматика ва семантика дар забоншиносии тоҷик мавзуи тадқиқи забоншиносони зиёд қарор гирифтаанд, вале муайян намудани мавқеи онҳо дар сохтор ва шаклгирии замонҳои феъл аз тарафи ягон муҳаққиқ анҷом дода нашудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар муаллифи мақола пажуҳише дар самти муқаррар кардани муҳиммияти корбурди ин навъ феълҳо зимни сохтани замонҳои сиғаи хабарии забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ гузаронида, натиҷаи онро дар мақола пешниҳод намудааст. Феълҳои ёвар чунин феълҳое мебошанд, ки дар баробари доштани маънои луғавӣ, ҳамчунин дар ифодаи ин ё он хусусияти грамматикӣ иштирок мекунанд ва нақши асосиро мебозанд. Дар забони тоҷикӣ миқдори ин қабил феълҳо зиёд буда, аксари онҳо барои сохтани феълҳои таркибӣ истифода мегарданд. Шумораи ками феълҳои ёридиҳанда ҳастанд, ки дар сохтори таркибҳои феълӣ ба кор мераванд. Алалхусус, дар шаклгирии замонҳои сиғаи хабарии забони тоҷикӣ феълҳои будан, истодан ва хостан истифода бурда мешаванд, ки маҳз ифодаи гузаштагиву давомдорӣ ва ояндагии амал дар онҳо зоҳир мегардад. Дар сохтори замонҳои сиғаи хабарии забони форонсавӣ феълҳои avoir, être, aller ва venir кор фармуда мешаванд. Бо ёрии онҳо замонҳои passé composé, plus-que-parfait, passé antérieur, futur antérieur, passé immédiat ва futur immédiat сохта мешаванд. Замонҳои мазкур барои ифодаи амалҳое истифода мегарданд, ки дар гузашта иҷро шудаанд, дар ҳоли иҷрошавӣ қарор доранд ва иҷрошавиашон дар ояндаи наздик тасаввур карда мешаванд.

Калидвожаҳо: феълҳои ёридиҳанда, тадқиқ, замонҳои феъл, забони тоҷикӣ, забони форонсавӣ, муқоиса, забоншиносӣ, тарҷума, повести «Одина».

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВСПОМОГАТЕЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ В ФОРМИРОВАНИИ ВРЕМЕН ИЗЪЯВИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО И ФРАНЦУЗСКОГО ЯЗЫКОВ

(на основе материалов повести С. Айни «Одина»)

Изучение грамматических и семантических особенностей вспомогательных глаголов в таджикском языкознании было предметом исследования многих языковедов, однако ни одному исследователю не удалось определить их положение в структуре и образовании глагольных времен. С этой точки зрения автор статьи провел исследование по определению важности употребления таких глаголов в конструкции времен изъявительного наклонения таджикского и французского языков и представил результаты в статье.

Вспомогательные глаголы – это глаголы, которые помимо того, что имеют лексическое значение, также участвуют в выражении грамматического признака и притом играют в нем ключевую роль. В таджикском языке таких глаголов много, и большинство из них используются для образования сложных глаголов. Есть несколько вспомогательных глаголов, которые используются при глагольном словообразовании. В частности, при образовании времен изъявительного наклонения таджикского языка используются глаголы будан (быть), истодан (стоять) и хостан (хотеть), которые являются выражением прошедшего, продолженного и будущего действия. Глаголы avoir (иметь), être (быть), aller (идти) и venir (прийти) используются в формировании времен изъявительного наклонения французского языка. Они используются для создания passé composé, plus-que parfait, passé antérieur, futur antérieur, passé immediat и futur immediat. Эти времена используются для описания действий, которые были выполнены в прошлом, находятся в процессе выполнения и ожидаются в ближайшем будущем.

Ключевые слова: вспомогательные глаголы, исследование, времена глаголов, таджикский язык, французский язык, сравнение, языкознание, перевод, повесть «Одина».

THE USING OF AUXILIARY VERBS IN THE FORMATION OF THE TENSES OF THE INDICATIVE MOOD OF TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

(on the basis of the materials of the story of S. Aini "Odina")

The studing of the grammatical and semantic features of auxiliary verbs in Tajik linguistics has been the subject of research by many linguists, but not a single researcher has been able to determine their position in the structure and formation of verb's tenses. From this point of view, the author of the article conducted a studing to determine the importance of the using of such verbs in the construction of the tenses of indicative mood of the Tajik and French languages and presented the results in the article. Auxiliary verbs are verbs that, in addition to having a lexical meaning, also participate in the expression of a grammatical feature and play important role. There are many auxiliary verbs in the Tajik language, and most of them are used to form compound verbs. There are several of auxiliary verbs that are used in verb structure. Especially, for the forming of the tenses of indicative mood the Tajik language, the verbs будан (to be), истодан (to stand) and хостан (to want) are used, which are expressions of the past, continuation and future action. The verbs avoir, être, aller and venir are used for the forming of tenses of indicative mood in French language. They are used to create passé composé, plus-que parfait, passé antérieur, futur antérieur, passé immediat and futur immediat. These tenses are used to describe actions that have been performed in the past, are in progress, and are expected in the near future.

Key words: auxiliary verbs, research, tenses of verbs, Tajik language, French language, comparison, linguistics, translation, the story "Odina".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хуҷамқулов Сироҷиддин Хуҷамқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Тел.: **(+992) 901-22-29-67**

Сведения об авторе: ***Худжамкулов Сироджиддин Худжамкулович*** – Таджикский национальный университет, преподаватель общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Тел.: **(+992) 901-22-29-67**

Information about the author: ***Khujamqulov Sirojiddin Khujamqulovich*** – Tajik national university, teacher of the Department of German and French languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Phone: **(+992) 901-22-29-67**

УДК: 809-155-0+802.0

ҶУЗЪИ МАЪНОИИ МУҲАББАТ БО ЭҲСОСИ МУНОСИБАТИ БАЙНИ ДУ ШАХС (МАРДУ ЗАН) ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Азиззода Д.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар тасвири забонии ҷаҳони ҳар як халқият як қатор мафҳумҳои муҳимму пураҳамияте мавҷуд мебошанд, ки бештари онҳо хосси забонҳои гуногун мебошанд. Ба қатори чунин мафҳумҳои муҳимму пураҳамият консепти «муҳаббат» дохил мешавад, ки онро ҳар халқият дар асоси арзишҳои миллию фарҳангии худ шарҳ медиҳанд. Муҳаббат ҳиссиётест, ки хосси ҳар як фард, миллат ва ҷамъият аст. Консепти «муҳаббат» яке аз консептҳоест, ки дар шуури ҷамъиятии ҳар як халқ ба назар мерасад ва дар ифодаи хусусиятҳои фарҳангӣ-миллӣ нақши асосиро мебозад.

Аломати маъноии «муҳаббат», пеш аз ҳама, дар калимаҳо ифода меёбад. Тасвири забонии ҷаҳон маҷмуи донишҳо оид ба муҳити атроф аст, ки дар лексика, фразеология ва грамматика таҷассум меёбад [1, с.49], аз ин рӯ, барои ворид гаштан ба шуури ҷамъиятии халқҳои гуногун тавассути омӯзишу таҳлили низоми луғавии он халқиятҳо муяссар мегардад.

Таҳқиқу таҳлили консептҳо имкон фароҳам меорад, то тасвири ҷаҳони халқҳои забонашон гуногун омӯхта шавад. Омӯзиши ҳар як консепт аз муайян намудани доираи вожагони рабти бевоситаи он оғоз мегардад, ки «маҳаки консептро беш аз ҳама маънии калидвожа таҷассум менамояд» [2, с.58-64].

Воқеан, муҳаббат эҳсоси ногуфтанист. Алалхусус, дар бораи муҳаббати байни ду шахс – марду зан асарҳои зиёди оламшумул эҷод гардидаанд, ки асрҳо вирди забони мардум буда, нуфузу манзалати хешро гум накардаанд.

Консепти ***муҳаббат*** дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ҳамчун як консепти алоҳида таҷассум ёфта, ҷузъи маъноии *он* бо эҳсоси муносибати байни ду шахс (марду зан) дар тасвири забонии ҷаҳони халқиятҳои забонашон муқоисашаванда ба таври гуногун ифода ёфтааст.

Муҳаббат барои англисзабонон ҳамчун ҳадяи қимматбаҳо ва камёфтест, ки ба дӯстдошта тақдим мегардад ва аз тарафи дӯстдошта ҳамчун ҳадяи беҳтарин қабул карда мешавад:

*'**Little Jane's love** would have been my best **reward**,' he answered; 'without it, my heart is broken. But Jane **will give me her love:** yes - nobly, generously'[*14*, с.609]. – **Ишқи Ҷени хурдакак** барои ман беҳтарин **ҳадя** мешуд, - ҷавоб дод вай. – Бе ӯ ман дилшикастаам. Вале Ҷен **ишқи худро ба ман арзонӣ медорад**. Бале, бо дили соф ва олиҳиммат*ona [17, 312].

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон *муҳаббати самимӣ* ҳамчун *гавҳари ноёб* таҷассум ёфтааст, ки он беарзиш буда, аз ҳама неъматҳои дунявӣ беҳтару болотар аст:

*Вақте ки **ишқ** дар сари ман меояд, дигар дунё барои ман ба андозаи донае арзиш надорад ва дигар ҳеҷ чиз ва ҳеҷ касро намешиносам ва ҳатто агар аз ман бипурсӣ дирӯз чӣ хӯрдаӣ наметавонам посухе бидиҳам* [17, с.56].

*I felt he had not **given her his love**, and that her qualifications were ill adapted to win from him that **treasure** [14*17*, с.353].- ...вале ман ба хубӣ эҳсос мекардам, ки ҳаргиз **дил набохтааст** ҷаноби Рочестер ба духтархонум Инргрэм ва духтархонум Инргрэм ҳаргиз наметавонист дили ҷаноби Рочестер - ин **гавҳари ноёби** ӯро соҳиб шавад [*17*, с.182].*

Тоҷикзабонон ишқу муҳаббатро ҳамчун беморие мефаҳманд, ки *ҷудоӣ ва дурӣ аз ёр* боиси сар задани он мегардад:

*Табиб донист, мардеро **дӯст медорад**, ки заргар аст ва дар маҳалли Ғотифари шаҳри Самарқанд зиндагӣ мекунад ва чун аз ӯ дур монда, бемор шудааст [7, с.34].*

Барои тоҷикзабонон ва англисзабонон муҳаббат ҳиссиётест, ки доимо дар инкишоф буда, он ҳеҷ гоҳ завол намеёбад ва маҳбуб ё маҳбуба дар фарҳанги тоҷикзабонон хеле азизу қиматбаҳо мебошад:

*'Distasteful! and **like you again**! I think I **shall like you again, and yet again**: and I will make you confess **I do not only LIKE, but LOVE you**—with truth, fervour, constancy' [*14, с.*496]. – Ба*

*дилам мезанӣ? Аз сари нав дил мебандам? Бале, ман зиёдтар ба ту дил хоҳам баст. Ва туро маҷбур мекунам эътироф намоӣ, ки ман на танҳо ба ту дил бастаам, балки туро ҳаққонӣ, гарм ва воқеан дӯст медорам [*17, *256].*

Меҳрубонию дилсӯзӣ ва раҳмдилӣ боиси зиёда гаштани меҳру муҳаббати ду шахс мегардад:

Он дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ, ки дар вақти дастгир шуданаш аз Гулнор дид, яке бар сад ***ишқу муҳаббаташро*** *ба вай зиёд карда буд [9, с.158].*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бошад, тавассути меҳрубонию итоаткорӣ ба даст овардани муҳаббати ҳамагон на танҳо ҷинси муқобил инъикос ёфтааст:

I had meant to be so good, and to do so much at Lowood: to make so many friends, to earn respect and ***win affection*** *[14, с.126]. – Чӣ қадар ман кӯшидам итоаткор бошам, дар Ловуд чӣ қадар корҳоро анҷом додан: барои худ дӯст дарёфт кардан, шоистаи эҳтиром* ***муҳаббат*** *шудан мехостам [17, с.65].*

Ҳам дар тасвири забонии тоҷикзабонон ва ҳам дар тасвири забонии англисзабонон заволнопазирии муҳаббат бо мавҷудияти он то дами марг ифода ёфтааст. Ҳам тоҷикон ва ҳам англисҳо ба дӯстдории ҷовидонӣ, то дами марг боварӣ доранд ва чунин як ҳиссиётро нисбати як шахс то дами марг ҳис менамоянд:

Ин ***ишқу*** *дӯстӣ он қадар дар вуҷуди ман рахна кардааст, ки ангор бо шире, ки аз модар хӯрдаам дар вуҷуди ман ниҳода шуда ва то вақте ки зиндаам, дар ҷонам хоҳад монд ва фақат бо мурдани ман аст, ки аз дили ман берун хоҳад рафт [8, с.19].*

‘Mr. Rochester, ***I will love you and live with you through life till death****,’ and a fount of rapture would spring to my lips. I thought of this [14, с.611]. –* ***«Ҷаноби Рочестер, ман шуморо дӯст хоҳам дошт ва то дами марг бо шумо зиндагӣ хоҳам кард****», - ва ба лабони ман қадаҳи лаззатбахш наздик оварда хоҳад шуд. Ман дар бораи ин фикр мекардам [17, с.313].*

Тоҷикон зебоии зан ва духтари тоҷикро дар гесувони дароз ва чашму абрӯвони сиёҳи ӯ мебинанд, ки ин хосси фарҳанги тоҷикзабонон мебошад. Аз ин рӯ, дар бештари мавридҳо ошиқон ишқу муҳаббати худро тавассути тавсифи гесуи дароз ва абрӯвони сиёҳу зебои маҳбуба иброз менамоянд:

Субҳгоҳон аз ҷойи худ баланд шаву ба назди Лайлӣ бирав ва дар байни ***мӯйҳову зулфи ӯ*** *бипеч ва даст ба домани ӯ шаву бигӯ, ки он кас, ки аз* ***ишқи ту*** *ба бод рафта ва аз хорию зорӣ ба хоки роҳ уфтодааст ва қиссаи гами туро бо замин мегӯяд, бӯй ва нишонае аз нафаси туро ҷустуҷӯ мекунад ва мехоҳад [8, с.11].*

Англисзабонон бошанд, зебоии занро дар ҳусну ҷамол ва нозукию латифӣ мебинанд:

‘*You are a beauty in my eyes, and a beauty just after the desire of my heart, —****delicate and erial****’ [14, с.494]. – Барои ман ту зебосанам ҳастӣ, зебосанами хоҳиши дили ман.* ***Нозук ва осмонӣ*** *[17, с.254].*

Дар ҳувияти тоҷикзабонон рӯйирост изҳор намудани ишқу муҳаббати худ нисбати ёр қобили қабул нест, новобаста аз оне ки ишқу муҳаббат ҳиссиёти ҷонсӯзест, ки инсонро ранҷу азоб ва шиканҷаи зиёде медиҳад. Завонлнопазирии муҳаббат нишонаи ҳақиқӣ ва самимӣ будани он аст:

Ҳоло ҳайати вай танҳо ба як тараф, ба як ҷо – ба Гулнор банд буд; он майлонҳое, ки ба тарафи вай дошт ва пештар як ҳавову ҳаваси муқаррарии ҷавонӣ шумурда мешуд, ҳоло ба як ***ишқи ҷонсӯз****, ба як* ***муҳаббати заволнопазир*** *бадал шуда буд; хусусан илтифотҳои ниҳонӣ ва дилҷӯҳои пурмеҳрубонии Гулнор* ***оташи ишқашро*** *дуболо карда буд, лекин бо ин ҳама ҳанӯз ин* ***муҳаббатро****, гайр аз забони ҳол, бо дигар воситае изҳор накарда буд – ҳанӯз Ёдгор* ***ишқи*** *худро ба Гулнор рӯйирост нагуфта ба забон наёварда буд[*9, *с.114-115].*

Новобаста аз оне ки ***муҳаббат*** аз ҷониби англисзабонон ҳамчун беҳтарин ҳиссиёт фаҳмида мешавад ва он омили асосии оиладоршавӣ ба шумор меравад, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ҳолатҳое низ инъикос гардидаанд, ки дар онҳо ду шахс бо ҳам танҳо дар асоси ғояҳои сиёсӣ ва сатҳи оилавӣ, бидуни ***муҳаббат*** бо ҳам оиладор мешаванд:

I saw he was going to ***marry her, for family, perhaps political reasons,*** *because her rank and connections suited him [14, с.353]. – Ман медидам, ки ҷаноб* ***аз рӯйи мувофиқати гояҳои сиёсӣ ва сатҳи оилавӣ*** *ният дорад* ***бо ӯ издивоҷ кунад*** *[17, с.182].*

Дар фаҳмиши англисзабонон консепти ***муҳаббат*** дар алоқаманди бо боварию эътимод дарк карда мешавад. Агар инсон ошиқ шавад, пас ӯ наметавонад дӯстдоштаи

худро фиреб диҳад, зеро ҳисси муҳаббат дар заминаи боварӣ бунёд мегардад. Макру ҳила, фиребу найранг ва хиёнат дар ***муҳаббат*** ҷоиз нест:

There is no treacherous blood in her-no, she was always ***honest*** *and* ***true****. She has loved me, in those old days-this is my security; for whom one has loved, one cannot betray» [19, с.85]. – Ӯ бевафо ва хиёнаткор нест, ӯ ҳамеша* ***росткор*** *ва* ***вафодор*** *буд. Ӯ он вақтҳо маро нагз медид, албатта, фиреб ҳам намедиҳад [6, с.264].*

Барои тоҷикзабонон ***муҳаббат*** инсонро водор месозад, то дӯстдоштаи худро бубахшад. Тоҷикзабонон ***муҳаббат***-ро ҳамчун пардае мефаҳманд, ки он пинҳонкунандаи айби ёр мебошад. Инчунин, тоҷикзабонон ба ***муҳаббат*** чунин як қудрати бузургеро хос медонанд, ки метавонад инсонро ба бахшидану боз дубора дӯст доштан ва дидани танҳо ҷиҳатҳои мусбати дилдор маҷбур созад:

Ковус ин некии занро фаромӯш намекунад: сониян, шоҳ ин зани нозанинашро ***аз тайи дил дӯст медошт****, то ҷое ки ҳозир буд аз ҳар гуна гуноҳи ӯ даргузарад [12, с.183].*

Ибораи *аз тайи дил дӯст медошт,* албатта, маънои маҷозӣ дорад ва сидқан дӯст доштанро мефаҳмонад.

Дар тасвири забонии тоҷикзабонон ва англисзабонон ишқу муҳаббат ҳамчун ҳиссиёти ҷонсӯз ифода ёфтааст, ки он метавонад вуҷуди инсонро ба сӯзиш оварад. Дар забони англисӣ ҳолати мазкур бо ибораи ***burning with love [маҳтул****. аз ишқ сӯхтан]* ифода ёфтааст:

But Mars kept no blind look out, and as soon as he saw him start, hurried off to his house, ***burning with love*** *for Venus [20, с.132]. [****маҳтул.*** *Аммо Марс чашмашро аз берун намеканд ва ҳамин ки ҳаракати ӯро дид, саросемавор аз сӯзиши ишқ аз хона берун омад].*

Дар забони англисӣ барои изҳори муҳаббат вожаи *admire* низ мавриди истифода қарор мегирад:

But it was plain that their brother did ***admire*** *Jane, and Elizabeth observed that Jane was giving way to the preference which she had begun to feel for him from the first, and was beginning to be very much* ***in love*** *[14, с.8]. [****маҳтул.*** *Равшан буд, ки ба бародаронаш Ҷейн* ***писанд аст*** *ва Элизабет мушоҳида менамуд, ки Ҷейн ба эҳсосоте, ки нисбати ӯ бори аввал ҳис намуда буд роҳ медиҳад ва ӯ ниҳоят* ***дӯст доштани ӯро*** *шурӯъ менамояд].*

Дар ин мисол дар забони англисӣ барои изҳори муҳаббат муаллиф ҳам вожаи *admire* ва ҳам вожаи *love*-ро мавриди истифода қарор додааст. *Admire* дар ин ҷо ба маънои писандидан, *love* ҳиссиёти амиқи муҳаббатро ифода менамояд. Албатта, дар мавриди аввал истифода намудани мафҳуми *love* ҷоиз нахоҳад буд, чунки дар он ҷо сухан дар бораи ҳанӯз пайдо шудани эҳсоси ***муҳаббат*** меравад.

Бояд зикр кард, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон муҳаббати байни ду шахс ҳам вожаи ***love [дӯст доштан]*** ва ҳам вожаи ***like [нагз дидан, мақбул донистан]*** ифода ёфтааст, ки вобаста ба дараҷаи шиддатнокии меҳру муҳаббат вожаи ***love*** назар ба калимаи ***like*** шиддатноктар мебошад:

‘For a little while you will perhaps be as you are now, —a very little while; and then you will turn cool; and then you will be capricious; and then you will be stern, and I shall have much ado to please you: but when you get well used to me, you will perhaps like me again, – LIKE me, I say, not LOVE me. I suppose your love will effervesce in six months, or less. I have observed in books written by men, that period assigned as the farthest to which a husband’s ardour extends [14, с.495-496]. – Чанд муддат, шояд, шумо чун ҳозира хоҳед буд, вале на он қадар муддати дароз; баъд шумо ором хоҳед шуд, нозу нузро огоз хоҳед кард ва баъд шумо зудранҷ мешавед ва барои ман ба шумо писанд омадан хеле душвор хоҳад буд. Ва чун ба қадри зарурӣ ба ман одат мекунед, шояд ба ман боз дил бандед. Ман мегӯям, дил мебандед, вале дӯст намедоред. Фикр мекунам ишқи шумо ним сол тул мекашад ва ин ҳам хуб аст. Ман дар китобҳое, ки мардҳо навишта буданд хонда будам, ки ин муддат барои фурӯ нишастани ҳарорати шавҳар басанда аст. Аммо, фикр мекунам, чун дӯст ҳеҷ гоҳ тамоман ба дили хӯҷаини худ нахоҳам зад [17, с.256].

Чи тавре ки аз ҷумлаи болозикр бармеояд, дар тасвири ҷаҳони англисзабонон кӯтоҳмуддатии ишқи мард таҷассум ёфтааст. Дӯстдории мард ҳамчун оташи хомӯшшаванда таҷассум ёфтааст, ки ба зудӣ хомӯш мешавад.

She had dressed with more care than usual, and readied herself in the highest spirits to complete ***the winning of his heart*** *[20, с.29].[****маҳтул.*** *Ӯ нисбат ба ҳарвақта эҳтиётона либос ба бар намуд ва худро дар руҳияи авлотарин барои* ***дили ӯро ба даст овардан омода намуд****].*

Дар мисоли овардашуда ибораи *win one's heart* муодили воҳиди фразеологии *дили касеро ба даст овардан* мебошад. Сухан дар хусуси ба даст овардани дил, яъне ангехтани шуълаи муҳаббат дар дили шахси дигар меравад, ки муаллиф барои обуранги бадеӣ аз ибораи зикршуда истифода намудааст.

She could neither blame him, nor feel any surprise, but the situation was exactly of a kind to make her understand her own wishes, and she had never so honestly felt that she could have ***loved*** *him as now, when all* ***love*** *must be without hope [19, с.87]. [Ӯ вайро на сарзаниш карда метавонисту на дар тааҷҷуб буд, аммо вазъият тавре буд, ки ӯ чӣ хостанашро медонист ва ӯ ҳаргиз ин қадар покдилона ҳис намекард, ки вақте муҳаббат комилан ноумед мегардад, ӯро чунин* ***дӯст дошта метавонад*** *[6, с.228].*

Мафҳумҳои «loved» ва «love» дар ин мисол гарчанде ифодакунандаи муҳаббат бошанд ҳам, аммо яке чун исм ва дигаре чун феъл истифода гардидааст. ***Love*** дар ин мисол чун ***муҳаббат*** ва ***loved*** ба маънии *дӯст доштан* омадааст. Азбаски феъли ***love*** [дӯст доштан] феъли дуруст ба шумор меравад, аз ин рӯ, аз ҷиҳати қоидаҳои грамматикӣ дар замони гузашта ба худ охирчаспаки «d»-ро қабул намудааст. Дар забони тоҷикӣ агар мафҳуми ***муҳаббат*** чун исм истифода гардад, пас «ман туро муҳаббат дорам» гуфтан нодуруст аст, барои ин аз ибораи «дӯст доштан» истифода мебаранд, яъне «ман туро дӯст медорам». Чун аз мисоли овардашуда маълум мегардад, дар забони англисӣ ҳамон як мафҳумро (яъне *love*) ҳам ба ҷойи исм ва ҳам ба ҷойи феъл истифода менамоянд.

Қобили қайд аст, ки дар низоми луғавии забони тоҷикӣ муҳаббати байни ду шахс, хусусан, марду зан бо лексемаҳои гуногун, аз ҷумла *ишқ*, *муҳаббат, дӯстдорӣ, дилбастагӣ* ва *майл* ифода меёбанд:

Шумо бо худораҳматӣ завқаатон ***дилбастагии хоссае доштед*** *[5, с.9].*

Аз таҳлили ҷумаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки барои англисзабонон изҳор намудани ишқу муҳаббати хеш нисбат ба ёр амали муқаррарӣ буда, барои ҳувияти онҳо чунин ҳолати мазкур қобили қабул аст, аммо дар фарҳангу тамаддуни тоҷикзабонон изҳори ***муҳаббат*** намудан ба ёри худ амали бениҳоят душвор буда, барои ибрози ***муҳаббат*** садди роҳи ошиқонро монеаҳои гуногун, аз ҷумла шарму ҳаё мегиранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки тоҷикон ишқу муҳаббатро дар ҳамбастагӣ бо шарму ҳаё дарк менамоянд.

Чун муддате аз ин моҷаро гузашт, нолаву фарёд аз ҳарду баланд шуд, зеро ***ишқ*** *монанди касе, ки шамшер ба даст гирифта бошаду мулоҳизаи ҳеҷ касу ҳеҷ чизро накунад, ба дилҳои он ду ворид шуд ва хонаи дилҳояшонро холӣ кард ва* ***дили ҳар дуро рабуд*** *ва ба ҷом ба онҳо гами* ***ишқ*** *дод [5, с.9].*

Ва азоби аз гирифтори ***муҳаббат*** пайдо шуда дар бисёр мавридҳо табобатнашаванда шумурда мешавад:

Дарди сари илоҷ макаш баъд аз ин табиб
Дардест ***дарди ишқ, ки дармонпазир нест*** [9, с.191].

Дар забони тоҷикӣ ҳамчунин вожаи *ошиқпеша* чун ифодагари консепти «муҳаббат» мавриди истифода қарор гирифтааст:

Саломи бағдодӣ ҷавоне буд ***ошиқпеша*** *ва гамдида, ки дар ошиқӣ собитқадам буд ва дар сурудани ашъори ошиқона моҳир [7, с.86].*

Зайд ҷавоне буд ***ошиқпешаву*** *ҳунарманд ва шоири моҳир, ки дил ба духтари аммаи худ, ки Зайнаб ном дошт, бохта буд [7, с.91].*

Тоҷикон ҳамеша омода ҳастанд, ки дар роҳи *ишқу* ***муҳаббат*** ҷоннисориҳо ва ҷонсупориҳо кунанд, яъне ишқро тоҷикзабонон ҳамчун як ҳиссиёте мефаҳманд, ки инсонро далеру шуҷоъ гардонида, барои мубориза бурдан ва дар роҳи ишқ ҳалок гаштан маҷбур месозад :

Худоё, ман ҳозирам ҷони худро дар роҳи ***ишқи*** *Лайлӣ бидиҳам [7, с.21].*

В-он гоҳе, ки амиқ аз ин ки ҷонамро дар роҳи ***ишқаш*** *аз даст бидиҳад, наметарсад [7,* с.*25].*

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон дар роҳи ишқ ҷоннисорӣ намудани ошиқ, ки дар дили ӯ ишқи самимӣ ва аслӣ ҷӯш мезанад, таҷассум ёфтааст:

Ошиқ*, агар* ***ошиқи ростӣ*** *бошад, бояд ҷони худро дар роҳи Лайлӣ бидиҳад, чӣ гуна дил барои шумо ва ҷонсупориҳоятон бисӯзонам? [7, с.130].*

Инчунин, ***муҳаббат*** дар шуури тоҷикзабонон ҳамчун сарчашмаи ҳаёту зиндагӣ ва нерую тавоноӣ таҷассум ёфтааст, ки бо аз даст додани он инсон ба марг мубтало мегардад:

*Ман нерую тавони худро аз **ишқ** ба даст меоварам, пас агар **ишқр**о аз мане бигиранд, ман ҳам хоҳам мурд [7, с.21].*

Қайд кардан зарур аст, ки ошиқон дар мавриди муроҷиат ба дӯстдоштаи худ аз меҳри зиёд калимаҳою ибораҳои гуногуни меҳрубонона истифода мебаранд, то муҳаббати худро нисбат ба ёр бештар иброз намоянд. Тоҷикзабонон дар мавриди муроҷиат кардан ба ёри худ аз *азизам, гули ман, гули зебои ман, ҳастии ман, ҳаёти ман, ишқи ман, фариштаи ман, баҳори ман* ва ғайраҳо истифода менамоянд:

*– Ман **ошиқи як гул**, **як гулро дӯст медорам**, танҳо **як гулро**... [5, с.279].*

*– Ана ҳамин духтараки хушрӯй **гули ман**, **гули зебояки ман** [5, с.279].*

Тоҷикзабонон, инчунин, дӯстдоштаи худро ба баҳори зиндагии худ монанд мекунанд, ки ба зиндагиашон доимо таровату сароҳат мебахшад. Аз ин рӯ, дар бештари мавридҳо дар вақти муроҷиат ба ёр тоҷикон ибораи *баҳори ман*-ро истифода мебаранд:

*Ҳанӯз баҳор наомадааст ва ту **баҳори ман** аз ман меравӣ. Оре, оре, ту баҳорӣ – ботароват, босароҳат, муаттар, муҷалло. Оре, ту баҳор астӣ ва то он замоне, ки туро доштам ман дар оғӯши баҳор будам [5, с.83].*

Англисзабонон бошад, аз калимаҳо ва ибораҳои *my sweetheart* [***маҳтул***. дили ширин], *my honey [**маҳтул**. асали ман]*, *my love [**маҳтул**. ишқи ман]*, *my darling [**маҳтул**. азизаки ман]*, *my sweetie [**маҳтул**. ширинаки ман]*, *my angel [**маҳтул**. фариштаи ман]* дар вақти муроҷиат ба дӯстдоштаи худ истифода мебаранд:

*He continued to send for me punctually the moment the clock struck seven; though when I appeared before him now, he had no such honeyed terms as **'love'** and **'darling'** on his lips: the best words at my service were 'provoking puppet,' 'malicious elf,' 'sprite,' 'changeling,' &c [14, с.522]. – Ҳамин, ки соат занги ҳафтро мезад, ҳар рӯз ӯ барои ман кас мефиристод. Аммо ҳине ба наздаш ҳозир мешудам, вай дигар маро бо чунин суханҳои меҳрубонона аз қабили **«ишқи ман», «кабӯтараки ман»** пешвоз намегирифт, балки маро «шайтончаи густох», «парии айёр», «масхарабоз», «аҷина» ва ба ҳамин минвол калимаҳо, ном мегирифт [17, с.269].*

Баъзан калимаи *ишқ* барои ифодаи муҳаббати байни марду зан истифода шудааст, ки он ҳам ҳаммаънои калимаи ***муҳаббат*** мебошад. Қобили қайд аст, ки «оташи ишқ» низ маънои маҷозӣ дошта, ба дарду ранҷ гирифтор шудани шахсро мефаҳмонад:

*Агар гармои **оташи ишқ** ва алоқае ба ту набуд, сели ғам маро ба худ мебурду нобуд мекард ва агар ашкҳои ман набуд, дилам аз ҳарорати оташи ғами ту месӯхт [8, с.12].*

Admire дар забони англисӣ ҳаммаънои калимаи ***love*** мебошад, аммо дар мисоли дар зер овардашуда он ба хотири обуранги бадеӣ якҷоя ба кор бурда шудааст:

*I have struggled without success. My feelings will not be controlled. You must allow me to tell you how warmly I **admire** and **love** you [20, с.56]. [**маҳтул.** Ман бе комёбӣ азият мекашидам. Ҳиссиёти ман идоранашаванда мебошад].*

Дар забони тоҷикӣ ҳамчун ҷуфтҳои синонимӣ истифода шудани вожаҳои «волаву шайдо», «меҳру муҳаббат» ва ғайраҳо зиёд вомехӯрад:

*Аммо ман **Ҷарираро дӯст медорам, ҳамаи меҳру муҳаббатам** бо ӯст [12, с.204].*

Барои ифодаи мафҳуми муҳаббати байни марду зан дар забони англисӣ вожаи ***love*** истифода мешавад:

*«I don't just **love** you»*

*«I **love** you very much, Oliver» [16, с.24]. [**маҳтул.** Ман туро ниҳоят дӯст медорам, Оливер].*

*His **love** for her caused him to travel from home more often than anything else could do [16, с.126]. [**маҳтул. Ишқи** вай ба ӯ беш аз ҳама чиз аз хона саёҳат карданро маҷбур месохт].*

Дар забони англисӣ ибораи *to be attracted to* низ маънии дилбастагӣ ва муҳаббат ба шахсро дорад.

*Darcy had never been so **attracted to** any woman as he was to her [16, с.17]. [**маҳтул.** Дарси ҳеҷ гоҳ ин қадар ба ҳеҷ зан дилбаста набуд ба монанди ӯ].*

*Anything was a welcome relief at Rosings, and Mrs Collins's pretty friend had **attracted him** [16, с.49]. [**маҳтул.** Дар Розинг чизи дилкаши сабуккунанда буд ва дӯсти дилкаши хонуми Колинс ӯро ба худ ҷалб кард].*

*He does in fact seem to **be attracted to** her oldest daughter, the calm and lovely Jane, but their relationship is not in fact an easy one [16, с.7]. [**маҳтул.** Аслан ӯ **дилбастаи** духтари бузурги ӯ буд, Ҷейни ором ва хушандом, аммо муносибати онҳо сода набуд].*

Дар забони тоҷикӣ ин мафҳум бештар ба *майл доштан* ба шахс мувофиқ меояд. Қобили қайд аст, ки ин ибора бевосита *муҳаббати амиқро* иброз надошта, танҳо майл ва қадами аввали пайдо шудани муҳаббатро ифода менамояд:

Гулнор чанд гоҳ боз Ёдгорро ***дӯст медошт*** *ва хаёл мекард, ки дар оянда бо ӯ як зиндагонии дӯстдоранда барпо карда умри худро бо саодат ва шодкомӣ хоҳад гузаронид [8, с.20].*

Баъзан истифодаи феъли *дӯст доштан* равшан зоҳир гардидааст. Воқеан, ҳангоми изҳори муҳаббат ба ҷинси муқобил дар забони тоҷикӣ бештар вожаи *дӯст доштан*-ро истифода мебаранд ва дар забони англисӣ бошад вожаи ***love***.

Аз ҳаракатҳои Гулнор маълум буд, ки вай ҳам маро ***дӯст медорад,*** *вай ҳеҷ гоҳ домани каси дигареро бо дасти* ***муҳаббат*** *нахоҳад гирифт, оё вай рӯзи охирин: «ҳар гоҳ ту зан гирифтанӣ шавӣ, ман ҳам тӯй мешавам» нагуфта буд?! [*8*, с.159].*

Баъзан дар забони тоҷикӣ барои ифодаи муҳаббат аз воҳидҳои фразеологии «дил бастан» ва «дил бохтан» низ истифода мебаранд:

Зайд ҷавоне буд ошиқпешаву ҳунарманд ва шоири моҳир, ки ***дил*** *ба духтари амуи худ, ки Зайнаб ном дошт,* ***бохта буд*** *[7*, с.*91].*

Дил бастан ва ё ин ки *дил бохтан* дар забони тоҷикӣ ҳаммаъно мебошанд ва ҳамон маънии ошиқ шуданро доранд: *Қасдаш ин буд, ки аз ҷаҳиши набзаш дарёбад, ки аз кадом шаҳр аст ва ба чӣ кас* ***дил бастааст*** *[7, 33].*

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои *ошиқ ва гирифтор* бо вожаи ***муҳаббат*** робитаи маъноӣ доранд:

Канизак бемор мешавад ва шоҳи ***ошиқу гирифтори ӯ*** *ҳамаи табибонро гирд меоварад, то ӯро дармон кунанд* [7*,* с.30].

Муҳаббат ва *дилбастагӣ* дар забони англисӣ бо ибораи *to touch one's heart* ва дар забони тоҷикӣ *ба дил роҳ ёфтан*, *дили касеро тасхир намудан*, *дили касеро моил кардан* ифода мегардад:

Elizabeth's heart had been only slightly ***touched,*** *and her pride was satisfied with believing that she would have been his only choice, if fortune had permitted [*20*, с.43]. [****таҳтул.*** *Дили Элизабет андаке тасхир гардида буд ва шаъну шарафаш ӯро бо эътимоди он, ки агар амри тақдир бошад. ӯ интихоби ягонаи вай хоҳад буд, қонеъ мегардад].*

Имрӯз Амон боги истироҳат, магозаҳо, меҳмонхона ва дигар ҷойҳои посёлкаро давр зада, дар ботинаш пайдо шудани як ҳисси аҷоиби навро пай мебурд, гӯё меҳри бинокорони ин шаҳрчаи озода ба манзили худ, ***-ба дили вай ам оҳиста-оҳиста роҳ меёфт*** *[11, с.93].*

Эҳ, Латиф, кӣ медонад, эҳтимол ту ба ***дили ӯ роҳ ёфта*** *тавонӣ? [13, с.141].*

*Шумо, ки як хизматгори содиқи ҷонсупори ҷаноби мир мебошед, дили он кас ҳам ҳамеша ба тарафи шумост, «****дилро ба дил роҳест*** *дар ин гунбази сипеҳр, аз рӯйи кинаву аз рӯйи меҳр» гуфтаанд [13, с.37].*

Мавридҳое низ вомехӯранд, ки калимаҳои ***loving*** ва ***love*** дар ҳамбастагӣ омадаанд. Вожаҳои ***loving*** ба маънои *дӯстдорӣ* ва *being loved* ба маънои *дӯстдошта будан* мавриди истифода қарор гирифтаанд:

I lack the vocabulary to describe what ***loving and being loved*** *by Jennifer Cavilleri is like [*20*, с.51]. [****таҳтул.*** *Ман барои тавсиф намудани чӣ будани* ***дӯстдорӣ*** *ва* ***дӯстдошта****и Ҷеннифер Каввилери суханеро намеёбам].*

Дар тафаккури англисзабонон муҳаббати байни марду зан бо ибораи *fall in love [****таҳтул.*** *афтодан дар муҳаббат]* ифода карда мешавад. Албатта, дар алоҳидагӣ таркиби ин ибора комилан маънои дигарро ифода менамояд. Аммо аксаран дар забони англисӣ барои ибрози муҳаббати байни марду зан аз ҷониби муаллифон ибораи мазкур мавриди истифода қарор мегирад ва ниҳоят маъмул гардидааст:

He really believed that, if it were not for her inferior relations, he would be in some danger of ***falling in love*** *[*20*, с.17] [****таҳтул.*** *Ӯ комилан боварӣ дошт, ки агар муносибати бади ӯ ҷой намедошт, ӯ ба хатари* ***ошиқ шудан (дар муҳаббат афтодан))*** *дучор меомад].*

Қобили қайд аст, ки тарҷумаи таҳтуллафзии воҳиди фразеологии номбаршуда чунин аст: *fall* – афтидан ва ***love*** – ***муҳаббат***, яъне дар *муҳаббат афтидан*.

Дар тасвири забонии тоҷикзабонон, инчунин истифодаи воҳиди фразеологии «*тухми муҳаббат коштан*» мушоҳида мегардад, ки ба маънои *пайдо шудани муҳаббат* ё *дӯстӣ кардан* корбаст мешавад:

*Дили ҷавон ҳанӯз ба ин духтар банд нашуда буд, лекин нигоҳҳои гоҳ–гоҳии он гӯё вайро ба тарафи худ мекашид ва ё ба **дили ӯ тухми муҳаббат мекошад** [8, с.108].*

Консепти ***муҳаббат*** дар забони тоҷикӣ тавассути вожаи *ишқ* бештар ифода меёбад:

*Он дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ, ки дар вақти дастгир шуданаш аз Гулнор дид, яке бар сад **ишқу муҳаббаташро** ба вай зиёд карда буд [10, с.158].*

*Магрур аз таваҷҷуҳу тафаққут ин номаҳоро нодида мегирифтам ва ақида доштам, ки **олиҳаи ишқи ман** ҳанӯз наёмадааст [5, с.29].*

Дар мисолҳои овардашуда барои баёни мафҳуми ***муҳаббат*** ҳам вожаи ***муҳаббат*** ва ҳам *ишқ*-ро истифода намудаанд. Хусусияти фарқкунандаи забони тоҷикӣ аз забони англисӣ дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ калимаҳои ифодакунандаи ҳамон як маънӣ метавонанд дар якҷоягӣ истифода гарданд, ба монанди *ишқу муҳаббат, шавқу ҳавас, майлу рағбат, ки* ин ҳолат дар забони англисӣ кам мушоҳида мегардад. Ҳолатҳои истифодаи мафҳуми ***love*** ва *to be attracted to* (дилбаста будан ба) ва мавриди истифода қарор гирифтани онҳо дар тасвири забонии англисзабонон бештар ба назар мерасад:

Attracted by *youth and beauty, and that appearance of good temper which they usually give, he had married a woman whose weak understanding and narrow mind had very soon put an end* ***to real love for her*** *[20, с.73]. [**таҳтул. Дилбастаи** ҷавонӣ ва зебоӣ ва он намуди феъли хубе, ки онҳо одатан вонамуд мекарданд гардида, ӯ бо зане издивоҷ намуд, ки фаҳмиши кам ва ҷаҳонбиниш танг ба зудӣ муҳаббати ҳақиқии ӯро нисбати вай ба хотима бахшад].*

Калимаҳои *меҳрубонӣ ва дилбастагӣ* чун ифодакунандаи мафҳуми «муҳаббат» дар забони тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд:

*Гуфт: **меҳрубонӣ ва дилбастагии** Афросиёб ба Сиёвуш чунон аст, ки ӯ шоҳзодаро ба ҷойи фарзанд медонад ва бешак баъд аз сари худ подшоҳиро ба ӯ месупорад [12, с.203].*

Вожаи *муошиқа*, ки низ иқтибос аз забони арабист, дар забони тоҷикӣ метавонад ифодагари консепти ***муҳаббат*** шавад:

*Ҳар кас, ки дар арсаи ҳастӣ зан халқ шудааст, бадеҳист, ки аз сифоти занӣ барҳӯрдор аст ва ниёзманди **меҳрубониву навозиш** ва хостори мугозала ва **муошиқаи мард аст** [5, с.40].*

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон консепти «муҳаббат» бо ибораҳои гуногун ифода ёфтааст, ки он хосси забони тоҷикӣ мебошад. Ибораи *муҳаббату отифа* ифодагари консепти ***муҳаббат*** дар забони тоҷикӣ буда, вожаи *отифа* дар фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ ҳамчун *меҳрубонӣ, шафқат, илтифот* [3, с.973] тафсир шудааст.

*Ва ҳар гоҳ миёни саҳифаҳои рисолаҳои дарсӣ ва моддаии шогирддухтарон номаҳое меёфтам, ки баъзе ба таври мармуз ва бархе ошкоро **аз муҳаббату отифаи худ ҳикоят мекарданд**.*

Вожаи *отифа*, инчунин, дар якҷоягӣ бо вожаи *ишқ* истифода мегардад:

*Ман ҳам мисли дигар духтарҳои ошиқу ворафтаи шумо, ба номатон номаҳое саршор аз меҳру лутф менавиштам ва бо сароҳату садоқат бар **ишқу отифаи худ** нисбати шумо қоил мешудам [5, с.43].*

Ибораи *ишқу ошиқӣ* низ ифодагари консепти ***муҳаббат*** дар низоми луғавии забони тоҷикӣ мебошад:

*Лекин ин аҳмақ хеле суст, гоҳ ба **ишқу ошиқии** худаш сагардон [10, с.201].*

Зикр кардан бамаврид аст, ки ошиқ ва ишқ дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бо сифатҳои гуногун муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ибораи *ошиқи ворафта* ба назар мерасад, ки он ифодакунандаи *ошиқи шефтаву шайдо* мебошад:

*Лоф намезанам, бисёре аз духтарҳо, ки ба онҳо дарс медодам, **ошиқи ворафтаам** буданд [10, с.29].*

*Вале Шамсиддин самари боғи дигар ва парвардаи боғбони дигар буд ва бо он ки **ошиқи вораста буд**, ҳаргиз наметавонист пой бар сари расми куҳан ва дерини мардум бизанад ва бо «ворастагӣ»- и бечо вораста аз ақл муаррифӣ шавад ва расвою радди маъракаро гардад [10, с.73].*

Инчунин, тоҷикзабонон *марди ошиқро* ҳамчун *Маҷнуни девона* ном мебаранд, ки он ифодагари ошиқи асил мебошад. *Маҷнун* дар шуури тоҷикзабонон таҷассумгари шахсест, ки аз рӯйи ишқи дилдодааш саҳроӣ гаштааст. *Маҷнун* – лақаби Қайс, қаҳрамони достони «Лайлӣ ва Маҷнун», ошиқи Лайлӣ мебошад, ки бинобар сабаби ишқ девона гашта буд:

Ӯ дар вақташ ***ошиқи модари Рустам*** *будааст,* ***ошиқи шайдо, девонаи Маҷнун****...[7, с.261].*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифодаи мафҳуми ***муҳаббат*** дар мавриди дӯстии байни марду зан бо вожаҳои мухталифи ҳаммаъно ба кор бурда шудаанд. Хусусан, барои ибрози муҳаббат дар забони тоҷикӣ аз чунин калимаҳо ва ибораҳо ба монанди *муҳаббат, ишқ, дилбастагӣ, гирифтор, ошиқ, дилдода, дӯст доштан, дил бастан, дил бохтан, меҳр* ва ғайра ва дар забони англисӣ бо вожаҳои *love, admire, fall in love, touch one's heart, to be attracted to, win affection, give love to some one* ва ғайра ифода гардидааст. Мавриди зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ барои ифодаи муҳаббати байни ду шахс вожаи *ишқ* назар ба калимаи ***муҳаббат*** бештар истифода мешавад, ки ин яке аз хусусиятҳои хосси забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маслова, В.А. Лингвокультурология: Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / В.А. Маслова. - М.: Издательский центр «Академия», 2001. – 208 с.
2. Попова, З.Д. Когнитивная лингвистика / З.Д. Попова, И.А. Стернин. – М., 2007. – 314 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1-2. / М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М., 1969. – 952 с.
4. Ҷӯраев, Ғ. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1988. – 400 с.
5. Унсурулмаолии Кайковус. Кобуснома / Кайковус, Унсурулмаолӣ. – Душанбе, 2016. – 240 с.
6. Марк, Т. Шаҳзода ва гадо / Марк, Т. – Сталинбод, 1952. – С.338.
7. Низомӣ, Ганҷавӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. Баргардон ба наср Муртазо Қосимӣ / Ганҷавӣ, Низомӣ. – Душанбе, 2017. – 315 с.
8. С. Айнӣ. Ғуломон / Айнӣ, С. – Душанбе: Ирфон, 1984 – 545 с.
9. С. Айнӣ. Ёддоштҳо. Қ.3-4 / Айнӣ, С. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
10. Ф., Муҳаммадиев. Муҳоҷирон / Муҳаммадиев, Ф. - Сталинобод, 1959. – 189 с.
11. Фирдавсӣ, А. Достонҳои «Шоҳнома». Нигориши С.Улуғзода / А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1986. – С.476.
12. Ф. Ниёзӣ. Вафо. Қ.2 / Ниёзӣ, Ф. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 496 с.
13. Ҳабиб Ю. Сатрҳои нотамом / Ю., Ҳабиб. – Душанбе, 1987. – 336 с.
14. Шарлотте, Бронте. Ҷен Эйр. Роман / Бронте, Шарлотте. Тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 412 с.
15. Ҷ.Икромӣ. Тори Анкабут / Икромӣ Ҷ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 110 с.
16. Charles, D. Oliver Twist / D.Charles. – NewYork: Lancer Books. – 670 p.
17. Charlotte, B. Jane Eyre / B. Charlotte. Edited with an introduction by M. Smith. – Oxford University Press, 1975. – 496 p.
18. Homer. The Odyssey. Translated by Samuel Butler. – http://www.PlaneteBook.com/. – 443p.
19. Mark, Twain. The Prince and the Pauper / Twain, Mark. – New York, 2004. – 230 p.
20. Robert, Louis Stevenson. Treasure Island / Stevenson, Robert Louis. – 1993. – 183 p.

ҶУЗЪИ МАЪНОИИ МУҲАББАТ БО ЭҲСОСИ МУНОСИБАТИ БАЙНИ ДУ ШАХС (МАРДУ ЗАН) ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур ҷузъи маъноии «муҳаббат» бо эҳсоси муносибати байни ду шахс (марду зан) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар таркиби консепти "муҳаббат" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, то ин ки фаҳмишу дарки тоҷикзабонон ва англисзабонон оид ба муҳаббат муайян карда шавад. Воқеан, муҳаббат эҳсоси ногуфтанист. Алалхусус, дар бораи муҳаббати байни ду шахс – марду зан асарҳои зиёди оламшумул эҷод гардидаанд, ки асрҳо вирди забони мардум буда, нуфузу манзалати хешро гум накардаанд. Консепти *муҳаббат* дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ҳамчун як консепти алоҳида таҷассум ёфта, ҷузъи маъноии *он* бо эҳсоси муносибати байни ду шахс (марду зан) дар тасвири забонии ҷаҳони халқиятҳои забонашон муқоисашаванда ба таври гуногун ифода ёфтааст. Муаллиф дар мақола ҷузъи маъноии «муҳаббат» бо эҳсоси муносибати байни ду шахс (марду зан)-ро дар таркиби консепти "муҳаббат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил намудааст. Таҳлили ҷузъи маъноии «муҳаббат» бо эҳсоси байни ду шахс (марду зан) дар таркиби консепти "муҳаббат" нишон дод, ки муҳаббат аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳамчун ҳадяи қиматбаҳо ва камёфт, гавҳари ноёб, беморӣ, ҳисси заволнопазир ва ҷовидон фаҳмида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифодаи мафҳуми *муҳаббат* дар мавриди дӯстии байни марду зан бо вожаҳои мухталифи ҳаммаъно ба кор бурда шудаанд. Хусусан, барои ибрози муҳаббат дар забони тоҷикӣ аз чунин калимаҳо ва ибораҳо ба монанди *муҳаббат, ишқ, дилбастагӣ, гирифтор, ошиқ, дилдода, дӯст доштан, дил бастан, дил бохтан, меҳр* ва ғайра ва дар забони англисӣ бо вожаҳои *love, admire, fall in love, touch one's heart, to be attracted to, win affection, give love to someone* ва ғайра ифода гардидааст.

Калидвожаҳо: консепт, тасвири ҷаҳон, шуур, фарҳанг, тафаккур, эҳсос, муносибат, низоми луғавии забони англисӣ, низоми луғавии забони тоҷикӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ КОМПОНЕНТ ЛЮБВИ С ЧУВСТВОМ СТРАСТИ И ПРИВЯЗАННОСТИ МЕЖДУ ДВУМЯ ЛИЧНОСТЯМИ (ЖЕНЩИНОЙ И МУЖЧИНОЙ)

(на основе материалов таджикского и английского языков)

В этой статье рассмотривается семантический компонент «любовь» с чувством страсти и привязанности между двумя личностями (женщиной и мужчиной) в таджикском и английском языках в составе концепта «любовь» для определения понимания любви носителями таджикского и английского языков. В первой части статьи разъясняется понятие «концепт», исходя из взглядов лингвистов. Анализ интерпретации концепта «любовь» показал, что данный концепт состоит из семантических компонентов любовь как чувство страсти и привязанности (родство, дружба и товарищество), любовь как чувство между двумя людьми, любовь к вещам и любовь как чувство преданности Родине. Далее автор анализирует семантический компонент «любовь» с чувством страсти и привязанности (родство, дружба и товарищество) в составе концепта «любовь» в таджикском и английском языках. Анализ семантического компонента «любовь» с чувством страсти и привязанности (родство, дружба и товарищество) в составе концепта «любовь» в таджикском и английском языках показал, что этот компонент состоит от любви к матери, отцу, ребенку, родине, другу и родственнику. При анализе семантического компонента «любовь» с чувством страсти и привязанности (родство, дружба и товарищество) в составе концепта «любовь» в таджикском и английском языках было выявлено, что независимо от традиции, понимание концепта «любовь» таджиками и англичанами имеет общие черты. Отсюда следует, что у каждой нации свое понимание разных концептов. В частности, концепт «любовь» понимается таджиками и англичанами специфично для этих народов, и эти специфические и общие характеристики этих народов подробно описаны в статье. Чтобы раскрыть содержание данного концепта, автор приводит примеры и подкрепляет их научными данными.

Ключевые слова: концепт, семантический компонент, сознание, культура, мышление, интерпретация, переносное значение, английская лексическая система, таджикская лексическая система.

SEMANTIC COMPONENT OF LOVE WITH A FEELING OF PASSION AND ATTITUDE BETWEEN TWO PERSONS (WOMAN AND MAN)

(based on Tajik and English materials)

This article examines the semantic component of "love" with a sense of passion and affection (kinship, friendship) in the Tajik and English languages as part of the concept of "love" to define the understanding of love by native speakers of Tajik and English. The first part of the article explains the meaning of "concept" based on the views of linguists. Analysis of the interpretation of the concept "love" showed that this concept consists of semantic components love as a feeling of passion and affection (kinship, friendship and comradeship), love as a feeling between two people, love for things and love as a feeling of devotion to the Motherland. Further, the author analyzes the semantic component "love" with a sense of passion and affection (kinship, friendship and comradeship) as part of the concept of "love" in Tajik and English. Analysis of the semantic component "love" with a sense of passion and affection (kinship, friendship and comradeship) as part of the concept of "love" in Tajik and English languages showed that this component consists of love for mother, father, child, homeland, friend and relative. When analyzing the semantic component of "love" with a sense of passion and affection (kinship, friendship and comradeship) as part of the concept of "love" in the Tajik and English languages, it was revealed that regardless of tradition, the identity of these peoples in understanding the concept of "love" by Tajiks and English have common features. It follows that each nation has its own understanding of different concepts. In particular, the concept of "love" is understood by the Tajiks and the British specifically for these peoples, and these specific and general characteristics of these peoples are described in detail in the article. To back up the idea, the author gives examples and backs them up with scientific evidence.

Key words: concept, semantic component, consciousness, culture, cognition, interpretation, figurative meaning, English lexical system, Tajik lexical system.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азиззода Дилрабо*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 906-90-62-62**

Сведения об авторе: ***Азиззода Дилрабо*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, к.н.ф., кафедры сопоставительного языкознания и теория перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 906-90-62-62**

Information about the author: ***Azizzoda Dilrabo*** – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotima Ulughzoda, doctor Ph.D the second course of the Comparative linguistic and the theory of translation. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru.**
Phone: **(+992) 906-90-62-62**

УДК: 491.550+42-54

БАРРАСИИ ҶАНБАҲОИ МАНТИҚӢ ВА ЛИНГВИСТИИ КАТЕГОРИЯИ ИНКОР

Қодирова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Категорияи инкор дар таҳқиқи забоншиносон заминаи таърихӣ дорад. Аз дидгоҳи аксар муҳаққиқон категорияи инкор барои дақиқ ва ҳадафнок баён намудани андеша нақши муҳим мебозад. Категорияи инкор дар забон ҳамчун категорияи грамматикӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои прагматикӣ низ дорад. Вазифаи асосии он ҳангоми ифодаи андеша дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ муайян карда мешавад. Муҳимтарин вазифаи категорияи инкор барқарор кардани робита миёни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад. Категорияи инкор ҳамчун категорияи мустақил барои таъмини таносуб дар нутқи хаттию шифоҳӣ мусоидат мекунад. Воқеан андешаи мо дар тамоми муддати гуфтугӯ наметавонад комилан тасдиқи афкору андешаи шахси муқобили мо қарор дошта бошад. Аз ин рӯ, инкори андеша маҳз тавассути категорияи инкор сурат мегирад.

То ҳанӯз баррасии категорияи инкор дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дошта, ба таҳқиқи он соҳаҳои гуногуни илм, фалсафа, мантиқ, математика, лингвистика машғуланд.

Моҳияти категорияи инкорро муносибати инкори расмӣ, мантиқӣ ва инкори лингвистӣ ташкил медиҳад. Аз дидгоҳи илми фалсафа инкор лаҳзаи зарурии рушд ва таҳаввули тағйирёбии як ашё ба ашёи дигар аст, ашёи аввал на танҳо инкор карда мешавад, балки хусусиятҳои мусбати он ҳифз карда мешаванд.

Дар илми мантиқ раванди мантиқӣ аст, ки дар натиҷа бо муҳокима як ҷо ном бурда мешаванд. Инкор ибтидои муҳокима аст. Дар он мафҳуми муайянкунанда ба муқобили он табдил меёбад. Яке аз масъалаҳои фундаменталии мантиқ – ин масъалаи табиати муҳокимаи инкорӣ дар воқеият ба ҳисоб меравад. Дар муҳокимаи инкорӣ объект тағйирнопазир боқӣ мемонад, муносибати субъект ба предикат аз рӯйи моҳияти худ мусбат аст.

Барои он ки мо мавқеъ ва вазифаи категорияи инкорро дақиқтар муайян кунем, зарурат пеш меояд, ки ба собиқаи таърихии истифодаи категоряи инкор аз дидгоҳи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таваҷҷуҳ намоем, зеро бидуни руҷуъ ба собиқаи таърихии забони форсии тоҷикӣ ва истифодаи категорияи инкор проблемаи таҳқиқи категорияи инкор ва вижагиҳои семантикию сохтории он имконнопазир аст. Асосан мавзуи баҳси мо ба категорияи инкор дахл дорад, мо бештар ба категорияи инкор ва мавқеи истифодаи онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рӯ овардаем.

Дар адабиёти илмии бо забонҳои гуногун боқимонда, категорияи инкор тавассути пешояндҳо ва дигар ҳиссаҳои нутқ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Осори зиёди илмӣ ва таҳқиқӣ мавҷуд аст, вале таҳқиқи он дар ҳавзаи забони форсии тоҷикӣ дар замони шуравӣ бештар ривоҷ гирифт.

Забоншиноси тоҷик Д.Саймуддинов дар китоби худ «Вожашиносии забони форсии миёна» доир ба истифодаи категорияи инкор дар забони форсии миёна маълумоти арзишманде додааст. Ӯ дар китоби худ доир ба пешвандҳои форсии миёна маълумот дода, истифодаи категорияи инкорро тавассути ин пешвандҳо таъкид мекунад. Ӯ чунин зикр мекунад: «Пешванди **a-//an-**. Ин пешванд маънои инкор дошта, сифат ва ё хусусияти вожаҳоро дар ҳамин маъно ташхис менамояд. Пешванди мазкур дар форсии нав мансух гардидааст. Баробариҳои он дар форсии нав пешвандҳои **бе-** ва **на-** мебошад» [12, с.37].

Барои равшанӣ андохтан ба собиқаи таърихии таҳқиқи категорияи инкор бояд даврaҳои гуногуни рушди забони форсии тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор дод. Ҷиҳатҳои назарии таҳқиқи категорияи инкор дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори боқимондаи забоншиносии классикии тоҷик ба мушоҳида мерасад. Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки категорияи инкор ҳанӯз аз даврaҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи олимони тоҷик будааст. Таҳқиқот доир ба афкори забоншиносии тоҷик аз ҷониби профессор Д.Хоҷаев рӯйи кор омадааст. Дар таҳқиқоти ӯ доир ба осори боқимондаи забоншиносии тоҷик маълумоти арзишманде дода шудааст. Ин таҳқиқот аз собиқаи таърихӣ доштани илми забоншиносии тоҷик маълумот медиҳад .

Категорияи инкор на танҳо дар сатҳи морфология, балки дар қисмати наҳви забони тоҷикӣ хеле барвақт мавриди пажуҳиш қарор дошт ва дар гузашта, на танҳо дар сатҳи илми забон, балки дар илми мантиқ низ мавриди таваҷҷуҳи олимон буд. Ба андешаи забоншинос Ф.Шарипова «Илми забон дар давраи бостон ҳамчун ҷузъи илми мантиқ шинохта мешуд». Аз ин рӯ, категорияи инкор дар доираи илми забон ва мантиқ баррасӣ мегардид. Дар таҳқиқоти Ф.Шарипова доир ба афкори забоншиносони гузаштаи мо маълумоти нодир оварда шудааст. Махсусан, доир ба осори илмии Закариёи Розӣ (865-926), Абунасри Форобӣ (873- 951), Абуалӣ ибни Сино (980-1037), Абурайҳони Берунӣ (973- 1049), Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111).

Зикр намудан бамаврид аст, ки охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар кишвари Русия равияи сохторӣ (структуралистӣ) зуҳур мекунад, ки муҳаққиқони ин равияи илми забоншиносӣ даъво доштанд, забон аз ҷиҳати сохтор таҳқиқ карда шавад. Бори аввал дар забоншиносии тоҷик Абдурауф Фитрат ба ин равияи забоншиносӣ таваҷҷуҳ мекунад. Китоби ӯ «Қоидаҳои забони тоҷикӣ» (сарфу наҳв) (1925) ва китоби забоншиноси дигари тоҷик Саидризо Ализода «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (1926) асоси забоншиносии тоҷик дар давраи нави таърихӣ буданд. Дар ин китобҳои дарсӣ доир ба ифодаи категорияи инкор дар забони тоҷикӣ маълумоти муҳим оварда шудааст. Хизмати бебаҳоро дар ин марҳилаи таърихӣ устод Садриддин Айнӣ кардааст. Аз ҷумла, ӯ чанд китобу мақола навиштааст: «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (1926), «Китобҳои тоҷикӣ» (1926), «Дунёи нав-алифбои нав» (1927).

Категорияи инкор бо он ки дар осори гуногуни таълифшудаи қадим ва замони муосир зикр гардидааст, вале он ба таври комил мавриди пажуҳиши забоншиносӣ қарор нагирифтааст. Таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ дар замони истиқлол аз ҷониби забоншиносони маъруфи тоҷик хеле ҷиддӣ оғоз гардид. Махсусан дар ин давра донишмандони тоҷик Қосимова М.Н. Ф.Зикриёев, Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров, С.Анварӣ, Т.Шокиров, В.Д. Аракин, В.Д. Гогошидзе ва як қатор донишмандони дигар доир ба масъалаҳои гуногун ва паҳлуҳои мухталифи забони тоҷикӣ таҳқиқи ҷиддӣ анҷом доданд. Падидаи хеле муҳим ва нав дар ин давра, ки ба илми забоншиносии миллии тоҷик такони бузург дод, ин таҳқиқи осори забоншиносии ниёгон ва таҳқиқи осори забоншиносии қадимии тоҷикӣ ва ҳамгироии форсизабонон дар ин самт аст. Махсусан, ба заминаҳои таърихии забоншиносии миллӣ таваҷҷуҳ бештар гардид. Таҳқиқи мо низ дар забоншиносии тоҷик нав буда, вижагиҳои категорияи инкорро дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар бар мегирад.

Агар мо ба таърихи таҳқиқи забони тоҷикӣ назар афканем, дар тамоми осори илмию дастурӣ категорияи инкор яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад. Забоншиносон минбаъд низ дар осори таҳқиқии худ доир ба заминаи таърихӣ доштани категория инкор маълумот додаанд.

То кунун дар осори хаттии классикии мо пешояндҳои навъи **аз/зи, ба /бад, бар/абар, бе/абе, дар/андар, бо/або** шакли классикии худро ҳифз кардаанд. Ин гурӯҳи пешояндҳо «дар шаклгирии пуркунандаҳо, хелҳои гуногуни ҳол ёрӣ расонида, вазифаҳои наҳвии ҳиссаҳои мустақили нутқро (ҳиссаҳои номии нутқ, масдар, сифати феълӣ) дар ҷумла муайян ва аниқ менамоянд» [11, с.233]. Дар байни пешояндҳои зикршуда пешояндҳои **бе/абе** маънои инкорро ифода мекунанд.

Доир ба категорияи инкор дар тули таърихи ташаккули забони форсии тоҷикӣ осори зиёди илмӣ ба мерос мондааст, вале баррасии он мавзуи алоҳидаи пажуҳишӣ аст.

Дар осори илмии забоншиносии русию аврупоӣ солҳои охир доир ба вижагиҳои категорияи инкор таҳқиқоти фундаменталӣ анҷом дода шудааст, бозгӯи мақом ва ҷойгоҳи хос доштани категорияи инкор дар системаи грамматикии аксар забонҳои олам мебошад. Таҳқиқи категорияи инкор характери универсалӣ дошта, ба ҳама забонҳои дунё хос мебошад, аз ҷумла ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Дар забоншиносии дунё ин масъаларо теъдоди зиёди олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳия кардаанд. Дар байни онҳо Н.Н. Арват, А.И. Бахарев, В.Н. Бондаренко, С.Василева, В.В. Виноградов, А.Т. Кривоносов, О.В. Озаровский, Н.Г. Озерова, Е.В. Падучева, В.З. Панфилов, А.Пешковский, Л.Хорн, А.Шахматов ва дигарон таҳқиқоти илмии боарзиш анҷом додаанд.

А.И. Бахарев ақида дорад, ки собиқаи таърихии категорияи инкор ба замонҳои хеле қадим мерасад. Дар қадимтарин ёдгориҳои хаттии забонҳои дунё, новобаста ба кадом оила тааллуқ доштани онҳо категорияи инкор дар баробари категорияи тасдиқ мавҷуд будааст. Аз рӯйи мантиқ агар фикр кунем, категорияи инкор пас аз категорияи тасдиқ ба вуҷуд омадааст, аниқтараш дар ибтидои ташаккули забонҳои дунё, ҳамчун категория зуҳур мекунад [2, с.9].

Баррасии муҳаққиқон доир ба категорияи инкор гуногун аст. Аз он ҷумла, аксарият масъалаи инкори лингвистӣ ва мантиқиро ҷудо мекунанд ва ҳамзамон ҳамбастагии онҳоро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, нақши категорияи инкорро вобаста ба сохту таркиби ҷумла мавриди баҳс қарор додаанд. Бо он ки таҳқиқи категорияи инкор то имрӯз идома дорад, вале ин мавзуъ ба таври васеъ ва ҳамаҷониба таҳқиқ нагардидааст.

Аксар муҳаққиқон андеша доранд, ки таҳқиқ ва баррасии категоряи инкор бидуни фаҳмиши мантиқӣ ва фалсафӣ ғайриимкон аст. Дар ҳар сурат, ниёз ба таҳлили мантиқии категорияи инкор ба миён меояд.

И.Н. Бродский ба ақидае меояд, ки ҳукмҳои инкорӣ, ҳам монанди ҳукмҳои тасдиқӣ ба шакле воситаи инъикоси воқеият мебошанд [3, с.4]. Категорияи инкор аз лиҳози илми мантиқ ифодагари мавҷуд набудан, мухолифат, маҳрумият аз чизе, норасоӣ ва амсоли инҳо мебошад, ки он дар лингвистика тавассути воситаҳои гуногуни грамматикӣ ифодаи худро меёбад.

Категорияи инкор аз ҳама бештар дар соҳаи лингвистика муҳим аст. Дар марҳилаи муосири рушди донишҳои инсонӣ категорияи инкор ба умқи донишҳои забонӣ рафтааст ва заминаи таърихӣ дорад. Дар аввалин намунаҳои осори хаттии забонҳои дунё категорияи инкор шакли муҳимми иттилоъотрасонӣ ва инкори иттилоъ ба ҳисоб меравад.

Тахмин мекунанд, ки категорияи инкор пас аз категорияи тасдиқ ба вуҷуд омадааст. Инкорро зоҳиран он чизе ки дар пеши чашми мо нест, мефаҳманд, вале раванди мураккаби он чунин аст, ки ашёҳои диданашавандаро низ инкор мекунанд. Дар муқоиса бо категорияи инкор категорияи тасдиқ дар тамоми даврaҳои рушди забонҳои дунё вуҷуд доштааст.

Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки категорияи инкор на танҳо категорияи мантиқӣ, балки лингвистӣ низ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти забоншиносон дар самти баррасии категорияи инкор ду равияро ба вуҷуд овардааст, ки ин ҳам бошад: ба воситаи шакли ифодаи инкор ва ба воситаи мазмуни консептуалии он ифода ёфтани инкор дар назар аст. Ба ақидаи роиҷ шарҳу тафсири консептуалие, ки бар асоси равиши функционалӣ-семантикӣ асос ёфтааст, афзалият дорад, зеро тибқи он инкор ҳамчун изҳорот вуҷуд надоштан, мавҷуд набудани вазъияти баррасишаванда ё иштирок накардани падида, хусусият ё объект дар вазъи мавҷуда муайян мегардад.

Дар баробари ин, андешаҳое мавҷуданд, ки мувофиқи он моҳият ва асоси инкор, на ба омилҳои объективӣ, балки ба омилҳои субъективӣ алоқаманданд. Ин андешаро О.Есперсон чунин шарҳ медиҳад, ки бо ҳисси “нафрат” сухан рондан нуқтаи ибтидоии ифодаи инкор ба ҳисоб меравад [9, с.373-389].

Дар илми забоншиносии дунё ифодаи инкор баҳсҳои доманадорро ба миён овардааст. Гурӯҳе аз лиҳози илми наҳв инкорро баррасӣ кардаанд, масалан К.Д. Дондуа, гурӯҳи қабатҳои дигари забонро воситаи ифодаи инкор арзёбӣ мекунад. Албатта, ин равиш то ҳол идома дорад. Муҳаққиқи барҷастаи рус В.В. Виноградов категорияи ннкорро дар асоси категоряи модалият баррасӣ мекунад.

Бисёре аз муҳаққиқон, ки инкорро меомӯзанд, онро дар категорияи модалият баррасӣ мекунанд [6, с.550]. Ба гуфтаи А.М. Пешковский, категорияи инкор ба унвони категорияҳои «субъективӣ-объективӣ» дохил мешавад, зеро он на муносибати байни намояндагӣ, балки муносибати гӯянда (ва шунаванда)-ро ифода мекунад.

Муҳимтарин проблемаи ифодаёбии категорияи инкор асоси мантиқӣ ва грамматикӣ доштани он ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон инкор ҳам дар мантиқ ва ҳам грамматика ифода гардида, миёни ҳам робита доранд. Ин робита ҳангоми муқоиса ва таҳлили муқоисавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда мешавад. Мақсади ин муқоиса мушаххас кардани хусусиятҳои умумии ифодаи категорияи инкор дар забонҳои гуногун аст, ки онҳо мундариҷаи ягонаи мантиқӣ доранд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин асно сухан доир ба мантиқ меравад, зеро агар диалектика доир ба беохир будани ҳаракати материя баҳс

кунад, он гоҳ мантиқи формалӣ аз раванди рушд ҷалб гардида, шаклҳои устувори сохтори баитмомрасидаро меомӯзад. Аз ин рӯ, ин категория дар мантиқ хусусияти умумиинсонӣ дорад. Категорияи инкор бо он ки ба мантиқ рабт дорад, вале он ба воситаи забон ифода меёбад.

Аксар олимон собит мекунанд, ки инкор ҳамеша падидаи мантиқӣ ва забонӣ будааст. Инкори мантиқӣ ва мундариҷаи расмии он универсалияи забонӣ ба ҳисоб меравад ва он дар тамоми системаи забонҳои дунё мавҷуд аст, аз он ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. Зикр кардан бамаврид аст, ки муҳокимаи инкору тасдиқ на ҳама вақт якранг муқобили ҳам қарор мегиранд. Онҳо бо шаклҳои гуногун дар заминаи тафовути лексикӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ рӯйи кор меоянд.

Воситаи забонии ифодаи инкори мантиқӣ дар муҳокимаҳо тавассути ду шакли инкор ба миён меояд, ки тарҷумаи тоҷикии ин истилоҳот то имрӯз дар забоншиносии тоҷик мавҷуд нест. Аз ин рӯ, мо калимаи аслиро истифода кардем.

Ҳангоми таҳлили мантиқӣ ва лингвистии категорияи инкор сухан дар бораи андешаи воқеӣ меравад, вале бояд дар назар дошт, ки ифодаи инкор бе замина рӯйи кор намеояд. Маҳз воситаҳои гуногуни забонӣ мавҷуданд, ки андешаи моро инкор ё тасдиқ мекунанд.

Муҳаққиқон зикр мекунанд, ки категорияи забонӣ тавассути васоити мушаххаси забонӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, мо ҳангоми ифодаи андешаи худ бештар на ба мантиқ, балки ба воситаҳои ифодаи инкор таваҷҷуҳ мекунем. Хатои мантиқиро на ҳама вақт диққат медиҳем. Бо он ки инкор ҳангоми гуфтугӯ сухани моро гоҳо мантиқан дуруст мекунад ва ба самъи шунаванда мерасонад. Гуфтан бамаврид аст, ки категорияи инкор на танҳо маънои инкорро медиҳад, яъне маънои ин ё он андешаро, балки мавҷуд набудани худи ашёро низ тасдиқ мекунад. Инкор паҳлуҳои дигари таҳлил низ дорад. Он на танҳо падидаи мантиқӣ ва грамматикӣ, балки падидаи психологӣ низ ҳаст.

Хусусиятҳои маъноии категорияи инкор ва тасдиқ асоси мантиқӣ доранд. Чунин аст, ки ҳангоми тасдиқ бевосита инкор мавқеи худро аз даст дода, баръакс ҳангоми инкор арзиши тасдиқ аз байн меравад. Дар баробари ин, хусусиятяи маъноии воҳидҳои забонӣ на танҳо дар мантиқи онҳо зоҳир мегардад, балки барои ифодаи онҳо воситаҳои забонӣ низ заруранд.

Дар айни замон шаклҳои мантиқии афкор наметавонад дар алоҳидагӣ мавҷуд бошад, вале он метавонад, қисмате аз афкор бошад. Баррасии мантиқии категорияи инкор хусусияти умумӣ дорад. Мантиқи расмӣ новобаста аз шаклҳо ва воситаҳои забонӣ мавҷуд аст. Онро метавон дар асоси талаботҳо ва пояҳои мантиқии гуфтор муайян кард. Дар баробари ин, миёни инкор дар мантиқ ва забон алоқамандӣ мавҷуд аст. Ҳарчанд мо инкори мантиқиро тавассути маъно дарк мекунем, вале боз ҳам васоити забонӣ барои дақиқ ва равшан ифода кардани маъно муҳимманд. Ин раванд хеле мураккаб аст. Ифодаи маънои инкор аз лиҳози мантиқ ва ифодаи забонии он на ҳама вақт мувофиқат мекунанд. Ба андешаи олимони соҳаи забон Е.И. Шенделс, Е.А. Василева, Н.Г. Озерова, Л.П. Шипулина, В.Н. Зенчук, Л.А. Новиков инкори мантиқӣ – ин мундариҷаи асосии категорияи грамматикии инкор ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи аксари олимони зикргардида категорияи мантиқии инкор дар мундариҷаи категорияи инкори забонӣ ҷой дорад. Ғайр аз ин категорияи забонии инкор ва тасдиқ дорои вазифаи дигар ва ҳаҷми худии маъно низ мебошад.

Ҳамин тариқ, номувофиқии категорияи инкор дар мантиқ ва забон дар он ифода мегардад, ки инкор дар мантиқ дар шакли умумӣ зоҳир гардида, дар забон метавонад вобаста ба қабатҳои забонӣ: лексикӣ, морфологӣ ва наҳвӣ қисман ифодаи худро ёбад.

Барои он ки мо мавқеъ ва вазифаи категорияи инкорро дақиқтар муайян кунем, зарурат пеш меояд, ки ба собиқаи таърихии истифодаи категорияи инкор аз дидгоҳи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, таҳаввулот ва рушди он таваҷҷуҳ намоем. Зеро бидуни руҷуъ ба собиқаи таърихии забони форсии тоҷикӣ ва истифодаи категорияи инкор проблемаи таҳқиқи категорияи инкор ва вижагиҳои семантикию сохтории он имконнопазир аст. Пас, масъалаҳои марбут ба категорияи инкор гуногун буда, вобаста ба мақоми ҷумлаҳои инкорӣ ва воситаҳои ифодаи инкор дар онҳо якдилона вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки тадқиқоти муосир, ки ба ҷанбаҳои муайяни ин тоифа бахшида шудааст, ба илми педагогика (таълими забони русӣ ба донишҷӯёни хориҷӣ) мусоидат мекунад.

Муқарриз: ***Иғболов О.Ш.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М.: Сов. энциклопедия, 1966. – 608 с.
2. Бахарев, А.И. Отрицание в логике и грамматике / А.И. Бахарев. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1980. – 77 с.
3. Бондаренко, В.Н. Отрицание как логико-грамматическая категория / В.Н. Бондаренко. – М.: Наука, 1983. – 212 с.
4. Бродский, И.Н. Отрицательные высказывания / И.Н. Бродский. – Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1973. – 104 с.
5. Васильева, С.А. К вопросу о семантике отрицательных частиц / С.А. Васильева // Филологические науки. - 1959. - №. 3. – С.78-85.
6. Виноградов, В.В. Русский язык (грамматическое учение о слове) / В.В. Виноградов. Под ред. Г.А. Золотовой. Изд-е 4-е. – М.: Рус. яз., 2001. – 720 с.
7. Есперсон, О. Философия грамматики / О.Есперсон. – М.: Изд-во иностр. лит-ры, 1958. – 404 с.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик Қ.1: кит. дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ (Б. Ниёзмуҳамадов, С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов, Ҳ. Каримов ва дигарон). Нашри 2. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
9. Иғболов, О.Ш. Амсолу ҳикам дар забони авом / О.Ш. Иғболов // Маҷаллаи илмии пажуҳишии “Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2021. - № 5 (94). – С.42-47.
10. Исмоилзода, Э.С. Грамматические особенности конструкций с модальными глаголами в таджикском и английском языках / Э.С. Исмоилзода. – Душанбе, 2021. – 184 с.
11. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Монография / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2001. – 566 с.
12. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: ХДММ Эр-граф, 2009. – 484 с.
13. Орлова, М.Н. О лингвистической сущности отрицания и типах отрицательных предложений в русском языке / М.Н. Орлова // Ученые записки Башкирского государственного университета. Сер. Филологические науки. Вып. 75. – Уфа, 1973. - № 25. – С.19-26.
14. Саймуддинов, Д. Вожасозии забон форсии миёна. Монография / Д. Саймуддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.
15. Туйғунов, Н. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Туйғунов, Ф.Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 184 с.
16. Шахобова, М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков / М.Б. Шахобова. – Душанбе: Дониш, 1985. – 252 с.
17. Ҷӯраева, Ҷ.А. Оид ба масоили ташаккули категорияи сиғаи феълӣ дар забони англисӣ / Ҷ.А. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – №1. - С.27-33.

БАРРАСИИ ҶАНБАҲОИ МАНТИҚӢ ВА ЛИНГВИСТИИ КАТЕГОРИЯИ ИНКОР

Дар ин мақола таърифи инкор аз ҷониби олимони гуногуни ватанӣ ва хориҷӣ оварда шуда, маънои асосии ин категория баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ дар асоси пажуҳиши илмии забоншиносони ватаниву хориҷӣ проблемаҳои назарии категорияи инкорро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҷиҳати муҳимми таҳлил ва баррасии муаллиф аз он иборат аст, ки ӯ бештар ба дастовардҳои таҳқиқотии забоншиносии ватанӣ такя карда, доир ба категорияи инкор маълумот додааст. Ӯ таъкид мекунад, ки категорияи инкор барои ҳамаи забонҳои олам хос мебошанд, вале ифодаёбии онҳо бо воситаҳои гуногун сурат мегирад. Мақола бо далелҳои муътамад асоснок карда шудааст. Муаллиф аввал масъалагузорӣ карда, сипас масъалаҳои гузошташударо баррасӣ кардааст. Махсусан дар ин давра донишмандони тоҷик Қосимова М.Н. Ф.Зикриёев, Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров, С.Анварӣ, Т.Шокиров, В.Д. Аракин, В.Д. Гогошидзе ва як қатор донишмандони дигар доир ба масъалаҳои гуногун ва паҳлуҳои мухталифи забони тоҷикӣ таҳқиқи ҷиддӣ анҷом доданд. Муҳимтар аз ҳама, ҳангоми таҳлили масъалаҳои гузошташуда аз осори илмии забоншиносони ватанӣ эҷодкорона истифода кардааст. Дар охир мушаххас хулосабарорӣ анҷом дода шуда, андешаи шахсии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Калидвожаҳо: категорияи инкор, таснифи ҷумлаҳои инкорӣ, семантикаи инкор, воситаи ифодаи инкор.

ОБЗОР ЛОГИЧЕСКИХ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ КАТЕГОРИИ ОТРИЦАНИЯ

Статья посвящена логико-лингвистическим аспектам категории отрицания в таджикском и английском языках. В данной статье дается определение отрицания различными отечественными и зарубежными учеными, обсуждается основное значение данной категории. Исследователь на основе научных исследований отечественных и зарубежных языковедов изучил теоретические проблемы категории отрицания. Важным аспектом анализа и рассмотрения автора является то, что он в большей степени опирался на достижения отечественных лингвистических исследований при исследовании категории отрицания. Он подчеркивает, что категория отрицания является общей для всех языков мира, но выражение ее происходит разными средствами. Статья подкреплена на вескими доказательствами. Структура и содержание статьи соответствуют научным требованиям к написанию научной статьи. Автор поднимает проблему, и обсуждает поднятые вопросы. Именно в это время таджикские ученные как Косимова М.Н. Ф.Зикриёев, Д.Ходжаев, Ш.Кабиров, С.Анвари, Т.Шокиров, В.Д. Аракин, В.Д. Гогошидзе и некоторые другие ученные проводили серёзные исследование по-разному проблемамы и стороны таджикского языка. В конце он делает конкретные выводы и резюмирует свое мнение.

Ключевые слова: негативная категория, классификация отрицательных предложений, семантика отрицания, отрицательные предложения, средства отрицания.

A REVIEW OF THE LOGICAL AND LINGVISTIC ASPECTS OF THE NIGATION CATEGORI

The article is devoted to the logical and linguistic aspects of the category of negation, in Tajik and English. This article gives a definition of denial by various domestic and foreign scholars, discussing the main meaning of this category. The researcher, on the basis of scientific research of domestic and foreign linguists, has studied the theoretical problems of the category of negation. An important aspect of the analysis and consideration of the author is that he relied more on the achievements of domestic linguistic research and provided information on the category of negation. He emphasizes that the category of negation is common to all languages of the world, but their expression takes place by different means. The article is based on solid evidence. The structure and content of the article meet the scientific requirements for writing a scientific article. The author first raises the issue and then discusses the issues raised. Especially in this time Tajik scientists as Qosimova M.N., F. Zikriyoev, D. Khojaev, Sh. Kabirov, S. Anvary, T. Shokirov, V.D. Arakin, V.D. Gogoshidze carried out serious researches in different problems and other sides of Tajik language. Most importantly, in the analysis of the issues raised, he used the scientific heritage of domestic linguists and creatively. At the end he makes a concrete conclusion and sums up his opinion.

Key words: negative category, classification of negative sentences, semantics of negation, negative sentences, means of denial.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодирова Гулнора Шерматовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gulnora.kodirova.76@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-198-52-90**

Сведения об авторе: ***Кодирова Гулнора Шерматовна*** - Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **gulnora.kodirova.76@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-198-52-90**

Information about the author: ***Kodirova Gulnora Shermatovna*** - Tajik National University, assistant of English Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **gulnora.kodirova.76@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-198-52-90**

УДК: 81

МАВҚЕИ ИСТИФОДАБАРИИ ОРОНИМИЯ ВА ДРОМОНИМҲО ДАР «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО»- И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Қурбонмамадов С.Х., Файзуллоев А.А.
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон
Донишгоҳи давлатии Данғара

Вобаста ба таснифоти муҳаққиқони соҳа бахши дигари топонимҳоро оронимҳо ташкил медиҳанд. Оронимия гуфта, маҷмуи номҳои ба мавзеъҳои сатҳизаминӣ алоқаманд бударо меноманд, ки номи кӯҳҳо, шаху теғаҳо, теппаҳову баландиҳо, кӯталу ағбаҳо, қуллаҳои кӯҳ, кӯҳпораҳо, ғор, дара, водӣ, дашту саҳро, биёбон ва ғайраро дар бар мегирад. Албатта, инсоният дар тули мавҷудият ва ташаккули худ тамоми мавзеъҳои сатҳизаминиро вобаста ба хусусияташон номгузорӣ намудааст ва бо ин васила барои шинохтану донистан онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намудааст. Дар «Тазкират-уш-шуаро» ин намуди топонимҳо низ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Оронимия аз калимаи юнонии «oros», ки маънои «кӯҳ»- ро дорад, гирифта шудааст ва дар илми топонимикашиносӣ мавзеъҳои сатҳизаминиро меомӯзад. Дар асар истилоҳҳои оронимии ***«кӯҳ», «саҳро», «дашт», «пушта», «бодия», «биёбон»*** ва ғайра истифода гардидаанд, вале на номи ҳамаи онҳо оварда шудааст. Ин аст, ки мо барои тақвияти фикр ва мавқеи истифодабарии оронимҳо дар асар танҳо номвожаҳои оронимиро мавриди баррасӣ қарор додем.

Истилоҳи ***«кӯҳ»*** аз серистеъмолтарин вожаҳои оронимии асар мебошад ва худи вожаи «кӯҳ» аз забонҳои бостонии эронии «kaufa» сарчашма гирифта, маънои «баландӣ»-ро дорад. Дар асар ҳам вожаи «кӯҳ» ва ҳам муродифҳои он «ҷабал» ва «ҷибол» низ мавриди корбурд қарор гирифтаанд:

Кӯҳи Тур. Вобаста ба кӯҳи Тур ривоётҳои бисёре маъруфанд ва тибқи онҳо Тур кӯҳест, ки Мусо пайғамбар бар он ҷо ба муноҷот мерафт. Гӯянд, ки Мусо чун аз Худо хост, ки ӯро бубинад, хитоб омад, ки: «Лантаронӣ» (яъне «маро намебинӣ»). Пас Худо ба сатҳи кӯҳ таҷаллӣ кард ва аз нури ҷамоли ӯ кӯҳ пора-пора шуду Мӯсо мадҳуш афтод. Муаллиф ҳангоми баёни шарҳи ҳол ва эҷодиёти Хоҷа Ҳумомуддини Табрезӣ ғазалеро аз шоир меорад, ки дар он аз кӯҳи Тур ба ин тарз истифода шудааст:

Бар сари кӯҳ аҷаб боргаҳе мебинам,
Кӯҳи Тур аст магар, Мӯсии Имрон ин ҷост [7, с.210].

Кӯҳи Саҳанд. Ин оронимро муаллиф ҳангоми овардани намунаи ашъор аз осори Авҳадӣ истифода намудааст. Маҳз шоир ҳангоми баёни фикр ғаму андуҳ ва ҷудоиро ба кӯҳи мазкур шабоҳат додааст ва ин аз он шаҳодат медиҳат, ки дар он даврон номи ин кӯҳ ба хоссу ом маълум будааст. Чунончи:

То бубастӣ бори Табрез, эй писар,
Бар дилам **кӯҳи Саҳанде** бастаӣ [7, с.205].

Кӯҳсори Кабудҷома. Ин ороним қаторкӯҳҳоро дар бар гирифта, ҳамзамон чун номи мавзеи ҷуғрофӣ низ маъруф аст. Дар асар як маврид истифода гардидааст: *Ва дар қаряи Дилобод аз ҳудуди **кӯҳсори Кабудҷома** хоҷаро гирифтанд ва ба шаҳодат расониданд* [7, с.253].

Кӯҳи Қоф. Номи кӯҳи афсонавист, ки дар асар як маротиба ҳангоми овардани намунае аз ашъори шоир истифода шудааст:

Симурғвор аз чӣ кунӣ қасди **кӯҳи Қоф**,
Чун саъва хурд бошу фурӯ рез болу пар [7, с.288].

Кӯҳи Соф. Ин ороним дар «Тазкират-уш-шуаро» дар ду маврид истифода гардидааст ва аз рӯйи тасвири муаллиф ҷойи мубораку пок мебошад. Чунончи: «…*Кушоиши кори ҷаноби сиёсатмаобӣ дар **кӯҳи Соф** буд, ки дар навоҳии Балх аст ва он кӯҳсорест муборак ва қадамгоҳи риҷолуллоҳ. Машҳур аст, ки Саййид чиҳил арбаин дар он манзили муборак бароварда ва дар ин боб мефармояд.*

Байт:

Зоҳирам дар Кӯҳситону ботинам дар **кӯҳи Соф**,
Сӯфиёни софро сад марҳабо бояд задан [7, 312].

Кӯҳи Калот. Ин ороним дар ашъори Бобои Савдоӣ ном донишманду шоир мавриди истифода қарор дода шудааст, ки муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» намунаи ашъори ӯро дар асарашон овардааст. Чунончи:

Подшоҳо, бикун ин қавми мухолифро дур,
Ё бикун **кӯҳи Калот**и чу фалакро вайрон [7, с.392].

Кӯҳи Шуққон. Як маротиба ин ороним дар асар истифода гардидааст: *«… Ва рӯзи дигар, ки душман дар **кӯҳи Шуққон** нузул кард, хусрави ҷавонбахт ба оини лашкар ва пайкор машғул гашт ва аз қуллаи кӯҳ чун лашкари анбуҳи хасм дар назар омад…»* [7, с.480].

Кӯҳи Кайтун. Ороними мазкур дар асар як маротиба ба ин тарз истифода гардидааст: *«…ва ҳар якеро аз умарои изом ба гирифтани яке аз умарои душман номзад кард ва ба таъҷил аз **кӯҳи Кайтун** фуруд омад ва нимшаб ба навоҳии турбати анбарсиришти Пири Ҳарӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ расид…»* [7, с.484].

Вожаи ***«ҷабал» ва «ҷибол»*** низ маънои кӯҳро дошта, чун истилоҳи ороним дар асар мавқеъ доранд.

Ҷабали Солиҳия. Як маротиба ин ном дар асар истифода гардидааст: *«…Ҳаштоду ду сол умр ёфт ва марқади муборакаш дар **ҷабали Солиҳия** аст…»* [7, с.209].

Ҷиболи Ғозқард. Ин ороним низ як маротиба дар асар истифода шудааст: *«…Ӯ писари Қароюсуф аст ва ӯ валади Қаромуҳаммад ва асли эшон аз **ҷиболи Ғозқард** аст…»* [7, с.363].

Ҳамзамон бо истилоҳи ***«дашт»*** низ оронимҳо дар асар истифода гардидаанд. Вожаи *дашт* ҳамчун истилоҳи ҷуғрофӣ буда, биёбон, замини ҳамвори васеъро дар бар мегирад ва дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ низ истифода гардидааст. Чунончи:

Дашти Ховарон. Муаллиф аз ин ороним ду маротиба истифода намудааст: *«…ва сару по бараҳна чанд сол дар **дашти Ховарон** мегардид. Баъд аз он ба Савдоӣ иштиҳор ёфт ва ба рӯзгори худ сарҳайли шуаро буда ва ин тоифа ӯро иззатеву ҳурмате медоштаанд…»* [7, с.391].

Дашти Қипчоқ. Ин ороним дар асар корбурди васеътар дошта, ҳамагӣ дувоздаҳ маротиба аз ҷониби муаллиф мавриди истифода қарор гирифтааст. Вобаста ба шарҳи маъноии он муҳаққиқ Маҳмадҷонов О. чунин овардааст: …вожаи «қипчоқ» ва гунаҳои савтии он қибчоқ//хифчоқ номи қавми бодиянишинҳои Дашти Қипчоқ будааст, ки замоне ҳамроҳи лашкари Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ (солҳои 1207) ба Мовароуннаҳр омада бошанд [8, с.88]. Дар асар омадааст: *«…Ва чун хабари муроҷиати Чингизхон ба тарафи **дашти Қипчоқ** бишнуд, султон Ҷалолуддин аз диёри Ҳинд ба роҳи Кеч ва Мукрон ба Кирмон омад…»* [7, с.149].

Вожаи ***«саҳро»*** низ чун истилоҳи оронимӣ шинохта шудааст ва дар асар бо ин вожа чанд номи оронимӣ истифода гардидааст.

Саҳрои Рай. Ин ороним дар асар се маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст. «*…Ва Хоҷа Алоуддини Атомалики Ҷувайнӣ дар «Таърихи Ҷаҳонкушой» меоварад, ки Такашхон азимати Ироқ кард ва дар **саҳрои Рай** бо Туғрил ибни Арслони Салҷуқӣ, ки валинеъматзодаи ӯ буда, масоф дод…»* [7, с.149].

Саҳрои Ардуғаш. Ороними мазкур дар асар танҳо як маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст. *«…Ва намози дигари ҳамон рӯз Арғуншоҳ бо сӣ ҳазор мард ба сари ӯ расид, дар **саҳрои Ардуғаш**, ӯро низ бизад…» [7,* с.265].

Саҳрои Хӯй. Ин ороним низ як маротиба истифода гардидааст. *«…Ва султон Аҳмад аз сари тарокима дар **саҳрои Хӯй** манорае сохт ва Қароюсуф он манораро хароб кард ва сарҳои ақраборо дафн фармуд…»* [7, с.363].

Оронимҳо дар асар мавқеи махсуси истифодабарии худро доранд. Чунонки дар боло қайд карда шуд, дар асар чун аз шарҳи ҳол ва аҳволу осори шоирон сухан меравад, барои пурра кардани фикри худ аз ин намуди топонимҳо низ истифода намудаанд. Ба замми ин воситаҳои тасвири баён дар шеъри шоир талаб менамоянд, то оронимҳо низ ба риштаи тасвир кашида шаванд. Ин аст, ки ин намуди топонимҳо тавассути шеъри шуаро дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Дар баробари дигар намуди топонимия дар асари «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ инчунин дромонимҳо низ истифода гардидаанд. Дромонимия навъи топонимия буда, номҳои роҳҳои мухобиротию нақлиётӣ (хушкӣ, обӣ, ҳавоӣ, зериобӣ, зеризаминӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дромоним аз забони юнонӣ пайдо шуда, «dromos» - давидан, ҳаракат, роҳ ва «onim» - ном таркиб ёфтааст, ки номи роҳҳо ва нуқоти мухобиротиро дар бар мегирад. Ҳангоми мутолиаи асари Давлатшоҳи Самарқандӣ бо номи

роҳҳо низ дучор гардидем, ки на он қадар бисёр мебошанд, вале ҷиҳати инъикоси пурраи зиндагиномаи аҳли шуаро онҳо низ истеъмол гардидаанд.

Чуноне ки маълум аст, номи роҳҳо, асосан, аз номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ гирифта мешаванд. Аз байни кадом нукоти маскуние, ки роҳ мегузарад, ба ҳамон минтақа гузошта шудааст, ки ин хусусияти номгузорӣ то ба имрӯз ҳам маъмул мебошад. Чунончи:

Роҳи Бомиён. Ин дромоним дар асар як маротиба истифода гардидааст ва аз мавзеи Бомиён гузаштани роҳро ифода менамояд. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» Бомиёнро дар асараш чунин тасвир намудааст: Бомиён шаҳрест ба ҳадди миёни Гӯзгонон ва ҳудуди Хуросон ва бисёркишту барз аст. Ва подшоҳи ӯро «шер» хонанд. Ва рӯде бузург бар карони ӯ ҳамегузарад. Ва андар вай ду бути сангин аст: якеро сурхбут хонанд ва якеро хингбут [13, с.83]. Дар асар омадааст: *«…Аз ҳудуди Поймурғ ва Қаршӣ Ҷайҳунро убур кард ва ба роҳи Бомиён ба Ғазнин рафт ва дар канори оби Синд ҳар ду лашкар ба ҳам сиёҳӣ намуданд…»* [7, с.149].

Роҳи Кеч ва Мукрон. Дар асар як маротиба дар шакли Кеч ва як маротиба дар шакли Киҷ истифода шудааст: *«…Ва чун хабари муроҷиати Чингизхон ба тарафи дашти Қипчоқ бишнуд, султон Ҷалолуддин аз диёри Ҳинд ба роҳи Кеч ва Мукрон ба Кирмон омад* [7, 149]. Дар «Ҳудуд-ул-олам» низ дар шакли «Киҷ» омадааст, ки дар ҳудуди Мукрон ҷойгир аст ва чун шаҳр ба қалам дода шудааст: Киз, Кӯшки Қанд, Ниҳ, Биндарак, Аскаф ин ҳама шаҳрҳоеанд аз **ҳудуди Мукрон** ва бештарин понидҳо, ки андар ҷаҳон бибаранд, аз ин шаҳракҳо хезад. Ва подшоҳи Мукрон ба шаҳри **Киҷ** нишинад [13, с.99]. Ин аст, ки роҳи дар дохили шаҳри Кеч/Киҷ ва Мукрон мавҷудбуда бо номи ин мавзеъҳои ҷуғрофӣ алоқамандӣ дорад.

Роҳи Мӯлтон. Мултон шаҳре бузург аст аз Ҳинд ва андар ӯ як бут аст сахт бузург ва аз ҳама Ҳиндустон ба ҳаҷ оянд ба зиёрати он бут. Ва номи он бут **Мултон** аст. Ва ҷойе устувор аст бо қундуз. Ва султони вай Қаршист, аз фарзандони Сом аст ва бар лашкаргоҳе нишинад бар ним- фарсангӣ. Ва хутба бар Мағрибӣ кунад [13, с.61]. Аз маълумоти сарчашмаҳо маълум мегардад, ки Мултон номи шаҳр аст ва аз номи бути Мултон гирифта шудааст. Дар асари Давлатшоҳ Мултон 5 маротиба: як маротиба чун номи роҳ ва 4 маротиба чун номи мавзеи ҷуғрофӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст ва номи роҳ низ аз номи шаҳр гирифта шудааст. *«…Ва Ироқӣ сафари Синд ва **роҳи Мултон** ва Ҳинд пеш гирифт ва ба хидмати шайх Баҳоуддин Закариё пайваст ва чанд вақт дар қадами шайх Баҳоуддин Закариё дар Мултон ба сулук машғул буд* [7, с.208].

Роҳи Кирмон. Дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ Кирмон номи мавзеи ҷуғрофие мебошад ва роҳи дохили он низ номи Кирмонро касб кардааст. Аз ҷумла муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» овардааст: …Кирмон ноҳияте аст, машриқи вай ҳудуди Синд аст ва ҷануби вай дарёи Аъзам аст ва мағриби вай ноҳияти Порс аст ва шимоли вай биёбони Систон аст. Ва ин ноҳиятест, ки ҳарчи ба сӯйи дарёст, ҷойҳои гармсер аст ва мардумонеанд асмар, ҷойи бозаргонон аст. Ва андар вай биёбонҳост. Ва аз вай зира ва хурмо ва нил ва найшакар ва понид хезад. Ва таомашон нони арзан аст. Ва ҳарчи аз дарё дур аст (ва) ба биёбони Систон наздик аст, ҷойҳое аст сардсер, ободон, бо неъматҳои бисёр ва танҳои дуруст. Ва андар вай кӯҳҳои бисёр аст ва андар вай маъдани зару сим аст ва мису сурб ва миғнотис [13, с.100]. Дар «Тазкират-уш-шуаро» омадааст: «*…Ва охируламр ба рӯзгори Абӯмуслим, ба вақте ки Насри Сайёр бо ӯ дар ҳудуди Сарахс қитол дошт, аз **роҳи Кирмон** ба Ҳирот афтод ва мутааллиқони Насри Сайёр бо ӯ муҳорибат карданд ва шаҳид шуд, разияллоҳу анҳу*» [7, с.217].

Роҳи Насо ва Бовард аз номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ номи роҳҳо таркиб ёфтаанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ Насо/Нисо чун шаҳр қаламзад гардидааст: …**Нисо** шаҳрест бар домани кӯҳ ниҳода, андар миёни кӯҳ ва биёбон, бо неъмати бисёр ва ҳавои бад ва обҳои равон [13, с.76]. Бовард низ чун мавзеи ҷуғрофӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ ёдрас гардидааст: **Бовард** андар миёни кӯҳу биёбон аст. Ҷойе бисёркишту барз ва ҳавое дуруст ва мардумоне ҷангӣ [13, с.76]. Дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ дар баробари инъикоскунандаи номи мавзеи ҷуғрофӣ ҳамзамон чун дромоним корбурд дорад. *«…Аз хиттаи Марви Шоҳҷон хуруҷ кард ва ба **роҳи Насо ва Бовард** лашкар ба ҷониби Астаробод кашид*» [7, с.423].

Истифода гардидани дромонимҳо ё худ номҳои роҳҳо дар «Тазкират-уш-шуаро» фарҳанги номгузории роҳҳои маҳаллӣ ва байнишаҳриву ҳудудҳои гирду атрофро инъикос менамояд. Маълум мегардад, ки ҳамаи дромонимҳои дар асар истифодашуда аз номи мавзеи ҷуғрофӣ гирифта шудаанд ва бо ин ном маълуму маъруф гардидаанд.

Қисмати дигари топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандиро номи ёдгориҳои таърихӣ, аз қабили қалъа, қаср, работ ва нигорхона ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳлили топонимҳо ин навъи онимҳо низ дар асар дучор гардиданд, ки муаллиф ҳангоми баёни аҳволи шуаро аз онҳо истифода намудааст.

Тазаккур бояд дошт, ки муаллиф дар баробари тасвири зиндагиномаи шоирон ҳамзамон ҳаёти маданӣ, вазъияти сиёсиву иҷтимоии даврро низ инъикос намудааст ва зимни ин тасвирҳо номи қалъаҳо низ ёдрас гардидаанд. Дар луғатномаҳо вожаи «қалъа» чунин шарҳ дода шудааст: **Қалъа -** ***а.*** **قلعه** ҳисор бо деворҳои баланду ғафс ва бурҷҳои мустаҳкам, ки барои муҳофизат аз душман ва муқовимат намудан ба он сохта шудааст; ҳисори баланд, диж… [17, с.664]. Дар баробари вожаи «қалъа» ҳамзамон синонимҳои «ҳисор» ва «диж/диз» низ мавҷуд ҳастанд, ки дар асари Д.Самарқандӣ танҳо бо ду шакл – қалъа ва ҳисор ифода гардидаанд. Дар асар зиёда аз номи 20 қалъа истифода гардидааст ва аксарияти номи қалъаҳо аз номи мавзеи ҷуғрофӣ гирифта шудаанд, яъне дар кадом мавзее, ки қалъа бунёд гардидааст, ба номи он мавзеъ маъруф гардидааст. Чунончи: **қалъаи Бағдод.** *Рӯзе дид, ки Хоҷа Салмон дар бораи* ***қалъаи Бағдод*** *оби Даҷларо, ки ба ҳангоми баҳор ба тариқи сел туғён карда буд, тафарруҷ мекунад* [7, с.257]. **Қалъаи Сабзавор**. *Ва Ҳайдари Қассоб дар* ***қалъаи Сабзавор*** *ӯро бикушт* [7, с.267]. **Қалъаи Исфароин.** *Муддати як солу як моҳ ҳукумат кард. Ва Насруллоҳи Бошгинӣ дар Исфароин бад-ӯ ёғӣ шуд ва ӯ ба панҷ ҳазор мард ба дари* ***қалъаи Исфароин*** *омад ва муддати як моҳ ҳисорро дарбандон кард* [7, с.269]. **Қалъаи Самарқанд**. *…Дар навоҳии Самарқанд миёни падар ва писар масоф даст дод ва Абдуллатиф зафар ёфт ва Улуғбек Мирзо илтиҷо ба* ***қалъаи Самарқанд*** *бурд* [7, с.339]. **Қалъаи Балх**. *…Баъзе умаро ва акобир ба арзи подшоҳи ислом расониданд, ки гирифтани* ***қалъаи Балх*** *амре муҳол аст ва рӯзгорро зоеъ кардан бад-ин амр бефоида* [7, с.488]. Албатта, истифодаи номи ёдгориҳои таърихӣ, аз ҷумла номи қалъа дар асари Д.Самарқандӣ шаҳодат аз он аст, ки дар ҳар давру замон аз ҷониби ҳокимону шоҳон ва қудратмандон ҳисоре ё худ қалъае барои муҳофизати марзу буми кишвар сохта мешуд ва ҳар як навоҳӣ ё мамлакат ҳатман қалъаеро доро мебуд.

Қалъаи Тирмиз. Номи ин қалъа дар асарҳои таърихӣ ва луғатномаҳо низ ёдрас гардидааст. Дар китоби «Равзат-ус-сафо» дар шакли «Тирмид» оварда шудааст: …Дар ин асно хабар мутавотир шуд, ки Аҳмади Қумоч султон Санҷарро рабуда ва ба **қалъаи Тирмид** [Тирмиз] бурдааст [14, с.767]. Дар асари «Тазкират-уш-шуаро» як маротиба дар шакли «қалъаи Тирмиз» истифода шудааст: *…Ва султон баъд аз он ки аз қайди Ғузон дар* ***қалъаи Тирмиз*** *халос ёфт, пиру фартут шуда буд* [7, с.81].

Қалъаи Ҷаношак. Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» низ аз ин қалъа сухан гуфта шудааст ва муаллиф чунин нигоштааст: Роёти ҳумоюн аз роҳи қалъаи Ҷаношак ба Ҷурҷон даромад [15, с.835]. Дар асари Давлатшоҳ омадааст: *Чун Фахруддавла вафот ёфт, боз Қобус қасди Ҷурҷон ва мамлакати мавруси худ карду ба даст овард ва дар он ҳин ба дасти хосони худ бо саъйи фарзандаш Манучеҳр дар* ***қалъаи Ҷаношак****, ки аз аъмоли Бастом аст, шаҳид шуд* [7, с.64].

Қалъаи Аламут дар луғатнома ба ин тарз омадааст: номи қалъаест машҳур, ки мобайни Қазвин ва Гелон воқеъ аст [6, с.69]. Дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ ду маротиба оварда шудааст: *Ҳасан ба фаросат дарёфт ва аз хонаи раис бигурехт ва қасди* ***қалъаи Аламут****, ки дар Қаҳистони Дайлам аст, кард ва ба ибодат машғул шуд* [7, с.145].

Қалъаи Калот дар луғатнома чунин оварда шудааст: ***Калот*** *деҳ ва қаря ва* ***қалъаи болои кӯҳ*** *ва номи фанне аз куштӣ гайра* [5, с.128]. Дар асар ҳамчун номи қалъа як маротиба истифода гардидааст: *Ва баъд аз панҷ моҳ, ки бар сарири хонӣ ҷулус карда буд, азимати Хуросон намуд ва Аргунхон аз ӯ мунҳазим шуд ва аз Тӯс ва Родикон паноҳ ба* ***қалъаи Калот*** *бурд* [7, с.181].

Инчунин дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ зимни баён номи қалъаҳои дигар низ, ба монанди ***қалъаи Морони Ҷурҷон*** [7, с.64], ***қалъаи Шобурон*** [7, с.92], ***қалъаи Ҳазорасп*** [7, с.101], ***қалъаи Байлақон*** [7, с.125], ***қалъаи Каргасбол*** [7, с.149], ***қалъаи Сафедванд*** [7, с.268], ***қалъаи Дастҷирдон*** [7, с.269], ***қалъаи Шаққон*** [7, с.270], ***қалъаи Шоҳрухия*** [7, с.331], ***қалъаи Нарту*** [7, с.339], ***қалъаи Алакҷақ*** [7, с.364], ***қалъаи Имод*** [7, с.402], ***ҳисори Ҳиндувон*** [7, с.487] мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Дар баробари истифодаи номҳои қалъа инчунин дар асар бо номи қаср ва кӯшкҳо низ дучор омадем. Фарҳангномаҳо вожаи «қаср»-ро ба ин тарз шарҳу тавзеҳ додаанд: **Қаср** *а.*1. ҷабр, ба зӯрӣ ба коре водор кардан; 2. кох, сарой, кӯшк [15, с.678]. Албатта, қаср ё кӯшк

ҷойи шоҳону султонон аст, ки шароити беҳтарини зиндагӣ дар он ҷо муҳайё гардидааст ва одамони бузургро низ шоҳон дар қаср қабул менамуданд. Вобаста ба хоҳишу рағбати шоҳон қасрҳояшонро мунаққашу зиннат мебахшиданд. Ва будани қаср низ як таровату ҳусни нав ба мавзеи ҷуғрофӣ мебахшад. Ин аст, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ аз номи қасрҳо низ дар асараш ёдрас намудааст. Чунончи: қасри «Нигористон» [7, с.86], қасри «Тали Туғоншоҳ» [7, с.86], қасри «Ширин» [7, с.46], кӯшки Гулафшон [7, с.398].

Ҳамзамон сохтани работ ё худ сарой дар давраҳои пеш низ маъмулу маъруф будааст ва дар ҷойҳои серодам, маркази шаҳру навоҳӣ работҳо сохта мешуданд. Бархе барои истироҳати бофароғати меҳмони ба шаҳр ё навоҳӣ воридшуда бошад агар, бархеи дигар бо зебу зиннат ва ороиши худ маданияти баланди шаҳрдориро талқин менамуданд ва барои мардум хизмат менамуданд. Дар фарҳангномаҳо низ «работ» ба ҳамин маънӣ: Работ - а. ҳавлӣ ё маҳалли истиқомати мусофирон, корвонсарой, мусофирхона [15, с.109] шарҳ ёфтааст. Муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» низ дар асараш номи бархе аз работу саройҳоро овардааст. Чунончи: работи Санглидар [7, с.264], работи Санги Буст [7, с.462], работи Дайробод [7, с.462], Чаҳорработ [7, с.380], Чакмансарой [7, с.486], Работи ишқ [7, с.462].

Вобаста ба истифодаи номи нигорхонаҳо метавон иброз дошт, ки дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамагӣ номи ду нигорхона: нигорхонаи Чин [7, с.435] ва нигорхонаи Хаварнақ [7, с.435] мавриди корбурд қарор гирифтаанд ва онҳо ҳам дар дохили шеър оварда шудаанд.

Умуман истифодаи номи қалъа, қаср, работ ва нигорхона дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавқеи махсуси худро дорад. Ба ин васила маълум мегардад, ки гузаштагони мо бофарҳангу соҳибтамаддун буда, дар баробари давлатдориву сарварӣ намудан, ҳамзамон ба зебогии шаҳр, нақшу нигори он, сохтани биноҳои ободу зебо, нигорхонаву работу қасру кӯшк диққати ҷиддӣ равона менамуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия) / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе. 2017. – 552 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе, 1995. - 170 с.
3. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. –Душанбе, 2016. - 428 с.
4. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ / О.Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983.
5. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
6. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1987. - С.10-21.
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. - Хуҷанд. 2015. - 544 с.
8. Муҳаммадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор / О.О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2010. – 228 с.
9. Мурзаев, Э.М. Очерки топонимики / Э.М. Мурзаев. - М.: Мысль, 1974. - 384 с.
10. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
11. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.2. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 2004. - 424 с.
12. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.3. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2014. - 400 с.
13. Ҳудуд-ул-олам (Шакли электронӣ), нашри соли 2013.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 941 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 941 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 945 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 996 с.

МАВҚЕИ ИСТИФОДАБАРИИ ОРОНИМИЯ ВА ДРОМОНИМҲО ДАР «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО» - И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Дар мақола мавқеи истифодабарии оронимия ва дромонимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро» - и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон иброз медоранд, ки вобаста ба таснифоти муҳаққиқони соҳа бахши дигари топонимҳоро оронимҳо ташкил медиҳанд. Оронимия гуфта, маҷмӯи номҳои ба мавзеъҳои сатҳизаминӣ алоқамандбударо меноманд, номи кӯҳҳо, шаху теғаҳо, теппаҳову баландиҳо, кӯталу ағбаҳо, қуллаҳои кӯҳ, кӯҳпораҳо, ғор, дара, водӣ, дашту саҳро, биёбон ва ғайраро дар бар мегирад. Ба андешаи муаллифон, албатта, инсоният дар тули мавҷудият ва ташаккули худ тамоми мавзеъҳои сатҳизаминиро вобаста ба хусусияташон номгузорӣ намудааст ва бо ин васила барои шинохтану донистан онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намудааст. Дар «Тазкират-уш-шуаро» ин намуди топонимҳо низ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Оронимияи аз калимаи юнонии «oros», ки маънои «кӯҳ»- ро дорад, гирифта шудааст ва дар илми топонимикашиносӣ мавзеъҳои сатҳизаминиро меомӯзонад. Дар асар истилоҳҳои оронимии ***«кӯҳ», «саҳро», «дашт», «пушта», «бодия», «биёбон»*** ва ғайра истифода гардидаанд, вале на номи ҳамаи онҳо оварда шудааст. Ин аст, ки мо барои тақвияти фикр ва мавқеи истифодабарии оронимҳо дар асар танҳо номвожаҳои оронимиро мавриди баррасӣ қарор додем. Инчунин дар мақола таъкид мегардад, ки вобаста ба истифодаи номи

нигорхонаҳо дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамагӣ номи ду нигорхона: нигорхонаи Чин ва нигорхонаи Хаварнақ мавриди корбурд қарор гирифтаанд ва онҳо ҳам дар дохили шеър оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: топонимҳо, оронимҳо, дронимҳо, мавзеъҳои сатҳизаминӣ, истилоҳот, «Тазкират-уш-шуаро» - и Давлатшоҳи Самарқандӣ.

ПОЛОЖЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ОРОНИМИИ И ДРОМОНИМА В "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО" ДАВЛАТШОХА САМАРКАНДИ

В статье рассматривается использование оронимов и дромонимов в «Тазкират-уш-шуаро» Давлатшоха Самарканди. Авторы констатируют, что, в зависимости от классификации исследователей, другую часть топонимов образуют оронимы. Оронимия относится к совокупности названий, относящихся к участкам поверхности, включая названия гор, хребтов, высот, холмов и перевалов, горных вершин, утесов, пещер, долин, равнин, пустынь и т. д. По мнению авторов, безусловно, на протяжении всего своего существования и развития человечество называло все участки поверхности по их характеристикам и тем самым отделяло их друг от друга для узнавания и познания. Эти виды топонимов используются и в «Тазкират-уш-шуаро». Оронимия происходит от греческого слова «орос», что означает «гора», и в науке о топонимике изучает поверхности. В работе используются термины «гора», «пустыня», «равнина», «хребет», «бадия», «пустыня» и др., но упоминаются не все из них. Вот почему мы обсуждали только оронимические существительные, чтобы усилить идею и позицию использования оронимов в работе. Также в статье подчеркивается, что в связи с использованием названий художественной мастерской в творчестве Давлатшаха Самарканди используются все названия двух художественных мастерских: Чинской и Хаварнакской художественных мастерских, и они также включены в поэму.

Ключевые слова: топонимы, оронимы, дронимы, поверхность, термины, «Тазкират-уш-шуаро» - Самаркандского государственного шаха.

REGULATION OF THE USE OF ORONYMY AND DROMONYME IN "TAZKIRAT-USH-SHUARO" OF DAVLATSHOKH SAMARKANDI

The article discusses the use of oronyms and dromonims in "Tazkirat-ush-shuaro" by Davlatshokh Samarkandi. The authors state that, depending on the classification of researchers, another part of toponyms is formed by oronyms. Oronymy refers to a collection of names referring to areas of the surface, including the names of mountains, ridges, heights, hills and passes, mountain peaks, cliffs, caves, valleys, plains, deserts, etc. According to the authors, of course, throughout their existence and development, humanity named all areas of the surface according to their characteristics and thereby separated them from each other for recognition and cognition. These types of toponyms are also used in Tazkirat-ush-shuaro. Oronymy comes from the Greek word "oros", which means "mountain", and in the science of toponymy studies surfaces. The terms “mountain”, “desert”, “plain”, “ridge”, “badia”, “desert” and others are used in the work, but not all of them are mentioned. This is why we have discussed only oronymic nouns in order to reinforce the idea and position of using oronyms in the work. The article also emphasizes that in connection with the use of the names of the art workshop in the work of Davlatshah Samarkandi, all the names of two art workshops are used: the Chin and Khavarnak art workshops, and they are also included in the poem.

Key words: toponyms, oronyms, dronims, surface, terms, "Tazkirat-ush-shuaro" - Samarkand State Shah.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович*** – Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯч. И.Шариф-3. E-mail: **somon8383@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-516-01-48**
Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович – Донишгоҳи давлатии Данғара, саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Дангара, кӯч. Марказӣ, 25.
E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-38-93-92**

Сведение об авторах: ***Курбонмамадов Сомон Хушкадамович*** – Хатлонский государственный медицинский университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры языков. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, ул. И. Шариф-3. E-mail: **somon8383@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-516-01-48**
Файзуллоев Абдурозик Абдулхакимович – Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г.Дангара, ул. Маркази, 25.
E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-38-93-92**

Information about the authors: ***Qurbonmamadov Somon Khushqadamovich*** – Khatlon State Medical University, candidate of philological sciences, docent of Department of Languages. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon, Dangara Str., I. Sharif-3. E-mail: **somon8383@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-516-01-48**
Faizulloev Abduroziq Abulhakimovich – Dangara State University, senior teacher of the Department of Tajik language and literature. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25. E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 900-38-93-92**

УДК: 491.550

КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИ -ОНА ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Шаҳнозаи Турсунзода
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Калимасозӣ таърихи куҳан дошта, барои падид омадани маъниҳои нав замина ба вуҷуд меорад. Ин заминагузорӣ сарчашмаи боигарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, аз даврaҳои пеш то имрӯз бо ин роҳ калимаҳои зиёди гуногунсохту гуногунмаъно сохта шудаанд. Вобаста ба ҳамин масъала забоншиноси шинохтаи тоҷик Д. Хоҷаев дар асари ба таърихи афкори забоншиносии тоҷик бахшидашудаашон зери унвони “Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI” чунин ибрози андеша кардааст: “Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии ғанишави таркиби луғавии забон буда, донишмандони гузаштаи мо ба ин манбаи муҳимми инкишофи забон низ эътибори ҷиддӣ додаанд” [14, 261]. Дар забони тоҷикӣ ҳангоми баррасӣ ва таҳлили сохтори калимаҳо роҳҳои гуногуни калимасозӣ ба чашм мерасад. Ба воситаи пасвандҳо сохта шудани калимаҳо яке аз роҳҳои пурсамари калимасозии забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Забоншиноси варзидаи тоҷик шодравон М. Н. Қосимаова калимасозиро яке аз бахшҳои калони забон дониста чунин қайд кардааст: «Калимасозӣ аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад. Он яке аз роҳҳои ғанӣ ва бойшавии таркиби луғавии забон аст. Аз рӯйи назарияи калимасозӣ онро ба навъҳои морфологӣ, сохторӣ-маъноӣ, синтаксисӣ, ономасиологӣ ва функсионалӣ-семантикӣ ҷудо мекунанд» [10, с.143].

Забоншинос Камолов Х. доир ба сифат чунин менигорад: «Маълум аст, ки ҳар ашёву ҳодиса сифате, хусусияте дорад ва баҳри тасвиру тавсифи он истифодаи вожагони махсус зарур аст. Бо истифода аз исму феъл ва вожагони ёвар метавон маълумотеро интиқол дод, аммо корбасти сифат ифодаро пуробуранг, фасеҳ ва комил мегардонад. Агар исму феъл тарҳи бинои забон бошад, пас, сифат маводи ороиш барои ин биност» [8, с.188].

Пасванди **-она** яке аз морфемаҳои сермаҳсули калимасоз маҳсуб ёфта, дар калимасозии исм, сифат ва зарф самаранок истифода мешавад. Доир ба вазифаҳои дастурӣ ва роҳҳои калимасозии ин морфема дар сарчашмаҳои илмӣ ва адабӣ возеҳу равшан маълумоти зиёд дода шудааст [2, с.7; 6, с.27, 15, с.43 ; 16, с.184]. Аксарияти олимони соҳаи забоншиносӣ пасванди “-она”-ро сермаъно, синоморфема ва омоморфема ба қалам додаанд. Ин нукта чунин маъно дорад, ки пасванди мавриди таҳқиқ қароргирифта ҳамчун унсури калимасоз дар сохтани калимаҳои гуногунмаънои ҳиссаҳои мухталифи нутқ, ба мисли исм, сифат ва зарф ба кор меравад. Масалан, Саидризо Ализодаи Самарқандӣ пасванди «-она»-ро ба гурӯҳи пасвандҳои сифатсоз дохил кардааст [12, с.43]. Донишманди дигари тоҷик – Абдуррауфи Фитрат дар китоби «Қоидаҳои забони тоҷикӣ» пасванди “-она”-ро чун пасванди исму сифатсоз ба қалам додааст. Муаллифи фавқуззикр чунин менигорад: «-она дар охири калимаҳо омада, исм ва сифатҳои нисбатдор месозад. Чунин мисолҳоро низ барои тасдиқу саҳеҳияти фикрашон баён кардааст: мардона, занона, бачагона, солона, шабона, моҳона, рӯзона» [13, с.22].

Забоншиноси маъруфи тоҷик Ш. Рустамов дар рисолаи илмиашон таҳти унвони «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» пасванди “-она”-ро бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ ҳамчун пасванди сифатсозу зарфсоз зикр кардаанд [11, с.36].

Забоншинос Гулчеҳра Камолова дар рисолаи илмиаш таҳти унвони “Хусусиятҳои морфологии “Маҷмаъ-ут-таворих ” зимни баррасии калимасозии исм вобаста ба маводи дастрасаш намудааш пасванди “-она”-ро ҳамчун морфемаи исмсоз зикр карда, калимаи тозиёнаро мисол овардааст [9, с.19].

Дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” доир ба вазифаҳои дастурӣ ва мавқеи пасванди -она чунин омадааст: «Суффикси -она сермаҳсул аст. Ин суффикс бо исми ифодакунандаи шахс ва бо исмҳои ҷондори дигар омада, аломати предметро нисбат ба амал мефаҳмонад…» [7, с.193].

Забоншиноси шинохта Ғоиб Мирзоев дар маҷмуаи мақолаҳояш таҳти унвони «Хӯшае чанд аз хирмани сухан» пасванди “-она”-ро аз лиҳози сохти грамматикӣ ба гурӯҳи пасвандҳои мураккаб дохил карда, чунин менигорад: «Ба пасвандҳои мураккаби калимасози забони тоҷикӣ чунин пасвандҳоро метавон дохил намуд: … -она,/ёна, -гона, -

он/ён, -гон+ (рӯзона – дневной, днём, бесаброна – нетерпеливий, бачагона - детский)…» [5, с.83].

Олими фавқуззикр дар асари дигараш таҳти унвони «Суффиксальное словообразование в таджикском языке» (Калимасозии пасвандӣ дар забони тоҷикӣ) дар бораи хусусиятҳои фарқкунандаи пасванди -она маълумоти бисёр ҷолиби диққат овардааст [3, с.63].

Чунон ки аз таҳлили манбаъҳои илмӣ бармеояд, пасанди -она чи дар даврaҳои пеш ва чи имрӯз ҳамчун пасванди сервазифа ва сермаҳсул дар эҷоди маъниҳои бикр ва лафзи хушу каломи мавзун нақши бисёр бориз доштааст. Қаламкашон барои сареҳу муъҷаз баён намудани афкорашон вобаста ба вазифаҳои грамматикии ин пасванд вожаҳои зиёд сохта, пешкаши дӯстдорони каломи бадеъ ва муштоқони алфози нек кардаанд.

Нависандаи мумтоз ва хушсалиқа устод С. Айнӣ низ аз ҷумлаи он нависандагон аст, ки вазифаҳои дастурӣ ва қудрати маъниофарии пасванди “-она”-ро ба инобат гирифта, бо ин пасванд дар қолабҳои гуногун як қатор калимаҳои пурмаъно офаридааст, ки имрӯз таркиби луғавии забони тоҷикиро бою ғанӣ гардонидаанд: **беэҳтиётона, ягона, покдилона, дувоздаҳгона, девона, истеҳзокорона, сагона, андуҳгинона, шабона, шогирдона, беақлона, ҷудогона, бегона, духтаракона, ҳазинона, шармгинона, кӯдакона, ноҳақона, девонаворона, золимона, нуҳгона, маҳзунона, бедиққатона, беморона, беғамона, норизоёна, хашмгинона, муридворона, диндорона, авомона, рӯзона, ҳокимона, мағрурона, касона, занона, шоирона, оташинона, солона, хушбахтона, савдогарона, меҳрубонона, бачагона, андешамандона, шавқмандона, нодиркорона, устодона, девонаворона, ҳушёрона, кампирона, мардона, чобукона, қаландарона, марҳаматомезона, бангиёна, маъюсона, рӯбоҳона, бародарона, озодона, бетоқатона ҳазломезона, аҳмақона, бемантиқона, чапанона, хукона, бемуваффақиятона, санъаткорона, ошиқона, ҷасурона, саркашона, густохона, ғоибона, беномусона, мунофиқона, пирона, ҷавонона, шодиёна, ваҳшиёна, махфиёна, сабукпоёна, ҷиддиёна, париёна.**

Калимаҳои бо пасванди -она сохташудаи дар боло дарҷгардидаро аз ҷиҳати сохт ва маънои луғавиашон чунин гурӯҳбандӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Сифатҳое, ки аз калимаҳои сода сохта шудаанд: **сагона, шабона, шогирдона, ҷудогона, ягона, ҳазинона, кӯдакона, золимона, нуҳгона, маҳзунона, авомона, рӯзона, ҳокимона, мағрурона, касона, занона, шоирона, солона, меҳрубонона, бачагона, устодона, чобукона, қаландарона, бародарона, озодона, чапанона, хукона, ҷасурона, густохона, ғоибона, мунофиқона, пирона, ҷавонона, ҷиддиёна, дугона.**

Калимаҳои мазкур аз рӯйи муносибаташон ба ҳиссаҳои нутқ ва маънои луғавиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

а). Аз исмҳои сода: **сагона, шабона, шогирдона, кӯдакона, авомона, рӯзона, ҳокимона, мағрурона, касона, занона, шоирона, солона, бачагона, устодона, қаландарона, бародарона, хукона, ғоибона, париёна.**

Мисолҳо: Хайбарро ҳам, ки бо думҷӯлонӣ ва бо садои махсуси **сагона** гӯё ӯро «хуш омадед» мегуфт, ҳеҷ дӯстдорӣ нанамуд ва харро дар зери дарахти тут баста ва хӯрчинро ба даст гирифта ба ҳавлии дарун даромад [1, с.77]. Синну соли ин одамро ҳам тахмин кардан мумкин набуд - нону гӯштро бо як ҳирси **сагона** тез-тез ва мӯл хӯрданаш, ҳам кам будани торҳои сафеди мӯи баданаш далолат мекард, ки он одам миёнсол аст, аммо аз чинҳои рӯяш ва аз бенурии чашмаш ӯро аз ҳафтод боло тахмин кардан ҳам мумкин буд [1, с.345]. Суҳбати **қаландарона** гарм шуд ва садои «ҳақ дӯст, ё ҳу, ё ман ҳу» аз даҳони ҳамаи каландарон ва ҷавонони ҳамсуҳбаташон баланд гардид [1, с.247]. Дар он сафарҳои ҳарбӣ, назар ба қавли баъзеҳо (чунон ки аз Пирак нақл шуд), «корномаҳо нишон дода» ва назар ба ақидаи баъзе ҳақиқатбинон, кирдорҳои **хуконаи** ӯ ба амир Музаффар хуш омада, ӯро бо ярлиғи тархонӣ сарафроз кардааст [1, с.346]. Баъд аз он бо гови **касона** (кироя) заминро дураҳа ронда ва дандонаву мола карда тухмро кишт ва баъд аз киштан ҳам як бор дандонаву мола кард, ки тухм дар зери хок ба қадри даркорӣ рафт [1, с.167]. «Он парисимо бо як чобукии «**париёна**» аз дар баромад ва пеш аз он, ки ман дастони ӯро дошта бибӯсам, ӯ аз банди дастонам гирифта маро дар зери девори работ кашид [1, с.405]. Бо ин ҷавоби ман дар чеҳраи ӯ як сурхии шармгинона, ки дар айни ҳол як навъ рашки **бачагонаро** ифода мекард, пайдо шуд ва монанди

бачагони 4-5-сола, ки бозичаҳои худро ба ҳамдигар «ҷиз-ҷизак»-кунон намоиш медиҳанд, бо як оҳанги мағрурона гуфт… [1, с.227].

Кам механдид ва суханҳои пухтаи ҷиддӣ мегуфт. Ӯ бисёр зирак ва ҳозирҷавоб буд. Як бор ӯ як ҳозирҷавобии **шоирона** кард, ки ҳанӯз аз ёдам набаромадааст… [1, с.184].

Аспони он гурӯҳи дусаднафарӣ дар пеши чодири соҳибонашон бедаи кабуд мехӯрданд ва ҷуволҳои пурҷав барои еми **шабонаи** он чорпоҳо омода буданд [1, с.79]. Воҳимаангезии **рӯзонаи** вай аз шабонааш ҳам зиёдтар шуд; вақте ки дар рӯзи равшан аз кӯча омада ба он бинои васеи торики дудолуд медароед, гумон мекунед, ки ҳақиқатан ҳам дар ҳар гӯша ва кунҷу канорҳои вай деве хуфта бошад [1, с.155].

Мавриди зикр аст, ки калимаҳои **шабона** ва **рӯзона** аз рӯйи муносибат доштанашон ба ҳиссаҳои нутқ ба зарф тааллуқ доранд. Аммо дар ҷумлаҳои фавқуззикр дар таркиби ибораҳои изофии **еми шабона** ва **воҳимаангезии рӯзона** аз рӯйи маънои луғавиашон ба исм дахл доранд.

б). Аз сифатҳои сода: **ҳазинона, золимона, маҳзунона, чобукона, озодона, меҳрубонона, аҳмақона, чапанона, пирона, ҷавонона, мунофиқона, ҷиддиёна, ошиқона, мағрурона, ҷасурона, густохона, ғоибона.**

Мисолҳо: Ҳабиба баъд аз ба ман ду-се бор хондани он ғазал, китобро ба дасташ бардошта он ғазалро чунон дилсӯзона хонд, ки дар чашмони худаш об чарх зад ва ба ман ҳам оҳанги **ҳазинонаи** ӯ чунон таъсир кард, ки пуштам вақаррос задан гирифт. Хусусан вақте ки байти зеринро мехонд… [1, с.94]. Бо ин ҷавоби ман дар чеҳраи ӯ як сурхии шармгинона, ки дар айни ҳол як навъ рашки бачагонаро ифода мекард, пайдо шуд ва монанди бачагони 4-5-сола, ки бозичаҳои худро ба ҳамдигар «ҷиз-ҷизак»-кунон намоиш медиҳанд, бо як оҳанги **мағрурона** гуфт… [1, с.227].

Дар он вақт ниқоргирии ман ниқоргирии **золимонае** мешуд, ҳоло ҳам интиқом аз ҳад зиёд гирифта шуда буд [1, с.101]. Зоҳиран ҷамоли яке аз он занон диққати он пирмарди 60-соларо ба тарафи худ зиёда кашидааст, ки кам-кам «шӯхиҳои пиронаи» ӯ ба ҷиддиятҳои **ҷавонона** бадал ёфт ва ӯ аз болохона поин фуромада дар наздиктари рафчаҳо барои худ нишастгоҳ сохта, аз он ҷо он занро дар зери чашми худ гирифт [1, с.399]. «Бои меҳмон ҳар рӯз дар болохона нишаста аз он ҷо рӯйи он занҳоро аз назар мегузаронид ва ин кори худро ба мо «шӯхиҳои **пирона**» гуфта тавсиф мекард. Зоҳиран ҷамоли яке аз он занон диққати он пирмарди 60-соларо ба тарафи худ зиёда кашидааст, ки кам-кам «шӯхиҳои **пиронаи**» ӯ ба ҷиддиятҳои ҷавонона бадал ёфт ва ӯ аз болохона поин фуромада дар наздиктари рафчаҳо барои худ нишастгоҳ сохта, аз он ҷо он занро дар зери чашми худ гирифт [1, с.399].

-Э ҷони азиз! Ман ба меҳрубониҳои ту фирефта шуда, ба як ҳаракати густохона ният кардам [1, 376]. Ман, ки қурбони одатҳои хонадонии худ будам, дар дилам нисбат ба он қаҳрамон як муҳаббати **ғоибона** бедор шуд ва орзуи дидани ӯ дар дилам гузашт [1, с.382].

в). Аз шумораҳои миқдорӣ: **ягона, нуҳгона, дугона.**

Мисолҳо: Агар ту ба хонаи ман омада дастёрӣ кунӣ, ман туро ба фарзандӣ қабул мекунам ва духтарамро, ки **ягона** фарзанди ман буда, ҳозир 5-сола аст… [1, с.42]. Ман ба асоси он қоида ҳарфҳои арабиро такрор ба такрор ҳисоб мекардам ва бо рақамҳои **нуҳгонаи** ҳиндӣ (арабӣ) ва сифр (ноль) навишта ҷамъ менамудам ва аз ин кор завқ мегирифтам [1, с.107].

Ман баъд аз сабзидани кишт вайро **дугона** ва ягона карда, дар муддати 15 рӯз се бор каландгардон кардам, ки ин каландгардониро хишова (ё ин ки хишоба) меноманд ва ба бехи кишт ба қадри қад кашиданаш хок кашидам [1, с.166].

Аз таҳлилу баррасии мисолҳои зикршуда метавон чунин хулоса намуд, ки дар чунин қолаб сохта шудани калимаҳо дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта нақши фаъол дорад.

Аз рӯйи мушоҳидаи мо вожаҳои **париёна**, **касона** ва **чапанона** нисбат ба дигар калимаҳо дар осори шоирону нависандагон кам ва ё умуман ба назар намерасанд. Ба ибораи дигар гӯем, гумони ғолиб он аст, ки ин калимаҳо маҳсули эҷоди нависандаи нуктасанҷ С. Айнӣ мебошад.

2. Сифатҳое, ки аз калимаҳои сохта ба вуҷуд омадаанд: **бангиёна, бетоқатона, бемантиқона, бемуваффақиятона, беномусона, беэҳтиётона, беақлона, духтаракона, бедиққатона, беғамона, норозиёна, хашмгинона, оташинона, савдогарона, андешамандона, шавқмандона, муридворона.**

Ин гурӯҳи сифатҳоро аз рӯйи қолаби калимасозиашон, ки бо ду роҳи калимасозӣ сохта шудаанд, чунин гурӯҳбандӣ намудем:

А. Аз пешванду исм ва пасванди -она: **бангиёна, бетоқатона, бемантиқона, бемуваффақиятона, беномусона, беэҳтиётона, беақлона, бедиққатона, беғамона, норозиёна.**

Мисолҳо: Инҳо дар ин ҷо рӯзона дар пеши мардум «боодобона» мастии **бангиёна** карда нишастаанд [1, с.254]. Пас аз он гулҳои сафедро аз дастам гирифта бӯид ва чашмашро қадаре хашмолуд карда ва дасти росташро, ки дар вай гулҳои сафед буд, ба тарафи ман ҷунбиш дода бо як оҳанги **норозиёна**:

–Инро чаро овардӣ? – гуфт [1, с.94]. – Ин ҷо ҳеҷ ҷойи тамошо нест, –гуфтам ба роҳбари худ бо оҳанги қадаре **норозиёна** ва хашмгинона [1, с.124]. Ман мехоҳам, ки агар тақдир рафта бошад, ман бо шумо бо никоҳи расмӣ рӯирост зиндагонӣ намоям, вагарна ман дар танҳоӣ дар зери ғаму кулфату андуҳ ҳалок шавам ҳам, ба он гуна ҳаракатҳои **беномусонаи сабукпоёна** тан нахоҳам дод [1, 398]. Ҳар гоҳ, ки ӯ аз миёнсарои мадраса (даромадгоҳаш) мегузашт, «урус-урус» …,«афташ ҳам ба урус монанд шудааст» ва монанди ин гапҳои бемантиқона мезаданд [1, с.256]. … шоирон ба тарзи мушоира ва бадеҳа мисраъҳои ногаҳонӣ гуфта мисраъҳои якдигарро тазмин мекарданд, шеършиносон аз шеърҳои гузаштагон ба тарзи мисол байтҳои баланд мехонданд ва тақлиди **бемуваффақиятонаи** он мазмунҳо будани шеърҳои шоирони замони худашонро исбот карда танқид менамуданд; гоҳо мешуд, ки ин мушоираҳо ва шеърхониҳо ба ҳаҷв ё мадҳи якдигар, ё ба масхара кардани касони ғоиб оид мешуд [1, с.356]. Мӯйсафед дид, ки «зани саркаш ром шудааст», дастони худро дароз карда **бетоқатона** фаранҷӣ ва чашмбандро аз сарам бардошт, ки аз ҳама ҷойи ман пештар чашмонаш ба ришам афтод [1, 403].

Б. Аз исму пасванд ва пасванди **-она: духтаракона, хашмгинона, оташинона, савдогарона, андешамандона, шавқмандона.**

Мисолҳо: – Инро чаро овардӣ? –гуфт [1, 94]. – Ин ҷо ҳеҷ ҷойи тамошо нест, – гуфтам ба роҳбари худ бо оҳанги қадаре норозиёна ва **хашмгинона** [1, с.24]. Ӯ он китобҳоро ягон-ягон ба даст гирифта бо таъбироти **савдогарона** таъриф мекард ва хатти ҳар кадоми онҳоро ба муаллифи он китоб ё ба ягон котиби гузаштаи машҳур нисбат медод ва ба дасти кадом муллои машҳур расида, аз мутолиаи ӯ гузаштанашро ва дар ҳошияҳояш аз тарафи ӯ қайдҳои муҳим карда шуданашро, ба хубии хат ва ростнависии котиб илова менамуд ва дар фуроварди таърифи ҳар китоб, харида гирифтани онро ба бинандагон таклиф мекард [1, с.223].

В. Аз сифату пасванд ва пасванди **-она: девонаворона.**

Мисолҳо: Ман аз ӯ харакатҳои девонаворона намедидам. Фақат ӯ баъзе гапҳои ғалатӣ мезад, ки он суханони вайро аз девонагӣ зиёдтар ба шӯтқаригӣ ҳамл кардан беҳтар буд [1, с.99].

Г. Аз исму пасванд ва пасванди –**она**: **муридворона**.

Мисол: Мо ҳанӯз чойнӯширо тамом накарда будем, ки маддоҳи дирӯза омад ва бо Иброҳимхоҷа бо эҳтироми **муридворона** вохӯрдӣ намуда ба пеши мо нишаст ва ба ӯ хитоб карда гап сар кард…[1, с.133].

Зикр кардан ба маврид аст, ки мисолҳои дар боло зикршуда бо ду роҳи калимасозӣ сохта шудаанд. Чунончи: **банг+и+ёна, бе+тоқат+она, бе+мантиқ+она, бе+муваффақият+она, бе+номусона, бе+эҳтиёт+она, бе+ақл+она, духтар+ак+она, бе+диққат+она, бе+ғам+она, но+рози+ёна, хашм+гин+она,**

3. Сифатҳои мураккабе, ки ба воситаи пасванди **-она** сохта шудаанд: **ғамолудона, покдилона, дувоздаҳгона, истеҳзокорона, диндорона, хушбахтона, нодиркорона, ҳушёрона, марҳаматомезона, ҳазломезона, санъаткорона, саркашона, бузкашона, кӯбкоритозона.**

Мисолҳо: Имоми деҳаи мо дар як рӯзи бозори Ғиҷдувон аз ҳамин гуна чилимҳо сетаашро шикастааст, ки мардумро аз чилимкашӣ боз дорад ва ӯ ин кори худро дар лаби ҷӯйи деҳа ба мардум бо як мағрурии **диндорона** ҳикоят кард [1, с.145].

Баъд аз рақсидан Пирак ба паҳлуи ман омада маро бо он шеъри «Нисоб-ус-сибёна» забонӣ ҳам табрик намуд ва ман ҳам ӯро бо он рақси **нодиракорона** таҳсин намудам, аз куҷо ва аз кӣ омӯхтанашро пурсидам, ӯ дар ҷавоби ман гуфт [1, с.236].

Рақси ӯ дар зери усули устодонаи Мулло Ҳомид боз ҳам моҳиронатар, боз ҳам **нодиракоронатар** баромад [1, с.237]. Духтарак ҳам ба ин ҷавони хушзабони меҳрубони хушмуомила муҳаббати **покдилона** монда аз вай ҷудо шудан ва як нафас бе ӯ монданро намехостааст [1, с.42].

Лутфӣ хушхат ва хушнавис буда, бесаводон ҳам, чунон ки як лавҳаи рассомии **санъаткоронаро** тамошо мекарда бошанд, аз дидани хатти ӯ лаззат мебурданд. Мадори маишати Лутфӣ он вақтҳо аз китобат ва нусхабардории китобҳо буд [1, с.369]. Ҷавонони ҷилавдор баъд аз фуромадани хӯҷаинҳошон худҳошон ба он аспҳо савор шуда бо тозиёна ба сари аспи якдигар мекӯфтанд, ки пеш гузаранд, инҳо бо ҷангу ҷидоли **кӯбкоритозона** (**бузкашона**) ба зери девори мадрасаи Дорушшифо рафтанд…[1, с.320].

Бобо баъд аз он ки чилимро ду-се қуллоб кашида бо наъраи **қаландарона** «ҳақ, дӯст... иллаллоҳ, пирам нақшбанд девона» гуфт, ба тарафи сагон табассумкунон нигарист. Онҳо ҳанӯз намеҷунбиданд. Аммо дар ҷавоби нигоҳи **марҳаматомезонаи** бобо думҳошонро ҷунбонда ба хок задан гирифтанд [1, с.246]. Мулло Қамар ин суханони худро бо оҳанги шӯхиҳои одӣ ва бо як бепарвоии **ҳазломезона**, ки он вақтҳо дар мадрасаҳои Бухоро одат буд, мегуфт ва шунавандагон ҳам гапҳои ӯро дар қатори чақ-чақҳои мадрасаҳои замони худ ҳузур карда мешуниданд [1, с.261].

Вожаҳои мазкур аз рӯйи сохти грамматикӣ чунин ба назар мерасанд: **ғам+дил+она, истеҳзо+кор+она, дин+дор+она, хуш+бахт+она, нодир+кор+она, хуш+ёр+она, марҳамат+омез+она, ҳазл+омез+она, санъат+кор+она, сар+каш+она, буз+каш+она** ва ғайра.

Ҳамин тавр, аз таҳлили маводи дастрас («Ёддоштҳо») чунин хулоса метавон бароварда, ки пасванди **-она** бо гунаҳояш (вариантҳояш) **-гона, -ёна, -вона** дар ин асар серистеъмол буда, ҳамчун морфемаи сифатсоз дар сохтани як қатор сифатҳои гуногунсохту гуногунмаъно нақши беназир доранд.

Дар баробари ин, нависандаи борикбину нозукхаёл – устод Садриддин Айнӣ аз имкониятҳои дастурӣ ва маъниофарии пасванди **-она** моҳирона ва дар айни замон эҷодкорона истифода карда, калимаҳои зиёди ҷолиби диққат офаридааст, ки дар адабиёти бадеӣ назирашон кам ба назар мерасанд. Масалан, калимаҳои **диндорона**, **нодиркорона**, **санъаткорона**, **бузкашона ва покдилона** ба андешаи шахсии мо маҳсули эҷоди нависанда ба шумор рафта, барои дар ин қолаб рӯйи кор омадани калимаҳои нав заминаи муносиб мегузорад.

Муқарриз: ***Амлоев А.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДСРТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик / С.Айнӣ. – Душанбе, 2009. – 404 с.
2. Бобомуродов, Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Ш.Бобомуродов, А.Муминов. – Душанбе, 1983. – 120 с.
3. Г. Мирзоев. Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке / Мирзоев Г. – Душанбе: Дониш, 2018. – 184 с.
4. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р.Ғаффоров. – Душанбе, 1977. – 270 с.
5. Ғоиб, Мирзоев. Хушае чанд аз хирмани сухан / Мирзоев, Ғоиб. – Душанбе: Промэкспо, 2018. – 244 с.
6. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. Фароҳамоварандагон Д. Хоҷаев, Н.Ф. Қурбонов, О.М. Додаров. – Душанбе, 2017. – 320 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ.1. – Душанбе, 1973. – 452 с.
8. Камолов, Х.М. Мавқеъ ва корбурди сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.М. Камолов // Забон – рукни тоат. – 2017. - № 9. - С.188-197.
9. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмуъ-ут-таворих» / Г. Камолова. – Душанбе, 1974. – 92 с.
10. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
11. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1972. - 77с.
12. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2010. – 188 с.
13. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2010. – 188 с.
14. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2013. - 344 с.
15. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
16. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 232 с.

КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИ -ОНА ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи нақши калимасозии пасванди калимасози **-она** бахшида шудааст. Мавзуе, ки дар мақола баррасӣ шудааст, аз нигоҳи илмӣ актуалӣ буда, то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳида сурат

нагирифтааст. Дар мақола муаллиф пеш аз нишон додани доираи истеъмоли пасванди **-она** сараввал бо истифодаи сарчашмаҳои илмиву адабии асрҳои гузашта сайри таърихӣ намуда, вазифаҳои дастурии морфемаҳои мазкурро бо овардани далелҳои арзишманд баён кардааст. Дар баробари ин, мақоми пасвандҳоро дар осори илмии олимону донишмандони замони муосир дида баромада, ҷойгоҳи пасвандҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро дар замони муосир аз диди муҳаққиқон баррасӣ кардаанд. Азбаски мавзуи асосии мақоларо омӯзиш ва баррасии пасванди **-она** ташкил мекунад, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи моҳияти асосии масъала мақоми пасвандҳои мазкурро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нишон додааст. Дар баробари таҳлили маводҳои адабӣ доир ба истифодаи пасванди таҳқиқшаванда маълумоти оморӣ дода шудааст. Баъд аз баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми баррасишаванда муаллиф дар хулоса нақши устод Айниро дар офаридани калимаҳои нави бо ин пасвандҳо сохташуда, ки бевосита ба услуби фардии нависанда хос аст, нишон додааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, пасванд, ташаккул, забоншиносӣ, забоншинос, луғат, сарф, наҳв, забони тоҷикӣ.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СУФФИКСА -ОНА В “ВОСПОМИНАНИЯХ” С. АЙНИ

Статья посвящается исследованию словообразовательной роли суффикса -она. Тема научной статьи является актуальной и на сегодняшный день по данной теме подобных работ не встречается. В статье, отражена история исследования суффикса -она в научных и художественных источниках прошлих веков, дана историческая информация, затем изучена грамматическая функция вышеуказанной морфемы, а также приводятся многочисленные примеры. Вместе с тем автор статьи рассматривает место суффикса -она в научных произведениях современных учёных и роль рассматриваемого суффикса с точки зрения этих исследователей. Учитывая тот факт, что тема исследования посвящена изучению суффикса -она, автор в процессе изучения темы даёт информацию о роли вышеуказанного суффикса в “Воспоминаниях” С. Айни. Вместе с анализом художественных материалов по использованию данного суффикса в статье приводятся статистические данные. Автор также отмечает вклад С. Айни в создание новых слов с суффиксом -она, что непосредственно отображает самобытность и неповторимость стиля таджикского писателя.

Ключевые слова: словообразование, суффикс, формирование, лингвистика, языковед, лексика, морфология, синтаксис, таджикский язык.

FORMATION OF THE SUFFIX -OHA IN “MEMORY” OF S. AINI

The article is devoted to the study of the role of word formation of the suffix -она. The topic of the scientific article is relevant and today there are no similar works on this topic. I In the article, before showing the range of use of the suffix -ona, he first made a historical tour using scientific and literary sources of the past centuries, and explained the instructional functions of these morphemes with valuable evidence. At the same time, the author of the article considers the place of the suffix -она in the scientific works of modern scientists and shows the role of the suffix in question from the point of view of these researchers. Taking into account the fact that the topic of the research is devoted to the study of the - она, the author, in the process of studying the topic, gives information about the role of the above suffix in “Memoirs” by S. Aini. In place of the analysis of artistic materials on the use of this suffix, the article provides statistical data. After studying and solving important problems of study, the author at the end indicates the contribution of S. Ayni to the creation of new words with the use of the suffix -она, which pleasantly reflects the originality and originality of the style of the Tajik writer.

Key words: Tajik language. syntax, linguistics, word formation, formation, suffix, linguist, vocabulary, morphology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳнозаи Турсунзода*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик ва журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Сведения об авторе: ***Шаҳноза Турсунзода*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель кафедры таджикского языка факультета таджикский филология и журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16,. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Information about the author: ***Shahnozai Tursunzoda*** - Kulob State University named after A.Rudaki, Applicant of the Department of the Tajik Language, Faculty of Tajik Philology and Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov, Str., 16. Phoone: **(+992) 985-23-57-57**

УДК: 491.550 (03)

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ СОЛҲОИ БИСТУМИ С. АЙНӢ

Сафаралиева М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

С.Айнӣ имкониятҳои калимаҳои сермаъноро дар мақолаҳои солҳои 20-ум таълифнамудааш васеъ ба кор мебарад ва ин яке аз сабабҳои ғановати забон ва гуногунрангии услуби забони мақолаҳои публитсистии ӯ гардидааст.

Имконияти истифодаи сермаъноии калима барои насрнависон, ки эҷодиёташон дар чорчӯбаи вазну қофия маҳдуд нест, бештар аст [3, с.96].

Дар системаи семантикии забон маъноҳо назар ба калимаҳо зиёданд, зеро қисми зиёди калимаҳои забон дорои бештар аз як маъно мебошанд, ки мафҳумҳои гуногуни ашё, амал, аломат ва миқдорро ифода мекунанд. Илова бар ин, дар зери маънои луғавии калима тобиш, эҳсос, муносибате маҳфуз аст, ки завқи гӯянда ва шунавандаро талаб мекунад. Ҳамин муносибати мураккаби маъноҳои воҳидҳои луғавиро баррасӣ намуда, И.В. Арнолд вобаста ба шароити мухобирот онро ба ду қисм ҷудо мекунад: "*Ба қисми аввал маълумот – маънои денотативӣ дохил мешавад, ки он мафҳумро номбар мекунад ва мувофиқи қонуни инъикос воқеияти беруназабонӣ акс меёбад. Ба қисми дуюм ахбор дохил мешавад, ки ба шароит ва иштирокчиёни мухобирот, вобастагӣ ва бо маънои коннотативии эҳсос, муносибат, муассирӣ алоқаманд аст*" [4, с.105].

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки С.Айнӣ дар мақолаҳояш калимаҳои сермаъноро моҳирона истифода кардааст. Сермаъноии калимаҳо дар мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ бештар дар доираи исмҳо ба чашм расид, дар сифатҳо ва феълҳо камтар.

Чунончи, калимаи **сар** дар забони тоҷикӣ ба туфайли мавҷудияти чунин муносибатҳо маъноҳои зиёдеро касб кардааст. Дар забони мақолаҳои С.Айнӣ калимаи **сар** маъноҳои зайли ба ҳам алоқамандро ифода кардааст:

Чунончи:

Бо исми шахс: *сари шумо, сари худ, сари ҳамдигар.*

Синфи ҳокиме, ки ба **сари шумо** зулм карда истодаанд… [1, с.57]. Мо – туркистониён, низ мисли аҷзои олами ислом нахуст қаламро аз даст додем, пас аз он бо сабаби ҷаҳолат шамшери зангзадае, ки аз ниёгони худ ба мерос доштем, ба **сари ҳамдигар** шикаста, ба асорати ҳукумати мустабидаи императории Рус афтодем [1, с.43].

2. Бо як ҳиссаи ҷисми инсон*: сари забон:* Аммо агар ба **сари забони** нашри **матбуоти** имрӯзаи Эрон биёем, масъала ранги дигар мегирад [1, с.99].

3. Ибтидои замону макон*, сари шом, сари замин*: Шабе, ки навбати говронӣ ба худаш мерасид, **сари шом** гови Аҳмадро оварда, дар таҳти соботи худ мебаст [1, с.113]. Дар аввали ҷеғ задани хурӯс аз хоб мехест, ҷуфти говро мебаст, омоч, поза (говоҳан) ва дандонаро гирифта ба **сари замин** мерафт [1, с.113].

4. Нӯг: *сари шамшер.*

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез [2, с.132].

5.Аҳли оила: *сари хона.*

«Пода» гуфта тоҷикон галаи моли сиёҳеро мегӯянд, ки аз ҳар **сари хона** як ё **дусарӣ** ғун мешаванд… [1, с.111].

6. Оғоз, аввал, ибтидо: *сари вақт, сари кор, сари гулхан, сари ошӯб, сари озодӣ, сари нав, сари миллатҳо [2, с.190], сари душман [2, с.213], сари роҳ [2, с.242], сари чашма [2, с.262].*

Баъд аз ин тафсилоти дилгашёнкун арз карда мешавад, ки имсол қадаре ҷиддитар ва дар **сари вақт** ба кор шуруъ кунем… [1, с.52]. Тоифаи қирғиз аз он ҷо, ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ ба **сари кор** омада, то ҳол хеле китоб ҳозир намуданд [2. с.60]. Дар он тақсири ашхосе, ки ба ваколати ҳукумати ранҷбарон дар сари кори маорифи Туркистон нишастаанд, мебинем [1, с.50].

7. Дар таркиби ибораҳои масдарӣ: *сар кардан, сар буридан, сари пур шудани сол,умр ба сар бурдан [2, с.190].*

Пеш аз **сар кардан**и матлаб лозим аст, ки куҷо будани диёри Шарқ ва киҳо будани аҳолии Шарқро ба бародарони тоҷики худ фаҳмонем [2, с.75]. …ин ҳаракатҳо мисли ҳаракати гӯсфанде, ки баъд аз **сар буридан** ба дасти қассоб дасту по мезанад, бенатиҷа мемонд [1, с.79].

8. Дар таркибҳо: *сар то сар, саросар [2, с.205], сари баён, сари сӣ сол [2, с.113], сари мусулмонон [2, с.113], сари аҳли Шарқ [2, с.112], сари Умонӣ [2, с.120].*

Аммо олами Шарқ, ки **сар то сар** аз дастгоҳҳои нав маҳрум ва ба асбобҳои ҳазрати Нуҳии худ чизҳои даркории худашро ба қадри зарурӣ ба сарфи зар ва зӯрӣ бисёр месохт, хуб бозоре буд [1, с.79]. … ба воситаи суханҳои кӯча ва бозор, бисёр масъалаҳое, ки мо имрӯз дар **сари баёни** ӯ ҳастем, шарҳ намеёбад [1, с.97].

9. Дар таркиби калимаҳои мураккаб: *сарзамин, дусарӣ, худсарӣ, сармоя, сармоядор, саргармӣ, саргардонӣ, сарой [2, с.130], сарбоз [2, с.108], саркаш [2, с.115], сармақола [2, с.141], саркор [2, с.155], сарнагун [2, с.190], сартарош [2, с.203], яксара [2, с.266]:*

Дар вақти аввали хурӯҷи амир Темур, амир Ҳусайн он **сарзамин**ро ба сари худ идора мекард… [1, с.87]. «Пода» гуфта тоҷикон галаи моли сиёҳеро мегӯянд, ки аз ҳар сари хона як ё **дусарӣ** ғун мешаванд… [2, с.111]. Акнун ки мо алифбои нави ба асоси лотиниро қабул кардаем, ин **худсари**ҳоро роҳ нест [1, с.114].

10. Дар таркиби феълҳо: *сар шудан, сар задан, сар мекунем, сар фуруд наовардан:*

Ин муштариқ дар ҷилди аввали «Таърихи Бухоро ё худ Моваруннаҳр» ном асари худ дар як ҷойи фасле, ки «Давраи пеш аз ислом» гуфта **сар мешавад**, дар бораи забони тоҷикӣ… менависад… [2, с.103]. Ним таноб заминро сераҳа карда сурма барин маин меронд, пеш аз **сар задани офтоб** дандона ва мола мекард, ки нами замин намепарид [1, с.113].

Калимаи дигаре, ки хусусияти сермаъноӣ дорад, **роҳ** аст. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” 6 маъно ва дар “Фарҳанги тафсирӣ” 5 маънои он зикр шудааст. Вобаста ба мавқеи истеъмоли калимаи **роҳ** дар забони мақолаҳо маъноҳои гуногуни онро ба таври мисол меорем.

Фақат бо як **роҳи беадабона** ва ба як тариқи беномусона мебаранд [2, с.81]. Дар матни аввал калимаи *роҳ* ба маънои “васила, восита” [11, с.148], яъне кори бад, рафтори нафароне, ки бар зарари ҷамъият аст, оварда шудааст.

… рафиқ Ленин як қисми муҳимми ҳаёти қиматбаҳои худро дар **роҳи озоди**и Шарқ сарф кард [1, с.80]. Дар матни дуюм ба маънои кори нек, ки ба манфиати ҷомеа аст, омадааст.

…кадом салтанат аст, ки танҳо дар **роҳи илм** ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф намояд [1, с.39].

Дар матни сеюм калимаи мазкур ба маънои *маром, мақсад* омадааст.

Маст ва қиморбозро дар фирқаи иштирокиюн **роҳ надод** [1, с.41]. Дар ин матн нависанда калимаи мазкурро ба маънои одамони нохалафро ба коре иҷозат надодан ва монеа шудан кор фармудааст.

Калимаи сермаънои ***ҳол*** дар мақолаҳои нависанда истифода гардидааст, ки дар «ФЗТ» ба 5 маъно омадааст:

То **ҳол** аз Самарқанд чӣ маблағ тазминот гирифта шуда бошад, ба ҳар кас тақрибан маълум аст [1, с.40]. Дар ин матн калимаи *ҳол* ба маънои «*замон, ҳангом, вақт*» [11, с.151] оварда шудааст.

Вой бар **ҳоли** он касе, ки ба дунё зиндаасту забон надорад [1, с.66].

Ин ҷо ба маънои “чигунагӣ, вазъият, ҳолат; чигунагии саломатӣ ва тандурустӣ, аҳвол” [11, с.151].

Ин гуна сермаъноии калимаи **арз** аз назари устод Айнӣ низ дур намондааст, чунончи: Мо барои мисол як воқеаи пеш аз шаст соли ин ҳукуматро маа як қисм фоҷиаҳои охиринаш ба хонандагони гиромӣ **арз менамоем**… [1, с.54]. Чунончи, дар мақолаи гузашта **арз карда шуд** … [1, с.70]. Амир маро ба ҳузури худ дар Ҳисор даъват кард, дар **арзи роҳ** даштеро ба хун рангин дидам [1, с.54].

Дар матнҳои якуму дуюм **арз** дар таркиби феълӣ бо феъли ёвари “кардан” омада, ба маънои “*изҳор, баён*” кор фармуда шудааст, аммо дар матни сеюм *тули роҳ* ба маънои сар то сари макон истифода гардидааст, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дар маънои 11-уми он “*паҳноӣ, бар*” дарҷ гардидааст.

"*Ҷиҳати муҳимми калимаҳои сермаъно он аст, ки ба воситаи айни як калима паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳои ашё, макон, замон, ҳодисаю воқеаҳо ифода мегарданд, ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунанд ва ҳамаи он маъноҳо алоқамандӣ доранд*" [9, с.46]. Ин гуна маъноҳои нав бо тобишҳои гуногун гирифтани калима бо матн алоқаи ногусастанӣ доранд. "*Барои муайян кардани чунин хусусияти калима ба монанди сермаъноӣ матн аҳамияти калон дорад: берун аз матн маънои калимаро танҳо тақрибӣ муайян кардан мумкин аст*" [15, с.35].

Калимаи дигари сермаъно **боло** аст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 5 маънои он дарҷ гардидааст. Калимаи мазкур бо якчанд маъно дар матнҳои зерин оварда шудааст:

Баъд аз Инқилоби Уктабр ба шарафи озодии Русия, вақте ки ҳукумати Бухоро худ мухтор шуд, бозори кушокуширо кушод, на танҳо шахси амир, балки дар воҳид аз қозӣ ва ҳокимонаш дар **болои раия** як ҷаллоди хунхор шуда нишастанд [1, с.55]. Коргару деҳқони ин мамлакатҳо **ба болои худ** худ ҳоким шуданд… [1, с.74].

Дар матни аввал «болои раия» оварда шудааст, ки барои ифодаи бесаранҷомии дар вақти инқилоби Бухоро рух дода ва куштани амиру ҳокимонаш мардуми бегуноҳро ифода мекунад. Дар ин ҷо С.Айнӣ калимаи сермаънои **болоро** истифода кардааст. Дар матни дуюм **боло** маънои соҳибҳуқуқ шуданро ифода кардааст, яъне коргару деҳқон метавонистанд заминҳояшонро ба ихтиёрашон шудгор карда, ба ризқу рӯзии худ соҳиб гарданд, ки барои ифодаи кӯтоҳбаёнӣ устод Айнӣ **болоро** истифода кардааст, ки ифода ҳам равон ва ҳам нишонрас баромадааст.

Бидонед, ки озодии шумо руҳи фуқарои Шарқу Ғарбро **боло** мекунад [1, с.57].

Дар матни сеюм **боло** ба маънои «фавқият, бартарӣ, афзалият» [10, с.199] омадааст ва С.Айнӣ онро ба маънои маҷозӣ «руҳро боло кардан» овардааст.

...ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соати умри худро ба тарзе ки дар **боло** арз шуд, ба таҳсили илм сарф намоем… [1, с.49]. Дар матни чорум ба маънои «**забар, фавқ, муқобили зер**» [10, с.199] кор фармуда шудааст.

Калимаи сермаънои **боло** дар ду матни зерин дар шакли *дар болои ин ва болои ин ҳама* ба вазифаи пешоянди *бо вуҷуди ин, бар замми ин* омадааст.

Дар болои ин дар вақти марамат маҳрум шудани талаба аз таҳсил ва мартуб мондани иморат то охири сол сарборист [2, с.52]. **Болои ин ҳама** номуси миллии худро дар зери фишори ин мутакаббирони фиръавнӣ поймол мебинад, … [2, с.80].

Дар **олами маданият** ду қувват ҳаст, ки таъмини ҳуқуқи бани башар бе воситаи ин ду мумкин нест [1, с.43]. Дар матни аввал **олам** ба маънои «кас ё чизи бисёре» [10, с.911] омадааст.

Оре, **олами ислом** дар қарнҳои охирӣ ин ду қувватро тамоман аз даст дод… [1, с.43]. … муздуроне, ки имрӯз дар **олами Ғарб** ба тахти ғуломии давлатҳои сармоядор кор мекунанд, қувваи эҳтиётии аскари инқилоб ба қалам дод. Дар матнҳои дуюму сеюм ба маънои дуюми «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «*махлуқот, мардум; ҳамаи олам, тамоми дунё; ҳамаи мардум, тамоми одамон*» [10, с.911] кор фармуда шудааст.

Калимаи сермаънои **пеш** дар «ФЗТ» ба 3 маъно омада, дар мақолаҳои устод ба ду маъно корбаст гардидааст:

Баъд аз он ки дар мамлакат амният барпо шуда, зироату саноат ба **пеш рафтан** рӯ овард… [1, с.87]. Дар ин матни аввал **пеш** ба маънои муваффақият оварда шудааст. Агар заҳматкашони Русияро **пешрави лашкари** инқилоб ба шумор дод, мазлумони Шарқро ҳам аз қуввaҳои асосии ин лашкар шумурд… [1, с.80]. Дар матни дуюм **пеш** ба маънои «*муқобили пас, аввал*» [10, с.54]-и дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» овардашуда омадааст.

Пеш аз инқилоб як нафар тоҷики фалғарӣ ё ки мастчоҳиро ёрое набуд, ки ба тоғбегии рус ҳарф занад [1, с.74]. Дар ин матнҳо ба маънои «*муқаддам, қабл, собиқ, даргузашта; аввал, огоз*» [10, с.54] истифода шудааст.

Инқилоби Уктабр ёрмандӣ кардан ба деҳқонони фақир, обод кардани заминҳои майита ва харобро **пешниҳод**и ҳиммати худ **кард** [1, с.78].

Яке аз калимаҳои сермаънои дигар **аҳд** буда, С.Айнӣ онро ба ду маъно истифода кардааст:

Он иморатҳои бузург, …ки **дар аҳди** Сомониён дар Бухоро бино ёфта буд, муассиси ҳамаи он тоҷикон буданд [1, с.86].

Дар матни боло калимаи *аҳд* ба маънои **замон, давр** [11, с.100] омадааст. Ин матн аз ду ҷиҳат аҳамияти услубӣ ва грамматикӣ дорад:

1.Мубтадои шакли ҷамъ дошта, бо хабари танҳо омадааст: *иморатҳо…бино ёфта буд*;

2.Ҷойи мубтадо тағйир ёфта, соҳиби амал таъкид гардидааст: *Тоҷикон муассиси ҳамаи он буданд – Муассиси ҳамаи он тоҷикон буданд.*

Савум, ба Ҳукумати Шуроии Русия, ки абадан нияти ҷаҳонгирӣ надорад ва тахлиси Шарқро ба худ дастурамал қарор додааст, **аҳди дӯстӣ** барбаста, гардани Эронро аз имтиёзот ва **аҳдномаҷот**и ҳукумати собиқаи Русия халос кард [2, с.244].

Дар матни дуюм калимаи *аҳд* ба маънои *аҳду паймон, шарт, қарордод, муоҳида, ваъда* [12, с.100] омадааст.

Калимаи сермаънои **асар** дар мақолаҳои устод Айнӣ ба ду маъно кор фармуда шудааст:

Фақат ин талқинҳо мисли ситорае, ки дар шаби балво аз зери абри сиёҳ нимнамуд гардида, боз ғойиб мешавад, бе **асар** … мемонд [1, с.79]. Як тоҷик ё ки як эронӣ **асарҳои** Саъдӣ, Ҳофиз, Низомӣ ва монанди инҳоро чӣ қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам **асарҳои** Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ…ва дигарҳоро дӯст дошта хонда метавонад [1, с.99].

Дар ин матнҳо калимаи **асар** дар матни аввал «*аломат, нишона; аломати боқимонда аз чизе»* [12, с.88] ва дар матни дуюм ба маънои *«чизи навишташуда, чизи таълифгардида, чизи эҷодкарда»* [14, с.88] омадааст.

Калимаи сермаънои **рӯй** дар «ФТЗТ» ба 4 маъно тафсир шудааст:

… ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шуроӣ ба андак фурсат мисли ҷаннати **рӯйи замин** як дунёи тоза барпо шуда, коргарон ва деҳқонон ба осудагӣ рӯзгор хоҳанд гузаронд [1, с.78]. Ғайр аз мамлакатҳои Фарангистон ҳама **рӯйи дунё**ро Шарқ меноманд [1, с.74].

Дар ҳар ду матни С.Айнӣ калимаи сермаънои ***рӯй*** ба як маъно «*сатҳ, сафҳа, рӯя; рӯйи замин, сатҳи замин»* [13, с.178] омадааст.

Калимаҳои сермаънои ***садо*** ва ***овоз*** дар мақолаҳои устод Айнӣ ба ду маъно истифода гардидаанд:

а) маъруф, садои тӯпу туфанг: …ҳар куҷо садои тӯпе ё **овози туфанге** баланд мегардид, мутлақан ба масъалаи Шарқ дахлдор буд [1, с.64].

б) хабари инқилоби Русия:

Олами Шарқ ба шунидани ин нидо ва **овози Инқилоби Уктабр** эҳмол накард [1, с.64].

Дар матни аввал бо мақсади гурез аз такрор муродифҳои садо (садои тӯп) ва овоз (овози туфанг) истифода шудаанд. Дар мисоли дуюм муродифҳои нидо ва овоз ба маънои хабар, овоза ба кор бурда шудаанд:

Дар асрҳои қадим … **овозаи** қаҳрамонӣ ва шуҷоати мо овезаи гӯши ҷаҳониён гардида буд [2, с.160].

Бояд қайд кард, ки исми «**овоза**» аз решаи «**овоз**», ки хосси амали инсон аст, сохта шудааст, на аз исми «**садо**», ки, аслан, хосси организми зинда нест.

Мазлумони Шарқ ба гуноҳи ин, ки ба саги сармоядорони ғарбӣ **тез нигоҳ** кардааст,…хуниновр ба маҳкама меафтад [1, с.81].

Дар матни якум **тез нигоҳ кардан** ба маънои **нигоҳи тез** нигоҳи гиро, нигоҳи пуртаъсир; нигоҳи тунди хашмолуд ба касе ё чизе, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ ба чунин маъно омадааст «*одами тундмиҷоз, зудхашм; он ки зуд аз ҳолати эътидол баромада, асабӣ мешавад; тезу тунд бо касе бо хашм рафтор кардан, бо муҷодала пардохтан бо касе*» [12, с.349].

Бечорагони қавми тоҷик дар кӯҳистон, аз ҳар гуна неъматҳои шаҳрӣ маҳрум, ба **меҳнатҳои сахт** гирифторанд… [1, с.67]. Дар ин матн ба маънои «**кори мушкил»** [1, с.232] омадааст.

Ҳар як **зарбаҳои сахт** буд ба вуҷуди навзоди инқилоби Шарқ [1, с.159].

Дар ин матн сифати *сахт* ба маънои *шадид, бошиддат: зимистони сахт, муборизаи сахт, ҷазои сахт, ҷанги сахт, зарбаи сахт* омадааст [13, с.232].

Вале оташ торафт шиддат мекунад ва аҳволи империёлистҳо рӯз то рӯз **сангинтар** мегардад [2, с.101]. Вақте ки Саид Зиёуддин кори ҳукуматро ба дасти худ гирифта, кобинаи нав таъсис мекунад, ба сарватдорони моли мардумхор ва ба ҳукуматдорони хиёнаткор **тазминотҳои сангин** мегузорад [2, с.244]. С**улҳи сангин** [2, с.102].

Сифати **сангин** дар ибораи «*девори сангин*» ба маънои аслии девори аз санг сохташуда, вале дар матни аввал маънои *душвор шудани кор, бад шудани аҳвол*ро ифода мекунад. Дар

матнҳои дигар маънои вазнинӣ, вазндорӣ, *вазифаи душвор гузоштан ба зиммаи касе* бо ибораи *тазминотҳои сангин* нависанда аз мардум андози гарон гирифтанро дар назар дорад.

Дар ҷумлаи «Муттафиқҳо баъд аз он ба гардани коргарони Олмон **бори сангин**ро гузоштанд [2, с.102]» ибораи «**бори сангин (гарон)**» маҷозан дар вазъияти ногувор гузошта шудани коргаронро ифода мекунад.

Дар матнҳои зерин сифати **сиёҳ** фақат ба як маъно ранги чиз, ашё кор фармуда шудааст:

Фақат ин талқинҳо мисли ситорае, ки дар шаби балво аз зери **абри сиёҳ** нимнамуд гардида, боз ғойиб мешавад бе асар … мемонд [1, с.79]. … ҳамин буд, ки ин ҷанги панҷсолаи оламсӯз баромада Шарқу Ғарбро ба **хоки сиёҳ** ва хуни сурх яксон кард [2, с.111]. Ба шарофати **нафти сиёҳ** тамоми корхонаҷот ва роҳҳои оҳани камофиссобиқ доир хоҳад шуд,… [1, с.146].

Инчунин дар мақолаҳои солҳои бистуми С.Айнӣ сермаъноии феълҳо низ ба назар расид, ки аз он феъли **кушодан**ро овардем:

… ҳукумати марказии Туркистон ҷиҳати ҳозир кардани муаллим барои тоҷикон дар Тошканд як **мактаб мекушояд** [1, с.68].

Ҳозир дар ҳар кӯчаи шаҳр, ки ягон фурӯшгоҳ ё қаҳвахона кушода шавад, «*Мо кушода шудем»* менависанд. Устод Айнӣ ҳам ба маънои кушода шудан «**мо мактаб кушодем**» гуфтаанд на *мактаб таъсис додем*, ки ин ҳам маънои ба фаъолият оғоз карданро дорад. Аммо С.Айнӣ **мо мактаб кушодем** гуфтаанд на ин ки **мо кушода шудем**, ба ҷойи ин **тарабхонаи мо кушода шуд** гуфтан дурусттар аст.

Калимаи дигаре, ки дар мақолаҳои устод Айнӣ сермаъноиро касб кардааст, **ҳозир** мебошад, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ», аслан, ду маънои он дарҷ гардидааст «1. ҳузурдоранда, мавҷуд, муқобили ғоиб, 2. омода, тайёр, муҳайё [12, с.751] ва дар «ФТЗТ» 4 маънои он дарҷ гардидааст, аммо устод Айнӣ ин калимаро ба якчанд маъно кор фармудааст:

Тоҷиконе, ки **ҳозир** дар Самарқанд ва Фарғона ранҷбарӣ мекунанд ва ба як иттифоқ дохил нестанд, …[1, с.72]. Ба **адибони ҳозира** ба шарти дарҷ шудани асарашон бар тақдири талаб ҳаққи таҳрир ҳам дода мешавад [1, с.82]. Дар ду матни аввал ба маънои *замон* алъон, ҳамин вақт [12, 509] кор фармуда шудааст.

Агар **китоб**и табиат **ҳозир шуда бошад,** ба Маскав фиристода, аз дунбол китобҳои савдо, ҷуғрофия…-ро тартибу тарҷима кардан лозим аст [1, с.86]. …ҳукумати марказии Туркистон **ҷиҳати ҳозир кардани** муаллим барои тоҷикон дар Тошканд як мактаб мекушояд [1, с.68].

Дар матнҳои сеюму чорум ба маънои «*омода, тайёр, муҳайё* [13, с.751] истифода гардидааст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба дуюм маъно дарҷ гардидааст.

Барои ин гуна курс дар Самарқанд қувваи маънавӣ **ҳозир** аст,… [1, с.68]. Дар матни сеюм ба маънои «*ҳузурдоранда, мавҷуд, муқобили ғоиб*» омадааст, ки маънои якуми дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарҷгардидаро медиҳад.

Дар матни зерин бо калимаи **дод** калимаи мураккаби **додхоҳ** сохта шудааст, ки чунин маъноро медиҳад: «1. тазаллум, адолатталабӣ, аз зулм шикоят кардан, 2. додгарӣ, адолатпарварӣ [12, с.384]» ва дар ин матн низ ба ҳамин маъно омадааст: Ҷазои камтарини ҳақталабӣ ва **додхоҳи**и мазлумони Шарқ тӯб, туфанг ва бӯмба аст [1, с.81].

Дар забони тоҷикӣ бо калимаи сермаънои **дод** феълҳо низ сохта мешаванд, ки дар матни зерин С.Айнӣ чунин феъл сохтааст:

… мувофиқи ин мулоҳизот хатти ҳаракатро кашид ва **дастурамалҳо дод** [1, с.81]. Агар заҳматкашони Русияро пешрави лашкари инқилоб **ба шумор дод**, мазлумони Шарқро ҳам аз қувваҳои асосии ин лашкар шумурд… [1, с.80].

Гарчи мундариҷаи мақолаҳо бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ бахшида шудаанд, С.Айнӣ дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам аз имконоти сермаъноии вожаҳои забони тоҷикӣ моҳирона истифода бурдааст. Чунон ки ишора кардем, калимаи **боло** дар мақолаҳои устод ба маънои **қаду қомат** кор фармуда нашудааст, чунки дар ин ҷо тасвир ё образи бадеӣ вуҷуд надорад.

Муқарриз: ***Мирзоева М.Ҷ***. – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1974 – 264 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1977 – Ҷ. 9. – 480 с.
3. Абдуқодиров, А. Хусусиятҳои луғавии назми Мирзо Турсунзода / А.Абдуқодиров. – Хуҷанд: Ношир, 2011.
4. Арнольд, И.В. Стилистика современного английского языка / И.В. Арнольд. – Л.: Просвещение, 1973. – 300 с.
5. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.
6. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 326 с.
7. Камолиддинов, Б. Сухандонон сухан санҷида гӯянд / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Оптима, 2005. – 200 с.
8. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ.1. – 242 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 952 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.2. – 949 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 949 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 944с.
14. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ.1. – 952 с.
15. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – 326 с.

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ СОЛҲОИ БИСТУМИ С. АЙНӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии хусусиятҳои маъноии унсурҳои луғавӣ дар мақолаҳои солҳои бистуми Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. С.Айнӣ имкониятҳои калимаҳои сермаъноро дар мақолаҳои солҳои 20-ум таълифнамудааш васеъ ба кор мебарад ва ин яке аз сабабҳои ғановати забон ва гуногунрангии услуби забони мақолаҳои публитсистии ӯ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар системаи семантикии забон маъноҳо назар ба калимаҳо зиёданд, зеро қисми зиёди калимаҳои забон дорои бештар аз як маъно мебошанд, ки мафҳумҳои гуногуни ашё, амал, аломат ва миқдорро ифода мекунанд. Илова бар ин, дар зери маънои луғавии калима тобиш, эҳсос, муносибате маҳфуз аст, ки завқи гӯянда ва шунавандаро талаб мекунад. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки С.Айнӣ дар мақолаҳояш калимаҳои сермаъноро моҳирона истифода кардааст. Сермаъноии калимаҳо дар мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ бештар дар доираи исмҳо ба чашм расид, дар сифатҳо ва феълҳо камтар. Гарчи мундариҷаи мақолаҳо бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ бахшида шудаанд, С.Айнӣ дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам аз имконоти сермаъноии вожаҳои забони тоҷикӣ моҳирона истифода бурдааст. Чунон ки ишора кардем, калимаи **боло** дар мақолаҳои устод ба маънои **қаду қомат** кор фармуда нашудааст, чунки дар ин ҷо тасвир ё образи бадеӣ вуҷуд надорад.

Калидвожаҳо: забони мақолаҳои Садриддин Айнӣ, хусусиятҳои маъноии унсурҳои луғавӣ, калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ғановати забон,а гуногунрангии услуби забони мақолаҳои публитсистии нависанда.

СМЫСЛОВЫЕ ЗНАЧЕНИЯ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЭЛЕМЕНТОВ В СТАТЬЯХ С.АЙНИ, НАПИСАННЫХ В ДВАДЦАТЫХ ГОДАХ

Данная статья посвящена рассмотрению семантических особенностей лексических элементов в статьях Садриддина Айни, написанных в 20-х годах. С. Айни широко использует возможности многозначительного слова в статьях, написанных им в 20-е годы, и это стало одной из причин богатства языка и разнообразия языкового стиля его публицистических статей. Автор отмечает, что в семантической системе языка значений больше, чем слов, поскольку большинство слов языка имеют более одного значения, которые представляют разные понятия о предметах, действиях, признаках и величинах. Кроме того, под буквальным значением слова скрывается тон, ощущение, отношение, требующее вкуса говорящего и слушающего. Автор приходит к выводу, что С. Айни умело использовал в своих статьях многозначительные слова. Множественность слов в публицистических статьях С. Айни была более заметна в объеме существительных, меньше в прилагательных и глаголах. Хотя содержание статей в основном посвящено политическим, социальным и культурным вопросам, С. Айни умело использовал в своих публицистических статьях богатый смысл слов таджикского языка. Как мы уже упоминали, вышеприведенное слово **боло** не употребляется в статьях писателя в значении человеческого роста, потому что здесь нет изображения или художественного образа.

Ключевые слова: язык статей Садриддина Айни, семантические особенности лексических элементов, родственных слов, богатство языка, разнообразие стиля публицистических статей писателя.

MEANINGS OF LEXICAL ELEMENTS IN S.AYNI'S ARTICLES WRITTEN IN THE TWENTIES

This article is devoted to the consideration of the semantic features of lexical elements in the articles of Sadriddin Aini, written in the 20s. S. Aini makes extensive use of the possibilities of a meaningful word in articles written by him in the 1920s, and this became one of the reasons for the richness of the language and the diversity of the linguistic style of his journalistic articles. The author notes that in the semantic system of the language there are more meanings than words, since most of the words of the language have more than one meaning, which represent different concepts of objects, actions, attributes and quantities. In addition, under the literal meaning of the word lies a tone, a feeling, an attitude that requires the taste of the speaker and the listener. The author comes to the conclusion that S. Aini skillfully used meaningful words in his articles. The plurality of words in the journalistic articles of S. Aini was more noticeable in the volume of nouns, less in adjectives and verbs. Although the content of the articles is mainly devoted to political, social and cultural issues, S. Aini

skillfully used the rich meaning of the words of the Tajik language in his journalistic articles. As we already mentioned, the above word bolo is not used in the writer's articles in the sense of human growth, because there is no image or artistic image.

Keywords: language of Sadriddin Aini's articles, semantic features of lexical elements, related words, richness of language, variety of style of the writer's journalistic articles.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаралиева Манижа Рӯзиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

Сведения об авторе: ***Сафаралиева Манижа Рузиевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

Information about the author: ***Safaralieva Manizha Ruzievna*** – Tajik National University, graduate of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17.
Phone: **(+992) 918-12-86-03**

УДК: 73:491.550

МЕТОДҲОИ ТАРҶУМАИ СЛЕНГҲОИ ҶАВОНОНИ БРИТОНӢ ВА АМРИКОӢ БА ТОҶИКӢ

(дар асоси филмҳои бадеии «Suckers» ва «University»)

Кабиров Л.А.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Забони имрӯзаи англисӣ дар раванди инкишофи доимӣ қарор дорад. Пайдо шудани зуҳуроти нав, ашёҳо ва андешаҳо ба эҷоди вожаҳои нав меорад ва ин водор месозад, ки вожаҳои нави дорои махсусиятҳои синтаксисӣ, фонетикию дигар ҷанбаҳои забониро эҷод намоянд. Навгониҳо, пеш аз ҳама, ба ҷавонон таъсир мегузорад, зеро ин гурӯҳи иҷтимоӣ ҳамеша ба навигариҳо майл доранд. Ҷавонон кӯшиш мекунанд хеле ҷолиб, муосир сухан кунанд ва ҳамзамон заковату забондонии худро нишон диҳанд. Новобаста ба мавҷудияти сленги ҷавонон дар забони англисӣ он устувор нест, вобаста ба замону макон иваз мешавад. Аз ин ҷост омӯзиши сленг барои муҳаққиқон як қатор мушкилиҳо эҷод мекунад, алалхусус, дар вақти тарҷума ба забони дигар ин эҳсос карда мешавад.

Дар таҳқиқоти худ мо қарор додем проблемаҳои тарҷумаи сленги ҷавононро ба риштаи таҳқиқ кашем. Объекти омӯзиш сленги англисии ҷавononи британӣ ва амрикоӣ буда такя ба маводи филмҳои бадеӣ карда шудааст. Воҳидҳои сленгии британӣ дар асоси филми «Suckers» ва сленги ҷавononи амрикоӣ дар асоси филми бадеии «University» мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Сленг яке аз зуҳуроти пуртазоди забонӣ ба шумор меравад. Дар вақти баҳо додан ба мафҳуми сленг новобаста ба мавҷудияти ақидаҳои зиёд мо ба шарҳи Э.Партриҷ такя мекунем: «Сленг ин мазмуни вожаҳои лексикии тасодуфие мебошад, ки шуури одамони гуногуни ба муҳитҳои мухталифи иҷтимоӣ ва касбӣ тааллуқ доштаро инъикос мекунад [11, с.22].

Табиат ва хусусиятҳои сленгро таърифҳои зиёди ба он додашуда инъикос мекунанд. Сленгро бидуни тавсифи вазифаҳо ва истифодаи он муайян кардан, имконнопазир аст. Умуман, нарасидани материали дуруст дар бораи сленг ба забоншиносон халал мерасонад, ки дар бораи хусусияти хосси асбоби забоншиносӣ тавзеҳоти муайяне пайдо кунанд. Яке аз хусусиятхои асосии сленг (жаргон) ин аст, ки он ҳамчун варианти лингвистӣ гурӯҳ-гурӯҳ хизмат мекунад. Истифодаи жаргон ҳамчун забони гурӯҳӣ нишон медиҳад, ки демаркатсия, ҳамчун меъёр дар айни замон ҳамчун қувваи муттаҳидӣ гурӯҳ- гурӯҳ кор мекунад.

Умуман, гуфта мешавад, ки ҳар як сухангӯ ба асбоби забонии худ, ки мансубияти иҷтимоиро аз худ дур карда, ба гурӯҳ ё ҷомеа хабар медиҳад, таваҷҷуҳ намояд.

Аҷиб аст, ки як падидаи забонӣ, ки ба назар зудгузар ва бемаънӣ ба назар мерасад, бешубҳа, бояд дар айни замон барои рушд ва тартиботи инсон ин қадар амиқ ва ҳаётан муҳим бошад.

Бинобар ин, ин назарияҳо баҳс мекунанд, ки сленг нақши муҳимми иҷтимоӣ дорад: ин теғест, ки мансубияти гурӯҳро нишон медиҳад.

Сленг инчунин ҳамчун гуфтугӯи кӯча маълум аст. Одатан баромадкунандагон онро ҳамчун «забони махфӣ» дар муошират бо дигарон маънидод менамоянд. Он метавонад барои бастани дӯстӣ ва мустаҳкам нигоҳ доштани онҳо хизмат намояд.

Мубодилаи умумӣ ва нигоҳдории он пайваста тағйир додани луғати жаргонӣ ҳамбастагии гурӯҳҳоро афзоиш медиҳад ва барои дохил кардан ва хориҷ кардани афрод хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, вазифаи он нигоҳ доштани муносибатҳо ва нишон додани шахсият аст.

Забони беназири наврасон дар ҳар як насл инкишоф меёбад. Ҳар даҳсола бо ҳолатҳо ва мушоҳидаҳои махсуси худ қайд карда мешавад.

Ибораҳое низ вомехӯранд, ки барои наврасони оянда зуд куҳна мешаванд (ва шояд танҳо «дигаргун» шаванд).

Кӯшиши фаҳмидани он ки наврасон чӣ мегӯянд, торафт душвортар мешавад, зеро таркиши васоити ахбори иҷтимоӣ, мемҳо, рақамӣ алоқа ва телефони мобилии ҳамеша мавҷудбуда маънои онро дорад, ки суханронии наврасон аз ҳарвақта зудтар инкишоф

меёбад (Як бор шумо фикр мекунед, ки шумо чанд ибораро аз худ кардед, шумо эҳтимол боз аз тамос дуред).

Баъзе аз ин сленгҳо ба забони маъмулии мардумӣ ворид мешаванд ва то ин вақт дигар сард нестанд – ё «sic». Аммо ҳангоми тарҷумаи аксари онҳо ба забони тоҷикӣ бояд хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба назар гирифта шавад.

Сленг аз рӯйи ақидаи мо барои таъсир гузоштан ба навовариҳо новобаста ба фарқияти мавҷудияти воҳидҳои лексикии қолабӣ эҷод шуда, ҳадафи он ифодаи руҳияи гӯянда ё нависанда мебошад. Он мушаххасӣ, муъҷазӣ, аниқӣ, тахайюлиро дар худ дар бар гирифта, дар як вақт истифода накардани воҳидҳои анъанавии лексикиро фаро мегирад.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста бо паҳншавӣ ҳамчун зуҳуроти забонӣ сленг аниқияти маҳфумиро доро намебошад. Бинобар ин, бо гуногунмаъноӣ ва пуртазодӣ сленг барои тарҷумонҳо ҳангоми тарҷума барои ифода кардани вожаи сленгӣ мушкилиҳо эҷод менамояд. Зеро тарҷумонро лозим меояд бе осеб расонидан ба сухани гӯянда ё нависанда муродифи мутобиқро пайдо намуда, маънои аслро норавшан накунад.

Муҳаққиқ Бархударов Л.С. ақида пешниҳод намудааст, ки дар вақти тарҷумаи сленги англисӣ ба дигар забон бояд усулҳои маъмули тарҷумаи лексикаи адабӣ мавриди истифода қарор гирад. Танҳо дар ҳолати фаҳмо будани вожа ё ибораи сленгӣ дар вақти тарҷума усули таҳтуллафзӣ истифода гардад [1, с.210].

Дар вақти таҳқиқоти худ мо 20-лаҳзаи филмҳои машҳури «Suckers» ва «University»-ро мавриди истифода қарор додем. Дар вақти омӯзиш муайян гардид, ки дар филми америкоӣ воҳидҳои лексикии сленгӣ бештаранд, алалхусус дар гуфтори ҷавонони америкоӣ воҳидҳои сленгӣ серистеъмоланд. Баъди тамошои 20 лаҳзае, ки ҳар кадомаш 1 соат давом кард, мо 74 сленги британӣ ва 80 вожаи сленги америкоиро муайян намудем. Дар вақти тарҷума мо таклифи муҳаққиқ Л.С. Бархударовро мавриди истифода қарор додем [1, с.210].

Дар вақти тарҷума мо методҳои эвфемистикӣ, ҷубронкунӣ, мушаххаскунӣ, ивазкунии лексикӣ, антонимӣ, замкунӣ, калкакуниро истифода намуда, шумораи зиёди сленгҳои дар филмҳо вохӯрдаро тарҷума намудем. Ҳар яке аз методҳо ба мо имкон доданд, ки тарҷумаро ба забони тоҷикӣ аз нуқтаи маъноӣ дуруст ба роҳ монем.

Аз рӯйи натиҷаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар вақти тарҷумаи сленгҳо тарҷумон бояд омилҳоеро ба назар гирад, ки истифодаи ин ё он сленгро асоснок менамояд. Мо дарк намудем, ки тарҷумаи сленгҳо аз забони англисӣ ба тоҷикӣ бояд бо роҳҳои гуногун иҷро 82ок асе82а эҷодкорӣ асоси сифати тарҷумаро ташкил диҳад. Албатта, кӯшиш ба он карда шавад, ки муродифи дурусти сленг истифода шавад ва тибқи тарҷума матн маънои худро гум накунад. Барои мисол ифодаи «get out» бо чунин муродифҳо дар тарҷума омаданаш мумкин аст:

6. Ҳа. 2. Наход. 3. Ҳа, биё. 4. Гум шав аз ин ҷо. 5. Канӣ дафъ шав аз ин ҷо.

Дар вақти тарҷумаи сленгҳои дар филмҳо вохӯрда мо шоҳиди он гаштем, ки методи тарҷумаи эвфемистикӣ мақоми аввалро ишғол менамояд ва бештари сленгҳо бо такя ба методи мазкур тарҷума карда мешаванд.

Мо чунин мешуморем, ки мавҷудияти сленгҳо дар фарҳанги муосири британӣ ва америкоӣ ба зуҳуроти дар ин ҷомеаҳо рӯй медода вобастаанд. Бинобар ин, аз ин ҷо дар вақти тарҷумаи таҳтуллафзӣ бо сабаби мазмуни дағал, дашном доштан ва берун аз одобу ахлоқ будан тарҷумаи таҳтуллафзиро сарфи назар кардан зарур аст. Намунаи муайяни машҳури ин зуҳурот истифодаи вожаи «fucker», “to be fucked up”, “fuck off” мебошад. Бо такя ба методи эвфемистикӣ сленгҳои мазкурро чунин тарҷума кардан мумкин аст: «to be fucker»-гумроҳшуда, “fuck off”-ба ҳолам гузор, «fucker «- аблаҳ.

Дар вақти тарҷумаи сленгҳои филмҳои мазкур ошкор намудем, 82ок а тарҷума истифодаи баъзе махсусиятҳоро доро мебошад. Аксар вақт воҳидҳои сленгии дар ҷумла истифодашуда кӯтоҳ карда шуда, руҳияи баёни қаҳрамонҳои филмҳоро нишон медиҳанд.

Мо шоҳид гаштем, ки бештари сленгҳои америкоӣ хусусияти ҳазлро дороанд ва сленгҳои британӣ бештар дағал, дашном ва мазмунан берун аз одоби ахлоқианд. Бинобар ин, дар тарҷума бояд муродифи дуруст, мувофиқ ва дар доираи ахлоқи миллӣ истифода шавад. Дигар тарафи масъала дар он зуҳур меёбад, ки вақти истифодаи сленгҳо масъалаи муъҷазкунии лексикӣ ҳоло то ҳадди даркорӣ дар забони англисӣ омӯхта нашудааст ва ҳамчунон ҳангоми тарҷума вобаста ба забони адабии тоҷикӣ ин масъала низ душвориро эҷод менамояд.

Мо сленгҳои ҷавонони британӣ ва амрикоиро қиёс намуда, мушоҳид гаштем, ки таркиби лексикии онҳо аз якдигар фарқ мекунад. Чунончи, сленгҳои маъмул дар филми британӣ чунинанд: For Christ Sakes, Jusus wept, Cheers, safe, to fancy, bummur, bollocks, fuck, sucks ва ғайра. Сленгҳои маълуми филми америкоӣ чунинанд: shit, hot, crap, awesome, it, sucks ва ғайра. Ҳардуи ин филмҳо бо истифодаи зиёди сленгҳо фарқ мекунанд, аммо дар филми америкоӣ мо истифодаи гуногуни сленгҳоро мушоҳида менамоем. Дар сленгҳои британӣ бошад, бештар истифодаи воҳидҳои лексикиии дағал, ҳақорат ва берун аз одоб бештар мушоҳида мешавад. Чунончи, истифодаи номи Худованд дар вақти дашном додан намунаи ин андеша аст. Бинобар ин, мо бештар ба методи эвфемистикӣ такя намудем. Инчунин дида мешавад, ки дар вақти тарҷумаи сленгҳои британӣ бештар методи ивазкуниро истифода бурдан ба мақсад наздик аст.

Ҳамин тариқ, хулоса менамоем, ки дар вақти тарҷумаи сленгҳои британӣ ва америкоӣ бояд омилҳои синнусолӣ, иҷтимоӣ ва инфиродии қаҳрамонҳо дар мадди назар қарор дода шавад.

Вазифаи асосии тарҷума дар он зуҳур меёбад, ки бояд ҷустуҷӯи воҳидҳои лексикии қобили қабули семантикӣ ва услубиро иҷро намуда, тарҷумаро ба доираи тамошобинҳо ва шунавандаҳо мувофиқ намуд. Аз ин хотир, дониши васеи лексикии сленгҳо ва мазмуни онҳо ба тоҷикӣ дар вақти тарҷума зарур аст, зеро махсусияти семантикӣ ва услубии сленгҳо дар вақти тарҷума муҳим мебошанд.

Сленгҳои британӣ ва амрикоии дар филмҳо истифодашуда

тарҷума	сленг	тарҷума
мушаххаскунӣ	**британӣ**	
	1.safe	Олӣ
	2.Hot women	Занони зебо
	3.Pills	Чарх
	4.Kid	Ҷавон
	5.Is not something	Ин ҷо олӣ аст&
	6.Cheers	То вохӯрӣ
	7.Jusus, come on	Худоё, зуд бош.
	Амрикоӣ	
	1.Lame	Ваҳшатнок
	2.Hot	Олӣ, тафсон, шаҳватнок
	3.What the hell is idiot	Чаро ин аблаҳ ин тавр худнамоӣ мекунад.
	4.Tris	Базмҳо
	5.To hung out	Базмҳо оростан
	6.Are you up to a dame?	Ҳариф лозим нест?
	7.Buddy	
	8.Solks	
	9.We gotta do	Навҷавон
	10.Crap	Ҷавонҳо
	11.make out with	Мо дар андеша ғута задем
	12.Its is creepy	Шӯхӣ кардан
	13.He is my man	Бӯсобӯсӣ кардан
		Ин бешармӣ аст
		Ӯ дӯсти ман
	Dude	Дугона, рафиқ
	Flashlight	чароғи дурахшон
	Trailer	Трейлер
	Restroom	ҳоҷатхона
	Gasoline (or gas)	сузишвои (ё газ)
	Mail	Почта
	Trash	Ахлот
умумикунӣ	**британӣ**	
	1.For christ sakes	Ба номи Худованд
	2.Spliff	Маводи муходир
	3.Do to fickery fuck.	Кор доштан
	4.Dope	Маводи муходир

	5.Let us chizzle on this dizzle	Биёед хушҳолӣ кунем.
	6.What a blash!	Хушҳол будем.
	7.Poppet	Дилрабо
	8. Ssweetie	Азизакам
чубронкунӣ	**амрикоӣ**	
	1.Stud	Зебо
	2.Evenin	Салом
	3. To show off	Худнамоӣ кардан
	4.To grab a drink	Нӯшидан
	5. To man up	Болиғ шудан
	6.mad	Бадқаҳр
	7.What is wrong with you	Бо ту чӣ рӯй додаст?
	8.Awesome.	
	9.Sttuff.	Олиҷаноб
	10.Crap	Ашёҳо
	11.panty	Партов
	12.Crazy day	Либоси таг
		Рӯзи вазнин
	британӣ	
	1.Shit	Модаратро…
	2.You take me for james blunt.	Ту,маро аблах мешуморӣ?
	3.I have ro go	Хайр, то дидана.
	4.Nope	Наход?
	5.To stash the car	Аз мошин махрум шудан
	6.Pretty much	Қариб чунин
	7.Waste him	Ӯро бизан
	амрикоӣ	
	1.Real real confident	Бо боварӣ
	2.Get out	Ҳеҷ гап не.
	3.To screw up	Парешон шудан
	4.I am having a blash	Ман тарк мекунам
	5.Bro	Шарик
	6.It sucked a lot	Ин ақибмонӣ аст.
	7.There is a catch	Қариб фаромӯш кунам.
	8.Betcha	Аниққор
	9.Atta boy	Офарин ҷавон
	10.Screw this	Баракат кофӣ аст
	11.Got it	Фаҳмидам
	12.What is up	Чӣ рӯй дод?
	13.I need to shut him down	Бояд ӯро ба тавақуф маҷбур кард
	14.Awesome	Дурахшон
	15.Damn it	Ҷин занад
	16. Why the long face	Чаро рӯятро ин қадар турш кардӣ?
антонимӣ	**Британӣ**	
	1.That would be so safe	Хуб мешуд
	2.Why you messin my flow	Ба ман халал нарасон
	амрикоӣ	
	1.To have awesome time	Мо хушҳол ҳастем
	2.Shoulda sat out	Омадан зарур набуд
	3.Its ok	Ҳеҷ гап не.
тавсифӣ пеартофтан	**Британӣ**	
	1.The town is awash	Шаҳр дуд мекунад, магар ҳама тамоку мекашанд?
	Британӣ	
	1.Oh jesus wept	Худоё

	2.Wanna come ro a party 3.Wanker 4.You get me	Ба базм меравӣ Фаҳмо? Фаҳмо?
	Америкоӣ	
	1.Its kindas weird 2.Care to danse? 3.Cell phone	Ин аҷоиб аст Мерақсем? Телефони мобилӣ
	британӣ	
замкунӣ	1.Cheers 2. Bollocks	Ташаккур Худоё, аблаҳон
	америкоӣ	
	1.To rush 2.To catch up 3.To weed	Ба ҷамъияти донишҷӯён шомил шудан Вохӯрдан ва лақидан Нолозимонро сарфи назар кардан
эвфемистикӣ	**британӣ**	
	1.Sadding 2.Twat 3.Bugger 4.Lazy turd 5.Fuck off 6.Dippy twat 7.I am crap in the morning 8. Fucker 9.Shot 10.Fuck it 11.Town scum 12.Bunch of pussies 13.Tosser 14.Bummer 15.Is not that bitching? 16.Its to fucked up 17. Fuck off	Иблисӣ Ҳаромзода Ҳаромзода Ҳаромзодаи танбал Гум шав Аблаҳ Дар субҳ ман дилрабо нестам Ҳаромзода Иблис Ҳеҷ гап не Деҳотӣ Тарсончакҳо Ҳаромзода Фаҳмо Магар олӣ нест? Ҳама чигил аст. Гум шав.
	Америкоӣ	
	1.To kick somebody`s ass 2. He was hooking up with. 3.Punk 4.Dumbass 5.Haul ass back to 6.To kick ass 7.I was raving bitch 8.I am dark. 9.Cut the crap. 10.You can be as cocky as you want.	Касеро таги шатта гирифтан. Ӯ 85ок асе бӯсобӯсӣ мекард. Бадафт Аблаҳ Баргаштан Ғолиб омадан Ваҳшӣ шудан Ман бефаҳм ҳастам. Тамом кун. То даридани даҳанат метавонӣ бихандӣ
дисфимистикӣ	**британӣ**	
	1.Pillock. 2.To get laid 3.Rubbish food. 4.Tits.	Аблаҳ Алоқаи ҷинсӣ Хӯроки фач синаҳо
	америкоӣ	
	1.To get stoned. 2.Hole crap 3.To cuddle 4.Hookers	Хаста дароз кашидан Ба ҳайрат афтодан Оғӯш кардан фоҳишаҳо
	америкоӣ	

калкакунӣ	1.Boyfriend 2.Chips 3.Loser	Бойфренд (дӯстписар) Чипси Зиёнкорон
Ивазкунии лексикии ҳаммуродиф	**британӣ**	
	1.Sweetheart 2.I need a piss 3.To nip round 4.Night out 5.Yup 6.Geek 7.I dunno 8.Shut up 9.Cool 10.How you doing 11.Arse	Дилрабо Бояд пешоб кунам Гурехтан Базми бегоҳӣ Ҳа Нодон Намедонам Даҳонатро пӯш Олиҷаноб Чӣ хелӣ? Маъқад
	амрикоӣ	
	1.A freshmen 2.I wanna 3.No warries 4.Its in the bad 5.Hee 6.I dumped you	одами нав ман мехоҳам ташвиш накаш ман ҳамаашро мекунам салом ман туро тарк кардам

Муқарриз: ***Самардинов Қ.*** - н.и.ф., дотсенти ДДД

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - М.: Международные отношения, 1975. - 237с.
2. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - 1013 с.
3. Мюллер, В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. - М., 1961. - 912 с.
4. Хомяков, В.А. Три лекции о сленге: пособие для студентов педагогических институтов / В.А. Хомяков. – Вологда, 1970. – 62 с.
5. Ҷамшедов, П. Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ / П.Ҷамшедов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 978 с.
6. Шаҳобова, М.Б. Луғати хурди англисӣ-тоҷикӣ / М.Б. Шаҳобова. – Душанбе: Дониш, 1972. – 204 с.
7. Швейцер, А.Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы / А.Д. Швейцер. – М., 1976.
8. Hornby A. Oxford advanced learner's dictionary / A. Hornby. - Oxford University Press, 1989. - 1580 p.
9. Longman Dictionary of contemporary English. – 2003. - 1949 p.
10. Oxford American dictionary. Colleges Edition. - New York, 1986. - 1094 p.
11. Partridge E. Slang To-Day and Yesterday / E.Partridge. - London, 1960. – 215 p.
12. Richard A. Spears. NTC's Dictionary of American Slang and Colloquial Expression / A.Richard. – New York: NTC Publishing Group, 2000. - 560 p.
13. Tom Dalzell. The Routledge Dictionary of Modern American Slang and Unconventional English / Dalzell Tom. – New York: Routledge, 2009. - 1104 p.

МЕТОДҲОИ ТАРҶУМАИ СЛЕНГҲОИ ҶАВОНОНИ БРИТОНӢ ВА АМРИКОӢ БА ТОҶИКӢ

(дар асоси филмҳои бадеии «Suckers » ва « University»)

Мақолаи мазкур ба тарҷумаи сленгҳои ҷавонони англисзабони муосир бахшида шудааст. Мақола дар асоси намунаҳои сленгҳои ҷавонони британӣ ва амрикоӣ навишта шудааст. Сленгҳои ҷавонони британӣ дар асоси маводи филми бадеии «Suckers» ва сленгҳои ҷавонони амрикоӣ дар асоси маводи филми «University» таҳқиқ гаштааст. Муаллиф дар вақти тарҷумаи сленгҳо аз англисӣ ба тоҷикӣ як қатор махсусиятҳо ва мушкилотҳоро хотиррасон намуда, дар вақти тарҷума, асосан, такя ба методҳои мавҷуда намудааст. Дар таҳқиқот методҳои назариявии тарҷума, ба монанди мушаххаскунӣ, замкунӣ, партофтан, калкакунӣ эвфемистикӣ, дисфемистикӣ ва ивазкунии лексикии ҳаммуродиф истифода шудаанд. Дар мақола кӯшиш карда шудааст, ки дар вақти тарҷумаи сленгҳо аз англисӣ ба тоҷикӣ тарҷумаи вожаҳо ва ибораҳо тибқи талаботи забони тоҷикӣ буда берун аз доираи ахлоқи миллӣ набошад. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар тарҷума бояд муродифи дуруст, мувофиқ ва дар доираи ахлоқи миллӣ истифода шавад. Дигар тарафи масъала дар он зуҳур меёбад, ки вақти истифодаи сленгҳо масъалаи муъҷазкунии лексикӣ ҳоло то ҳадди даркорӣ дар забони англисӣ омӯхта нашудааст ва ҳамчунон ҳангоми тарҷума вобаста ба забони адабии тоҷикӣ ин масъала низ душвориро эҷод менамояд.

Калидвожаҳо: сленг, сленгҳои амрикоӣ-британӣ, ҷавонони муосири англисзабон, эҳсосот, методҳои эвфемистикӣ, дисфемистика, мушаххаскунӣ, ивазкунии лексикӣ, ҳаммуродиф, замкунӣ.

МЕТОДЫ ПЕРЕВОДА СЛЕНГОВ БРИТАНСКО-АМЕРИКАНСКОГО МОЛОДЁЖИ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

(по мотивам художественных фильмов «Suckers» и «University»)

Данная статья посвящена переводу сленгов современной англоязычной молодежи. Статья написана на основе примеров британского и американского молодежного сленга. Исследованы британские молодежные сленги на материале художественного фильма «Suckers» и американские молодежные сленги на материале фильма «University». При переводе сленгов с английского языка на таджикский язык автор отметил ряд особенностей и проблем перевода и при переводе, в основном опирался на существующие методы. В исследовании использовались теоретические методы перевода, такие как конкретизация, добавление, опущение, эвфемизм, дисфемизация, лексическая замена синонимов. В статье делается попытка, чтобы при переводе сленга с английского языка на таджикский язык слова и словосочетания переводились согласно требованиям таджикского языка и не выходили за рамки национальной этики. Автор подчеркивает, что перевод должен быть правильным, уместным и в рамках национальной этики. Другая сторона проблемы заключается в том, что при использовании сленга вопрос лексического контроля в английском языке недостаточно изучен, и этот вопрос также создает трудности при переводе применительно к таджикскому литературному языку.

Ключевые слова: сленг, американо-британский сленг, современная англоязычная молодежь, эмоции, эвфемистические приемы, дисфемистика, уточнение, лексическая замена, синоним, дополнение.

METHODS OF TRANSLATING SLANG BRITISH-AMERICAN YOUTH INTO TAJIK

(based on the feature films "Suckers" and "University")

This article is devoted to the translation of slangs of modern English-speaking youth. The article is written on the basis of examples of British and American youth slang. British youth slangs are studied on the material of the feature film "Suckers" and American youth slangs on the material of the film "University". When translating slang from English into Tajik, the author noted a number of features and problems of translation, and when translating, he mainly relied on existing methods. The study used theoretical methods of translation, such as concretization, addition, omission, euphemism, dysphemization, lexical replacement of synonyms. The article attempts to ensure that when translating slang from English into Tajik, words and phrases are translated in accordance with the requirements of the Tajik language and do not go beyond national ethics. The author emphasizes that the translation must be correct, appropriate and within the framework of national ethics. The other side of the problem is that when using slang, the issue of lexical control in English is not well understood, and this issue also creates difficulties in translating in relation to the Tajik literary language.

Key words: slang, American-British slang, modern English-speaking youth, emotions, euphemistic devices, dysphemistry, clarification, lexical substitution, synonym, addition.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кабиров Лутфулло Абдусаломович*** - Донишгоҳи Давлатии Данғара, унвончӯйи кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Сведения об авторе: ***Кабиров Лутфулло Абдусаломович*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г.Дангара, ул. Маркази, 25. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Information about the authors: ***Kabirov Lutfullo Abdusalomovich*** - Dangara State University applicant of the Department of Theory and Practice of the English Language **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

УДК: 491.550

ЗАБОНИ «НАФАҲОТ-УЛ-УНС»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ГӮЙИШҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

(гузориши масъала дар заминаи чанд вожаи марбут ба феъл)

Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки ҳолати забони ҳар даврa аз маводи дар асарҳои рӯйи чоп омада дарк гардида, ба ин васила нақши унсурҳои луғавӣ дар такмили таркиби луғавии забон муайян карда мешавад. Умуман, манобеи адабӣ, маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои дигари илмӣ тамоми сарвати луғавии забон инъикос меёбад.

Тавре ки маълум аст, гӯйишҳои маҳаллӣ яке аз манбаъҳои асосии ғаномандии таркиби луғавии забон ва хазинаи беназири нигоҳдорандаи вожаҳои асили забон ба шумор мераванд. Қиёсу муқобалаи осори адибон бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ собит менамояд, ки дар лаҳҷаҳо дастаи калони калимаҳои аслию иқтибосие маҳфуз мондаанд, ки «дар сарчашмаҳои қадими порсии дарӣ ва гузашта аз он даврони пешин (ҳатто пеш аз мелод) мавриди истифода қарор доштанд. Аксари чунин аносири луғавӣ дар давраи ҳозира аз доираи таркиби луғавии форсии муосир берун монда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар додаанд ё басо кам истифода мешаванд» [15, с.22]. Ҳиссаи дигаре аз вожаҳои дарозумри дар гӯйишҳои муосир боқӣ монда баробари маъноҳои пешин боз маъноҳои навро соҳиб гардидаанд. Аз нигоҳи доираи истифода гурӯҳи луғоти таърихи куҳандошта дар гӯйишҳои маҳаллӣ як хел нестанд: иддае бо намуди асл, ҳиссаи дигар бо таҳаввулоти шаклу маъно ҳамчун аносири фаъоли забон мавриди истифода қарор доранд.

Лозим ба тазаккур аст, ки перомуни масъалаи ба таври муқоиса омӯхтани таркиби луғавии осори ниёгон бо гӯйишҳои маҳаллӣ аз ҷониби пажуҳишгарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Дар ин росто саҳму нақши муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ба монанди А. Хромов, Ғ. Ҷӯраев, А. Ҳасанзода, С. Мирзоев, Ш. Раҳимова, Д. Саймиддинов, Р. Ғаффоров, Ш. Исмоилов, С. Атобуллоев, С. Раҳматуллозода, А. Сӯфиев, А. Ҳақбердиев, Ф. Убайдов, С. Ӯзбеков ва дигарон калон аст.

Забоншинос Додихудо Саймиддинов роҷеъ ба пойдормонии бархе аз вожаҳои куҳан дар доираи гӯйишҳои тоҷикӣ изҳори назар намуда навиштааст: «Дар гӯйишҳои тоҷикӣ луғоти фаровонеро метавон пайдо кард, ки дар осори шуарову нависандагони Мовароуннаҳр ба кор рафта ва аз ҷониби бархе аз фарҳангнависон гирдоварӣ ва маънӣ шудаанд. ... Мовароуннаҳру Хуросон сарзамин ва макони ҳамешагии густариш ва ташаккули забонҳову лаҳҷаҳои эронии шарқӣ буда, пас аз матрук шудани ин забонҳо луғоти фаровоне аз забонҳо ва гӯйишҳои шарқии эронӣ, бавижа суғдӣ, дар осори давраи аввал мушоҳида мешавад, ки баъдан теъдоде аз забони меъёр хориҷ гардида ва дар осор ба кор нарафта, дар ҳудуди гӯйишҳо маҳдуд мондаанд» [10, с.37]. Ҳамин тавр, дар лаҳҷаҳои ҳозира асолати чандинасраи забони адабӣ ва силсилаи фаровони лексикаи куҳан маҳфуз мондааст.

Таҳлили қазияи таносуби забони осори шоирону нависандагони классику муосир бо забони адабии ҳозира ва бо калимоти дар гӯйишҳои мухталифи тоҷикӣ мавҷуда ниҳоят муҳим аст, зеро вожаҳои гӯйишии дар осор дучоронда барои инъикос гардидани сайри таърихии ин қабил калимот ва мустаҳкам гардидани пояҳои забони тоҷикӣ нақши шоиста доранд. Муносибати забони осори аҳли адаби классику муосир бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки дорои аҳамияти таҳқиқӣ мебошанд.

Дар давраи ҳозираи инкишофи забоншиносии тоҷик доир ба паҳлуҳои мухталифи забонии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ корҳои таҳқиқотии судманде сурат гирифтааст, вале бо вуҷуди ин тадқиқи комили масоили забони таркиби луғавии осори ин суханварро ҳалшуда ва анҷомёфта ҳисобидан имконнопазир аст. Мо дар ин нигошта кӯшиш намудем, ки мулоҳизаҳои хешро перомуни робитаи асари «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ иброз ва пешниҳод намоем.

Таҳлили силсилае аз луғоти мустаъмали асари мазкур ва қиёсу муқобалаи онҳо бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ маълум мегардад, ки байни забони асари Ҷомӣ бо гӯйишҳои ҳозира рабитаи қавие ба мушоҳида мерасад. Дар ин хусус муҳаққиқон О. Маҳмадҷонов ва Б.

Қудратова низ ибрози назар намудаанд, ки «Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари он ки луғати забони адабии замони худро кор бастааст, ба забони зиндаи мардум рӯ оварда, аз он бо камоли сухандонию сухансанҷӣ гуҳари маънидори калимоту иборoти шеваҳои даврони худро сара карда, забони адабиро бою ғанӣ гардонидааст» [6, с.5-6].

Таҳлили калимаҳои «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва муқоисаи онҳо бо лаҳҷаҳои муосир нишон медиҳад, ки як ҳиссае аз чунин аносири луғавӣ то имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шаклу маъноҳои хос ҳифозат шуда, баъзеашон бо ҳамон шаклу маънои қадим, қисми дигар бо тағйири шаклу маъно ва силсилаи сеюм бо маҳфуз мондани яке аз маъноҳои куҳан дар забони мардуми тоҷик гардиш доранд.

Баромадан. Вожаи мазкур яке аз аносири сермаънои осори ниёгон ба ҳисоб рафта, дар баробари дигар маъноҳо соҳибони фарҳангномаҳо бакорравиашро ба маънои «гузаштан, гузаштани замон, сипарӣ шудан» ишора кардаанд [ниг.: 13, ҷ.1, с.150; 4, ҷ.3, с.4488-4493; 1, с.46]. Аз он ҷо, ки соҳибони луғатномаҳо аз осори аҳли адаби гузашта намунаҳо овардаанд, кас ба андешае мерасад, ки *баромадан* дар гузашта бо баробари дигар маъноҳо барои баёни маънои тазаккурёфта хеле серистеъмол будааст.

Аз тавзеҳ ва шоҳидҳои зикрнамудаи соҳибони луғатномаҳо бармеояд, ки калимаи *баромадан* дар осори аҳли адаби гузашта яке вожаҳои сермаъно серистеъмол будааст.

Аз он ҷо, ки муаллифи «Луғатнома» Алиакбари Деҳхудо барои ифодаи маънои «гузаштан, гузаштани замон, сипарӣ шудан» аз Дақиқӣ, Абушакур, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ ва дигарон намунаҳои фаровонеро зикр кардааст [4, ҷ.3, с.4492], метавон ба чунин хулоса расид, ки доираи истеъмоли ин калима таърихи қариб ҳазорсола дорад. Дар фарҳангнома аз Абӯшакур байти зерин оварда шудааст:

Буто бӯзгоре *барояд* барин,
Кунам пеши ҳар касе туро офарин.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» низ феъли баромаданро дар баробари дигар маъноҳо ба маънои «сипарӣ шудан» ба кор бурдааст: Ҷаъфари Хулдӣ гӯяд: Чанд рӯз *баромад*, ки Ҳаммоди Қураширо надидем, ба дари сарои вай шудем, вай набуд [16, с.116]. Чун соате *баромад*, вайро дидам, ки аз дари масҷид даромад [16, с.259].

Гарчанде феъли мазкур бо чунин маъно имрӯз дар шакли меъёрии забон ба назар намерасад, вале дар гӯйишӣ мастчоҳиён дар гардиш қарор дорад: *А мурдани додош се-чор рӯз набурумада буд, ки туйи бачаш-а сар кард.*

Лозим ба таъкид аст, ки ҳоло феъли мавриди баррасӣ дар гӯйиши Теҳрон ба гунаҳои *баромадан/варомадан* ба маънои «ҷудо шудан» мутадовил аст [2].

Рафтан. Аз қайдҳои аҳли таҳқиқ масаллам мегардад, ки ин вожа аз ҷумлаи қуҳантарин унсурҳои луғавӣ ба шумор меояд. Лафзи мазкур дар эронии бостон дар шакли ***raba** (аз решаи ***rab** барои баёни маънои «ҳаракат кардан», порсии бостон ба гунаи ***rafnaka** (аз решаи ***raf**) ба маънои «ҳуҷум бурдан, осеб расондан», форсии миёна лафзи *рафтан* дар сурати ***raftan** мавриди корбурд қарор доштааст [ниг.: 14, ҷ.3, с.1458-1459].

Аз шарҳи баъзе луғатномаҳо маълум мегардад, ки феъли мазкур дар матнҳои даврони мухталифи инкишофи забони тоҷикӣ дар доираи як маънои мушаххас маҳдуд намонда, ниёгонамон онро ба чанд маъно ба кор бурдаанд. Соҳибони луғатномаҳои тафсирӣ муравваҷии вожаи мавриди таҳлилро дар манобеи куҳани забони тоҷикӣ барои ифодаи чунин маъноҳо қайд кардаанд: 1) равон шудан; 2) воқеъ шудан, рӯй додан; 3) реҳлат кардан, даргузаштан; 4) фуруд омадан, поён шудан; 5) қасд кардан, майл кардан; 6) беҳуш шудан; 7) гузаштан, сипарӣ шудан ва ғайра [ниг.: 13, ҷ.2, с.126; 3, ҷ.1, с.874; 4, ҷ.8, с.12158-12170]. Аз тафсири вожаи мавриди назар дар сарчашмаҳои луғавӣ метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки ин калима яке вожаҳои сермаънои забони тоҷикӣ ба шумор мерафтааст.

Ин феъл яке аз воҳидҳои луғавии фаъоли «Нафаҳот-ул-унс» ба шумор рафта, Абдурраҳмони Ҷомӣ онро ба маъноҳои зерин истифода намудааст: а) равон шудан, тағйири макон кардан: Абӯтолиб гуфт: Ҳанӯз саҳар буд, ки хонаро холӣ кардам ва ба маҳаллаи дигар *рафтам* [16, с.187-188]; б) реҳлат кардан, даргузаштан: Ба Миср буда ва ба Макка муҷоварат карда ва он ҷо *бирафта* аз дунё [16, с.358]; в) дур шудан, гузаштан: Чун онро бидидам, даҳшати ман *бирафт*, инбисот кардам ва рисолати машоих расонидам [16, с.328].

Тазаккур бояд дод, ки ҳоло дар гӯйишҳои алоҳидаи ҷанубӣ ва марказии забони тоҷикӣ лафзи мазкур яке аз вожаҳои сермаъно ба шумор рафта, дар баробари баёни маъноҳои дигар барои ифодаи се маънои дар асари Ҷомӣ бакоррафта низ гардиш дорад:

а) *Рафта хор-ъш-а овардас; б) Алихуш доди мо бъд, бечора рафтай, хъдо раҳмат-ъш къна* [12, с.508]; *в) Йа олам ҷура доштам баъди ҳамихелӣ кор-о шудан ҳама-ш рафтанд (Мастчоҳ).*

Сазидан < эронии бостон ***sača** (аз решаи s**ak**) «омода будан, қодир будан, тавонистан», форсии миёна **sač** «сазовор будан» [14, ҷ.3, с.1737-1738]. Дар забони паҳлавӣ ба шакли **sačitan** мустаъмал будани вожаи мазкурро Ҳасан Амид зикр кардааст [9].

Сазидан дар сарчашмаҳои луғавӣ «сазовор будан, лоиқ будан, шоистан, дархӯр будан» [ниг.: 13, ҷ.2, с.176; 4, ҷ.9, с.13644-13645] маънидод гардидааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ бо табдили садоноки «а» бо садоноки «и» ва тахфифи ҳамсадои охири калима ба сурати *сизида* барои ифодаи маънои «лоиқ ва сазовор» шарҳ ёфт [3, ҷ.2, с.425]. Аз ин тавзеҳи Ромпурӣ бармеояд, ки дар гузашта вожаи *сазидан* ба таҳаввулоти муайяни фонетикӣ дучор гардида, дар сурати *сизида* низ барои баёни маънои тазаккурёфта гардиш доштааст.

Қиёсу муқобалаи забони асари мазкур ба осори пешиниёни Абдурраҳмони Ҷомӣ касро ба чунин андеша водор месозад, ки вожаи *сазидан* дар гузашта гардиши фаъол дошта, онро қабл аз Ҷомӣ Рӯдакӣ, Кисоӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Асадӣ, Сӯзанӣ, Ҳоқонӣ, Низомӣ, Саъдӣ ва монанди инҳо ба кор бурдаанд [ниг.: 4, ҷ.9, с.13644-13645].

Тибқи мушоҳидаҳои мо, вожаи мазкур дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ танҳо дар як маврид истифода шудааст: Касро чуну чаро наёяд ва *насазад*, ки вай кор бар илму ҳикмат мекунад ва кард [16, с.61-62].

Муқоисаву муқобалаи вожаи *сазидан* бо гӯйишҳои тоҷикӣ муайян намуд, ки ин унсури луғавӣ ба тағйироти шаклӣ дучор нагардида, вале таҳаввулоти маъноиро паси сар намудааст.

Калимаи мавриди пажуҳиш тули қарнҳо маънои асосиашро иваз намуда, имрӯз бо дигаргунии маъно дар баъзе лаҳҷаҳои марказӣ, мисли Мастчоҳ дар баёни маънои «насиб кардан, баҳра бурдан» мавриди корбурд қарор дорад: *И хели кор-о ганда а қадим ману ту барин бачаҳои камбағал-ба насазидай. Ман ба ту даҳ бор-е гуфтсодиям, ки пули бе дарди миён кас-ба намесазад.*

Лозим ба тазаккур аст, ки А. Одинаев зимни муқоисаи ашъори Рӯдакӣ бо лаҳҷаи Садаи миёнаи Мастчоҳ маҳфузмонии калимаи *сазиданро* ба маънои «насиб кардан, баҳра бурдан» дар гуфтори сокинони ин минтақа таъкид намудааст [7, с.248].

Хӯрдан. Феъли мазкур метавонад бо пешванди шаклсози **би-** ҳамроҳ гашта бо туфайли ҳамроҳгардии он маънои қатъияти иҷрои амал ифода гардад. Муалифони қисми феъли «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» А. Л. Хромов ва Р. Л. Неменова дар мавриди истеъмоли пешванди **би-** ба чунин натиҷа расидаанд: «Шеваи ҷанубӣ аз ҷиҳати кор фармудани префикси **би-** аз шеваҳои шимолию марказии забони тоҷикӣ тафовути намоён дорад: дар шеваи шимол префикси мазкур ба феъли рафтан дар ду шакл ба таври факултатикӣ истифода мешаваду бас» [17, с.89].

Шоистаи зикр аст, ки бо вуҷуди он ки имрӯзҳо доираи истифодаи пешванди **би-** дар забони адабӣ маҳдуд гардидааст, вале дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ пешванди мазкур бо вариантҳои **бъ/бу** бо феълҳо ҳамроҳ шуда меояд: **бъхър, бъза, бумон, будав** ва ғайра.

Вожаи хӯрдан шакли бавосита дорад, ки он хӯрондан мебошад. Вожаи мазкур имрӯз дар гуфтори мардуми Мастчоҳ бо табдили садоноки «о» ба «у» ба шакли *хурундан* дар баёни маънои «касеро ҷоду кардан» дар гардиш қарор дорад: *Вай-а гуё хуштуманаш бири хотири оянди духтараш хурундагиташ.*

Калимаи мавриди баҳси мо, яъне феъли *хӯрданро* Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» дар баробари шакли бевоситааш шакли бавоситаи он *бихӯронро* ба кор бурдааст: Аҳли манзил гуфтанд: Савганд ба Худой бар ту, ки вайро таоме *бихӯрон*, ки се шабонарӯз аст, ки ҳеҷ нахӯрда [16, с.202].

Таҳлилу муқоисаи истифодаи ин калима дар асари мазкур ва гӯйишҳои ҳозира нишон медиҳад, ки алҳол дар гӯйишҳои алоҳидаи ҷанубии забони тоҷикӣ ин вожа ба гунаҳои **бъхърон** ва **бухурон** ба ҳамон маънои пешин боқӣ мондааст: *Ами мъ тар чан бор гуфтум, ки ҳами момаи касал-та ба бъсти хъдт авқот бъхърон (Ховалинг). Ай саҳар бозай хердестам, дигариш-а хъдтон бухурен (Ҳисор).*

Молидан. Таҳлили гузаштаи дури ин унсури луғавӣ нишон медиҳад, ки *молидан* дар форсии бостон ***marda** (аз решаи **mard**) «молидан, даст кашидан, пок кардан» ва форсии миёна **mālītan** дучор меояд [14, ҷ.4, с.2572].

Вожаи мавриди омӯзиш дар фарҳангномаҳои «Луғатнома»-и Деҳхудо ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маъноҳои 1) маҳс кардан ва ламс намудан; 2) фишурдани ду чиз, ба ҳаракат додан он ду; 3) ба маънои маҷ. танбеҳ кардан, муҷозот кардан; 4) судан, соидан, ду ҷисмро ба ҳам ҷафс ва зич карда соидан; 5) бар ҳалқ ва гулӯ ханҷар ва корд ва амсоли он молидан; 6) вайрон ва бо замин яксон кардан; 6) поймол кардан, лагадмол кардан, зери по фишурдан ва ғайра тафсир пазируфтааст [ниг.: 13, ҷ.1, с.699; 4, ҷ.13, с.20002-20004].

Аз тавзеҳи дар сарчашмаҳои луғавӣ қайдгардида метавон ба чунин натиҷа расид, ки вожаи мазкур дар гузашта аз ҷумлаи унсурони сермаъно ва серистеъмоли забони тоҷикӣ бурдааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар асари мавриди таҳлил *молиданро* ба ду маъно ба кор бурдааст: Аз ҳар кадом, ки он бӯй меёфт, вайро дар зери дасту пой *мемолид* (поймол кардан, лагадмол кардан, зери по фишурдан - М.С.) ва мекушт, то ҳамаро бикушт [16, с.159]. Чашмҳои маро *бимолид* (судан, соидан - М.С.), дидам, ки бар сари ҳар касе ғуробе нишастааст [16, с.333].

Қайд намудан бамаврид аст, ки алҳол ин феъл дар забони адабии тоҷикӣ гардиши кам дорад, вале дар бархе лаҳҷаҳои кунунӣ ҳамон асолати пешини худро нигоҳ доштааст. Масалан, агар сокинони гӯйиши Лангари гурӯҳи вахиёӣ-раштии шеваи ҷанубӣ ба маънои «судан, соидан» (*Сир-а мегавҷи́-въ дар сар-у ру-т мени́*) ба кор баранд [12, с.398], сокинони баъзе даҳаҳои Мастчоҳ онро ба маънои «поймол кардан, лагадмол кардан, зери по фишурдан» (*Я бор қапамат то да замин намоламат сар-ат наметиям*) истифода менамоянд.

Намояндагони бархе аз деҳоти навоҳии Мастчоҳ (Кӯҳистони Мастчоҳ) барои ифодаи маънои «поймол кардан, лагадмол кардан, зери по фишурдан» дар қатори калимаи *шаккидан* ё *шиккидан* вожаи *молиданро* низ истифода мебаранд: *Агар бачатун ба даста-м фурод то я бор нашикама-ш сар-аш наметиям, беодоба.*

Тофтан. Алиакбари Деҳхудо дар «Луғатнома»-аш бо такя ба маълумоти фарҳангномаҳои пешин феъли мазкурро 1) гардонидан ва печидан; 2) рӯй баргардонидан; 3) рӯшноӣ ва партав андохтан; 4) тоб додани ришта ва анвои он; 5) ошуфта ва музтариб гардидан; 6) токат овардан; 7) озурда аз кӯфти роҳ ва саворӣ; 8) баргашта ва ғайра» [4, ҷ.4, с.6272-6275] тавзеҳ додааст. Аз тавзеҳи вожаномаи фавқуззикр мусаллам мегардад, ки калимаи мавриди пажуҳиш аз ҷумлаи унсурҳои сермаънои луғавӣ ба шумор мерафтааст.

Аз қайдҳои соҳиби «Фарҳанги решашинохти забони форсӣ» мусаллам мегардад, ки ин вожа аз забонасоси ҳиндуаврупоӣ сарчашма гирифта, дар эронии бостон, авестоӣ, порсии бостон ба шаклу хусусиятҳои хос ба мушоҳида мерасидааст [ниг.: 14, ҷ.2, с.817-819].

Дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ, бавижа «Нафаҳот-ул-унс», вожаи *тофтан* барои баёни маънои «намоён шудан, намудор гаштан» истифода шудааст: Чун ба лангар омадаанд ва қасди зиёрати вай кардаанд, чунон мушоҳада афтода, ки он нурест, ки аз он ки марқади мунаввари вай дар он ҷост, *метобад* [16, с.729].

Бояд гуфт, ки ба маънои «намоён шудан, намудор гаштан» мустаъмал гардидани вожаи мавриди баррасӣ дар ҳеҷ фарҳангномаи бароямон дастрас дучор нашуд. Аз ин ҳолат чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ба чунин маъно истифода гардидани вожаи *тофтан* дар осори классикон камназир будааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар гӯйишҳои ҷанубӣ ду калимаи ҳамшакли тофтан: тофтан[1], тофтан[2] мустаъмал мебошанд, ки миёни онҳо унсури луғавии аввал дорои се маъно ва калимаи дуюм барои ифодаи чор маъно гардиш дорад. Яке аз маъноҳои вожаи тофтан[2] дар нутқи намояндагони баъзе гӯйишҳои ҷанубӣ, ба монанди Учқул, Обигарм, Сарихосор, Шулмак, Қаҳдара «намоён шудан, намудор гаштан» мебошад: *Гълойи тоқи́ ай руйи нъмол метова. Дъ руз-ай гов на́метова, ай пода на́умадаст* [ниг.: 12, с.618]. Мастчоҳиён феъли мазкурро ба маънои фавқ басо фаровон истифода менамоянд: *Ду руз боз ягун мошин да и тараф-о наметобад. Ман се соат боз да берун-о будам ягун кас наметофт*.

Аз ҳамин таҳлил ва баррасии мухтасар равшан мегардад, ки гӯйишҳои муосир дар нигоҳдории як силсила аносири луғавии куҳан нақши шоиста дошта, бештари онҳо аз даврони пешин то имрӯз сайри муайяни таърихиро тай намудаанд. Ҳудуди густариши калимаҳои дар асари мавриди пажуҳиш мустаъмал дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ягона набуда,

бархе аз онҳо дар доираи як ё ду лаҳҷаи тоҷикӣ, ҳиссаи дар аксари лаҳҷаҳо ба гунаи куҳан ё бо таҳаввулоти ҷузъӣ ё ҷиддӣ боқӣ мондаанд.

Муқарриз: ***Т. Ваҳҳобов*** – д.и.ф., профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 12. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
2. Баромадан. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.vajehyab.com/?q=%D8%A8%D8%B1%D8%A2%D9%85%D8%AF%D9%86&f=dialect (Санаи муроҷиат: 12.10.2022).
3. Ғиёсуддин, М. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз 3 ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров / М.Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1987-1989. - Ҷилди 1. – 480 с.; - Ҷилди 2. - 416 с.; - Ҷилди 3. - 304 с.
4. Деҳхудо, А. Луғатнома / А. Деҳхудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. - Ҷилди 3. - 4616 с.; - Ҷилди 4. - 6170 с.; - Ҷилди 8. - 12378 с.; - Ҷилди 9. - 13930 с.; - Ҷилди 13. - 20138 с.
5. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қисми 1. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. - 490 с.
6. Маҳмадҷонов, О.О. Бозтоби номвожаҳои сабстратӣ дар осори Абдуруҳмони Ҷомӣ / О.О. Маҳмадҷонов, Б.А. Қудратова // Паёми донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа. - Душанбе, 2018. – №4 (32). - С.3-9.
7. Одинаев, А. Таносуби забони осори Рӯдакӣ бо лаҳҷаи Садаи миёнаи Мастчоҳ / А. Одинаев // Оинадори ҳусни сухан. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. - С.245-249.
8. Раҳимова, Ш.С. Корбасти диалектизҳои лексикӣ дар ашъори Рӯдакӣ / Ш.С. Раҳимова, С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2018. - №2. - С.105-110.
9. Сазидан // Фарҳанги форсии Амид. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.vajehyab.com/?q=%D8%B3%D8%B2%DB%8C%D8%AF%D9%86&f=amid (санаи муроҷиат: 15.10.2022)
10. Саймидинов, Д. Пажуҳишҳои забоншиносӣ / Д. Саймиддинов. - Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 208 с.
11. Сафарзода, М. Робитаи забонии «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯишҳои муосири тоҷикӣ / М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4 (99). - С.150-154.
12. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (такмил ва тасҳеҳ). Мураттибон: А. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе, 2017. - 842 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз X то ибтидои асри XX). Дар 2 ҷилд (дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ). - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷилди 1. – 951 с.; - Ҷилди 2. - 949 с.
14. Ҳасандӯхт, М. Фарҳанги решашинохти форсӣ / М. Ҳасандӯхт. - Теҳрон, 1384. - Ҷилди 1. - 585 с.; - Ҷилди 2. - 1410 с.; - Ҷилди 3. - 2080 с.; - Ҷилди 4. - 2599 с.
15. Ҳасанов, А. Лаҳҷашиносии таърихӣ / А. Ҳасанов. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. - 176 с.
16. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе, 2013. - 865 с.
17. Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 (морфология). Дар зери таҳрири В.С. Растаргуева. - Душанбе: Дониш, 1979. - 252 с.

ЗАБОНИ «НАФАҲОТ-УЛ-УНС»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ГӮЙИШҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

(гузориши масъала дар заминаи чанд вожаи марбут ба феъл)

Дар навишта муносибати забони як асари асримиёнагӣ - «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо забони адабии имрӯза ва калимоти дар гӯйишҳои муосири тоҷикӣ мавҷуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаст. Таъкид шудааст, ки гӯйишҳои маҳаллӣ яке аз манбаъҳои асосии ғаномандии таркиби луғавии забон ва хазинаи беназири нигоҳдорандаи вожаҳои асили забон ба шумор мераванд. Таҳлили қазияи таносуби забони осори шоирону нависандагони классику муосир бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ ниҳоят муҳим аст, зеро вожаҳои гӯйишии дар осор дучоронда барои инъикос гардидани сайри таърихии ин қабил калимот ва мустаҳкам гардидани пояҳои забони тоҷикӣ нақши шоиста доранд. Муносибати забони осори аҳли адаби классику муосир бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки дорои аҳамияти таҳқиқӣ мебошанд. Робитаи асари тазаккурёфта бо гӯйишҳои имрӯзаи муосири тоҷикӣ дар заминаи чанд вожаи марбут ва феъл нишон дода шудааст. То имрӯз дар забоншиносӣ роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи лексикаи осори Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ корҳои таҳқиқотии судманде сурат гирифта бошад ҳам, аммо масъалаи забонии асари «Нафаҳот-ул-унс» бо гӯйишҳои тоҷикӣ ба пажуҳиши мукаммал ниёз дорад. Аз таҳлилу қиёси забонии асари мазкур ва лаҳҷаҳои кунунии тоҷикӣ муаллиф ба бардоште расидааст, ки маҳфузмонии вожаҳои дар асари Ҷомӣ дучоронда дар забони мардуми минтақаҳои Тоҷикистон ягона набуда, бархе аз онҳо дар доираи як ё ду лаҳҷаи тоҷикӣ, ҳиссае дар аксари лаҳҷаҳо ба гунаи куҳан ё бо таҳаввулоти ҷузъӣ ё ҷиддӣ боқӣ мондаанд.

Калидвожаҳо: «Нафаҳот-ул-унс», гӯйишҳои муосир, таҳаввулоти шаклу маъно, унсурҳои луғавӣ, фарҳангномаҳо, маъно.

ЯЗЫК "НАФАХОТ-УЛ-УНС" АБДУРАХМАНА ДЖАМИ И СОВРЕМЕННЫЕ ТАДЖИКСКИЕ ДИАЛЕКТЫ

(постановка проблемы по некоторым глагольным словам)

В статье рассматривается связь языка средневекового произведения - «Нафахот-уль-унс» Абдуррахмана Джами, с сегодняшним литературным языком и словами в современных таджикских диалектах. Подчеркнуто, что местные диалекты являются одним из основных источников богатства лексического состава языка и уникальным фондом, сохраняющим исконные слова языка. Анализ соотношения языка произведений классических и современных поэтов и писателей с современными таджикскими диалектами очень важен, поскольку диалектные слова, встречающиеся в произведениях, играют достойную роль в отражении исторического пути таких слов и укреплении основ таджикского языка. Взаимосвязь языка произведений классических и современных писателей и современных таджикских диалектов является одним из вопросов, имеющих исследовательское значение. Связь между упомянутым произведением и современными таджикскими диалектами показана на основе нескольких родственных слов и глаголов. Хотя в языкознании по различным аспектам лексики произведений Абдуррахмана Джами проведены полезные исследовательские работы отечественными и зарубежными учеными, но лингвистический вопрос произведения «Нафахот-ул-унс» с таджикскими диалектами нуждается в комплексном исследовании. Из лингвистического анализа и сопоставления этого произведения и современных таджикских диалектов автор пришел к выводу, что сохранение слов, встречающихся в произведении Джами, не единственное в языке населения таджикских регионов, некоторые из них сохранились в пределах одного-двух таджикских диалектов, а большинство диалектов сохранились частично или эволюцинировали.

Ключевые слова: «Нафахот-ул-унс», современные диалекты, эволюция формы и семантики, лексические элементы, словари, смысл

"NAFAHOT-UL-UNS" LANGUAGE OF ABDURAHMAN JAMI AND MODERN TAJIK DIALECTS

(statement of the problem on some verb words)

The article deals with the connection of the language of the medieval work - "Nafahot-ul-uns" by Abdurrahman Jami, with today's literary language and words in modern Tajik dialects. It is emphasized that local dialects are one of the main sources of the richness of the lexical composition of the language and a unique fund that preserves the original words of the language. Analysis of the correlation of the language of the works of classical and modern poets and writers with modern Tajik dialects is very important, since the dialect words found in the works play a worthy role in reflecting the historical path of such words and strengthening the foundations of the Tajik language. The relationship between the language of the works of classical and modern writers and modern Tajik dialects is one of the issues of research importance. The connection between the mentioned work and modern Tajik dialects is shown on the basis of several related words and verbs. Although useful research work has been carried out by domestic and foreign scientists in linguistics on various aspects of the vocabulary of Abdurrahman Jami's works, the linguistic issue of the work "Nafakhot-ul-uns" with Tajik dialects needs a comprehensive study. From the linguistic analysis and comparison of this work and modern Tajik dialects, the author came to the conclusion that the preservation of the words found in the work of Jami is not the only one in the language of the peoples of the Tajik regions, some of them have been preserved within one or two Tajik dialects, and most of the dialects have been partially preserved or evolved.

Key-words: «Nafahot-ul-uns», contemporary dialects, evolution of form and semantics, lexical elements, dictionaries, sense.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё.Мавлянбеков, 1. E-mail: **Mullookhun95@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Сафарзода Муллоохун Бурхони*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, аспирант кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан г. Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **Mullookhun95@mail.ru**

Information about the author: ***Safarzoda Mullookhun Burkhoni*** - Khujand State University, academician B.Gafurov, post-graduate student of the Tajik language department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave., 1. E-mail: **Mullookhun95@mail.ru**

УДК: 821.222.8-95

“ФАРҲАНГИ СУРУРӢ” ДАР МАСИРИ ФАРҲАНГНИГОРИИ ТОҶИК

Султонова Г.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Қосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, маъруф бо тахаллуси Сурурӣ дар аввали асри XVII таълиф гардидааст.

Фарҳанг аз муқаддима, 28 боб ва замимаҳо иборат буда, тақрибан 6000 луғатро бо санадҳо шарҳ медиҳад. Замимаҳо истиорот, ибораҳои рехта ва идиомаҳоро дар бар мегиранд. Калимаҳо аз рӯйи ҳарфи якум ба бобҳо, аз рӯйи ҳарфи охир ба фаслҳо ҷудо гардида, мувофиқи тартиби алифбои арабии тоҷикӣ чида шудаанд. Дар шарҳи моддаҳои фарҳанг муаллиф ба фарҳангҳое истинод мекунад, ки аз онҳо ин ё он маънии калимаро гирифтааст ва баъзан шарҳи онҳоро пурра иқтибос кардааст. Тавассути ин хусусият дар “Фарҳанги Сурурӣ”, хусусан нашри аввали он, иқтибосҳои арзишманде аз фарҳангҳое, ки то замони мо нарасидаанд, маҳфуз мондаанд.

Чун дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ дар таълифи “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурӣ низ аз сарчашмаҳои муътабар баҳрабардорӣ карда шудааст. Дар дебочаи фарҳанг муаллиф 16 китобро ҳамчун маъхази фарҳанг зикр менамояд, ки инҳоянд:

1. “Шарафномаи Мунярӣ” таълифи Иброҳим Қавоми Форуқӣ;
2. “Меъёри ҷамолӣ” –и Шамси Фахрӣ;
3. “Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ;
4. “Фарҳанги Вафоӣ”-и Ҳусайн Вафоӣ;
5. “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ;
6. “Рисолаи Мирзо”-и Иброҳим ибни Мирзо Шоҳҳусайни Исфаҳонӣ;
7. “Сиҳоҳ-ал-фурс”-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ;
8. “Муаййид-ул-фузало” таълифи Муҳаммад Лод;
9. “Шарҳи “Сомӣ фӣ-л-асомӣ”-ал-Майдонӣ” –шарҳи луғати дузабонаи “Ас-сомӣ фӣ-л-асомӣ”-и Аҳмад ибни Муҳаммад Абулфазли Майдонӣ;
10. Рисолаи Абӯҳафси Суғдӣ;
11. “Адот-ул-фузало” таснифи Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ маъруф ба Дҳорвол;
12. “Ҷомеъ-ул-луғот”-и манзуми Ниёзии Ҳиҷозии Бухороӣ;
13. “Фарҳанги “Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё”-и таснифи Бадриддин;
14. “Тарҷумаи Сайдана”-и Абурайҳони Берунӣ;
15. “Луғати Ҳалимӣ” таълифи Лутфуллоҳ ибни Юсуфи Ҳалимӣ (туркӣ);
16. “Лисон-уш-шуаро”-и маҷҳулмуаллиф.

Баъд аз зикри ин фарҳангҳо Сурурӣ қайд менамояд, ки ҳеҷ яке аз ин фарҳангҳо ниёзи ҷустуҷӯкунандаро аз луғати фурс қонеъ карда наметавонад. Чун баъзе луғат дар ин ҳасту дар он нест ва ҳеҷ яки он аз ҷиҳати фарогирии калимоти форсӣ ҷомеъ нест [8, с.2].

Дар таҳрири сонӣ муаллиф таъкид намудааст, ки “... дар санаи 1028 муаллифи ин нусха, аънӣ хӯшачини хирмани маъонӣ Сурурии Кошонӣ, шарафи мутолиаи фарҳанги... Шоҳ Ҷамолиддин Ҳусайнии Инҷу, ки дар ин сол аз Ҳинд овардаанд, мушарраф шуд ва ин нусхаро ба илҳоқи баъз аз луғот ва фавоид аз он музайян гардонид ва фарҳанг мутлақ ҳар ҷо мазкур мешавад, киноя аз он аст. Ва китоби “Шомил-ул-луғат” таълифи Қароҳисорӣ, ки маъонии луғотро ба туркӣ навишта ва фарҳанги “Туҳфат-ус-саодат” таълифи Мавлоно Маҳмуд ибни Шайх Зиёуддин Муҳаммад низ дар ин сол ба назар расид ва чун ин таълиф ба мурури айём мунаққаҳ шуд ва ба талоҳуқи афкор мусаҳҳаҳ гардид, бинобар ин, нусахе, ки дар ин айём тамом мешавад, эътибораш бештар аст...” [8, с.7].

Яъне аз се фарҳанги мазкур баҳрабардорӣ намуда, таҳрири дуюми “Маҷмаъ-ул-фурс” –ро соли 1028-и ҳичрӣ-қамарӣ / 1628 –и милодӣ ба анҷом расонидааст.

Ба ғайр аз 16 сарчашмае, ки муаллиф овардааст, аз маъхазҳои зерин низ истифода бурдааст, ки ҳангоми шарҳу тавзеҳи моддаҳои луғавӣ номи онҳоро зикр кардааст:

1. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Мир Ҷамолуддин Ҳусейни Инҷуи Шерозӣ;
2. “Туҳфат-ус-саодат”-и Маҳмуд ибни Шайх Зиёуддин Муҳаммад;
3. “Шомил-ул-луғот”-и Қароҳисорӣ

4. “Канз-ул-луғот”-и Муҳаммад ибни Абдухолиқ;
5. “Аҷоиб-ул-булдон”-и Закариё ибни Муҳаммад бинни Муҳаммад Қазвинӣ;
6. “Ихтиёроти бадеӣ”-и Алӣ ибни ал-Ҳусайн-ул-Ансор;
7. “Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот” таълифи Аҳмад Сурӣ Биҳорӣ;
8. «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ;
9. “Таърихи Вассоф”-и Шаҳобиддини Абдуллоҳи Шерозӣ;
10. “Мақомоти Ҳамидӣ”-и Ҳамидуддини Балхӣ;
11. “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Алӣ ибни Усмони Ҷалолӣ;
12. “Ҷавоҳирнома”-и Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ;
13. “Маҷмаъ-ул-ансоб”-и Муҳаммад Алӣ Ҳусайн Шабонкараӣ;
14. “Ғароиб-уд-дунё”-и Шайх Озарӣ;
15. “Ҷоми ҷаҳоннамо”-и Амир Ғиёсиддини Мансур;
16. “Шарҳи Қонун”-и Мавлоно Қутбиддини аллома;
17. “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ;
18. “Маҷолис-ул-муъминин”-и Қорӣ Нуруллоҳ;
19. Фарҳанги “Рисолат-ун-наср”;
20. Қомуси арабӣ.

Ҳамаи ин сарчашмаҳоро ба 3 гурӯҳ қисмат намуда, мавриди истифодаи онҳо дар фарҳанг муайян карда шуд:

I.Фарҳангҳо. Сурурӣ дар таснифи фарҳанги худ ҳамагӣ аз 24 луғоти пешина ва муосир истифода намудааст, ки дар боло зикр намудем. Муаллиф аз ин фарҳангҳо хеле баҳрабардорӣ намудааст, аммо дар баъзе маврид фикру андешаҳои интиқодии худро низ нисбати ин фарҳангҳо иброз намудааст. Сурурии Кошонӣ аз аввалин мунаққидоне мебошад, ки дар ҷодаи фарҳангнигорӣ ба нақду тасҳеҳи фарҳангҳои пешинаву муосир кӯшидааст. Аз баъзе сарчашмаҳои “Маҷмаъ-ул-фурс” ба таври интиқодӣ истифода бурдааст. Нақди Сурурӣ тартиби муайян надошта ҳангоми шарҳу тавзеҳ иштибоҳоти муаллифони фарҳангҳоро зикр менамояд ва ё дар ҷое, ки ба тафсири вожаҳо шак дорад, бо ибораи “тааммуле ҳаст” ишорат менамояд. Сурурӣ на танҳо дар тавзеҳи калимаҳо, балки дар мавриди абёти шоҳиди фарҳангҳо низ андешаҳои худро иброз менамояд. Андешаҳои интиқодии Сурурирo бар фарҳангҳои зерин зикр намуда, бо мақсади баррасии ақидаҳои Сурурӣ аз фарҳанги “Бурҳони қотеъ”, ки аз ҷиҳати истифодаи сарчашмаҳо ҷомеътарин луғат дар фарҳангнигории классики тоҷик маҳсуб меёбад, ба таври муқоиса истифода бурда шуд.

1. “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” таълифи Азизуддавла Мир Ҷамолиддин Ҳусейн ибни Фахриддин Ҳасани Инҷуи Шерозӣ. Ӯ дар давраи ҳукмронии ду намояндаи Темуриёни Ҳинд- Акбар (1556-1606) ва писари ӯ Ҷаҳонгир (1605-1627) зиндагӣ кардааст. Барои таълифи фарҳанги Ҷамолиддини Инҷу худи Акбаршоҳ мароқи зиёд зоҳир намудааст. Шоҳ барои Ҳусайни Инҷу на танҳо ёрдамчиён таъин намудааст, балки маблағ сарф намуда аз шаҳри Кирмони Эрон Ардашер ном мубади маҷусиёнро барои таҳқиқи луғатҳои қадим даъват карда будааст. Инчунин “Маҷмаъ-ул-фурс” –и Сурурӣ, ки дар Эрон дар он замон таълиф ёфта буд, дар як муддати кӯтоҳ бо фармони Акбаршоҳ ба ихтиёри Ҷамолиддини Ҳусайн оварда шуда будааст.

Ниҳоят соли 1017 (1608) муваффақ мешавад, ки заҳмати чандинсолаи худро дар иёлати Панҷоб ба анҷом расонад ва асари худро ба шакли як луғати мукаммал бахшида ба Ҷаҳонгиршоҳ “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” номад.

“Маҷмаъ-ул-фурс” ва “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” аз ҳамдигар хеле баҳрабардорӣ намудаанд. Чунончи Сурурӣ дар мавриди шарҳи калимоти “андарзо” [8, с.9], “авро” [8, с.11], “анрӯб” [8,с.18], “осу” [8, с.90], “бурунсаро” [8, с.117], “барх”, “басту” [8, с.188], “палук” [8, с.240], “тангор” [8, с.295], “ҷӯрбӯр” [8, с.351], “чағр” [8, с.379] ва ғайра номи ин фарҳангро зикр кардааст. Сурурӣ “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”-ро дар китоби худ ба шакли мухтасар “Фарҳанг” ном бурдааст ва бо вуҷуди зиёд истифода намудан аз ин фарҳанг андешаҳои матншиносии худро низ баён намудааст. Чунончи:

Пойандон – (ба йои ҳуттӣ ва нун. Ба вазни бодинҷон) замонро гӯянд...

Ва дар “Фарҳанг” ба маънии саффи ниол, ки кафшкан бошад низ омада ва ин байт аз Мунҷик шоҳид оварда:

Шоҳро дар маҳфили хуршеди ман,

Ҷой андар сафи пойандон бувад.

Интиҳо каломуҳу. Аммо ин бебизоатро дар ин мисол андак тааммуле меравад, ки ин байт тарзи Мунҷик нест [8, с.251].

Ин байт дар “Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон” низ ба номи Мунҷик мазкур аст, аммо андешаи фавқуззикри Сурурӣ низ дар ҳошияи китоб иқтибос оварда шудааст (5, с.225).

Дабуқа – (ба вазни намуна) дар “Фарҳанг” ба маънии нойи анбон оварда ва бо ин қитъаи Хоқонӣ мутамассик шуда:

Қитъа

Ман қалам ронам ӯ дабуқазан аст,
Кулаҳаш бин, ки лаъли қуқаи ӯст.
Дасти ман кам зи дасти ӯст, вале.
Қалами ман беҳ аз дабуқаи ӯст.

Дар ин луғат андак тааммуле меравад, чи махсуси “Фарҳанг” аст ва дар нусахи дигар ба назари роқим нарасида [8, с.566].

Дабири Сиёқӣ таҳиягари охирин нусхаи интиқодии фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс” ба саҳеҳ будани ин луғат ишора менамояд [8, с.566].

Сиринҷ – (ба касри син) сафедоби сӯхта бошад ва ба маънии синҷи марқум ба маънии ахир низ омада. Мисоли ин маънӣ Бӯисҳоқи Атъима гӯяд:

Қаламро алам дошт қаля ба ранҷ,
Ки мезан зулайбе ба ҳам чун сиранҷ.

Казо фӣ-л-“Фарҳанг” ва ба хотири роқим мерасад, ки эҳтимол ин мисраъ чунин бошад:

Ки мезан зулайбе ба ҳам ҳамчу синҷ [8, с.721].

Сарлод – девор бошад дар “Фарҳанг”, аммо ба хотир мерасад, ки чун “лод” ба маънии “чина” омада, “сарлод” зидди “бунлод” бошад. Яъне чинаи болоин. Мисолаш Амир Мухторӣ фармояд:

Ҳиммат ҳаме аз тоқат бигузор эй синд,
Сарлод чунон банд, ки бартобад бунлод [8, с.733].

Дар “Бурҳони қотеъ” низ ин вожаро ба маънии сардевор ташреҳ шуда, андешаи Сурурирo собит сохтааст [5, с.1128].

Шебо –(ба вазни дебо) дар “Фарҳанг” мори афъӣ бошад ва бо ин байти Фахри Гургонӣ мутамассик шуда:

Сари девори он пур мори шебо,
Ҷаҳон аз захми онҳо ношикебо.

Аммо ин луғат махсуси он нусха аст ва ҷое дигар ба назар нарасида [8, с.830].

Асли луғат дар Авасто “хшваева” аст ба маънии зудхазанда ва тундраванда ва чусту чолок аст [5, с.1319].

2. Фарҳанги “Меъёри Ҷамолӣ”. Номи пурраш “Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абуисҳоқӣ” ва номҳои дигараш “Фарҳанги Шамси Фахрӣ”, “Луғати фурс”, “Луғати фурси қадим”. Аз сабаби ба ҳокими Форс Ҷамолиддини Абӯисҳоқи Инҷу бахшида шуданаш, “Меъёри Ҷамолӣ” ном дода шудааст. Муаллифаш Шамсиддин Муҳаммад Фахрии Исфаҳонӣ аст, ки соли 745/1344 дар Луристон фарҳанги худро таълиф менамояд.

Сурурӣ “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” ва “Меъёри Ҷамолӣ”-ро бештар мавриди истифода қарор додааст. Дар шарҳи калимоти “абисто” [8, с.9], “уст” [8, с.17], “анисон” [8, с.76], “барҳӯр” [8, с.135] ва дигар вожаҳо фаровон баҳрабардорӣ кардааст, аммо ба назари танқидӣ низ истифода намудааст. Чунончи:

Омор –(ба мадди алиф) дар “Туҳфа” ва “Рисолаи Ҳусайни Вафоӣ” ба маънии истиқсо ва татаббуъ ва ҳисоб бошад ва оморгир, яъне муҳосиб ва дар “Шарафнома” омору овор ва омора ва овора ҳисоб бошад. Аммо Шамси Фахрӣ “омор”-ро ба маънии марази истисқо оварда ва гуфта:

Ҳасуди ҷоҳи ту беоб дар тамузафтан,
Мабод ҷуз ба биёбон фитода омор.

Ва ин хилофи ҷамъе муаллифон аст ва ғолибан дар ин луғат Шамси Фахриро саҳве воқеъ шуда [8, с.35].

3. Фарҳанги “Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Номҳои дигараш “Туҳфаи хонӣ”, “Китоби луғати фурс”, “Ҳалли луғоти порсӣ”, “Луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ”. Муаллифаш Ҳофиз Султон Алии Ӯбаҳӣ, ки таҳрири охирини луғатро соли 936-и ҳичрӣ-қамарӣ , яъне соли 1530-и милодӣ дар Осиёи Миёна ба анҷом расонидааст. Ин луғатро дар қатори дигар сарчашмаҳо соҳиби “Маҷмаъ-ул фурс” низ истифода кардааст. Дар шарҳи калимаҳои “абисто” [8, с.9], “инафт” [8, с.18], “акхиҷ” [8, с.22], “анҷӯх” [8, с.25], “бархӯр” [8, с.136], “барбор” [8, с.137], “бир” [8, с.138], “тарзада” [8, с.326], “ҷам” [8, с.358], “чаргар” [8, с.377], “чашмпаном” [8, с.396], “хадук” [8, с.451] ва ғайра бо номи “Туҳфат” зикр намуда, андешаҳои танқидии худро низ бар ин фарҳанг иброз менамояд. Чунончи:

Хашинпанд – дар “Туҳфа” ва “Нусхаи Вафоӣ” заган бошад ва бо ин байти Фаррухӣ тамассук намудаанд:

То набуд чун ҳумой фаррух каргас,
То ки набошад назир боз хашинпанд.

Аммо он чӣ ба хотири ин заиф мерасад он аст, ки андак саҳве эшонро воқеъ шуда, зеро ки хашин чизе кабудранг бошад ва бози хашин бозеро гӯянд, ки ранги ӯ ба кабудӣ моил бошад ва бағоят гавҳарӣ ва сайёд бошад ва панд ба маънии ғалевоз аст, пас маънии шеър он бошад, ки то ғалевоз бози хашин набошад, на он ки хашинпанд номи ғалевоз аст ва ба ғайр аз эшон дигар кас ин луғатро наёварда [8, с.425].

Дар “Бурҳони қотеъ” низ шарҳи Сурурӣ айнан иқтибос карда шудааст [5, с.753].

4. Фарҳанги “Муаййид-ул-фузало” таснифи Муҳаммади Лод буда, соли 1519 таълиф ёфтааст.

Соҳиби “Фарҳанги Сурурӣ” дар тафсири воҳидҳои луғавии “оганиш” [8,с.50], “балуч” [8, с.125], “балодар” [8, с.142], “пашланг” [8, с.241], “тарок” [8, с.309], “чилчилиҳ” [8, с.407], “хӯса” [8, с.477], “зерафзор” [8, с.665], “Самарканд” [8, с.729] ва ғайра аз “Муаййид-ул-фузало” ёд мекунад ва баъзе маврид ба нақду тасҳеҳи ин фарҳанг мекӯшад:

Хиракуш – (ба замми коф), яъне заифкуш ва саркаш. Мисол Шайх Саъдӣ гӯяд:

Гаҳаш ҷанг бо ҳокими хиракуш,
Гаҳ аз бахти баргашта рӯяш туруш.

Казо фӣ-л-“Муаййид”. Аммо ба хотир мерасад, ки чун хира ба маънии бесабабу ҳарза бошад. Агар хиракушро ба маънии бесабабкуш қарор диҳем, беҳтар аст. Чӣ хира ба маънии заиф ҷое ба назар нарасида [8, с.446].

5. Фарҳанги Ҳусайн Вафоӣ. Ин фарҳанг дар замони ҳукмронии шоҳ Таҳмосп (1524-1576) соли 933 (1526-1527) таълиф ёфтааст.

Аз фарҳанги мазкур соҳиби “Маҷмаъ-ул-фурс” дар мавридҳои зерин, яъне шарҳи луғатҳои “оғор” [8, с.35], “артанг” [8, с.62], “барғаст” [8, с.122], “бағтоқ” [8, с.157], “пӯк” [8, с.239], “таркун” [8, с.316], “ҷангалук” [8, с.355], “зовар” [8, с.668], “сатованд” [8, с.725], “шаболанг” [8, с.869] ва ғайра баҳрабардорӣ кардааст ва ба нигоҳи интиқодӣ низ назар кардааст. Чунончи:

Хав – (ба фатҳи хо) чӯббанде, ки банноён бар сари он истанд ва кор кунанд... ва Ҳусайн Вафоӣ гӯяд, ба маънии қолаби тоқ низ омада ва ин байтро муаййиди қавли худ оварда:

Ҳар ҷо ки иморати нав оғоз кунанд,
Дар гардани тоқи он хаве соз кунанд.

Ва ба хотири ин заиф мерасад, ки аз ин байт низ маънии чӯббаст истинбот метавон кард, ба воситаи он ки ба маънии қолаби тоқ дар ҳеҷ нусха наёмада [8, с.470].

Дар “Бурҳони қотеъ” низ “хав” ба маънои чӯббанде бошад, ки банноён ва китобанависон ва наққошон дар даруну беруни иморат тартиб диҳанд ва бар болои он рафта кор кунанд [5, с.778].

6.“Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ” таълифи Иброҳим Қавоми Форуқӣ. Бо номҳои “Фарҳанги Иброҳимӣ”, “Фарҳанги Иброҳимшоҳӣ”, “Шарафномаи Иброҳимӣ” ва “Шарафнома” низ дучор мешавад. Муаллифаш Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ фарҳангро соли 873// 1473-1474 дар Ҳиндустон ба анҷом расонида, ба Шайх Шарафиддини Мунярӣ бахшидааст.

Сурурӣ дар фарҳангаш ин сарчашмаро бо номи “Шарафнома” дар тасрифи калимаҳои “устур” [8, с.35], “имар” [8, с.39], “абр” [8, с.42], “бачаст” [8, с.120], “бодбар” [8, с.143], “парешидан” [8, с.252], “тавтаг” [8, с.311], “хоркор” [8, с.438], “девбанд” [8, с.512],

“Рашнавод” [8, с.605], “Зарир” [8, с.664], “саток” [8, с.762], “шаранг” [8, с.870] ва ғайра зикр карда, назари интиқодии хешро низ баён намудааст. Чунончи:

Сипедпо - яъне муборакқадам. Ва дар “Шарафнома” номи таоме низ бошад, ки “мостабо” низ гӯянд. Аммо ба хотири ин заиф мерасад, ки ин маънӣ “бо”-и дувуми тозӣ бояд ва асаҳ он аст, ки сапедпо ошест, ки қотиқ надошта бошад [8, с.712].

Дар “Бурҳони қотеъ” низ “сипедбо” бо бои абҷад, бо алифи кашида, ба маънии оши мост аст, ки мостбо бошад, чӣ “бо” ба маънии “ош” аст. “Сипедпо” – бо “бо”-и форсӣ бо алифи кашида, ба маънии муборакқадам ва хуҷастапай бошад, бар хилофи сабзпо, ки номуборакқадамро гӯянд [5, с.1093].

Садо – овозе, ки дар кӯҳу гунбаду амсоли инҳо афтад... ва дар “Шарафнома”-ву “Муаййид” ба фурс овардаанд ин луғатро, аммо арабӣ аст [8, с.909].

Дар ҳақиқат, “садо”, ки бо “сод”-и арабӣ омадааст, ба забони тоҷикӣ овоз, ово мебошад. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ арабӣ будани он ишора карда шуда, бо муродифоти тоҷикӣ тафсир карда шудааст [13, с.193].

Тармуш –(ба фатҳу сукуни “ро”-и муҳмала ва замми “мим”) номи гиёҳест, ки онро “тур” ва “тармус” (ба сини муҳмала) низ гӯянд, казо фӣ-л-“Муаййид” ва асаҳ он аст, ки боқилаи мисрӣ аст [8, с.301].

Дар “Бурҳони қотеъ” ин калима дар шакли “тармус” ба маъниҳои гиёҳ ва ҳам боқила шарҳ дода шудааст, дар шакли “тармуш” ба маънии гиёҳ омадааст [5,с.490]

Бояд қайд намуд, ки Сурурӣ ҳангоми шарҳи калимаҳо беҳбудию камбудии сарчашмаҳоро зикр намуда, якеро аз дигаре бартар мегузорад. Чунончи:

7. **“Ас-сомӣ фӣ-л-ас-Сомӣ”**-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим Майдонии Нишопурӣ, фарҳанги арабӣ ба форсист. Пайравони Сомӣ бисёр буданд ва яке аз онҳо баробари бартараф намудани мушкилӣ ва душвориҳои фарҳанг китобе ба номи “Алобона” таълиф намудааст [3, с.273-276].

Сурурӣ аз ҳамин нусхаи ба номи “ Алобона” маҷҳулмуаллифи шарҳи Сомӣ истифода бурдааст, ки дар ҳошияи нусхаи интиқодии фарҳанг ба ин ишора шудааст.

Дар “Маҷмаъ-ул-фурс” бо номи “Шарҳи Сомӣ” якчанд иқтибоси арабӣ оварда шудааст. Дар шарҳи воҳидҳои луғавии “уст” [8, с.17], “озоддарахт” [8, с.19], “аҳнуз” [8, с.30], “аскудор” [8, с.37], “испурз” [8, с.45], “барғоб” [8, с.119], “баҷ” [8, с.123], “боғуҷ” [8, с.124], “бурд” [8, с.127], “парокӯҳ” [8, с.259], “зафт” [8, с.653], “зимунҷ” [8, с.655], “зоҷ” [8, с.655] ва ғайраҳо аз ин фарҳанг баҳрабардорӣ менамояд ва дар баъзе маврид ин нусхаро зери танқид қарор додааст:

Барғоб – (ба рои муҳмала ва ғайни муъҷама ба вазни маҳтоб) банди об бошад, яъне кӯе, ки об дар дар он ҷамъ шавад казо фӣ- шарҳи Сомӣ ва дар “Нусхаи Ҳалимӣ” (ба зои муъҷама) омада , аввал асаҳ аст [8, с.119].

Дар “Бурҳони қотеъ” низ “барғоб” бар вазни ғарқоб, банди обест, яъне ҷое, ки пеши обро бибанданд, то об дар он ҷамъ шавад [5, с.258].

Яъне “Нусхаи “Шарҳи Сомӣ”-ро аз “Луғати Ҳалимӣ” бартар медонад.

Сурурӣ дар шарҳи як вожа ҳатто шарҳи якчанд фарҳангро муқоиса мекунад ва ба ҳар як маънии он аз шуаро шоҳид меорад. Чунончи дар шарҳи калимаи “баҳор” аз 6 сарчашма ба амсоли “Адот-ул-фузало”, “Шарафнома”, “Туҳфат-ул-аҳбоб”, “Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё”, “Лисон-уш-шуаро” ва “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” маънибардорӣ менамояд. Чунончи:

Баҳор – маъруф... ва дар “Адот-ул-фузало” номи хонаест дар Туркистон ва гули зард. Ва дар “Шарафнома” номи ҷазираест. Ва дар “Туҳфат” хонаи мунаққаши пурнигорро гӯянд ва дигар ба маънии оташкада низ омада. Муаййиди ин маънӣ Шайх Низомӣ гӯяд дар “Иқболнома”:

Байт

Баҳори дилафрӯз дар Балх бувад,
К-аз он сурхгулро даҳон талх бувад.
Зада мӯбадаш наъли заррин бар асб,
Шуда номи он озар Озаргушасб.

Ва дар “Зуфонгӯё” “ баҳор” ба тозӣ гулест, ки онро ба форсӣ “говчашм” гӯянд. Ва дар “Лисон-уш-шуаро” номи хиттаест дар Ҳиндустон. Мисоли ин маънӣ Амир Хусрав гӯяд:

Гаронии сипеҳраш баски сӯйи шарқ афтод,
Фуруд гашт баҳору баланд шуд Ғазнин.

Ва дар “Фарҳанг” номи ҳар гул бошад умуман ва гули норинҷ бошад хусусан... [8, с.137].

Истифодаи усули муқоисавӣ дар фарҳанг аҳамияти онро аз ҷиҳати истифодаи сарчашмаҳо ва шарҳи муфассали вожаҳо боз ҳам афзудааст.

Муаллиф номи се луғатро зикр менамояд, ки муҷиби таҳрири сонии “Маҷмаъ-ул-фурс” буда, фарҳангро боз ҳам мукаммал намудааст. Дар таҳрири дуюми фарҳанг боз 5 луғате, ки Сурурӣ номашро дар дебочаи китоб наовардааст, аммо ҳангоми шарҳи вожаҳо номи онҳоро зикр намудааст, инҳоянд:

- “Канз-ул-луғот”-и Муҳаммад ибни Абдухолиқ дар шарҳи вожаи “тироз” [8, с.913];

- “Ихтиёроти бадеӣ”-и Алӣ ибни ал-Ҳусайн-ул-Ансор дар тафсири калимаҳои “озод” [8, с.33], “анҷида” [8, с.99], “басла” [8, с.200], “панҷнагашт” [8, с.214], “тӯрак” [8, с.309], “хилоли момунӣ” [8, с.499];

- “Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот” таълифи Аҳмад Сурӣ Биҳорӣ дар шарҳи моддаи луғавии “боданҷир” [8, с.137];

- Фарҳанги “Рисолат-ун-наср” дар тавзеҳи воҳиди луғавии “дажхим” [8, с.548]:

- Қомуси арабӣ дар ташреҳи моддаҳои луғавии “тироз” [8, с.913] ва “пешпора” [8, с.259].

Сурурӣ дар ташреҳи вожаҳо бевосита ин луғотро номбар мекунад. Чунончи:

Боданҷир – дар “Кашф-ул-луғот” номи дарахтест маъруф , ки “беданҷир” низ гӯянд ва маънии таркибии он бодшикан бошад, чи “анҷир” ба маънии шикананда ва сӯрохкунанда бошад [8, с.137].

II. **Китобҳои илмию соҳавӣ.** Сурурӣ дар таснифи “Маҷмаъ-ул-фурс” ба ғайр аз фарҳангҳо ба кутуби илмию соҳавӣ низ муроҷиат намуда, аз асарҳои зерин истифода намудааст:

1. «Муъҷам-ул-булдон» -и Ёқути Ҳамавӣ. Асари бузургҳаҷми ҷуғрофишинос ва сайёҳи асри XIII Ёқути Ҳамавӣ буда, аз 10 ҷилд иборат аст ва соли 1224 бо ҳамкории олим, файласуф ва муаррихи араб Ибни Қифтӣ таълиф шудааст. Дар таълифи «Муъҷам-ул-булдон» зиёда аз 50 асари олимони Юнон, аз ҷумла Афлотун, Пифагор, Батлимус, ҷуғрофишиносони Шарқ, аз ҷумла Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Возеҳ, Абузайди Балхӣ ва дигарон ҳамчун сарчашма истифода бурда шудааст.

Асар аз муқаддима, 5 боб, қисми луғат ва қисми таърихӣ иборат аст. Ин асар маълумот оид ба ҷуғрофиёшиносону сайёҳони қадиму асримиёнагӣ, асарҳои илмии онҳо, пайдоиш ва инкишофи адабиёти ҷуғрофии араб, назарияҳо оид ба шакли Замин, таснифоти иқлимии маҳалҳо, бурҷҳои осмонӣ, таърихи ноҳияҳои алоҳида, тақсимоти давлатҳо, тавсифи урфу одати аҳолии минтақаҳои гуногунро фаро мегирад. Дар қисми луғати асар бошад, истилоҳҳо аз рӯйи алифбо ҷой дода шуда, ҳар кадом эзоҳи таърихӣ, географӣ, астрономӣ ва филологию этнографии худро доранд.

Сурурӣ шояд аз ҳамин қисми луғати асар дар шарҳу тафсири шаҳру вилоят, қалъаву минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ашхоси таърихӣ истифода бурдааст, аз ҷумла дар тафсири калимаҳои “Ахсисак” [8, с.57], “Отил” [8, с.64], “Алон” [8, с.83], “Озарбойҷон” [8, с.88], “Исбоҳ” [8, с.106], “Синдбод” [8, с.732]. Чунончи:

Алон – (ба фатҳи “ҳамза”) номи вилоятест аз Туркистонзамин ва баъзе гуфтаанд номи шаҳрест... ва дар “Муъҷам-ул-булдон” (ба ташдиди “лом”) оварда ва гуфта, ки номи билоди восеъаест аз ҷиболи Қабқ ва мулуки онро Куркундох гӯянд (ба замми ҳар ду “коф”). Ва миёни мамлакати Аллон ва ҷиболи Қабқ қалъаест, номи он қалъа Боби Аллон (ба ташдиди “лом”) [8, с.83].

2. “Аҷоиб-ул-булдон”. Дар феҳристи кутуби форсӣ якчанд асар бо номи “Аҷоиб-ул-булдон”-ро, ки муаллифонашон гуногун аст, дучор омадан мумкин аст. Аммо Сурурии Кошонӣ дар шарҳу тавзеҳи аҷоиботи табиат аз “Аҷоиб-ул-булдон”-и Закариё ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Қазвинӣ баҳра бурдааст. Чунончи:

Ос –осиё бошад...ва дар “Аҷоиб-ул-булдон” марқум аст, ки “ос” номи райҳонест бағоят хушбӯй... [8, с.47].

Буссаз – (ба замми “бо” ва фатҳи “син”-и муҳмалаи мушаддада) ва бусаз (ба тахфифи “син”) марҷон бошад ва онро “кома” низ хонанд ва манбати он қаъри дарёест. Расане

афкананд ва баркашанд, чун бар он вазад ва офтоб бар он тобад сурх гардад, казо фӣ “Аҷоиб-ул-булдон” [8, с.133].

3. “Ғароиб-уд-дунё”-и Шайх Озарӣ. Муаллиф дар бораи ҷонварону ҳодисаҳои ғайриодии табиат маълумот дода, барои шоҳид асосан аз эҷодиёти худ шеърҳо меорад. Муаллифи “Маҷмаъ-ул-фурс” аз ин асар ҳамагӣ 4 маротиба дар шарҳи калимоти “хузон” [8, с.467], “хӯша” [8, с.496], “ромуз” [8, с.612], “колбосу” [8, с.1123] истифода бурдааст. Чунончи:

Хузон – номи паҳлавони эронӣ... ва Шайх Озарӣ дар “Ғароиб-уд-дунё” фармуда, ки номи мурғест азим ва гуфта:

Ҳаст мурғе ба номи ӯ хузон,
Дар ҳаво бар яке чу пили дамон. [8,с.496]

4. “Тарҷумаи Сайдана”-и Абурайҳони Берунӣ дар бораи рустаниву гиёҳҳои шифобахш, доруву дармони дардҳо баҳс мекунад. Муаллифи фарҳанг дар мавриди шарҳи номи рустаниву гиёҳҳое чун ангажад [8, с.32], “ос” [8, с.47], “асбағул” [8, с.63], “испарғам” [8, с.69], “девча” [8, с.571] аз ин асари илмӣ истифода намудааст. Чунончи

Девча- хӯраест, ки дар пашмина афтад ва ба зиён диҳад... ва дар “Сайдана”-и Абурайҳони Берунӣ мастур аст, ки девча номи гиёҳест, ки ӯро зардук низ гӯянд (ба фатҳи “зо”-и муъҷама ва замми “ро”-и муҳмала) [8, с.571].

Сурурӣ аз асарҳои илмию соҳавии зерин танҳо як ё ду маротиб истифода бурдааст ва дар ин ҷо дар бораи асар маълумот надода, танҳо мавриди корбурди онро дар фарҳанг қайд менамоем:

5. “Маҷмаъ-ул-ансоб”-и Муҳаммад Алӣ Ҳусайн Шабонкорагӣ.

Парвиз – лақаби Хусрав аст... Соҳиби “Маҷмаъ-ул-ансоб” оварда, ки Парвиз ба луғати паҳлавӣ моҳиро гӯянд. Чун Хусрав моҳиро бағоят дӯст медошт, мулаққаб ба ин ном шуд [8, с.231].

6. “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Алӣ ибни Усмони Ҷалолӣ

Ангалюн – (ба фатҳи “ҳамза” ва “коф”-и форсӣ ва замми “йо”-и ҳуттӣ) китоби тарсоён бошад...ва дар китоби ““Кашф-ул-маҳҷуб” таълифи Алӣ ибни Усмони Ҷалолӣ, ки аз кутуби муътабараи суфия аст, мастур аст, ки дар ҳар чизе, ки аҷоиб бисёр бошад юнониён ангалюн гӯянд ва дар Рум чизе сохтаанд бар мисоли руде дар бемористон, сахт аҷиб ва дар ҳафта ду рӯз беморонро он ҷо баранд ва онро бинавозанд, то беморон бишнаванд ва онро низ ангалюн гӯянд, интиҳои калома [8, с.74].

7. “Ҷавоҳирнома”-и Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ.

Бадахшон – номи вилояте миёни Хуросону Ҳинд...ва Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ дар “Ҷавоҳирнома”-и худ оварда, ки нисбати лаъли Бадахшон на аз он аст, ки конаш он ҷост, балки ба воситаи он аст, ки аз маодин ба Бадахшон нақл кунанд ва он ҷо фурӯшанд [8, с.181].

8. “Ҷоми ҷаҳоннамой”-и Амир Ғиёсиддини Мансур.

Зардушт -...ва Саййид-ул-фузало Амир Ғиёсуддини Мансур дар “Ҷоми ҷаҳоннамой” мефармояд, ки муътамади соҳиби умда он аст, ки дар соли севум аз ҳукумати Гуштосп Зардушт, ки ба заъми маҷус пайғамбар аст зоҳир шуд... [8, с.652].

9. “Шарҳи Қонун”-и Мавлоно Қутбиддини Аллома.

Сом – падари Зол ва дигар варам бошад ва Мавлоно Қутбиддини Аллома дар “Шарҳи Қонун” оварда, ки “ас-сарсом ҳува лафзу мураккаб мин калиматайн: ас-сар ва ҳува арраъс ва ас-сом ва ҳувал варам” [8, с.776].

10. “Китоб-ут-тафҳим”-и Абӯрайҳони Берунӣ.

Сада – (ба вазни зада) даҳум рӯз аз баҳманмоҳ...ва дар “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ мастур аст, ки он рӯзро ба ду ваҷҳ “сада” мегӯянд, яке он ки аз он рӯз то наврӯз панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб мемонад. Дувум он ки дар он рӯз иддае фарзандони падари нахустин, ки Абулбашар Одам (а) бошад ба сад расида буд ва садро дар қадим ба “син” менавиштаанд [8, с.704].

Ҳамчунин, аз “Таърихи Вассоф”-и Шаҳобиддини Абдуллоҳи Шерозӣ дар шарҳи калимаи “испандурмуз” [8, с.33], аз “Мақомоти Ҳамидӣ”-и Ҳамидуддини Балхӣ дар тавзеҳи вожаи “Ӯш” [8, с.49], аз “Маҷолис-ул-муъминин”-и Қорӣ Нуруллоҳ дар тафсири воҳиди луғавии “гай” [8, с.1349] истифода бурда шудааст.

III. Осори адабӣ. Муаллифи фарҳанг барои истиноди маънӣ аз ашъори шуарои адабиёти классики форсу тоҷик фаровон истифода бурдааст. Чи тавре ки Мирзо Тақиуддини Кошонӣ дар “Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор” таъкид менамояд, “Ва дар ин вало китобе дар луғоти фурс таълиф намуда мавсум ба “Маҷмаъ-ул-фурс” ҳалли луғоти мушкилоти “Хамса”-и Шайх Низомӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ва дигар шуарои мутақаддимин фармуда” [8, с.579]. Яъне, “Маҷмаъ-ул-фурс” барои шарҳу тавзеҳи вожаҳои душворфаҳми осори Низомӣ ва дигар шоирони пеш аз он зиндагӣ карда хидмат мекунад. Сурурӣ барои абёти шоҳид аз ашъори шуарои асри X то намояндагони асри XVI, дар маҷмуъ аз осори 247 шуаро истифода намудааст. Ҳангоми истиноди абёти шоҳид номи асарҳои “Шоҳнома” [8, с.643], “Маснавии маънавӣ” [8, с.10, 11, 14] “Махзан-ул-асрор” [8, с.744], “Иқболнома” [8, с.662], “Шарафнома” [8, с.137], “Искандарнома” [8, с.806], “Хусрав ва Ширин” [8, с.205, 382], “Лайлӣ ва Маҷнун” [8, с.910], “Ҳафт пайкар” [8, с.516], “Гулшани роз” [8, с.1047], “Ҷоми Ҷам” [8, с.835], “Ҳумой ва Ҳумоюн” [8, с.224], “Меҳру Муштарӣ” [8, с.157], “Юсуф ва Зулайхо” [8, с.747], “Қирон-ус-саъдайн” [8, с.266], “Вис ва Ромин” [8, с.542], “Туҳфат-ул-ироқайн” [8, с.603,764], “Бӯстон” [8, с.643], “Гулистон” [8, с.128], “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” [8, с.1144], “Мақолот” [8, с.508] бевосита зикр шудааст.

Инчунин аз мисолҳо маълум мешавад, ки муаллифи фарҳанг девони ашъори шоирони бузурге чун Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саноии Ғазнавӣ, Саъдии Шерозӣ, Анварии Абевардӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Носири Хусрав, Масъуди Саъди Салмон, Ҳофизи Шерозӣ, Бӯисҳоқи Атъима, Сироҷиддини Роҷӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Хоҷуи Кирмонӣ ва дигаронро бевосита истифода намудааст.

Баррасии мавзуи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Сурурии Кошонӣ дар таҳрири аввали “Маҷмаъ-ул-фурс” 16 асар, аз ҷумла 15 фарҳангро истифода бурдааст, то ки аз онҳо луғати ҷомеи форсиро таълиф намояд;

2. Сурурӣ дар таҳрири дуюми “Маҷмаъ-ул-фурс” номи се луғатро зикр менамояд, ки фарҳангро боз ҳам мукаммал намудааст. Бар замми ин боз 6 луғате, ки Сурурӣ номашро дар дебочаи китоб зикр накардааст, истифода шудааст, ки инҳоянд: “Канз-ул-луғот”-и Муҳаммад ибни Абдухолиқ, “Ихтиёроти бадеӣ”-и Алӣ бинни ал-Ҳусайн-ул-Ансор, “Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот”-и Аҳмад Сурӣ Биҳорӣ, Фарҳанги “Рисолат-ун-наср”, Қомуси арабӣ.

Сурурӣ дар ташреҳи вожаҳо бевосита ин луғотро номбар мекунад;

3. Муаллиф сарчашмаҳои фарҳангро аз назари интиқодӣ низ истифода намуда, андешаҳои худро нисбат ба иштибоҳоти фарҳанг иброз доштааст;

4. Дар шарҳи вожаҳо ва истиноди шавоҳид аз осори илмию соҳавӣ аз қабили асарҳои тиббию ҷуғрофӣ, таърихию тасаввуфӣ истифода бурдааст.

5. Ҳамчунин аз ашъори 247 шуарои мутақаддим ва муосираш баҳрабардорӣ намуда, онҳоро ҳамчун байти шоҳид овардааст.

6. Дар “Фарҳанги Сурурӣ” иқтибосҳои арзишманде аз фарҳангҳое, ки то замони мо нарасидаанд, маҳфуз мондаанд ва тавассути ин хусусият “Маҷмаъ-ул-фурс” дар фарҳангнигории тоҷик аҳамияти муҳимми сарчашмавӣ дорад.

Муқарриз: ***Юнусова Д.*** – н.и.ф., дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Баевский С.И. Описание персидских рукописей Института народов Азии.(Выпуск 4). Персидские толковые словари (фарханги) / С.И. Баевский. - Москва, 1962. – 85 с.
2. Баевский С.И. Ранняя персидская лексикография XI-XV вв. Монография / С.И. Баевский. - Москва: Наука, 1989. – 164 с.
3. Волаи Доғистонӣ. Тазкираи “Риёз-уш-шуаро” / Доғистонӣ, Вола. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷилди II. Асотир. – Теҳрон, 1384. – 1316 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷ.40. / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон, 1337. - С.273-276.
5. Капранов В.А. Таджикско-персидская лексикография в Индии XVI-XIX вв. Монография / В.А. Капранов. - Душанбе: Дониш, 1987. – 224 с.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Дар 5 муҷаллад / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бо эҳтимоми дуктур Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1342. - Ҷ.1. – 550 с.; - Ҷ.2. - 551-1216 с.; - Ҷ.3. - 1217-1923 с.; - Ҷ.4. - 1924-2469 с.; - Ҷ.5.-1-287 с.
7. Мудаббирӣ, Муҳаммад. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон / Муҳаммад Мудаббирӣ. – Теҳрон, 1370. – 704 с.
8. Насриддин, А. “Шамс-ул-луғот” ва аҳамияти он барои луғатшиносии тоҷик / А.Насриддин. - Душанбе: Ирфон, 1982. – 143 с.
9. Насриддин, А. Чиҳил мақола / А.Насриддин. - Хуҷанд, 2007. – 577 с.
10. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт / А.Насриддинов. - Душанбе: Ирфон, 1991. – 188 с.

11. Рауфов, Ҳ. "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ" ҳамчун сарчашмаи лексикографии тоҷику форс. Монография / Ҳ. Рауфов. - Душанбе, 1973. – 191 с.
12. Сурурӣ, Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ. Фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс”. Дар се муҷаллад / Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонии Сурурӣ. Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. - Теҳрон, 1338. - Ҷ.1-1-500 с.; - Ҷ.2. - 500-1000 с.; - Ҷ.3. - 1000-1657 с.
13. Тақиуддини Кошонӣ. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор / Кошонӣ, Тақиуддин. Ба кӯшиши Абдулалӣ Адиби Барӯманд ва Муҳаммад Ҳусайн Насирӣ Кӯҳнумӯӣ. - Теҳрон: Маркази пажӯҳишии Мероси мактуб, 1384. – 843 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (Иборат аз 2 ҷилд). Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. - Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 944 с.
15. Феҳрасти нусхаҳои хатии форсии Институти ховаршиносӣ, (милали Осиёӣ). Фарҳангистони улуми Русия. Ба эҳтимоми У.Ф. Акимушкин, В.В. Кушуф, Н.Д. Микалухув, А.М. Мугинов, М.А. Салоҳиддинов. - Теҳрон: Созмони мадорики фарҳангии инқилоби исломӣ, 1374. – 492 с.

“ФАРҲАНГИ СУРУРӢ” ДАР МАСИРИ ФАРҲАНГНИГОРИИ ТОҶИК

“Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурии Кошонӣ яке аз маҷмуътарин фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад. Муаллифи “Маҷмаъ-ул-фурс” дар таҳияи фарҳанги хеш аз луғатҳои тафсирии форсӣ, туркӣ ва арабӣ фаровон истифода бурдааст. Ҳамчунин, осори илмию соҳавӣ ва ашъори шоирони классики тоҷикро ҳамчун истинод ба кор бурдааст. Аз ҷиҳати иқтибос аз сарчашмаҳои муътамади илмию адабӣ “Фарҳанги Сурурӣ” дар фарҳангшиносии форсу тоҷик арзишу аҳамияти хосси худро дорад. Ин фарҳанг тули асрҳои гузашта аз ҷониби котибон дар манотиқи гуногуни Осиё китобат карда шуда, нусхаҳои муътабари он дар китобхонаҳои бузурги дунё нигаҳдорӣ карда мешаванд. Дар асри гузашта аз ҷониби фарҳангшиносони барҷаста чандин нусхаҳои интиқодии он низ рӯйи кор омадааст. Таҳқиқу омӯзиши арзиши илмию адабии ин фарҳанг, вижагиҳои хосси он, хусусияти лексикографию адабӣ, равиши тасниф ва сохтори ин фарҳанг дар адабиётшиносии тоҷик аз мавзуъҳои тоза ва муҳим буда, анҷом додани он заминае барои рушди луғатшиносии муосир, омӯзиши луғатномаҳои давраҳои асрҳои миёна ва ҳозира, фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ ва шинохти осори онҳо мусоидат хоҳад кард. Ин мақола дар адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии тоҷик мавзуи навро рӯйи кор оварда, сарчашмаҳои фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурии Кошонӣ аз ҷиҳати матншиносӣ ва нақди адабӣ маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: “Маҷмаъ-ул-фурс”, сарчашмаҳои фарҳанг, нақду тасҳеҳ, фарҳангҳои тафсирӣ, китобҳои илмию соҳавӣ, осори шоирони классик, иқтибосҳо.

«СЛОВАРЬ СУРУРИ» И ЕГО ЗНАЧИМОСТЬ В ТАДЖИКСКОЙ ЛЕКСИКОГРАФИИ

«Маджма-уль-Фурс» Сурура Кашани считается одним из самых полных интерпретационных словарей средневековья. Автор «Маджма-уль-фурс» использовал при составлении своего словаря персидский, турецкий и арабский толковые словари. Также в качестве справочников он использовал научные труды и стихи таджикских поэтов-классиков. По степени, цитирования достоверных научных и литературных источников «Словарь Сурури» имеет свою особую ценность и значение в персидско-таджикской лексикографии. Эти словари веками переписывались писцами в разных частях Азии, и их достоверные копии хранятся в великих библиотеках мира. В прошлом веке видными культурологами было опубликовано несколько критических версий. Исследование и изучение научной и литературной ценности этого словаря, его специфических черт, лексикографической и литературной характеристики, подход к классификации и структуре данного словаря в таджикской литературе являются новыми и важными темами, и их завершение является основой для разработки современной лексикологии; изучение словарей средних веков и современности будет способствовать средневековому толкованию и признанию их труда. Данная статья вводит новую тему в таджикское литературоведение и культурологию и считается началом изучения словаря «Маджма-уль-фурс» Сурура Кашани, с точки зрения текстологии и литературоведческого анализа.

Ключевые слова: «Маджма-уль-Фурс», источники словарей, критика и коррекция, интерпретационные словари, научные и специализированные книги, произведения поэтов-классиков, цитаты.

"SURURI DICTIONARY" AND ITS SIGNIFICANCE IN TAJIK LEXICOGRAPHY

Majma-ul-Furs by Surur Kashani is considered one of the most complete interpretative dictionaries of the Middle Ages. The author of Majma-ul-Furs used Persian, Turkish and Arabic explanatory dictionaries when compiling his dictionary. He also used scientific works and poems of Tajik classical poets as reference books. From the point of view of citing reliable scientific and literary sources, the Sururi Dictionary has its own value and significance in Persian-Tajik lexicography. These dictionaries have been copied over the centuries by scribes in various parts of Asia, and its authentic copies are kept in the great libraries of the world. In the last century, several critical versions have been published by prominent culturologists. The study and study of the scientific and literary value of this dictionary, its specific features, lexicographic and literary characteristics, the approach to the classification and structure of this dictionary in Tajik literature are new and important topics, and its completion is the basis for the development of modern lexicology, the study of dictionaries of the Middle Ages and modernity will contribute to the medieval interpretation and recognition of their work. This article introduces a new topic in Tajik literary criticism and cultural studies and is considered the beginning of the study of the dictionary "Majma-ul-furs" by Surur Kashani from the point of view of textual criticism and literary analysis.

Key words: "Majma-ul-Furs", sources of dictionaries, criticism and correction, interpretation dictionaries, scientific and specialized books, works of classical poets, quotations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Султонова Гулбаҳор Абдувайитовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи адабиёти классики тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1

Сведения об авторе: ***Султонова Гулбахор Абдувайитона*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, соискатель кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова 1

Information about the author: ***Sultonova Gulbahor Abduvayitovna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, claimant for candidate degree of the department of classical Tajik literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov, Ave., 1

УДК: 491.550:495.1

ХУСУСИЯТҲОИ САРФИЮ НАҲВИИ ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲОТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Ҷанг Лей
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносӣ (аз порсӣ: زبانشناسی), **лингвистика** (аз лотинӣ: Linguistica), 语言学 (аз чинӣ), илм дар бораи забони инсон буда, қонуни мавҷудият ва инкишофи таърихии онро меомӯзад. Забоншиносӣ бо илмҳои дигар низ алоқаи мустаҳкам дорад.

Забони муосири тоҷик тайи солҳои охир дар заминаи истилоҳотгузинӣ таҷрибаи фаровони амалӣ ва андешаҳои муфиди назарӣ ҳосил намуд ва аз нигоҳи сохторӣ низ кори зиёде дар ин ришта ба анҷом расидааст.

Яъне, ин нуқта далели он аст, ки забон дар ташаккули ҳама ҷиҳатҳои кӯшиши инсон, аз ҷумла идрок, маърифат ва мубодила нақши муҳимро мебозад. Баъд аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон дар тамоми риштаҳои илм, аз ҷумла дар соҳаи илми забоншиносӣ пешравиҳои назаррасе ба мушоҳида расида истодааст, ки дар он саҳми олимон ба монанди В.В. Виноградов, П. Хорн, Ж. Лазар, Д.С. Лотте, Н.П. Кузкин, А.А. Реформатский, А.Д. Хаютин, Э. Бенвенист, Т. Барроу, М. Шаки, З. Телегди, В.С. Расторгуева, И.М. Оранский, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, В.А. Лившиц, Л.П. Смирнова, М.Н. Боголюбов, И.М. Стеблин-Каменский, Д.И. Эделман, М.И. Исаев, М. Шакури, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Назарзода, Чжен Шупу, Фэн Чживэй ва ғайраҳо басо калон аст.

Дар фарҳанг **истилоҳ** чунин маънидод карда шудааст*:* калима ё иборае, ки дар ҳавзаи амалкарди ягон соҳаи илму фан маънои мушаххасро ифода мекунад, **(ба) дар истилоҳи**… ба ифодаи…, аз рӯйи гуфти…, ба ибораи…

Лексемаи **истилоҳӣ** мансуб ба истилоҳ: маънои истилоҳии калимаро ифода мекунад..

Лексемаи **истилоҳот, истилоҳ** инчунин маънои маҷмуи истилоҳҳои хосси ягон соҳаи илму фан: **истилоҳоти забоншиносӣ, истилоҳоти фалсафа ва** ғайраро ифода мекунад..

Лексемаи **истилоҳшинос** дар фарҳанг маънои зерин дорад: забоншиносе, ки ба пажуҳиши истилоҳот машғул аст.

Лексемаи **истилоҳшиносӣ** ҳамчун соҳаи забоншиносӣ оид ба таҳқиқу омӯзиши истилоҳ қайд шудааст [13, с.588].

Дар баъзе забонҳои Аврупо дар ифодаи мафҳуми истилоҳ аз калимаи «термин» истифода мекунанд. Дар забони чинӣ истилоҳ мафҳуми学期 –ро мефаҳмонад.

Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи аслии он ҳарчӣ расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст.

Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба он ҷо доранд ва барои аҳли фан, ё мардуми бештар ошно буда метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд. Вале, замоне ки дар забон луғати муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ фаъолияти луғатсозии забон ба кор медарояд.

Лексика бо грамматика алоқаи зич дорад, ки он хусусан, дар протсесси калимасозӣ равшан зоҳир мегардад, зеро калимасозиро грамматика идора карда, ба система медарорад. Сохти грамматикӣ бо қоида ва категорияҳои худ таркиби луғавиро фаро мегирад. Бинобар ин, воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ ба қонунҳои хосси грамматикии он вобастаанд. Дар протсесси калимасозӣ қонунҳои инкишофи дохилии забон равшан зоҳир мегарданд.

Грамматика дар системаи грамматикии забон мавқеи махсусро ишғол намуда, воҳидҳои махсуси забонро дар бар мегирад, ки барои ифодаи фикр, муошират ва муоширати байни одамон истифода мешаванд. Грамматикаро бе сарф тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро ҳарду дар якҷоягӣ грамматикаи ҳар як забон, аз ҷумла грамматикаи забони англисӣ ва тоҷикиро ташкил медиҳанд ва бо ҳамдигар робитаи мустаҳкам доранд.

Воҳидҳои асосии грамматикии ҳар забон, ибора ва ҷумла буда, мавзуи таҳқиқоти мо ба таъриф ва тавзеҳи истилоҳоти ба ҳам наздик марбут аст. Наҳв қисми таркибии грамматика буда, илм дар бораи воҳидҳои калонтари забон – ибора, ҷумла ва аъзоҳои ҷумла мебошад. Мафҳуми марказии наҳв ҷумла буда, ба воситаи он фикри инсон ташаккул ва ифода меёбад, одамон мубодилаи афкор мекунанд. Ҷумла воҳиди хурдтарини мухобиравии забон ва нуқт аст. Масъалаи ҷумла, таърифи он то ҳол мубоҳисавӣ мебошад.

Ҷ.Суит ҷумларо чунин таъриф додааст. Ҷумла гуфта як калима ё гурӯҳи калимаҳоеро меноманд, ки қобилияти ифода кардани фикр ё маънои томро дорад [11, с.155].

Калимаҳо ба маънои луғавии худ аксар дар ифодаи мафҳумҳо ба кор бурда шуда, бо қиёфаи овозиашон ифодагари фақат номҳо мебошанд. Дар миёни ин ду қутби ба ҳам муқобили зоҳиршавии калимаҳо вазифаҳои дигари дар забон доштаи онҳо низ амалӣ мегарданд. Дар сермаъноии калима мо бо ҷиҳати дигари калима вомехӯрем. Ин маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо мебошад.

Истилоҳҳо, ки маҷмуи онҳоро истилоҳшиносӣ низ меноманд, барои соҳаҳои ҷудогонаи илму дониш ва касбу ҳунар хоссанд. Агар истилоҳ сермаъно шавад, он вақт вай хислати асосии худро гум мекунад ва ба калимаи сермаъно мубаддал мегардад.

Сермаъно гаштани калима дар натиҷаи ба мафҳуми маълум дарк кардани маънии муайяне ба вуҷуд меояд. Ин гуна ҳодисаро васеъ гаштани маънӣ меноманд.

Дар таҳқиқоти бештари муҳаққиқон, ки ҳадафи асосиашон ошкор кардани хусусиятҳои калимасозии ин ё он ҳиссаи нутқ ё гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ будааст, имконоти калимасозии пешванду пасвандҳо, мураккабшавӣ ва таркибсозиҳо дар доираи ҳиссаҳои нутқ баррасӣ гардидаанд.

Истилоҳи **“ҷумла句子”** аз нигоҳи сохтор сода буда, маънии он калонтарин воҳиди сохторӣ мебошад, ки тавассути он грамматикаи забон сохта мешавад. Бо истифодаи истилоҳи **“ҷумла句子”** якчанд истилоҳоти нав метавон сохт, ки ҷузъи асосии онро исм ташкил медиҳад. Мисол: **ҷумлаи сода**简单句, **ҷумлаи мураккаб**复杂句, **ҷумлаи мураккаби пайваст**复合句, **ҷумлаи саволӣ**疑问句, **ҷумлаи инкорӣ**否定句, **ҷумлаи ҳикоягӣ**叙事句, **ҷумлаи бешахс非人称句, ҷумлаи тафсилӣ复句, ҷумлаи туфайлӣ分句, ҷумла сохтан造一个句子, ҷумлабандӣ 连词,成句 ҷумлагӣ** ва ғайра [12, с.760].

Оиди ин мавзуъ забоншиноси рус ба монанди О.С. Ахманова роҷеъ ба истилоҳи наҳв фикру ақидаи худро иброз намудааст: “Наҳв барои омӯзиши қонуну қоидаҳои грамматикӣ муносибати дутарафа дошта, барои дохил кардани калима дар раванди нутқ онро ба таври конкретӣ ё мушаххас ба тартиб даровардан аст” [10, с.123].

Ба ибораи дигар ифода намоем, дар баҳси мавзуи наҳв ҷумла ва навъҳои он дар равобит ба ибора ва тартиб додани ҷумла нақши муҳиммеро мебозад, ки ба истилоҳи наҳв асосан ду истилоҳи ба ҳам рабт дошта, ибора ва ҷумларо дар грамматикаи ҳарду забон ҳам оҳанг меҳисобанд.

Наҳв ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи грамматика ба ҳисоб рафта, барои худомӯзӣ ва ё азхуднамоии қоидаҳои баҳамоии калима ва қоидаи тартиб додани ибораву ҷумларо дар забон муайян месозад.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ зери таҳрири Назарзода С **ҷумла** *маънои* ҳама, ҳамагӣ; **ҷумлаи**..., ҳамаи..., тамоми... инчунин гурӯҳ, тӯда, доира; **аз ҷумла** аз ин гурӯҳ, аз ин ҳисоб, дар он миён **аз ҷумлаи**... а) аз гурӯҳи..., аз қабили…; **бар ҷумлаи**... ба ҳамаи...; **аз ин (он) ҷумла** аз ин ҳисоб, инчунин. Аз ҷиҳати *грам*. - як калима ё якчанд калимаи аз ҷиҳати грамматикӣ ва овоӣ муташаккил, ки як фикри томро ифода мекунад, қайд шудааст. Мисол: **ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи хабарӣ, ҷумлаи саволӣ, ҷумлаи хитобӣ, ҷумлаи пайрав; ҷумла-ҷумла** бо ҷумлаҳои алоҳида, қисм-қисм.

Лексемаи **ҷумлабандӣ** *грам.* сохти ҷумла инчунин маънои тарзи гуфтор, шакли ифодаи фикрро ифода мекунад.

Лексемаи **ҷумлагӣ** ҳамагӣ, ҳама, тамом, тамомӣ. Лексемаи **ҷумлапардоз** чунин маънӣ дорад: он ки фикрашро хуб ифода мекунад, суханпардоз. Устоди сухан, суханвар [13, с.605].

Аз таҳлили маводҳои фарҳангҳо маълум мешавад, ки ин истилоҳҳо сермаъно буда, барои васеъ намудани доираи истифодаи худ хизмат мекунанд.

Аз мавқеи илми морфология, ки ба омӯзиши шакл ва сохту таркиби калимаҳо машғул аст, бо назардошти ҳамон се хусусият, яъне маънои луғавӣ, аломатҳои морфологӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи синтаксисиашон дар ҷумла калимаҳо ба 10 гурӯҳ ҷудо карда шуда, дар маҷмуъ ҳар яке аз ин гурӯҳҳо **ҳиссаи нутқ** ном гирифта, дар навбати худ ба ҳар кадоме аз он ҳиссаҳои нутқ барои фарқ кардан аз дигараш номи махсус ҳам дода шудааст, яъне ин тавр: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянд ва пасояндҳо, ҳиссача, нидо.

Барои мисол истилоҳи "**сифат**"质量-ро меорем. Истилоҳи "**сифат**" дар забони тоҷикӣ ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Мисол: сифати аслӣ, сифати нисбӣ ва ғ. Истилоҳи номбурда дар забони чинӣ эквалентҳои *"*质量 " дошта, ҳар яке дар матн бо маънии истилоҳии худ корбурд мегарданд.

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони чинӣ сифатҳо хосият, моҳият, миқдор, шакл, ранг, хусусияти фикрию ҷисмониро ифода карда, тамоми хусусиятҳоро муайян мекунанд: хурд小的, калон大的, нарм柔软的, мулоим软的, душвор硬的, гарм热的, сафед白的， кабуд蓝的ва ғайра.

Дар созмонёбии вожаи **бесифат没有形容词-** пешоянд ва ҳиссаи нутқ, яъне сифат иштирок мекунад ва онро мо бо модели **пешоянд+сифат** ишора мекунем.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки миқдори зиёди вожаҳо бо ҳамроҳ кардани ҳиссаҳои гуногуни нутқ калимаҳои мураккаб месозанд. Мисол: Бо ҳамроҳ кардани вожаи "**аъло"** ба вожаи "**сифат",** калимаи мураккаби "**аълосифат 质量好的"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем.

Инчунин, вожаи **бадсифат质量差的**низ чунин шаклро дорост. Бо ҳамроҳ кардани вожаи "**бад"** ба вожаи "**сифат"**, калимаи мураккаби "**бадсифат"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем**.**

Дар созмонёбии вожаи **бадсифатӣ** се ҷузъӣ калимасозӣ иштирок мекунад: **сифат+сифат+пасоянд, бад+сифат+ӣ [**12, с.160].

Дар забони тоҷикӣ вожаи **баландсифат高**质量的чунин тарзи калимасозӣ дорад: **сифат+сифат,** яъне бо ҳамроҳ кардани вожаи "**баланд"** ба вожаи "**сифат"**, калимаи мураккаби "**баландсифат"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем.

Дар сифатсозӣ ин "истилоҳ" серистеъмол буда, асосан, сифати монандӣ месозад, бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, сифатҳое месозад, ки хислату рафтори шахс ва аломати ашёро мефаҳмонанд, бо сифатҳои ифодакунандаи хислат, рафтору кирдори шахс омада, исми амал месозад.

Дар созмонёбии вожаи **баландсифатӣ高质量**се ҷузъӣ калимасозӣ иштирок мекунад: **сифат+сифат+пасоянд, баланд+сифат +ӣ.**

Дар забони тоҷикӣ вожаи **бӯқаламунсифат**生活质量чунин тарзи калимасозӣ дорад: **сифат+сифат,** яъне бо ҳамроҳ кардани вожаи "**бӯқаламун"** ба вожаи "**сифат"** калимаи мураккаби "бӯ**қаламунсифат"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем.

Вожаи **ваҳшисифат** бо ҳамроҳ кардани вожаи "**ваҳши"** ба вожаи "**сифат"**, калимаи мураккаби "**ваҳшисифат"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем [12, с.127].

Инчунин, вожаи **гадосифат乞讨**низ чунин шаклро дорост**.** Бо ҳамроҳ кардани вожаи "**аъло"** ба вожаи "**сифат"**, калимаи мураккаби "**гадосифат"** сохта мешавад ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем.

Дар забони тоҷикӣ вожаи **гулсифат**质量好的花бо ҳамроҳ кардани вожаи "**гул"** ба вожаи "**сифат"** калимаи мураккаби "**гулсифат"** сохта мешавад, ва онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем [12, с.154].

Дар созмонёбии вожаи **гургсифат狼性**вожаи гург ва сифат иштирок мекунанд ва калимаи мураккаб месозанд**,** онро мо бо модели **сифат+сифат** ишора мекунем [12, с.154].

Пеш аз ҳама, бояд ба эътибор гирифт, ки мафҳумҳо аз категорияҳои муҳимтарини мантиқ - илм оид ба қонуниятҳои мавҷудияти тафаккур ба шумор мераванд. Тафаккури инсонӣ қонуниятҳои зиёде дорад, ки барои ҳамаи мардумони рӯйи замин, ки бо забонҳои гуногун гап мезананд, қимати якхела доранд.

Одатан, калимаҳое, ки якчанд маънои луғавии мафҳумӣ доранд, ба ин хосият соҳибанд.

Баъзеҳо ақида доранд, ки калимаҳои сермаъно танҳо бо як маъноияшон ба мафҳум далолат мекунанд ва бо маъноҳои боқимондаи худ мафҳумро ифода карда наметавонанд.

Дуруст аст, ки калимаҳо агар ба ҷумлаи калимаҳои ифодагари мафҳумҳо дохил шаванд, бо яке аз маъноҳои худ мафҳумро бевосита ифода мекунанд. Онҳо бо маъноҳои дигари луғавиашон низ ба мафҳумҳо далолат карда метавонанд фақат ба тарзи бавосита.

Мумкин аст, дар ифодаи як мафҳум якчанд калима ба кор бурда шавад. Ин хосият бештар дар калимаҳои ҳаммаъно мушоҳида мешавад. Дар маъноҳои ҷудогонаи чунин калимаҳо ҷиҳатҳои гуногуни мафҳумҳои ифодашаванда акс шудаанд.

Одатан дар чунин мавридҳо барои пурратар кушодани моҳияти мафҳум якчанд калимаи ҳаммаъно ва ё наздикмаъно ба кор бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки калимаву истилоҳоте, ки дар мавриди соҳаи забоншиносӣ кор фармуда мешаванд, дар таркиби луғавии забони тоҷикию чинӣ теъдоди зиёд доранд. Фаровон будани шумораи вожаҳои ин бахш аз он ҷиҳат аст, ки иддае аз онҳо хусусияти маъноӣ зоҳир мекунанд.

Инчунин истилоҳоте, ки характери умумитоҷикӣ дошта, дар тамоми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истеъмол меёбанд, низ кам нестанд. Ин аст, ки истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ, агар аз як тараф, лаҳҷаҳои забони тоҷикиро барқарор созад, аз тарафи дигар, онро ба сифати як лаҳҷаи мустақил аз лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҷудо менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон оид ба ноустуворӣ, мунтазам тағйирёбии зерсистемаи мазкур, ки бавуҷудоварандаи моделҳои зиёди сохта ва фаъолнокии калимасозӣ аст, хулосабарорӣ кард.

Гуногуншаклӣ ва бетағйирӣ хусусиятҳои мавҷудаи сохтори забон буда, табиатан ба забон вобастаанд, ки забон бе ин вуҷуд дошта ва ё ривоҷ ёфта наметавонад.

Таҳлили амалишуда нишон дод, ки пасвандҳо дар ташкили калимасозии ғайримеъёрӣ ширкат меварзанд, ҳамагӣ ба гурӯҳи омехта шомиланд, ки на танҳо ба асосҳои объективӣ ва субстантивӣ ҳамроҳ мешаванд, инчунин ба асосҳои феъл, ки хосси меъёр (стандарт) нестанд, пайваст мешаванд.

Аз асри IX то ба имрӯз теъдоди фаровони истилоҳот ба забони тоҷикӣ дохил шудааст. Ин раванд яке аз равандҳои доимӣ буда ва он ба пайдоиши мафҳумҳо ва маъниҳои нав дар забон иртибот дорад. Дар марҳилаи кунунии ташаккули забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои рушди забон ин танзим ва ҳамгунсозии луғоту истилоҳоти навини байналмилалӣ ва дарёфти муродифоти муносиб ва дурусти онҳо мутобиқ ба меъёрҳои суннатии забони адабӣ мебошад, ки дар анҷоми чунин кор таҳия ва нашри фарҳангҳои истилоҳоти соҳавӣ ва фарҳангҳои ҷомеъ дар ду забон муҳим арзёбӣ мешаванд.

Муқарриз: ***Имомзода М.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Луғати терминҳои забоншиносӣ. - Душанбе: Маориф, 1989. - 262 с.
2. Николаев Г.А Англо-русский исторический словарь: 30 000 имен, названий, терминов / Г.А. Николаев - М.: Изд. Группа «Прогресс», «Лексикон», 1995. - 461 с.
3. Джаматов С.С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков / С.С. Джаматов. – Душанбе: Дониш, 2017. – 412 с.
4. Усмонов К. Категория определенности - неопределенности в современном таджикском и английском языках / К.Усмонов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 196 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҷозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои сода. Ҷ.2. - Душанбе: Дониш, 1987. – 372 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. Ҷ.3. - Душанбе: Дониш, 1989. - 224 с.
8. Усмонов К.У. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. - 131 с.
9. Маҳмудов Д. Баъзе масоили морфология ва синтаксис / Д.Маҳмудов, М.Шоев, Ф.Сангинов, Ш.Ҳақназаров. - Душанбе, 2012. – 156 с.
10. Ogawa H. Old English modal verbs: A syntactical study / H.Ogawa. - Copenhagen: Roskilde and Bagger, 1989. - 319 p.
11. Sweet M. A new English Grammar. Part 1 / M.Sweet. - Oxford, 1900, P.155.
12. Таджикско-русский словарь. - Душанбе, 2006. - 316 с.
13. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. – 950 с.
14. Ҷоматов, С. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ: англисӣ-русӣ тоҷикӣ / С. Ҷоматов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - 250 с.

ХУСУСИЯТҲОИ САРФИЮ НАҲВИИ ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲОТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Дар мақола сухан дар бораи хусусиятҳои сарфию наҳвии истифодаи истилоҳот дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ меравад. Лексика бо грамматика алоқаи зич дорад, ки он хусусан, дар протсесси калимасозӣ равшан зоҳир мегардад, зеро калимасозиро грамматика идора карда, ба система медарорад. Сохти грамматикӣ бо қоида ва категорияҳои худ таркиби луғавиро фаро мегирад. Бинобар ин, воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ ба қонунҳои хосси грамматикии он вобастаанд. Дар протсесси калимасозӣ қонунҳои инкишофи дохилии забон равшан зоҳир мегарданд. Қайд кардан лозим аст, ки калимаву истилоҳоте, ки дар мавриди соҳаи забоншиносӣ кор фармуда мешаванд, дар таркиби луғавии забони тоҷикию чинӣ теъдоди зиёд доранд. Ба ақидаи муаллиф, таҳлили амалишуда нишон дод, ки пасвандҳо дар ташкили калимасозии ғайримеъёрӣ ширкат меварзанд, ҳамагӣ ба гурӯҳи омехта шомиланд, ки на танҳо ба асосҳои объективӣ ва субстантивӣ ҳамроҳ мешаванд, инчунин ба асосҳои феъл, ки хосси меъёр (стандарт) нестанд, пайваст мешаванд. Таҳлили амалишуда нишон дод, ки пасвандҳо дар ташкили калимасозии ғайримеъёрӣ ширкат меварзанд, ҳамагӣ ба гурӯҳи омехта шомиланд, ки на танҳо ба асосҳои объективӣ ва субстантивӣ ҳамроҳ мешаванд, инчунин ба асосҳои феъл, ки хосси меъёр (стандарт) нестанд, пайваст мешаванд. Аз асри IX то ба имрӯз теъдоди фаровони истилоҳот ба забони тоҷикӣ дохил шудааст. Ин раванд яке аз равандҳои доимӣ буда ва он ба пайдоиши мафҳумҳо ва маъниҳои нав дар забон иртибот дорад. Дар марҳилаи кунунии ташаккули забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои рушди забон ин танзим ва ҳамгунсозии луғоту истилоҳоти навини байналмилалӣ ва дарёфти муродифоти муносиб ва дурусти онҳо мутобиқ ба меъёрҳои суннатии забони адабӣ мебошад, ки дар анҷоми чунин кор таҳия ва нашри фарҳангҳои истилоҳоти соҳавӣ ва фарҳангҳои ҷомеъ дар ду забон муҳим арзёбӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: хусусиятҳои сарфӣ, сохти грамматикӣ, наҳвӣ, истилоҳот, забони тоҷикӣ, чинӣ, лексика, грамматика, калимасозӣ, забон.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ И СИНТАКСИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье говорится о грамматических и синтаксических особенностях употребления терминов в таджикском и китайском языках. Лексика имеет тесную связь с грамматикой, что особенно проявляется в процессе словообразования, поскольку словообразование контролируется грамматикой и вводится в систему. Грамматическая структура охватывает словарный запас с его правилами и категориями. Поэтому средства словообразования таджикского языка зависят от его конкретных грамматических законов. В процессе словообразования ярко проявляются законы внутреннего развития языка. Следует отметить, что в лексике таджикского и китайского языков имеется много слов и терминов, используемых в области языкознания. По мнению автора, проведенный анализ показал, что суффиксы участвуют в ненормативном словообразовании, относятся к смешанной группе, которые связаны не только с объектными и субстантивными основами, но и с нестандартными глагольными основами. Проведенный анализ показал, что суффиксы участвуют в ненормативном словообразовании, относятся к смешанной группе, которые связаны не только с объектными и субстантивными основами, но и с ненормативными (нормативными) глагольными основами. С IX века по настоящее время в таджикский язык вошло большое количество терминов. Этот процесс является одним из непрерывных процессов и связан с появлением в языке новых понятий и значений. На современном этапе становления таджикского языка как государственного одним из важнейших вопросов языкового развития является регламентация и усвоение новой интернациональной лексики и терминов и подбор к ним адекватных и правильных синонимов в соответствии с традиционными нормами. литературного языка и социальной культуры считаются важными в двух языках.

Ключевые слова: особенности употребления, грамматическая структура, грамматика, терминология, таджикский язык, китайский язык, лексика, грамматика, словообразование, язык.

GRAMMATIC AND SYNTAXIC CHARACTERISTICS OF THE USE OF TERMS IN THE TAJIK AND CHINESE LANGUAGES

The article talks about the grammatical features of the use of terms in the Tajik and Chinese languages. Vocabulary has a close relationship with grammar, which is especially evident in the process of word formation, because word formation is controlled by grammar and introduced into the system. Grammatical structure covers vocabulary with its rules and categories. Therefore, the means of word formation of the Tajik language depend on its specific grammatical laws. In the process of word formation, the laws of the internal development of the language are clearly manifested. It should be noted that there are many words and terms used in the field of linguistics in the vocabulary of the Tajik and Chinese languages. The analysis showed that suffixes are involved in non-normative word formation, belong to a mixed group, which are associated not only with object and substantive stems, but also with non-normative (normative) verbal stems. From the 9th century to the present, a large number of terms have entered the Tajik language. This process is one of the continuous processes and is associated with the emergence of new concepts and meanings in the language. At the present stage of the formation of the Tajik language as a state language, one of the most important issues of language development is the regulation and assimilation of new international vocabulary and terms and the selection of adequate and correct synonyms for them in accordance with traditional norms. literary language and social culture are considered important in two languages.

Key words: characteristics, usage, grammar, terminology, Tajik language, Chinese, Vocabulary, grammar, word formation, language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Чанг Лей*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-586-66-16**

Сведения об авторе: ***Джанг Лэй*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-586-66-16**

Information about the author: ***Jang Lei*** - Tajik National University, applicant for the Department of Foreign Languages of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 93-586-66-16**

УДК: 802.0+809.155.0

ИФОДАИ РАМЗҲОИ ЗООМОРФӢ ДАР ТАРКИБИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Тағоева Т.М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ибораҳои фразеологӣ қисмати махсуси лексикаи ҳар як забон ба шумор рафта, тавассути онҳо хусусиятҳои гуногуни мухталифи миллию фарҳангии забон ифода мегарданд. Ибораҳои фразеологӣ ҳамчун зуҳуроти семантикӣ ба забон зебоии махсус бахшида, монандиву фарқияти он аз рӯйи ҷанбаҳои миллию фарҳангӣ муайян мегарданд. Зооморфизмҳо ҳамчун воҳидҳои маъноӣ-фарҳангӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, асоси таъсири мутақобилаи забон ва семантикаи миллӣ ба шумор мераванд. Низоми тематикии фразеологияи зооморфемии ду забон умумият ва фарқияти сифатҳои зоҳирӣ ва ботинии инсон, рафтору кирдори ӯ, шароитҳои универсиалии ҳаёт: шуғл ва меҳнат, интихоб ва афзалият, фаъолият ва танбалӣ, муболиға ва таҷрибаро нишон медиҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сабабҳои асосии истифодаи воҳидҳои зоонимӣ дар таркиби ибораҳои фразеологии ду забони омӯхташаванда ин нишондиҳандаи таъсири мутақобилаи инсон бо табиат, бахусус бо олами ҳайвонот мебошад. Муносибати чандинасраи инсон бо олами воқеӣ дар забон низ инъикос гардида, ба ин муносибатҳо хосияти антропотсентрӣ мебахшад.

Зоонимҳо яке аз воҳидҳои муҳимтарини забоншиносӣ ба шумор рафта, ба воситаи ин гурӯҳи лексикӣ раванди гузариши характеристикаи зоонимҳо ба одам сурат меёбад. Компонентҳои зоонимӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ вазифаҳои меъёрӣ-тасвирӣ, эҳсосотӣ ва зебопазириро ифода мекунанд.

Боиси қайд аст, ки рамзҳои зооморфӣ дар таркиби ибораҳои фразеологии забони англисӣ зиёд корбаст шуда, мавқеи корбурди онҳо чунин аст:

Зооними *cat –гурба* дар таркиби ибораҳои фрзеологӣ рамзи кунҷковӣ, мароқ ва амсоли инҳоро ифода менамояд:

-*curiosity killed the cat* [10, с.21] – кунҷковӣ гурбаро кушт (тарҷума): *He drew people's attention to fact that this action of hers showed that curiosity killed the cat.* Ӯ диққати ҳамагонро ба он ҷалб кард, ки кунҷковӣ гурбаро кушт (кунҷковӣ ягон натиҷае намебахшад) (тарҷума).

-*rain cats and dogs*–аз шахси нодаркор халос шудан: *Everyone wanted to get rid of unnecessary people and this situation showed that in this moment rain cats and dogs* [10, с.21]. Ҳар як шахс мехост аз одамони нодаркор халос шаванд ва ин амал нишон дод, ки инро бояд кард (тарҷума).

-*bell the cat*–таъдиди хатарро ба дӯши худ гирифтан: *When he saw the complexity of the whole situation he bellt the cat* [10, с.21]. Вақте ки ӯ мушкилии тамоми вазъиятро дид, ӯ таъдиди хатарро бар дӯши худ гирифт (тарҷума).

-*all cats are grey in the dark*– нишон додани сифоти гуногуни одамон ба таври якхела: *Every one thought that he was not such a person, but when he behaved inappropriately, everyone said: all cats are grey in the dark* [10, с.21]. Ҳамагон фикр мекарданд, ки ӯ одами нағз аст, аммо ҳангоми амали бад карданашон ҳамагон гуфтанд: ҳамаи гурбаҳо дар торикӣ (ниҳоди ҳамаи одамон дар ин маврид) якхелаанд (тарҷума).

-*a cat may look at a king*– тафохур кардан, новобаста аз мансабашон: *Interesting before he has different and now everything has changed for good reason they say a cat may look at a king* [10, с.21]. Аҷоиб пеш вақтҳо вай дигар буд ва имрӯз дигар шудааст. Беҳуда нагуфтаанд, гурба худро ба шоҳ баробар кардааст (тарҷума).

-*a dead cat bounce*– бениҳоят хандаовар: *Students were in a position that even a dead cat bounced* [10, с.21]. Донишҷӯён дар вазъияте монданд, ки гурбаро ҳам хандааш омад (тарҷума).

-*fight like cat and dog* (of two people)–мисли сагу гурба ҷанг кардан, хусумати беандоза доштан: *Their relationship had knee-deep at work and they fight like cat and dog with each other* [10, с.21]. Муносибати онҳо тамоман вайрон буд, онҳо монанди сагу гурба меҷангиданд

(тарҷума).

-*turn cat in pan change sides*–хиёнаткор будан*: The soldiers' monevre was so interesting that they turned cat in pan change sides* [10, с.21]. Амалиёти ҳафтсарон чунон аҷоиб буд, ки хиёнати онҳо ба назар мерасид (тарҷума).

-*like a cat on a hot tin roof (or on hot bricks*–андешаманд, ба ташвиш андохта шуда, ноосуда, пурандеша: *Like a cat on a hot tin roof all of them were disappointed)* [10, с.21]. Чунон дар андешаву таҳлука афтодагӣ буданд, ки ҳамагон хафа шуда монданд (тарҷума).

-*no room to swing a cat see– тамоман имконият надоштан: There were so many people that no room to swing a cat see* [10, с.21]. *Дар ҳамон ҷо одам чунон зиёд буд, ки ҷойи пой гузоштан набуд (тарҷума)*.

Дар ибораи *for donkey's years for a very long time* [10, с.84] дарозии умр ба маркаб нисбат дода шуда, он рамзи мӯлкаратии амал ё кор мебошад.

Зооними *dog* дар таркиби ибораҳои фразеологӣ рамзҳои гуногуни зооморфиро ифода менамояд, ки ин маъноҳо дар асоси контексти матн нишон дода мешаванд. Чунончи:

-*hair of the dog* [10, с.179] – миқдори ками машруботе, ки барои бартараф кардани ҳолати вазнини баъди шароби зиёд нӯшидан, рамзи ёрӣ расондан: *After the party everyone felt like hair of the dog.* Баъди шабнишинӣ ҳама худро ҳамчун думи саг ҳис мекарданд (тарҷума).

-*love me, love my dog* [10, с.179] – шахсро бо тамоми камбудиаш дӯст доштан: *When a guy proposes to a girl he says:love me, love my dog*. Вақте ки бача духтарро хостгорӣ менамояд, мегӯяд, ки маро бо ҳамаи камбудиям дӯст дор (тарҷума).

-*dog-and-pony* [10, с.79] – худнамоӣ кардан, худро нишон додан: *Happy as I always am to help the Bank of England, I have... supplied the script for its euro dog and pony show. Ман доимо хушбахтам барои ёрӣ расондан барои Бонки Англия, ман сенария барои намоиши аврупоиашон омода намудам.*

-*dog eat dog* [10, с.80] – муқовимати шадидро нишон додан: *It was a terrible war everyone was opposed to each other and it looked like dog eat dog.* Ин ҷанги бениҳоят шадид дар нисбати ҳамдигар буд, ки ба хӯрдани саг аз тарафи саг монандӣ дошт (тарҷума).

-*dog go to the dogs* [10, с.80] – берун аз чаҳорчӯба амал кардан: *The collision was terrible everyone was against each other it seems like dog go to the dogs.* Бархӯрд бениҳоят шадид буд, ки як кас муқобили шахси дигар ба монанди саг муқобили саг буд (тарҷума).

-*dog in the manger* [10, с.81] – маҷбур кардани шахсе ба иҷро кардани амал: *Being a dog in the manger is not a good feeling.* Саги фармондор будан ҳиссиёти бад аст (тарҷума).

-*help a lame dog over a stile* [10, с.81] –мадад расонидан, дасти мадад дароз кардан: *Come to the rescue and to help a lame dog over a stile in time gave them a chance to avoid big losses.* Таваккал карда сари вақт мадад расонидан боиси кам шудани талафот мегардад (тарҷума).

-*keep a dog and bark yourself* [10, с.81] – касеро пул додан барои иҷрои кор ва корро худашон иҷро кардан: *His work was like keep a dog and bark yourself.* Кори вай ба монанди пул додану худаш кор кардан буд (тарҷума).

-*let the dog see the rabbit* [10,81] – ба иҷрои коре омода будан: *Let the dog see the rabbit otherwise he will not learn nothing*. Ба иҷрои коре омода бояд буд, вагар на ягон чизро намеомӯзед (тарҷума).

-*dog's life* [10, с.82] –зиндагии бадбахтонаи пур аз мушкилӣ, муомилаи беадолатона: *His life with these people was like a dog's life.* Зиндагии ӯ бо ин мардум ба зиндагии саг монанд буд (тарҷума).

-*dog tired* [10, с.82] – бисёр монда шудан: *Tourists after passing through this valley were dog tired.* Сайёҳон баъди сайри ин дара монанди саг монда буданд (тарҷума).

-*dogs of war* [10, с.82] – аскарони киройӣ, фазои холигӣ (хаос): *The outcome of the war was predetermined due to the direct participation of dogs of war.* Маблағҳои калони ҷанг имконияти ба он ҷалб кардани сагони ҷангӣ доштанд (тарҷума).

-*dressed (up) like a dog's* [10, с.82] – либоси намунавӣ: *They dressed (up) like a dog's to this presentation.* Онҳо бо либосҳои намунавӣ ба презентатсия тайёр буданд (тарҷума).

-*every dog has his (or its) day* [10, с.82] – лаҳзаи хушбахтӣ: *Everyone was happy with this ending and shouted after them: every dog has his (or its) day.* Ҳамагон бо ин анҷом хушбахт буданд ва дод заданд: ҳар касро лаҳзаи хушбахтие дар пеш аст (тарҷума).

-*put on the dog* [10, с.82] – худнамоӣ кардан: *Company representatives always tried to put*

themselves on the dog and always pointed out people's mistake. Намояндагони ширкат ҳама вақт кӯшиши худнамоӣ карда, доимо хатогии мардумро ишора мекарданд.

-*not a dog's chance* [10, с.82] – тамоман имконият надоштан: *They had not a dog chance to resolve these problems because every person had his own idea.* Онҳо ягон имконияти бартараф кардани мушкилотро надоштанд, чунки ҳар як аз онҳо нуқтаи назари худро доштанд (тарҷума).

Хусусиятҳои рамзии *муш* – оҳиста амал кардан, бисёр кашондану ҷамъ кардан (дуздидан)-и мавод дар таркиби ибораҳои зерин ифода гардидааст:

-*poor as a church mouse (or as church mice*) [10, с.225] – бисёр бенаво будан: *He had nothing at home he was poor as a church mouse.* Вай монанди муши масҷид дар хонаашон ягон чизи хӯрданӣ надошт (тарҷума).

-*quiet as a mouse (or lamb) (of a person or animal)* [10, с.233] – итоаткор, фармонбардор, гапдаро: *From the quality of being quiet like a mouse helped them achieve success in many things.* Фармонбардории ӯ барои пешравиашон ёрӣ мерасонд (тарҷума).

-*informal sick as a parrot* [10, с.263] – бениҳоят руҳафтода шудан, музҳик, ширинкорона: *The actor acted informal sick as a parrot*. Ҳунарманд бисёр музҳик нақшро бозӣ мекард (тарҷума).

-*mad as a (cut) snake* [10, с.181] –девона, афандӣ: *Woman became mad as a (cut) snake when she saw her children bathing in the river.* Вақте ки зан оббозии фарзандонашонро дар дарё медид, қариб буд, ки девона шавад.

-*a snake in the grass* [10, с.268] – бадандеш, бадсигол, фиребанда, боталбис: *The general announced: be careful there is a snake in the grass*. Генерал эълон кард, ки эҳтиёт кунед дар ҳама ҷой мор ва бадсигол аст (тарҷума).

-*back the wrong horse* [10, с.12] – интихоби нодуруст ё номуносиб: *Everyone said you are backing the wrong horse, get out of this way.* Ҳамагон мегуфтанд, интихобатон нодуруст аст, бо роҳи рост бояд рафт (тарҷума).

-*beggar on horseback* [10, с.20] – бечора дар пушти асп, шахси бенавое, ки соҳиби сарват шудааст, шахси нодида: *When their wedding took place, everyone realized that they are beggars on horseback.* Вақте ки тӯяшон гузашт, ҳама дарк карданд, ки онҳо шахсони нодида будаанд (тарҷума).

-*put the cart before the horse* [10, с.47] – аз самти даркорӣ дур шудан: *I don't know what happened, they put the cart before the house.* Ман намедонам чӣ гап шуд, ки онҳо аз самти даркорӣ дур шуданд (тарҷума).

-*drive a coach and horses* [10, с.57] – кори бефоидаро иҷро кардан: *Overtime he realized that all this time their effoits were like driving a coach and horses.* Баъди чанде онҳо сарфаҳм рафтанд, ки кӯшишҳои онҳо ҳама бефоида будаанд (тарҷума).

-*a dark horse* [10, с.73] – шахсе, ё рақибе, ки дар бораашон маълумот кам дастрас аст: *Because of his secretiveness, everyone considered him as a dark horse.* Барои дигар хел буданашон ӯро ҳама аспи сиёҳ мешумориданд (тарҷума).

-*on your high horse* [10, с.144] – муроҷиат ба шахсе, ки бо карру фарри зиёдатӣ амал мекунад: "*On your high horse"–said the teacher mocking to his student when he did not obey any rules.* Вақте ки талаба қоидаҳоро риоя намекард, муаллим гуфт: «Аз аспи саманд фуро!» (тарҷума).

Номи ҳайвоноти ваҳшӣ низ барои ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, маъмултарин номвожаҳои ин гурӯҳи тематикӣ зоонимҳои *wolf* – гург, *tiger* –паланг, *lion* –шер, *elephan*t – фил ва ғайра ба ҳисоб мераванд:

Зооними *wolf – «гург»* дар таркиби ибораҳои фразеологӣ бештар рамзи манфии зооморфиро ифода намуда, вобаста ба мавқеи истифодабарии он маънои мушаххаси рамзӣ ифода меёбад:

-*cry wolf* [10, с.316] – сохтакорӣ кардан, амали маснуъ кардан: *His action towords him was like crying wolf*. Амали ӯ чунон сохтакорӣ буд, ки ба гиряи гург монандӣ дошт (тарҷума).

-*have (or hold) a wolf by the ears* [10, с.316] – одами хатарнок, хавфангез будан: *His father always warn him about having (or hold) a wolf by the ears.* Падари ӯ доимо дар бораи одами хатарнок ҳушдор менамуд (тарҷума).

-*keep the wolf from the door* [10, с.316] – зиндагии худро пеш бурдан тавонистан: *He knew how to keep the wolf from the door* [10, с.316[. Вай медонист зиндагиашро чӣ тавр пеш барад

(тарҷума).

-*have a tiger by the tail* [10, с.293] –палангро аз думаш қапидан, таваккал кардан: *Opponents brutally blackmailed him as they had a tiger by the tail.* Рақибон ӯро сахт таъқиб мекарданд, чуноне ки шерро аз думаш қапидаанд (тарҷума).

-*a tiger in your tank* [10, с.293] –қувва, илҳом, руҳбаландӣ, зиндадилӣ: *A tiger in tank feeling was reached by consideration of the fair dealing.* Бо қарори дуруст онҳо қувваю илҳомро пайдо кардаанд (тарҷума).

-*a lion in the way* [10, с.174] – хатари монеа, монеа мавҳумӣ: *This attack was useless, everyone was waiting for a more terrible opponent and everyone was expect a lion in the way.* Ин ҳуҷум бефоида менамуд, ҳамагон рақиби пурқувват, монеаи мавҳумиро интизор буданд (тарҷума).

-*the lion's den* [10, с.175] – талабкардашуда, мутаваҳҳим, ҷойи ҳаросанда: *Compared to all the dangerous places of this jungle this place was considered as the lion's den.* Дар муқоиса бо ҳамаи ҷойҳои ҷангал ин ҷойро лонаи шерон медонистанд (тарҷума).

-*the lion's mouth* [10, с.175] – ҷойи таваккалии калон: *Don't go there, that place is the lion's mouth.* Ба он ҷой наравед, ки он ҷой ҷойи хатарнок– даҳани шер аст (тарҷума).

-*the lion's share* [10, с.175] – ҳиссаи бузург, қисми хубтарин: *In the development of the country's business, they have the lion's share, since they originally invested in it.* Дар пешравии соҳибкории кишвар саҳми онҳо беандоза аст, зеро аввалин сармоягузор онҳо буданд (тарҷума).

-*throw someone to the lions cause* [10, с.175] – дар лаҳзаи ниҳоят душвор касе дар бало мондан: *They acted cruelly at that moment that they throw him to the lions cause.* Онҳо чунон ваҳшиёна амал мекарданд, ки ӯро дар лаҳзаи ниҳоят душвор партофта рафтанд (тарҷума).

-*a white elephant* [10, с.311] – мушкиле, ки ҳал кардани он осон нест, ҷойи бефоида: *All his problem came to him as a white elephant, but despite this, he tried to solve them.* Ҳамаи ин мушкилиҳо ба ӯ чунон менамуданд, ки онҳо ҳалнашавандаанд, аммо ба ҳар ҳол ӯ кӯшиши ҳалли онҳоро мекард (тарҷума).

-*see the elephant* [10, с.93] – ҷаҳонро дидан, таҷрибаи зиндагиро гирифтан: *"Go and see the elephant!"– said Mark's uncle when he went to another country.* «Рав ва ҷаҳонро бин!» – гуфт тағои Марк вақте ӯро ба мамлакати дигар гусел мекард (тарҷума).

-*play cat and mouse with manoeuvre* [10, с.48] – мушу гурбабозӣ кардан, иғво, фитнакардан: *Stop play cat and mouse with manoeuvre, because it is not fair towards your children.* Мушу гурбабозиро бас кунед, ки ин дар нисбати фарзандонатон кори хуб нест (тарҷума).

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар забони тоҷикӣ низ назаррас буда, ба воситаи онҳо хусусиятҳои гуногуни коннотативӣ ифода мегарданд. Характеристикаи табиии зоонимҳо имконият медиҳад, ки ин номвожаҳо дар матн кадом рамзҳоро ифода намоянд. Гурӯҳи калони зоонимҳоро номи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ ташкил медиҳанд, ки бештари вақт барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъноӣ маҳз ин гурӯҳи зоонимҳо хизмат мекунанд.

Рамзи зооморфии *саг*– вафодорӣ буда, дар баъзе мавридҳо ин номвожа дар таркиби ибораҳои фразеологӣ маъноҳои дигари рамзиро низ ифода менамояд. Чунончи:

-*Саг ба соҳиби худ нигоҳ намекард*– саг соҳибашро намешинохт: *Дар роҳи кӯҳ бошад, саг ба соҳибаш нигоҳ намекард, ҳар кас дар гами ҷони худ буд* [14, с.12].

-*Саг барин кӯфта шудан* – ниҳоят хаставу монда гардидан: *Аз чойхона саг барин кӯфта шуда омадаму худамро ба рӯйи бистар партофтам* [14, с.12].

-*Сагро занӣ ба болои касе, чизе меафтад* – хеле зиёд будани чизе, ё касони ба ҳам монанд: *Зеро уламои динӣ он қадар бисёранд, ки агар сагро занӣ ба болои онҳо меафтад…* [14, с.12].

-*Саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг* – бад дар чӣ шакл ва қиёфате набошад, бад аст: *Барои мо фуқаро саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг* [14, с.12].

-*Саг соҳибашро намешинохт (намеёфт)*– хеле бетартибӣ, бесаранҷомӣ буд, ҳар касе дар пайи кори худ буд, ҳама дар паси ташвиши худ буд: *Набошад, дар як вақте ки саг соҳибашро намешиносад, киро ба кӣ кораш ҳаст!* [14, с.12].

The article is devoted to the study of simple sentences in Tajik linguistics, the problems of classification of simple sentences. The author addresses the problem from the point of view of modern linguistics, and also relies on the ideas of Russian linguistics. The main attention is paid to the structure of simple sentences, its types, requirements and basic conditions for recognition of simple sentences. The author emphasizes that attention to the study of the sentence as an independent syntactic unit has always been the subject of close attention of scientists and researchers. In Tajik linguistics, in the first textbooks and textbooks of the Tajik language of the 20s of the 20th century, then in a more complete and concrete form in the textbooks of the 30s of the 20th century, information is given about the sentence as a grammatical unit. Although these data were very partial and incomplete, they provided a very good basis for further study of simple sentences. The 1960s saw the emergence of a solid foundation for the study of simple sentences, influenced by both Tajik linguistics and Russian linguistics. When determining the structure of a simple sentence and the principles of its classification, Tajik scientists relied on modern achievements in linguistic science, and at the same time took into account the features and nature of the Tajik language. The views of the author are confirmed by the words of well-known researchers of the Tajik language, examples from fiction. The article is based on many scientific sources.

Key words: sentence, simple sentence, one-part and two-part sentences, subordinate, subordinate and subordinate clauses, independent and auxiliary parts of speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 891.550

САҲМИ ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ ДАР РУШДИ МАЪНАВИЯТ ВА МАДАНИЯТИ ТОҶИК

(дар партави андешаҳои Расул Ҳодизода)

Маҳмадаминов А., Абдулҳаев З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Номҳое ҳастанд, ки бо таърихи ба вуҷуд омадани маданият ва ҳаёти навини мардуми тоҷик иртиботи бевосита доранд. Дар сархати чунин номҳо С. Айнӣ ҷой дорад. Ҳамсафони ин симои дурахшон дар ибтидои асри XX Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Сироҷ ва дигарон буданд. Дар аввали солҳои бистуми асри XX дар атрофи ин маърифатҷӯён ва тараққипарварони таҷрибадида гурӯҳи калони зиёиёни ҷавони тоҷик ҷамъ омаданд, ки бо роҳнамоии устодони худ барои ташаккулу равнақи маданияти нави тоҷикон хидмати бедареғ намудаанд. Дар сафи зиёиёни нави тоҷик ҷавонмарди самарқандӣ Тӯрақул Зеҳнӣ ҳам буд.

Тӯрақул Зеҳнӣ адабиётшинос, забоншинос, фолклоршинос, шоир, мутарҷим, ходими намоёни адабиёту матбуот ва фарҳанги тоҷик мебошад. Ӯ истеъдоди фитрӣ, дониши амиқ, қобилияти баланди эҷодӣ ва назари густурдаву фарохро доро буд. Заҳматкашиву пуркорӣ ва бисёрфаннӣ дигар аз сифатҳои ин адабмард аст.

Р. Ҳодизода бо Тӯрақул Зеҳнӣ аз наздик ошно буд. Ӯ аз ҷумлаи нафаронест, ки аз зиндагӣ ва фаъолияти илмию адабии ин адабмард бевосита огоҳ буда, андешаҳои ҷолиби диққат оид ба Зеҳнӣ баён кардааст.

Дар ин мақола андешаҳои Р. Ҳодизода оид ба Тӯрақул Зеҳнӣ, ки дар рушди маънавият ва маданияти нави тоҷик саҳми намоён гузоштааст, мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Андешаҳои Р. Ҳодизода нисбат ба Т. Зеҳнӣ паҳлуҳои илмиву эҷодӣ ва ҳаётии эшонро фаро гирифтааст. Т. Зеҳнӣ, воқеан ҳам, яке аз равшангарони рӯзгори маънавии халқи тоҷик, инсони меҳнатдӯсту хоксор, донандаи беҳамтои забон, адабиёти гузаштаву навин, эҷодиёти шифоҳии халқ ва луғатдону фарҳангнигори камназир будаанд.

Аз назари Р. Ҳодизода Т. Зеҳнӣ ба ҳайси шогирди бовафо ва дастёр ба С. Айнӣ наздик буд. Ин буд, ки устод Айнӣ эътимод намуд ва ба ӯ корҳои иловагию техникии китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро супорид: «Тӯрақул Зеҳнӣ аз оғози фаъолияти худ мисли аксари равшанфикрон дар майдони васеи маданияти мо хидмат мекард. Шеър менавишт, мақолаҳои тарғиботиву илмӣ чоп мекард, дар мактабҳои нав дарс медод. Аз ҷавонӣ дасти ёриву мадади Айниро ҳис кард. С. Айнӣ ӯро ба корҳои иловагию техникии худаш дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷалб кард ва ба ҳамин восита Зеҳнӣ аз мактаби хубу пухтаи адабӣ гузашт» [29, с.24].

Бале, шахсе, ки дар сароғози адабиёти навини тоҷик шеърҳои тарғиботиву ташвиқотӣ эҷод намуда, мақолаҳои фаровони илмӣ дар соҳаи забон, адабиёт, мусиқиву фолклор, луғатсозӣ ва фарҳанги мардум таълиф карда, барои пешрафти маориф китобҳои дарсӣ таҳия менамуд, дар мактаби илмиву адабии С. Айнӣ тарбият ёфтааст.

Таҳаввулоти солҳои бистум ва сиюми садаи бист аз як тараф, таъсир пазируфтану тарбият ёфтан дар мактабии адабии С. Айнӣ аз тарафи дигар, вежагиҳое буданд, ки Т. Зеҳнӣ истеъдоду қобилият ва иқтидори адабии хешро сайқал диҳад.

Р. Ҳодизода дар он вақте бо Т. Зеҳнӣ ошно мешавад, ки ӯ пас аз маҳбусии туҳматшуда озод гардид ва ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ба кор омад: «...Худро шиносондам. Гуфт, ки маро ғоибона мешиносад. Садоямро, шеърхониамро аз радиои Тошканд бисёр шунидааст. Дар Институт гоҳ-гоҳ мулоқот мекардем» [29, с.25].

Пеш аз он ки Р. Ҳодизода бо Т. Зеҳнӣ расман шинос шавад, маълум мегардад, ки падари ӯ бо Зеҳнӣ ошнои наздик будаанд. Чанде пас аз шиносоӣ замоне ки падари Р. Ҳодизода дар хонаи фарзанд меҳмон мешавад, Т. Зеҳнӣ низ даъват мегардад. Аз ин хотир, то нимашаб байни онҳо суҳбати дӯстона сурат гирифтааст: «Чӣ суҳбате буд он шаб! Тамоми таърихи гузаштаи мо, тамоми шахсони фавтидаву дар ҳабсу табъид нобудшуда зинда

гаштанд, саҳифаҳои таърих паси ҳам варақгардон мешуд. Ду шахси солҳои гузашта аз тундбоди террор сиҳату саломат монда ба шукрона суҳбат мекарданду ёди рафтагон наздашон ҳозир буд» [29, с.26].

Р. Ҳодизода қайд кардааст, ки Т. Зеҳнӣ дар шуъбаи луғат кор мекард ва дар шарҳу маънидод кардани калимоту иборотӣ мушкилфаҳм мушкилкушои ҳама буд: «Зеҳнӣ бештар дар хона барои шуъбаи луғат кор мекард» [29, с.25]. «Худ дар шуъбаи луғат дар тадвини фарҳанги забони классикии тоҷикӣ иштирок мекард, дар шарҳу тафсири иборотӯ калимот мушкилкушои ҳама буд» [29, с.27].

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ оид ба саҳми Т. Зеҳнӣ дар тадвини «Фарҳанги забони тоҷикӣ» сухан ронда, аҳамияти онро дар худшиносии таърихиву фарҳангӣ ва худогоҳии миллии мардуми тоҷик ниҳоят бузург меҳисобад: «Қариб ними китоби бузурги «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чакидаи қалами Зеҳнист. Ин фарҳанг омили муҳимме дар худшиносии таърихиву фарҳангӣ ва худогоҳии миллии мардуми тоҷик гардид. Тӯрақули Зеҳнӣ дар таълифи чунин асари бузург, ки на танҳо ҳаҷман калон аст, балки дар таърихи тозаи забони миллӣ ва рушди маънавияти миллат рисолати таърихӣ доштааст, саҳми босазо гузошта буд» [18, с.6].

Т. Зеҳнӣ дар тадвини «Фарҳанги забони тоҷикӣ» кӯшиш кардааст, ки забони тоҷикӣ барои мардум фаҳмо ва дастрас бошад. Ӯ барои содаву равон нигоҳ доштани забони адабии тоҷик ва озод намудани он аз калимаву ибораҳои бегона чунин мегуфт: «Бояд акнун забони мо аз бандагии забони бегона озод бошад. Ҳамчуноне ки худамон озодем, забони мо ҳам озод бошад» [29, с.17].

Хидмати илмии Т. Зеҳнӣ ба аҳли илму адаб маълуму маъруф аст. Аксари осори илмию адабии Т. Зеҳнӣ барои пешрафти илм ва ҳалли масъалаҳои илмӣ-тадқиқотӣ нақши калон бозидаанд. Р. Ҳодизода дар ин бора чунин мегӯяд: «Хидматҳои илмии Зеҳнӣ ба ҷомеаи илму адаби мо хеле хуб маълум ва маъруф аст» [29, с.27]. «Бешак, аксари осори илмию адабии Зеҳнӣ дар маврид ва мақоми худ барои пешрафти илм ва ҳалли масъалаҳои ҷиддии илмӣ-тадқиқотӣ роли худро бозидаанд» [29, с.26-27].

Оре, дар қақиқат, он кас аз солҳои аввали ташкилёбии давлати тоҷикон то охири умр барои такомулу ташаккул ва инкишофи илму маърифат саҳми бузург гузоштаанд. Махсусан, дар саҳифаҳои онвақтаи маҷаллаву рӯзномаҳои тоҷикӣ, ба мисли «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Шуълаи инқилоб», «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ» бо чопи мақолоти худ ва таҳияи китобҳо фаъолона иштирок намуда, хидматҳои бедареғ кардаанд. Р. Ҳодизода дар ин бобат чунин мегӯяд: «Зеҳнӣ дар охирҳои солҳои бистуму аввали сивум намояндаи маъруфи илму адаби тоҷикон буд. Дар тадвини китобҳои дарсӣ иштирок мекард, барои шогирдони хурдсоли мактабҳои тоҷикӣ шеърҳои оҳангдору ёдмон менавишт» [29, с.24].

Р. Ҳодизода қайд менамояд, вақте ки Т. Зеҳнӣ ба кор омад, соҳиби ҳуҷҷати расмии илмӣ - унвони расмӣ набуд. Бо вуҷуди он ки синнаш ба шаступанҷ расида буд, бо ташвиқи дӯстону шогирдон ба навиштани рисолаи номзадӣ оғоз кард: «Солҳое буд, ки ҳазор дониш дошта бошиву лекин ҳуҷҷати дараҷаи илмии расмӣ, номзади илм дар даст набошад, дар муассисаҳои илмӣ дар сатҳи унвони хурду моҳонаи кам ба кор қабул мекарданд» [29, с.26]. Р. Ҳодизода дар идомаи сухан меафзояд: «Барои шахсоне мисли Зеҳниву Раҳим Ҳошим, ки солашон аз таҳсили аспирантураву унвончӯйӣ гузашта буд, роҳе ёфта ҳуҷҷати расмии дараҷаи илмӣ гирифтанашон шарт буд. Зеҳнӣ дар синни шаступанҷсолагӣ бо тарғиби дӯстону шогирдонаш ба ин кор иқдом намуд» [29, с.26].

Аслан навиштани рисолаи илмӣ барои Т. Зеҳнӣ душвор набуд. Зеро ӯ солҳо ба ҳайси ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон фаъолият намуда, корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ анҷом додааст.

Рӯзе Т. Зеҳнӣ Р. Ҳодизодаро дида мегӯяд, ки дар бораи санъати шеъру насри бадеӣ китоб таълиф карда, баъдан онро барои дифоъ пешниҳод карданист. Агар дар маъхазҳо доир ба ин мавзуъ сарчашмае пайдо гардад, ӯро дар ҷараён гузорад: «Рӯзе маро дида гуфт, ки дар бораи санъати шеъру насри бадеӣ китоб таълиф хоҳад кард ва баъд онро барои дифоъ пешниҳод карданист. Он солҳо банда ба таҳқиқ ва омӯзиши ганҷинаи дастнависҳо машғул будам. Хоҳиш намуд, ки асаре дар ин мавзуъ агар ба ҷуз маъхазҳои ба вай маълум пайдо шавад, ҳатман хабар диҳам» [29, с.26]. Пас аз чанде Р. Ҳодизода дастхатҳое пайдо менамояд ва барои пажуҳиш ва истифода ба Т. Зеҳнӣ медиҳад.

«Зеҳнӣ бо хоксорӣ ва самимияти покаш зуд ба дил роҳ меёфт» [29, с.26]- гуфтааст Р. Ҳодизода. Пас аз он ки Р. Ҳодизода чанд дастнависи навпайдоро ба Т. Зеҳнӣ нишон дод, меҳри Зеҳниро ба даст овард ва бо ин восита ба ӯ боз ҳам наздиктар шуд: «Чанд дастнависи тозаро ба ӯ нишон додам. Хеле хурсанд шуд. Баъд аз ин мулоқоту суҳбатҳои илмии мо бештар воқеъ мешуд» [29, с.26].

Р. Ҳодизода оид ба дифои рисолаи илмии Т. Зеҳнӣ сухан ба миён оварда, солу моҳу рӯзи онро зикр карда, мушовири дуюм буданашро дар Шурои дифоъ хабар медиҳад: «Т. Зеҳнӣ соли 1965, 6 моҳи май, соати чори рӯз (инро махсус дар ҷое сабт кардаам) дар Шурои илмии махсуси Донишгоҳи Душанбе барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология маърӯза кард. Ман оппоненти дуюм будам. Пирмарди қариб ҳафтодсола бо ғайрати ҷавонона дар маҷлис суханронии хуб кард» [29, с.26].

Р. Ҳодизода гуфтааст, ки Т. Зеҳнӣ пас аз дарёфти дараҷаи номзадӣ бо ғайрату қувваи нав корро оғоз намуд ва шоирону нависандагони навқаламро дастгирӣ мекард. Ба онҳо аз сабку услуби забон, вазну қофия, луғату иборот, шеъру адаби классикон маълумоту дониши хуб медод. Бо ин вуҷуд, маънавияти ҷавононро рушд дода, аз гузаштаи пуразиши маданияти тоҷик ёдовар мешуд: «Баъд аз дарёфти дараҷаи номзадӣ Зеҳнӣ гӯё аз нав ҷавон шуд ва бо ғайрату қуввати ҳайратангез кор мекард. Вай мушовири беминнати олимони ҷавон ва шоиру нависандагони навқалам буд. Аз сабку услуби забон, аз вазну қофия, аз луғату иборот, аз шеъру адаби классикон ба ҷавонон маълумоту дониши хуб медод» [29, с.27].

Воқеан, Т. Зеҳнӣ олими суботкору сермаҳсул буд. Махсусан, хидматҳои ӯ дар соҳаи дастрас гардонидани намунаҳои адабии классикӣ ва муосир назаррас мебошанд.

Т. Зеҳнӣ яке аз охирин намояндагони ҳаракати маорифпарварӣ ва насли пурталоши ҷадидон дар ҳавзаи илму адаби тоҷик мебошад. Бинобар ин, маънавияти ҷавононро рушд медод ва аз гузаштаи пуразиши маданияту маърифати тоҷик ёдовар мешуд. Бо ин кор дар қатори дигар адибон мактаби адабии С. Айниро ривоҷ дода, дар рушди маънавӣ ва зеҳнии навқаламони ҷавон саҳми арзанда мегузошт. Дар ин бобат С. Аъзамзод як ишорае дорад: «Дар ин бахши пайкорҳои Тӯрақул Зеҳнӣ падидаи равшангарӣ бо рангҳои хос ба ҷилва меояд. Ӯ аз зумраи равшангарони адабии давраи мунозира бо мафкураи тоҷикситезии пантуркист, ки дар ҳалқаи пайгирӣ аз кӯшишҳои зиёёни равшанзамири солҳои 20-ум барои дарки падидаи ориёияти тоҷикон, ягонагии фарҳангӣ ва муштаракоти адабии форсии тоҷикӣ, ҷалби таваҷҷуҳи аҳли замона ба дороиҳои адаби арзишманди гузашта ва эҳёи номи парчамбардорони он, дар маҷмуъ шиносондани қавми куҳанбунёди тоҷик ва тарғиби ҳамаҷонибаи мероси адабии онҳо кӯшиши хастанопазир анҷом додааст» [7, с.56].

Бале, дар он солҳое, ки инқилоби маданӣ бо суръати тамом пеш мерафт, Т. Зеҳнӣ ба сифати як марди равшанфикри тоҷик баҳри идеалҳои наҷиб ба майдони мубориза баромад.

Р. Ҳодизода ба рисолаи илмии Т. Зеҳнӣ тақризе навиштааст. Ӯ дар тақризи худ оид ба фаъолияти илмию адабии Т. Зеҳнӣ чунин андешаҳои ҷолиб баён намудааст: «Асарҳои илмию адабӣ ва мақолаҳои рафиқ Зеҳнӣ доир ба адабиётшиносӣ, забони имрӯза ва таърихи забони тоҷикӣ, таълифоти адабию танқидии ӯ оид ба масъалаҳои гуногуни адабиёти тоҷикӣ дар зарфи қариб чил сол ба аҳли илму адаби республикаи мо маълум аст» [29, с.26].

Таълифи китоби «Санъати сухан» яке аз корҳои бунёдии Т. Зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Р. Ҳодизода ва як қатор донишмандони дигар фикру андешаҳои худро доир ба таълифи ин китоб баён доштаанд. Аҷибии кор дар ин аст, ки Т. Зеҳнӣ ин китобро дар синни ҳаштоду панҷсолагӣ таълиф намудааст ва нусхаеро ҳам ба Р. Ҳодизода тақдим менамояд: «Яке аз корҳои хеле судманди фаъолияти Зеҳнӣ нашри китоби вай «Санъати сухан» дар соли 1979 мебошад. Ин китоб шакли ниҳоят такмила ва тасҳеҳу таҳрирёфтаи китоби якуми вай буд ва солҳои сол китоби дарсии мактабҳои олӣ ва дастури шавқмандони адабиёти тоҷикӣ буд. Зеҳнӣ китобро ба нишони синни ҳаштодупанҷсолагии худ таҳия намуда буд. Китобро пеши ман овард ба расми туҳфа. Табрик кардам» [29, с.27].

Назар ба қавли Н. Одинаев сарчашмаи асосие, ки барои гирдоварии «Санъати сухан» ба Т. Зеҳнӣ ёрӣ расонидааст, ин «Ғиёс-ул-луғот» мебошад: «Манбаи асосии асари «Санъати сухан»-и ӯ «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин буда, шарҳи ағлаб истилоҳоти арӯз ва санооти бадеиро аз ин фарҳанги безавол дарёфтааст [22, сомонаи интернетии «Фараж»].

Фарруха Зеҳнӣ фарзанди Т. Зеҳнӣ оид ба «Санъати сухан» чунин натиҷагирӣ намудааст: «Ин китоби пуразиши олими арӯзшинос Т. Зеҳнӣ натиҷаи меҳнати чандинсола

ва ҷамъбасти мантиқии асарҳои адабиётшиносони гузашта мебошад. Аҳамияти китоби мазкур дар тарбияи завқи бадеии ҷавонон ва хусусан баланд бардоштани дониш ва маҳорати суханварон ниҳоят бузург аст» [29, с.144-145].

Баробари таълифи китоб ва таҳқиқи масъалаҳои муҳимми забону адабиёти тоҷик, Т. Зеҳнӣ бо мақолаҳои илмӣ ва адабӣ дар мавзуи забону услуб дар маҷаллаву рӯзномаҳо ширкат менамуд.

Ба гуфтаи Р. Ҳодизода Т. Зеҳнӣ бо ӯ ҳамсуҳбати доимӣ буд. Нақлҳое аз Т. Зеҳнӣ мешунид, ки дар ягон сарчашма дучор нашуда буд. Ба воситаи суханони Т. Зеҳнӣ Р. Ҳодизода оид ба зиндагӣ ва фаъолияти шахсиятҳои адабии солҳои бистуму сиюм маълумоти зиёд пайдо намуд: «Бо ман бисёр суҳбат мекард, ҳам дар институт, ҳам дар хонааш. Аз ҳаёти адабии солҳои бистуму сивум ва фаъолияту хислатҳои шахсии адибони он солҳо нақлҳои аҷиб мекард, ки онро аз ҳеҷ китобу аз ҳеҷ кас нахондаву нашунида будам» [29, с.28].

Аз ин хотир, Р. Ҳодизода рӯзе ба Т. Зеҳнӣ таваҷҷуҳ намуда мегӯяд: «Домулло, шумо бисёр чизҳоро дида, дар бисёр маъракаву рӯйдодҳои таърихии ҳаёти мо ширкат кардаед. Нақлу ҳикояҳои аҷиб мекунед. Ин нақлҳо ҳама ҳуҷҷатҳои таърихиянд. Чӣ мешуд, ки ҳавсала карда, ҳамаи инро чун хотира таълиф ва тадвин намоед!» [29, с.28]. Зеҳнӣ хандиду: «Гапатон рост, ҳозир ин гапҳоро нависам мешавад, дигар бими ҳабс шудан надорам» [29, с.28]- гуфт дар ҷавоб.

Баъд аз ду-се сол Т. Зеҳнӣ Р. Ҳодизодаро дида гуфт: « «Ҳодизода, ман ба навиштани хотираҳоям шуруъ кардам. Ҳам ба назму ҳам ба наср менависам...». Ниҳоят хурсанд шудам, як гӯшаи таърихи маданияти мо акнун зинда мешавад – ҳайф буд, ки бебозгашт бо Зеҳнӣ ба абадият равад» [29, с.28].

Пас аз вафоти Т. Зеҳнӣ Р. Ҳодизода аз фарзандонаш хабардор мешавад, ки падарашон дафтари хотираҳо дорад, ки тақрибан 500 ё 600 саҳифа мебарояд: «Баъд аз вафоташ аз ворисон шунидам, ки дастнависи хотироти ӯ панҷсад ё шашсад саҳифа дар архиви шодравон мавҷуд аст. Ганҷинаи бебаҳое барои ворисонашу барои наслҳои оянда ба ёдгор гузоштааст, Зеҳнӣ - адиби донову заҳматкаш!» [29, с.28].

Вобаста ба ин, Р. Ҳодизода барои омода кардан ва оммавӣ гардонидани ёддоштҳои Т. Зеҳнӣ барои муҳаққиқони оянда чунин тавсия медиҳад: «Мо агар хоҳем, ки барои поси хотири Зеҳнӣ хидмате гузошта бошем, агар хоҳем, ки рӯҳи вай аз мо шоду розӣ бошад, ҳамаи корҳоро ба навбати дувум гузошта, дафтари хотироти ӯро бояд ба чоп расонем. Зеро ин як гӯшаи равшани таърихи маданияти тоҷикон аст, чунон ки худи Зеҳнӣ аламбардори як гӯшаи таърихи тамаддуни мо ба шумор меравад. Ҳатман ёдгории ӯро барқарор кардан лозим аст» [29, с.28].

Дар ҳақиқат, замоне фаро расидааст, ки дафтари хотироти Т. Зеҳнӣ таҳия шавад ва ба аҳли ҷомеа пешкаш гардад.

Ҳамин тариқ, Т. Зеҳнӣ шахси соҳибдил, донишманди бисёрфан ва инсони наҷиб буд. Хидматҳои ӯ, хоссатан дар бахши назмшиносӣ, илми бадеъ, арӯзи тоҷикӣ ва шеъру шоирӣ беназир аст. Ӯ яке аз донандагони мумтози луғат ва адабиёти классикии форсии тоҷикӣ буд. Т. Зеҳнӣ шеърро хеле самимӣ ва саҳли мумтанеъ мегуфт. Бояд инро низ гуфт, ки саҳми эшон дар соҳаи фарҳангнигорӣ хеле бузург аст. Т. Зеҷнӣ яке аз муаллифони асосии фарҳанги дуҷилдаи забони тоҷикӣ мебошад.

Т. Зеҳнӣ иштирокчии фаъоли дар қатори зиёиёни тоҷики солҳои оғоз ва шиддати инқилоби мадании мубоҳисаҳо дар гирди пойдор гардонидани забони адабии тоҷик ва содаю оммафаҳм кардани он, ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷикӣ, такмилу эътирофи вазни шеъри тоҷик, муаллифу мураттиби чандин ва нахустин китобу дастурҳо барои мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва донишгоҳҳо, ба монанди «Омӯзиш» (1928), «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1930), «Санъати сухан» (1967, 1979), «Суханварони сайқали рӯйи замин» (1973), яке аз мураттибони китобҳои «Намунаҳои адабиёти тоҷик», «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд), мутарҷими моҳири осори классикони рус ва дигар халқҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ мебошад.

Солҳо мегузаранд, бисёр чизҳо аз ёдҳо зудуда мешаванд, аммо инсонҳое, ки кори нек кардаанду аз худ осори гаронбаҳо ба мерос гузоштаанд ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд. Т. Зеҳнӣ, ки абармарди фарҳангӣ буд, барои эҳёи маънавиёти халқи худ тамоми ҳастии хешро бахшидааст ва корномаи ӯ ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд.

Аз гуфтаҳои Р. Ҳодизода бисёр аз паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Т. Зеҳнӣ ба мо намоён мегардад. Тадқиқу баррасии фаъолияти илмиву эҷодии Т. Зеҳнӣ дорои аҳамияти калон буда, табъу нашри осори гаронбаҳои ӯ на танҳо ба зиммаи ворисону пайвандони устод, балки ба зиммаи муҳаққиқону пажуҳишгарони муосир низ вогузор мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
3. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 208 с.
4. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои синфи XI / Х.Асозода, А.Кӯчаров. – Душанбе, 2011. – 400 с.
5. Асозода, Х. Зиндагинома ва осори Садриддин Айнӣ. Таҷдиди назар) / Х.Асозода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2013. – 188 с.
6. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
7. Аъзамзод, С. Давраи аввали равшангарии Тӯракул Зеҳнӣ / С.Аъзамзод // «Номаи Донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд, 2019. – №3 (60). – С.56-62.
8. Гаффоров, Н. Джадидизм в Средней Азии в конце XIX в. - начале XX в. / Н.Гаффоров. – Душанбе, 2014. – 200 с.
9. Ғаффоров, Н. Ҷадидия ва шинохти он (Маҷмуаи мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ) / Н.Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 160 с.
10. Зеҳнӣ, Т. Шоири бузурги нахустини тоҷикон – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Т. Зеҳнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 7, 12-уми август.
11. Зеҳнӣ, Т. Библиография / Т. Зеҳнӣ. Тартибдиҳандагон: Н. Карроматуллоева ва Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1976. – 120 с.
12. Зеҳнӣ, Т. Мусоҳаба дар бораи забон ва адабиёт / Т. Зеҳнӣ // Авранг. – 2001. – Июл-август. – №2 (02). – С.49-57.
13. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
14. Зеҳнӣ, Фарруха. Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон / Фарруха Зеҳнӣ, Олимова П. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 216 с.
15. Имронов, С. Доир ба китоби «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» / С. Имронов // Шарқи сурх. – 1961. – №3. – С.4.
16. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Садри Бухоро. Чопи дувум / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.
17. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
18. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Яке аз муборизони роҳи худшиносии миллат / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.5-12.
19. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Яке аз муборизони роҳи худшиносии миллат / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.5-12.
20. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 158 с.
21. Неҳзати бедорӣ. Маводи конференсияи байналмилалии «Ҷараёни маорифпарварӣ ва масъалаҳои ҷаҳони муосир». – Душанбе: Дониш, 2016. – 219 с.
22. Одинаев, Н. Умре андар масири фарҳангнигорӣ / Н.Одинаев: https://farazh.tj/sahifai-asosy/farhang/umre-andar-masiri-far-angnigor/
23. Олимова, П. Саҳми Тӯракул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик / П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 228 с.
24. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ (Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳалаи якум. Солҳои 1920-1954) / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 208 с.
25. Ходжаев, Ф. К истории революции в Бухаре / Ф.Ходжаев. – Ташкент: Узб. Гос. Изд-во, 1926. – 77 с.+ 55 с.
26. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 296 с.
27. Ҳодизода, Р. Аз гузашта ва ҳозираи тоҷик / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 144 с.
28. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Р. Ҳодизода, Каримов У, Саъдиев С. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
29. Ҳодизода, Р. Як гӯшаи маданияти нави мо / Р.Ҳодизода // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.24-28.

САҲМИ ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ ДАР РУШДИ МАЪНАВИЯТ ВА МАДАНИЯТИ ТОҶИК

(дар партави андешаҳои Расул Ҳодизода)

Дар мақола оварда шудааст, ки шаҳри бостонии Самарқанд ва гирду навоҳии он дар масири таърихи халқи тоҷик барои олами илму фарҳанг ва тамаддуни мардуми форсу тоҷик нобиғаҳои зиёдеро эҳдо намудааст. Фарзандони арҷманди ин шаҳри пуровоза дар давру замонҳои мухталиф дар соҳаи илму адаб ва хоссатан шеъру шоирӣ басо хизмат кардаанд. Яке аз чунин шахсони фидоии илму фарҳанг, забон, адабиёт ва маорифу маънавиёти халқи тоҷик шодравон Тӯракул Зеҳнӣ мебошанд. Андешаҳои Расул Ҳодизода оид ба

Тӯрақул Зеҳнӣ ва саҳми ӯ дар рушди маънавият ва маданияти тоҷик сухан меравад. Муаллиф таъкид менамояд, ки Р. Ҳодизода, ки бо Т. Зеҳнӣ дар як ҷо фаъолият дошт, хотираҳои зиёд ва андешаҳои ҷолиби диққат дорад. Т. Зеҳнӣ донишманди бисёрфан ва инсони наҷиб буд. Хидматҳои ӯ, дар бахши назмшиносӣ, илми бадеъ, арӯзи тоҷикӣ ва шеъру шоирӣ беназир аст. Ӯ яке аз донандагони мумтози луғат ва адабиёти классики тоҷик буд. Т. Зеҳнӣ шеърро хеле самимӣ ва саҳли мумтанеъ мегуфт. Саҳми ӯ дар бахши фарҳангнигорӣ низ хеле калон аст. Т. Зеҳнӣ яке аз муаллифони асосии фарҳанги дуҷилдаи забони тоҷикӣ мебошад. Китоби «Санъати сухан» яке аз корҳои бунёдии Т. Зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Р. Ҳодизода ва як қатор донишмандони дигар фикру андешаҳои худро доир ба таълифи ин китоб баён доштаанд. Т. Зеҳнӣ иштирокчии фаъол дар қатори зиёиёни тоҷики солҳои оғоз ва шиддати инқилоби мадании мубоҳисаҳо дар атрофи пойдор гардонидани забони адабии тоҷик ва содаю оммафаҳм кардани он, ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷикӣ, такмилу эътирофи вазни шеъри тоҷик, муаллифу мураттиби чандин ва нахустин китобу дастурҳо барои мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва донишгоҳҳо мебошад. Гуфтаҳои Р. Ҳодизода бисёре аз паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Т. Зеҳниро ба мо намоён мегардонад. Тадқиқу баррасии фаъолияти илмиву эҷодии Т. Зеҳнӣ дорои аҳамияти калон буда, табъу нашри осори гаронбаҳои ӯ на танҳо ба зиммаи ворисону пайвандони устод, балки ба зиммаи муҳаққиқону пажуҳишгарони муосир низ вогузор мешавад.

Калидвожаҳо: Р. Ҳодизода, Т. Зеҳнӣ, рушди маънавият ва маданияти тоҷик, Самарқанд, ҷадидия, С.Айнӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик», Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, илм, шеър, фарҳанг, забон, адабиёт, «Санъати сухан», рӯзнома, маҷалла, «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Шуълаи инқилоб», «Раҳбари дониш».

ВКЛАД ТУРАКУЛА ЗЕХНИ В РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ДУХОВНОСТИ И КУЛЬТУРЫ

(на основе взглядов Расула Ходизоды)

Древний город Самарканд и его окрестности в ходе истории таджикского народа дали немало гениев миру науки, культуры и цивилизации персидского и таджикского народов. Выдающиеся умы этого знаменитого города служили в различных областях науки и литературы, особенно в поэзии. Одним из таких самоотверженных деятелей науки, культуры, языка, литературы, образования и духовности таджикского народа является покойный Туракул Зехни. В данной статье рассматриваются мысли Расула Ходизода о Туракуле Зехни и его вкладе в развитие таджикской духовности и культуры. Р. Ходизода и Т. Зехни работали в месте, и у него много воспоминаний и интересных мыслей о Зехни. Т. Зехни был блестящим ученым и благородным человеком. Его заслуги уникальны в области поэзии, таджикского языка и искусства. Он был одним из мастеров классического таджикского словаря и литературы. Т. Зехни писал стихотворения очень искренне и красноречиво. Его вклад в сферу культуры огромен. Т. Зехни является одним из основных авторов «Словаря таджикского языка». Книга «Искусство речи» является одним из фундаментальных произведений Т. Зехни. Эта книга считается уникальной. Р. Ходизода и ряд других ученых высказали свое мнение об этой книге. Т. Зехни является активных членов таджикской интеллигенции в первые годы и в разгар культурной революции. Высказанное Р. Ходизода раскрывает нам многие стороны жизни и творческой деятельности Т. Зехни. Изучение научной и творческой деятельности Т. Зехни имеет большое значение, а издание его ценных трудов поручено не только наследникам и родственникам учителя, но и современным историкам и исследователям.

Ключевые слова: Р. Ходизода, Т. Зехни, развитие таджикской духовности и культуры, Самарканд, просветители, С. Айни, «Образец таджикской литературы», Союз Советских Социалистических Республик, Институт языка и литературы им. Рудаки АН Таджикской ССР, наука, поэзия, культура, язык, литература, «Искусство речи», газета, журнал, «Голос таджика», «Таджикское пробуждение», «Пламя революции», «Путеводитель знаний».

THE CONTRIBUTION OF TURAKUL ZEKHNI TO THE DEVELOPMENT OF TAJIK SPIRITUALITY AND CULTURE

(based on the thoughts of Rasul Khodizoda)

The ancient city of Samarkand and its environs in the course of the history of the Tajik people gave many geniuses to the world of science, culture and civilization of the Persian and Tajik peoples. The outstanding minds of this famous city served in various fields of science and literature, especially in poetry. One of such selfless figures of science, culture, language, literature, education and spirituality of the Tajik people is the late Turakul Zehni. This article discusses the thoughts of Rasul Hodizoda about Turakul Zehni and his contribution to the development of Tajik spirituality and culture. R. Hodizoda and T. Zehni worked at the same place, and he has many memories and interesting thoughts about Zehni. T. Zehni was a brilliant scientist and noble person. His services are unique in the field of poetry, Tajik language and art. He was one of the masters of the classical Tajik vocabulary and literature. T. Zehni composed the poem very sincerely and eloquently. His contribution to the field of culture is enormous. T. Zehni is one of the main authors of the «Tajik Dictionary». The book «The Art of Speech» is one of the fundamental works of T. Zehni. This book is considered unique. R. Hodizoda and a number of other scientists expressed their opinion about this book. T. Zehni was an active participant in the Tajik intelligentsia in the early years and at the height of the cultural revolution. R. Hodizoda's words show us many aspects of T. Zehni's life and creative activity. The study of the scientific and creative activity of T. Zehni is of great importance, and the publication of his valuable works is entrusted not only to the heirs and relatives of the teacher, but also to modern historians and researchers.

Key words: R. Hodizoda, T. Zehni, development of Tajik spirituality and culture, Samarkand, educators, S. Ayni, «Example of Tajik literature», Union of Soviet Socialist Republics, Institute of Language and Literature. Rudaki Academy of Sciences of the Tajik SSR, science, poetry, culture, language, literature, «The Art of Speech», newspaper, magazine, «Voice of the Tajik», «Tajik Awakening», «Flame of Revolution», «Knowledge guide».

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17
Абдулҳаев Зоҳид Муҳаммадович (Зоҳиди Хуросонӣ) **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zohidikhurosoni@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 000-20-20-94**

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай Саидович*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории новейшей персидско – таджикскиой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Абдулхаев Зохид Мухаммадович (Зохиди Хуросони) **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: zohidikhurosoni@gmail.com.
Тел.: **(+992) 000-20-20-94**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulhay Saidovich*** - Tajik National University, Professor of the Department of Theory of the Newest Persian - Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Abdulhaev Zohid Muhammadovich (Zohidi Khurosoni) – Tajik National University, Ph.D. doctoral student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17E-mail: **zohidikhurosoni@gmail.com.**
Phoone: **(+992) 000-20-20-94**

УДК: 891.550 (03)

ҶОЙГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ФАРҲАНГУ АДАБИ ТОҶИКИСТОН

Мисбоҳиддини Нарзиқул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

> “Вай (Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – М.Н.) зодаву парвардаи Ҳамадони Эрон буда, азизи Тоҷикистон, ифтихори Ҳинду Покистон ва писандидаи Афғонистон мебошад”.
>
> Эмомалӣ Раҳмон,
> Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

I

Мир Сайид Алӣ ибни Шаҳобуддин ибни Мир Сайид Муҳаммади Ҳусайни Ҳамадонӣ (*12-уми моҳи рағаби 714 ҳ.қ., мутобиқ ба 12-уми октябри 1314, Ҳамадони Эрон – 6 зулҳиҷҷаи соли 786 ҳ.қ., баробар бо 19 январи 1384, мутаваффо, ба қавле, дар мавзеи Кабравсаводи Похлии (Паҳклӣ) Покистон, ба қавли дигар, деҳаи Пашад дар вилояти Кунари Афғонистон ва мадфун дар шаҳри Кӯлоби Тоҷикистон*), ки бо лақабҳои ифтихории Мири Кабир, Мири Ҳамадон, Шоҳи Ҳамадон, Мири Сиёҳпӯш, Сиёҳпӯш, Алии Сонӣ ва Ҳазрати Амирҷон низ машҳур аст, дар таърихи илму адаб, афкори фарҳангӣ, фалсафӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик саҳми бағоят бузургу мондагор дорад. Лозим ба таъкид аст, ки бо лақабҳои зикршуда ин донишманд, адиб ва орифу файласуфи бузург дар Ҳиндустон, Покистон ва Эрон ҳам маъруфу машҳур аст, аммо дар миёни мардуми тоҷик, бахусус шаҳри Кӯлоб ва минтақаҳои наздик ба он, ҳамчун Ҳазрати Амирҷон маъруфу машҳур гаштааст.

Оид ба таърихи ташрифи Ҳазрати Амирҷон ба Хатлон ва сабабҳои иқомати бузургвор дар ин макон андешаҳои мухталиф ҷой доранд, ки чунин огоҳиҳоро ҳам аз маълумоти сарчашмаҳои тахрихию адабӣ ва ҳам нигоштаҳои донишмандони муосир ба даст овардан мумкин аст. Мо дар ин хусус баъдтар таваққуф хоҳем кард. Дар ин ҷо фақат андешаҳои зерини Моҳирхӯҷаи Султонзодаро нақл мекунем, ки таваҷҷуҳ ба он моро ба ҳақиқати амре роҳнамоӣ мекунад, ки намоёнгари назари муҳаққиқони тоҷик перомуни масъалаи мавриди назар мебошад: “...Алии Ҳамадонӣ соли 771 ҳиҷрӣ, мутобиқи 1372 ба Хатлон, аниқтараш қарияи Алишоҳ меояд ва он ҷо се моҳ зиндагӣ менамояд. Баъдан вай борҳо ба дигар маҳалҳо сафар карда, боз ба Хатлон омадааст. Тахмин меравад, ки гӯё Алии Ҳамадонӣ ҳангоми дар юришҳои дур будани Амир Темур ба Хатлон сафар карда, вақти бозгашти Амир аз Хатлон ба дигар кишвару шаҳрҳо мерафтааст” [19, с.9].

Ҳамин тавр, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ муддате чанд дар минтақаи Хатлони Тоҷикистон низ ҳаёт ба сар бурда, дар он ҷой хонақоҳ, мадраса, китобхона ва муассисаҳои дигари ба мардум манфиатовар бунёд карда, шогирдони зиёдеро аз Кӯлоб ва ноҳияҳои дигари Тоҷикистони имрӯза, ба мисли Бадахшон, Вахш, Ҳисор ва ғайра тарбия намудааст, ки онҳо минбаъд дар ривоҷи илму фарҳанги халқи мо хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Ӯ дар осори ниҳоят зиёд – беш аз 146 номгӯй, ки аз худаш боқӣ гузоштааст, андешаҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ ва эстетикии умумиинсонӣ, аз қабили эҳтиром гузоштан ба падару модар, бародарию баробарӣ, тарғиби касби илму дониш, таҳаммулгарой, риоя кардани адлу инсоф, парҳез намудан аз рафтору гуфтори ношоиста ва ғайраро тарғибу ташвиқ намудааст, ки арзишҳои зикршуда имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд. Бинобар ҳамин сабабҳост, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар миёни халқи тоҷик аз замони зиндагиаш сар карда то ба имрӯз аз обрӯ ва эътибори ниҳоят баланд бархурдор гаштааст.

Ҳазрати Амирҷон бисёр ҷавонони сазовори тарбиятро пайдо намуда, ба шаҳрҳои гуногуни Шарқ барои таҳсили илм равон мекард. Худи ӯ, махсусан, дар деҳоти Лангар ва Хоҷа Алишоҳи Муъминобод, маҳфилҳои баҳс ороста, мардумро тарбият менамуд. Шогирдони содиқи Алии Ҳамадонӣ хеле бисёр буданд. Аз ҷумла, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ, Қивомуддини Бадахшӣ, Сайид Камолуддини Сонӣ, Шайх Шамсуддини Хатлонӣ, Ҳоҷии Хатлонӣ ва дигарон софдилона ва бо эътиқоди азим барояш хидмат кардаанд. Аз миёни шогирдони Ҳазрати Амирҷон Хоҷа Исҳоқ (ё Абуисҳоқ)-и Хатлонӣ (тав.: солҳои панҷоҳуми асри XIV-ваф.:1426) барои Алии Ҳамадонӣ як шогирди қаторӣ набуда, балки яке аз муридони хосси ӯ

будааст. Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ домоди Алии Ҳамадонӣ ҳам буд. Ӯ духтари ягонааш – Моҳи Хуросонро ба ақди никоҳи Хоҷа Исҳоқ дароварда буд. Хоҷа Исҳоқ низ то охирин рӯзҳои зиндагии устодаш содиқона барояш хидмат намуда, ҳамчунин, чун пираш ахлоқи ҳамидаи инсониро тарғибу ташвиқ мекарда ва нисбат ба хислатҳои зишту зиддиахлоқии одамон оштинопазир будааст. Марқади Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ дар деҳаи Хоҷа Исҳоқи хоҷагии “Ҳамадонӣ”-и ноҳияи Кӯлоб мавҷуд буда, низ мавриди эҳтироми махсуси мардуми минтақа қарор дорад.

Инчунин, аз шогирдони хеле вафодори Ҳамадонӣ Мавлоно Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ ва Ҳайдари Бадахшӣ маҳсуб мешаванд, ки солҳо хидмати шоҳи Ҳамадонро намуда, аз донишу биниши ӯ баҳраҳои фаровон бурдаанд. Мавлоно Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ таҳти унвони “Хулосат-ул-маноқиб” асари шарҳиҳолие нигоштааст, ки муҳтавои он шомили маноқиби Ҳазрати Амирҷон мебошад. Ҳайдари Бадахшӣ низ бо унвони “Мастурот” ё “Манқабат-ул-ҷавоҳир” асаре дорад, ки фарогири маълумоти муҳимму арзандае оид ба аҳвол ва фаъолиятҳои устоди бузургвораш мебошад [19, с.5-6].

Фаъолият ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ низ ҷойгоҳи шоёне дорад. Аз ин ҷост, ки дар ҷаласаи 37-уми созмони байналмиллалии ЮНЕСКО таҷлили ҷашни 700-солагии ин шахсияти бузург ба феҳристи ҷашнҳои ЮНЕСКО шомил гардидааст. Зеро аз тамоми осори ин мутафаккири бузург идеяҳои ваҳдату ҳамдилӣ, муросо, гузашту бахшандагӣ ва сулҳу оромиш бармеоянд.

Зимнан, ба шумори шахсияти ҷаҳонӣ ворид гардидани Ҳазрати Амирҷон бесабаб набуда, ба омилҳои зиёде бастагӣ дорад, ки дар раъси онҳо тарҳи андешаҳои инсондӯстонааш қарор доранд, ки дар хилоли осори мутааддиди мутафаккир дарҷ шудаанд. Ба назар мерасад, ки ин шахсияти бузурги ҷаҳонӣ дар сафарҳои тӯлонии худ ҳамеша ба инсон ва моҳияти ҳастиву масъулияти вай таваҷҷуҳ карда, дар натиҷаи омӯзиши нуқтаи назарҳои гуногуни донишмандони сатҳи гуногуни дунё ба таври натиҷагирӣ аз ороу афкори онон ва мушоҳидоти шахсии хеш консепсияи инсони комилро ба сурате матраҳ кардааст, ки моҳияти умумиинсонӣ ва ҷаҳонӣ касб кардаву раднопазир мебошад. Чунонки маълум аст, Алии Ҳамадонӣ пас аз даргузашти устодаш – Алии Дӯстӣ, ки аксари улуми роиҷ дар замонаашро аз ӯ омӯхта буд, бо раҳнамоии муршиди худ Шайх Маҳмуди Маздақонӣ ба сафари дуру дароз мебарояд. Ӯ дар тӯли 21 сол ҳамаи кишварҳои мусулмонии Шарқро саёҳат мекунад. Назар ба шаҳодати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алии Ҳамадонӣ дар мусофиратҳо худ бо беш аз 1400 тан шахсиятҳои бузург вохӯрда аз суҳбатҳояшон баҳраманд гаштааст [23, с.447].

Мутобиқи иттилооти дарҷнамудаи Ҷаъфари Бадахшӣ, Алии Ҳамадонӣ дар умри худ се маротиба сафар карда, мавзеъҳои зиёди Шарқи Наздик ва Шарқи Миёнаро саёҳат кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқон воқеъ гардидани сафари аввалини Алии Ҳамадониро ба Хатлон дар соли 773 ҳ.қ., баробар бо соли 1372 ба қалам додаанд [3, с.36]. Дар чунин сафарҳои худ, албатта, ӯ таҷрибаи ҳаётӣ андӯхта ва ҳамзамон бо иршоди мардум машғул шудааст.

Маълум мешавад, ки қисми зиёди умри Алии Ҳамадонӣ дар мусофират ба минтақаҳои гуногун, аз қабили Макка, Мадина, Ҳинду Миср, Осиёи Сағир, Осиёи Миёна ва ғайра гузашта, ҳангоми ин сафарҳо бо авзои кишварҳо, расму оини кишвардорӣ, одоби муошират ва муносибати миёни мардум ошноӣ пайдо кардааст. Ба замми ин, ӯ дар тӯли сафарҳояш бо донишмандону бузургони арсаи сиёсат, илм, дин ва адаби кишварҳои мухталиф ошноӣ ва табодули афкор пайдо карда, бо аксари онҳо шиносоии хуб ва муносибати нек доштааст. Дар натиҷаи чунин сафарҳо ва суҳбату робитаҳо бо донишмандони муосири худ, шиносоӣ бо шаклҳо ва оинҳои гуногуни давлатдорӣ ба мутафаккири бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имкон фароҳам овардааст, ки доир ба сиёсат, ойини давлатдорӣ ва адабу ахлоқ, одоби муошират миёни мардум фикру андешаҳои хешро дар рисолаи арзишманде бо номи «Захират-ул-мулук» изҳор намояд.

Қобили зикр аст, ки осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз нигоҳи нигаҳдорӣ дар захираи дастнависҳои ҷаҳонӣ низ қобили таваҷҷуҳ буда, рашҳаи қалами адиб дар бузургтарин захираҳои нусахи хаттии мавҷуд дар ҷаҳон, дар кишварҳои Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Англия, Амрико, Русия (дар Санкт-Петербург), Ӯзбекистон маҳфуз мебошанд.

II

Таваҷҷуҳи арбоби илму адаб ва аҳли эҷоди Тоҷикистонро ба шахсият ва рӯзгору осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз лиҳози таърихӣ ба ду марҳалаи асосӣ табақабандӣ кардан мумкин аст:

а) давраи Шӯравии собиқ ё замони пеш аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имтидоди замонии ин марҳила аз оғози садаи бист шурӯъ ва то оғози даҳаи охири қарни мазкур идома меёбад; б) замони Истиқлолият. Марҳалаи дувумро, дар навбати худ, метавон боз ба ду давра ҷудо кард, ки фосилаи замонии ду ҷашни бузург – 680-солагӣ ва 700-солагии таваллуди мутафакирро дар бар мегирад. Омили асосие, ки ин ду марҳаларо аз ҳам мутамойиз месозад, таъсири вазъи сиёсии замон ба рӯҳияи ҷомеа ва нуфузи мафкураи комунистӣ ба ҳавзаҳои адабӣ мебошад. Ба ин тавзеҳ, ки дар давраи Шӯравии собиқ, ки Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи давлати дар он замон абарқудрат маҳсуб мешуд, таваҷҷуҳ ба рӯзгору осори бисёре аз адибони машҳури садаҳои қаблӣ, аз ҷумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки аз нигоҳи ҷаҳонбинӣ дар мақоми мухолиф бо мафкураи ҳоким қарор доштанд, бисёр маҳдуд буд. Хушбахтона, пас аз истиқлолият ба даст овардани Тоҷиикстони азиз садди мафкуравие, ки боиси ҷудоии сунъии ҷомеа бо фарҳанги миллии гузашта гардида буд, барҳам хӯрд. Бо итминон метавон арз кард, ки барои як муҳаққиқи ростин дар кишвари азизи мо акнун кулли имкониятҳо фароҳам оварда шудааст, то дар ростои ҳақиқат ва амонати илмӣ ба кори илмӣ-тадқиқотӣ машғул бишавад. Аз ин ҷост, ки дигар имрӯз муҳаққиқони тоҷик ба мероси фарҳангии гузаштаи худ, ки дар тӯли таърих офарида шудаву сафҳаҳои дурахшон дорад, бидуни ҳеҷ монеа менигаранд ва дар роҳи омӯзиши фарҳангу адаби гузаштаи худ камари ҳиммат бастаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба матлаби мазкур арз кардан ба маврид аст, ки агарчи самти таваҷҷуҳ ба рӯзгору осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар марҳалаи аввал маҳдудиятҳоро дар пай дошт, ин майдон ҳаргиз холӣ намондааст. Сабаби асосии ин ҳолат ба мавқеъ ва ҷойгоҳи Ҳазрати Амирҷон дар фарҳангу адаб ва ҷомеаи Тоҷикистон бастагӣ дорад. Агар аҳли ҷомеа, аз як тараф, ба ҳеҷ ваҷҳ аз ёду номи ҳазрати Амирҷон ғофил намонда ва ба шахсияташ ҳамеша арҷ ниҳода, мақдаму марқади гиромии вайро дар хоки Тоҷикистон гиромӣ доштаанд, аз ҷониби дигар, донишманду фозилони замон кӯшиш кардаанд, ки ба ҳар роҳу восита зиндагинома ва мероси адабии Ҳазрати Амирҷонро ба муомилоти илмӣ ворид намоянд. Ва дар ин амр уқдакушо, қабл аз ҳама, файласуфон ва ховаршиносон будаанд. Онҳо бо баҳонаи ҷустор дар ҷаҳонбинии фалсафии мутафаккир ва феҳристнигории захираҳои мероси мактуби гузашта ба масъалаҳои марбут ба ҷаҳони фалсафӣ ва мавҷудияти нусахи хаттии асарҳои вай диққат додаанд, ки дар раъси онҳо файласуфи марҳуми тоҷик Моҳирхӯҷа Султонов ва нусхашиноси машҳур, марҳум Амрияздон Алимардонов қарор доранд.

Моҳирхӯҷа Султонов, файласуфи шинохтаи тоҷик нахустин муҳаққиқест, ки дар Тоҷикистони замони Шӯравии собиқ иқдоми шоистаеро пеш гирифта, дар омӯзиши ҷараёни зиндагӣ ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гоми нахустинро гузошт. Номбурда даҳаи ҳафтуми садаи бист рисолае таҳти унвони “Ҳақиқат дар бораи мазори Ҳазрати Амирҷон” таълиф намуда буд, ки соли 1975 зевари табъ ба бар кардааст [13]. Муҳтавои ин рисола фарогири маълумоте мебошад, ки дар амри шиносоии хонандаи тоҷик бо шахсият ва мероси адабии Ҳазрати Амирҷон бисёр муфид буда, маҳз тавассути ҳамин асар ҷомеаи Тоҷикистон бо шахсияти мазкур ошноӣ пайдо карданд. Агар вазъи мавҷуд дар он замон ва сиёсати вақтро нисбат ба фарҳангу адаби аҷдодӣ ба назар бигирем, иқдоми мазкури Моҳирхӯҷа Султонов аҳаммияти дучанд пайдо мекунад. Муҳаққиқи мазкур дар ҳамадонишиносии тоҷик корҳои арзандаи дигаре ҳам анҷом додааст, ки дар мабоҳиси баъдӣ ба онҳо ишора хоҳад шуд. Умуман, ба эътирофи Ҳ. Асозода, ки имрӯз яке аз муҳаққиқони фаъоли ҳаёт ва осори Ҳазрати Амирҷон ба ҳисоб меравад, саҳми донишманди мазкур “дар зиндаю пойдор гардонидани номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дастраси оммаи васеъ гардонидани осори безаволи ӯ бағоят бузург аст” [2, с.6].

Аз ҷониби М. Азизов ва Р. Асоев дастури раҳнамое бо унвони “Оромгоҳи ҳазрати Амирҷон” дар соли 1991 ба чоп расидааст, ки дар он нисбатан маълумоти ҷадидтари пас аз рисолаи болоӣ ба даст омада фароҳам оварда шудааст. Дар китоби “Мухтасари таърихи Хатлон”-и М. Азизов низ оид ба мавзуи мавриди назар иттилоъ ба даст овардан мумкин аст.

Таваҷҷуҳ ба рӯзгору осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Тоҷикистон баъд аз ба тасвиб расидани қарори вижаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҷлили 680-солагии таваллуди Ҳазрати Амирҷон ба марҳалаи нав ворид шуд. Шурӯъ аз ин қарори таърихӣ ба баъд донишмандон ба таҳияи рисолаҳои мутафаккир машғул шуда, бахше аз осори ӯро ба хатти сирилики тоҷикӣ ба чоп расониданд. Дар ин бора баъдтар таваққуф хоҳад шуд. Дастовардҳои ҳамадонишиносони тоҷик, бахусус, дар арафаи таҷлил аз 700-солагии таваллуди Мир Сайид

Алии Ҳамадонӣ, ки ду даҳа инҷониб идома дорад, бениҳоят назаррас мебошад. Ин даврaро марҳалаи ҷадиди ҳамадонишиносӣ таъриф кардан мумкин аст. Дар ин фосилаи замонӣ донишмандони зиёде ба рӯзгору осори ҳазрати Амирҷон таваҷҷуҳ карда, асарҳои хубу мондагоре офаридаанд, ки кулли дастовардҳои ҳамадоншиносиро дар ду марҳалаи мазбур ба сурати зайл табақабандӣ ва муаррифӣ кардан мумкин аст:

1. **Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Алии Ҳамадонӣ**. Дар омӯзиши рӯзгору осори аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ саҳми донишмандони тоҷик Моҳирхӯҷа Султонов, Амрияздон Алимардонов, Ҳотам Асозода, Абдуҷаббор Раҳмонов, Одинашои Саидмурод, Каримҷон Қодиров, Мирзо Муллоаҳмадов ва дигарон хеле бузургу назаррас аст. Донишмандони мазкур дар нигоштаҳои илмӣ-омавӣ ва тадқиқоти хеш дастовардҳои донишмандони кишварҳои мамолики хориҷа, аз ҷамла Шамсиддин Аҳмад, Муҳаммад Риёз, Ризо Мустафои Сабзворӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Маҳдии Дурахшон, Сайидмаҳмуди Анварӣ, Сайида Ашрафи Зафар ва дигаронро, ки роҷеъ ба Ҳазрати Амирҷон ва масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори ӯ ба миён омадаанд, ба назар гирифтаанд. Бояд иқрор шуд, ки дар аксар масъалаву муаммоҳои ҳамадонишиносӣ донишмандони Эрон, Ҳиндустон, Покистон дар қиёс ба донишмандони тоҷик ҳусни тақаддам доранд.

Чунонки дар фавқ қайд гардида буд, тадқиқи нахустин перомуни рӯзгору осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба қалами М. Султонов тааллуқ дорад. Ин донишманд пас аз ироаи маълумот оид ба рӯзгори Ҳазрати Амирҷон дар хусуси мероси адабии вай низ баҳс ба миён оварда, теъдоди осори донишмандро беш аз 70 асар дониста буд. Ин рақам баъдтар дар тадқиқоти донишмандон такмил гардида, ки номгӯи беш аз 146 асари мутафаккирро дар бар мегирад.

Донишманди дигари тоҷик, марҳум А. Алимардонов нахустин муҳаққиқест, ки феҳристи асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониро ба забони русӣ тартиб дода, ба он муқаддимае ҳам навиштааст, ки фарогири маълумоти мухтасар оид ба адиб низ мебошад. Муҳаққиқ ва нусхашиноси мазкур дар асоси захираҳои маҳфуз дар шуъбаи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи мероси хатти Академияи Улуми Тоҷикистон феҳристи 56 асари Ҳазрати Амирҷонро тартиб додааст. А. Алимардонов ҳангоми таҳияи феҳрасти мазкур ба “Луғати шахсиятҳои машҳури Ҳинд”-и Сайид Абдулҳай Фахриддини Ҳасан, ки дар он оид ба 43 асари Алии Ҳамадонӣ маълумот дода шудааст ва дастхатти “Маҷмаъат-ур-расоил”-и маҳфуз дар шуъбаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Россия дар Санкт-Петербург, ки шомили 38 асари донишманди мазкур мебошад, назар доштааст. Яъне, кори анҷомдодаи нусхашиноси мазкур ба навъе фарогири дастовардҳои ҳамондавраи ҳамадонишиносони тоҷик ва Шӯравии собиқ ҳам мебошад.

Дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҳазрати Амирҷон хидматҳо ва корномаҳои илмии кормандони Осорхонаи вилоятии таъриху кишваршиносии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни замон: Осорхонаи мероси хаттӣ ва осори адабии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб ва ҳамшаҳриҳои Ҳазрати Амирҷон, яъне донишмандони минтақаи Хатлон, махсусан, Кӯлоб назаррас ва қобили арҷгузорӣ мебошад, ки ба сурати махсус аз онҳо ёд ва хидматҳояшонро қадр бояд кард. Мо исми чанде аз онҳоро то ба ин ҷо ёдовар шудем. Махсусан, солҳои охир дар ин ҷода кӯшиш ва хидматҳои дуктур Ҳотам Асозода назаррас ба чашм меояд. Ин донишманд дар муаррифии шахсияти адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст. Ба қалами ӯ ҳам нигоштаҳои илмӣ-омавӣ ва ҳам таълифоти илмӣ тааллуқ доранд. Китоби ӯ “Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ”, ки дар арафаи таҷлил аз 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва бузургдошти Ҳазрати Амирҷон дастраси хонандагон гардидааст, дастоварди муҳимму арзишманд маҳсуб мешавад [3].

Муаллиф дар таълифи ин китоб тақрибан тамоми асарҳои муҳаққиқони Мир Сайид Алии Ҳамадониро, ки дар Шарқу Ғарб ба ин мавзуъ даст задаанд, ба мисли Сайида Ашрафи Зафар (ба қавли муаллиф, асари “Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ”-и ин донишманд аввалин рисолаи мукаммали таҳқиқӣ дар бораи шарҳи ҳол ва фаъолияти эҷодии Ҳазрати Амирҷон маҳсуб мешавад), Мавлоно Муҳаммад Қосими Бухороӣ (“Анфоқи қудсия” ва “Ақвол-ус-содиқин”), доктор Сайид Ҳусайншоҳи Ҳамадонӣ (“Шоҳи Ҳамадонӣ”), Мавлавӣ Сайид Муҳаммади Ҳамадонӣ (“Заруриёти расул” ва “Урват-ул-вуско”), Муҳаммад Риёз (“Аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ”), Парвизи Азкоӣ (“Мураввиҷи ислом”), Сайид Абдурраҳмони Ҳамадонӣ (“Солори Аҷам”), Садриддини Рафоъӣ (“Саҳифат-ус-сулук”), Шамсиддин Аҳмад (“Шоҳи

Ҳамадон”), Эраҷи Гулисурхӣ (“Шарҳи муродоти девони Ҳофиз”) дар назар доштаву аз муҳтавои онҳо бо риояи ҳусни амонат суд ҷустааст. Мабоҳиси аслии рисола перомуни мавзуоти зайл тарҳрезӣ шудааст: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва муҳити ӯ, таваллуд ва макони валодат, табору насаб, устодон ва тарбияи Алии Ҳамадонӣ, Ҷаҳонгардӣ ва мусофират, авлодон ва муридон, Сайид муҳаммад ибни Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, пайвастан ба Ҳақ(қ), оромгоҳи Алии Ҳамадонӣ, осор, мавзуҳои асосии осор, панду ахлоқ ва мавқеи зан дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, васфи шоҳи одил ва раиятпарвар, сабру таҳаммул дар таъбири Алии Ҳамадонӣ ва баъзе хусусиятҳои услубии осори мутафаккир.

Бино ба таъйиди донишманди мазкур, кормандони Осорхонаи дар боло ёдшуда “беш аз 15 асари мутафаккирро ба чоп омода намуда, дар шакли китоб пешкаши хонандагон намудаанд” [2, с.8].

Донишманди мазкур ҷустуҷӯҳои илмии хешро перомуни Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва осори ӯ то кунун идома дода истодааст. Шоҳиди ин гуфта китоби навбатии ӯ мебошад, ки дар соли 2015 таҳти унвони “Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ” дастраси хонандаи тоҷик гардид [2]. Аз мундариҷаи ин китоб бармеояд, ки муаллиф дар таълифи он асосан ду ҳадафи зайлро пайгирӣ кардааст:

а) ҷамъбасти ковишҳое, ки то ин замон дастрас шудаанд. Аз ин ҷост, ки муаллифи асари мазкур баъзан матолиби китоби аввали худро тақвияту такмил баххшида, саҳифаҳои зиндагинома ва осори Ҳазрати Амирҷонро аз нав варақгардон кардааст. Баъзе мулоҳизаҳои ҷамъбастии Ҳотам Асозода уфуққои тозаи ҷусторро перомуни мавзуъ боз мекунад. Масалан, вай таъкид мекунад, ки чунончи то соли 1995 барои муҳаққиқон фақат 3-4 орифе бо ному насаби ҳамгун бо Ҳазрати Амирҷон маълум бошад, “акнун беш аз ёздаҳ нафар мутафаккир ва ориф бо исми Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маълум гардид” [2, с.28].

Маълум мешавад, ки дар ҳамадонишиносӣ муаммоҳои ҳалношуда хеле зиёданд, бахусус, ишораи мазкур дар мавриди шахсиятҳои ҳамном таҳқиқи мӯшикофонаро металабад. Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин қазия муаллифи китоби мавриди назар перомуни шаҷараҳои ба хонадони Ҳазрати Амирҷон мансубият дошта тафаҳҳусе анҷом додааст, ки муҳим мебошад.

б) таҷдиди назар оид ба таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва бадеии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Дар китоби “Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ” масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудаанд: рӯзгор ва осор, ки ин бахш шомили вазъи сиёсиву иҷтимоии замон низ ҳаст, “Захират-ул-мулк” ва арзишҳои ахлоқии он ва мухтассоти услубии осори мутафаккир. Мавзуъҳои мазкур бо табақабандии мабоҳиси марбут ба онҳо дар зерфаслҳо ироа гардидаанд.

Дар оғози китоби мавриди назар матни суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷой дода шуда, инчунин, ба китоб тавзеҳи баъзе калима ва ибороти дар матнҳо истифода гардида ва луғатнома зам гардидааст, ки муфид мебошад.

Ҳотам Асозода ҷустуҷӯҳои худро баъд аз нашри рисолаи мазкур, яъне аз соли 2015 то кунун пайгирона идома дода истодааст. Дар ин фосилаи замонӣ ба қалами ӯ беш аз бист мақола ва ду асар навишта шудааст. Китобҳои “Аз ривоят то ҳақиқат” (2018) ва “Мусофири роҳи ҳақиқат” (2018) бо ҳамқаламии Раҷаб Асозода таълиф шудаанд. Айни замон ӯ дар мавзуи “Хусусиятҳои жанрию мавзуии осори бадеии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ” ба таълифи монографӣ машғул аст.

Ҳотам Асозода дар таҳияи осори Ҳазрати Амирҷон низ саҳми назаррас дорад, ки дар ин бора баъдтар ишора хоҳад шуд.

Аз тадқиқоти донишмандони тоҷик роҷеъ ба мероси адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бармеояд, ки ин мутаффаккир яке аз пуркортарину сермаҳсултарин орифони эҷодкор буда, тӯли 73 соли ҳаёти пурбаракати хеш осори фаровони фикрӣ аз худ ба ёдгор гузоштааст. Осори зеҳнии ин орифи шуҳратёр мансуру манзум буда, бо ду забон - форсӣ тоҷикӣ ва бо забони арабӣ рӯйи кор омада, наздик ба 200 адад таъкид шудааст. Яъне, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо вуҷуди сафарҳои тӯлонӣ тавассути истеъдоди фитрӣ ва дониши серсоҳаи худ ва ҳамчунон сарфаи вақт тавонистааст, дар риштаҳои фиқҳу илоҳиёт, тасаввуфу ирфон, мантиқу фалсафа, сиёсат, ахлоқу тарбия ва адабиёт осори фаровоне таълиф ва тасниф намояд.

Ғолибан осори ин мутафаккир калонҳаҷм набошанд ҳам, бо манзури дарунмоя – мазмуну муҳтаво басо гаронарзишу судманданд. Ба қавли донишманди англис Ч. Сторӣ, асарҳои Мир

Сайид Алии Ҳамадонӣ асосан аз рисолаҳои кӯтоҳи тасаввуфӣ иборат мебошанд, ки баъзеи онҳо ба забони арабӣ навишта шудаанд.

Шамсиддин Аҳмад дар асари «Шоҳи Ҳамадон» рӯйхатти осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро оварда, 146 асари мутафаккирро зикр кардааст. Муҳаққиқони дигар боз баъзе асарҳои ин донишмандро номбар кардаанд, ки дар феҳристи Шамсиддин Аҳмад зикр нашудаанд. Аз ҷумла, асарҳои «Фасл-ул-хитоб би вусул-ил-аҳбоб», «Авроҳи асрия» ва ғайра. Ин худ гувоҳи он аст, ки осори мутафаккир миқдоран низ зиёд буда, то ба кунун наздик ба дусад асари олим дастрас гардидааст. Аз ҷумлаи он осор метавон чандеро номбар кард, ба мисли «Захират-ул-мулук», «Миръот-ут-тоибин», «Сайр-ут-толибин», «Кашф-ул-ҳақоиқи нурбахшия», «Рисолаи макорим-ул- ахлоқ», «Шарҳи фусус-ал-ҳикам» ва монанди инҳо, ки ба муаллиф ба ҷовидон шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидаанд.

Мавзуъҳои меҳварии осори мутафаккир илоҳиёту фалсафа, тасаввуфу ирфон, ахлоқу тарбия, фиқҳ, ҳикмату мантиқ ва ғайра буда, тарбияи инсон ва ғановати камолоти маънавии он заминаҳои бунёдии мазомини осори маҳфузмондаи олимро фароҳам овардаанд.

Хусусан, дар ҷодаи тасаввуфи исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ як силсила осор рӯйи кор овардааст, ки арзиши волои илмию таърихии соҳаро дар бар мегиранд. Ин аст, ки осори ин мутафаккири тоҷик дар китобхонаҳои калонтарини дунё, дар мамлакатҳои гуногун: Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Англия, Амрико, Россия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо нигоҳдорӣ мешавад, ки ин падида низ аз шуҳрати ҷаҳонии осори мутафаккир шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, дар ганҷинаи осори хаттии Маркази мероси хаттии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 52 номгӯй асарҳои Алии Ҳамадонӣ гирдоварӣ шудааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз симоҳои барҷастаи тасаввуф ва ирфон, хосатан силсилаи “Кубравия” маҳсуб мешавад. Мувофиқи таҳқиқи ҳамадонишиносон, таълимоти ирфонии мутафаккир дар муҳимтарин асарҳои ирфониаш, ба мисли “Асрор-ун-нуқта”, “Рисолаи қуддусия”, “Рисолаи вуҷудия”, “Рисолаи ҳамадония”, “Рисолаи ақлия”, “Рисолаи нафсия”, “Авроди фатҳия”, “Машориб-ул-азвоқ”, “Истилоҳоти сӯфия”, “Даҳ қоидаи сӯфия”, “Ҳалли мушкил”, “Одоб-ул-машоих”, “Рисолаи маномия”, “Рисолаи мушайянаи амирия”, “Рисолаи дарвешия”, “Рисолаи футувватия”, “Чиҳил мақоми сӯфия”, “Рисолаи зикрия”, “Ҳафт водӣ”, “Муродоти девони Ҳофиз”, “Минҳоҷ-ул-орифин” ифода шудаанд. Ба назари мо, дар асарҳои мазкур ҷаҳонбинии ирфонӣ ағлаб тавъам бо гароиш ба ҳикмату фалсафа матраҳ гардидаанд. Шоҳи Ҳамадон дар осори худ ба масъалаҳои назарию амалии ҳикмати ирфонӣ, чун ваҳдати вуҷуд, таназзул ва зинаҳои он, қавси нузул ва қавси сууд, ишқу муҳаббат, муриду муршид, холиқу махлуқ, инсон ва маротиби ӯ, такмили худӣ, маърифати Ҳақ ва усулу воситаҳои он, одоби машоих, қоида ва мақомоти сӯфия, футувват ва ғайра таваҷҷуҳ кардааст.

2. **Таҳқиқот перомуни масъалаҳои марбут ба ҷаҳонбинӣ, орову афкор ва муҳтавои асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ**. Ин гурӯҳи тадқиқотро ба ду даста табақабандӣ кардан мумкин аст: а) навиштани мақолаҳои ҷудогона ва пешгуфторҳо ба осори Ҳазрати Амирҷон, ки ба хатти сирилики тоҷикӣ дар Тоҷикистон ба чоп расидаанд ва б) таълифи монографияҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва китобҳои ҷудогона оид ба ҷараёни зиндагонӣ, фаъолиятҳо, мероси адабӣ, мазмуну мундариҷаи асарҳои мутафаккир, андешаву афкор ва хусусиятҳои боризи эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Ҳамчун намунаи бахши аввали гурӯҳи якум аз мақолаҳое метавон ёд кард, ки дар солҳои гуногун аз ҷониби ҳам муҳаққиони зиндагиномаву осори Ҳазрати Амирҷон ва ҳам алоқамандону мухлисони мутафаккир навишта шудаанд. Чунин мақолаҳо ба ду забон: форсии тоҷикӣ ва русӣ навишта шуда ва дар кишварҳои Тоҷикистон, Эрон, Русия ба табъ расидаанд. Намунаи мақола ба забони русӣ нигоштаи Султонов Моҳирхӯҷаро метавон ном бурд, ки “Ҳаёт ва эҷодиёти Алии Ҳамадонӣ” унвон дорад [15]. Мақолаҳои дигари ҳамин донишманд ҳам қобили ёдоварианд, ки аз ҷумлаи онҳо мақолаҳои “Он Ҳамадон мавлиду Хатлон ватан” ва “Чанд мулоҳиза оиди зиндагии Алии Ҳамадонӣ” [16]-ро метавон номбар кард.

Яке аз дастовардҳои назаррас дар ин замина дар қолаби як ҷилд ба чоп расонидани мақолаҳои перомуни мавзӯи мавриди назар таълиф кардаи донишмандони тоҷик ба шумор меравад. Масалан, соли 1995 таҳти унвони “Аз Авесто то Ҳамадонӣ” китобе ба чоп расид, ки маҷмуаи мақолаҳои кормандони илмии АУ ҶТ ва устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Ё худ, фаслномаи “Рӯдакӣ”, ки нашрияи Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шумораи вижаеро ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшидааст, ки фарогири сездаҳ номгӯй мақолаҳои донишмандони тоҷик мебошад.

Пешгуфторҳо ба асарҳои Ҳазрати Амирҷон ба сурати мухтасар ва муфассал нигошта шудаанд. Намунаи мухтасари он пешгуфтори ба рисолаи “Маърифати нафс” навиштаи Аламхон Кучаров маҳсуб мешавад, ки шомили мабҳаси мухтасаре перомуни мавзӯи асосии рисолаи “Маърифати нафс” ва муаррифиномаи нусхаи мавриди назари омодакунандаи матн мебошад. Қариб аксарияти маҷмуаҳои мантахаб ва баргузидаи осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо муқаддима оғоз мешаванд, ки аз ҷониби таҳиягарон ва ё муҳаррирон навишта шудаанд.

Ба намунаи пешгуфтори муфассал навиштаи Моҳирхӯҷаи Султонзода мисол шуда метавонад, ки таҳти унвони “Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ” ба маҷмуаи “Осори мунтахаб”-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нигошта шуда, мақолаи муфассали илмӣ-тадқиқотиеро мемонад, ки мабҳаси аслии он тавзеҳи ҳикмати ирфонии Ҳазрати Амирҷонро дар бар мегирад. Навиштаи мазкур, ки аз 11,5 саҳифа иборат аст, танҳо 0,5 сафҳаи он шомили баҳси илмӣ набуда, фарогири нукоти тавзеҳие оид ба рисолаҳои шомили маҷмуа мебошад [19, с.5-16].

Махсусияти боризи рашҳаи қалами донишманди мазкур аз он иборат аст, ки вай перомуни масъалаҳои мавриди назараш ҳамеша баҳси илмӣ ороста, бо донишмандони зиёд баҳс мекунад, ки дар натиҷа назари шахсии хешро дар пай дорад. Масалан, яке аз мавориди мавриди баҳси донишмандон дар зиндагиномаи Ҳазрати Амирҷон таъйини ҷойи фавти аллома мебошад, ки дар ин бора андашаҳои мухталиф хеле зиёданд. Султонзода кулли манобеъу маохизи мавҷуд дар рӯзгорвшро омӯхта масъалаи мазкурро ба таври зайл ҷамъбаст кардааст: “Маҳалли вафоти ӯро (Ҳазрати Амирҷонро – М.Н.) Кабравсавод, Кобул, Макулоб, Похлӣ, Кунор, Моваруннаҳр, Ҳазора, Кофиристон, Ҳамадон ва Саринигар гуфтаанд.

Аз муқоисаву мулоҳизаи маълумоти ахбори манбаъу тадқиқотҳо ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ... ҳангоми сафар дар маҳалли Кабравсаводи Похлӣ (Паҳаклӣ) Покистон вафот кардааст ва ҷасадашро, мувофиқи васияташ, шогирдону муридон ба Хатлон оварда дафн кардаанд” [19, с.10-11].

Маҳалли фавти Ҳазрати Амирҷонро деҳаи Пашади вилояти Кунари Афғонистон ҳам зикр кардаанд.

Дар Тоҷикистон нахустин донишманде, ки оид ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ китоб навиштааст, чунонки дар мабоҳиси фавқ ишора шуда буд, файласуфи тоҷик Моҳирхӯҷа Султоно мебошад. Дар боло аз як асари вай ёд карда будем. Дувумин китоби ӯ “Таълимоти тасаввуфии Алии Ҳамадонӣ” ном дорад, ки ба забони русӣ навишта шуда ва соли 1993 зевари табъ ба бар кардааст [14].

Донишмандони тоҷик Каримҷон Қодиров ва Мирзо Муллоаҳмадов бо унвони “Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ” китобе таълиф намудаанд, ки шомили се фаслу зерфаслҳо буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни марбут ба паҳлӯҳои гуногуни андешаҳои ирфонии Ҳазрати Амирҷон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ба таври зайл: манбаъҳои шеъри ирфонии аллома, таъсири назарияи тавҳид, ишқ ҳамчун сарчашмаи такомули инсон ва воситаи иртибот бо офаридгор, инъикоси рӯҳ ва таҷалли нур, ифодаи асрори муҳаббати илоҳӣ, рамзофаринӣ ва рамзу тамсил. Муаллифон ба он назаранд, ки мабоҳиси мазкурро бар мабнои шеъри ирфони Ҳазрати Амирҷон мавриди баррасӣ қарор додаанд.

3. **Таҳияи осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба хатти кириллии тоҷикӣ**. Агарчи масъалаи дастрасӣ ба осори Ҳазрати Амирҷон ҳамеша дар миёни мардуми тоҷик ҷой доштаву аз роҳҳои гуногун амалӣ мешудааст, имкони ба сурати комил чоп ва дастраси алоқамандон гардонидани осори мутафаккир танҳо пас аз Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омад. Аз ин давра ба баъд донишмандон ба таҳияи рисолаҳои ҷудогона ва маҷмуаи асарҳои Ҳазрати Амирҷон иқдом намудаанд, ки чанде аз онҳоро зайлан ёдовар мешавем:

1. Чунонки дар фавқ ёдовар шудем, дар таҳияи осори Ҳазрати Амирҷон ба хатти сирилики тоҷикӣ, пеш аз ҳама, кормандони Осорхонаи вилоятии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ иқдом намуда ва таҳияи нахустин асари мутафаккир ҳам бо кӯшиши онҳо сурат гирифтааст, ки “Авроди фатҳия” мебошад. Ин асар дар таҳияи Ҳотам Асозода соли 1992 дар Кӯлоб зевари табъ ба бар кардааст.

2. Рисолаи “Маърифати нафс”, дар таҳияи Аламхон Кучаров ва Исмоил Сайидиброҳимов. – Кӯлоб, 1995. – 21 саҳ. “Рисолаи қуддусия”-ро низ ҳамин донишмандон таҳия кардаанд.

3. Осори мунтахаби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Шоҳи Ҳамадон дар чаҳор ҷилд, бо таҳия, тасҳеҳ, муқобала ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷа Султонзода. – Ду анбе: Ирфон, 1995.

4. Ганҷи ирфон – маҷмуае дар ду ҷилд, ки соли ҷорӣ дар таҳияи Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода ва Қувваталӣ Турдиев бо тавзеҳоти лозим ва шарҳи луғоти зарурӣ ба табъ расидааст. – Душанбе: Адиб, 2015.

Ҷилди аввали ин маҷмуа шомили осори манзум ва даҳ рисолаи ахлоқиву фалсафӣ буда, дар асоси нусхаи №456-и Ганҷинаи дастхатҳои АУ ҶТ ба чоп омода шудааст. Дар ҷилди дувуми маҷмуаи мазкур бисту ҳафт асари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фароҳам оварда шудааст, ки кулли онҳо дар асоси нусхаи хаттии маҳфуз дар махзани Захираи дастхатҳои шарқии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ ҶТ омода шудаанд.

5. Матни “Захират-ул-мулук” бо кӯшиши Ҳотам Асозода ва Қувваталӣ Турдиев дар асоси дастнависи маҳфуз дар Осорхонаи мероси хаттӣ ва осори адабии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ ба чоп омода шудааст. Ва ғайра.

Донишмандони тоҷик ба тарҷума ва баргардони баъзе асарҳои таҳқиқие ҳам иқдом намудаанд, ки аз ҷониби донишмандони хориҷӣ перомуни Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва эҷодиёти ӯ навишта шудаанд. Барои мисол аз китоби Муҳаммад Риёз “Аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ” метавон ёдовар шуд, *ки он дар соли 1995 бо кӯшиши донишмандони тоҷик С. Аҳмадов ва М. Султонов ба сурати мухтасар ва* соли ҷорӣ ба кӯшиш ва таҳияи Муҳаммадҷаъфари Ранҷбар ба шакли комил ва баъзе афзудаҳо зевари табъ ба бар кардааст [10].

4. **Симои Ҳазрати Амирҷон дар оинаи осори бадеӣ**. Бо кӯшиши баъзе аз адибон ва аҳли эҷоди Тоҷикистон саҳифаи ҷадиде дар шинохти чеҳраи ирфонӣ ва адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ боз гардидааст, ки чунин иқдомро дар мақулаи симои Ҳазрати Амирҷон дар оинаи осори бадеӣ мушаххас кардаем. Бо таваҷҷуҳ ба маводи дастраси марбут ба ин мақула симои Ҳазрати Амирҷонро дар оинаи осори бадеӣ бо се равиш метавон ба мушоҳида нишаст: а) тасвири бадеии симои Ҳазрати Амирҷон дар насри бадеӣ, б) шеърҳо дар васфу ситоиши Ҳазрати Амирҷон, в) таълифи драма. Зайлан ба тавзеҳи ҳар кадом аз равишҳои мазбур пардохта мешавад.

Тасвири бадеии симои Ҳазрати Амирҷон дар насри бадеӣ. Ин равиши эҷодӣ ҷадид буда, нахустин намунаи комили ба мо дастраси он қиссаи нависанда Маҷид Салим “Ахтари тобон” [11] мебошад. Қиссаи мазкур бахшида ба 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тасниф шуда, мавзуи он ҳузури Ҳазрати Амирҷон дар Хатлон буда, шомили баъзе лаҳзаҳои алоқаманд ба муносибати миёни Ҳазрати Амирҷон ва Амир Темур низ мебошад, ки бесабаб нест. Якум ин, ки мавзуи ҳузури Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Хатлон муҳимтарин омилест, ки мардуми тоҷикро бо Ҳазрати Амирҷон мепайвандад. Дувум ин, ки дар миёни мардуми тоҷик перомуни муносибати байни Ҳазрати Амирҷон ва Амир Темур ривоятҳои зиёде мавҷуданд. Ҳамин ду омили муҳим ва маҳбубияти хосси Ҳазрати Амирҷон дар миёни тоҷикон заминаи мусоиди эҷоди қиссаи хонданию ҷолиби “Ахтари тобон”-ро фароҳам овардаанд.

Маҷиди Салим дар тасвири бадеии симои маънавии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз гуфтаҳои худи мутафаккир, андешаҳои шогирдони ӯ ва почаҳои шеърӣ ба сурати фаровон суд ҷустааст, ки чунин услуб қиссаи ӯро боз ҳам ҷолибу хонданӣ гардонидааст. Месазад, ки қиссаи мазкур ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Шеърҳо дар васфу ситоиши Ҳазрати Амирҷон. Яке аз саҳифаҳои навин ва дар айни замон дурахшони шеъри муосири тоҷикро силсилашеърҳое ташкил медиҳанд, ки дар васф ва ситоиши Ҳазрати Амирҷон офарида шудаанд.

Ба назари мо, дур нест, ки дар адабиётшиносии муосир ниёз ба таҳқиқи ҷомеи чунин ашъор ба миён меояд, то ба ин восита манзараи умумии тасвири симои Ҳазрати Амирҷон дар адабиёти тоҷик таъйин бишавад.

Таълифи драма ва ба саҳна гузоштани намоишномаҳое, ки аз ҳаёти Ҳазрати Амирҷон нақл мекунанд. Оид ба ҳаёт ва фаъолиятҳои Ҳазрати Амирҷон асарҳои саҳнавии Муҳаммад Ғоиб “Мири кабир” (1995), Одина Раҳмон “Имтиҳон ва қасос”, Файзи Ашӯр “Солори Аҷам” (2015) эҷод шудаанд.

Дар самти ба саҳна гузоштани намоишномаҳо аз ҳаёти Алии Ҳамадонӣ ҳусни аввалин будан ба ҳунармандони шаҳри Кӯлоб бармегардад. Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Саидалӣ

Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба истиқболи 700-солагии аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ драмаи манзуми адиби хушзавқу ҷавони тоҷик Файзи Ашӯрро таҳти унвони “Солори Аҷам” ба саҳна гузоштааст. Ба саҳнагузорандаи намоишномаи мазкур ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоватан Миров мебошад, ки намоишномаи мазкурро бо камоли масъулият ва кордонӣ анҷом додааст [12, с.12].

5. **Танзими феҳристи осори чопшуда ва адабиёт доир ба Алии Ҳамадонӣ**. Дар мавзуи мавриди назар танҳо як феҳрист дар даст дорем. Соли 2015 бо кӯшиши Ш. Комилзода ва С. Иброҳимова, ба равиши мутолиоти китобшиносӣ, асаре таҳти унвони “Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ” чоп шудааст, ки фарогири чунин матолиб мебошад: нашри алоҳидаи асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба забони тоҷикӣ, мақолаҳои дар матбуоти даврӣ ва нашрияҳои давомдор ба забони тоҷикӣ чопшуда, адабиёт доир ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ, нашрҳои электронӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ. Дар пажӯҳиши библиографӣ ва ҷамъоварии мавод С. Саидова, З. Ғолибов, М. Азимова саҳм гузоштаанд.

Ин асар бо номи “Оқибат он нур ба Хатлон расид” муқаддимаи муфассале доир ба сарчашмаҳои таърихӣ, рӯзгору осор ва корномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дорад, ки ба қалами Ҳотам Асозода таълиф шудааст.

Дар ин феҳрист осори таҳқиқии ҳамадонишиносони дигар кишварҳо, аз ҷумла, Ҳинду Покистон, ки дар ин ду кишвар перомуни ҳаёту эҷодиёти Алии Ҳамадонӣ асарҳои зиёде навишта шудаанд, фаро гирифта нашудаанд.

Рӯйиҳамрафта, аз андешаҳои матраҳ дар ин мухтасар чунин натиҷа бармеояд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар миёни мардуми тоҷик ва фарҳангу адаби онон аз муҳаббат ва ҷойгоҳи бузурге бархурдор буда, ба сифати яке аз бузургтарин чеҳраҳои илму фарҳанги садаҳои гузаштаи миллати тоҷик шинохта шудааст. Бесабаб нест, ки абёти зерини Ҳазрати Амирҷон зиннатбахши пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад:

Ҳар кӣ моро ёд кард, Эзид мар ӯро ёр бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод.
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,
Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод.
Дар ду олам нест моро бо касе гарди ғубор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.

Дар охир ёдовар мешавем, ки мардуми фарҳангдӯст ва намакшиноси тоҷик хотираи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ин бузургмарди илму адаб ва ҷаҳони тасаввуфу ирфонро ҳамеша пос доштаву медоранд, осорашро мутолиа ва аз афкори инсонпарваронаи ӯ дар ҳаёти худ муттасил истифодаҳо кардаанд ва мекунанд.

Ҷой дорад дар интиҳои ин мухтасар аз асомии донишмандоне ёдовар бишавем, ки дар илми ҳамадонишиносии тоҷик саҳми шоиста гузошта ва низ баъзе аз онҳо ҷусторҳоро дар ин самт идома дода истодаанд: Муҳаммад Осимӣ, Моҳирхӯҷа Султонзода, Амрияздон Алимардонов, Раҷабалӣ Асозода, Ҳотам Асозода, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдуҷаббор Раҳмонов, Одинашои Саидмурод, Маҳмадулло Ибодов, Каримҷон Қодиров, Қудратулло Абдурраҳимов, Абдурраҳмон Маҳмадов, Абдурраҳмон Қурбонов, Карроматулло Мирзоев, Аламхон Кӯчаров ва дигарон. Хидматҳои ҳар кадом аз донишмандони мазкур, махсусан, ҷусторҳои илмии донишманди марҳум Моҳирхӯҷа Султонзода ва муҳаққиқи бевоситаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рӯзгори мо Ҳотам Асозода, ки беш аз сӣ сол аст дар ин ҷода заҳмат мекашад, шоистаи тамҷид ва арҷ гузоштан мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алии Ҳамадонӣ, Мир Саййид. Ашъори ирфонӣ ва “Минҳоҷ-ул-орифин” / Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ. Бо кӯшиши Ҳ. Асозода. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 23 с.
2. Асозода, Ҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ / Ҳ.Асозода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
3. Асоев, Ҳ. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ / Ҳ.Асоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 140 с.
4. Бадахшӣ, Мавлоно Нуруддин Ҷаъфар. Хулосат-ул-маноқиб / Мавлоно Нуруддин Ҷаъфари Бадахшӣ. Дастхатти Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳон Берунии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон. – № 2312.
5. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ.ш.

6. Дурахшон, Маҳдӣ. Бузургон ва суханварони Ҳамадон. – Теҳрон, 1341 ҳ.ш.
7. Ибни Араби. Темы мудрости. Перевод А.В. Смирнова. В кн. Степанянц М. Т. Философские аспекты суфизма. – М.: Наука, 1987.
8. Истахрӣ, Алӣ. Усули тасаввуф / Алии Истахрӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1362 ҳ.ш.
9. Қодиров К. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Қодиров К., М.Муллоаҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 256 с.
10. Риёз, Муҳаммад. Аҳволу осор ва ашъори Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ (мактубот бо нуҳ рнисола дар ин чоп) / Муҳаммад Риёз. Ба кӯшиш ва таҳияи Муҳаммадҷаъфари Ранҷбар. – Душанбе: Китобхонаи устод Халилуллоҳ Халилӣ, 2015. – 304 + 104 с.
11. Салим, Маҷид. Ахтари тобон (Қисса) / Маҷид Салим // Садои Шарқ, 2015. – №8. – С.57-90.
12. Салмонов, Б. Хайрамақдам, “Солори Аҷам”. Мусоҳиба бо Мирзоватан Миров / Б.Салмонов // Адабиёт ва санъат. - Душанбе, 2015. – № 36 (1799), 3-юмис ентябр.
13. Султонов, М. Ҳақиқат дар бораи ҳазрати Амирҷон / М.Султонов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 38 с.
14. Султонов, М. Суфийская доктрина Али Хамадани / М.Султонов. – Душанбе: Дониш, 1993.
15. Султонов, М. Жизнь и творчество Али Хамадони / М.Султонов // Известия АН Республики Таджикистан. – Сер.: Философия и правоведение. –1995. – № 2.
16. Султонов, М. Он Ҳамадон мавлиду Хатлон ватан / М.Султонов // Дарё, соли 1994.
17. Султонов, М. Чанд мулоҳиза оиди зиндагии Алии Ҳамадонӣ / М.Султонов // Садои мардум, соли 1996.
18. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Табрез, 1358.
19. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Осори мунтахаб. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди 2 / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳия тасҳеҳ, муқобала ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷаи Султонзода. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 238 саҳ.
20. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Ганҷи ирфон (ҷилди аввал) / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳия, тавзеҳот ва шарҳи луғот: Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, Қувваталӣ Турдиев. – Душанбе: Адиб, 2015. – 380 с.
21. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Ганҷи ирфон (ҷилди дувум) / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳия, тавзеҳот ва шарҳи луғот: Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, Қувваталӣ Турдиев. – Душанбе: Адиб, 2015. – 288 саҳ.
22. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Маърифати нафс / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳиягарон Аламхон Кӯчаров ва Исмоил Саидиброҳимов. – Кӯлоб, 1994. – 21 с.
23. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс Абдурраҳмони Ҷомӣ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҳдии Тавҳидипур. – Теҳрон: Заввор, 1336 ҳ.ш.

ҶОЙГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ФАРҲАНГУ АДАБИ ТОҶИКИСТОН

Ҳаким ва мутафаккири бузург Мир Сайид Алӣ ибни Шаҳобуддин ибни Мир Сайид Муҳаммади Ҳусайни Ҳамадонӣ (1314-1384) муддате дар мулки Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зиндагӣ ва фаъолият намудааст. Вай ҳангоми иқоматаш дар Хатлон муътақидону ихлосмандони ниҳоят бисёр пайдо мекунад. Мардуми Хатлон чунон бо ӯ унс мегиранд ва барояш эҳтиром қоил мешаванд, ки ҳангоми дар барааш сухан гуфтан бо ихлоси бузург “Ҳазрати Амирҷон” мехондандаш ва имрӯз ҳам ҳамин унвон дар миёни мардум маъмул аст. Агарчи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ берун аз қаламрави Тоҷикистон чашм аз ҷаҳон барбастааст, мутобиқи васияти худаш, колбади ӯро ба Хатлонзамин оварда ва дар маркази шаҳри Кӯлоб ба хок супоридаанд. Баъдан мақбараи ӯро дар ин мавзеъ бино кардаанд, ки то имруз побарҷо буда, ба зиёратгоҳи хосу ом қарор гирифтааст. Писари Мир Сайид Алии Ҳамадони – Муҳаммад ибни Сайидалии Ҳамадонӣ, ки низ аз пайравони қиблагоҳи худ будаву солҳо дар Кашмир зиста, мазораш дар паҳлуи қабри падараш, дар шаҳри Кӯлоб воқеъ гаштааст. Дар ин мақола масъалаҳои марбут ба ҳузури Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, маъруф ба Ҳазрати Амирҷон дар кишвари Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъруфияту эҳтиромаш дар миёни мардум ва ҷойгоҳи мутафаккир дар фарҳангу адаби тоҷикон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф мабоҳиси мавриди назарашро дар ду бахш матраҳ кардааст, ки шомили масъалаҳои алоқаманд ба маъруфияти Ҳазрати Амирҷон дар миёни мардуми тоҷик ва ҷойгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар фарҳангу адаби тоҷикон мебошад. Зимни мабҳаси аввал, инчунин, таъкид гардидааст, ки фаъолият ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ низ ҷойгоҳи шоёне дорад.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҳазрати Амирҷон, Тоҷикистон, Кӯлоб, ҷойгоҳ, фарҳанг, адаб, тоҷикон.

МЕСТО МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ В КУЛЬТУРЕ И ЛИТЕРАТУРЕ ТАДЖИКИСТАНА

Великий мудрец и мыслитель Мир Сайид Али ибн Шахабуддин ибн Мир Сайид Мухаммад Хусейн Хамадони (1314-1384) некоторое время жил и работал в провинции Хатлон Республики Таджикистан. За время своего пребывания в Хатлоне он нашел много верующих и преданных людей. Хатлонцы так уважают его, что когда говорят о нем, то с большой искренностью называют его «Хазрат Амирджан», и даже сегодня этот титул распространен среди людей. Хотя Мир Сайид Али Хамадони скончался за пределами Таджикистана, по его завещанию, его тело было доставлено в Хатлонзамин и захоронено в центре города Куляб. Позже на этом месте был построен его мавзолей, который стоит и сегодня и стал особой святыней. Сын Мир Сайида Али Хамадани – Мухаммад ибн Сайдали Хамадани, который также был последователем своего отца и много лет жил в Кашмире. Его могила находится рядом с могилой отца в городе Кулябе. В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с пребыванием Мир Сайида Али Хамадони, известного как Хазрат Амирджан, в Таджикистане, его популярностью и уважением в народе и местом мыслителя в таджикской культуре и литературе. Автор представил вопрос в двух разделах, которые включают вопросы, связанные с популярностью Хазрата Амирджана среди таджикского народа и местом Мир Сайида Али Хамадони в таджикской культуре и литературе. В первой части также подчеркивается,

что деятельность и труды Мир Сайида Али Хамадони занимают достойное место в истории мировой науки и культуры.

Ключевые слова: Мир Сайид Али Хамадони, Хазрат Амирджон, Таджикистан, Куляб, место, культура, литература, таджики.

THE PLACE OF MIR SAYYID ALI KHAMADONI IN THE CULTURE AND LITERATURE OF TAJIKISTAN

The great sage and thinker Mir Sayyid Ali ibn Shahabuddin ibn Mir Sayyid Muhammad Hussein Hamadoni (1314-1384) lived and worked for some time in the province of Khatlan of the Republic of Tajikistan. During his stay in Khatlon, he found many believers and devotees. The people of Khatlon get along with him and respect him so much that when they talk about him, they call him “Hazrat Amirjan” with great sincerity, and even today this title is common among people. Although Mir Sayyid Ali Khamadoni died outside of Tajikistan, according to his will, his body was taken to Khatlonzamin and buried in the center of the city of Kulyab. Later, his mausoleum was built on this site, which still stands today and has become a special shrine. The son of Mir Sayyid Ali Hamadani is Muhammad ibn Sayidali Hamadani, who was also a follower of his father and lived in Kashmir for many years. His grave is located next to the grave of his father in the city of Kulyab. This article discusses issues related to the stay of Mir Sayyid Ali Hamadoni, known as Khazrati Amirjan, in Tajikistan, his popularity and respect among the people and the thinker's place in Tajik culture and literature. The author presented the question in two sections, which include questions related to the popularity of Hazrat Amirjan among the Tajik people and the place of Mir Sayyid Ali Hamadoni in Tajik culture and literature. The first part also emphasizes that the activities and works of Mir Sayyid Ali Hamadoni occupy a worthy place in the history of world science and culture.

Key words: Mir Sayyid Ali Khamadoni, Hazrati Amirjon, Tajikistan, Kulyab, place, culture, literature, Tajiks.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мисбоҳиддини Нарзиқул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Мисбохидини Нарзикул*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17

Information about the author: ***Misbohidini Narzikul*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 40+28(595+3)

ХУСУСИЯТИ ИРФОНИИ БАЁНИ “МАЙ” ДАР ҚАСИДАИ “МОДАРИ МАЙ”-И РӮДАКӢ

Қодиров К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯдакӣ дар қасидаи «Модари май» дар лафзу маънии Қуръон ва Ҳадис ишқро бо нигоришҳои ирфонии хоссу шукуфтаангез ва тавсифу тасвирҳои зебо ва мақомҳои ҷолибу дилнишин тавзеҳ додааст.

Рӯдакӣ дар маънии қасида майро истиоравӣ ва киноявӣ таъбир карда, дар байтҳои алоҳида онро чун ташхису киноя ва ташбеҳу истиора бо санъати волои бадеӣ тавсиф кардааст. Ин аст, ки маю майгусорӣ дар эҷоди ирфонии қасидаи «Модари май» мавқеи арзанда дорад.

Тадбири ирфонии Рӯдакӣ дар қасида аз суннати тайёр намудани май оғоз мегардад:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.

Баччааш ӯро аз ӯ гирифт нодонӣ,
То-ш накубӣ насухту з-ӯ нокоми ҷон.

Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон [9, с.141].

Таъбири Рӯдакӣ аз «Модари май» ва «баччаи ӯ» киноя аз ангур, аз дона ва оби ангур аст, ки бо фасоҳати беандозаи бадеӣ суруда шудааст:

Боз бад-он гаҳ, ки май ба даст бигирад,
Абри баҳорӣ чун ӯ наборад борон.

Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама зебо ба тахту зарр ба анбон [9, с.146].

Рӯдакӣ вожаи майро маҳз ба сифати неъмати шодиву тараннум ва дар қасидаи «Модари май» ҳамчун воситаи ирфонии дарки ишқ истифода кардааст:

В-он-к ба шодӣ яке қадаҳ бихурад з-ӯй,
Ранҷ набинад аз он фарозу на аҳзон.

Андӯҳи даҳсоларо ба Танҷа рамонад
Шодии навро зи Рай биёраду Уммон [9, с.142].

Май дар тасвири Рӯдакӣ, дар ибтидо воситаи бадеии барандохтани бунёди ғам аз маъшуқ аст, ки бо таснифи май чун ба манбаи шодиву фароғат монанд аст. Май сипоҳи «ғам»-ро дил дур кардан, чун воситаи гаронбаҳои бадеӣ аст, ки бо нӯшидан ғамҳоро бо шодиву сурур табдил медиҳад:

То бишканӣ сипоҳи ғамон бар дил,
Он беҳ, ки май биёрию бигсорӣ [9, с.59].

Май дар қасидаи Рӯдакӣ ҳамчун тасвири бадеӣ, маънии ошиқонаи ирфонӣ дорад, зеро дар бисёр маврид, шоир майгусории маҳбубро (маъшуқро) мисли ёқути сурх асту марҷон аст, ташбеҳ додааст:

Чун бинишинад тамому сафӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон [9, с.142].

Шеъре, ки алфози он дар васфи ҷамоли маъшуқ, тасвири зулфу лаб, даҳону холи ӯст ва дар чашму руху хад ва зулфу хол ҳақиқати азалӣ ташбеҳ дода мешавад, ашъори ирфонӣ аст, яъне «ва он ки гӯяд: ман андар чашму руху хад ва зулфу хол ҳақ мешунавам ва он металабам, воҷиб кунад то ба чизи дигар андар нигарад ва хаду хол бинад ва гӯяд, ки ман Ҳақ мебинам ва он металабам» [16, с.518].

Рӯдакӣ чун шоири ирфон истилоҳотеро, ки дар васфи ҷамоли маъшуқ, чун рух, чашм ва амсоли инҳо ва ҳамзамон ишора ба мастӣ, аз қабили бода (шароб, май) аст, мавриди истифода қарор додааст. Дар тадвини рамзии бода (шароб, май) қасидаи «Модари май»

зуҳури ирфонӣ дорад, зеро чунин шеъри ошиқонаи ирфонӣ маҳз бо оростани маҷлиси самоъ ва бо пӯшидани ҷомаи заррин суруда мешавад:

Маҷлис бояд бисохта маликона,
Аз гулу ёсамину хайрии алвон.

Неъмати фирдавс густарида зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон.

Ҷомаи заррину фаршҳои навойин,
Шуҳра раёҳину тахтҳои фаровон.

Борбати Исову лавнҳои фаводи,
Ҷанги Мадакниру нойи чобуки ҷонон [9, с.142].

Таҳқиқоти адабиётшиносони тоҷик [5, с.9] собит кардааст, ки пайдоиш ва ташаккули маънои маҷозии май (бода, шароб) ба маъно ва мафҳуми ирфонии май марбут аст. Дубайтиву рубоӣ, ғазалу қитъа ва маснавию қасидаи шоирони аҳди ирфон, ки дар онҳо ҳадиси бода (май, шароб) истифода гардидааст, истилоҳоте мебошад, ки дар васфи ҷамоли маъшуқ бахшида шудааст. Исрофилниё Ш.М. навиштааст: «Боризтарин мақолае, ки пиромуни пайдоиш ва ташаккули маънои маҷозии май дар шеъри форсӣ иншо шудааст, «Бодаи ишқ»-и Насруллоҳ Пурҷаводӣ мебошад …». Ӯ … ки дар ин масъала тадқиқоти пуразриш анҷом додааст, алфозеро, ки дар ашъори шоирони пешин вориди шеър гардидааст, ба ду даста тақсим мекунад: 1) алфозе, ки дар васфи ҷамоли маъшуқ ба кор меравад ва шомили номҳои аъзои бадани ӯст, монанди зулф, лаб, даҳон, хол, ва амсоли инҳо; 2) калимоте, ки дар бораи мастӣ ва соири асбоби он, аз қабили шароб, бода, май, соқӣ, харобот, ҷом ва монанди инҳо ба кор рафта [10, с.24] вориди самоъ аст.

Вожаи «май» дар байтҳои қасида дар лафзу маънии гуногун ба кор рафтааст, аз ҷумла абрӯ, равиш, оин, равшаниву торикӣ, таровату латофат, тозагӣ, ривоҷу равнақ, манзалат, атру гулоб ва болотар аз ҳама гули сурху мушки анбар:

В-ар-ш бибӯйӣ, гумон барӣ, ки гули сурх,
Бӯй бад-ӯ доду мушку анбар бо бон [9, с.142].

Рӯдакӣ дар қасида ҳамчунин даҳҳо таркибу истилоҳоти мухталиф бо ин вожа сохтааст ва малики ҳама чизро ба Худо зикр кардааст:

Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшноии Кайҳон! [9, с.144].

Рӯдакӣ дар ин байт Офаридгорро чун манбаи нур тавсиф менамояд, ки олитарин мақоми ишқ аст, зеро офтоб (ишқ ба маъшуқ), нур медиҳад ва ишқ меофарад, яъне «фи-ал-ҷамъ» аст. Ишқ ҷамоли зебое аст, ки адлу меҳрубонӣ одати он аст, бо ҳамин иллат Рӯдакӣ чун ҷӯяндаи ҳақиқати азалӣ ӯро дар нурафшонӣ мебинад. Нурафшонии Офаридгор зебоие аст, ки ба рӯйи замин ба василаи май (ишқ) лутфи илоҳиро овардааст, яъне коинот бо лутфи худованд офарида шудааст ва коинот нишоне аст, ки аз тамошои зебоиҳои он инсон бархӯрдор мегардад.

Шоир аз дарди ишқ гирён аст, нахуст ишқи худро бо май медонад. Дар ин ташбеҳ, оташи ишқи ӯ, шакли байтро бунёд менамояд. Пас аз тасвири шакл бо санъати муболиға бодаро оташ месозад, ки ин оташ ҳақиқати ғайримодӣ аст. Рӯдакӣ бо истифодаи санъати мурооти назир, вожаҳои мухталифи байтҳои қасидаи «Модари май»-ро дар партави ин ҳақиқат, ки азалӣ аст, бо ҳам пайванд менамояд:

Хуҷҷати яко Худову сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда воҷиб ояти «Фурқон» аст [9, с.144].

Илова бар ин, дар қасида байни маю оташ санъати тазод ҳам ҳаст. Калимаи оташ ҳам дар шакли муфрад ва ҳам таркиботи гуногун дар байтҳои орифонаи Рӯдакӣ ба кор рафтааст, ки барои аҳли ирфон, оташ дар шакли муфрад ғам аз дурии ишқи илоҳӣ аст:

Зарр бар оташ куҷо бихоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам наҷӯшад чандон [9, с.141].

Дар қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ мояи умед ба ишқ ва орзуи васл ба Худо тариқи тафсирҳои бадеии вожаи «май» сурат мегирад. Тафсирҳои гуногуни май, маъшуқу ёр шудан ба «бодадиҳанда» аст. «Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон» – маъшуқи азалӣ аст,

фошрасонии маънавии раҳрави ишқ – Рӯдакӣ аст. Бодадиҳанда дар манозилу мақомот, аз хатари гум кардани роҳ аз соқӣ, ки ёқути сурх аст, маънии ишқ аст:

Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон.

Чанд аз ӯ сурх чун ақиқи яманӣ,
Чанд аз ӯ лаъл чун нигини Бадахшон! [9, с.142].

Маънои ирфонии май, ишқ, ишқи илоҳӣ аст, ки бо тафсиру тасвирҳои гуногун дар қасидаи «Модари май» арҷгузорӣ карда шудааст. Ин ишқ – муҳаббати илоҳӣ аст, яъне ишқ ба худованд (ишқи кулл) аст. Ишқи кулл (худованд), дар ирфон ба маънои май буда, ҳама мавҷудот ва ишқи инсон (раҳрави ишқ)-ро дар бар мегирад. Рӯдакӣ дар қасида дар тасвири май ҳусну зебоии худовандро тавсиф кардааст:

Он гаҳ агар ними шаб дараш бигушоӣ,
Чашмаи хуршедро бибинӣ тобон.
В-ар ба булур – андарун бибинӣ, гӯйӣ,
- Гавҳари сурх аст ба каффи Мӯсии Имрон [9 с.142].

Ишқ ба май, камоли шавқу завқ аз май, аз маю шодмонӣ ба маъшуқ аст. Рӯдакӣ дар қасида нӯшидани майро бо мақсади расидани ошиқ ба маъшуқ ва «дар маҷлиси маликона» манбаи сурури ҷовидона ва «неъмати фирдавс» медонад, ки ҳама раҳравони ишқ озодаву ороста бо як умедворӣ, чангу най менавозанд, дар васфи май – ишқу ошиқӣ сухан мегӯянд. Ин ошиқон, ки дар талаби маъшуқанд ҳангоми дидани зулфи ёр май менӯшанд ва аз ишқи ӯ сармаст мегарданд:

Як саф мирону Балъамӣ биншаста,
Як саф ҳуррону Пирсолиҳи деҳқон…

Ҳар як бар сар басаки мӯрд ниҳода,
Рӯш майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон [9, с.143].

Рӯдакӣ дар тасвири барбату лаҳнҳои зебо, чангу най (оҳанг ва наво) ёрро дар ҷӯстуҷӯйи риштаи васлу висоли маъшуқ даъват менамояд, дар шарҳи «най», ки тамсили вобастаи тафаккур ва розу шинохту кашфи сирри Офаридгор аст, инсонро ба худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳидоят менамояд. Маҳз бо ҳамин ҷиҳат, Рӯдакӣ дар ин оҳанги мусиқӣ, бо шавқу завқ майро васф менамояд. Инсон бо шунидани наво (оҳанг) комил аст, бо камоли ботинӣ ба маъшуқ моил мегардад ва бо иллати зебоии маҳбуб, бо сурури ишқи ӯ ҷилва мекунад. Ишқ бо мусиқӣ, ишқ барои тағйири эҳсосоти инсон аст. Дар қасидаи «Модари май» оҳангу навои мусиқӣ, яъне садои мавзун – илми ирфон аст, ки дорои усул аст. Рӯдакӣ ҳунарманди мусиқӣ аст, ки тибқи қавоиди мусиқӣ, яъне усули зебосозии садо дар камоли баҳрагирӣ аз худованд, садое мехоҳад. Лаҳнҳо ва нағмаҳоро бо баёни равшантар баён мекунад ва оҳангу навои Ҳақро аз садоҳои дигар ҷудо мекунад.

Бо нӯшидани май дар оҳангу наво, фазилатҳои комили ишқварзии инсон, вобастагии ишқ ба маъшуқ, қаробатҳои байни инсон ва Худо ва шакли ташбеҳи инсон бо Худо дар қасидаи «Модари май» меафзояд. Рӯдакӣ мисли наққоше, нақши азамату зебоии дидори Худо, ки сиёҳчашми парирӯ аст ва қомати мисли сарв дорад, тариқи оҳанги мусиқӣ тасвир менамояд. Ӯ дар ҳолати ҳувият Худоро мебинад. Ларзиши шуҳуди дили ӯ, ҳатто дар дарёфти ин сутуҳи зебоӣ тамом намешавад. Бо нӯшидани майи хушбӯ ӯ шод мегардад:

Чун-ш бигардад набид, чанд бо шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хуррами хандон.

Аз кафи турке сиёҳчашми парирӯй,
Қомат чун сарву зулфаконаш чавгон.

З-он майли хушбӯйи соғаре биситонад,
Ёд кунад рӯйи шаҳриёр Сиҷистон [9, с.143].

Дар саросари қасида ёру маъшуқ маҳбубтарин чеҳраи соқӣ (бодадиҳанда) аст. Бодадиҳанда чеҳраи азалӣ, ки дар канори ӯ раҳрави ишқ ғурур мегирад, ба сифоти худованд ошно мегардад, ба ҳусни ёр ҳусн зам мекунад. Васфи май дар қасидаи Рӯдакӣ хурсандӣ

меоварад. Маю хурсандӣ, маю оҳангу наво қаробат доранд, зеро шоир ин ҳангом ба камоли маъшуқ мерасад:

Худ бихӯрад нӯшу авлиёш ҳам эдун,
Гӯяд ҳар як, чу май бигирад шодон:

Шодии Буҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад,
Он маҳи озодагону мафхари Эрон.

Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшноии кайҳон! [9, с.144].

Шоир ин қасидаро, ки дар роҳи ҳикмати илоҳӣ (бо суннати истеҳсоли май) оғоз кардааст, сипас завқу шавқи ба висоли Ҳақ расиданро ёдовар шудааст, дар паноҳи худованд ақлу ҷонро ғулом ва бандаи хеш эълон кардааст. Рӯдакӣ дар қасида дар тафсири май, ки мазмуни дақиқи ирфонӣ дорад, ғуломи Ҳақ шуданро гудозанда матраҳ сохтааст:

Гар ту фасеҳӣ, ҳама маноқиби ӯ гӯй,
В-ар ту дабирӣ, ҳама мадоиҳи ӯ хон!

В-ар ту ҳокимию роҳи ҳикмат ҷӯйӣ,
Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон! [9, с.144].

Рӯдакӣ дар қасида чун суханвари мастӣ (тазаккур ва роҳёбӣ аз маърифати худованд) нӯшидани майи биҳиштиро тариқи ташбеҳ баҳри такомули инсон ҳидоят менамояд. Ин сукру мастӣ (боданӯшӣ), муҳтавои илму ҳикмат ва ақлу хиради инсонӣ аст. Мастӣ (ишқ ба маъшуқ) даври шоистае аст, ки зебоии ботинии инсонро (раҳрави ишқро) нақш мебахшад. Раҳрави ишқ дар радифи такомулёфта, бо сидқу сафо ва худобинӣ барои афзоиши огоҳӣ ва маърифат, пазириши Офаридгор (эҳтироми зоти худ) арҷ мегузорад:

Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун инак ба илму ҳикмат Луқмон!

Марди адабро хирад фазояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб фазояду имон [9, с.144].

Баъди он ки Рӯдакӣ бо руҳияи имондошта камоли инсонро (раҳрави ишқро) дар роҳи маърифат аз худованд тавсиф менамояд, Худоро фариштa мехонад ва дар маънии иншои қасида усули худоёбӣ ҷалолу ҷамоли Худоро, дар ҳоли муайян ва мушаххас, монанди як зебоии (намуди) айнӣ инъикос менамояд. Мағзи ҷамолу ҷалоли худованд мисли бурҳон аст, ки лутфу каромат дорад:

В-ар ту бихоҳӣ фариштае, ки бибинӣ,
Инак ӯяст ошкоро Ризвон!

Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
То ки бибинӣ бар ин, гуфтаи бурҳон [9, с.145].

Худо иллати фоили зеботавоноӣ, ҳаллу фасли чину чароҳои олами ҳастӣ, зоти азимест, ки бо шукӯҳу зебоӣ ва поксиришти инсонро ба ҷаҳони ахлоқӣ ва азамати руҳи пок ҳидоят менамояд. Ӯ бо эҳсосу завқу шуҳуди худ, бо нигоҳу сухани худ навҳи накуӣ ва зебоии куллӣ дорад ва таркиби унс ва улфати инсон аст. Амали асили ин зебоӣ (сухан) ва накуӣ дар ҳар инсони огаҳ зебоиҳои айнӣ ба бор меорад. Рӯдакӣ ба василаи май сифоти лутфи илоҳиро таъкид ва талқин намудааст:

Покии ахлоқӣ ӯ покнажодӣ,
Бо нияти неку бо макорими эҳсон.

В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту як роҳ,
Саъд шавад мар туро нуҳусати Кайвон [9, с.145].

Рӯдакӣ ҳусну ҷамолу зебоии Худоро, дар паёми ирфонии хеш (қасидаи «Модари май») аз зебоии адаб, аз ташбеҳҳо, тамсилҳо – аз рамзи сухан гуфтанҳо матлаби майро зеботар кардааст ва ин матлабро бо ҳиҷоб гуфтааст. Ин аст, ки ишқ бо забони баёни май маъонӣ дорад. Шоир бо рамз инсонро (аҳли роҳу аҳли сулукро) ба зебоофаринии Офаридгор тавсия медиҳад. Рози ин матлаб, дар май, ишқу ошиқӣ ба маҳбуб аст, зеро ишқ неруест, ки мехоҳад

дар зоти Ҳақ таҷаллӣ кунад. Дар қасида Рӯдакӣ дар тафсири май таҷаллии зоти Ҳақро чунин маънидод мекунад:

В-ар-ш ба садр-андарун шикаста бибинӣ,
Ҷазм бигӯйӣ, ки зинда гашт Сулаймон.

Соми саворе, ки то ситора битобад,
Асб набинад чун ӯ савор ба майдон [9, с.145].

Ҷамолу ҷалоли Худо, ки дар навҳи ҳиҷоб аст, дар бинои дарунии ӯ аст, яъне фурӯғ ва азамати ӯ дар ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд дорад, ки қабили дарк ва дарёфт аст. Рӯдакӣ дар тафсир ва тавзеҳи ҳайбати ин зебоӣ, завқу эҳсос меангезад ва посухи қонеъкунанда ва ниҳоиро дар азамати ӯ тавсиф мекунад. Бинои ҷамоли зебоии ин воҳид олами ҳастиро бо сифоту азамати худ ва сурату шакл ба ҳайрат меорад:

Боз ба рӯзи набарду кину ҳамият,
Гар-ш бибинӣ миёни миғфару хафтон.

Хор намояд-т жандапил бад-он гоҳ,
В-арчи бувад масту сергаштаву ғуррон [9, с.145].

Рӯдакӣ дар тафири май дар партави ишқ, ки дарумояи он ишқи илоҳӣ аст ва маънои рамзии он итоату таслим, сарсупурдагии мутлақ ба худованд аст. Дар маснавии ӯ ҳадафи ниҳоӣ, ба ишқ ноил шудан, боварӣ ва эътиқод ба худованд ва дар аксари байтҳои «Модари май», ки ошиқонаи ирфонианд, Рӯдакӣ, ишқро ба маънии сипосгузорӣ аз лутфи ӯ маънидод менамояд. Калимаи «кӯҳ» дар байти зерин ду маротиба омадааст, маънои тамошо ва яқинии худованд аст, ки бо манзури тамошо, иртиботи лаззатбахш ёдовар ва ҳайрат аст. Дар қасида «кӯҳ» ба маънои «тамошо» дар ақлу назар ва ақл дар маъонӣ аст. Тамошо на фаъолияти гузар, намуди зоҳирӣ, балки тамошо ба ҳадаф, ҷойгаҳе аст, ки мақоми илоҳиро нишон медиҳад:

В-ар-ш бибинӣ Сифандиёр гаҳи разм,
Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон.

Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани ӯй,
Кӯҳи сиём аст, ки кас набинад ҷунбон [9, с.145].

Ҳадафу мақсади ишқ бо Худо дар қасидаи Рӯдакӣ ҷаҳду шӯри бозшинохти Офаридгор аст, ки тараннуми ишқи латифи худованд мавриди муноҷоти ӯ қарор гирифтааст. Маҳз дар тасвири ҳайбати худованд, фарзияи олами ҳастӣ ниёзманди Худо аст. Ин «мавҷуд» ниёзманди ҳеҷ мавҷудот нест, балки офарандаи ашёҳо, чизҳо аст. Ин ишқи эҳсосшаванда тариқи анҷому аҳкоми худованд дониста мешавад.

Рӯдакӣ тариқи «май» мақоми азалӣ, мақоми васл шудан, таъбири мояи «Мавҷуд» ва роҳнамоии инсонро ба сарманзили ӯ даъват менамояд. Яъне, яксоннигории маю ишқ дар «Модари май» ин сифоти худованд, ороиву зебоии олами ҳастӣ, иллати ишқ ба худованд ва ҳузури ишқи илоҳӣ аст:

Боз бад-он гаҳ, ки май ба даст бигирад,
Абри баҳорӣ чун ӯ наборад борон.

Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама зебо ба тахту зарр ба анбон [9, с.146].

Неъмати ӯ аз олитарин анвоҳи дармон аст, ки худованд барои инсон ба вуҷуд оварда, ғамҳо ва андуҳҳои якнавохти зиндагии ӯро берун кардааст ва сурурро дар дилҳо эҷод намудааст. Дар қасидаи «Модари май» худованд зебоиофарин аст ва бо бозгарии зеҳни худ ба инсон роҳат мебахшад:

Неъмат ӯ густарида бар ҳама гетӣ,
Он чи кас аз неъматаш набинӣ урён.

Бастаи гетӣ аз ӯ биёбад роҳат,
Хастаи гетӣ аз ӯ биёбад дармон [9, с.146].

Худо дар роҳи ҳикмат, олами ҳастиро офаридааст ва барои инсон аҳкому вазоиф муайян кардааст. Рӯдакӣ дар маснавӣ худовандро тариқи шоиста мавриди парастиш қарор дода, дар мантиқи аҳкоми динӣ ба ҳикмати ӯ буданро гуфтааст:

В-ар ту ҳакимию роҳи ҳикмат ҷӯйӣ,
Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон! [9, с.146].

Рӯдакӣ вобаста дар ҳаёт аз шукӯҳу шаҳомати худованд, далелҳои айнӣ меҷӯяд. Дарки тавоноии Худо ормонест, ки дар инсон амали тароватбахшро ба вуҷуд меорад. Ин тавоноии малакутӣ ҳамаро қурбони зебоии айнии ӯ мекунад. Худованд, ки «ҷисмро меорояд, то ҷонро биёзояд» ва «чеҳраро меозояд, то дил биолояд» дар қасидаи шоир бо баёни гуногун омадааст.

Ин бо эҳтимоли зиёд талмеҳ ба ҳадиси маъруф «намод дуруст нест, магар ба ҳузури қалбӣ», ки Рӯдакӣ онро тафсир кардааст.

Рӯдакӣ дар эҷоди паҳлуҳои ифодаи андешаҳои ирфонӣ мавзуи ишқ, ҳусну ҷамоли маъшуқро нақши бориз додааст. Рӯдакӣ бо ибороту истилоҳоти зебо ва вижагиҳои ирфонӣ маъшуқро дар байти зерин чунин васф кардааст:

Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу оро,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки соро [9, с.51].

Аз нигоришҳои ирфонии Рӯдакӣ маълум мегардад, ки ошиқ дар ҳар мавқеъ ишқ меварзад, дар шавқ, дар ҳақиқати азалӣ наҷоти худро мебинад, дар натиҷа ба зоти қудсӣ васл мегардад, дарк мекунад, ки Худо ҷавҳари ақлӣ аст ва мақоми қудсӣ дорад ва дар ин ҳолат зебоӣ ва оростагии онро эҳсос мекунад:

Ай аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,
Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.
Гулранг шавад, чу рӯй шӯйи, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ [9, с.213].

Сифоту ҷамоли Офаридгор, дар ашъори Рӯдакӣ иборате аст, ки ғайр аз сифотҳои зулфи анбарин, симои ёсуманӣ, инчунин сифотҳои зотӣ ва феълӣ (қудрат, тавоноӣ, ирода) ӯ мебошад. Ин ки ӯ ҳамаи зебоиҳои қобили тасаввурро ба вуҷуд овардааст, маълум мешавад, ки ҷамоли мувофиқи зебоиҳои махсус ва маъқул аст, ки дар инсон ва ҷаҳон дарёфт мебошанд. Ба ин маънӣ, Рӯдакӣ зебоии ҷамоли Офаридгорро ба нақш медарорад ва шукӯҳи хосси зебои маъшуқро васф мекунад:

Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро,
Ба бӯса нақш кунам барги ёсамани туро.

Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро [9, с.58].

А. Мирзоев барҳақ гуфтааст, ки «мавзуи маю майгусорӣ дар мероси адабии Рӯдакӣ беҳтарин тасвири мукаммал ва зебоии худро пайдо намудааст, дар сайри таърихии ғазалсароӣ ҳаматарафа истифода бурда мешавад» [9, с.149].

Қасидаи «Модари май» дурахшонтарин шеъри Рӯдакӣ аст, зеро он шомили байтҳое аст, ки май дар маънои гуногун ба кор рафтааст ва бо ин калима истилоҳоти ирфонӣ сохта шудааст. Болотар аз ҳама, Рӯдакӣ Қуръони каримро ки ҳаёти ҳама чиз аст, нисбат ба май зикр намудааст.

Рӯдакӣ ташбеҳи ишқ ва майро чун майи ишқ медонад. Дар қасида май ба маънии об истифода карда мешавад ва ба ҳолати ирфонӣ, бо сукри боданӯшӣ ташбеҳ дода мешавад. Сукр дар маънии мастӣ май (мояи пок), ки дар «Модари май» бо лафзи май тасвир карда шудааст.

Рӯдакӣ тавассути қасидаи «Модари май» – тасвири май ҳусну ҷамоли худованд, таъбири ранги арвуғонии ошиқро тасвир намуда, бо ҳамин шавқу завқ маю майгусориро васф кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. – М., 1965. - 960 с.
2. Вилямсон, М. Бозгашт ба ишқ / М.Вилямсон. – Душанбе, 2001. - 104 с.
3. Исрофилниё, Ш.Р. Хамриёти Ҳофиз / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2010. - 196 с.
4. Исрофилниё, Ш.Р. Хамриёти Рӯдакӣ ва муҳтавои он / Ш.Р. Исрофилниё // Пайванд, 2008. - №15. – С.140-149.

5. Қодиров, К. Сайри ишқ дар ғазали Ҳочӣ Ҳусайни Кангуртӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2021. - 252 с.
6. Қодиров, К. Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Адиб, 2016. - 256 с.
7. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. – Душанбе, 1998. - 128 с.
8. Мирзозода, А. Таърихи адабиёти тоҷик / А. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. - 264 с.
9. Рӯдакӣ. Ашъор (таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоти тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммади Хуросонӣ). – Душанбе: Адиб, 2009. - 416 с.
10. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон / З. Сафо. – Душанбе, 2003. - 319 с.

Адабиёт бо забони форсӣ ва англисӣ

11. Аббос Куманиш. Партави ирфон / Куманиш, Аббос. – Теҳрон, 1366 ҳ.ш. - 201 с.
12. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Пилла-пилла то мулоқоти Худо / Зарринкӯб, Абдулҳусайн. – Теҳрон, 1393 ҳ.ш. - 108 с.
13. Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Маохизи қиссас ва тамсилоти маънавӣ / Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. – Теҳрон, 1394 ҳ.ш. - 211 с.
14. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Бист гуфтор / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. – Теҳрон, 1331 ҳ.ш. - 68 с.
15. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Куллиёти улуми исломӣ: калом-ирфон-ҳикмати амалӣ / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. – Теҳрон, 1351 ҳ.ш. - 198 с.
16. Ҳаҷвирӣ. Кашф-ул-маҳзуб. – Теҳрон, 1359 ҳ.ш. - 524 с.
17. R. Nicholson. Studies in Islamis mysticism / Nicholson R. – Combridge, 1921. - 264 p.
18. Zechner R.S. Mysticism Sacred and Profane / R.S. Zechner. – New York, 1992. - 346 p.

ХУСУСИЯТИ ИРФОНИИ БАЁНИ “МАЙ” ДАР ҚАСИДАИ “МОДАРИ МАЙ”-И РӮДАКӢ

Дар мақола нигоришҳои ирфонӣ дар қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таъкид карда мешавад, ки қасида моҳияти ирфонӣ дорад, зеро тариқи истилоҳи «май» ҳар раҳрави ишқ метавонад ба худоогоҳиву худошиносӣ ноил гардад ва ҳамеша дар огоҳиву иртибот бо Худо пайванд бошад. Дар қасидаи «Модари май» майл ба май барои ҷӯяндаи Ҳақиқат манбаъ ва илҳоми такомули маърифат аст ва бо нӯшидани май (мояи пок) раҳрави ишқ бо шинохт ва бозшинохти Ҳақиқати азалӣ такомул меёбад. Қайд карда мешавад, ки дар қасида нӯшидани май, бевосита ба «сукр» ва «саҳв»-и ирфонӣ алоқамандии қавӣ дорад. Бо «сукр»-и ирфонӣ ҷӯяндаи Ҳақиқат, ки маънии мастӣ аз майро дорад, ишқ нисбат ба Офаридгорро падид меорад. Дар ҳолати шаробнӯшӣ ишқи раҳрави ишқ ба Офаридгор меафзояд. Дар ин вазъ, ҷӯяндаи Ҳақиқат танҳо фарқияти Худо мебинад. «Саҳв», аз ин лиҳоз, пайвастагии раҳрави ишқ ва Худо аст. Дар ҳолати «саҳв» ҷӯяндаи Ҳақиқат ба зоташ, дар сифоти Ҳақ фонӣ мегардад. Таҳлили илмии қасидаи «Модари май» собит намуд, ки истилоҳоти «май» ва «ишқ» омезиши ошиқонаи ирфониянд, ки маънои «дарунмоягӣ» доранд. Истилоҳоти «май» ва «ишқ» мабда ва воситаи тасвири ишқ ба Худо аст. Дар қасидаи Рӯдакӣ баҳри иноятӣ Ҳақиқати азалӣ истилоҳоти гуногуни ирфонӣ, аз ҷумла «ишқ», «май», «ҳусн», «ёр», «маҳбуб», «бодадиҳанда» ва амсоли инҳо истифода гардидааст, ки ишқи ирфониро бо Худо инъикос менамоянд. Дар байтҳои қасида, Рӯдакӣ баҳри тавсифи маю ишқ аз ташбеҳу истиора истифода намудааст ва дар баъзе маврид тамсиласозӣ низ кардааст. «Май» бо нияти ишқварзӣ аст, ишқи пок бо Худо. «Май» чун мисол барои ишқ аст, барои ишқи азалӣ ба зоти хеш, ба ҷамоли маъшуқ расидан аст. Тафсири намодии «май» дар қасидаи «Модари май» ин бо камоли шавқу завқ ба васфи май (ишқ), ишқро бо май ташбеҳ додан ва ишқи илоҳиро сурудани Рӯдакӣ аст. «Май» дар қасида моеъи ҳаром нест, балки дар эътибори шоир маънои ишқро дорад. Ишқи азалӣ (моеъи пок) ишқи кулл аст, ишқи инсон ба худованд аст. Май (ишқ) таъбири ирфониест, ки Рӯдакӣ онро дар қасидаи «Модари май» тасвири волою зебо намудааст.

Калидвожаҳо: Рӯдакӣ, қасида, май, ишқ, маъшуқ, ҳусн, бодадиҳанда, ирфон.

ИРФАНИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОТРАЖЕНИЯ «ВИНА» В КАСЫДЕ «МАТЬ ВИНА» РУДАКИ

В статье рассматриваются ирфанические термины в касыде «Мать вина» Рудаки. Отмечается, что касыда носит ирфаническое предназначение, ибо в ней посредством термина «вино» каждый искатель Истины, который проявляет желание постижения Бога, может наслаждаться от своего соединения с возлюбленной. В касыде «Мать вина» страсть к виноградному напитку для искателей возвышенного и источника совершенства предстает крайней отдаленностью и питие вина значит подверждение страданиям. Выпивание вина любви к Богу значит осуществление постижения совершенства. Подчеркивается, что в касыде питие вина теснейшим образом связано с «сукр»-ом (опьянение) и «сањв» (трезвость). В «сукр» (опьянение) искатель Истины теряет разум и сознание и устраняются различия между внешним и внутреним. Искатель Истины от «восторга» стремится к влюбленному атрибуту и отдает любовь к Богу и впадает в состояние созерцания, мысли и чувства покидают его. В этом состоянии он теряет разницу между единством (Бога) и множеством (мир), он растворяется в Боге. «Саҳв» (трезвость) - это устойчивая связь искателя Истины с Богом. В трезвости (саҳв) суть искателя Истины под сиянием света Творца подвергается аннигиляции, и Бог удостаивает его вечной жизни. Отмечается, что в касыде «Мать вина» посредством различных ирфанических терминов, таких как «ишқ» любовь, «май» (вино), «ҳусн» (красота), ёр (друг), маҳбуб (возлюбленная), «бодадиҳанда» (кравчий) и др., автор выражает ирфаническую любовь к Богу. В представлении Рудаки ирфанический восторг есть форма опьянения (сукр), стоящая выше человеческого разума. Трактовка «май» (вино) в касыде «Мать вина» отчетливо свидетельствует, что вино «май» в ирфанической символике предстает духовностью искателя Истины. «Май» (вино) обнаруживается как скрытая тайна – точка извлечения Истины. Под термином «вино» (май) в касыде Рудаки имеется в виду не вино, а подразумевается нечто иное, нечто аллегорическое, которым пользуются искатели Истины. В «Мать вина» одним из самых ярких украшений как светского, так и ирфанического

слова выступает ирфанический символ «мутриб» (музыкант). В касыде Рудаки «май» (вино), в частности, очень редко появляется без сопровождения музыки.

Ключевые слова: Рудаки, касыда, вино, любовь, возлюбленный, красота, кравчий, ирфан.

IRFAN FEATURES OF THE REFLECTION OF "WINE" IN QASIDAS "MOTHER OF WINE" RUDAKI

The article deals with the Irfan scriptures in qasidas “Mother of Wine” by Rudaki. It is noted that qasida has an irphonic purpose, because in it, by means of the term "wine", every seeker of Truth, who shows a desire to comprehend God, can enjoy his union with his beloved. In qasida "Mother of Wine", the passion for grape drink for seekers of exaltation and the source of perfection appears as an extreme remoteness, and drinking it means submitting to suffering. Drinking the wine of love for God means realizing the comprehension of perfection. It is emphasized that drinking wine in qasida is closely connected with “suqr” (drunk) and “sav” (sobriety). In "sukr" (intoxication), the seeker of Truth loses his mind and consciousness and the wanderers eliminate the distinction between the outer and the inner. The Seeker of Truth from “delight” strives for the enamored attribute and gives love to God and falls into a state of contemplation, thoughts and feelings leave him. In this state, he loses the difference between unity (of God) and plurality (of the world), he dissolves in God. “Sahv” (sobriety) is a stable connection of the seeker of Truth to God. In sobriety (sahv), the essence of the seeker of Truth under the radiance of the light of the Creator undergoes annihilation, and God honors him with eternal life. It is noted that in the qasida “Mother of wine” through various irfanic terms such as “ishќ” love, “may” (wine), “kusn” (beauty), yor (friend), mahbub (lover), “bodadianda” (crunchy) and etc., expresses irfanic love for God. In the view of Rudaki, the irfan rapture is a form of intoxication (sukr), which is higher than the human mind. The interpretation of “May” (wine) in the qasida “Mother of Wine” clearly indicates that the wine “May” in the Irfan symbolism appears as the spirituality of the seeker of Truth. "May" (wine) is revealed as a hidden secret - the point of extracting the Truth. The term “wine” (May) in Rudaki’s qasida does not mean wine, but implies something else, something allegorical that seekers of Truth use. In The Mother of Wine, one of the brightest decorations of both the secular and the Irfan word is the Irfan symbol "mutrib" (musician). In the qasida of Rudaki, "may" (wine), in particular, very rarely appears without the accompaniment of music.

Key words: Rudaki, qasida, wine, love, beloved, beauty, kravchy, irfan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **karimjon @mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Сведение об авторе: ***Кодиров Каримджон*** – Таджикский надциональный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **karimjon @mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **karimjon @mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

УДК: 891.550

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ ЛАТОФАТ КЕНҶАЕВА

Сироҷиддини Эмомалӣ, Саъдуллоева М.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар ашъори Латофат Кенҷаева бисёре аз жанрҳои адабӣ ба кор рафтаанд, ки аз ҷустуҷӯи ҳамагири ӯ дар истифодаи анвои адабӣ дарак медиҳад. Албатта, дар шеъри калонсолонаи ӯ истифодаи жанри ғазал беш аз ҳар анвои адабии дигар афзалият дорад. Зеро замоне ки ӯ ба гуфтани шеър барои калонсолон пардохт, фазои адабии шеъри тоҷикро ғазал печонда буд ва шоирон аксаран ба гуфтани ғазал рӯ ниҳоданд, ки ин равиш то кунун идома ёфта истодааст. Ғазалҳои ӯ ғолибан дорои мавзуъҳои ишқӣ буда, аз таҷрибаҳои зиндагии ӯ қисса мекунанд. Ҳунари нигорандагии ӯ дар ғазал, дар мазмунгароист. Аз ин рӯ, забони ғазалаш бо истифода аз таркибу ибороти шеъри пешин руҳи замони Истиқлолро бозгӯ мекунанд ва тасвирҳои офаридааш ҳам пушти ҳамин забону баён ва корбасти таркибу ибораҳои шеъри пешин ниҳон аст. «Аз ин ҷост, ки аз ғазалҳои ӯ нишони сабки сухани Аттору Мавлавӣ ва Соибу Бедилу Сайидо бештар падидор мешавад…» [1, с.31].

Бо вуҷуди ҷони тоза гирифтани шеъри нав ё озод, ки майдони баҳсро дар адабиёти муосир гарм кардааст, ғазал дар осори шоироне чун Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Бокӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Н. Маъсумӣ, Муъмин Қаноат, Тилло Пӯлодӣ, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон бо руҳи навоварона арзи вуҷуд кардааст.

Мирзо Турсунзода нахуст аз шоироне буд, ки дубора руҳияи ғазали муосирро ба руҳияи ғазали суннатӣ, бахусус сабки хуросонӣ, пайванд дод. Муҳимтарин вежагие, ки дар ғазалҳои М. Турсунзода дида мешавад, сарфи назар аз мавзуъ, риояи бадеияти баланд ва корбасти таркибу ибораҳои аз ҷиҳати забон ва баён хосси ғазал аст, ки зебову равону сода рӯнамо шудаанд. Аз ин дидгоҳ, таъсири ғазали М. Турсунзода ба шеваи ғазалсароии шоирони баъдӣ кам нест.

Агар мо аз лиҳози забон ва баён ба сохтори ғазал таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки ғазал яке аз жанрҳои хос дар адабиёти гузашта буда, мавзуи хосси худро дорад. Дар ҳама ҳолат ишқ хатти меҳварии онро ташкил медодааст. Ҳамаи калимоти ғазал аввал дар тарозуи зебоӣ кашида шуда, баъд ба қолаби ғазал рехта мешуданд, то руҳияи ишқии ғазалро ҳифз намоянд. Ғазал бештар ба шоирон ҳақ додааст, ки таркибу ибораҳои нобу шоиронаро ба вуҷуд биёранд. Вақте мо ба ғазали муосир менигарем ва мебинем, ки муддатҳо атрофи он барои носозгор омаданаш ба мавзуи вақт баҳсҳо идома доштааст, ба ин хулоса мерасем, ки кор гирифтан аз анвои ғазал фақат ба хотири нигоҳдошти анъана ва суннат будааст. Дилбастагии шоироне чун А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва дигарон ба адабиёти гузашта боис ба он гардидааст, ки миёни суннат ва навоварӣ пайванди мустақим ба вуҷуд ояд. Бузургтарин хидмати ғазал ҳам чун жанри адабӣ кашидани бори муҳимтарин арзишҳои адабии гузашта то имрӯз будааст. Аз ҳамин хотир, мо дар ғазалҳои М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ ва дигар шоирони солҳои 30-40-ум низ ҳамон осореро мебинем, ки аз гузаштаи мо дарак медиҳад. Ҳарчанд мавзуи ғазал дар ин солҳо ба вазъи иҷтимоӣ вобаста аст, аммо васфи ҳама гуна мавзуи воқеии ҳаёт дар ғазалҳои ин шоирон бо беҳтарин ва арзишмандтарин таркибу ибора ва забону баёни ғазали гузашта инъикос ёфтааст. Барои исботи ин фикр кофист ду байт аз ғазали Б. Раҳимзода ироа гардад:

Пахтачиндухтар, туӣ сарчашмаи ашъори ман,
Рост шуд аз кори ту ин килки каҷрафтори ман.
Гар намешуд сурх рухсори ту аз мавҷи арақ,
Аз куҷо мешуд дурахшон табъи оташбори ман [4, с.210].

Ба мисраъҳои дуюми байтҳо зеҳн мемонем ва мебинем, ки онҳо чӣ қадар хосси ғазали гузаштаанд. Дар миёни ин мисраъҳо, ки аз он насими фараҳбахши шеъри Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва дигарон мевазад, ба шавқу зеҳни хонанда мерасад.

Ҳарчанд ғазал, умуман анвои гуногуни суннатии шеъри солҳои 30-40-ум, пойбанди мавзуоти муҳимми вақт монда, дар бораи меҳнат ва тарғиби ғояҳои сиёсиву заҳмати

умумибашарӣ ҳарф мезад, аммо шоирон тавонистанд, бадеият ва латофату назокати забони ноби аҷдодиро то андозае дар он таҷассум намоянд. Қисмати умдаи ашъори М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода ва дигарон дар замони авҷи инкишофи ҷомеаи шуравӣ ва идеологияи он навишта шуда, баромадан аз ин чаҳорчӯба дар онҳо камтар эҳсос шавад ҳам, аммо онҳо тавонистанд фаъолияти сиёсии худро бо эҷоди бадеӣ равшан намоянд ва ҳар гуна мавзуи муҳимми рӯзро дар либоси бадеият ҳунармандона ироа намоянд.

Ғазал дар солҳои 60-70 бештар бо дастовардҳои тозаи ҳунарӣ ва маърифатӣ зуҳур кард. Мавзуи ғазал чун ғазалҳои солҳои 40-50 фарогири муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ишқиву фалсафӣ буда, аз рӯзгори воқеии инсонҳо ҳикоят мекард. Тафовути ғазали солҳои 60-70 аз ғазали солҳои қабл бештар дар он аст, ки ғазали солҳои мазкур аз лиҳози муҳтаво ғанӣ аст, дар он ҷустуҷуҳои ҳунари шоирона, шакл гирифтани ифтихори миллӣ ва арҷ гузоштан ба осори бузургон пурбортар аст. Аз шоирони дар солҳои 60-ум эҷоднамуда, А. Шукӯҳӣ, Т. Пӯлодӣ, Муъмин Қаноат, Л. Шералӣ, Қ. Киром, М. Шералӣ, А. Сафар, Ш. Ёдгорӣ, Ҳ. Файзулло, С. Аюбӣ, Б. Фирӯз ва дигарон афзалияти бештар доранд.

Дар марҳилаи аввал дар эҷодиёти Л. Шералӣ, ки касе аз ҳамнаслону ҳамзамононаш ба андозаи ӯ ғазал нагуфтааст, корбурди ин жанри адабӣ хеле кам ба назар расида, аз маҷмуаи «Сари сабз» (1966) то «Варақи санг» (1980) ҳамагӣ 32 ғазал дида мешавад. Баръакс, дар ин солҳо мо жанри ғазалро бештар дар осори М. Шералӣ, Қ. Киром, Б. Фирӯз мувоҷеҳ мешавем, ки ғазалҳои Б. Фирӯз аз лиҳози ҳунарӣ тозагиҳои хосседро соҳибанд. Ин жанри адабӣ дар осори Л. Шералӣ хеле баъд ҷойгоҳи хосса пайдо намуда, бо обу ранги бадеӣ ва мазмунҳои тозаи ҳаётӣ инъикос меёбад. Аммо теъдоди ками ғазалҳое ҳам, ки дар миёни ин солҳо аз Л. Шералӣ боқӣ мондааст, бо вуҷуди қолабӣ будан, дар худ тозакориҳое доштаанд, ки аз табъи ғазалсароии ин шоир дарак медоданд. Ғазалҳои ин шоир аз назари истифодаи захираи луғавии забон, вожаҳои тоза ва дастнахӯрда, сувари хаёл ва сабки баён бар бисёр ғазалҳои ин давра афзалият доранд. Албатта, Л. Шералӣ касе буд, ки аз мактаби ғазалсароии М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ гузашт ва дар идомаи ғазалсароии ин ду шоир шеваву равиши худро ба вуҷуд овард.

Дар бораи шеъри Л. Шералӣ донишмандон А. Сайфуллоев, А. Сатторзода, Ю. Акбарзода, А. Абдуманнон, А. Ҳаким, М. Нарзиқул ва дигарон андешаҳои худро баён доштаанд. Навоварӣ ва тозакориҳои Л. Шералӣ дар ғазал ва умуман анвои мухталифи шеър дар меҳвари навиштаҳои ин донишмандон қарор дорад. Аз миёни ин донишмандон аввалин касе, ки ҳанӯз дар нимаҳои дуюми солҳои 60 –ум истеъдоди фитрии Л. Шералиро дар ғазалсароӣ ҳис намуда, ӯро ба инроҳ талқин кардааст, адабиётшинос ва мунтақид Абдунабӣ Сатторзода мебошад. Мавсуф дар мақолаи худ «Шеър ва зиндагӣ» ғазалҳои шоирро таҳлил карда, ба тозагии сухану диди шоиронаи ӯ баҳои баланд медиҳад ва шоирро бештар ба гуфтани ғазал даъват мекунад [5, с.80-85].

Таваққуфи мо дар мавриди ашъори Л. Шералӣ, минҷумла суҳбат дар мавриди ғазали ӯ дар ин матлаб аз он хотир аст, ки ғазали солҳои 90 ва даврони истиқлол пайравии амиқе ба он дорад. Л. Шералӣ ҳаргиз қоидаву қонун, қолаб, андоза, таркиб, ибора, воситаҳои тасвири ғазали қадимро аз ғазали муосир берун наандохта, балки онҳоро бо муҳтавои тозаи замонӣ дубора ба кор бурда, миёни суннат ва навоварӣ дар ғазал пайванди амиқ бахшидааст. Бузургтарин вижагии ғазали шоир дар замони вуҷуд доштани онҳо зоҳир мегардад. Хонанда аз хондани ғазалҳои ӯ ба зудӣ пай мебарад, ки онро шоири муосираш сурудааст.

Ғазали Латофат ҳам аз лиҳози дарунмоя ва услуби нигориш пайвастагиҳои амиқе ба ғазали солҳои 80-ум дорад ва аз тарафи дигар, аз сарчашмаи ғазали суннатӣ об мехӯрад. Ҳамон тавр ки гуфта шуд, ғазал дар коргоҳи эҷодии ӯ барои баёни мавзуъҳои ошиқона ба кор меравад:

Қиссаи ишқи ту дорам боб-боб,
Дар ниҳони дил ҳазору як китоб.
Ай фиғони хонасӯзи синаам,
Оқибат кардӣ ҳисори дил хароб [6, с.53].

Ғазали мазкур аз лиҳози муҳтаво, тарзи баён пайвастагии амиқ ба ғазали солҳои 80-90-уми асри XX-ро дорад, ки сода ва бидуни таркибу ибораороӣ суруда шудааст. Мазмунан ҳамаи он шеъру ғазалҳое, ки дар китоби «Садбарги ҳаё»-и Латофат Кенҷаева оварда

шудааст, варшикастагии ошиқонро инъикос мекунад. Дуриву ҷудоӣ, ғаму ғурбат ва бо ҳамин мазмун дигар мавзуъҳои ошиқонаро ҳам дар бар мегирад.

Агар мо воқеан ба номи ин асар таваҷҷуҳ намоем, худ дарк мекунем, ки дар дохили он асар чӣ бояд бошад ва шоир бо овардани он чӣ мехоҳад.

Ҳамон тавр ки гуфта шуд, ғолибан мавзуи ғазали Латофат Кенҷаева ҳокӣ аз ишқ аст. Ғазал, ки аз азал ба унвони як жанри адабӣ дар хидмати мавзуоти ошиқона қарор гирифтааст, дар ашъори аксар шоирони имрӯз низ ҳамон рисолати азалии худро риоя мекунад.

Ту киро насибӣ, ай ҷон, ки насиби ман набошӣ?
Ту киро ҳабибӣ, ай ҷон, ки ҳабиби ман набошӣ?
Мани дардманди ишқат, ҳаваси шифо надорам,
Ту киро табибӣ, ай ҷон, ки табиби ман набошӣ?
Ба ҳарифи худ ба бозӣ ғами дил гарав ниҳодам,
Ту киро рақибӣ, ай ҷон, ки рақиби ман набошӣ?
Дари кулба мекушояд, ба ғариби хаста Сабрин,
Ту киро ғарибӣ, ай ҷон, ки ғариби ман набошӣ? [6, с.149].

Дар ин ғазал таркибҳое ба мисли «ҳабиби ман», «дардманди ишқ», «ғами дил гарав ниҳодан», «дари кулба кушодан», «ғариби хаста» ва ғайра таркибҳое ҳастанд, ки аз ғазали суннатӣ вом гирифта шудаанд. Аммо забони шеър бо содагии худ сабки содаи хуросониро таъйид намуда, онро барои ҳамагон фаҳмо мегардонад. Бо вуҷуди ин, шоир мекӯшад таркибҳоеро ба мисли «ҳаваси шифо» ба кор барад, то шеъри замони мо будани ин сурударо ҳифз намояд.

Дар ғазали баъдӣ, ки ифодакунандаи ҳолати ошиқ аст, сӯзу фироқ, дарду доғи ҷудоии ошиқ тасвир ёфтааст ва дар он шоир мекӯшад бештар ба таркибсозӣ бипардозад ва ҳузури бевоситаи худро дар ғазал ҳифз намояд:

Дарёи оғӯши туро гум кардаам, гум кардаам,
Шӯри туву ҷӯши туро гум кардаам, гум кардаам.
Аз ёди гарми бӯсаҳо ҳушёри мадҳушам чунон,
Ёди фаромӯши туро гум кардаам, гум кардаам.
Сабрин хаёли зистан оё ба сар дорӣ абад?
Нӯшобаи нӯши туро гум кардаам, гум кардам [6, с.105].

Албатта, «дарёи оғӯш»,«ёди гарми бӯсаҳо», «ёди фаромӯшӣ» «нӯшобаи нӯш», ки бо радифи «гум кардаам» оварда мешаванд, аз таркибҳое мебошанд, ки махсуси шеъри муосиранд ва дар ин ҷо ҳузури як шоири муосири мо бештар намоён мегардад. Гузашта аз ин, ду маротиба такрор шудани таркиби «гум кардаам» ба унвони радиф, мусиқии шеърро равшантар кардааст.

Ҳамин тариқ, Латофат Кенҷаева барои насли калонсол ғазалҳои пурмазмуну дилангез эҷод намудааст. Маҷмуаи ғазалиёти ӯ бо номи «Хилвати гесу» ва «Садбарги ҳаё» дастраси хонандагон гардида, дар якҷоягӣ зиёда аз 170 ғазалро дар бар мегирад.

Навоварӣ дар суннат дар шеъри муосири тоҷик бо ғазал хотима наёфта, дар кулли анвои суннатӣ ба чашм мерасад. Жанри дигари серистеъмоли суннатӣ дар адабиёти муосир, минҷумла дар шеъри бачагонаи мо, маснавӣ мебошад, ки бо хусусиятҳои хосси худ аз маснавии суннатӣ фосила мегирад. Дар шеъри калонсолонаи муосир низ маснавӣ аз лиҳози муҳтаво ва ғоя андозае ҳам он хусусияти достонии худро ҳифз намудааст. Сабаби бештар жанри достонӣ будани маснавиро Аскар Ҳаким дар мисоли маснавии муосир чунин шарҳ додааст: «Чунон ки мулоҳиза мешавад, маснавӣ, яъне шеъре, ки аз байтҳои ҳамқофия сохта мешавад, на фақат миқдори мисраъҳои ҳамқофияаш камшумор аст, балки таркибаш ҳам хеле содааст» [7, с.190].

Маснавӣ дар дар адабиёти муосири тоҷик бештар дар шакли падидаҳои хурди адабии сужетнок зуҳур кард. Дар шеъри муосири тоҷик даҳҳо намунаҳои хурди маснавиро шоҳид гаштаем, ки теъдоди абёташон зиёд нест, вале хатти сужети онҳо аз оғоз то анҷом як воқеаи муҳимми иҷтимоиро дар шакли мухтасар ифода намудааст. Аз тарафи дигар, маснавӣ, ки дар осори классикон бештар бо вазнҳои ҳазаҷ ва мутақориб зуҳур карда буд, дар адабиёти муосир доираи худро дар вазн фарохтар карда, дар ҳамагуна вазн, аз ҷумла ғазал, рубоӣ ва аз анвои нави адабӣ дар сурати арӯзи озод ва чаҳорпора низ корбаст шуд. Маснавии муосир

ғайр аз он ки бо арӯзи нав ва чаҳорпораи муосир омезиши сохторӣ карда, дар вазнҳои гуногуни анвои адабӣ зоҳир гардид, инчунин жанрҳои адабиро низ бо ҳам омезиш дод.

Ғолибан, дар шеъри бачагонаи мо аз анвои адабӣ бештар жанри маснавӣ ва ё чаҳорпора истифода мешавад. Аммо вазни шеъри бачагона дар ин анвои адабӣ вазни серистеъмоли маснавӣ ва ё чаҳорпораи муосир нест, балки он дар омезиш бо вазнҳои ҳиҷоӣ рӯйи кор омадааст ва кам андар кам мешавад ба мушоҳида гирифт, ки шеъри бачагонаи мо мустақиман дар вазни арӯз суруда шуда бошад.

Агар шарти муҳимми шеър вазн бошад ва маҳз ҳамин хусусият онро аз каломи мансур мутафовит кунад, пас, яке аз вазнҳои куҳантарин ва махсуси шеъри мо вазни ҳиҷо будааст, ки имрӯз дар шеъри кӯдак аз он фаровон истифода мешавад. Сабаби асосии ба ин вазн рӯй овардани шоирон дар гуфтани шеъри кӯдак дар он аст, ки он одатан ба таври сода ва аз рӯйи миқдори ҳиҷо (асосан аз 5 то 7 ҳиҷо) иншо мегардад. Содагие, ки зери назар аст, дар баёни ҳолат ва ҳам дар истифодаи вазн ба кор меравад.

Ҳамон тавре ки Нарзулло Бектош таъкид мекунад ва ин андешаи ӯ бори нахуст дар адабиётшиносӣ, минҷумла шинохти шеъри ҳиҷои миёни аҳли назар, арзиш пайдо кардааст, дар вазни ҳиҷо аз дарозии мисраъ дида, адади он асоситар аст. Яъне, «дар ин система аз ҷиҳати дарозӣ ва кӯтоҳӣ баробар будани мисраи боло ва поён шарти асосӣ нест, балки баробарии адади ҳиҷоҳо шарт аст» [3, с.136].

Муҳимтарин хусусият ё вежагии вазни ҳиҷо бо тартиби муайян омадани зада дар калимаҳост. Дар ин вазн баробарии ҳиҷоҳои ҳар мисраъ хуб риоя мешаванд.

Дар бораи таърихи куҳан доштани вазни ҳиҷо донишмандоне чун Т. Зеҳнӣ, Х. Шарифов, У. Тоиров, С. Давронов, А. Абдурашидов ва дигарон ибрози назар намудаанд, ки аз қадим мавҷуд будани онро таъйид мекунанд, вале истилоҳи «вазни ҳиҷо» аз оғози садаи ХХ вориди адабиёт гардидааст ва имрӯз меҳвари ашъори шеъри кӯдакро ташкил медиҳад. Дар адабиёти кӯдак теъдоди зиёди шеърҳои ҳиҷоӣ аз қабили, «Давидему давидем» ва «Борони баҳор»-и Аминҷон Шукӯҳӣ, «Алла» ва «Хандаи моҳтоб»-и Бобо Ҳоҷӣ, «Ватан» ва «Туфличаи ман»-и Мавҷуда Ҳакимова, «Ман ҳам шудам мактабхон» ва «Ман русиро медонам»-и Озод Аминзода, «Мурғаки хушхон» ва «Баҳори аввалин»-и Алӣ Бобоҷон, «Чинори ман» ва «Манучеҳр»-и Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, «Бибиҷон» ва «Қатраборон»-и Муҳаммад Ғоиб ва ғайра, ки ғолибан дар вазнҳои 5-6 ва 7 ҳиҷоӣ эҷод гардидаанд, бо образнокии сухан ва содаву равонии баён бартарӣ дошта, зарбу оҳанги онҳоро фаровонии ҳарфҳои садонок, ҳиҷоҳои кушода ва қофияҳо таъмин намудаанд. Шеъри Латофат Кенҷаева низ аз ҳамин дидгоҳ аз аҳамият холӣ нест. Вазни ҳиҷоӣ дар шеъри ӯ низ афзалияти хосса дорад ва ҳар он мавзуеро, ки ба сурати манзум барои бачаҳо матраҳ мекунад, аз вазни ҳиҷоӣ кор мегирад. Масалан, дар ин шеър, ки мустақиман қофиябандии маснавиро соҳиб гардидааст:

Хаста шудӣ модаракам?
Нишин даме дар баракам.
Чӣ мекашад дилат, бигӯ,
Чӣ кор кунам барои ту,
Чӣ мехӯрӣ, чиҳо пазам,
Чӣ оварам куҷо равам ? … [2, с.16].

Вазни ин суруда ғолибан ҳамон вазни ҳиҷоии қадимист, ки дар шеъри машҳури «Суруди Балхиён» ба сурати ҳафт ё ҳаштҳиҷоӣ зоҳир мешавад:

Аз Хуталон омадаӣ,
Ба рӯ табоҳ омадаӣ.
Овора боз омадаӣ,
Хашанг низор омадаӣ.

Ин суруда аз тарафи мардуми Балх, ба унвони як ҳаҷвнома дар баробари Асад ибни Абдуллоҳ, сарлашкари араб, ки соли 725 ба Хатлон лашкар кашидаву шикаст хӯрдааст, эҷод мегардад, ки то кунун яке аз аввалин сурудаҳои манзуми тоҷикӣ дар вазни ҳиҷо дониста мешавад. Шеъри 8 ҳиҷоии Латофат Кенҷаева, ки дар боло оварда шудааст, ғайр аз соҳиби вазни ҳиҷоӣ будан, аз тариқи қофия ба жанри маснавӣ бастагии амиқ дорад, аммо чизе, ки ин шеърро аз жанри маснавӣ то ҷое мутафовит мекунад, вазн ва истифодаи қофияҳои ноқис дар он аст. Маснавӣ дар чаҳорчӯби вазни арӯз суруда мешавад ва маъмулан тарзи қофиябандии аа, бб-ро соҳиб аст. Дар маснавӣ ҳар байт мустақиман ҳамқофия

мешавад, ки ин хусусият дар шеъри мазкури шоир риоя шудааст. Аммо ин ҷо қофияҳо, на аз ҷиҳати сохтор, балки аз ҷиҳати мусиқӣ ба ҳам пайванд мехӯранд.

Аз ҷиҳати мавзуъ, дар ин шеър мо самимияту меҳрубонии фарзандро нисбат ба модар мушоҳида мекунем, ки ба ҳаёти кӯдакон вобастагӣ дорад. Аз хондани он ҳар як кӯдак муҳаббати бепоёнеро нисбат ба модари худ пайдо мекунад. Барои кӯдакону наврасон дар ҳама замон метавонад муҳимтарин мавзуъ дар шеър ин мавзуи модар бошад.

Шеър бояд аз асолат бархӯрдор буда, мазмуну муҳтавои шеър бояд наздик ба рушди фикрии хонандаи он бошад. Дар сурате, ки қобили дарк набошад, мавриди назари хонандаи хеш намегардад.

Ба ақидаи Латофат Кенҷаева, шеър бояд самимӣ, ҷаззоб, бомаънӣ ва ширадор ва инчунин ҳақиқати воқеӣ дошта бошад. Шоир бояд, ки қаҳрамони шеъри эҷоднамудаи худро дӯст дорад. Аз ин лиҳоз, мавзуъҳои шеъри кӯдакона бояд марбут ба дунёи пурорзуи кӯдакону наврасон бошад.

Дар ашъори Латофат Кенҷаева кам шеъре ба назар мерасад, ки дар он васфи табиати зебоманзари кишвар, ватандӯстию ватанпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳурмати калонсолон ва амсоли инҳо ба тасвир наомада бошад. Зебоипарастиро низ Латофат мағзи асосии шеъри худ қарор додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаттор, А. Талмеҳ дар шеъри аҳди Сомониён / А. Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 2008. – 70 с.
2. Кенҷаева, Л. Шеърҳо / Л. Кенҷаева. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 92 с.
3. Набиев, А. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷик / А.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 312 с.
4. Раҳимзода, Б. Куллиёт. Иборат аз ду ҷид. Ҷ.1. / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 182 с.
5. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.
6. Сабрин. Таронаҳо бо олиҳаи вафо. – Душанбе : Истиқбол, 2018. – 110 с.
7. Ҳакимов, А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 256 с.
8. Кенҷаева, Л. 366 рӯзи гуфтугӯ бо Худо. Қисми 1 / Л. Кенҷаева. – Душанбе: Истиқбол, 2019. – 150 с.
9. Кенҷаева, Л. Баднафсак / Л. Кенҷаева. – Душанбе: Истиқбол, 2014. – 25 с.
10. Кенҷаева, Л. Зиёфат / Л. Кенҷаева. – Душанбе: Истиқбол, 2014. – 10 с.

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ ЛАТОФАТ КЕНҶАЕВА

Нависандаи адабиёти бачагона, ноширн шинохтаи тоҷик Латофат Кенҷаева, ки ӯро аҳли ҳамкасбону ҳамқаламонаш бо номи Сабрин, ки тааллуқ ба тахаллуси шоирии ӯст, хуб мешиносанд. Латофат Кенҷаева ҳам барои калонсолон ва ҳам барои кӯдакону наврасон шеър эҷод намудааст. Дар шеъри калонсолонаи ӯ истифодаи жанри ғазал беш аз ҳар анвои адабии дигар афзалият дорад. Латофат Кенҷаева дар эҷоди шеъри кӯдакона пайваста заҳмат мекашад ва ғазал низ аз мадди назари ӯ дур намондааст. Ҳамон тавр ки гуфта шуд, ғолибан мавзуи ғазали Латофат Кенҷаева ҳокӣ аз ишқ аст. Ғазал, ки аз азал ба унвони як жанри адабӣ дар хидмати мавзуоти ошиқона қарор гирифтааст, дар ашъори аксар шоирони имрӯз низ ҳамон рисолати азалии худро риоя мекунад. Аз ин лиҳоз, шоира пайваста мекӯшад, ки абёти хешро бою ғанӣ гардонад. Мавзуоти ғазалҳои адиб танҳо ишқӣ набуда, мавзуи тарбиявиро низ дар бар мегирад ва барои баланд бардоштани савияи дониши кӯдакону наврасон ҳиссагузор бошад.

Калидвожаҳо: Латофат Кенҷаева, жанр, ғазал, хушсалиқа ва нозукандеш, анвои адабӣ, насли наврас.

РОЛЬ ГАЗЕЛИ В ПОЭЗИИ ЛАТОФАТ КЕНДЖАЕВОЙ

Писательница детской литературы, известный таджикский издатель Латофат Кенджаева, хорошо известна своим коллегам и друзьям по переписке под именем Сабрин, оно является ее поэтическим псевдонимом. Латофат Кенджаева писала стихи как для взрослых, так и для детей и подростков. В её взрослой поэзии жанр газели является основным литературным жанром. Латофат Кенджаева постоянно работает над созданием детских стихов, но и газели находятся в центре ее внимания. Главной темой газели Латофат Кенджаевой является любовь. Газель, которая с незапамятных времен использовалась как литературный жанр для описанных романтических тем, также занимает большое место в стихах большинства поэтов и сегодня. С этой точки зрения, поэтесса постоянно пытается обогатить свои стихи. Тема газелей писательницы не только любовная, но и воспитательная. Она способствует повышению уровня знаний детей и подростков.

Ключевые слова: жанр, газель, вежливый и чуткий, литературный жанр, молодое поколение.

THE ROLE OF GHAZAL IN THE WORKS OF LATOFAT KENDZHAEVA

Children's writer, a famous Tajik poetess Latofat Kendzhaeva is known among her colleagues and readers under the pseudo name Sabrin. Latofat Kendzhaeva has written poems both for children and adults. In her poetry for more senior audience she mainly uses the ghazal genre. Latofat Kendzhaeva constantly strives to write for children; however, she also does not ignore ghazal. As it was mentioned earlier, the dominant themes in the ghazals of Latofat Kendzhaeva are kindness and love. Ghazal has historically been known as the genre of love in its essence, and it has not lost that essence in the contemporary world. Therefore, the poetess constantly tries to enrich her poetry. The thematic spectrum of her ghazals is not

limited to love, it also includes education topics thus contributing to the improvement of children's and adolescents' knowledge.

Key words: Latofat Kendzhaeva, genre, ghazal, tasteful, young generation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Сироҷиддини Эмомалӣ*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17
Саъдуллоева Муродгул Файзибековна - Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва рӯзноманигорӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25

Сведения об авторах: ***Сироджиддин Эмомали*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и современной таджикско-персидской литературы филологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17
Садуллоева Мурадгул Файзибековна - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры таджикского языка и литературы факультета филологии и журналистики. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г. Дангара, ул. Маркази, 25

Information about the authors: ***Sirojiddin Imomali*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Modern Tajik-Persian Literature of the Faculty of Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Str.,17
Sadulloeva Muradgul Fayzibekovna - Dangara State University, Assistant of the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Philology and Journalism. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Str. Markazi, 25

УДК: 891.550

ПЕЧИШҲО ДАР ҶАҲОНИ АНДЕШАҲОИ ИҚБОЛ

Холов Ҷ.
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент

Аз Муҳаммад Иқбол ва ҳастиву фаъолияту мероси ӯ дар ҷаҳони иқболшиносӣ суханҳои зиёде гуфта шудааст. Иқбол шахсиятест маъруфу машҳур ва шинохташ басо мушкил, ки зикрашро олимону донишмандони кишварҳои бисёре кардаанд ва ақидаҳо низ доир ба нигоҳи Аллома ба зиндагӣ аз лиҳози мероси ба ҷаҳониён гузоштааш доманадор аст.

Воқеан, Аллома Иқбол фардест, ки ҳама ӯро чун фарзанди кишвари хеш меҳисобанд. Ва ӯ ба чунин шараф сазовор ҳам ҳаст. Иқбол марди мансуби маконе нест ва макони ӯ макони зисти ҳама ҷаҳониён аст, ки ӯ тайи зиндагии худ тавассути сурудаҳову навиштаҳояш маскун гирифтааст. Ҳам табиист, ки чандин кишвар даъвои соҳибияти Иқболро дорад (дар назар аст мероси адабиву нигоҳи фалсафии Аллома).

Масалан, дар Ҳинд Иқболро шоири кабиру шахси шинохтаи ин кишвар медонанд, ба хотири он ки маскани обоии Муҳаммад Иқбол Кашмир асту ӯ реша аз тозанаслони бараҳманҳоро дорад ва худ Иқбол низ аз ин иддао рӯ нагардонидааст. Тараннуми ин кишвари афсонавӣ, тасвири ҷабҳаҳои мухталифи он дар таълифоти Иқбол мавқеи муайян дорад. Мардум низ то кунун сурудаҳои ӯро замзама мекунанду Академияи Иқбол дар Ҳинд ҳомии осору таблиғгари равияҳои фитрии ин мутафаккири бузург мебошад.

Кишвари зебои Покистон Иқболро аз бузургтарин фарзандони хеш меҳисобад ва воқеан саҳӣ ҳам ҳаст. Чаро ки Иқбол зодаи Сиёлкути музофоти Лоҳури Покистон мебошад. Ва ӯ дар қатори Сер Сайид Аҳмадхон, Муҳамадалӣ Ҷиноҳ ва дигарон аз барпокунандагону ташаббускорони бинои сарзамини Покистони имрӯза мебошад. Ва ҳамчунин Иқбол ба забони ширину равони урду, ки забони давлатии Ҷумҳурии Покистон аст ва ҳомии ягонаи ин забон дар ҷаҳон танҳо Покистон мебошад, шеъру сухан кардааст. Ва Иқболро маҳз бо осори гаронмояш дар Покистон бо унвони «Шоири миллат» қадрдонӣ кардаанд.

Афғонистон дар қатори ин ду кишвар Иқболро фарзанди худ медонад. Зеро лафзи ноби дарӣ сарчашмаи ашъори форсии шоирро ташкил медиҳад ва худ шоир низ ба ин мардум муҳаббати беандоза дошту Кобулро дӯст медошт ва дар «Ҷовиднома» тавассути Зиндарӯд бо Ҷамолиддини Афғонӣ ҳамсуҳбат мешавад.

Эрон пас аз таҳқиқҳои Муҳаммад Таботабоӣ ва Маликушшуаро Баҳор бо Иқбол аз наздик шинос шуд ва маҳбубияти Алломаро тамоми эронзамин бипазируфт ва ӯро дар қатори беҳтарин форсигӯёни садаи бистум қабул кард. Иқбол бошад, ба кишвари Эрон эҳтироми хосса дошт ва дар омӯзишу дарёфти гавҳари маънӣ ба зодагони ин сарзамин пештар рӯ оварда буд ва «Таҳаввули илми Моваройттабиа дар Эрон» аз нахустмаҳсули Аллома ба ҳисоб меравад.

Албатта, Иқболро тоҷикистониён беш аз ҳама дӯст доранду азони худ медонанд. Зеро забони содаву равони тоҷикӣ, истифодаи вожаҳои софи тоҷикона тамоми маҳсули форсии Алломаро фаро гирифтааст.

Ташкили Академияи Иқбол берун аз марзи Покистону Ҳиндустон дар Амрикову Британиё ва ғайра далели дигари фарди ҷаҳонӣ будани Муҳаммад Иқбол ба шумор меравад.

Дар ҳар сурат Иқбол дар баробари забони тоҷикӣ-форсӣ ашъори зиёде ба забони урду низ сурудааст ва мақсади ӯ аз ин ашъор бедор кардани эҳсосости миллӣ ва ватанпарастии аҳолии Ҳинд буд. Илова бар ин, барои эҷоди эҳсоси ягонагӣ ва иттиҳод байни мусулмонони Ҳинд манзумаҳои зиёде иншо кард. Ва миқдори зиёде аз ашъори мутафарриқи Иқбол, ки дар он рӯзҳо суруда шудаанд, мустақиман аз манзумаҳои англисӣ ба забони урду тарҷума карда шудаанд ва бад-ин васила ба ҳаводорони назми урду навои тозае овардааст. Аз ҷумла, шеъри Матилда Бэтхем «A Child's Hymn» бо номи «Дуои кӯдак», Самуэл Роҷерс «A wish» бо номи «Як орзу» ва ашъори дигар шоиронро Иқбол хеле бо ҳунари волои тарҷумонӣ ба урду баргардонидааст. Ин падида нишон медиҳад, ки Иқбол нуфузи шеър ва афкори фарангиёнро низ пазируфтааст. Профессор Р. Николсон дар дебочаи тарҷумаи

«Асрори худи»-и Иқбол ба забони англисӣ таъйид намудааст, ки «дар услуби нигориш ва санъати шеърнависии Иқбол таъсири бевоситаи Шеллӣ дида мешавад» [7, с.4].

Ҳамин ки Иқбол дар муҳити дигар ва бозтар чашми худро кушод, тафовути байнитабақавӣ ва фарқиятҳои мухталиф дар кишвари Ҳинд таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намуд ва минбаъд ба сурудани ашъори ватанхоҳона шуруъ намуд. Масалан, сурудаҳои ӯ «Тасвири дард» ва «Навои дард» аз вазъи риққатбори Ҳинд ва таҳти ҳукмронони бегонагон қарор доштани он ва дар «Наяа шавала» (Маъбади нав) аз иттиҳод ва ягонагии байни аҳолии Ҳинд сухан меронад ва ҳиндиҳоро ба илм ва ҷидду ҷаҳд барои ба даст овардани озодӣ ҳидоят мекунад. Иқбол орзу дошт, ки ҳинду ва мусулмон муттаҳид шуда, юғи истеъмор аз гардани худ дур бияндозанд. Вале чи тавре ки рушан аст, ин орзуи Иқбол амалӣ нагашт.

Шеъри тоҷикӣ-форсии Иқбол таъсири зиёде дар шеъри урдуи ӯ доштааст. Мутолиаи маҷмуаҳои ба забони урду офаридаи Иқбол, ки баъд аз «Бонги даро» ба дасти нашр расидаанд, нишон медиҳад, ки тарзи фикру услуби баёни Иқбол батадриҷ ба адабиёти тоҷикӣ-форсӣ майл намудааст. Ва чи тавре ки дар оғози шеъри урду нуфузи шеъри англисӣ намоён аст, дар охирин осори урдуи Иқбол низ таъсири осори Ҳофиз, Бедил ва Мавлавӣ ба чашм мерасад. Ва ин ҳама ба ашъори урдуи шоир салиқаву нафосат ва равониву ҷаззобиятро ворид намудааст.

Эҷодиёти Иқбол хеле пурғановат буда, доираи васеи мавзуотро фаро гирифтааст. Дар байни навиштаҳои шоир мо бо ду таронае вомехӯрем, ки дар аввалин маҷмуаи ба забони урду навиштаи Иқбол «Бонги даро» ҷой дода шудааст ва хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Таронаи ҳиндӣ» (The Indian anthem) ва «Таронаи миллӣ» (The National Anthem). Ин ду шеър дар фосилаи тақрибан се сол рӯйи коғаз омада, аз машҳуртарин навиштаҳои Аллома ба ҳисоб мераванд.

«Таронаи ҳиндӣ» бори нахуст бо номи «Saare Jahan Se Achchha» (Беҳтар аз тамоми дунё) 16 августи соли 1904 дар маҷаллаи ҳафтавори «Иттиҳод» ба табъ расидааст, ки шоир ин сурудро ба тарзи ғазал барои кӯдакону ҷавонон иншо кардааст. Ҳамон вақт Иқбол ба ҳайси муаллим дар коллеҷи давлатии Лоҳур адои вазифа мекард ва дар маҳфиле аз тарафи донишҷӯён барои анҷом бахшидани маҷлис ба саҳна хонда мешавад. Иқбол ба ҷойи суханронӣ бори аввал суруди «Saare Jahan Se Achchha»-ро манзури ҳозирин мегардонад. Ва ин тарона дере нагузашта дар саросари Ҳинд маҳбубият пайдо мекунад.

«Saare Jahan Se Achchha» бо номи «Таронаи ҳиндӣ» соли 1924 дар маҷмуаи «Бонги даро» интишор гаштааст ва дар маҷмуа «Таронаи ҳиндӣ» дар қатори ашъори то соли 1905 навиштаи шоир ҷой дода шудааст:

saare jahaan se accha hindostaan hamaara
ham bulbuley hain us ki voh gulsitaan hamaara
ġhurbat mein hon agar ham, rahta hai dil vatan mein
samjho vuhin hamey bhi dil ho jahaan hamaara
parbat voh sab se unchaa, hamsaaya aasmaan ka
voh santari hamaari, voh paasbaan hamaara
godi mein khelti hain us ki hazaaron nadiyaan
gulshan hai jin ke dam se rashk-e janaan hamaara
ay aab-rood-e gangaa! voh din hain yaad tujh ko?
utraa tire kinaare jab kaaravaan hamaara
mażhab nahin sikhaataa aapas mein bair rakhnaa
hindi hain ham, vatan hai hindostaan hamaara
yunaan-o-misr-o-rumaa sab mit gaye jahaan se
ab tak magar hai baaqi naam-o-nishaan hamaara
kuchh baat hai ki hasti mitti nahin hamaari
sadiyon rahaa hai dushman daur-e zamaan hamaara
iqbaal! koyi mahram apnaa nahin jahaan mein
ma'loom kyaa kisi ko dard-e nihaan hamaara! [6, с.39].

Таронаи ҳиндӣ

Зеботар аз ҷаҳон аст, Ҳиндустони мо,
Мо булбулони ӯем, вай гулситони мо.
Гар берунем аз он, дил дар ватан бимонад,
Ҷое, ки дил гузинад, он ҷо бувад макони мо.

Парбат[1], ки мезанад бӯса бар осмон,
Бошад сутуну нигаҳбони остони мо.
Гашта равон рӯдҳо садҳо-ҳазор аз ӯ,
Гулшан шуда ҳама замину замони мо.
Эй оби рӯди Ганга! Дар ёд дорӣ он рӯз?
К-омад фуруд канорат корвони мо.
Мазҳаб наёмӯзад низоъ миёни мо,
Ҳиндистему ватан аст Ҳиндустони мо.
Аз байн рафта Руму Юнону Миср, аммо
Боқӣ бувад дар олам ному нишони мо.
Гӯянд, ки хоки мо шуста касе натвонад,
Ҳарчанд ки асрҳо карданд қасди ҷони мо.
Иқбол! Ҷуз худат нест ҳеҷ марҳами ҷоне,
Охир кирост маълум дарди ниҳони мо! (тарҷ. таҳтуллафзӣ).

Суруди дигари Иқбол «Таронаи миллӣ» дар маҷмуаи «Бонги даро» дар қисмати ашъори миёни солҳои 1905-1908 офаридаи шоир ҷой дода шудааст:

Chinoo Arab hamaraa hindostaan hamaara
Muslim hain hum watan hai saara jahaan hamaara
tawheed ki amaanat seenon mein hai hamaarey
aasaan naheen mitaana naam o nishaan hamaara
dunyan ke but-kadon mein pahlaa woh ghar KHUDA kaa
hum uskey paasbaan hain woh paasbaan hamaara
tayghon key saaye mein hum, pal kar jawaan huwey hain
khanjar hilaal kaa hai qawmi nishaan hamaara
maghrib ki waadiyon mein guunji azaan hamaari
thamata na thaa kisee se sayl rawaan hamaara
baatil se dabney waaley ay aasmaan nahin hum
sau baar kar chukaa hai tu imtihaan hamaara
ay gulsitaan e andalus! woh din hain yaad tujh ko
thaa teri daaliyon par jab aashiyaan hamaara
ay mawjey dajlah! tu bhi pahchaanti hai hum ko
ab tak hai tera daryaa afsaanakhwaan hamaara
ay arz e paak! teri hurmat pey kat marey hum
hai khoon teri ragon mein ab tak rawaan hamaara
saalaar e kaarwaan hai Mir e Hijaz apnaa
is naam se hai baaqi aaraam e jaan hamaara
Iqbal kaa taraana baang e daraa hai goyaa
Hotaa hai jaadah paymaa phir kaarwaan hamaara [7, с.106].

Таронаи миллӣ

Чину Араб аз они мо, Ҳиндустон аз они мо,
Мо муслимему кулли ҷаҳон аз они мо.
Пур аст синаи мо аз лафзи неки тавҳид,
Мушкил бувад зудудан ному нишони мо.
Бутхонаҳои олам ҳеҷ аст пеши Каъба,
Мо посбони ӯем, он аст нигаҳбони мо.
Дар зери теғи бурро мо растаему бошад,
Моҳи ҳилолханҷар нангу нишони мо.
Дар водиҳои Афранг бонги азон ҷарас кард,
Ором давид дар ҳама ҷо сели равони мо.
Мо нестем ҳамолуд бо бутлу зулму иғво,
Ё раб, ту кардаӣ сад бор имтиҳони мо.
Эй гулситони Андалус! Дар ёд дорӣ он рӯз?
Дар дашту водиҳоят буд хона-ошёни мо.

[1]Қуллаест бо номи Нанга Парбат дар доманакӯҳи Ҳимолой дар шафати Кашмир, ки дар зебоии манзар ҳамто надорад.

Эй мавҷи Даҷла! Дар ёд дорӣ моро?
Оби равони ту то ҳол афсонахони мо.
Эй арзи пок! Дар роҳи ту қурбон гаштаем,
Боқист хуни ҳидоят андар рагони мо.
Солори корвон аст мири Ҳиҷоз моро,
Бо номи ӯст ҷовид ороми ҷони мо.
Бонги дарост гӯё ашъори ноби Иқбол,
Гардад ҷодапаймо зи нав ин корвони мо (тарҷ. таҳтуллафзӣ).

Аммо дар баъзе сарчашмаҳо муҳаққиқин соли таълифи ин шеърро ба соли 1910 нисбат медиҳанд, ки ин комилан ғалат аст. «Таронаи миллӣ» бо вазну қофияи «Таронаи ҳиндӣ» суруда шуда ба зудӣ миёни хонандагони ашъори шоир роҳ меёбад ва ба яке аз маҳбубтарин суруд миёни аҳли ислом табдил меёбад.

Зери нигоҳи шоир мафҳуми ватанхоҳӣ аз нуқтаи назари ғояҳои исломӣ чандон тағйироте ба назар намерасад, чаро ки шоир агар дар «Таронаи ҳиндӣ» танҳо Ҳиндустонро ватан хонда бошад, пас дар «Таронаи миллӣ» ӯ саросари оламро ватан мехонад. Чунин тағйири назар бар ақидаи аксар муҳаққиқини Иқбол аз он сарчашма мегирад, ки шоир то сафари Урупо дар саргаҳи афкори фарҳанги плуралистии ҳинду мусулмонӣ буда, баъд аз сафар аз ин тарзи тафаккур даст кашида, ба дунёи фалсафаи исломӣ ва хунёгарии ҷомеаи мусулмонӣ қадам ниҳод.

Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки ҷиҳатҳои монанд ва тазодҳои маъноӣ, инчунин дигар паҳлуҳои назари шоир ба рӯзгори замонаш, баҳодиҳии моҳавл дар ҳар ду тарона арзёбӣ гардад. Зеро ин ду тарона ду сарчашмаи бо ҳам мусовӣ, вале решаҳои қаъри ягонадоштаро мемонанд, ки фавворазанон бурун омадаанд ва ҷойи тааҷҷубу муаммояш он аст, ки рангу лаззати обҳо комилан тафриқадор аст.

Нахуст дар зер аз байтҳои бо ҳам мушобеҳу мутавозини ин ду тарона ёдрас мешавем:

Байтҳо аз «Таронаи ҳиндӣ»: Байтҳо аз «Таронаи миллӣ»:

saare jahaan se accha hindostaan hamaara ham bulbuley hain us ki voh gulsitaan hamaara	Chinoo Arab hamaraa hindostaan hamaara Muslim hain hum watan hai saara jahaan hamaara

parbat voh sab se unchaa, hamsaaya aasmaan ka voh santari hamaari, voh paasbaan hamaara	dunyan ke but-kadon mein pahlaa woh ghar KHUDA kaa hum uskey paasbaan hain woh paasbaan hamaara

ay aab-rood-e gangaa! voh din hain yaad tujh ko? utraa tire kinaare jab kaaravaan hamaara	ay gulsitaan e andalus! woh din hain yaad tujh ko thaa teri daaliyon par jab aashiyaan hamaara

yunaan-o-misr-o-rumaa sab mit gaye jahaan se ab tak magar hai baaqi naam-o-nishaan hamaara	tawheed ki amaanat seenon mein hai hamaarey aasaan naheen mitaana naam o nishaan hamaara

Мавзуоти ягона ва тазодҳои фикрӣ дар ҳарду таронаи Аллома рӯшан ба чашм мехӯранд. Чунин умумиятҳои ин ду таронаро мо ба панҷ зергурӯҳ қисмгузорӣ намудем, ки аз лиҳози вазну қофия, сабки нигориш ва умумияти фарогирии мавзуъ шабоҳатҳои шигифтоваре доранд. Дар поён чунин умумияту тафовутҳои хоссаро дар ҳарду тарона бо тақсим ба зергурӯҳ мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Дар зергурӯҳи аввали «Таронаи ҳиндӣ» шоир Ҳиндустонро аз беҳтарин кишварҳои дунё меномад ва бошандагонашро булбули чаманистони он мепиндорад. Мардуми ин мулкро ба ватанхоҳиву ватанпарастӣ ташвиқ мекунад. Ҳатто дар ин роҳ гуногунии мазҳабҳои маҳаллиро монеа намеҳисобад ва ҳама алоқамандони дину мазҳабро сокинони ватанаш - Ҳиндустон мехонад:

saare jahaan se accha hindostaan hamaara

ham bulbuley hain us ki voh gulsitaan hamaara
ġhurbat mein hon agar ham, rahta hai dil vatan mein
samjho vuhin hamey bhi dil ho jahaan hamaara
mażhab nahin sikhaataa aapas mein bair rakhnaa
hindi hain ham, vatan hai hindostaan hamaara.

Ва дар ҳамин зергурӯҳ дар «Таронаи миллӣ» Аллома Иқбол Ҳиндустонро дар қатори Чину мамолики Араб аз они худ медонад ва ватани хешро тамоми олам мепиндорад. Роҷеъ ба мазҳаб ва шинохти худовандӣ талқин ба худои ягона ва пайғамбари он Муҳаммад (саллалоҳу ъалайҳи васаллам) мекунад:

Chinoo Arab hamaraa Hindostaan hamaara
Muslim hain hum watan hai saara jahaan hamaara
ay arz e paak! teri hurmat pey kat marey hum
hai khoon teri ragon mein ab tak rawaan hamaara
saalaar e kaarwaan hai Mir e Hijaz apnaa
is naam se hai baaqi aaraam e jaan hamaara

Дар зергурӯҳи дуюм низ чунин ақидаронӣ ва идомаи фикр такрор мешавад. Дар «Таронаи ҳиндӣ» шоир рӯ ба тараннуми зебоӣ ва олами назарраболи Кашмир меоварад ва аз он тафохур менамояд, ки посбони ҳамешагии ӯ қуллаҳои осмонбӯси Нанга Парбат ва доманаҳои ҳамешабаҳори манотиқи кӯҳсори Кашмир мебошанд:

parbat voh sab se unchaa, hamsaaya aasmaan ka
voh santari hamaari, voh paasbaan hamaara

Аммо дар ҳамин маънии нигаҳдорӣ, ҳомӣ будан дар «Таронаи миллӣ» Иқбол рӯ ба Каъба-саҷдагоҳу пушту паноҳи аҳли муслимин меоварад. Ва дар миёни муқаддасоти олам Каъбаро боло мегузорад ва тамоми саҷдагоҳҳои дигари руҳониёни сайёраро сарфи назар мекунад:

dunyan ke but-kadon mein pahlaa woh ghar KHUDA kaa
hum uskey paasbaan hain woh paasbaan hamaara

Нигоҳи шоир дар зергурӯҳи сеюм касро тамоман ба ҳайрат меоварад. Зеро Иқбол бо як оҳанг ва руҳияи болида аз қадимияти сарзаминаш сухан меронад. Ному нишони ҳамватанонашро бо мавҷудияти фарҳанги пурғановати сарзамини Ҳинд алоқаманд мешуморад. Ҳиндро чун Ҷавоҳирлал Нехру аз гаҳвораҳои тамаддуни башар арзёбӣ мекунад: «Тамаддуни Ҳинд аз рӯйи сину сол баробар аст бо хоҳарони худ дар Миср, Чин ва Ироқ. Ва ҳатто Юнони қадим ба ҳамаи инҳо хоҳари аз ҳама хурдӣ маҳсуб мешавад» [4, с.50]. Барои субути фикри хеш Иқбол азбайнравии фарҳанги қадимаи Юнону Миср ва Румро далел меорад:

yunaan-o-misr-o-rumaa sab mit gaye jahaan se
ab tak magar hai baaqi naam-o-nishaan hamaara

Сарчашмаи ному нишон, мавҷудияти кунунии онро шоир дар зерқисмати сеюм дар «Таронаи миллӣ» ба тавҳид ва боварӣ ба ягонагии мусулмонон пайваст кардааст. Ва афзудааст, ки хоссатан шикастан ва ё нобуд кардани ному нишони аҳли тавҳид амалест мушкилу номумкин:

tawheed ki amaanat seenon mein hai hamaarey
aasaan naheen mitaana naam o nishaan hamaara

Зерқисмати чорум, ки мавриди таваҷҷуҳи мо гашт, ин муроҷиати шоир ба ду рӯдхонаи бузурги олам Ганга ва Дарёла мебошад. Рӯ ба Ганга овардани Иқбол дар «Таронаи ҳиндӣ» басо ҷолиб аст. Шоир хитоб ба Ганга мекунад ва ёдрас мешавад, ки дар хотират он замон ҳаст, ки корвони мо ба канори ту баррасид. Мурод аз баррасидани корвон ба ақидаи мо бо назардошти муҳтавои умумии «Таронаи ҳиндӣ» на вуруди мусулмонон аст, балки суруши ориёиён ба сарзамини Ҳинд ва танг кардани аҳолии муқимии он ба соҳилҳои уқёнуси Ҳинд аст, ки пас аз онҳо ин сарзамин номи Ариявартаро[2] гирифтааст. Дар «Таронаи ҳиндӣ» аз тарафи шоир талқин ба Парбат ва ватан пазируфтани Ҳинд, чун суғдиён назари мусовӣ доштан ба дигар мазҳабҳо далели тақвияти ақидаи боло мебошад:

ay aab-rood-e gangaa! voh din hain yaad tujh ko?
utraa tire kinaare jab kaaravaan hamaara

[2] Ариявarта маънои сарзамини ориёиёнро дорад.

Ва аслан Иқбол марди фурӯтан, инсонпарвар ва хоксоре буд. Роҷеъ ба ин муҳаққиқи шинохтаи покистонӣ Мумтоз Ҳасан менависад, ки «ҳамаи навъи мардум аз Машриқу Мағриб, ҳиндую мусулмон, аз габру тарсо, аз сикҳҳову буддоӣ, босаводу бесавод, уламову удабо, пирону ҷавонон, донишҷӯёни донишгоҳу устодони донишгоҳ, паҳлавонону варзишкорон барои мулоқоти Иқбол меомаданд ва ӯ бо ҳамаи онҳо бо камоли хулус ва содагӣ гуфтугӯ мекард ва барои ҳар навъ инсон эҳтиром мекард» [6, с.19].

Аммо мутаносибан дар ҳамин қисмати «Таронаи миллӣ» Муҳаммад Иқбол назари дигаре дорад. Шоир ба фатҳномаҳои муслимин рӯ меоварад ва Андалусро ба хотири мардум меоварад, ки замоне дар зери итоати мусулмонон буд. Мухотаб ба Даҷла мешавад ва зафари исломро бо ҳикоёти ҷолибаш ёдрас карданӣ мешавад:

ay gulsitaan e andalus! woh din hain yaad tujh ko
thaa teri daaliyon par jab aashiyaan hamaara
ay mawjey dajlah! tu bhi pahchaanti hai hum ko
ab tak hai tera daryaa afsaanakhwaan hamaara

Қисмати панҷум ва хотимавие, ки дарди дили шоирро аён мекунад бо номи худи шоир алоқаманд аст. Иқбол дар «Таронаи ҳиндӣ» дар баробари тараннуми ватан, эҳсосоти беҳтарини ватандорӣ аз фалсафаи зиндагии худ дур нарафтааст ва рӯ ба худии худ меоварад, ки бо вуҷуди ин ҳама аносири фарогирифтаи инсон ба дарди дили одам ба ҷуз худи ӯ каси дигаре нахоҳад расид, яъне дар навбати аввал маҳрами нахустини ҳар инсон худи ӯст:

iqbaal! koyi mahram apnaa nahin jahaan mein
ma'loom kyaa kisi ko dard-e nihaan hamaara!

Чунин ақидаронӣ дар «Таронаи миллӣ» низ идома ёфтааст ва танҳо бо тобишу майлоне каме фарқкунанда. Ин ҷо бонги дарои Иқбол корвони бе ин ҳам дар ҳаракати зиндагиро бедору ҳушёр мекунад ва ба гардиши он суръати тозае мебахшад:

Iqbal kaa taraana baang e daraa hai goyaa
Hotaa hai jaadah paymaa phir kaarwaan hamaara.

Нигоҳи Иқбол ва мавҷудияти тазод дар он аз вуруди хуни аҷдодӣ дар шарёни худи шоир реша гирифта, чизи тасодуфӣ, сохтаву бофта ва ё худ табдили афкор дар ҷараёни зиндагӣ набудааст. Исботи чунин ақида дар ин ду тарона хеле рӯшан ба чашм мерасад. Интихоби мавзуъ, номгузорӣ, вазну қофияи ягона, фарогирии афкор дар абёти ба ҳам монанд дар ҳарду тарона ҳеҷ гоҳ тасодуф буда наметавонад. Илова аз ин, ҳарду тарона ҳам дар ҷаҳони орзуҳои Иқбол пару бол бароварда ба ҳайси таронаҳои миллӣ миёни мардум суруда мешаванд.

«Таронаи ҳиндӣ» дар саросари Ҳиндустон ҳамчун суруди миллии ин сарзамин шуҳрат касб намудааст ва аз гимни давлатии Ҳинд «Ҷай Ҳинд» (Зинда бод Ҳиндустон)-и Робиндранат Тагор нуфузи кам надорад.

«Таронаи миллӣ» бошад, ба ҳайси суруди милии мусулмонон машҳур гашт. Чи тавре ки Ғуломризо Сайидӣ менависад, ««Таронаи миллӣ» дар ҳақиқат суруди байналмилалии исломӣ аст, ки намояндаи идиёложии ислом ва барномаи ҳаётии ҳамаи муслимин аст… мазомини баланду ҳассоси мусиқии мавзуне, ки дар ин тарона ба кор рафтааст, дар бедор кардани эҳсосоти умумии муслимин ва барафрохтани оташи шавқашон барои касби истиқлол ва озодиву бархурдорӣ аз неъмати ҳуррият ва ба бародари исломӣ, дар руҳи афсурдаи муслимини шибҳи қора бамаротиб таъсири амиқтар аз суруди маъруфи «Морсез» барои франсавиёни давраи инқилоб доштааст» [5, с.148].

Ин тарона ба забони арабӣ аз тарафи Ҳасан-ал-Азмӣ тарҷума гашта, бори нахуст дар маҷаллаи арабии «Албашир» ба табъ расидааст, ки аз нуфузу эътибори он шаҳодат медиҳад.

Чи хеле ки возеҳ мегардад:

1. Ҳарду тарона дар ҷаҳони чакидаҳои хомаи Иқбол вазни хоссаву мазбут ва мавқеи баландеро ишғол кардааст.
2. «Таронаи ҳиндӣ» -ро аз «Таронаи миллӣ» ҷудо кардан нашояд, зеро «Таронаи миллӣ» идомаи афкори силсилабастаи «Таронаи ҳиндӣ» мебошад.
3. Агар Иқбол таҷдиди назар дар мавриди Ҳинду мардумаш мекард ва баъд аз эҷоди «Таронаи миллӣ» иддао ба инкори «Таронаи ҳиндӣ» медошт, ин шеърро соли 1924 дар маҷмуаи «Бонги даро» ҷой намедод.

4. Истифода аз табиати зебоманзари Кашмиру калимаву ибороти марбут бо дину оини ҳиндуӣ дар баробари дигар динҳои ҷаҳонӣ, пас аз офариниши «Таронаи миллӣ» баёнгари побарҷоии шоир дар афкору баёни каломи бадеъу фалсафии ӯст.

5. Чун сарчашмаи ғизои маънавии Иқбол аз ду қавму ду расму оин аст, ҳамин маънавият бо тақвияту таҷаддуд аз ботини ӯ аз ду ҷӯйбор ҷорӣ гаштааст, тафовут он ки яке ҷӯйи серобу дигаре камоб.

6. Ҳифзи ҳама таровишҳои афкори фалсафиву адабии Аллома Иқбол шоирро ҳамчун фарди кулл ва комил ба ҳаводоронаш пешкаш менамояд ва ҳарсӯкашиҳо аз лиҳози мансубияти динӣ ва манфиати гурӯҳҳои ҷудогона мусовист бо тақсимоти Иқбол ҳамчун фард.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров, А. Муҳаммад Иқбол / А.Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1973. – 131 с.
2. Доктор Хоҷа Абдулҳамид Ирфонӣ. Тарҷумаи форсии «Зарби калим» ва шарҳу аҳволи Иқбол. - Лоҳур, 1981. – 182 с.
3. Куллиёти ашъори форсии Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ. Бо муқаддимаи Аҳмад Суруш. - Теҳрон: чопи Аҳмадӣ,1371. – 506 с.
4. Нехру, Джавахирлал. Открытие Индии (книга первая) / Джавахирлал Нехру. - М., 1989. – 460 с.
5. Сайидӣ, Ғ. Андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ / Ғ.Сайидӣ. Ба кӯшиш ва муқаддимаи Сайид Ҳодии Хусравшоҳӣ. - Теҳрон, 1370. – 359 с.
6. Hasan, M. The development of metaphisics in Persia / M.Hasan // A contribution to the history of muslim philisophi by Muhammad Iqbal. – London: Luzac and company, 1908. - 187 p.
7. Kulliyati Iqbal. - Lahor: Sang mail publication. - 336 c.
8. Iqbal, M. The secret of the self / M.Iqbal. Translated from original Persian with introduction and notes by Nicholson R.A. – Delhi: Oxford publication, 2003. – 152 p.
9. Iqbal, Muhammad. Kulliyati Iqbal / Muhammad Iqbal. - Aligarh, 1987. - 382 c.
10. Rahbar, Hansraj. Taraqqipasand adab. – Dehli, 1968. – 165 c.
11. Rahmani, Ishrat. Ta'rikh aur tanqid / Ishrat Rahmani. - Lahor, 1956. – 189 c.
12. Raihonakhon Nakhat. Urdu mukhtasar afsane / Nakhat, Raihonakhon. - Dehli, 1976. – 167 c.
13. Saxena Ram Babu. Ta'rikhi adabi urdu. - Lakhnau, 1969. – 451 c.
14. Surur Ol Ahmad. Nazar aur nazariye. - Dehli, 1979. – 146 c.

ПЕЧИШҲО ДАР ҶАҲОНИ АНДЕШАҲОИ ИҚБОЛ

Дар ин мақола муаллиф кӯшидааст, ки хеле кӯтоҳ доир ба ҳаммонандиҳо ва тафовути ду таронаи шоир Муҳаммад Иқбол «Таронаи ҳиндӣ» ва «Таронаи миллӣ» андеша ронад. Умумияти таронаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, дар тараннуми ватан, таблиғ ба озодии он, тасвири манзараҳои назарраби Ҳиндустони афсонавӣ падид меояд. Муаллиф зикр намудааст, ки ин ду таронаро шоир дар як сабк ва дар як маънӣ бо нигаҳдории тавозуни мафкуравии мардуми кишвараш ба қалам додааст. Дар мақоли мазкур доир ба мазмуну муҳтавои ин ду суруд - «Таронаи ҳиндӣ» ва «Таронаи миллӣ» ва байтҳои ҳамрадиф маълумоти мухтасареро ба хонандагон пешниҳод намудааст. Муаллифи мақола, дар маҷмуъ, ҳарду таронаи Иқболро ба панҷ қисмат аз лиҳози маънавиёти ҳамсондошта ҷудо намудааст. Ва ҳар қисмати ҷудокардашударо бо ҳам дар қиёс мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Маълум мегардад, ки миёни «Таронаи ҳиндӣ» ва «Таронаи миллӣ» бо вуҷуди фарқияти муҳтавои таронаҳо ҳаммонандии фикрӣ ва нигоҳи чуқури фалсафаи Иқбол дида мешавад. Таронаҳо аз нуқтаи назари таърихӣ низ хеле аҳамиятнок маҳсуб мешаванд, зеро Иқбол дар баробари тараннуми кишвари Ҳинд хонандаро ба сайри таърихии ин сарзамин мебарад ва хотирнишон месозад, ки ин сарзамин тайи ҳазорсолаҳо қавму миллатҳои гуногунро ба худ қабул доштааст. Ва ҳама мардуми маҳалливу аҷнабӣ дар канори рӯди шодоби Ганга дар мусолиҳа умр ба сар мебаранд. Корвони мусофиронро чун қавми хеш Ҳиндустон ҳамеша қабул дорад. Ҳамин аст, моҳияти асили ин ду таронаи Иқбол.

Калидвожаҳо: ду тарона, Ҳиндустон, ҳинду, мусулмон, мазҳаб, Таронаи ҳиндӣ, Таронаи миллӣ, васфи ватан, муҳаббат, тараннуми ягонагӣ, озодӣ, рӯди Ганга, корвони мусофирон, ҷангу ҷидоли мазҳабӣ, ноҷӯрии мафкуравӣ.

СЛОЖНОСТИ В МИРЕ МЫСЛЕЙ ИКБАЛА

В этой статье автор попытался очень кратко изложить факты сходства и различия между двумя песнями поэта Мухаммада Икбала, «Индийской песней» и «Национальной песней». Общность вышеназванных песен проявляется прежде всего в гимнах о родине, пропаганде ее свободы и описании прекрасных пейзажей мифической Индии. Автор упомянул, что эти две песни поэт написал в одном стиле и в одном и том же смысле, сохраняя идейный баланс народа своей страны. В этой статье он дал читателям краткую информацию о содержании этих двух песен - «Индийской песни» и «Народной песни». Автор статьи разделил обе песни Икбала на пять частей с точки зрения содержания. И он анализировал и изучал каждую отдельную часть в сравнении друг с другом. Становится ясно, что между «Индийской песней» и «Национальной песней», несмотря на различие в содержании песен, есть сходство мысли и глубокого философического взгляда Икбала. Песни также считаются очень важными с исторической точки зрения, ведь Икбал вместе с гимном страны Индии проводит для читателя историческую экскурсию по этой земле и напоминает о том, что эта земля на протяжении тысячелетий принимала различные народы и народности. И все местные и приезжие живут в

согласии на берегах огромной реки Ганга. Индия всегда встречает караваны как свои. В этом суть этих двух песен Икбала.

Ключевые слова: две песни, Индия, индус, мусульманин, религия, индийская песня, национальная песня, воспевание родины, любовь, гимн единства, свобода, река Ганг, караван чужеземцев, религиозный конфликт, идеологический конфликт.

DIFFICULTIES IN THE WORLD OF IQBAL'S THOUGHTS

In this article, the author tried to right very briefly about the similarities and differences between the two songs of the poet Muhammad Iqbal, "Indian Song" and "National Song". The generality of the above-mentioned songs appears primarily in the glorification of the homeland, the promotion of its freedom, and the description of the beautiful landscapes of the mythical India. The author mentioned that the poet wrote these two songs in the same style and in the same meaning, keeping the ideological balance of the people of his country. In this article, he presented brief information to the readers about the content of these two songs - "Indian Song" and "National Song". The author of the article divided both Iqbal's songs into five parts in terms of the same spirituality. And he analyzed and studied each separated part in comparison with each other. It becomes clear that between "Indian Song" and "National Song" despite the difference in the content of the songs, there is a similarity of thought and a deep view of Iqbal's philosophy. The songs are also considered very important from the historical point of view, because Iqbal along with the hymns of the country of India takes the reader on a historical tour of this land and reminds that this land has received various peoples and nationalities for thousands of years. And all the local and foreign people live in harmony along the banks of the happy river Ganga. India always welcomes the caravan of foreigners as its own people. This is the essence of these two songs of Iqbal.

Key words: two songs, India, Hindu, Muslim, religion, Indian song, national song, glorification of the homeland, love, hymn of unity, freedom, river Ganga, caravan of foreigners, religious conflict, ideological conflict.

Маълумот дар муаллиф: ***Холов Ҷовид Шодиевич*** – Коллечи омӯзгории шаҳри Панҷакент, доктори илмҳои филология, директор. **Суроға:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, кӯч. С.Шерозӣ, 84.
E-mail: **javeed@bk.ru.** Тел.: **(+992) 92-759-54-74**

Сведения об авторе: ***Холов Джовид Шодиевич*** – Педагогический колледж города Пенджикента, доктор филологических наук, директор. **Адрес:** 735500, Республика Таджикистан, г. Пенджикент, ул. С. Шерози, 84.
E-mail: **javeed@bk.ru.** Тел.: **(+992) 92-759-54-74**

Information about the author: ***Jovid Kholov Shodievich*** - Penjikent Pedagogical College, doctor of philological sciences, Director. **Address:** 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, S. Sherozi, Str., 84. E-mail: **javeed@bk.ru.**
Phoone: **(+992) 92-759-54-74**

УДК: 891.550:81

РОМАНИ ФИЛОЛОГӢ - ПАДИДАИ НАВ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ АСРИ ХХ

Мурувватиён Ҷ.Ҷ.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Қабл аз ҳама, бояд таърифи истилоҳи «романи филологӣ» дода шавад. Истилоҳи «филологӣ», маъмулан, андешаеро талқин мекунад, ки қаҳрамони асар ҳатман бояд филолог бошад. На, шарт нест, ки пешаи каҳрамони (қаҳрамонони) асосӣ адабиётшиносӣ ё забоншиносӣ бошад. Пас, чӣ бояд ҳатмӣ бошад?

Нуктаи аслӣ сохтори махсуси матн – бисёр «маҳкам» («зич»), пур аз монандиҳо ба дигар осори бадеӣ, иқтибосҳо, муносибати пур аз эҳтиром нисбат ба нависандагон, шоирон ё олимони бузург ва истинод ба кори онҳо мебошад.

Дар адабиётшиносӣ чунин падидаро «матни назира» ё тимсол меноманд. Яъне ин насре мебошад, ки барои хонандаи дорои фаҳмиши раванди адабӣ, таърихи забоншиносӣ ва ба таври куллӣ донандаи таърихи донишҳои башарӣ пешбинӣ шудааст. Ба маънои дигар, романи филологӣ адабиёти нухбагароӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки романи филологӣ романи тарҷумаиҳолии нависандагон нест. Меъёри аслии типологии романи филологӣ гузориш ва ҳалли филологии мавзуъ аст.

Мавзуи асосии романи филологиро худи раванди эҷодӣ, яъне коргоҳи эҷодии офаранда, ҳамчун волотарин маҳсули фаъолияти ӯ ташкил медиҳад.

Дар романи филологӣ раванди халлоқии эҷодкор (нависанда, шоир, донишманд) дар асоси идеяи муайяне ҷараён дорад, яъне қаҳрамон “фарзанди” худро бо ҳадафи мушаххасу олӣ меофарад: масалан, раванди эҷодӣ ба муаллиф озодӣ меорад ва ё эҷодкор барои амалӣ намудани мақсади худ кӯшида, табдили воқеиятро амалӣ месозад (масалан, идеяи олами башардӯстона дар «Шоҳнома»).

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки эҷодиёт худ «рахнаест аз ҳеҷ, аз нестӣ, аз озодии мутлақ ба ҳастӣ ва ҷаҳон» [9, с.117]. Романи филологӣ баррасии як қатор масъалаҳои муҳимми риштаи адабиётшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва забоншиносиро фаро мегирад, ки роҳи ҳалли онҳо дорои навоварист ва дар он нисбат ба раванди эҷод муносибатҳои касбӣ ҳар чӣ бештар таъкид мегардад.

Дар чунин роман на танҳо худогоҳии шахсияти эҷодкор (озодии тафаккур, идеяҳои башардӯстонаи ба таҷдиди воқеият равонашуда) инъикос меёбад, балки – аз ҳама муҳимтар! – худи раванди эҷод бозгӯ мешавад.

Дар адабиётшиносии тоҷик боре ҳам кӯшиши аз лиҳози назариявӣ муайян кардани ин навъи роман сурат нагирифта, дар луғатҳо ва донишномаҳо низ дар ин бора ишорае нашудааст. Дар айни замон, дар нақди адабӣ ва тадқиқоти илмии русӣ, ки дар қарни ХХ анҷом ёфтаанд, чандин маротиба саъй шудааст, ки вижагиҳои романи филологӣ ва хусусиятҳои жанрии он баррасӣ гарданд, ин истилоҳ дар бештари мавридҳо аз ҷониби муаррихони адабиёт, мунаққидон ва худи нависандагон нисбат ба падидаҳои гуногуни адабӣ ба кор меравад.

Шояд адабиётшиносони рус ба анъанаҳои Аврупои ғарбӣ оид ба таърифи муайянкунии жанри Kunstlerroman такя мекунанд. Баррасии интишороти илмии ба омӯзиши ин жанри хосса ихтисосшуда нишон медиҳад, ки дар доираҳои адабии русӣ нисбат ба он муносибати муғризона вуҷуд дорад, вале бархе аз мунаққидон ва адабиётшиносон, аз қабили А. Жолковский, Ю. Шеглов, В. Новиков, А. Генис, С. Чупринин ва дигарон нисбат ба ин жанри нав муносибати мусбат зоҳир кардаанд, ки ин ба мо имкон медиҳад раванди устуворро дар рушди насри филологӣ ва дар он чун навъи алоҳидаи жанр ҷудо кардани романи филологиро таъкид намоем. Донишмандон бар ин ақидаанд, ки дохил намудани назарияи адабиётшиносӣ ба матни романҳо яке аз хусусиятҳои насри филологӣ ба шумор рафта, баъдан ба ташаккули романи филологӣ мусоидат кардааст.

Яъне муаллифони ин шакли жанрӣ зиндагиномаи эҷодӣ, фарозу нишебҳои ҳаёти адабиро ба фазои сужаи як асари бадеӣ табдил медиҳанд, агарчи дар он хусусиятҳои фардии сабки муаллиф вуҷуд дорад. Чунин муносибат нодир будани шахсияти эҷодкорро ошкор мекунад, ки ин дар навбати худ ба зуҳури як қаҳрамони нав – як филолог мусоидат карда, масъалаи асосӣ дар ин асарҳо, аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои адабиёт ва забон

дастабандӣ мегардад» [18, с.67]. Боҷуръатона гуфта метавонем, ки муносибати таърихӣ нисбат ба зуҳури навъи ҷадиди жанрӣ дар адабиёти тоҷик – романи филологӣ – имконият фароҳам меоварад, ки рушди жанри роман дар мавзуи маърифатӣ баррасӣ шавад, ки дар он Эҷод раванди фаъолияти қаҳрамон, созандаи сарватҳои сифатан нави моддию маънавӣ ба шумор меравад.

Тадқиқоти мо кӯшиши на танҳо бақайдгирӣ, балки бо такя ба назарияҳои пешниҳодкардаи адабиётшиносони рус, тавсиф намудани яке аз анвои жанри роман – романи филологӣ, муайян кардани хусусиятҳои хосси миллӣ, решаҳо, поэтика ва инкишофи онро дар адабиёти тоҷик дар бар мегирад.

Мо тадқиқоти заминаҳои ташаккули романи филологиро дар адабиёти тоҷик дар мисоли коргоҳи эҷодии санъаткори мушаххас – С. Улуғзода ва қаҳрамони романи ӯ – шоир Фирдавсӣ анҷом додем. Омӯзиши ин роман заминаҳо ва ҷанбаҳоеро мушаххас хоҳад кард, ки барои ташаккули романи филологӣ дар адабиёти тоҷикии қарни XX мусоидат кардаанд.

Дар адабиёти тоҷик заминаҳои воқеии романи филологии муосирро, аз рӯйи адолат, метавон дар асарҳои филологҳои донишманди солҳои 20-50- уми асри XX ва инкишофи жанри ҳуҷҷативу ёддоштӣ ҷустуҷӯ кард. Он солҳо барои насри тоҷик давраи тағйироти куллии ҷаҳонфаҳмӣ, тасаввуроти иҷтимоиву ахлоқӣ, идеалҳо, замони азхудкунии жанрҳои аврупоӣ – қисса, роман, драма ва ғайра ба шумор меравад. Ин раванди душвор буд. Дар адабиёти он давра ёддоштҳо, ки меъёрҳои жанрии онҳо имкони дохил шуданро ба доираи таҳаввули жанри роман дошт, мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Жанри ҳуҷҷатӣ – ёддоштӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми адабиёти қарни XX тоҷик, ки моҳияти дугона дорад (бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ), барои ташаккули романи филологӣ пояи бунёдӣ гардид. Адабони тоҷики нимаи якуми он қарн ба жанри ҳуҷҷативу ёддоштӣ на танҳо ҳамчун ба сарчашмаи муҳимми дониш оид ба ҳаёти санъаткор, офаридгори сухан, балки ҳамчун ба имконияти тасвири маънавию ахлоқии пешрафти шахсияти худи муаллиф, ки бар дарки гузашта асос ёфтааст, муносибат мекарданд. Вале худшиносии муаллиф дар ин гуна осор ба воситаи арзёбии шахсони дигар танҳо аз тариқи тавсиф зоҳир мегардад.

Тасвири чеҳраҳои шахсони дигар, арзёбии бадеии шахсияти онҳо на танҳо ҷузъи сохтории композитсияи ин осор, балки усули худтасвиркунӣ, тарзи таҳлили психологиест, ки ёддоштро ба жанри махсусан пуразриш ва муҳимми адабиёт табдил медиҳад ва ин, қабл аз ҳама, дар арзиши фаврӣ, муассир ва амалии он зоҳир мегардад. Нависандагони тоҷики нимаи аввали қарни XX таассурот, фикру эҳсосоти худро чунин ифода мекарданд, ҳамасрон ва замони худро мехостанд ба риштаи тасвир бикашанд, кӯшиш кардаанд воқеаҳо, на танҳо шахсиятҳои эҷодкори қарнҳои гузашта, балки моҳияти амиқ, муассир ва ғании табиати худи таҳкиягарро низ возеҳу равшан ва зебо инъикос намоянд. Худшиносӣ ва худтаҳлилсозии муаллиф ба амал меояд, ки бо хусусиятҳои арзёбии дигарон мувофиқат мекунад. Аммо дар айни замон вазифаи жанри ҳуҷҷатӣ – ёддоштӣ дигар буда, қабл аз ҳама, вобаста ба талаботи ғоявии ҷомеа масъалаҳои мубрами адабиёти бадеии он замонро ба миён мегузорад ва бо ин ба ташаккули иҷтимоӣ ва идеологии инсон таъсир мерасонад. Замони шиддатнок инкишофёбанда фарзияҳо ва дурнамои муайянеро оид ба рушди минбаъдаи адабиёт тақозо мекунад.

Жанри ҳуҷҷатӣ - ёддоштӣ аз рӯйи мавод, саҳеҳият ва орӣ будан аз тахайюлот ба насри таърихӣ, очеркҳои илмӣ-биографӣ, автобиографӣ ва ҳуҷҷатӣ-таърихӣ наздик аст, аммо масъалаҳои дигарро мавриди ҳалли худ қарор медиҳад.

Шояд ба ҳамин далел бештаре аз онҳо инъикоси воқеияти зиндагии иҷтимоӣ ҳастанд, на адабӣ.

Пиндоштан мантиқӣ аст, ки шиддат ёфтани омили психологӣ дар насри ёддоштӣ онро тадриҷан ба бадеият ва қабл аз ҳама ба «романизатсия» оварда расонд. Илова бар ин, шаклпазирии аҷиби сохтори ин жанр сифатан ба ҳеҷ ваҷҳ аз роман камӣ надорад, вале бо он айнӣ ҳам намешавад.

Дар ин ҷо таваҷҷуҳ ба воқеӣ будани маводи насри ёддоштӣ, дар айни замон наздикӣ бо роман ва мавқеияти нимфунксионалии он хеле муҳим аст.

Натиҷаҳоро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки бинобар сабаби таносуби роман ва ёддоштҳо, ташаккули романи филологии тоҷик дар заминаи мафҳумҳои филологии жанрҳои ҳуҷҷатӣ-ёддоштӣ рух додааст.

Дар адабиёти тоҷик осори С. Айниро заминаи муътамади романи филологӣ дар адабиёти тоҷик шуморидан мумкин аст, ки ба ин хусусиятҳои зерини эҷодиёти нависанда далолат мекунанд: «мулоҳизаи филологӣ»-и доимӣ, «ёдоварии филологӣ» [18, с.182], доираи муайяни донишҳо, лаёқати огоҳӣ аз суҳбатҳои фарҳангӣ ва таърихӣ-адабии замон, синтези ёддошту мақолот, шевае аз нигориши афоризмии услуб, ки ба нишонаи рӯзгор табдил ёфтааст.

Ҳамчун маводи тадқиқот дар ин ришта метавон тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» - ро [1] интихоб кард, ки дар он маҷмуи матнҳои адабиётшиносӣ, бадеӣ ва фарҳангшиносӣ ба назар мерасад. Моҳиятан, тазкира аксуламале ба воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсии он давра буд, ки дар он мушкилоти марбут ба ҳастии таърихӣ, мероси фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии халқи тоҷик таҷассум ёфтаанд. Агар ба назар бигирем, ки дар нимаи аввали асри XX дар баробари равандҳои хеле муҳим, ки марбут ба руҳи замонанд, падидаҳои манфӣ афзоиш ёфтааст, пас «Намунаи …» С. Айнӣ ҳамчун асаре, ки яке аз мавзуъҳои муҳимми он нақши зиёиён дар ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад, метавонад бароямон ҷолиб бошад.

Омили дигар таҳаввулу татаввури тадриҷии наср, ба жанрҳо тахассус ёфтани он мебошад. Чунин ҳолат аз оғози солҳои 30-юми қарни XX шурӯъ шуд. Ҳатто зержанрҳои нав – таърихӣ, таърихӣ-инқилобӣ, деҳқонӣ (баъдан – деҳотӣ), низомӣ, иҷтимоӣ, маишӣ, психологӣ ва ғайра - ба майдон омаданд. Баъдан анвои нави роман, қабл аз ҳама, таҳти унвони «романи истеҳсолӣ», заминаҳои сужавие, ки дар бештари мавридҳо аз силсилаи очеркҳо (роҳкорҳои бадеӣ дар ин осор аз риояи ҳатмии ғояҳои расмӣ ва принсипҳои эстетикии реализми сотсиалистӣ ба миён омада буд) иборатанд. Саҳифаи фавқулодаи адабиёти солҳои 30-50-умро насри романтикӣ ташкил медод, ки онро нависандагони вақт чун барномаи маънавӣ барои навсозии ҳаёти ҷомеа холисона қабул карда метавонистанд. Романи таърихӣ низ дар солҳои 30-60-ум ташаккул ёфт, ки намунаи нахустини он «Ғуломон»-и С. Айнӣ (1935) ба шумор меравад.

Ба ташаккули романи филологии адабиёти тоҷик, инчунин зуҳури осори бадеии комилан нави ибтидои солҳои 50-уми асри XX, ки дар онҳо идеяи навсозии ҷомеа бештар ба миён меомад, низ таъсири худро расонидааст. Асоси ин осорро кӯшиши тақвияти ҷанбаи зеҳнии асарҳо, муҳимтар аз ҳама, имкониятҳои нави ошкор намудани неруи маънавӣ, ахлоқӣ дар хислати инсон ташкил медиҳанд. Мусаллам аст, ки ин идеяҳо дар мавриди мавҷудияти сензураи шадид баҳсҳои эҷодиеро барангехтанд. Нависандагон муҳтавои асарро, қабл аз ҳама, ба масъалаи ахлоқ, рафтори шахсӣ равона карда, доманаи роҳи ҳалли бадеӣ ва жанрҳоро густариш доданд. Маҳз дар ин давра аввалин асари психологии насри муосири тоҷик – қиссаи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳкорам» (1957), ки қаҳрамони он омӯзгор, намояндаи равшанфикрон буд, ба майдон омад. Ҳар навгонӣ тамоюли нав дар адабиёт аст. Маҷмуи ин тамоюлҳо ба он оварда мерасонад, ки эҷодкор ба фарҳанг, ба шуури ҷамъиятӣ на танҳо тавассути осори худ, балки бо шахсият ва сарнавишти худ ворид мегардад.

Чунин тамоюлгароӣ дар қисмати сеюми китоби «Ёддоштҳо» возеҳу равшан нишон дода шудааст, ки дар он С. Айнӣ ба тавсифи баъзе шахсиятҳои барҷаста пардохтааст – адабиётшиносоне, ки дар замони худ ба пешравӣ саъй мекарданд, бар зидди вазъи тоқатфарсои иҷтимоие, ки дар он бояд мезистанд, ба шеваи худ эътироз баён кардаанд, яъне бо таваҷҷуҳ ба меъёрҳои насри филологӣ, ки дар ибтидои мақола ба он ишора кардем, эҷодиёти ин шахсиятҳо дорои идеяи навсозии воқеият мебошад. Масалан, С. Айнӣ барои офаридани портрети адабии шахсиятҳои эҷодӣ, донишманд, мутафаккир саъй мекард, ба тасвири олами маънавии ӯ роҳ меёфт. Маводи оид ба шахсиятҳои эҷодкор, ки аз ҷониби С. Айнӣ дар «Намуна…» ҷамъоварӣ шудааст, ба ёддошти зиндагинома монанд буда, дорои асолати ҳуҷҷатӣ аст, ки дар он ривояти ёддоштӣ бартарӣ дорад. Баъзан тасвири шахсиятҳои эҷодкор ҳамагӣ як - ду саҳифа ва ё ҳатто чаҳор - панҷ сатрро дар бар мегирад, ки асосан дорои хусусияти иттилоотӣ мебошад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули романи филологиро дар адабиёти тоҷик, тавре ки қаблан зикр гардида буд, бояд дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷустуҷӯ кард. Чӣ ба мо асос медиҳад, ки чунин бигӯем? Саъй мекунем ҷавоб мухтасар бошад: дар «Намуна…» аз рӯйи имкон коргоҳи эҷодии ҳунарманд сохта шудааст, дар порчаҳои алоҳидае, ки одобу завқи устодони каломро ошкор месозанд, хориқаи зуҳуроти бадеии гуногунсоҳаи онҳо дар раванди фаъолияти бадеӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Порчаҳои таърихӣ-бадеӣ дар тазкира ниҳоят дурандешона офарида шуда, онҳо руҳ ва моҳияти табиати эҷодиёти ҳунармандон, таърихи беш аз ҳазорсолаи адабиёти тоҷикро нишон медиҳанд. Дар баъзе порчаҳо муаллиф саъй мекунад ба суолҳои тезу тунди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ посух диҳад.

Маводе, ки аз ҷониби С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷамъоварӣ шудааст, дорои иттилооти мухтасар, манбаи муҳим дар бораи шахсияти эҷодии бисёре аз шоирони гузашта, бахусус теъдоде аз устодони каломи асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Портретҳои эҷодии шоирон дар тазкира шомили ишораҳои кӯтоҳанд, ки бо як ҳунармандӣ чеҳраҳои инсонӣ ва эҷодии онҳоро намоён мегардонанд. Масалан:

«Файёз пири ҷаҳондидаву пурдон аст. Дар бораи сифилис ва сабаби пайдо шудани ӯ ва роҳи муҳофизат аз ин балои хонумонсӯз маснавие дорад. Алъон дар қайди ҳаёт аст ва ба пешаи соатсозӣ рӯзгору умр мегузаронад» [1, с.235].

Хусусияти фарқкунандаи чунин тасвирҳо истифодаи ҳадди ақалли воситаҳои баён барои ифодаи ҳадди аксари ҳадаф аст. Масалан, калимаи «кӯр» дар тасвири зайл тавассути таъкиди шоир Зуҳурӣ ифода ёфта, дар он муносибати Шоҳин, қисме аз мардум ва худи Зуҳурӣ нисбат ба қозӣ Бадриддин – қозии аморати Бухоро таъкид ёфтааст: «Миёнаи Шамсуддин Махдум Шоҳин ва қозӣ Бадруддин, ки бинобар тангии чашмаш душманонаш «кӯр» мегуфтанд, бад буд, Зуҳурӣ дар байти охир ба ҳамон ишора мекунад» [1, с.245].

Бо як калимаи «кӯр» нависанда тавонистааст муносибати ҷомеаро нисбат ба қозӣ Бадруддин нишон диҳад.

Баъзе ишораҳо ганҷинаҳои кӯчаки таърихии нодир ҳастанд, ки руҳ ва ҷавҳари ботинии касеро ба тасвир мекашанд. Нависанда тарҳҳое сохта, ба портрети эҷодии ҳар як эҷодкор хусусиятҳоеро зам мекунад, ки онҳо баъзан сабуку киноямез ба назар мерасанд:

«Туғрал Шоҳинро мусоҳиб шудаву худро аз шогирдони ӯ мешуморид, лекин аз ашъораш маълум мешавад, ки шогирдиаш ба Шоҳин танҳо ба ном аст, танқиду тасҳеҳи ӯро надидааст. Зеро агар монанди Туғрал як комилистеъдод аз мисли Шоҳин як устоди комил танқиду роҳбарӣ медид, ҳеҷ гоҳ ба ашъораш он қадар хомиҳо, ки ба девони Туғрал дида мешавад, пайдо намешуд» [1, с.245].

Баёни идеяҳо ва эҳсосоти эҷодкор аз ҷониби нависанда бо роҳи дақиқ андешидани тамоми ҷузъиёт ҳосил шудааст. Бештари порчаҳои кӯтоҳе, ки оварда шудаанд, мавзуи баҳсу тафсир мебошанд, ки яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи илми муосир ба «Намуна…» буда, дар мисоли онҳо мо метавонем вазъи ташаккули шахсиятро мувофиқи шароити мавҷуда мавриди назар қарор диҳем.

Ҳар тавсиф дар ин асар чун ривоят бофта шуда, фазои комиле барои навъҳои гуногуни тахмину фарзияҳо боқӣ мегузорад, масалан, муколамаи шоира Нодирабегим ва шавҳари ӯ Умархон:

«Танҳо аз «Таворихи хамсаи шарқӣ» суолу ҷавоби форсии зер ба номи ӯ аз рӯйи гумон нақл шудааст: Суолу ҷавоб:

Суоли Умархон: Зери домони ту пинҳон чист, эй гулпираҳан?

Ҷавоби Нодира: Нақши сумми оҳуи Чин аст дар барги суман.

Умархон: Боз ташбеҳи дигар кун, то бигардам аз сарат.

Нодира: Ғунчаи серобро монад, ки нашкуфта даҳан» [1, с.116].

Дар баъзе мавридҳо ҷиддият ва нақли порсоёна ба достони начандон калони муҷаллал халал ворид месозад. Ва мо бо тааҷҷуб ва гоҳе то ҳадди ноумедӣ мушоҳида мекунем, ки образҳои мураккабе дар пандҳои аз ҳад зиёди дилбазан нопадид мешаванд, дар чунин мавридҳо нависанда барои ҳифзи онҳо тавассути марворидҳои кӯчаки ғайричашмдошт, яъне таърихчаҳо кумак мекунад:

«Меҳрӣ бағоят зарифаву ҳозирҷавоб буда, чунончи дар тазкираи «Оташкада» манқул аст, ки рӯзе Меҳрӣ дар хидмати Гавҳаршодбегим машғули суҳбат буд, ки шавҳараш Хоҷа Абдулазиз аз дур намоён шуд. Бегим чандеро маъмур кард, ки хоҷаро зудтар вориди маҷлис намоянд. Маъмурин ҳарчанд исрор мекарданд, Хоҷа, ки зотан пиру заиф буд, илова бар ин, барои хушии хотири Бегим зиёдатар дар роҳ рафтан изҳори заъфу нотавонӣ мекард. Бегим ба Меҳрӣ гуфта, ки то омадани хоҷа шеъре мушъир бар заъфи ӯ гӯянд. Меҳрӣ дар бадеҳа ин шеърро гуфта:

Маро бо ту сари ёрӣ намондаст,

Дили меҳру вафодорӣ намондаст.

Туро аз заъфу пирӣ қуввату зӯр,
Чунон ки пой бардорӣ, намондаст.
(*Алҳақ, бағоят хуб гуфта*!)» [1, с.114-115].

Дар ин ҷо мо мебинем, ки шахсияти санъаткор ва қобилияти тахайюлоти эҷодии ӯ нодида гирифта нашудааст. Ба ин тартиб, Айнӣ санъаткорро на танҳо тавассути осораш, балки бо фардияту халлоқияти ӯ низ ба шуури ҷомеа ворид месозад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар «Намуна…» ва бештари асарҳои дигар, ки ба мавзуи эҷодкор бахшида шудаанд, нависандагон кӯшидаанд, то кӯшиши санъаткорро барои гирифтани ҷойгоҳи шоиста дар ҳаёти маънавӣ на аз рӯйи риояи қолабҳо, балки маҳз бинобар сабаби шабоҳат надоштан ба дигарон, фардият, беназирӣ ва халлоқият нишон диҳанд.

Марказе, ки дар атрофи он табаллури (кристаллизатсия) эҳсосот, ақоид, андешаҳои пароканда дар фазои маънавии замон шакл мегирифт, зиндагии ӯ буд, на халлоқияташ. Барои муаллиф нақш ва ҷойгоҳи шахсияти эҷодкор дар низоми авлавиятҳои ҳаёти маънавӣ бештар ҷолиб аст, масалан: «Гӯянд, вақте лашкари Чингизхон Хеваро муҳосира карда, хон, ки шуҳрати шайхро шунида буд, амр фармуд, то шайх аз шаҳр барояд ва дар қатли ом талаф нашавад. Шайх қабул накард ва гуфт: «Умре ба ин мардум ба сар бурдам, дар вақти вуҷуди бало худро ба соҳили саломат кашидан ва эшонро танҳо гузоштан аз мардумӣ нест». Оқибат дар он қатли ом шаҳид шуд» [1, с.75].

Бо вуҷуди тавсифи хислатҳои нотакрори ашхоси фавқулода, санъаткорон ва мутафаккирон, дар асар ҳанӯз тасаввуре аз эҷодиёти бадеӣ, раванди офариниш, ки аз ҷараёнҳои зерин иборатанд, вуҷуд надорад: омодагӣ, болиғшавӣ, авҷи фаъолияти эҷодӣ – «дурахшандагӣ», ворид шудани идеяи нав ба шуур - новобаста ба илмӣ, фалсафӣ, техникӣ ё бадеӣ будани он, инчунин роҳи тулонӣ дар давраи кори муқаддамотӣ, ки дар рафти он барои ба вуҷуд омадани афкори нав заминаҳо эҷод мешаванд.

Аммо ин кори С. Айнӣ набуд. Бо вуҷуди ин, тасвири зоҳирии ҳар як адиб дар асар бодиққат таҳқиқ гардида, ҳар як ҷузъиёт андешида, бо кӯшишу ғайрати зиёде чеҳра офарида шудааст. Ҳамаи инҳо ба мо ҳуқуқи собит кардани онро медиҳанд, ки идеяи амали эҷодӣ бо вуҷуди ин дар ғояи тазкираи мазкур ғунҷонида шудааст, зеро кулли маҷмуи амалҳо, бардоштҳо ва рафторҳои аҳли эҷод, ки дар «Намуна…» тасвир шудаанд, дар ниҳоят тавассути аҳдофи эҷод илқо мешаванд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи натиҷаҳои таҳлили тарҷеӣ дар баробари масоили ҳувиятӣ, Айнӣ дар ин пажуҳиш нишон медиҳад, ки эҷодиёти санъаткор дар ҳар ҷомеа ҳамвора бо раҳоии тадричӣ аз фишори он қолабҳое, ки аз берун эҳсос мекунад, бо рушди пайвастаи худогоҳии ӯ тавъам аст.

Ташаббуси С. Айнӣ аз ҷониби нависандагоне, чун С. Улуғзода («Табиби бузург», «Қисмати шоир», «Рӯдакӣ», «Марги ҳофиз», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Фирдавсӣ»), Р. Ҳодизода («Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме», «Қасидаи доғгоҳ», «Танбӯри Дилкаш», «Аҳмади Дониш», «Сапедадам», «Парвози шоҳин», «Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд»), Ю. Акобиров («Дунё ба умед»), Ӯ. Кӯҳзод («Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз»), Р. Ҷалил («Дили шоир»), А. Сидқӣ («Дилшод») ва ғайра идома дода шуд.

Аввалин асаре, ки ҷавобгӯи тамоми меъёрҳои романи филологӣ гардид, романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода буд, ки дар он пайванди сухани бадеиву илмӣ ҷой дорад. М. Шукуров менависад: «Далеле, ки дидгоҳи Улуғзода гӯё тамоми таърихро аз давраи ташаккули халқи тоҷик (асри Х) то замони мо фаро мегирад, аз Айнӣ чизе ҳаст», ҳарчанд Сотим Улуғзода «он қадар фарогири таърих ва шаклҳои гуногуни он, ки хосси Айнӣ буд, нест, вале дар осори ӯ марҳилаи нав – марҳилаи муҳимтарини рушди эстетикии раванди эҷодӣ вуҷуд дорад, ки дар он раванди эҷодӣ амали мураккаби шуур аст» [23, с.181].

Бо ин кор Улуғзода дар жанри мазкур бидуни шак, нисбат ба гузаштагони худ қадаме ба пеш гузошт. Ва бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият табиист, ки Сотим Улуғзода ҳамчун «яке аз пурхондатарини нависандагони мост, ӯ шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳонро хуб медонад» [19, с.6], тавонистааст сари вақт вазифаву имкониятҳои нави насри тоҷикро дарк намояд.

Бешубҳа, дар ин кор фаъолияти тарҷумонии ӯ нақши муҳим бозидааст. Нависанда дар рушди кори тарҷумонӣ дар Тоҷикистон саҳми босазо гузошта, ба пешрафту такомули усулҳои тарҷума на танҳо аз ҷиҳати филологӣ, балки аз назари фалсафию эстетикӣ таъсири бузурге расонидааст. Аз ҷониби Улуғзода осори адабиёти ҷаҳон, аз қабили «Ғӯрмагас»-и Э.

Л. Войнич (1931; тарҷумаи нав 1982), қиссаи Билл-Белотсерковский «Фарёди умр» (1953), романи бародарон Тур «Муқовимат» (1937), драмаи Н. Погодин «Одами милтиқдор» (1940), мазҳакаи К. Голдони «Хизматгори ду хоҷа» (1944), мазҳакаи А.Н. Островский «Гунаҳкорони бегуноҳ» (1945), ҳикояи «Модар» (1953) ва пйесаи «Егор Буличев ва дигарон» (1953) – и М. Горкий, фоҷиаи У. Шекспир «Гамлет» (1970, мазҳакаи Б. Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), романҳои М. Сервантес «Дон Кихот» (1974), Шарл де Костер «Тил Уленшпигел» (1975), даҳҳо ҳикояи А. Чехов, М. Горкий, нависандагони Аврупо тарҷума ва бо муҳри маҳорат, шукӯҳи бозофаринии асливу фарҳанги олии ичро таъкид шудааст.

Улуғзода хуб медонист, ки танҳо бо доштани ҷаҳонбинии васеъ метавон умқи пурраи муҳтавои воқеияти зиндагиро ошкор намуд – фаъолияти тарҷумониаш ба ин пешравӣ мусоидат кардааст. Тавре ки А. Боршаговский қайд намудааст: «Эҷодиёти Сотим Улуғзода дорои характери энсиклопедист» [19, с.7].

Ӯ ҳамчун романнавис, филолог ва мунаққид ба мавзуъҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки дар онҳо эҷодиёти бадеӣ ҳамчун фаъолияти дараҷаи олӣ ба баланд бардоштани ахлоқи инсон нигаронида шудааст. Ин на танҳо ба фаъолияти адабӣ, балки ба риштаи адабиётшиносӣ ва нақди ӯ низ таъсир гузоштааст. Чунин ягонагӣ на танҳо дар масоили вобаста ба матн, балки дар сохтори жанр низ ба назар мерасад, ки дар он ӯ худро на танҳо адабиётшинос, муаррих, инчунин офарандаи достонҳое эҳсос мекард, ки онҳо маҳсули қалами на танҳо нависанда, балки файласуф, муаррих ва филолог низ ҳаст.

Нависанда дар эҷодиёти худ хусусиятҳои рисола, масал, тамсил, наср ва драматургияро дар таркибҳои гуногун озодона ба ҳам мепайвандад. Дар натиҷаи чунин синтез дар романи «Фирдавсӣ» мо шоҳиди пайванд гирифтани таҳқиқоти бадеӣ ва ба тасвир кашидани раванди эҷоди яке аз шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон – «Шоҳнома» гардидем.

Мавзуи тадқиқоти бадеии Сотим Улуғзода дар роман тасвири раванди эҷоди асари безавол ва ниҳоят мураккаби «Шоҳнома» аст, ки бо тамоми назокатҳои маишӣ, шахсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳаёти офарандаи он – Фирдавсӣ «ба тағйироти ҷиддӣ дар эстетикаи эҷоди бадеӣ марбут аст» [18, с.57].

Мавзуи асосии роман раванди эҷод, кор дар сари офаридани асари бадеист. Раванди эҷод дар романи «Фирдавсӣ» дар мадди аввал қарор дошта, воқеаҳо ва шахсиятҳои таърихро ба пасманзар мегузорад ва нақши онҳоро ба пешинаи таърихӣ табдил медиҳад. Дар маҷмуъ, хусусияти асосии романи филологӣ ва фарқияти он аз жанрҳои таърихӣ ва тарҷумаиҳолӣ маҳз дар ҳамин ифода меёбад.

Таҳқиқи бадеӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода ҷойи асосиро ишғол кард, он аз ҷиҳати жанр хеле васеъ шуда, мавзуи на танҳо драма ва кинодраматургия, балки романро низ фаро гирифт. Таҳқиқи бадеии гузашта аз нуқтаи назари идроки фардии нависанда тавассути «Ман»-и муаллиф сохта шудааст, ки қабл аз ҳама, ҳамчун шахсияти фаъол зуҳур мекунад, ҳар чизе, ки ба тасвир кашида мешавад, аз дидгоҳи ӯ арзёбӣ мегардад, тавре ки худи ӯ қайд кардааст: «Саъй кардам шахсияти ӯро (Рӯдакӣ – М. Ҷ.) аз рӯйи ашъораш, аз ишораҳое, ки дар онҳост, тасаввур кунам» - нақл мекунад нависанда оид ба кори худ дар драмаи «Рудакӣ» [20, с.125]. Маҳз ҳамин мураккабӣ муҳтаво, самти фаъолият ва ҷузъҳои раванди эҷодии ӯро, аз ҷумла мушоҳидаҳо, интихоби далелҳои воқеӣ, дарк ва тарзи истифодаи онҳоро муайян кард.

Дар ин бора ӯ менависад: «Он чизе, ки ман ҳангоми мутолиаи асарҳои гуногуни таърихӣ, ба истилоҳ тазкираҳо, инчунин осори муаллифони шуравӣ ва хориҷӣ омӯхтам, барои навиштани як асари драмавӣ кофӣ набуд. Дар ин ҷо ба ман худи Рӯдакӣ, ашъори ӯ ва қасидаҳояш … кумак карданд. Бо хондан ва аз нав хондани қисматҳои боқимонда ҳар чӣ бештар ба он ҳақиқат итминон ҳосил мекардам, ки ҳар асари бадеии асил нақше аз шахсияти созандаи худ дорад» [20, с.124].

Дар ин марҳала нависанда ба масъалае, ки ӯро вобаста ба нақши ҷаҳонбинӣ нигарон карда буд, мароқи зиёд зоҳир кард. Ҷаҳонбинии худи Улуғзода ваҳдати мураккабиҳову ихтилофот буд.

Кӯшиши нависандагони он давра барои дарк намудани эҷодиёти санъаткорони донишманду маорифпарвар аз дидгоҳи таърихӣ дар сатҳи илмии хос ба адабиётшиносии солҳои 30-50-уми қарни XX буд, яъне хосси замоне буд, ки нақши таърихии мутафаккирону шоирони форсу тоҷик, ки бо падидаҳо ва таъсири мутақобилаи мураккаби адабӣ алоқаманданд, бо тамоми вусъаташон мавриди баррасӣ қарор намегирифтанд.

Муҳаққиқи дигаре, ки ба ташаккули насри филологӣ дар адабиёти тоҷик мусоидат кардааст, адабиётшинос ва нависанда Расул Ҳодизода мебошад. Вай дар таҳқиқ ва нашри мероси классикони адабиёти форсу тоҷик саҳми босазо гузоштааст, муаллифи рисолаҳои «Сарчашмаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» (1954), «Аҳмади Дониш» (1967, 1976), «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» (1968), «Шоҳин» (1974) ва ғайраҳост. Соли 1978 дар нашриёти «Советский писатель» китоби қиссаву ҳикояҳои ӯ ба забони русӣ бо номи «Струны танбура» («Танбӯри Дилкаш») аз чоп баромад, ки дар он қиссаҳои «Сапедадам» тасвири симои нависанда ва маорифпарвари қарни XIX Аҳмади Дониш, «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» (дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ) ва «Танбӯри Дилкаш» (дар бораи мутриби номии охири асри XIX – ибтидои қарни XX Каромати Дилкаш), «Қасидаи доғгоҳ» (оид ба Фаррухӣ) ва дар соли 1981 китоби дуюми Расул Ҳодизода таҳти унвони «Парвози Шоҳин» («Соколиный взлет») чоп шуд, ки дар он қиссае оид ба ҳаёту фаъолияти шоири машҳури қарни XIX Шамсиддин Шоҳин ва қиссаи драмавӣ оид ба фаъолияти маорифпарварии Айнӣ дар ибтидои қарни XX гирд оварда шудаанд. Асоси ин асарҳоро рӯйдодҳои воқеиву таърихӣ ташкил додаанд. Баъдан дар нашриёти мазкур романи «Ситорае дар тирашаб» («Звезда в ночи», 1986) интишор гардид, ки дар он нависанда дар заминаи тасвири муносибатҳои сиёсию иқтисодии байни Россия ва Осиёи Марказӣ нақши маорифпарвар Аҳмади Донишро нишон додааст.

Дар заминаи мавзуи мавриди баррасӣ ҳикояи «Танбӯри Дилкаш» таваҷҷуҳи бештарро ба худ ҷалб мекунад, ки дар он Р. Ҳодизода масъалаи муносибати ҷомеа ба ҳунармандро ба шакли барҷаста матраҳ мекунад. Ҳикоя ба навозандае бо номи Дилкаш бахшида шудааст. Нависанда бо тасвири ҳолати ҷисмонии навозанда («Вай бемор, аммо орому осоишта буд») [22, с.76] зулму тааддии амирро нисбат ба санъаткорон ошкор кардааст. Ҳар як сатри ҳикоя гӯёи ғаму андуҳ ва аҳволи хору залил доштани нобиға аст. Расул Ҳодизода ба ин масъала диққати махсус додааст. Оид ба хизмати Дилкаш дар дарбори амир худи нависанда чунин гуфтааст: «Аз аввали баҳор то охири тирамоҳ хизмати рикоби амир, базму зиёфат ва суҳбатҳои «хосса» дунёро ба чашми ӯ торик карда буд. Баъзан Дилкаш аз зиндагӣ безор мешуд, боғу марғзорҳои фараҳбахши Шаҳри Сабз, даштҳои обшор ва хушу хуррам ба назари ӯ манфур ва зишт менамуд. Мехост ҳамаи ин хорию зиллатро тарк гуфта ба ягон ҷойи дури беодам гурезад ва ҳеҷ гоҳ бо инсу ҷинс унс нагирад» [22, с.76].

Дар ҳикояи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» нависанда қиссаи машҳури ҳаёти Рӯдакӣ – сафари амир ба Ҳирот ва фироқи тулонии хастакунанда бо Бухороро истифода бурдааст. Ин ҳамон қазияест, ки ғазали навиштаи Рӯдакӣ амири Бухоро Насрро маҷбур кард бар рӯйи асп ҷаҳида, ба пойтахташ баргардад. Вале дар тафовут аз қисса ва дигар ҳикояҳо дар ин ҷо Ҳодизода ба сарнавишти ҳунарманд муносибати дигар дорад – ӯ дар бораи вазъи ногувори шоир, фарозу нишебҳои рӯзгори ӯ намегӯяд, балки неруи санъати ҳунарманд ва зебоии афкори ӯро тараннум мекунад. Дар ин ҳикоя беназир будани шахсияти эҷодкор, вокуниши нотакрор нисбат ба неруи сухани ӯ диққати нависандаро бештар ба худ ҷалб кардааст.

Осори мазкур бештар ба жанри портретҳои монографии эҷодкорони алоҳида тамоюл дорад, дар онҳо дарки падидаи як фарди эҷодкор хеле маҳдуд аст, ҳол он ки беназирии маънавию эстетикии чунин падида дарку тасвири амиқтару васеътарро тақозо дорад.

Умуман, таҳлили равишҳои асосии осори нависандагони тоҷики қарни XX дар мавриди табиат ва нақши эҷод нишон дод, ки дар адабиёти муосири тоҷик аввалин асаре, ки дар он образи шахсиятҳои намоёни эҷодкор тасвир шудааст, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (1948-1954) ба шумор меравад, ки бо асолати ҳуҷҷатии худ фарқ карда, дар он нақли ёддоштӣ бартарӣ дорад. Баъдан ин иқдом аз ҷониби нависандагоне чун С. Улуғзода («Абӯалӣ ибни Сино», «Қисмати шоир», «Рӯдакӣ», «Марги хофиз», «Алломаи Адҳам ва дигарон» ва дар зовияи дигаре – «Фирдавсӣ»), Р. Ҳодизода (Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме», «Сапедадам», «Парвози Шоҳин», «Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд»), Ю. Акобиров («Дунё ба умед»), Ӯ. Кӯҳзод («Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз»); Р. Ҷалил («Дили шоир»), А. Сидқӣ («Дилшод») ва ғайра идома дода шуд.

Ба ҷуз аз романи «Фирдавсӣ» дар ҳеҷ як аз асарҳои номбаршуда хусусияти ба худ хосси романи филологӣ дида намешавад, ки дар он дунёи маънавии адаб ва ҷараёни эҷод ҳам ба субъекту ҳам ба объект табдил дода шавад. Дар романи мазкур Сотим Улуғзода дар тафовут аз С. Айнӣ, Р. Ҳодизода, Р. Ҳошим ва дигар нависандагон, дар назди худ вазифа

намегузорад, ки танҳо моҳияти таърихии фарҳанги қарнҳои IX-X-ро нишон диҳад, қаҳрамони ӯ «дар дасти эҳтиросоти филологӣ» [18, с.65] қарор дорад.

Бешубҳа, ҳар кадоми ин осор вазъияти нав, шиносоии ҷадид бо зиндагиномае пайваста бо архитектоникаи печидае мебошад ва нависандагон дар ҷустуҷуи жанрҳои тоза саъй кардаанд, ки аз доираи пешиниён фаротар бираванд, вале дар ҳеҷ як аз онҳо қаҳрамон филолог набуда, нависандагон ба эҷодиёт, «ифшои» усулҳои бадеӣ, асрори коргоҳҳои эҷодии санъаткор банд нашудаанд. Дар онҳо нависандагон ҳангоми офаридани асари бадеӣ барои муайян кардани ҷузъҳои асосии раванди эҷодӣ чандон саъй намекунанд. Сотим Улуғзода аввалин бор дар адабиёти тоҷик дар романи «Фирдавсӣ» чунин мақсадро дар назди худ гузоштааст.

Воқеан, таълифи роман оғози марҳилаи нави адабиёти тоҷик дар асри XX гардид, руҳияи ҳикояи «Марги ҳофиз» ва қиссаи тамсилии «Ривояти суғдӣ» кори муқаддамотӣ барои таълифи роман буд, ки нависандаро аз лиҳози руҳиву равонӣ ва табъу завқ ба ин кор омода кард.

Дар бештари мавридҳо романи «Фирдавсӣ»-ро бо таҳқиқ ва тавсифи тарҷумаиҳолӣ иштибоҳ карда, чунин мешуморанд, ки гӯё тасвири манзараҳои фаъолияти адабиву филологие, ки дар атрофи симои қаҳрамон – шоир мегузарад, ба муаллиф фақат дар иртибот бо воқеиятҳои зиндагиномаи худи ӯ муҳим бошад. Дар сарсухани китоби «Ривояти суғдӣ» А. Боршаговский кори С. Улуғзодаро дар роҳи таълифи ин роман мавриди таҳлил қарор дода, менависад: «… Улуғзода қаблан дар бораи Фирдавсӣ бисёр осори асил навишта, бозгӯи мансури достонҳои асосии “Шоҳнома”-ро дар ду ҷилд ба чоп омода намуда, солномаҳову сарчашмаҳо, тамоми осори адабиёти ҷаҳонро дар бораи Фирдавсӣ омӯхта буд, инак, таълифи романи нав ҳам ба поён мерасад, ки он метавонад анҷоми зебои зиндагии мудаввому пурсамари нависанда ва дар айни замон оғози давраи нави ҳаёти ӯ гардад» [20, с.7].

Меҳвари ғоявии қиссаи «Ривояти суғдӣ» ва ҳикояи «Марги ҳофиз» идеяи руҳи эҳёгар, идеяи муборизаи халқ аст. Нависанда мафҳуми эҳсосотеро чун поквиҷдонӣ, дарки манфиатҳои сарзамини худ, ҳофизаи таърихӣ васеъ кардааст. Ин қисса, ки аз ҷониби мунаққид А. Сайфуллоев иштибоҳан «асаре, ки то андозаи бештар ба самти афсона майл мекунад» тавсиф шудааст, дар натиҷаи омӯзиши дурударози сарчашмаҳо ва андешаҳо оид ба онҳо офарида шуда, дар байни осори ондавраи С. Улуғзода мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Таърихи эҷоди асарро метавон аз суханони худи муаллиф фаҳмид: «повест ба далелҳо, рӯйдодҳои воқеии таърихӣ такя карда, баъзе персонажҳо шахсиятҳои таърихӣ мебошанд, ки тасвири ҳаёт ва сарнавишти онҳо ба он чизе, ки дар асар оварда шудааст (Бухорхудот – Хотун, Саид ибн Усмон, Молик ибн-ур-Райб ва ғ.), мувофиқат мекунад. Таълифи повесту «афсонаҳо» дар мавзуъҳои содалавҳона хосси ман нестанд. Нависандаро, ки дар ин мавзуъ асар меофарад, ман аз рӯйи масъулият ба донишманди таърихнигор баробар мекунам. Дуруст аст, ки якчанд персонажҳо ҳосили тахайюлот ҳастанд, вале бояд мунаққид хуб бидонад, ки нависанда ба чунин тахайюлот ҳақдор аст» [20]. Тавре ки худи Улуғзода иқрор шудааст, «…дар образи Виркан, қаҳрамони «Ривояти суғдӣ», ӯ дар ҷустуҷӯи тулонии худ, ки имрӯз низ идома дорад, бо достони зиндагии Фирдавсӣ бархӯрд кард» [19, с.12].

Ҳангоми мутолиаи қисса беихтиёр тасвири баъзе манзараҳои муборизаи ва образҳои «Шоҳнома» ба хотир меояд. А. Боршаговский қайд кардааст, ки омӯзиши маводи марбут ба шоир Фирдавсӣ барои нависанда барабас нарафтаанд, дар қисса таъсири матни таърихӣ ва достонҳои «Шоҳнома» бисёр равшан ба чашм мерасад, масалан, ҳанӯз дар оғози ҳикоя мо образи Рустамро мебинем: «марди тануманд, шонафарох, ҷавшан дар бар ва кулаҳхӯди мисин бар сар», ки «савори аспи саманди қашқа бо нахустин ҳамла ду роҳзанро аз асп фурӯ ғалтонд ва найзаи савуминро бо як зарби шамшери дарозаш шикаст. Аз яке роҳзани захмхӯрда ҳангоми ғалтидани ӯ шамшерашро рабуда, бо ду шамшер, бо ду даст ба чапу рост ва пасу пеш задан гирифт». Вале, маълум мешавад, ки – ин «Виркан - ғуломи бозаргони бухороӣ Нӯфарн буда» [19, с.16-17], ки чун таҳамтани достони эронӣ Рустами достон «аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум, ки ӯ ба вай Рахши пасин ном ниҳода буд».

Чун достони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ин қисса низ ба мавзуи Некӣ ва Бадӣ бахшида шуда, дар он таърихи мардуми Эрон аз қадимулайём то ворид шудани ислом тасвир

ёфтааст. Дар асар неруи ахлоқии ғулом, устуворӣ, субот ва бесуботии эътиқодоти ахлоқӣ хеле зарифона нишон дода шудааст.

Ҳадафи асосии нависанда – тараннуми ватани маҳбуб, қувваю тавоноии халқ буда, қаҳрамонони воқеии он дар қисмати охир рақам мехӯрад, замоне ки муқовимати шӯришгарони савора имкони ба қуллаи кӯҳ баромадани фирориёни пиёдаро фароҳам мекунад. Фоҷиаи хунин сар мезанад – шоҳзода Вағдварз ба лаби ҷарӣ истод. « - Зинда таслим намешавем!» - хитоб кард ӯ ва худро ба зер афканд. Аз паси ӯ дигарон низ худро ба поён ҳаво доданд. Арабҳо бо даҳшат ба ин манзара менигаристанд. Онҳо аз мардонагии суғдиёни асир моту мабҳут шуда буданд. Охирин ҷавони суғдӣ бо мушти ҳарду даст ба тарафи сарбозон яке ниҳеб карду ба ҷарӣ парид, бо ин дар ботини ғаюрони ислом ҳисси зафарро кушт. Бо эҳсоси шарму тарс арабҳо аз дара дур шуданд. Ин қисмат ***ангезаи ахлоқ ва озодии ботинии шахсиятро*** пешакӣ муайян мекунад.

Мавзуъ, масъалагузорӣ, идея ва сужаи қисса ба мо ҳақ медиҳад тасдиқ кунем, ки С. Улуғзода ба романи «Фирдавсӣ» тавассути омӯзиши «ҳамлаҳои шадид», «зарбаҳои марговар», «гоҳ аз сипар, гоҳ аз занҷир ва гоҳ аз зин зарба хӯрдан»-и қаҳрамонони куҳандиёр рафтааст.

С. Улуғзода барои дарёфти асосҳои моддии равандҳои олии маънавие монанди хирад, отифаву эҳсос, дарки зотии санъаткор, тавоноии ӯ барои ворид шудан на танҳо ба гузашта, балки ба ояндаи мардумаш саъй карда, дар романи «Фирдавсӣ» оид ба ҳунару ҳунарманд, сабку услуби раванди эҷодӣ мулоҳиза меронад.

Дар роман он динамикаи равшани сиёсии мубориза бо ҳокимият, ки нависанда дар назди Рӯдакӣ, Сино, Дониши ҷавон гузошта буд, дида намешавад. Бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки нависанда дар синну соли нисбатан болиғ, ки, аллакай, аз ташвишҳо, бархӯрду мушкилоти зиндагӣ хаста шуда буд, даст ба навиштани романи мазкур зад. Ӯ худро чун як муборизи афтодаву нодаркор ҳис мекард. Ва ҷойи тааҷҷуб нест, ки Улуғзодае, ки дар тули умри эҷодии худ ба шинохти шахсияти инсониву эҷодии Фирдавсӣ кӯшидааст, оид ба Фирдавсии баркамол, бо таҷрибаи болиғу хирадмандона асаре эҷод мекунад. Барои ӯ муҳимтар аз ҳама на «изи пешиниён», балки чиро ҷустани онҳо муҳим буд. Улуғзода ба мавзуи раванди эҷод муроҷиат ва ин самтро баррасӣ карда, марзҳои фазои худро, ки пеш аз ҳама барои худаш зарур буданд, густариш медиҳад. Дар роман Улуғзода ба хотири наздик шудан ба дарки «Ман»-и худ, дар ҷустуҷӯи озодӣ аз роҳҳои пурпечутоби шууру тафаккури шоир Фирдавсӣ убур мекунад. Бинобар ин, эҷод дар роман, сарфи назар аз бори пайвандҳои иҷтимоӣ, арзишҳо ва меъёрҳои азхудшуда, чун яке аз роҳҳои дастёбӣ ба озодӣ зуҳур мекунад. Хислати сарсупурдагии Фирдавсӣ руҳан ба шахси Сотим Улуғзода наздик аст.

Романи С. Улуғзода як навъ гимни эҷод аст. Дар он таҳқиқи тарҷумаи ҳоли шоир вуҷуд надорад. Дар пеши назари мо Фирдавсӣ комилан як эҷодкори ташаккулёфта ва ба кори худ содиқ ҷилвагар мешавад. Улуғзода дар ин роман чеҳраҳои таърихӣ, воқеаҳои замонеро, ки дар он нобиға зиндагӣ ва эҷод намудааст, тасвир накардааст. Ба теъдоди зиёде аз масъалаҳое, ки дар рафти таҳқиқ баррасӣ шуд, танҳо масъалаҳои мазмун ва ҳадафҳои фаъолияти эҷодиро, ки махсусан ба нависанда марбутанд, мушаххас намуда, хотирнишон мекунем, ки ӯ дар роман ҷараёни эҷоди «Шоҳнома», лаҳзаҳои таърихиеро, ки танҳо ба як мавзуъ - мавзуи эҷоди «Шоҳнома» ва раванди тавлиди он таалуқ доранд, тавсиф кардааст. Нависанда нооромӣ, муносибати Фирдавсиро нисбат ба қаҳрамонони «Шоҳнома» зарифона ба риштаи тасвир кашидааст - шодии ӯро аз пирӯзии Некию адолат ва нигаронию хашму ғазабашро ҳангоми ғолибияти Бадию беадолатӣ нишон додааст. Шоир дар гӯшаи хилват китобашро менависаду дӯст медорад, чунон ки Рустам Таҳминаро, ашк мерезад, чунон ки Таҳмина дар марги Суҳроб, мемирад, чунон ки Суҳроб аз дасти падари ноогоҳаш. Дар вақти офариниш шоир аз ҳама дур мешуд, то фикру зикрашро пурра ба илҳом бубахшад. Ин дурии ҷисмонӣ аз ҳама атрофиён, аз ҳама ташвишҳо ва дигар афкори ӯст, ки дар ботини худ, бо тамоми вуҷуд хешро ба раванди эҷод бубахшад ва ба ҳадафе, ки вуҷудашро фаро гирифтааст, тамаркуз бикунад.

Ба андешаи Сотим Улуғзода эҷоди бадеӣ навъи хоссаи фаъолият аст, ки ба такмили маънавии шахс марбут аст. Фирдавсӣ аз ташвишҳои рӯзгор дур шуда, гӯшаи хилват пазируфта, “фарзанди” худро дар оромиш, бо лаззати махсус тавлид мекунад. Барояш ин лаззат азиз аст.

Фирдавсӣ чун санъаткор барои Улуғзода шахсияти махсусест, ки бо неруи ҳунар ба худогоҳии инсон мусоидат мекунад. Ӯ метавонад тавассути сухан ба олами атроф таъсиргузор бошад. Дар ин ҷо мо мебинем, ки худи Улуғзода низ намехоҳад мустақиман бо сиёсат сару кор дошта бошад. Ӯ, ки дар он лаҳза пир шуда буд, ҷавҳари аслии ҳаётро дарк кард: ҳаёти шахси эҷодкор бозии шатранҷи ҳаяҷонангези рӯйи тахта аст, ки муборизаи фард ва вазъи берунаро бо монеаҳое, ки ӯ дар зиндагӣ ба онҳо мувоҷеҳ мешуд, дар бар мегирад.

Ин бозӣ дорои қонуну қоида, фарозу нишебҳои худ буд. Ӯ онҳоро кашф карда, сарнавишти садҳо одамони наҷибро омӯхт. Улуғзода дар раванди кори эҷодӣ на танҳо бо лаҳзаҳои дурахшони илҳом, балки бо «азобҳои эҷодӣ» низ ошно буд. Ин азобҳо ҳам марбут ба вазъи беруна буданд ва ҳам сабабҳои дохилии худро доштанд. Саломатии бад ба кори эҷодӣ хеле халал мерасонд, он лаҳзаҳо ӯ, аллакай, заиф шуда буд, баъди сактаи мағз хуб медонист, ки рӯзҳояш башумор мондаанд. Дар давраи охири фаъолияти адабӣ Улуғзода баъзан шикоят мекард, ки беморӣ ба кори эҷодии самараноки ӯ халал мерасонад.

Романи «Фирдавсӣ» ибрози ошкорои нависанда оид ба лаззати ҳолати эҷодгарӣ, ширинии илҳом, шавқу иштиёқ ва азхудгузарӣ аст. Раванди эҷодии атрофи «Шоҳнома»-ро тавсиф карда, Улуғзода дар назди хонанда парда аз рӯйи коргоҳи эҷодии худ мебардорад, ки дар он механизмҳо, услуб ва образҳо мавҷуданд. Ӯ низ чун дигар устодони санъат дорои неруи баланди эҳсосоти бадеӣ буд, ки маҳсули таҷрибаҳои бузурги ҳаётӣ, равонӣ, эстетикӣ ва ҷустуҷӯҳои доимии эҷодии ӯ буд. Ин аҷиб бошад ҳам, кӯшиши огоҳ шудан аз худ, ҷустуҷӯи худ ва сипас дар худ пайдо кардани иштиёқи худ буд. Нависанда тамоми неруи худро ҷамъ кард, то сухани охиринро дар роман бигӯяд: эҷод – ин як амали ирфонӣ аст ва шахсе, ки тасвири ба зеҳнаш расидаро ошиқона, ба таври эстетикӣ ва шоирона дарк мекунад, ғолибан паёмбар мешавад. Ӯ ба эҷод чун як навъ паёмоварӣ муносибат мекунад. Эҳсосот, тахайюлот, парвозҳои хаёл барои ӯ дарки шоирона, ошиқона, калиди халлоқиест, ки умқи ҳақиқатҳои мавҳумро боз мекунад.

Муаллиф дар роман ба арзёбии эҷод, чун як ҳолат талош мекунад, раванди эҷодро чун раванди татбиқи ҳадафе, ки қаблан дар шакли маҷоз дар ҷое, дар зиндагӣ вуҷуд дорад, баррасӣ менамояд. Барои нависанда ҷолиб аст мушоҳида кунад, ки як эҷодкори дигар чӣ гуна вориди ҳолати эҷод гардида, бо илҳоми ӯ дар тамос мешавад. Ва дар айни замон, барои шахси эҷодкоре монанди Фирдавсӣ чизи аслӣ ва матлуб на натиҷа ё асари бадеӣ, балки танҳо худи ҳолати эҷодист, ки Улуғзода саъй дорад ин ҳолатро аз сатрҳои аввали роман нишон диҳад. Фирдавсӣ дар раванди эҷод танҳо ҳолати эҷодӣ ва эстетикиро ба таври воқеӣ ба дарозо мекашид. Раванди эҷод дар роман чун тавлиди неруи зарифе нишон дода шудааст, ки дорои хусусияти эстетикӣ аст. Ин неру эҷодкорро дар олами худ яккаву танҳо гузошта, бо ҳасудон рӯ ба рӯ месозад, вале ба ақидаи Улуғзода чунин танҳоӣ сарфи назар аз танҳоии иҷтимоӣ бартарафшаванда аст. Барои ин кор нависанда эҳтиёткорона хатти ошиқонаро вориди тарҳи достон мекунад, ки қодир аст эҳсоси танҳоии зеҳнии шоирро аз байн барад. Вале ин танҳоии шоирро аз байн намебарад, зеро ӯ ба хотири амалӣ сохтани интихобаш тамомияти худро устуворона муҳофизат мекунад. Ӯ наметавонад ба таври комил худро ба ҳамсараш бубахшад, зеро ба хотири садоқат ба ғояш метавонад ишқро зери хатар бигузорад.

Ба ақидаи Улуғзода, танҳоӣ ба мушкилот мубаддал мегардад, агар арзёбии худ гузаро ё нокифоя бошад. Вале, агар ин хилватнишинӣ ба хотири татбиқи ҳадаф, бо хоҳиши худи эҷодкор ба миён омада бошад, пас ин озодии интихоб аст. Дар бораи танҳоӣ сухан ронда, нодида гирифтани мавзуи марг – оҳангҳои танатологӣ имконнопазир аст.

Мавзуъҳои танатологӣ, ки дар осори Улуғзода хеле зиёд вомехӯранд, дорои ғанои маъноӣ ва аҳамият буда, дар ин роман чун шикасти Фирдавсӣ инъикос наёфтаанд. Қобили қайд аст, ки Улуғзода ба лаҳзаи марг диққати зиёд намедиҳад, дар осори ӯ мо тасвири табиии маргро пайдо накардем. Барои нависанда сабабу оқибатҳои марг муҳим аст. Дар роман марги Фирдавсӣ – ин ҷудошавии руҳ аз ҷисми миранда аст. Вале дар он дигар шикастҳо тавсиф ёфтаанд, ки аз марги худ ҳам вазнинтаранд – марги писар, марги ҳамсар. Марги руҳӣ, шикаст дар сарнавишти шоир Фирдавсӣ, ба андешаи Улуғзода, ин буд, ки шоир бо дастони худ «Китоби шоҳон»-ро назди ғулом – Султон Маҳмуд оварад, вале ин ҳадя аз ҷониби ғулом эътироф нагардид, на аз ҷониби шоҳ – ин марги руҳонии ӯ буд, ки нуқтаи кулминатсионии на танҳо роман, балки кулли баҳсҳои эҷодии шоирро, ки барои онҳо

ҳаёташро бахшида буд, аз байн рафтани орзуҳо, ғаразҳоро ташкил медод, худи Фирдавсӣ дар ин бора навиштааст:

Аз он гуфтам ин байтҳои баланд,
Ки то шоҳ гирад аз ин кор панд.
К-аз ин пас бидонад чӣ бошад сухан,
Бияндешад аз панди пири куҳан.

Ин шикаст дар зиндагии шоир барои ӯ чун гузариши дардноке аз давраи пурташвиши хашму кина ба марҳилаи андешаи оқилона гардид. Аммо қувва рӯ ба завол аст, ягона тасаллӣ барои Фирдавсӣ, чун барои нависандаи роман дар бораи ӯ, ҳавзаи васеи онҳо, яъне эҷодкорӣ буд, ки ба фард ин фурсатро медиҳад, то ба ҳисси озодӣ, новобастагӣ ба ҳар чизи манфӣ, муҳити иҷтимоии номатлуб даст ёбад ва муаллиф битавонад имкониятҳои нав пайдо бикунад. Нависанда таҳлили филологии коргоҳи эҷодии қаҳрамони романро бо кумаки ривоятҳо аз ҳаёти як идда шоирони номдор, ки дар сужа муаррифӣ шудаанд, анҷом медиҳад. Ҷаҳонбинии Фирдавсӣ, фазои равонӣ дар атрофи «Шоҳнома» дар роман тавассути тасвирҳо, муколамаҳо, эзоҳу тафсирҳои муаллиф манзур мегарданд.

Дар адабиёти тоҷикии асри XX образи санъаткор дар бештари мавридҳо дар ҷараёни рушди иҷтимоӣ зоҳир мешавад, вале шуури эҷодии ӯ, ки қодир аст симои санъаткорро дар раванди эҷоди асар биофарад, яъне тасвири он чи, ки холиқро холиқ мекунад, берун аз тасвир мемонад. Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки адабиёти тоҷикии он давра дар ин замина тағйироти азимеро ба мо нишон дод, ҷоеро, ки ҳунар аз худ ба унвони муҳимтарин ҷузъи зиндагии маънавии инсони огоҳ дарак медиҳад ва метавонад диди тозаеро барои ӯ эҷод бикунад. Дар натиҷа, дар назари санъаткор ва нақше, ки ӯ дар ҳаёти ҷомеа иҷро мекунад, тағйирот ба амал омад, асри XX санъаткорро аз нақши «хидматгор» ба баландии дастнорас бардошта, дар ӯ «ҳокими афкор», кашфкунандаи ҳақиқатро дарёфт. Санъаткор на танҳо мавқеи ҷадид, балки масъулияти азимеро низ ба даст овард, ки дарки он тақрибан боис шуд, то ҳунарманд барои амалӣ сохтани баъзе мақсадҳо, арзишҳо, вазифаҳо, офаридани симоҳои фоҷиавӣ ба хотири расидан ба озодӣ кӯшиш намояд.

Бешак, барои бозгӯи бадеии раванди эҷоди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ С. Улуғзода муҳити ахлоқиву равонии асрҳои миёнаро бодиққат омӯхта, онро тавассути сатрҳои шоирона эҳё кард, дар ин ҷараён барои нависанда муайян кардани хислати шоир, назари ӯ ба тавлиди калом, чун барандаи ин ҳақиқати бадеӣ, гуногунрангии равонӣ дар орзуҳову афкораш, дар меъёрҳои ахлоқӣ хеле муҳим буд, ки ин ҳама омодагии зиёдеро тақозо мекард. Аз ин ҷост, ки майли муаллифи роман ба тасвири қаҳрамони марказӣ чун шахсияти зинда, мутазод, пурҳаракат равшан ба назар мерасад. Майли нависанда барои тасвири шахсияти ӯ гуногунҷанба аст ва таҳқиқи домандор мехоҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айни. − Душанбе, 2010. — 420 с.
2. Акимов, А. Жизнь писателя / А. Акимов // Вопросы литературы. – 1966. - № 2. - С.175-190.
3. Бабаев, Ю. Грани исторического и современного романа / Ю. Бабаев. - Душанбе, 1980. - 164 с.
4. Бақозода, Ҷ. Равзанаи меҳр / Ҷ. Бақозода // Андеша ва чеҳраҳои адабӣ. - Душанбе: Адиб, 2005. - С.3-21.
5. Бакоева, С.А. Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода: дисс… канд. филолог. наук / С. А. Бакоева. - Душанбе, 2011. - 156 с.
6. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетики: Исследования разных лет / М.М. Бахтин. - М.: Худож.лит., 1975. - 502 с.
7. Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. - М., 1986. - 445 с.
8. Бахтин, М.М. Эпос и роман / М.М. Бахтин // Вопросы литературы. - 1970. - № 1. - С.95-122.
9. Бердяев, Н.А. О назначении человека / Н.А. Бердяев. - М.: Республика, 1998. - 384 с.
10. Бочкарева, Н.С. Роман о художнике как «роман творения», генезис и поэтика (на материале литератур Западной Европы и США конца XVIII - XIX вв.): дис. …док. филолог. наук / Н.С. Бочкарева. − Пермь, 2001. - 390 с.
11. Борев, Ю.Б. Эстетика. Теория литературы: Энциклопедический словарь терминов / Ю.Б. Борев. - М.: ООО «Издательство астрель»: ООО «Издательство АСТ», 2003. - 575 с.
12. Брагинская, Н.В. Филологический роман: предварение к запискам Ольги Фрейденберг / Н.В. Брагинская // Человек, 1991. - Вып. 3. - С.134-144.
13. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литератур / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1972. - 524 с.
14. Брагинский, И. Послесловие / И. Брагинский // С. Айни. Собр.соч. в 6-ти томах. - М.: Худ.лит., 1975. - 365 с.

15. Быков, Д. Роман со вкусом / Д.Быков [Электронный ресурс] // Дружба народов: электрон. научн. журн. - 2001. - №3. URL:http://magazines.russ.ru/druzhba/2001/3.
16. Винокур Г.О. Биография и культура. Русское сценическое произношение / Г.О. Винокур. - М.: Русские словари, 1997. - 186 с.
17. Гафуров, Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1972. - 657 с.
18. Ладохина, О.Ф. Филологический роман: фантом или реальность русской литературы XX века? / О.Ф. Ладохина. - М.: Водолей, 2010. - 165 с.
19. Улугзода, С. Согдийская легенда: повесть, исторический роман, рассказы / С. Улугзода. Пер. с тадж., предисл. А. Борщаговского. - Москва: Художественная литература, 1987. - 512 с.
20. Улугзода, С. Единение: Избранные статьи и очерки / С. Улугзода. - Душанбе: Таджикгосиздат, 1963. - 199 с.
21. Улуғзода, С. Ҳақиқати асар ва танқиди он / С. Улуғзода // Маориф ва маданият, 13-уми январи соли 1977. - С.3.
22. Хади-Заде, Р. Струны танбура [Текст]: Повесть и рассказы. Пер. с тад. / Расул Хади-заде. - М.: Сов. писатель, 1978. - 319 с.
23. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо: Маҷмуаи мақолаҳо / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 223 с.
24. Шукуров, М. Обновление. Таджикская проза сегодня: монография. Пер. с таджикского автора и Л.И. Демидчик / М. Шукуров. - М.: Советский писатель, 1986. - 272 с.

РОМАНИ ФИЛОЛОГӢ - ПАДИДАИ НАВ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИ АСРИ XX

Дар мақола падидаи нави раванди таърихӣ – адабӣ дар адабиёти тоҷики асри XX – романи филологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Объекти тадқиқи рисола романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода аст, ки ҷустуҷӯҳои услубии муаллифро инъикос намуда, тамоми хислатҳои хосси романи филологиро дар бар мегирад. Мавзуи таҳқиқ асолати ташаккули романи филологӣ дар адабиёти тоҷики асри XX мебошад. Мақсади кор аз муайян кардани хусусиятҳои характернок, сифатҳои муҳимтарини романи филологӣ дар адабиёти тоҷик, хусусиятҳои моҳияти раванди эҷодӣ; механизмҳои озмоишгоҳи эҷодӣ, шахсияти халлоқ дар ин раванд ва поягузории асосҳои назариявии романи филологӣ дар адабиёти тоҷик иборат аст. Тавре ки таҳлили маълумотҳои адабӣ нишон медиҳанд, ин масъала қаблан дар адабиётшиносии тоҷик роҳи ҳалли худро наёфтааст. Аҳамияти таҳқиқи мавзуи мазкур бо зарурати омӯзиши раванди адабиёти муосир дар заминаи анъана ва навовариҳои таърихӣ; вусъат додан ва аз байн бурдани марзҳои жанрӣ, типологияи жанри роман вобастагӣ дорад. Пайдоиши романи филологӣ сарчашмаҳо ва таҳаввулоти худогоҳии эҷодиро шарҳ медиҳад. Жанри роман ва анвои он дар адабиётшиносии тоҷик муфассал таҳқиқ шудаанд. Дар бештари ин осор дар мавриди тафриқаи романҳо дар иртиботи онҳо бо навъҳои жанрҳои роман аз қабили иҷтимоӣ, маишӣ, психологӣ, таърихӣ, таърихӣ-инқилобӣ, биографӣ ва ғайра таҳқиқоти басо назаррас гузаронида шудааст. Аз ин миён романҳои таърихӣ, таърихӣ-инқилобӣ, биографӣ ва қисман психологӣ мавриди баррасии махсус қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: адабиёти тоҷик, раванди адабӣ, падидаи нав, романи филологӣ, публитсистика, ёддоштҳо, намунаҳои адабиёти тоҷик, роман.

ФИЛОЛОГИЧЕСКИЙ РОМАН - НОВОЕ ЯВЛЕНИЕ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XX ВЕКА

В статье рассматривается новое явление историко-литературного процесса в таджикской литературе XX века – филологический роман. Объектом исследования в работе является роман «Фирдоуси» С. Улугзода, отражающий стилевые поиски автора, содержащий все характерные признаки филологического романа. Предметом исследования является своеобразие становления филологического романа в таджикской литературе XX века. Целью работы является выявление характерных особенностей, наиболее существенных свойств филологического романа в таджикской литературе, особенностей природы творческого процесса; механизмов творческой лаборатории, личности творца в этом процессе, а также стремление автора заложить основы теории филологического романа в таджикской литературе. Как показывает анализ литературных данных, данная проблема ранее в таджикском литературоведении не решалась. Актуальность исследования данной темы связана с необходимостью изучения современного литературного процесса в контексте исторической традиции и новаторства; расширением и стиранием жанровых границ, типологией жанра романа. Генезис филологического романа объясняет истоки и эволюцию творческого самосознания. Жанр романа и его разновидности в таджикском литературоведении исследованы обстоятельно. В большинстве из этих работ проделано достаточно заметное исследование также по дифференциации романов по их отношению к различным жанровым разновидностям романа, таким как социальный, бытовой, психологический, исторический, историко – революционный, биографический и т.д. Из них специальному исследованию подвергались исторический, историко – революционный, биографический и частично психологический романы.

Ключевые слова: таджикская литература, литературный процесс, новое явление, филологический роман, публицистика, мемуары, образцы таджикской литературы, роман.

PHILOLOGICAL NOVEL - A NEW PHENOMENON IN TAJIK LITERATURE OF THE XX CENTURY

The article deals with a new phenomenon of the historical and literary process in the Tajik literature of the twentieth century - a philological novel. The object of research in the work is the novel "Firdousi" by S. Ulugzoda, which reflects the author's stylistic searches, containing all the characteristic features of a philological novel. The subject of the research is the originality of the formation of the philological novel in the Tajik literature of the XX

century. The purpose of the work is to identify the characteristic features, the most significant properties of the philological novel in Tajik literature, the nature of the creative process; mechanisms of the creative laboratory, the identity of the creator in this process, as well as the author's desire to lay the foundations for the theory of the philological novel in Tajik literature. As the analysis of literary data shows, this problem was not solved earlier in Tajik literary criticism. The relevance of the study of this topic is associated with the need to study the modern literary process in the context of historical tradition and innovation; expansion and erasure of genre boundaries, typology of the genre of the novel. The genesis of the philological novel explains the origins and evolution of creative self-awareness. The genre of the novel and its varieties in Tajik literary criticism have been studied in detail. In most of these works, a fairly noticeable study was also done on the differentiation of novels in their relation to various genre varieties of the novel, such as social, everyday, psychological, historical, historical-revolutionary, biographical, etc. Of these, historical, historical-revolutionary, biographical and partly psychological novels were subjected to a special study.

Key words: Tajik literature, literary process, new phenomenon, philological novel, journalism, memoirs, samples of Tajik literature, novel.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муруввати ён Ҷамила Ҷамол*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Сведение об авторе: ***Муруввати ён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, доктор филологических наук, главный научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki Doctor of Philology, Chief Researcher at the NAST. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-760-22-33**

УДК: 891.550:891.71.09

ФАРЗОНА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ “ИҚТИДО БА ҚУРЪОН”-И ПУШКИН

Раҳимова Н.Қ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Шинохти вежагиҳои тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикӣ, имкониятҳои мактаби танқиди тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик низ яке аз масъалаҳои тарҷумашиносӣ дар Тоҷикистон мебошад. Тарҷумаи шеъри русӣ ба забони тоҷикӣ аз баргардонии шеъри шоири бузурги рус А.С. Пушкин дигаргунӣ пазируфт. Шеъри А.С. Пушкин бо розгӯии зиёд ба олами шеър ва тафаккури адабии тоҷик ворид шуд. Ашъори шоир ба забони тоҷикӣ бештар дар робита ба омӯзиши мавзуи иртиботи ӯ бо тамаддуни шарқӣ, хосса адабиёти форсу тоҷик таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ҷалб кард, ки дар таълифоти муҳаққиқон Ҳ.Шодиқулов, В.Самад, А.Давронов, Б.Ҳоҷибоева, М.Мирзоюнус, Х.Холов ва дигарон ҷамъбаст шудаанд [15, с.17].

Баргардониҳои шеъри шоир ба забони тоҷикӣ таърих ва таҷрибаи қобили таваҷҷуҳ доранд. Тарҷумаи намунаҳои шеъри А.Пушкин аз ибтидои асри XX шуруъ шуда, ба шакли мунтахабу маҷмуа, ҷилдҳои алоҳидаи шеъру достон нашр шудаанд. Таҷлили 200-солагии шоири гениалии рус (1999)-ро ҳамзамон 100-солагии таърихи тарҷумаи шеъри шоир ба забони тоҷикӣ ба шумор оварданд. Мактаби тарҷумаи тоҷикӣ аз забони русӣ бо баргардонии «Қиссаи моҳигир ва моҳии тилло»-и А.С.Пушкин оғоз мешавад [15, с.12].

Китобҳое аз қабили “Чанд асар” (1947), “Асарҳо” (1949) ва “Кохи ёдгор” (1976, 1999), маҷмуаҳои ҷудогона ва комили шеъри адиби рус ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Шоирони тоҷик А.Лоҳутӣ, С.Ализода, А.Ҳамдӣ, Ҳ.Юсуфӣ, М.Турсунзода, М.Раҳимӣ, С.Ҷавҳаризода, М.Фарҳат, Қ.Киром, С.Ҳалимшо, А.Адҳам, Лоиқ, Гулрухсор, М.Шералӣ, С.Маъмур, Фарзона ва дигарон ба тарҷума ва нашри ашъори вай ба забони тоҷикӣ саҳми беандоза гузоштаанд.

Фарзона дар маҷмуаи тозанашри худ “Найсон”, ки соли 2019 дар нашриёти “Хуросон” чоп шудааст, 800 рубоиву дубайтӣ ва тарҷумаҳои худро аз шоирони халқу миллатҳои гуногун ҷамъоварӣ намудааст. Дар бахши “Тарҷумаҳо” ашъор ва намунаи насрии шоирон ва нависандагон Ли Бо, Майуо Басё, Ҷорҷ Байрон, Иоҳан Гӯте, Александр Пушкин, Федор Тютчев, Афанасий Фет, Абай, Иван Бунин, Александр Блок, Анна Ахматова, Марина Светаева, Сергей Есенин, Темур Зулфиқоров ва Мухтор Шоҳонов ҷой дода шудааст.

Яке аз асарҳои шоири рус Пушкин “Подражание Корану” (“Иқтидо ба Қуръон”) мебошад, ки соли 1824 эҷод шудааст. Дар эҷодиёти шоири рус марҳилаи нав - тасвири ҳақиқати воқеоти зиндагӣ оғоз шуда, аввалин қадамҳои Пушкин дар ин роҳ эҷоди асари “Подражание Корану” маҳсуб меёбад. Сарчашмаҳо муайян кардаанд, ки адиби рус пеш аз эҷоди ин асар ба тарҷумаҳои Қуръон рӯй оварда, мазмуну моҳияти онро омӯхт, ки ин омӯзиш маҳсули андеша, эҳсосот ва тассуроти нави шоир гардид. Асари Пушкинро Фарзона дар маҷмуаи “Себарга” (2010) ва “Найсон” (2019) бо унвони “Иқтидо ба Қуръон” тарҷума намудааст. Асари мазкур аз нуҳ иқтидо иборат буда, масъалаҳои мубрами китоби муқаддаси “Қуръон”- ро дар бар мегирад. Аллакай, дар иқтидои аввал шоир тавонистааст муқаддасот, муҳиммият ва асолати гуфтаҳои қуръониро дар чанд байт ғунҷоиш диҳад. Дар тарҷума Фарзона ба сохти чормисрагӣ, шашмисрагӣ таваҷҷуҳ намуда, шеърро бо сабку услуби хосси хеш баргардон кардааст. Аз мисраҳои аввал шоира руҳу асли шеърро эҳсос намуда, ифодаи “утренней звездой”- ро “кавкаби саҳар” ва “вечернею молитвой”- ро “намози шому партави дуо” тарҷума намудааст, ки ин калимаороиву тасвирпардозии мутарҷимро муайян мекунад:

Қасам ба ҷуфту тоқ,
Қасам ба ханҷару ғазо қасам.
Қасам ба кавкаби саҳар
Ва бар намози шому партави дуо қасам.

Бидон, ки ҳеҷ тарки ту накардаам,
Киро, бигӯ, киро нишондаам ба сояи рафоҳ
Киро, киро ҳабиби хеш хондаам

Киро зи теғи хасм додаам паноҳ... [12, с.235].

Асли шеър:

Клянусь четой и не четой
Клянусь мечом и правой битвой.
Клянусь утренней звездой
Клянусь вечернею молитвой.
Нет, не покинул я тебя.
Кого же в сень успокоенья
Я ввёл, главу его любя,
И скрыл от зоркого гоненья? ... [7, с.352].

Муваффақияти тарҷумаи Фарзона дар он аст, ки ӯ тавонистааст оҳанги афкору андешаи Пушкинро пурра тараннум намояд. Вазну қофия ва ҳиҷои шеър дуруст ба кор бурда шудааст, лекин қайд кардан ба маврид аст, ки зимни тарҷума мутарҷим на ҳар вақт баробарии ҳиҷоҳоро риоя намудааст.

Иқтидои дуюм “Муроҷиат ба занҳои пайғамбар” номгузорӣ шудааст. Пушкин дар ин қисмат ба мазмуну муҳтавои сураи 33-юми Қуръон такя карда, симои занони Шарқро ҳамчун занҳои шармгин, хоксор ва бовафо тасвир намудааст. Фарзона низ симои занонро бо таркибҳои “занони поки набӣ” ба ҷойи “жёны чистые пророка” ва “аз ҳама бонувон чӣ мумтозед” ба ҷойи “от всех вы жён отличены” ифода намуда, аз асли шеър дур нарафтааст. Ғайр аз ин, таркибу ибораҳои “ғубори гуноҳ”, “чодари пок”, “духтари мастур”, “чашми бетоат” тарҷумаро боз ҳам таъсирбахшу ҷаззоб гардонидааст:

Эй занон, эй занони поки набӣ,
Аз ҳама бонувон чӣ мумтозед!
Дур аз камтарин ғубори гуноҳ
Хоксорона зиндагӣ созед.
Сидқ афканда дар вуҷуди шумо
Чодари поки духтари мастур
Ки фақат бар навозиши шаръӣ
Додаед аз барои худ дастур
Ин мабодо, ки чашми бетоат
Бибарад аз рухи шумо лаззат [12, с.236].

Асли шеър:

О, жёны чистые пророка,
От всех вы жён отличены:
Страшна для вас и тень порока.
Под сладкой сенью тишины
Живите скромно: вам пристало
Безбрачной девы покрывало.
Храните верные сердца
Для нег законных и стыдливых,
Да взор лукавый нечестивых
Не узрит вашего лица! [7, с.352].

Иқтидои сеюм бо унвони “Кӯр” аз сураи 80-уми китоби муқаддас сарчашма гирифта, бо лаҳзаи наздикшавии марди кӯр ба назди набӣ оғоз шудааст. Марди кӯр аз таълимоти ӯ норозигӣ баён мекунад. Китоби муқаддас фақат баҳри шахсоне аст, ки бо хоҳиши худ ва қалби пок онро пазирофӣ мекунанд. Фарзона зимни тарҷума изҳор доштааст, ки инсон зиндагии худро ғанимат дониста, фақат барои корҳои хуб ва номи нек руҳу равони худро эҳдо намояд. Чунки одам ба дунё нотавон омада, он гуна ҳақиру нотавон меравад ва ягон молу чизи дунёро бо худ намебарад:

Аз баҳри чӣ одам ин қадар менозад,
Бо он ки бараҳна бар ҷаҳон омадааст.
Бо он ки ҳақиру нотавон хоҳад рафт,
Он гуна, ки сахт нотавон омадааст [12, с.237].

Асли шеър:

Почто ж кичится человек?
За то ль, что наг на свет явился,

Что дышит он недолгий век,
Что слаб умрёт, как слаб родился? [7, с.353].

Масъулияти мутарҷим ҳангоми тарҷума аз асли шеър дур нарафта, руҳи аслии асарро бо тарҷума созгор намудан аст. Ба фикри мо, аз ин тарҷумаҳо ва раванди кори тарҷумонӣ хулосаҳои даркорӣ бояд бароварда: тавъам будани кори тарҷума бо коргоҳи эҷодӣ ва таҷрибаҳои адабии шоир, хусусиятҳои диду назари мутарҷим, ки маҳз ҳамин нуқта ба маҳсули тарҷума асолат мебахшад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳам агар барои як мутарҷим шакли аслӣ муҳим ва муқаддам бошад, барои мутарҷими дигар мазмуни ифода ва оҳанги баён бартарият пайдо мекунад, яъне мутарҷим аз рӯйи донишу истеъдод ва малакаи хеш асареро баргардон мекунад. Вақте ки ба тарҷумаҳои Фарзона таваҷҷуҳ мекунем, ба назар асари тарҷумашуда моли худи ӯ метобад, чунки шоира онро бо калимаву таркибҳои ҷадид ва камёб ифода менамояд, ки хосси эҷодиёти ӯ аст.

Пушкин иқтидои чорумро дар асоси сураи 2-юм “Бақара” эҷод карда, ба бузургию тавоноии Яздони пок бахшидааст, яъне ин қисм давоми иқтидои сеюм буда, аз манманӣ ва кибру ғурури як паҳлавоне нақл мекунад.

С тобою древле, о всесильный,
Могучий состязаться мнил,
Безумной гордостью обильный;
Но ты, господь, его смирил.
Ты рек: я миру жизнь дарую,
Я смертью землю наказую,
На всё подъята длань моя.
Я также, рек он, жизнь дарую,
И также смертью наказую:
С тобою, боже, равен я.
Но смолкла похвальба порока
От слова гнева твоего:
Подъемлю солнце я с востока;
С заката подыми его! [7, с.354].

Тарҷумаи Фарзона нисбат ба асли шеър ба хонандаи тоҷик фаҳмову муфассал оварда шудааст. Агар Пушкин барои ифодаи образи асосии шеър калимаи “могучий”-ро истифода бурда бошад, Фарзона онро “паҳлавон”, “гурд” хондааст. Ин аз он далолат мекунад, ки тарҷумон барои пуробуранг ва таъсирбахш баромадани шеър ба воситаи калимаву ифодаҳо аз санъатҳои ташбеҳу таҷнис ва истиораву маҷоз корбаст намудааст. Зимни тарҷума банди охирини шеър моҳияти фалсафии худро гум накардааст:

Лек ногаҳ он ғуруру ман-манӣ
Пора шуд аз бонги анҷумафкане:
“Офтоб аз шарқи ман шуд раҳгузор,
Гар тавонӣ, ту зи ғарб онро барор!” [12, с.238].

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқон С.Фомичев, М.Верёвкин, Н.Лерняев, И.Брагинский иқтидои шашум мазмуну муҳтавои 11 ва 12-ум ояти сураи 61, сураи 48-ум, инчунин сураҳои 25-ум ва 59-уми Қуръонро дар бар мегирад. Дар ин сураҳо оид ба муборизаву ҷонфидоӣ дар майдони ҷанг бар зидди душман сухан рафта, ҳамаро барои барқарор кардани ҳақиқату ростқавлӣ даъват менамояд:

Земля недвижна — неба своды,
Творец, поддержаны тобой,
Да не падут на сушь и воды
И не подавят нас собой.
Зажёг ты солнце во вселенной,
Да светит небу и земле,
Как лён, елеем напоенный,
В лампадном светит хрустале... [7, с.354].

Фарзона бо ифодаи “офтобафрӯз” Худои якторо ташбеҳ намуда, меҳрубониашро ҳамчун “нури фалаксайру заминбӯс” инъикос кардааст. Махсусан, мисраи “Как лён, елеем напоенный” дар тарҷума “Зағири равғаномез аст хуршед” ва “В лампадном светит хрустале” – “Ки рахшад дар булӯри поки фонус” симои анъанаи тоҷикона гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар байтҳои минбаъда мутарҷим тавонистааст, мақсади адиби русро пайравӣ намуда, образҳои марказии шеърро бо калимаву ифодаҳои тоза манзури хонанда гардонад:

Зи лутфи эзидӣ баҳри Муҳаммад (с),
Чу Қуръон омаду анвори раҳмат,
Туву ман ҳам парем охир сӯи нур,
Фитад аз чашми мо сад парда ғафлат [12, с.239].

Муҳаққиқ ва адабиётшинос М.Мирзоюнус дар китоби “Пушкин ва Шарқ” қайд намудааст, ки иқтидои шашум давоми иқтидои панҷум аст, яъне шоир мубориза бар зидди душманро вазифаи ҷонии ҳар як инсони соҳибақл шуморидааст. Дар шеъри Пушкин пайғамбар далерону муҳофизони ҷасурро таърифу таҳсин намуда, бепарвоёнро мазаммат кардааст:

Вы победили: слава вам,
А малодушным посмеянье!
Они на бранное призванье
Не шли, не веря дивным снам [7, с.355].

Тарҷума низ ба асли шеър наздик буда, дар умқи он ҳикмате ниҳон аст. Вежагии тарҷумаи Фарзона ин калимаороиву суханпардозии ғайримуқаррарӣ мебошад. Масалан, агар Пушкин шахсони бетарафро “малодушный” ифода карда бошад, шоира “камдилон” тарҷума намудааст, ки он маҳорати калимасозии мутарҷимро нишон медиҳад:

Аҳсан, аҳсан, бар шумо, эй аҳли нусрат,
Камдилонро лек сад ҳайфу тамасхур!
Баски бар роҳи ғазо худро набурданд.
Фатҳро нокарда боре ҳам тасаввур [12, с.239].

Дар иқтидои ҳафтум Фарзона ибораи “лампады святой”- ро бо нури “фонуси лоязолӣ” тарҷума намуда, аз субҳ то шом ба ибодат машғул шуданро тараннум мекунад. Маҳз ибодат аз “тирагии кобус” ва “ҳузну безиёӣ” инсонро раҳоӣ мебахшад. Барои таслим нашудан ба корҳои баду зишт, шаб то саҳар дуохонӣ намуда, аз гуноҳ пок шуданро ифода намудааст. Шоира мисраи аввалро “Бархез, эй рамида” тарҷума кардааст, ҳарчанд ки дар асл “Восстань, боязливый” омадааст. “Боязливый” маънои тарсон, тарснокро дорад, лекин шоира барои таъсирбахш баромадани шеър онро бо калимаи “рамида”, ки маънои ҳаросон, тарсиданро дорад ифода карда, инчунин ифодаи “до утра горит” бо таркиби “то субҳ метанад нур” омадааст:

Восстань, боязливый:
В пещере твоей
Святая лампада
До утра горит.
Сердечной молитвой,
Пророк, удали
Печальные мысли,
Лукавые сны!
До утра молитву
Смиренно твори;
Небесную книгу
До утра читай! [7, с.356].

Тарҷумаи Фарзона:

Бархез, эй рамида.
Дар ғор, ғори мастур.
Фонуси лоязолӣ
То субҳ метанад нур!
Аз тирагии кобус,
Аз ҳузну безиёӣ.
Бо партави ниёиш
Пайғамбаро, раҳоӣ!
Маҳви фурӯғи таслим
Шаб то саҳар дуо хон.
Бикшо китоби аршӣ,

То субҳ сураҳо хон [12, с.239].

Зимни тарҷума дар байти охирин аз тарафи мутарҷим калимаи иловагии “сураҳо” корбаст шудааст:

Небесную книгу
До утра читай!

Тарҷума:

Бикшо китоби аршӣ,
То субҳ сураҳо хон.

Мавзуъҳои саховатмандӣ, покдилӣ, дасткушодӣ ва некандешӣ дар иқтидои ҳаштум мушоҳида мегардад. Шоири рус боз як бори дигар ба мазмуну муҳтавои оятҳои қуръонӣ аҳамият дода, дар сари ин масъала андеша намуданро вазифаи инсонии худ мепиндорад. Дар Қуръон якчанд маротиба қайд карда мешавад, ки бояд ба муҳтоҷон бо дили пок ва хоҳиши қавӣ дасти ёрӣ дароз карда шавад. Дар ин порчаи шеърӣ Пушкин образҳои мувофиқро интихоб намуда, ду чизро ифода кардааст: яке саховатмандӣ, дигаре чашмтангиву бахилӣ.

Торгуя совестью пред бледной нищетою,
Не сыпь своих даров расчётливой рукою:
Щедрота полная угодна небесам.
В день грозного суда, подобно ниве тучной,
О сеятель благополучный!
Сторицею воздаст она твоим трудам... [7, с.356].

Дар тарҷумаи Фарзона пуробурангии сифати образ ва олами тасвир ба мушоҳида мерасад. Хизмати Фарзона дар он аст, ки имконияти шеъри тоҷикро аз роҳи тарҷумаи шеъри рус вусъат бахшида, беғараз хайру сахо карданро тараннум мекунад. Шоира иқтидои ҳаштум ва нуҳумро дар банди шашмисрагӣ ғунҷоиш дода, мазмуни шеъри русиро бо истифодаи саноеи бадеӣ ва андешаву афкори файласуфонааш ба забони тоҷикӣ баргардон кардааст:

Бар гадоён гар каримӣ мекунӣ,
Бо ғаразмандӣ макун хайру сахо.
Чун ато аслан зи гардун мерасад,
Мисли дашти борвар, рӯзи ҷазо
Бар ту, эй деҳқон, Худо бахшад самар
Он замон сад бору аз он бештар!... [12, с.240].

Пушкин тавонистааст, ки мазмуни аслии хайру сахо ва некӣ ба муҳтоҷону дармондагонро дар ин асараш тасвир намояд. Мутаносибан мутарҷим низ имкони ифодаи шевои матолиби шоири русро дар тарҷума аз даст надодааст. Иқтидои нуҳум ҷамъбастӣ буда, дар он адиб боз ба бузургиву бахшандагии Холиқ ва боварӣ ба ояндаи нек ишора мекунад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқон Б.Ҳоҷибоева, М.Мирзоюнус дар ин қисми асар воқеа ва сужети алоҳида оварда шуда, аз сураи “Бақара” ояти 259-ум гирифта шудааст. Албатта, Пушкин онро каме дигаргун намуда, ба замони худ мутобиқ кардааст. Дар ояти мазкур сухан дар бораи як мусофире меравад, ки ҳангоми гузар аз мавзеи харобу вайрона, ба тавоноии Худованд оид ба аз нав обод шудани он харобазор бовар намекунад, оварда шудааст. Барои ин нобоварӣ мард чанд сол ба хоб бурда мешавад ва ин ҳодисаро шоири рус обуранги бадеӣ бахшида, дар сатрҳои шашмисрагӣ овардааст:

И к пальме пустынной он бег устремил,
И жадно холодной струёй освежил
Горевшие тяжко язык и зеницы,
И лёг, и заснул он близ верной ослицы —
И многие годы над ним протекли
По воле владыки небес и земли [7, с.357].

Дар тарҷумаи ин мисраъҳо мутарҷим низ қолабу сабк ва услуби баёни худро ба кор бурда, бо калимаву ибораҳои “танҳошаҷар” ба ҷойи “пальме пустынной”, “оби бақо” ба ҷойи “холодной струёй” ҳолати тоқатфарсои образи асосии ин қисмати асарро инъикос намудааст. Махсусияти тарҷумаи шоира он аст, ки зимни баргардонии мисраъҳо баъзан калимаҳои нав илова гардидаанд, ба монанди калимаю таркибҳои “шодмон”, “рухсор”, “ҷигар”, “бо ҳамин”, “фарқи сар”, “паркашон” ва ғайра. Ё ин ки бархе аз калимаҳоро

партофта рафтааст, аз қабили “жадно” (гурусначашмона), “холодный” (хунук), “верной” (бовафо), “многие”(зиёд) ва ғайра:

Шодмон ӯ гом зад бар самти он танҳошаҷар,
То фурӯ биншонд бо оби бақо сӯзи ҷигар.
Об зад бар чашму рухсору забони оташин,
Хуфт в-он гаҳ дар канори маркаби худ
Бо ҳамин
Солҳо рафтанд аз фарқи сари ӯ паркашон
Бо тақозойи шаҳаншоҳи замину осмон [12, с.242].

Дар анҷоми ин қисмати шеър Пушкин пушаймонии мардро бо оҳангу гуфтори ноумедӣ баён намуда, хурсандии ӯро баъд аз эҳёшавии ҳаёт ба риштаи тасвир кашидааст. Боз як хусусияти тарҷумаи Фарзона ин истифодаи фаровони калимаҳои ҳаммаъно мебошад. Агар Пушкин фақат калимаи “Бог”-ро истифода бурда бошад, мутарҷими тоҷик калимаҳои “Худо”, “Парвардагор”, “Шаҳаншоҳ”, “Раббил-оламин”- ро ба кор бурдааст ва он аз ҳунари баланди шоира далолат медиҳад.

Умуман, Фарзона маҳорати хуби тарҷумонӣ дошта, шеъри русиро ба забони ноби тоҷикӣ тарҷума намуда, мазмуни баланду аслии матнро нигоҳ дошта, барои шинохти шеъри шоирони хориҷи кишвар ва дар пешрафти адабиёти тоҷик саҳми арзандаи хешро гузоштааст.

Муқарриз: ***Ӯлмасова З.Ҳ.*** – д.и.ф., профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л. Забон ва тарҷума / Л. Бархударов. – М.: Робитаҳои байналмилалӣ, 1975. - 240 с.
2. Давронов, А. Адабиёт ва воқеият [Маҷмуи мақолаҳо] / А. Давронов. – Душанбе, 2003. - 258 с.
3. Давронов, А. Адабиёт ва замон: Масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ / А. Давронов. - Душанбе: Ирфон, 1996. - 54 с.
4. Ғаффоров, У. Дурдона ва дарё / У. Ғаффоров. - Хуҷанд: Ношир, 2014. - 164 с.
5. Мирзоева, С [манбаи электронӣ].f.vestnik-tnu.com (санаи мурочиат 10.05.2022)
6. Мавод аз Википедия-донишномаи озод [манбаи электронӣ] https;//tg.wikipedia.org (санаи мурочиат 02.06.2022)
7. Пушкин, А. Мунтахаби ашъор / А. Пушкин. – М.: Нашриёти Л.Поливанов, 1887. - Ҷ.2. – С.133-141.
8. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият / А. Сайфуллоев. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2003. - 616 с.
9. Самадов, А. Шигардҳои тарҷума / А.Самадов. - Душанбе: Графика Принт, 2019. - 160 с.
10. Самадов, А. Мактаби тарҷума / А.Самадов. - Душанбе: Графика Принт, 2020. - 175 с.
11. Султанова, Э. “Себарга” - “Трилестник” сердца поэта Фарзоны [манбаи электронӣ] www.hum.vestnik.tj (санаи мурочиат 16.03.2022)
12. Фарзона.Себарга / Фарзона – Хуҷанд: Ношир, 2011.-436 с.
13. Фарзона. Найсон / Фарзона Хуҷанд: Хуросон, 2019.-320 с.
14. Ходжибаева., Б. Мирзоюнус, М. Пушкин ва Шарқ / Б. Ходжибаева М. Мирзоюнус -Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.-312 с.
15. Шодиқулов, Х. Равобити адабии тоҷику рус.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик Ҷ.3./ Х. Шодиқулов – Душанбе, 2004.-С.10-14.

ФАРЗОНА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ “ИҚТИДО БА ҚУРЪОН”-И ПУШКИН

Дар мақола фаъолияти тарҷумонии шоираи барҷастаи адабиёти тоҷик Фарзона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Истеъдоди нотакрори Фарзона бозгӯкунандаи маҳорати баланди тарҷумонии ӯ буда, ба фазои адабиёти тоҷик ворид шудани ашъори адибони бурунмарзиро далолат мекунад. Диққати шоираро эҷодиёти адибони рус аз он ҷумла Александр Пушкин ба худ ҷалб намудааст, ки намунаи боризи он дар мақола бозгӯ шудааст. Аз тарҷумаҳои Фарзона маълум мегардад, ки ӯ пеш аз он ки ба тарҷумаи ашъори адибон шуруъ намояд, онро бодиққат меомӯзад, ҳар як вожаву идеяҳои аслиро дарк намуда, баъдан бо корбасти калимаҳои баландмазмун ба силки таҳқиқи бадеӣ мекашад. Дар асоси таҳқиқи тарҷумаи тоҷикии асари Пушкин “Подражание Корану” аз ҷониби Фарзона мақола мисолҳо таҳлил шудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки тарҷума дар ашъори Фарзона ҷойи махсусро ишғол намуда, байни шеъри форсу тоҷик ва адабиёти ҷаҳон пайванде ба вуҷуд оварда, вежагиҳои хосро дорост. Фарзона ба воситаи тарҷумаи бадеӣ баъзе хусусиятҳои кори тарҷумониро такмил бахшидааст, ки боиси дастгирист.

Калидвожаҳо: адабиёти муосири тоҷик, назми даврони истиқлол, Фарзона, “Найсон”, Пушкин, “Подрожание Корану”, Қуръон, тарҷумаи бадеӣ, шеъри аслӣ ва тарҷума.

ФАРЗОНА И ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА “ПОДРАЖАНИЕ КОРАНУ” ПУШКИНА

В статье анализируется переводческая деятельность выдающегося поэта таджикской литературы Фарзоны. Уникальный талант Фарзоны отражает ее высокое переводческое мастерство и свидетельствует о вхождении стихов зарубежных писателей в пространство таджикской литературы. Внимание поэтессы

привлекает творчество русских писателей, в том числе Александра Пушкина, переводы произведений которого описаны в статье. Из переводов Фарзоны видно, что, прежде чем приступить к переводам стихов писателей, она внимательно их изучает, понимает каждое исходное слово и каждую мысль, а затем опирается на художественный поиск, используя многозначительные слова. В статье анализируются переводы Фарзоны на основе произведения Пушкина «Подражание Корану» на таджикский язык. Автор приходит к выводу, что перевод занимает особое место в поэзии Фарзоны, создавая связь между персидской и таджикской поэзией и мировой литературой и имеет свои особенности. Фарзона улучшила некоторые черты своей переводческой работы за счет художественного перевода.

Ключевые слова: современная таджикская литература, поэзия периода независимости, Фарзона, «Найсон», Пушкин, «Подражание Корану», Коран, художественный перевод, оригинал поэзии и перевод.

FARZONA AND PECULIARITIES OF PUSHKIN'S "IMITATION OF THE QURAN" TRANSLATION

The article analyzes the translation activity of the outstanding poet of Tajik literature Farzona. The unique talent of Farzona reflects her high translation skills and testifies to the entry of poems by foreign writers into the space of Tajik literature. The attention of the poet is attracted by the work of Russian writers, including Alexander Pushkin, a vivid example of which is described in the article. Farzona's translations show that before she starts translating writers' poems, she carefully studies them, understands each original word, initial thought, and then relies on artistic search, using meaningful words. Based on the study of the translation of Pushkin's work "Imitation of the Koran" into the Tajik language of Farzona, the article analyzes it with examples.The author comes to the conclusion that translation occupies a special place in Farzona's poetry, creating a connection between Persian and Tajik poetry and world literature, and has its own characteristics. Farzona improved some features of her translation work through literary translation, which led to support.

Key words: modern Tajik literature, poetry of the independence period, Farzona, "Nyson", Pushkin, "Imitation of the Koran", Koran, literary translation, original poetry and translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимова Наргис Қаҳоровна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвончӯйи кафедраи адабиёти муосири тоҷик, факултаи филологияи тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 92-778-98-55**

Сведения об авторе: ***Рахимова Наргис Кахаровна*** – Худжандский государственный университет им. академика Бабаджана Гафурова, соискатель кафедры современной литературы филологического факультета. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.**
Тел.: **(+992) 92-778-98-55**

Information about the author: ***Rakhimova Nargis Kakharovna*** - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, applicant for the Department of Modern Literature of the Faculty of Philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov, Ave., 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.** Phone.: **(+992) 92-778-98-55**

УДК: 891.550

ИБТИКОРОТИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ ДАР ПОЭТИКАИ НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Қурбонова Ф.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Фазлиддин Муҳаммадинев аз нависандагони хушқареҳа ва навовари адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри ХХ ба шумор меравад. Вай насри тоҷикиро чи аз ҷиҳати мундариҷа ва чи аз ҷиҳати шаклу сабк на танҳо ғанӣ гардонид, балки барои ба пояи нави сифатӣ боло рафтани он мусоидат намуд. Ин ибтикороти ҳунарии ӯро аҳли таҳқиқ ва нақди адабӣ таъкид карданд. Хосса адабиётшиносоне мисли Муҳаммадҷон Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Ҷӯрахон Бақозода, А. Борщаговский ва дигарон аз навовариҳои Муҳаммадиев сухан ба миён овардаанд. Онҳо дар бораи тарзу тариқи нави сухани муаллиф, сабки навиштори вай, навҷӯиҳо дар жанри осори ӯ мушоҳидаҳои ҷолиб доранд. Аммо масъалаи поэтикаи хосси Муҳаммадиев ва мушаххасоти навоваронаи вай дар сохтори поэтикаи насри муосир камтар диққати аҳли таҳқиқро ба худ кашидааст. Мо дар ин мақола кӯшиш мекунем, ки ба таври умумӣ дар шакли гузориши масъала аз ин ҷиҳати афкори адабии ӯ мулоҳизаҳои худро иброз дошта бошем.

Маълум аст, ки насри муосири тоҷикӣ, ки аз ибтидои асри ХХ оғоз ба зуҳур ва рушду такомул кард, насри воқеъгаро буд, ки аз насри гузашта (классикӣ) бо назари хос ба инсону воқеият бо мушаххасоти таърихӣ тафовут дошт. Ин тағйири арзишӣ ҳамроҳ бо худ поэтикаи хоссеро низ ҳамроҳ овард. Оғози ин таҳаввул замони таҷаддуд ва навгароӣ буд, ки бар мабнои ислоҳоти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангию адабии ҷомеа бунёд ёфтааст. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби ба вуҷуд омадани адабиёти наве бо номи адабиёти ҷадида гардид. Муҳимтарин хасоиси поэтикии ин адабиёт ба кор гирифтан аз воқеаҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ, мушкилоти он, тасвири қаҳрамони ислоҳотхоҳ, боло гирифтани муҳокимаҳои тезу тунди публитсистӣ дар тасвир, содагии забон ва баён аст, ки дар рӯзномаҳо ва асарҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуррауфи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Садриддин Айнӣ ба чашм мерасид. Албатта, дар адабиёти ҷадида ин ҳама аносир шакли ибтидоӣ ва оғозин доштанд, аммо ҳар чӣ ҳаст «ранги адабиёти нав гирифтани забони тоҷикӣ» аз ҳамин осор оғоз мегардад. Марҳалаи дигар дар таҳаввули адабиёти воқеъгаро ва рушди поэтикии он дар замони шуравии собиқ ба вуҷуд омад ва он бо номи Садриддин Айнӣ ва шогирдону пайравони ӯ - Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис иртибот мегирад, ки то нимаи солҳои панҷоҳи садаи бист идома дошт.

Ин даврароро метавон аз марҳалаҳои мураккаби ҷӯяндагиҳои насри тоҷикӣ ба шумор овард, ки шебу фарози зиёде доштааст. Дар канори тасвири инсон дар мавқеъ ва меъёри иҷтимоӣ ва синфӣ, ки аз тақозои методи реализми сотсиалистӣ буд, устодони сухан кӯшидаанд, ки ба дунёи маънавии қаҳрамонҳояшон низ мутаваҷҷеҳ шуда бошанд. Ҳамин замон буд, ки дар наср жанру навъҳои тоза амсоли роман, повест (қисса), ҳикояи воқеъгаро, очерк, публитсистика, ки то ба ҳол дар адабиёти гузашта вуҷуд надоштанд, ба вуҷуд омаданд ва имконоти поэтикии адабиёт, хосса насрро афзоиш доданд. Аммо, дар маҷмуъ, насри ин марҳала асосан бо роҳи воқеъгароии иҷтимоӣ ҷараён дошт ва муайянкунандаи поэтикаи он дар бештари маворид нақлу таҳкияи воқеаҳои иҷтимоӣ буд. Ин ҳолатро аҳли таҳқиқ низ қайд кардаанд. Аз ҷумла, адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурӣ ин ҳолати насрро назар ба «зоҳири воқеаҳо» [13, с.312] номзад карда, марҳалаи навро замони «таҳқиқро… ба олами ботинии инсон гузаронидан ва ба ниҳонхонаҳои дили ҳамзамонони худ нигоҳ андохтан» [13, с.312] донистааст, ки бинобар сабаби «дар бисёр асарҳои адабӣ яктарафа, ноқис ва сатҳӣ тасвир» [13, с.313] шудани инсон ба миён омадааст. Ин тағйир дар наср бо ҳикояву қиссаи Пӯлод Толис «Тобистон» ва романи «Ман гунаҳгорам»-и Ҷалол Икромӣ оғоз ёфт ва дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев ба марҳалаи тозае расид.

Мунаққид Ҷӯрахон Бақозода ишорае дорад дар мавриди ибтикороти Фазлиддин Муҳаммадиев: «Пеш аз ӯ (Муҳаммадиев – Ф.Қ.) дар наср бештар услуби воқеанигорӣ роиҷ буд. Вай бошад ба дунёи мураккаби инсон даст зада, мекӯшид бештар ботини қаҳрамононашро ба қалам диҳад, тавассути фикру андеша, орзуву ормонҳои онон ба инсон фаҳмонад, ки ӯ кист ва рисолати азалияш чист?» [1, с.127]. Ба қавли адабиётшинос

Абдухолиқи Набавӣ «Фазлиддин Муҳаммадиев шакл ва амали таҳкияи (ривояти) суннатиро, ки то ин замон дар насри воқеъгарои тоҷикӣ вуҷуд дошт, шикаст, онро аз ҳолати якнавохтии нақли ҳодисаҳо ва воқеанависии иҷтимоӣ раҳо карда, таҳрике дар сохтори тасвири равонковии (психологии) он дохил намуд. Пеш аз ҳама, вай ба сухани қаҳрамон дар тасвиру таҳкия имтиёзи бештаре дода, шаклҳои гуногун ва зовияҳои диди мухталифро ба кор гирифт» [8, с.148].

Дарвоқеъ, навовариҳои Муҳаммадиев аввалтар аз ҳама ба дарки тоза ва хосси масоили зиндагӣ ва шинохту баҳо ба мавқеъ ва рисолати инсонии ҳамзамонон дар онҳо баҳс мекунанд. Дар ин маврид бисёр масъалаҳоро зиндагиномаи нависанда равшан карда метавонад.

Муҳаммадиев 15 июни соли 1928 дар шаҳри бостонии Самарқанд дар оилаи косиби муқовабанд таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна чанд муддат дар колхоз чун ҳисобчӣ ва ба сифати котиби ташкилоти комсомолӣ кор кардааст. Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ҷамъиятӣ Фазлиддини ҷавонро ба хизмати рӯзноманигорӣ овард. Вай аввал ба сифати ходими адабии газетаи «Тоҷикистони сурх» (баъдҳо «Тоҷикистони советӣ», ҳоло "Ҷумҳурият") ва пас аз хатми Мактаби марказии комсомолии назди КМ ВЛКСМ дар соли 1951 ба сифати ҷонишини муҳаррири газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон» («Комсомоли Тоҷикистон»), муҳаррири «Газетаи муаллимон» (ҳоло "Омӯзгор", 1954) ва боз вазифаҳои масъулро дар редаксияҳои дигар ба ҷо меорад. Пас аз хатми курси олии адабии назди Институти адабиёти ба номи Горкий (1962) сармуҳаррири журнали ҳаҷвии «Хорпуштак» таъин мешавад. Воқеан, то ин вақт вай ба таври ҷиддӣ ва пайваста дар ҷодаи адабиёт низ қувваозмоӣ мекард. Аз нимаи солҳои панҷоҳум аввалин очерку ҳикояҳояш мунтазам дар саҳифаҳои газетаҳои республикавӣ, журнали «Шарқи сурх», алманахи «Литературный Таджикистан» чоп мешаванд. Дар соли хатми курси олии адабӣ яке аз аввалин повестҳои ӯ «Одамони куҳна» ба майдон омад. Тарҷумаи он ба забони русӣ ва дар саҳифаҳои журнали «Дружба народов» ба табъ расидани повести мазкур номи Ф. Муҳаммадиевро ба хонандагони умумииттифоқ шиносо менамояд. Аз ҳамин давра ба баъд ба майдон омадани ҳар як асари нави нависанда, хоҳ дар Тоҷикистон ва хоҳ дар собиқ шуравӣ, аксаран хеле хуб ва ба сифати ибтикороти эҷодӣ шинохта мешаванд.

Ин ҳолат дар аввалин навиштаҳои вай, ки асосан очерк буд, равшан ба назар мерасад. Бояд гуфт, ки бо очерк оғоз ёфтани эҷодиёти ӯ ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва кору амали вай дар матбуот иртибот мегиранд ва ҳатто сабаби сифати тоза гирифтани онҳо мешаванд. Акнун барои Муҳаммадиев очерк, чунон ки пештар ба назар мерасид, танҳо як асари ҳуҷҷатии иборат аз факту арқоми истеҳсолӣ нест. Аз очеркҳои «Раиси нав» (1955), «Муҳоҷирон» (1956) ва «Фаттоҳ ва Музаффар» (1958) маълум аст, ки нависанда ба қаҳрамонҳои худ дар канори амали ҷамъиятӣ, кору бори истеҳсолӣ ва мубориза дар роҳи пешбурди хоҷагиву коргоҳи худ, аз дидгоҳи инсонӣ ва хислати хусусии онҳо нигоҳ мекунад [10, с.219, 222]. Онҳо ба масъала аз мавқеи манфиати инсонӣ муносибат доранд ва нависанда низ онҳоро аз ҳамин меъёр мавриди қазоват қарор додааст. Масалан, дар очерки «Фаттоҳ ва Музаффар» низои роҳбари ҷонсӯз Музаффарро бо раиси худпарасту бепарво Фаттоҳ тасвир карда, ба хулосаи бисёр муҳимме меояд, ки бо чунин одамон муросо кардан мумкин нест. Фаттоҳро «ба хотири панҷ ҳазор нафаре, ки ӯ ба онҳо роҳбар аст» афшонда мондан даркор аст" [5, с.133]. Аз ин ҷо масъалаи ахлоқ ва хислатҳои фардии инсон ба миён меояд ва дар очеркҳо ҷанбаи бадеӣ баробари ҷанбаи публитсистӣ мавқеъ пайдо карда, онҳо ба ҳикоя наздик мешаванд, ки дар сохтори поэтикаи очерк то ба ин вақт ба чашм намерасид. Муҳаммадиев минбаъд ҳам очеркҳо таълиф намуд, ки муҳимтарини онҳо хусусияти проблемавӣ доштанд. Ин ғанои поэтикии жанр, пеш аз ҳама, ба ибтикороти Муҳаммадиев иртибот мегирад. Дар мавриди очерк ва публитсистика ҳаминро бояд афзуд, ки баёни гоҳномаӣ ва тезутундии гузориши масъалаҳо минбаъд ба диди бадеии Муҳаммадиев, яъне тамоми эҷодиёти вай хос гардида, як ҷузъи муҳимми поэтикаи осори ӯро ташкил медиҳад.

Аммо ҷанбаи инсонӣ ва ахлоқиву равонӣ бахусус дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев мавқеи муҳим дорад. Ҳаминро бояд гуфт, ки вай дар таҳаввули ғоявӣ ва ҳунарии ҳикояи тоҷикӣ саҳми муассире гирифтааст. Маълум, ки ҳикоянависӣ дар насри воқеъгарои тоҷикӣ мавқеи муҳим дошт. Ҳатто нависандае мисли Ҳаким Карим асосан ҳикоянавис буд. Ҳикоя ҷузъи муҳимми эҷодиёти Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом

Деҳотӣ ва Пӯлод Толисро ташкил медиҳад. Дигар нависандагон низ дар эҷоди ҳикоя қалами худро санҷидаанд. Зоҳиран чунин менамояд, ки дигар дар ин жанр чизе дар сохтору техникаи он дар он замон, яъне то нимаи солҳои 50, илова кардан имкон надорад. Аммо мутолиа ва таҳлили ҳикояҳои Муҳаммадиев нишон медиҳанд, ки ин жанри маъмул на танҳо имкони идома ва илова кардан доштааст, балки ба он, агар нависанда навназару боҳунар бошад, тағйир ва таҳаввули сифатӣ бахшидан ҳам мумкин будааст. Аввалин ҳикояи вай "Порчаи остин" (1956) ном дошт, ки дар мавзуи ҷосусёбӣ ва ҳодисаҳои моҷаролӣ таълиф шуда, бар сужет ва воқеабандии саргармкунанда бунёд ёфта буд. Аммо минбаъд нависанда ба эҷоди ҳикояҳои ахлоқии равоншинохтона таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, имкон меёбад, ки инсонро аз паҳлуҳои гуногуни иҷтимоиву ахлоқӣ ба тасвир гирад. Таҳлил ва тасвири олами маънавии қаҳрамонҳо сабаб ба он мешавад, ки нависанда барои ифодаи идеяи асар ҳар бор шакли мувофиқе ҷӯяд ва ба ин муваффақ ҳам мегардад, ки ин ҷӯяндагиро дар маҷмуи асарҳои ӯ равшан мушоҳида кардан мумкин аст [7]. Ибтикороти муаллиф ба шакли қолабии ҳикояи пешин, ки асосан иборат аз оғозу анҷоми воқеае ва талқини фикри иҷтимоие иборат буд, таҳлилу тасвири батафсили равонӣ, гуногунии шаклу сермаъноии паёмро илова карда, поэтикаи онро ғанӣ намуд. "Савдои умр" (1957) аз таҳлилу баррасии мушкилоти оиладорӣ, "Мактуби дӯст" (1959) аз гуфтугӯи самимии дӯстон барои рафъи камбудиҳо, "Арзамас" (1960) аз хаёлоти рангини худро мазмуни воқеӣ додан, "Роҳ" (1962) аз ташвишҳои ботинии духтар дар як сафар ва бовар ба инсон, "Суди рафиқон" (1966) аз баҳсу муҳокимаи ҳамкорон, "Сози Мунаввар" (1967) аз тасври лирикии ишқи ноком, "Даъво" (1967) аз талошу набарди зоҳириву ботинии инсонҳо, "Рӯзи дафни усто Оқил" (1968) аз таҳлили рисолати инсони ҳунарманд ва оқибати зиндагии ӯ, "Хиёбони Нодир" (1973) аз ёду ёдоварӣ аз кори неки инсони шариф, "Шаби саввум" (1973) аз ташвишҳои руҳиву равонии зани ноумедгашта, "Эй санам" (1986) аз кору кирдори инсоне, ки дар зиндагии оилавӣ хато кардааст, баҳс мекунанд. Ин ҳикоёт ҳар яке шакли жанрии хоссе доранд ва инро ҳатто аз унвони онҳо низ дарк кардан мумкин аст. Ба ин маънӣ, Муҳаммадиев ҳикоянависии тоҷикиро аз ҷиҳати муҳтаво ва шаклу поэтика як пояи тозае боло бурд.

Муҳаммадиев дар мавриди жанри қисса низ ибтикороти зиёди поэтикӣ ба амал баровардааст. Маълум, ки қолаби қисса (повест) дар адабиёти тоҷикӣ шакли тоза аст ва дар адабиёти замони шуравӣ шакл гирифтааст. Қиссаҳои нахустин ва муваффақро устод Садриддин Айнӣ таълиф кардааст. Асарҳои ӯ "Одина" (1926), "Мактаби куҳна" (1935) ва "Марги судхӯр" (1936, 1952) қиссанависии тоҷикиро асос гузоштанд. Баъд Ҷалол Икромӣ дар ин ҷода кӯшишҳо кард, вале қиссанависии вай то ибтидои солҳои панҷоҳ дар маҷмуъ муваффақ набудааст. Танҳо "Тобистон" (1961)-и Толис қиссаи тоҷикиро ба қолаби ҳирфаии жанр савқ дод. Аммо Муҳаммадиев дар ин замина ва хосса таҷрибаи Толис аз оғоз ба роҳи ибтикорот рафт. Агар дар ҳикояҳо вай ба тасвири пуртааннии таҳлилӣ мутаваҷҷеҳ аст, пас дар қиссаҳо ба омехтани шаклҳои гуногуни тасвир диққати бештар додааст. Қиссаҳо аз услуби зеҳнгароёна бештар бархӯрдор мебошанд. Ин сабки Муҳаммадиев дар қиссаи "Одамони куҳна", ки таҷрибаи аввали ӯст, ибтидо гирифта буд. Ба қавли нависанда ва мунаққиди рус А. Боршаговский розӣ шудан мумкин аст, ки мегӯяд: "Муболиға намешавад агар гӯем, ки ҳарчанд дар қиссаи "Одамони куҳна" навқалам будани муаллиф эҳсос мешавад, аммо дар маҷмуъ Муҳаммадиев ба сифати ровии ҳозирамавзуъ аз ҳамин қисса берун омада, дар имтидоди солҳо ҳам маҳорат, ҳам умқи фикр ва ҳам ҳунари тасвиргариаш равшан намудор гардид" [3, с.426]. Ҷанбаи субъективӣ дар адабиёти тоҷикӣ собиқа доштааст ва аз ин ҷиҳат, он ба ишораи дурусти адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурӣ, аз махсусиятҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ будааст. Устод Шакурӣ менависад: "Вале ҳамаи инҳо дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев ба шакли дигаре сурат бастаанд ва симои хосси эҷодии ӯ ба хубӣ намоён аст.

Гоҳо ҷанбаи субъективии эҷодиёти Муҳаммадиев ба шакли наве, ки пеш дар насри мо то ин дараҷа инкишоф наёфта буд, чунончи дар повести "Одамони куҳна" (1962) ба ранги юмори лирикӣ зуҳур кардааст" [14, с.96]. Аммо дар мавриди қисса назари аҳли нақд гуногун аст. Р. Ҳодизода ва ҳам А. Сайфуллоев, ки ба эҷодиёти Муҳаммадиев таваҷҷуҳи зиёд доранд ва андешаҳои арзишманди зиёде изҳор доштаанд, бар ин ақидаанд, ки қаҳрамони қиссаи мазкур "назар ба пирамардон пассив" [9, с.131] "камфаъолият тасвир ёфтааст" [12, с.73]. Аммо ба фикри мо дар ин маврид набояд аз камбудии қаҳрамони асосӣ сухан гуфт.

Зеро ин ҷо нияти асосии муаллиф ҳам дар нишон додани таҳаввули маънавию ахлоқии ӯст, ки одамони ботаҷриба ва ҳассоси зиндагидида дар ин ҷараён нақши муҳим мебозанд. Аслан худи қаҳрамон дар ҷараёни ҷӯяндагӣ тасвир шудааст ва ба ҳар падидаи зиндагӣ ва ба худ низ бо назари таҳқиқ муносибат мекунад, ки дар натиҷа сабаби гуногунии шакли тасвир низ гардидааст. Ҳамин тавр, дар қиссаи "Дар он дунё" (1965) ҳам омезиши сабку шаклҳои тасвир сифати хосси поэтикаи асарро ташкил намудааст. Ҳатто Мирзо Турсунзода жанри асари мазкурро "повести публитсистӣ" [11, с.4], аммо аксари муҳаққиқон, аз ҷумла А. Макаров [4, с.16] онро қиссаи ҳаҷвӣ донистаанд, ки гувоҳ аз тозагии қолаби адабии он мебошад. Дар дигар асарҳои нависанда низ гуногунии шакли тасвир ба чашм мерасад. Дар онҳо ҷанбаҳои моҷаролӣ, публитсистӣ бо тасвири ҷиддии воқеъгароёна ва равонковона як таркиби хосси бадеиро шакл додаанд. Ҳатто дар қиссаҳои охирини вай "Шоҳии япон" ва "Варта", ки тасвир воқеъгароёна ва нақл аз забони шахси сеюм аст, сужети моҷаролӣ ва саргармкунанда мавқеи муайян дошта, чун як ҷузъи зиндагии қаҳрамонон ва доираи таваҷҷуҳи онҳо зоҳир мешавад. Дар романи "Палатаи кунҷакӣ" (1974) низ ин ғанои сабку шакл бо нигориши публитсистии тезутунд хосияти нақли нависанда ва поэтикаи ӯро муайян кардааст. Ҳаминро афзудан лозим аст, ки ин ҷусторҳои нависанда ҳама барои равшану муассир ва воқеан, бадеию табиӣ баён кардани паёми нависанда ба кор гирифта шудаанд ва барои серғунҷоиш шудани мазмуни ғоявӣ ва шакли ин осор имконият фароҳам овардаанд.

Ҳамин тавр, ибтикороти Фазлиддин Муҳаммадиев дар поэтикаи жанр ва шаклу сабк бисёр муҳим буда, аз ин ҷиҳат насри тоҷикиро ғанӣ намудааст. Аммо навовариҳои нависанда бо ин хатм намеёбад. Он дар пайи худ дар тору пуди асар, хосса ба кор гирифтани сужет низ тозагиҳо ворид намудааст. Аз он сабаб, ки диди эстетикии нависанда сертаркиб аст, бинобар ин, дар истифодаи сужет низ дар осори вай рангорангӣ ба назар мерасад ва инро низ аз хусусияти поэтикаи ӯ ба шумор овардан мумкин аст. Чунонки дар боло гуфтем, эҷодиёти Муҳаммадиев бо таълифи очерк ибтидо ёфтааст ва дар тамоми давраи эҷодиёташ очерку мақолаҳои публитсистӣ ва илмиву ёддоштии зиёд навиштааст, ки дар маҷмуаи "Дӯстон тоҷи сар" [6] қисман гирд омадаанд. Ин ҳам маълум аст, ки дар замони ба арсаи эҷод омадани нависанда очеркнависӣ чи дар собиқ шуравӣ ва чи дар Тоҷикистон хеле ривоҷ дошт ва ба воситаи тадқиқи масъалаҳои мубрами зиндагӣ ва одамони даврон табдил ёфта буд. Ин амали нависанда ба кори вай дар рӯзнома низ иртибот мегирад ва нишонаи муносибати наздики вай ба ҳаёт ва шинохти одамони ҳамзамон гардидааст.

Ба ин маънӣ, дахолати ҷиддӣ ба умдатарин масъалаҳои рӯзгор барои нависанда бисёр муҳим аст. Барои Муҳаммадиев руҳи замонавии асари бадеӣ меъёри робитаи адиб ба ҳаёт, дахолати ҷиддии нависанда ба ҳаёт ва муайянкунандаи хусусияти ғоявию-бадеӣ ва поэтикаи нависанда мебошанд. "Руҳи замон ва набзи ҳаёт аз муносибати нависанда ба воқеият гувоҳ аст" [6, с.399], - изҳор медорад нависанда. Ва ҳамин андеша барои ӯ ба яке аз дастурҳои хосси эҷодӣ табдил ёфта, дар асарҳояш гоҳ ошкор ва гоҳи дигар дар тору пуди тасвир ноаён ба зуҳур меояд. Ҷанбаи публитсистӣ бахусус дар ҳикояҳои ҳаҷвӣ, қиссаҳо ва романи "Палатаи кунҷакӣ» мавқеи муҳим дорад. Он аввал дар гузориши масоили муҳим ва доғи ҳаётӣ ифода меёбад (очерку мақолаҳо); гоҳи дигар дар тезутундии кулли проблемаи асар ва бархӯрдҳои афкору андешаи мухталиф (қиссаҳои "Одамони куҳна", "Зайнаббибӣ", "Дар он дунё" ва романи "Палатаи кунҷакӣ") пайвастагии ҷиддӣ дорад; дар мавриди дигар ҳузураш умуман дар асосу бунёди асари таҳлиливу равонӣ (қиссаҳои "Шоҳии япон" ва "Варта) низ эҳсос мешавад. Дар ҳар маврид ҷанбаи публитсистии нақл ва гузориши масъалаҳо ба поэтикаи асарҳои мазкур тароват ва таҳрик бахшида, қабулашонро осонтар ва иштироку ҳамроҳии хонандаро дар муҳтавои онҳо таъмин менамояд (ҳарчанд он ба тадқиқи ҷиддии бадеӣ гоҳо монеа ҳам эҷод мекунад). Дар ниҳоят бояд бигӯем, ки чунин тарзи ба кор гирифтани чандҷиҳатаи сужет ва гузориши публитсистӣ дар насри тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ҳодисаи нав мебошад.

Чун сухан аз поэтикаи сертаркиби Муҳаммадиев рафт, пас бояд ёдовар шавем, ки ба асарҳои ӯ тасвири ҳаҷвӣ ва омехта, юмори лирикӣ, нақлу ривояти ҷиддии равоншиносӣ низ хос мебошад. Масалан, дар ҳикояҳои ҷиддии вай сужети таҳлилии равонковона ва гоҳо лирикӣ хос аст ва дар ду қиссаи охиринаш ("Шоҳии япон" ва "Варта") поэтикаи ривоятгарии таҳлилӣ ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Аммо дар дигар қиссаҳо низ дар канори ривоятгарии таҳлилӣ, гоҳо юмори лирикӣ ("Одамони куҳна") ва гоҳи дигар

истифодаи фаровон аз ҳаҷви сахту сухани киноӣ (“Дар он дунё”) мавқеи муҳим пайдо намудаанд. Ҳамчунин, гоҳе ин ҳама, масалан дар романи “Палатаи кунҷакӣ”, дар як таркиб омадаанд ва дар маҷмуъ хосияти умумии поэтикаи нависандаро ифода менамоянд. Ба қавли адабиётшиноси маъруф Муҳаммадҷон Шукуров (М. Шакурӣ) “тадқиқи бадеии Ф. Муҳаммадиев дар ин роман бештар ҳам тадқиқи тасвирӣ ва ҳам тадқиқи таҳлилист... Ин кӯшиши ӯ бунёди таҳлилии романи тоҷикро мустаҳкам кард” [15, с.182-183]. Чунон ки адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ мушоҳида кардааст, Ф. Муҳаммадиев ба наср «ровиеро ворид сохт, ки дар зинаи муайни ташаккули мавънавию ахлоқист, …ба худаш, ба ҳамзамонон ва рӯйдодҳои ҷомеа… бо назари арзишдиҳанда менигарад, на танҳо мушоҳидакор аст, балки қазоваткунандаи худ ва ҳам дигарон мебошад» [8, с.149]. Аслан бисёр навовариҳои поэтикаи нависандаи алоҳида ба чигунагии хусусияти ровии осори вай иртиботи мустақим доранд ва қазияи мазкурро адабиётшиноси бузурги рус М. Бахтин муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки мо методологияи таҳқиқи ӯро бар асоси пажуҳиш қарор додем [2].

Ҳамин тавр, дар ниҳоят ба чунин натиҷа мерасем, ки Фазлиддин Муҳаммадиев дар насри тоҷикии нимаи дувуми асри ХХ чи дар мазмуну муҳтаво, чи дар тасвири инсон ва аз ҳама муҳимтар, дар сохтори поэтикии осори адабӣ навовариҳои ҷиддие ба амал бароварда, поэтикаи серсадо ва сертаркиберо асос гузошт ва онро аз ҳайси кайфияти тасвири бадеӣ ба марҳалаи тозае боло бурд. Таҳқиқи батафсили ин мавзуъ метавонад барои пажуҳиши таҳаввули поэтикии насри воқеъгаро ва ғанои он барин масъалаи бисёр муҳимми адабиётшиносӣ мусоидат намояд.

Муқарриз: ***А.Набавӣ*** – н.и.ф., ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бақозода, Ҷ. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт / Ҷ.Бақозода. – Душанбе, 2009. – 302 саҳ.
2. Бахтин, М. Проблемы поэтики Достоевского / М.Бахтин. – Санкт-Петербург: Азбука-классика, 2019. – 416 с.
3. Борщаговский, А. Увидеть своими глазами / А.Борщаговский // Фазлиддин Мухаммадиев. Избранные произведения. В 2-х томах. Том 2. Повести. Рассказы и очерки. Перевод с таджикского. сост. Ш. Ниязи. Послес. А. Борщаговского. – М.: Худож. лит. 1988. – 447 с.
4. Макаров, А. Преисловия к повести Ф. Мухаммадиева О великом хаджже / А.Макаров // Дружба народов, 1967. - № 3.- С.15-16.
5. Муҳаммадиев, Ф. Муҳоҷирон / Ф.Муҳаммадиев. – Сталинобод, 1959. – 192 с.
6. Муҳаммадиев, Ф. Дӯстон тоҷи сар / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.
7. Муҳаммадиев, Ф. Куллиёт иборат аз панҷ чилд. Ҷ.1. / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1990. - 384 с.
8. Набавӣ, А. Ҷустурҳо ва ибтикорот дар насри муосир / А.Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.
9. Сайфуллоев, А. Тафаккур ва образ / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 168 с.
10. Табаров, С. Очерк ва ҳикоя – жанри ҷанговари насри имрӯзаи тоҷик / С.Табаров // “Ҳаёт, адабиёт, реализм”. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 323 с.
11. Турсунзода, М. Ҳаёт устоди беҳтарин аст / М. Турсунзода // Садои Шарқ, 1965. - № 11. - С.4.
12. Ҳодизода, Р. Насри ҷавони тоҷик / Р.Ҳодизода // Шарқи сурх, 1963. - № 1. - С.69-81.
13. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шакурӣ. - Душанбе, 2006. – 456 с.
14. Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.
15. Шукуров, М. Насри солҳи 1945-1974 / М.Шукуров // Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 1У. – Душанбе: Дониш, 1980. - 384 с.

ИБТИКОРОТИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ ДАР ПОЭТИКАИ НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаи навовариҳои поэтикии Фазлиддин Муҳаммадиев дар заминаи таҳаввули насри воқеъгаро аз назар гузаронида мешавад. Адабиёти тоҷик маҳз аз ибтидои асри ХХ дар заминаи тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангӣ ба роҳи тасвири воқеъгаро даромад. Муаллиф кӯшиш мекунад, ки навоварии нависандаро дар ғанои поэтикаи наср дар заминаи ҳамин навовариҳо дар наср, ,яъне дар муқоиса бо осори С. Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар мисоли таҳлили жанрҳои осори Муҳаммадиев – очерку публитсистика, ҳикоя, қисса ва роман ин навовариҳои муаллифро равшан намояд. Маълум аст, ки жанр аз унсурҳои асосии поэтика ба шумор меравад ва он воситаи ифодаи мақсади нависанда мебошад Муҳаммадиев дар ин масъала фаъолона, навовариҳои ҷолибе ворид кардааст. Ҳамчунин, поэтикаи сужет ва таҳкияву ривоятгарӣ мавриди баррасист. Сужет дар поэтикаи Муҳаммадиев асосан дар омехтагӣ омада, як таркиби бадеиро ташкил намудааст. Дар маҷмуъ, муаллиф кӯшиш кардааст, ки омилҳои шаклгирӣ ва ғанӣ шудани поэтикаи хосси Муҳаммадиеро, ки хусусияти сертаркиб ва полифонӣ дорад, муайян карда бошад.

Калидвожаҳо: насри бадеӣ, поэтика, таҳаввули поэтикӣ, поэтикаи нависанда, навоварӣ, мундариҷа ва шакл, ҳикоя, қисса, роман, публитсистика, ҳаҷв.

НОВАТОРСТВО ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА В ПОЭТИКЕ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПРОЗЫ

В статье рассматривается вопрос о поэтических новациях Фазлиддина Мухаммадиева в контексте развития прозы. Таджикская литература стала изменяться в контексте политических, социальных, духовных и культурных событий с начала XX века. Автор пытается проанализировать в этом контексте новаторство писателя в поэтике прозы, в основном сопоставляя его с произведениями С. Айни, Джалола Икроми, Хакима Карима, Рахима Джалиля, Пулода Толиса. В статье исследуются основные жанры произведений Мухаммадиева - очерки, публицистика, рассказы, повести и романы. Известно, что жанр является одним из основных элементов поэтики и средством выражения замысла писателя, и в этом вопросе Мухаммадиев активно вводил интересные новшества. Также рассмотрению подлежит поэтика сюжета и повествования. Сюжет в поэтике Мухаммадиева в основном смешанный и образует художественную композицию. В целом, автор попытался определить факторы формирования и обогащения поэтики Мухаммадиева, имеющей сложный и полифонический характер.

Ключевые слова: художественная проза, поэтика, поэтическое развитие, поэтика писателя, новаторство, содержание и форма, повесть, роман, публицистика, сатира.

INNOVATIONS OF FAZLIDDIN MUHAMMADIEV IN THE POETICS OF MODERN TAJIK PROSE

The article deals with the issue of poetic innovations of Fazliddin Muhammadiev in the context of the development of prose. Tajik literature began to describe the situation in the context of political, social, spiritual and cultural changes from the beginning of the 20th century. The author tries to compare the writer's innovations in the poetics of prose in the context of these innovations in prose, comrades Aini, Jalal Ikromi, Hakim Karim, Rakhim Jalil, Polod Tolis will analyze and clarify the author's innovations on the example of the analysis of the genres of Muhammadiev's works - essays, journalism, stories, short stories and novels. It is known that the genre is one of the main elements of poetics and is a means of expressing the writer's intention, and in this matter Muhammadiev actively introduced interesting innovations. The poetics of the plot and narration is also subject to consideration. The plot in Muhammadiev's poetics is mostly mixed and forms an artistic composition. In general, the author tried to determine the factors of formation and enrichment of Muhammad's poetics, which has a complex and polyphonic character.

Key words: artistic prose, poetics, poetic development, writer's poetics, innovation, content and form, story, novel, journalism, satire.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Курбонова Фарзона Мироновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, докторанти Ph.D-и шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **farzonamiron@gmai.ru.** Тел.: **(+992) 918-45-00-24**

Сведения об авторе: ***Курбанова Фарзона Мироновна*** - Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ, докторанти Ph.D отделения современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **farzonamiron@gmai.ru.** Тел.: **(+992) 918-45-00-24**

Information about the author: ***Kurbanova Farzona Mironovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, doctoral Ph.D student of the Department of Modern Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **farzonamiron@gmai.ru.** Phone: **(+992) 918-45-00-24**

УДК: 891.554

АҚИДАҲОИ АХЛОҚИЮ ТАРБИЯВӢ ДАР НАЪТҲОИ МУҲАММАДҲУСАЙНИ ҲОҶӢ

Ҷӯрахонова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ маъруф бо номҳои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ё Муҳаммадҳусайни Ҳоҷии Хатлонӣ яке аз суханварони ориф, мутафаккир, соҳибфазилат ва шоири сухансанҷу нозукбаён мебошад, ки дар таърихи адабиёти тоҷик шарафёби мақом ва манзалати хос гардида, осори рангину арзишмандаш мазраи дилҳоро шодоб ва наслҳои зиёдеро тарбият намуда меояд. Аз мутолааи осори гаронбаҳояш маълум мегардад, ки Муҳам-мадҳусайни Ҳоҷӣ ба мавзуи ахлоқию тарбиявии қишрҳои гуногуни ҷомеа майли фавқулода зоҳир намудааст. Албатта, дар бораи аҳамияти адабӣ ва маҳорати шоирии Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ мақолаю китобҳои зиёде офари-да шудаанд, ки аз хидмати бузургу мондагори ин шоири мутафаккир гувоҳӣ медиҳанд.

Дар миёни осори бузурги Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ жанри наът низ мав-қеи марказӣ дорад, ки омӯзиш ва муаррифии онҳо барои ҷомеаи мо аз ҳар ҷиҳат арзишманд ба шумор меравад. Ин осор аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои поэтикӣ намунаи барҷаста ба шумор рафта, як бахши умдаи ашъори ӯро фароҳам меорад. Бинобар ин, мо ҳадаф гузоштем, ки ин бахши муҳимми ашъори «шоири рангинхаёл» Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, ақидаҳои ахлоқию тарбиявии шоирро дар жанри наът муаррифӣ намоем. Албатта, дар доираи маҳдуди як мақола наметавон паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъро равшан намуд. Бинобар ин, мақолаи мазкур кӯшише дар муаррифии мавзуи дар пешгузошта буда, то андозае равшан намудани маҳорати шоири тавонову рангинхаёли охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Муҳаммадҳусайни Ҳоҷии Кангуртӣ ба шумор меравад.

Наът калимаи арабӣ буда, ба сифату васф, таърифу таҳсин далолат мекунад. Наът чун сиғаи исми фоилу мафъул низ дар забони арабӣ исти-фода мешавад, ки ин ҷиҳат аз ҳадафи мақола берун аст.

Наът асосан барои тавсифу дуруд ва корнамоии паёмбари Ислом Ҳазрати Расули Акрам (с) истифода мешавад. Сарчашмаи наът адабиёти араб бошад ҳам, дар адабиёти тоҷику форс истифодаи фаровон ва хусусият-ҳои миллии худро доро аст. Аз таҳқиқи адабиёти араб бармеояд, ки нахустин падидаҳои зуҳури наът дар ашъори шоирони араб Ҳассон ибни Собит, Каъб ибни Молик ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа зуҳур кардааст. Яъне нахустин шоироне, ки аз дини Ислом ва Расули Акрам (с) ҳимоя кардаанд, шоирони зикршуда ба шумор мераванд. Ба қавли адабиётшиноси маъруф Мирзо Солеҳов «яке аз нахустин эҷодкороне, ки сидқан ойини ислом ва Расули Акрамро (с) васф кардааст ва ба ин восита бунёдгузори наът ё қасо-иди наътия шудааст, Ҳассон ибни Собит (562-672) мебошад» [16, с. 85]. Аз ин рӯ, Ҳассон ибни Собитро дар таърихи адабиёти араб шоири Расул (с) номидаанд, ки падидаи мазкур аз сидқи суханвар ба ислом ва Пешвои он шаҳодат медиҳад.

Ин падида оғози бавуҷудоии жанри махсусе дар адабиёт гардид ва дар солҳои баъд ба адабиёти тоҷику форс интиқол ёфт. Албатта, дар мавриди фарқи наътҳои шоирони араб аз шоирони тоҷику форс метавон мавриди дигар ёдовар шуд.

Наът дар ашъори шоирони классики тоҷик, аз ҷумла вопасин орифи тоҷик Муҳаммадҳусайни Ҳоҷии Кангуртӣ на танҳо ҳамчун баёни ахлоқи ҳамида, гуфтори шоиста ва сирати улвии Ҳазрати Расули Акрам (с) маъ-рифат мешавад, балки ҳамчун як жанри ҳунарӣ, ки маҳорати шоирро дар офаридани арзишҳои волои инсонӣ мушаххас менамояд, шинохта мешавад. Мақсади асосии ин жанри маъмули адабиёти гузаштаи тоҷик аслан панду ахлоқ ва тарбияву таълими инсон аст, ки бо ҳадафи адабиёти бадеӣ тавъам аст. Агар дар дигар жанрҳои суннатӣ, масалан қасида, ғазал, рубоӣ ва ғайра ин ҳадаф ҳамешагӣ набошад, дар жанри наът ҳамешагӣ ва гуфтан мумкин аст, ки ҳадафи асосии шоир ба шумор меравад.

Тавре таъкид рафт, наът як бахши умдаи ашъори шоири рангинхаёл Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро ташкил медиҳад. Дар «Куллиёт»-и (1998) Муҳаммадҳусайни

Ҳоҷӣ дар ҳамаи навъҳои шеърӣ метавон наътро ба мушоҳида гирифт. Аз ҷумла, дар достони «Комде ва Мадан» 525 байтро наът ташкил медиҳад, ки ҷолиби диққат аст. Аз ғазалиёти шоир, ки теъдодашон ба 274 адад мерасад, 12- тои он наът мебошад. Жанри рубоӣ низ дар эҷодиёти шоир зиёд аст, дар ин миён 7- тои он наът мебошад. Як мусаммати мухаммас (55 байт) ба Расули Акрам (с) бахшида шудааст. Дар манзумаҳои «Дабистони ибрат» 183 байт, «Василат- ун- наҷот» 84 байт вас-фу ситоиши Расули Акрам (с)-ро дарбар мегирад. Ин ашъор дар баробари он ки муҳаббати самимии шоирро ба ин шахсияти бузурги таърихӣ равшан намояд, боз ҳадафи ӯ, ки зиндагии шоистаи банӣ- башар аст, дар мисоли ахлоқ ва тарбияи Расули Акрам (с) барои рӯзгори мо мояи ибрат ва омӯзиш мегардад. Ин ҳадафи шоир ба тарбияи банӣ- башар иртибот мегирад, ки аз ҳадафҳои олии ҳар эҷодкори асил аст. Тарбия ҳамчун категорияи муҳимми ахлоқӣ дар меҳвари ҳастии инсон қарор дорад. Маҳз тарбия аст, ки ба ҳар як фард барои фаъолона зистан ва дар ҷомеа мавқеи шоиста доштану соҳиби хислатҳои ҳамида будан замина фароҳам меоварад. Ин замина наметавонад устувору побарҷо бошад, дар сурате ки мо аз мероси таърихии миллатамон огоҳӣ надошта бошем. Барҳақ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нуктаи муҳимро, ки сабаби мавҷудияти ҳар миллат дар замони буҳронҳост, бисёр амиқ ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлол таъкид намуда, мегӯяд: «Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати худ огоҳии нисбатан пурра медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мегирифтем, шояд туфони офатбори ҷанги граждани, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Охир як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагонамон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад» [14, с.5].

Воқеан ҳам, бидуни огоҳӣ аз мероси таърихӣ наметавонем ба дастовардҳои арзишманд, аз ҷумла дар самти тарбияи инсони комил ноил гардем. Аз ин ҷост, ки аҳли илму адаби тоҷик аз аҳди бостон ба ин масъалаи мубрам таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир кардаву бо осори муҳтавоманду корагари хеш дар тарбияи аҳли ҷомеа хидмати шоиста кардаанд. Осори арзишманди вопасин орифи тоҷик Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ низ яке аз офаридаҳои корагару муҳтавоманди мост, ки то имрӯз ин рисолати арзишмандро ба уҳда дорад. Метавон ин нуктаро махсус таъкид намуд, ки тору пуди ашъори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро ақидаҳои ахлоқию тарбиявӣ фароҳам овардааст ва барои тарбияи банӣ башар аз ҷумлаи сарчашмаҳои муҳим ба шумор меравад.

Наът дар луғат ба маънои васфу ситоиши хислатҳои нек ва сифатҳои касе ё чизе ба некӣ омадааст. Дар истилоҳи адабӣ навъи шеъреро, ки дар он ақли баланду расо, зебоии бемисл, иқтидори писандида, ахлоқи воло, гуфтори ҳидоятгари Расули Акрам Муҳаммад (с) ситоиш мешавад, наът меноманд. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ барои фаҳм ва баёни ин хислатҳои писандида каломи бадеъро воситае медонад, ки ба онҳо умри ҷовидона медиҳад. Шоир ба воситаи наътҳои худ, тавонистааст ахлоқи ҳамида, ақли баланду расо, зебоии бемисл, иқтидори фавқулода, сифатҳои писандида ва гуфтори ҳидоятгари Расули Акрам (с)-ро ба риштаи назм бикашад:

Эй рӯйи ту ойинаи анвори Худо,
З-он руст қасам ба шамс ҳангоми зуҳо.
Ҳастем низору рӯсияҳ чун мӯят,
Уммед, ки мӯю рӯ нагарданд ҷудо [19, с.343].

Дар таълимоти тарбиявӣ-ахлоқии Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ, дар ҷойи аввал ақл меистад, ки он ҷавҳари хираду дониш аст:

Гар руҳи ту аз ҷавҳари ақл аст хирадманд,
Ҷуз рамзи ҳақиқат дигар андешае мапсанд,
Бар ҳастии зоту адами хеш назар банд.
Таҳқиққамолон ҳама карданд ҳамин панд,
Аз доираи фаҳм чаро пой кашидан? [19, с.277].

Шоир ба хонанда панд дода гуфтанист, ки агар руҳи ту (инсон) аз ҷавҳари ақл хирадманд аст, яъне қобилияти дарк карданро дорад, бояд ба ғайр аз ҳақиқат дигар андешаеро написандӣ, зеро ҳамаи олимону хирадмандон, ба қавли шоир «таҳқиққамолон» меъёри санҷиш ақлро қарор дода-анд ва бо он ба зиндагӣ нигаристаанд. Зарурате нест, ки

инсон аз доираи ақлу фаҳм берун шавад. Агар инсон аз ин доира берун шавад, ба хурофоту зиёдаравӣ роҳ медиҳад. Яъне, Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ба хилқати Одам (а) ишора дорад, ки илми Худованд аст, ки бо офаридани ин дунё мехоҳад махлуқи аз ҳама баландмартабаашро санҷиш намояд, ки оё хирадро, то чӣ андоза дар ҳаёти худ истифода карда метавонад!? Шоир дар банди дигари мусаммати мазкур дунёро нусхае аз асрори камоҳӣ ва оғози ирфони шуюноти Илоҳӣ маърифат мекунад. Яъне, муқаддимаи донишу маърифат ба ҳақиқати динӣ расиданро тарғиб мекунад, ки ба ҳастии Худованд бовар кардан ҳастии Ӯро ба ин восита дарк ва қабул намудан аст. Агар инсон таҳқиқкунанда, ҷӯяндаи ин илм бошад, пас дарк менамояд, ки аз нуқтаи наздиктарини замин то ба Моҳ равшантарину тобонтарин аст. Ҳар як зарраи хурдтарин ба ҳастии ин дунёи бекарон ва Худованд шоҳидӣ медиҳад. Вале ҳайф аст, ки инсон ин нукотро ба чашми ибрат набинад:

Одам чӣ бувад? Нусхаи асрори камоҳӣ,
Дебочаи ирфони шуюноти Илоҳӣ,
Таҳқиқи назар ҳаст гар аз Моҳ ба моҳӣ,
Ҳар зарра бар он олами маънист гувоҳӣ,
Ҳайф аст ба ибрат ба чунин ҳол надидан [19, с.277].

Оини муҳаммадӣ, ки чун ислом пазируфта шуд, бешубҳа, сабаби интишор ва инкишофи жанри наът гардид. Аз он ки завқу афкори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ба оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ва устураҳои мазҳабӣ печида буд, бештар вақт андешаҳои худро дар наът низ инъикос намудааст. Яъне, маҳорати истифодабарии оёти қуръонӣ ва иқтибоси аҳодис ва санъати талмеҳ дар жанри наът ҳунари фарогири шоирро аз фунуни исломӣ нишон медиҳад. Ҳарчанд ки аксари шоирони классики салаф аз даврони туфулият ба синни булуғ то андозае каломи Раббониро дар хотир ҷой медоданд ва баробари улуми сарфию наҳвӣ ва фиқҳӣ сунану сияри набавиро меомӯхтанд, на ҳамаи онҳо дар бархӯрд яксон буданд. Хоссатан, дар вазни шеърӣ, иқтибос ё ҳал кардани оёт камтар шоирон истеъдоди баланд зоҳир кардаанд. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ аз ҷумлаи он шоиронест, ки дар ин мавзуъ қареҳаи махсуси шоирӣ дорад ва дар миёни хоссу ом бо ин мавзуъ ҳанӯз дар замони зиндагӣ шуҳрат дошт. Шинохти шахсияти Расули Акрам (с) ва суханҳои ҳикматомӯзи ӯ замина гардидаанд, ки Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ҳамчун шоири бомаҳорати наътсаро дар ҳаллу талмеҳи корномаи ҳидоятгари Паёмбари Ислом (с) ҳунарнамоӣ кунад:

Эй маҳфили шаръро ту мисбоҳ,
Парвонаи шамъи туст арвоҳ.
Таркиби туро зи ҷон сириштанд,
Ҷон зинда ба ту, ту руҳро роҳ.
Аз накҳати зулфи анбаринат,
Бар дил бидамад насими саббоҳ.
Тавсифи туро ба хушнавойӣ
Булбул бикунад масову асбоҳ.
Халқе ба дарат нишаста саф-саф.
Бо бори гунаҳ барои ислоҳ.
Масҷуди малак сафе аз он шуд,
Нури ту намудааш дар ашбоҳ.
Мусо ба дари ту чӯбдоре
Исот табибу Нуҳ маллоҳ... [19, с.358].

Шоир дар ҷойи дигари мухаммас, ки ақидаҳои ахлоқию тарбиявиро дар бар мегирад, ба мансабдорону соҳибмулкони замони худ гӯшзад намуда, гуфтан мехоҳад, ки ҳарчанд вазифаи арбоби давлат ба шумо муфт дастрас гардида бошад ҳам, дар баробари ин, адлу инсофро пешаи худ намоед, ҳеҷ гоҳ нисбати мардуми фақиру нодор сахтгиру зиёнкор набошед, аз нодонию сафсатагӯйии худ чун ҷоҳилону бехирадон ба мисли мори афъӣ заҳрзанандаи ҷамъият набошед. Дар ин байтҳо шоир аз санъати ташбеҳ бисёр хуб истифода намуда, адоти ташбеҳ дар абёти зерин чу мебошад, ки инсони золимро ба мори афъӣ монанд кардааст.

Муфт аст туро пешаи арбоби адолат,
То бадр ба нуқсон надиҳад арзи камолат,
Тамҳиди дақоиқ макуну фикри залолат,
Аз ҳарзалабӣ то накунӣ ҳарфи ҷаҳолат,

Бас заҳр чу афъӣ диҳӣ аз заҳр чашидан [19, с.277].

Дар достони «Комде ва Мадан» шоир дар васфи илми Ҳазрати Муҳам-мад (с) чунин баён кардааст:

Радифи Мустафо, дарвозаи илм,
Ҷаҳон пур шуд аз ӯ овозаи илм [19, с.402].

Шоир, нафси саркашро дар достони «Комде ва Мадан» дар пояи баланди шоири касбӣ ба ришгаи назм кашидааст, ки хонандаи худро барои панд гирифтан ҳидоят менамояд.

Ало, эй нафси бадкирдор, чунӣ,
Ки нангу ор дорӣ аз забунӣ?
Чу Шайтон зодайӣ бо хӯйи саркаш,
Баландӣ хоҳиши табъат чу оташ.
Тараққи пешаву атвор дорӣ,
Чу гардун аз таназзул ор дорӣ.
Гаронат гӯшу кирдорат фазиҳат,
Қабулат нанг дорад аз насиҳат.
Ба бозори ҷаҳон бо доми тазвир,
Сайёде ҳастӣ, анбои замонгир.
Ридопече, кулоҳу жандапӯше,
Сухансанҷеву мавъизафурӯше.
Маориф гӯйиву ҳикмат намойӣ,
Баён фармойӣ з- аҳкоми худойӣ.
Ба дому донае найранг бозӣ,
Ҳама мардум ба қайди хеш созӣ [19, с.417].

Нафси саркаш, аз нуқтаи назари Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ бадкирдорист, несткунандаи дилхушиву хушбахтиҳост. Шоир дар ин достон аз санъатҳои маънавӣ бисёр хуб ва бомаврид дар ҷойи худ истифода намудааст. Дар ин байтҳо ташбеҳ табъ – монандшаванда, оташ – монандкунанда ва чу ёридиҳандаи монандӣ мебошад Шайтон аломати монандист. Ба мисли Шайтон саркашу ба монанди оташ вайронкор аст. Ба мисли сипеҳр аз пастравӣ ор намудаю гӯшаш вазнину рафтораш расвоист. Панду насиҳатро намепазирад. Дар тамоми ҷаҳон шахсони пайрави нафси бад барои ба мақсад расиданашон тамоми ҳиллаву найрангро пеш мегиранд. Онҳо ба мисли шикорчиёне ҳастанд, ки мехоҳанд даруни кӯлвори хурдашон тамоми дунёро дохил намоянд, ҳарчанд ин имкон надорад. Шоир дар ин байтҳо аз муболиға бо як маҳорати баланд истифода намудааст. Адиб бо ин тарзи тасвир баднафсии одамонро ба хонанда нишон додан мехоҳад, ки чунин шахсон дар ҳама давру замон мавҷуданд. Шоир дар байтҳои дигар нафси шахсонеро дар назар дорад, ки дар назди мардум ҷомаю кулоҳ ва либосҳои куҳнаву даридаро ба бар намуда, бо як тарзе суханронӣ аз илму маърифат, ҳикмат ва панду андарзҳое менамоянд, ки мардумро ғафлатзада ва ба доми худ гирифтор намоянд, ки раҳоӣ аз он барои мардуми одӣ мушкил мебошад. Агар мо пойбанди ҳавову ҳавас ва нафси бади хеш бошем, пас нафси шум инсонро то ба гӯр думболагирӣ мекунад. То хоки лаҳадро ба чашмони чунин нафарон напошанд, онҳо пайи орзуҳои ботили хеш дар ин дунё равонанд. Нафси инсонӣ аз ҳеҷ чизи дунё серӣ надорад. Танҳо хоки гӯр чашмону нафси саркаши онҳоро аз ин дунё сер карда метавонад.

Ба ҳар ҷо кулфату ғам офариданд,
Насиби ҷони Одам офариданд
Баҳор аз хоки мо файзе бибардор,
Ки ин турбат мукаррам офариданд.
Гули ин гулситон ранге надорад,
Хазон аст он ки хуррам офариданд.
Набошад беҳтар андар мулки имкон
Аз ин ҳайкал, ки одам офариданд.
Адамро бо вуҷуди эътиборе,
Чу нуру соя ҳамдам офариданд.
Магӯ дар пеши мо аз боғи Ризвон,
Аз он ҷоям ба олам офариданд.
Чи фахрӣ бо матои дуни дунё,
Ки ӯро аз бадӣ кам офариданд.

Зи шавқи сақдааш, Ҳоҷӣ, зи ҳоҷиб
Ҷабинамро муқаддам офариданд [19, с.119].

Мавзуи ғазали мазкур, ки пурра ақидаҳои ахлоқию тарбиявиро матраҳ намудааст, барои хонанда як маънои сеҳрофареро ба вижагӣ баён менамояд. Дар ин байтҳо шоир фалсафаи зиндагиро бо тамоми рангорангию камию костагиҳояш ба хонанда пешкаш намудааст, ки бо баёни мавзуи ин ғазал Ҳоҷӣ Ҳусайн хонандаи худро ба сайри таърихи куҳан аз оғози офариниши ин гетӣ ва замони падарамон Ҳазрати Одам (ъ) то замони зиндагии имрӯзаи мо, ки бо шинос шудан бо мавзуи ин ғазал пурра дарк карда метавонем, шоир ба хонандаи худ чӣ гуна тез гузаштани умр ва чӣ қадар васфи баҳори дилнишинро бо ҳама зебоиҳояш хубу дилрабо буданҳояшро бо як барҷастагӣ баён намудааст. Зиндагии имрӯзаи моро, ки хушиҳояшро ба баҳори сабзу хуррам ва нуқсону норасогиҳояшро ба хазонрезии фасли тирамоҳ монанд кардани шоир аз санъати баланди эҷодии ӯ дарак медиҳад, ки дар ин байтҳо санъати ташбеҳро барҷаста истифода намудааст. Дар баҳорон шоир ба он ишора менамояд, ки аз хоки гузаштагоне, ки ин қадар мукаррам буданд, файзу баракате бибардор, яъне марг ва турбати шахсони бомаърифат бароямон пандпазир бошад, шояд, ки ту аз онҳо ибрат гирифта бошӣ ва пайрави роҳи росту дурусти онҳо бигардӣ. Гулҳои гулистон бо рангу бӯй ва зебоиву муаттар буданашон, албатта, ки боз хазонро мебинанд, чуноне ки инсоният пас аз хушбахтиҳо боз мубталои ғаму андуҳ мегардад, инсоният дар зиндагии худ ду айёмро аз сар мегузаронад, яке ҷавонию мастӣ, дигаре пирию пастӣ.

Он қудрату тавоноие, ки Худованд дошт, дар ин ҷаҳон аз он ҳайкале, ки сохта буд, яъне ба Ҳазрати Одам (ъ) ишора намуда, шоир дар ин ҷо аз санъати маънавӣ, яъне ташбеҳ бисёр хуб истифода намудааст, ки мақсадаш Ҳазрати Одам (ъ) буд.

Дар байтҳои дигар нестию нобудии ин оламро бо вуҷуди ин қадар эътибор доштанаш бо нури он Ҳазрат (с) ва сояи Ҳазрати Одам (ъ) офа-риданд.

Пас аз ҳар ранҷе роҳату оромише вуҷуд дорад. Ба он сӯзе, ки лола дорад, мегӯяд шоир барои он Худованд шабнамро офарида, яъне дар ин ҷо шоир маҷозан сӯзиши лоларо баён намудааст, яъне барои таскин бахшидани сӯзиши лола шабнамро Худованд офарида бошад, барои таскин бахшидани ғами одамизод гиряро офарида, ки ин барои инсоният оромише мебахшад дар ҳолати мубталои ғаму андуҳ будан.

Байтҳои дигар бошад фарогири зиндагии Ҳазрати Одам (ъ) мебошад. Шоир аз забони падарамон Одам (ъ) сухан мегӯяд, ки дар назди мо аз боғу Ризвон сухан магӯ, ки ин ҳамон кулфату ғаме буд, ки аз носипосии худи инсоният ба сари онҳо меояд. Дар ин ҳолат одамизод боз ба муқаддарот ҳавола менамояд, ки инро Худованд бар сари одам навиштааст. Дар таҳлили ин байтҳо ба умқи мазмуни он фурӯ рафта, рубоии машҳури пири хирад Умари Хайём пеши назар меояд, ки чунин аст:

Ё Раб, Ту гилам сиришта и ман чӣ кунам,
Пашму қасабам Ту ришта ӣ ман чӣ кунам,
Ҳар неку баде, ки аз ман ояд ба вуҷуд,
Ту бар сари ман набишта ӣ ман чӣ кунам [18, с.12].

Бале, бо як хатои содиршудае, ки аз тарафи модарамон Момоҳавво ҳамроҳи падарамон Ҳазрати Одам (ъ) боиси аз Ҷаннат ба сӯйи олам равона карда шудани онҳо гардид, дар ин ҷо боз душмани одамизод – Иблис мебошад, ки доимо дар пайи душманӣ ва озори инсонҳост.

Дар байти дигар шоир дил набастан, фахр накардан ба моли пасти дунёро таъкид менамояд, ки ин фиребандаи назари инсонҳост, дилдодаи сарвату моли ин дунё ғофил аз ҳастии худ ва сабаби дар ин гетӣ буданашро фаромӯш месозад.

Шоир дар байтҳои дигар гуфтан мехоҳад, ки аз шавқу рағбат, меҳру муҳаббати зиёд доштан ба Худованд ва сақда кардан ба даргоҳи Аллоҳ Таъоло танҳо пардае дар байни Ҳоҷӣ Ҳусайн ва Худои Мутаъол аст. Ҷабинамро муқаддам офариданд, гуфта шоир ба он ишора менамояд, ки дар рӯзи қиёмат, яъне дар маҳшаргоҳ шахси мусулмонро аз ғайри мусулмон бо ана ҳамон пешонаашон фарқ мекунанд, ки дар ҷабинашон равшание ҳувайдо мегардад.

Дар ин ғазал аз матлаъ то мақтаъ вожаи «офарида» такрор гаштааст, ки ба ғазал як обуранги тозае бахшидааст.

Овардани мисолҳои боло кифоят мекунад, ки маҳорати шоирии Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ дар наъти Расули Акрам (с) аён гардад.

Ҳамин тавр, дар миёни осори бузурги Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ жанри наът низ мавқеи марказӣ дорад. Ин осор аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои поэтикӣ намунаи барҷаста ба шумор меравад, ки ин осор ҳунари шоирии Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро аз бисёр ҷиҳат равшан менамояд. Шоир тавонистааст, ки дар наътҳои худ ахлоқи ҳамида, гуфтори шоиста ва сирати улвии Ҳазрати Расули Акрам (с) - ро ба риштаи назм бикашад ва ба ин васила маҳорати хешро дар офаридани арзишҳои волои инсонӣ нишон диҳад.

Муқарриз: ***Маҳмадаминов А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ, С. Гулвожаҳои шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ / С.Анварӣ, Х. Табаров // Садои Шарқ. – 2009. – № 2. – С.143-151.
2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Асозода, Х., Адабиёти тоҷик (Китоби дарсӣ барои синфи 11) / Х. Асозода, А.Кӯчаров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 400 с.
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. (Аз рӯсӣ тарҷумаи Абдулқодир Маниёзов, Нисор Холмуҳаммадов) / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 298 с.
6. Қуръони Карим (Асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров). – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 640 с.
7. Маҳмадов, А. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ дар масири арзишҳои динию фалсафӣ /А. Маҳмадов // Садои Шарқ. – 2008. – № 9. – С.126-133.
8. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.
9. Мирзоюнус, М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 514 с.
10. Муродӣ, Н. Муноҷоту наът ва хусусиятҳои он дар назми форсу тоҷик / Н. Муродӣ. – Хуҷанд, 2004. – 206 с.
11. Муродов, Ф. Фолклор ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ / Ф. Муродов // Рӯдакӣ. – 2007. – № 13. – С.123-128.
12. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
13. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Сарсухан ба китоби «Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав» -и Б. Ғафуров. - Душанбе: Дониш, 2008. – 768 с.
15. Салимова, З.С. Таъсирпазирӣ аз Қуръони карим дар қасидаҳои Носири Бухороӣ / З.С. Салимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фило-логӣ. Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – Душанбе, 2018. – 292 с.
16. Солеҳов, М.О. Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик (Рисолаи докторӣ) / М.О. Солеҳов. – Душанбе, 2020. – 335 с.
17. Сӯфизода А. Бе сиёсат нест Ҳоҷӣ, кори оламро низом / А. Сӯфизода // Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №4. – С.66-72.
18. Хайём. Рубоиёт. Таҳияи матн, тарҷумаи русӣ, пешгуфтор ва ҳавошӣ ба эҳтимоми Р. Алиев ва М. Усмонов. – Москва: Восточная литература, 1959. - Ҷилди 2 (мутун). – 185 с.
19. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт (Виростор ва сомондиҳандаи матн: Қ. Чиллазодаи Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдурраҳимӣ) / Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 526 с.

АҚИДАҲОИ АХЛОҚИЮ ТАРБИЯВӢ ДАР НАЪТҲОИ МУҲАММАДҲУСАЙНИ ҲОҶӢ

Дар мақола ақидаҳои ақлоқию тарбиявии шоири тавонову рангинхаёли охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Муҳаммадҳусайни Ҳоҷии Кангуртӣ, ки дар жанри наът баён шудааст, баррасӣ мешавад. Дар мақола наът аз нигоҳи луғавӣ ва баромади таърихӣ шарҳ ёфта, таъкид мегардад, ки дар истилоҳи адабӣ навъи шеъриеро, ки дар он ақли баланду расо, зебоии бемисл, иқтидори писандида, ахлоқи воло, гуфтори ҳидоятгари Расули Акрам Муҳаммад (с) ситоиш мешавад, наът меноманд. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ барои фаҳм ва баёни ин хислатҳои писандида каломи бадеъро воситае медонад, ки ба онҳо умри ҷовидона медиҳад. Шоир ба воситаи наътҳои худ, тавонистааст ахлоқи ҳамида, ақли баланду расо, зебоии бемисл, иқтидори писандида, гуфтори ҳидоятгари Расули Акрам (с)-ро ба риштаи назм бикашад. Ҳамчунин, дар мақола жанри наътро, ки дар осори ин шоири номвар аҳамияти муҳимми илмӣ ва адабӣ дорад, мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст. «Куллиёт»-и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ (1998) аз нигоҳи жанри наът тадқиқ шуда, қайд мегардад, ки дар достони «Комде ва Мадан» 525 байт, аз ғазалиёти шоир 12- то наът, аз рубоӣ 7- то наът, як мусаммати мухаммас (55 байт), манзумаҳои «Дабистони ибрат» 183 байт, «Василат- ун- наҷот» 84 байт ба васфу ситоиши Расули Акрам (с) бахшида шудаанд. Ин ашъор дар баробари он ки муҳаббати самимии шоирро ба ин шахсияти бузурги таърихӣ равшан менамояд, боз ҳадафи ӯ, ки зиндагии шоистаи банӣ башар аст, дар мисоли ахлоқ ва тарбияи Расули Акрам (с) барои рӯзгори мо мояи ибрат ва омӯзиш мегардад. Ин ҳадафи шоир ба тарбияи банӣ башар иртибот мегирад, ки аз ҳадафҳои олии ҳар эҷодкори асил аст.

Калидвожаҳо: Муҳаммадҳусайни Ҳоҷии Кангуртӣ, наът, ақидаҳои ахлоқию тарбиявӣ, тарбияи банӣ башар, ақли баланду расо, зебоии бемисл, иқтидори писандида, ахлоқи воло, гуфтори ҳидоятгари Расули Акрам Муҳаммад (с).

НРАВСТВЕННО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ КОНЦЕПЦИИ В ВОСХВАЛЕНИЯХ МУХАММАДАХУСЕЙНА ХАДЖИ

В статье рассматриваются нравственно-просветительские идеи мощного и колоритного поэта конца XI - начала XX века Мухаммадхусейна Хаджи Кангурти, выраженные в жанре поэзии. В статье восхваление (наът) объясняется с лексической и исторической точки зрения, и подчеркивается, что в литературных терминах восхваление (наът) - это тип поэзии, восхваляющий высокий интеллект, несравненную красоту, замечательные способности, высокие нравы и путеводные слова Пророка Мухаммада (мир ему и благословение).. Мухаммедхуссейн Хаджи считает творческое слово средством понимания и выражения этих приятных качеств, дающих им вечную жизнь. Через свои стихи поэт смог передать в поэзии благородные нравы, высокий интеллект, несравненную красоту, замечательные способности и наставления Пророка (мир ему и благословение). Также в статье рассматривается жанр стиха, который имеет важное научное и литературное значение в творчестве этого известного поэта. «Куллиёт» Мухаммадахуссейна Хаджи (1998) изучен с точки зрения жанра стиха, и отмечено, что в рассказе «Комде и Мадан» 525 бейта, 12 восхвалений (наът), 7 -из рубаи, важный раздел (55 бейтов), 183 бейта «Дабистани Зират» и 84 бейта «Василат-ун-наджот» посвящены восхвалению Пророка (мир ему и благословение). Эти стихи, помимо разъяснения искренней любви поэта к этому великому историческому деятелю, а также его цели, которой является достойная жизнь человечества, становятся источником вдохновения и обучения для нашей жизни на примере нравственности и воспитания Пророка. (мир ему и благословение). Эта цель поэта связана с просвещением человечества, что является одной из высших целей каждого самобытного творца.

Ключевые слова: Мухаммадхуссейн Хаджи Кангурти, восхваление (наът), нравственно-воспитательные идеи, образованность человека, высокий интеллект, несравненная красота, замечательные способности, высокая нравственность, слова наставника Пророка Мухаммада (мир ему и благословение).

MORAL AND EDUCATIONAL CONCEPTS IN PRAISE OF MUHAMMADHUSEIN HAJJI

The article deals with the moral and educational ideas of the powerful and colorful poet of the late 11th - early 20th century Muhammadhussein Hadji Kangurti, expressed in the genre of poetry. The article explains praise (nat) from a lexical and historical point of view, and emphasizes that in literary terms, praise (nat) is a type of poetry that praises high intelligence, incomparable beauty, remarkable abilities, high morals and guiding words of the Prophet Muhammad (peace be upon him and blessing).. Muhammadhussein Haji considers the creative word a means of understanding and expressing these pleasant qualities that give them eternal life. Through his poems, the poet was able to convey noble morals, high intelligence, incomparable beauty, wonderful abilities and instructions of the Prophet (peace and blessings be upon him) in poetry. The article also discusses the genre of verse, which has an important scientific and literary significance in the work of this famous poet. “Kulliyot” by Muhammadahussein Haji (1998) was studied from the point of view of the genre of verse, and it was noted that in the story “Komde and Madan” there are 525 baits, 12 praises (nat), 7 from the rubaiyat, an important section (55 baits), 183 baits " Dabistani Zirat” and 84 bayts “Vasilat-un-najot” are dedicated to the praise of the Prophet (peace and blessings be upon him). These verses, in addition to explaining the poet's sincere love for this great historical figure, as well as his goal, which is a worthy life for mankind, become a source of inspiration and training for our lives on the example of the morality and education of the Prophet. (peace be upon him). This goal of the poet is connected with the enlightenment of mankind, which is one of the highest goals of every original creator.

Key words: Muhammadhussein Haji Kangurti, praise (nat), moral and educational ideas, human education, high intelligence, incomparable beauty, remarkable abilities, high morality, words of the mentor of the Prophet Muhammad (peace and blessings be upon him).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯрахонова Меҳриннисо Эмомалиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-11-66-03**

Сведения об авторе: ***Джурахонова Мехриннисо Эмомалиевна*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 907-11-66-03**

Information about the author: ***Dzhurakhonova Mekhrinniso Emomalievna*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 907-11-66-03**

УДК: 891.550

ИНТИХОБИ МАТНИ АСЛ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ГУЛРУХСОР САФИЕВА

Моҳираи Маматхон
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҷрибаи тарҷумаи бадеӣ дар таърихи адабиёти тоҷик заминаҳои назариявию амалӣ дошта, ҳанӯз аз замони Сосониён ба ҳукми анъана даромада буд. Баъд аз ҳуҷуми арабҳо анъанаи тарҷумаи осори бадеӣ ва илмӣ бештар инкишоф ёфта ба ҳадди аъло мерасад. Ин анъана дар замони Сомониён ва баъд аз он низ рушд мекунад. Дар замони Шуравӣ тарҷумаи осори бадеӣ бо забонҳои гуногуни дунё, махсусан, бо забони русӣ ба авҷи аъло мерасад. Дар ин давра дар адабиёти муосири тоҷик тарҷумонҳое ба майдони адабиёт меоянд, ки ҳатто мактаби тарҷумонии худро бунёд мекунанд. Тарҷумонҳое ба монанди Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳасан Ирфон, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Эммонуил Муллоқандов, Шамсӣ Собир, Аслам Адҳам, Абдулло Зокир, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким, Ҳикмат Раҳмат, Низом Қосим осори зиёди манзуму мансурро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудаанд. Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор Сафиева осори зиёди манзумро аз адабиёти ҷаҳон тарҷума намудаанд ва дар солҳои 70-80-уми асри XX мактаби тарҷумонии худро бунёд ниҳодаанд.

Фаъолияти тарҷумонии Гулрухсор Сафиева аз соли 1968 бо тарҷумаи шеъри шоири ӯзбек Зулфия оғоз ёфтааст. Санаи 29 марти соли 1968 дар рӯзномаи Ҳақиқати Ӯзбекистон аввалин тарҷумаи Гулрухсор Сафиева таҳти унвони “Гул кард зардолу” рӯйи чоп омад. Шеър аз 104 мисраъ иборат аст ва ҳунару истеъоди тарҷумон, аллакай, дар нахустин тарҷумаи ӯ бармало ба мушоҳида мерасад:

“Баҳорон, дар паси тирезаи мо,
Зи нав гул кард, зардолу саросар”...
Чунин гуфтӣ, даме ки зинда будӣ,
Куҷоӣ ошиқи гулҳо, ту дигар?
Баҳорон асту зардолу гул овард,
Зи нав андар паси тирезаи мо.
Валекин бар дили ошуфтаи ман,
На гул мефораду на базми гулҳо.
Гузашти солҳо сӯзи диламро,
Накардӣ соатеву лаҳзае кам.
Чӣ сон охир бигардам бе ту ғолиб,
Мани танҳо ба сели лашкари ғам?
Намози шом по мемонам аз нав,
Ба рӯи хонаву ҷои шиносам.
Ба ёди ту саҳар гардад шаби ман,
Ҷудо аз ту магар? – маъзур – бо ҳам!
Дар ин хона, дар ин ҳавлии гулпӯш,
Ҷавонӣ доштему шодмонӣ.
Ту будӣ, бахт буду ишқ бо ман,
Ту будию баҳори зиндагонӣ.
Ба ёдам оварад ин хонаву дар,
Ҳар он чӣ аз ту буду бо ту, ҳар дам.
Намеояд ба гӯшам он суруде,
Ки дар ин хона бо ту месурудам.
Ба мисли посбони ишқу уммед,
Дар ин ҷо менишастам интизорат,
Ки кай бинвишта шеъри нотамомат,
Сабук хезӣ зи пушти мизи корат.
Барои ман ҳамехондӣ сараввал,
Фақат аз баҳри ман, шеъри наватро.
Ҳамегуфтӣ – “мунаққиди азизам,
Ба ту мақбул шуд шеъри ман оё?”
Назар бинмуда бар мӯи сафедам.
Дар ин шабҳои дур аз рӯшноӣ.
Аҷаб вазнину пурозор будаст,
Ҷудо аз ёр бори зиндагонӣ.
Агарчи халқ бинмуд эътирофат,
Диҳад шеъри ту гарчи бӯи гулшан.
Ҳамефахрам аз он ки шеъри худро,
Ту ифшо менамудӣ дар бари ман.
Тамоми умр мебахшад тасалло,
Маро ёди туву ишқу умедам.
Чи шабҳои дарозе рӯз гардид,
Накарда хоб, дар ёди ту будам.
Ба дашту боғу бӯстони диёрам,
Биёмад боз наврӯзи муаттар.
Зи нав бедорам аз овози дилхоҳ, -
“Зи нав гул кард зардолу саросар”!
Баҳори рафтаӣ ман, омадӣ боз,
Ки дар гулгашт бо ман бошӣ ҳамроҳ?
Барои вохӯрӣ бо ту равонам,

Ба ёдат меравам, афсӯс, танҳо! [5, с.4]

Аз ин ба баъд тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева дар матбуоти даврӣ пайваста рӯйи чоп меоянд. Тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева аз рӯйи хронология чунин аст: “Гул кард зардолу” (Зулфия, 1968), “Соз” (Миртемир – шоири ӯзбек, 1968), “Пуштаҳои лолапӯш” (Виолета Полчинскайте – шоири литвонӣ, 1969), “Зимистон” (Леся Украинка – шоир, нависанда ва тарҷумони украин, 1971), “Модар”, “Узр”, “Дастони зебо” (Дементев Дмитрий Андреевич – шоири рус, 1972), “Ба халқам”, “Фарзанди инқилоб” (Сароян Аршалуйс – шоир ва тарҷумони арманӣ), “Дар қасри муҳаббат”, “Сабақ” (Микзолян – шоири арманӣ, 1972), “Меҳр” (Силва Барунаковна Капутикян – шоири арманӣ, 1972), “Чоруқча”, “Марди калон”, “Додарчаи хурдӣ”, “Тундар” (Агния Барто – шоир ва нависандаи рус , 1972), “Боз ошиқ мешавам” (Абулқосимова Майрамхон, шоири қирғиз, 1972), “Хӯса”, “Сангпушт”, “Ситорача”, “Шамолак”, “Шаҳпарак” (Хонумон Алибейл – шоири озарӣ), “Ба мураббия”, “Бандӣ”, “Барги хазон”, “Садбарг” (Александр Сергеевич Пушкин – шоири рус, 1974), “Суруди зиндагӣ”, “Реги равон” (Бахтигериева Ақуштап - шоири қазоқ, 1974), “Ҷавонӣ” (Ҷӯраева Гелчеҳра – шоири ӯзбек, 1975), “Пирамарди қазоқ”, “Чашми дил” (Фариза Унгарсинова – шоири қазоқ, 1975), “Ҷанг”, “Кӯлоҳи сангин” (Римма Казакова – шоири рус, 1975), “Пешбинӣ” (Олга Береголс Федоровна – шоир, нависанда ва драматурги рус, 1975), “Лаҳзаи ҷовид” (Фариза Унгарсинова – шоири қазоқ, 1976), “Барги хазон” (Александр Сергеевич Пушкин – шоири рус, 1976), “Пайга” (Милев Йордан- шоир, нависанда ва тарҷумони болгарӣ, 1976), “Тубча”, “Самолёт”, “Аспча”, “Мошин”, “Харгушча”, “Бузғола”, “Заврақча”, “Нақора”, “Байрақча”, “Мактаб”, “Маърузачӣ”, “Роҳи осон” (Агния Барто – шоири рус, 1976), “Сарви сафед”, “Духтараки ношинос” (Субайлда Абдуқодирова – шоири қирғиз, 1976), “Таманно шунав, эй дил” (Файз Аҳмад Файз -шоири покистонӣ, 1977), “Баракат” (Темирбулатова Қадрия Оразбоевна – шоири нуғайӣ, 977), “Халқи ман” (Ирина Ставская– шоири рус, 1977), (Сата – шоири ингушӣ, 1977), “Баҳори орзу” (Рафибейли Нигор Худодод– шоири озарӣ, 1977), “Рафиқ”, “Абера” (Пенчева Станка – шоири болгарӣ, 1977), “Кашфҳо дар Освенсим” (Виолета Полчинскайте– шоири литвонӣ, 1977), “Зан” (Оргесвет Э – шоири белорус, 1977), “Дарёи Ритса” (Нелли Тарба – шоири абхаз, 1977), “Зиндагӣ бе ту маҳол аст”, “Сарват”, “Рушноӣ” (Егишевна Маро Маргорян – шоири арманӣ, 1977), “Саволҳо ба Райнис” (Мирдза Кампе Яновна – шоири литвонӣ, 1977), “Рафтӣ” (Силва Капутикян Барунаковна– шоир ва нависандаи арманӣ, 1977), “Дили харсангҳо то омади баҳор” (Анна Каландадзе - шоири гурҷӣ, 1977), “Рӯзи нав” (Лия Бридака – шоири латвиягӣ, 1977), “Худшиносӣ” (Забашта Любов Василевна – шоири украин, 1977), “Ёдоварӣ” (Марворид Паша Дилбозӣ - шоири озар, 1977), “Ба ҳамсолонам” (Раиса Аҳмадова – шоири чечен, 1977), “Розҳои ногуфта” “Ахгарҳои ту” (Нозук Аннатиева – шоири туркман, 1977), “Ду писар”, “Июл дар беша” (Людмила Татяничева – шоири рус, 1978), “Духтари хандони Доғистон манам” (Алиева Фазу Ҳамзатовна– шоири доғистонӣ, 1978), “Кӯлоҳи сангин”, “Сегона”, “Ҷанг сурудӣ” (Казакова Римма Фёдоровна – шоир ва тарҷумони рус, 1978), “Боварӣ”, “Агар маҳзун шави аз дурии ман” (Алиева Фазу Ҳамзатовна– шоири доғистонӣ, 1978), “Бехабар” (Вийви Луйк – шоири эстонӣ, 1978), “Духтари ҷасур” (Умарова Оқҷамол – шоири туркман, 1978), “Шеър” (Ангесса Рошка – шоири молдавӣ, 1978), “Зиндагӣ” (Евдокия Лос – шоири белорус, 1978), “Зан” (Огнесвет Эди – шоири белорус, 1978), “Бахт” (Соҷида Сулаймонова – шоири тотор, 1978), “Қирғизистон” (Зумақулова Танзалия – шоири Қабардину Балқар, 1978), “Суруде аз куҳо гирам” (Маргарита Агашина – шоири рус, 1978), “Ватан” (Абулқосимова Майрамхон – шоири халқии қирғиз, 1980), “Остона” (Назруллоев Нормурод – шоири ӯзбек, 1980), “Боми ҷаҳон” (Мария Мяле Кудараускайте, шоири литвонӣ, 1981), “Остонаҳо”, “Шеърҳо”, “Чашми меҳр”, Фарзанди замин”, “Чашмаи меҳр”, “Остона”, “Ишқ ва рашк”, “Нест роҳе дар замин бе истгоҳ”, “Зи по афтода бишкаст аз дами барқ”, “Боз дарде ҳоли дилро танг мекард”, “Кӣ тавонад, гуфт”, “Ишқ ва рашк”, “Насиби ман”, “Бовар кунед” (Нормурод Нарзуллоев – шоири ӯзбек - 1981), “Аз домани сурхи шафақ”, “Чун насли зангхӯрда” (Гулбаҳор Мирзоева– шоири тоҷик, тарҷума аз забони русӣ, 1981), “Гулҳои зардолу” (Исроилова Зулфия – шоири ӯзбек, 1981), “Шеърҳо” “Байрақи ленинизм”, “Зинда бодо дар ҷаҳон бар қасди ҷаҳлу ҷоҳилон”, “Дӯстам аз даргаҳи ман дур шуд”, “Ҳамеша нест ширин зиндагонӣ” (Расул Ғамзатов – шоири доғистонӣ, 1982), “Эй тирамоҳи зарҳалӣ умеди вопасин”, “Шарораи чашми ту”, “Барои писарам” (Фазу Алиева Ҳамзатовна– шоири

доғистонӣ, 1972), “Таронаи Майрӣ” (Фариза Унгарсинова– шоири қазоқ, 1983), “Сояи себ”, “Чист иқболи баланди одамӣ?” (Кузовлева Татяна Виталевна– шоири рус, 1983), “Эҳсоси баҳор”, “Ветеранҳои Ватан”, “Нек бош” (Кузовлева Татьяна Виталевна – шоири рус - 1985), “Барои духтарам” (Мирзоева Гулбаҳор – шоири тоҷик, тарҷума аз фаронсавӣ, 1987), “Ватан” (Абулқосимова Майрамхон – шоири қирғиз, 1988), “Насими беқарор”, “Барои як ҳамдили ман” (Дементев Дмитрий Андреевич - шоири рус, 2019).

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти тарҷумонии Гулрухсор Сафиева то имрӯз низ идома дорад ва тарҷумаҳои ӯ дар шакли пароканда гоҳ-гоҳе дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп меоянд. Ҳамаи ин тарҷумаҳо аз рӯйи тарҷумаи русиашон анҷом дода шудаанд, ки дар замони Шуравӣ маҷмуаҳои ашъори ин шоирон бо забони русӣ бо теъдоди зиёде нашр мешуд. Аз ҷумла, ашъори худи Гулрухсор Сафиева бо забони русӣ чандин дафъа дар маҷмуаҳои алоҳида рӯйи чоп омадаанд. Перомуни тарҷумаи ашъори Гулрухсор Сафиева бо забони русӣ адабиётшиноси варзида Шокир Мухтор дар мақолаи “Тарҷумаи асарҳои Гулрухсор Сафиева ба забони русӣ” таҳқиқоти мухтасару мушаххасе таълиф намудааст [7]. Аммо бояд гуфт, ки таҳқиқи бештар ва мукаммали ин масъала, махсусан, дар самти тарҷумаи бадеӣ бар нафъи кор хоҳад буд.

Бештари тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева асосан дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп омадаанд. Аммо бояд қайд намуд, ки тарҷумаҳои ӯ дар маҷмуаҳои алоҳида низ рӯйи чоп омадаанд. Аз ҷумла, дар маҷмуаҳои дастаҷамъона ва ҷудогона китоби “Гулистони гӯё” намунаи олии ин навъ маҷмуаҳои алоҳидае ба шумор меравад, ки дар он танҳо тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева ворид шудаанд. Маҷмуа соли 1978 рӯйи чоп омада, дар он намунаи тарҷумаҳо аз ашъори шоирони машҳури рус, украин, белорус, ӯзбек, қазоқ, гурҷӣ, озарӣ, литвонӣ, молдавиягӣ, латвиягӣ, қирғиз, арманӣ, туркманӣ ва эстонӣ оварда шудааст.

Гулрухсор Сафиева инчунин песаҳо ва асарҳои насриву таърихӣ низ тарҷума намудааст. Аз ҷумла, песаҳои “Ҳайкал барои худ”, “Ёрдамчиёни ҷавони боғча”-и С. Завелскаяро тарҷума намудааст.

Инчунин асари машҳури сайёҳи фаронсавӣ Савари Клод Этенро таҳти унвони “Зиндагиномаи мухтасари Муҳаммад” соли 1991 тарҷума намудааст.

Баррасиҳо нишон доданд, ки Гулрухсор Сафиева дар интихоби матни асл бисёр эҳтиёткор будааст ва бештар шоирони дилхоҳи худро интихоб намудааст. Ҳарчанд дар замони Шуравӣ бештари шоиронро барои муаррифӣ тарҷума мекардаанд ва бештари тарҷумаҳо фармоишӣ будаанд. Ҷолиби диққат аст, ки Гулрухсор Сафиева бештар ашъори шоираҳоро тарҷума намудааст ва ин барои таъсирбахш омадани тарҷумаҳо мусоидат намудааст.

Шеъри “Агар маҳзун шавӣ аз дурии ман”-и шоири доғистонӣ Алиева Фазу Ҳамзатовна:

Агар маҳзун шавӣ аз дурии ман,
Баро бар қуллаҳои кӯҳсорон.
Даме аз нағмаҳои ҷӯйборон,
Шунав, эй ҷони ман, акси садоям.
Дили ту лаҳзае ёбад тасалло,
Агар маҳзун шавӣ аз дурии ман.
Бирав, бингар, даме бар санги соҳил,
Бирав, бингар, ба реги нарми соҳил.
Нашуста об ҳоло нақши поям,
Диҳад амвоҷ ҳам акси садоям.
Наёбад гар дилат бо ин тасалло,
Нигар бо акси худ дар оби чашма.
Бубинӣ ҳамраҳи худ акси манро,
Нигоҳи сӯи ту партавфишонро.
Дили ту лаҳзае ёбад тасалло,
Дили ту лаҳзае ёбад тасалло!
Зи нав ҳиҷрони ту боло бигирад,
Биё, бар хона, аз лабханди фарзанд,
Аз он чашмони шӯху рӯи дилбанд.
Бубинӣ хандаи ман, чашми манро,
Дили ту лаҳзае ёбад тасалло [1, с.3].

Шеъри “Ба мураббия” (Няне)-и шоири номдори рус Александр Сергеевич Пушкин соли 1974 аз ҷониби Гулрухсор Сафиева тарҷума шудааст. Шеъри мазкур дар матни асл дорои 13 мисраъ аст. Дар матни тарҷума 14 мисраъ шудааст. Тағйирот дар банди сеюм, яъне дар банди охири шеър дида мешавад. Бандҳои якум ва дуюми шеър дар матни асл ва тарҷума аз чор мисраъ таркиб ёфтаанд. Банди сеюми матни асл аз панҷ мисраъ таркиб ёфтааст ва дар матни тарҷума шаш мисраъ шудааст.

Матни асл:

Подруга дней моих суровых,
Голубка дряхлая моя!

Одна в глуши лесов сосновых
Давно, давно ты ждешь меня.
Ты под окном своей светлицы
Горюешь, будто на часах,
И медлят поминутно спицы
В твоих наморщенных руках.
Глядишь в забытые вороты
На черный отдаленный путь:
Тоска, предчувствия, заботы
Теснят твою всечасно грудь.
То чудится тебе… [9, с.157].

Тарҷумаи Гулрухсор Сафиева:

Ба мураббия

Аё, эй кафтари озурдаи ман,
Аниси рӯзҳои тираи ман.
Миёни сарвҳои беша танҳо,
Маро дар интизор астӣ ту кайҳо.

Таги тиреза, зери шуълаи шамъ,
Ту месӯзию меафрӯзӣ ҳар дам.
Ба дастони пурожанги ту дар тоб,
Ба ҳам пайваста доим сиху ҷӯроб.

Ҳамон сихе, ки ту дар даст дорӣ,
Магар кӯтоҳ созад интизорӣ?
Нигоҳат бар дари пӯшида дӯзӣ,
Ту аз ин роҳи охир чун гурезӣ?
Нағунҷад дар дили пурҳасрати ту,
Фироқу заҳмату озору андуҳ... [8, с.2].

Шеъри “Кулоҳи сангин”-и шоири рус Римма Казакова:

Чун сайди тирхӯрда,
Ошуфтаҳолу ғамгин,
Истодаам чу ҳайкал,
Назди кулоҳи сангин.
Пурдаҳшат асту пурғам,
Ин санги сарди хомӯш.
Аз ин хамӯшӣ ояд,
Овози ҷанг бар гӯш.
Маъзур, эй азизон,
Аз баҳри ин мазаммат.
Ин санги сард аммо,
Дар хеш карда пинҳон.
Дарди бузурги инсон.
(Аз рӯи он намоён).
Истоданам дар ин ҷо,
Ҳарчанд нест осон.
Аммо намеравам ман,
Аз марқади шаҳидон.
Бинам силоҳи ҷангӣ,
Дар ин кулоҳи сангин.
Бар хок чашм дӯзам,
Чун бар палоси рангин.
Болои сабза бинам,
Исторагони шабнам.
Гардад зи равзани дил,
Боло фаввораи ғам.
Акнун кулоҳи сангин,
Ҳастӣ ту қисмати ман,
Пӯшидани ту омад,
Имрӯз навбати ман [6, 2].

Дар раванди омӯзиш маълум гардид, ки тарҷумон ба шеърҳое, ки дар васфи ватан, худшиносӣ, худогоҳӣ, ишқу муҳаббати инсонӣ ва мавзуъҳои гуманистӣ бахшида шудаанд, бештар таваҷҷуҳ кардааст. Аз ҷумла, шеъри “Дарёи Ритса”-и шоири абхазӣ Нелли Тарба намунаи ин навъ мавзуъҳо мебошад.

Дарёи Ритса

Дар канори ту ба дунё омадам,
Ритса, эй дарёи поку хушнамуд.
Ман бубинам дар нигоҳи софи ту,
Ҳусни бетакрори кӯҳистони худ.
Гӯш бинмуда суруди мавҷи ту,
Мекунам бар акси нилобӣ нигоҳ,
Чашми сери ман нагардад лек сер,
Аз тамошои ту аз чӣ ҳеҷ гоҳ?!
Асрҳо аз мавҷи ту бигзаштаанд,
Ту гиристию нашуд ашки ту кам.
Аз барои ман суруди тоза хон,
Бо забони рафтагони пуралам.

Он суруди қавм аз ҷои дигар,
Ман намекобам ба ҷуз аз
байти ту.
Андар ин ҷо, дар забони туст он,
Бо дили ман метапад чун орзу.
Ҳусни нотакрори ту дил мебарад,
Ритса, эй дарёи афсункори ман.
Пок ҳастӣ ҳамчунон виҷдони
халқ,
Беқарорӣ чун дили бедори ман
[13, с.3].

Таҳлилу баррасиҳо ва муқоисаҳое, ки дар ин мақола анҷом дода шуд, нишон дод, ки шоир ва тарҷумони номдори адабиёти моусири тоҷик Гулрухсор Сафиева дар ҷараёни интихоби матни асли тарҷумаҳо хеле дақиқкор будааст. Тарҷумон ба мавзуъҳое монанди ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, мақом ва ҷойгоҳи зан, ишқу муҳаббат, сулҳу дӯстӣ, мардонагӣ ва гуманистӣ таваҷҷуҳи хосса доштааст. Бояд қайд намуд, ки ин навъ мавзуъҳо дар ашъори худи шоир низ ҷойгоҳи хоссаро соҳибанд. Дар баробари ин, тарҷумон як қатор шеърҳои кӯдаконаро низ тарҷума намудааст, ки намунаи олии он тарҷумаи шеърҳои шоири рус Агния Барто (1906-1981) мебошад. Дар маҷмуаи "Гулистони гӯё" намунаи ашъори 38 шоири зан рӯйи чоп омадаанд. Мутарҷим дар сарсухани ин маҷмуа қайд менамояд, ки "Мақсади ман аз тартиб додани ин китобча дар он аст, ки хонандагонро бо намунаи ашъори чанде аз шоирҳои гуногунзабону гуногунмиллати Ватанамон шинос намоям. Ашъори бисёрии онҳо бори аввал ба тоҷикӣ садо медиҳанд" [3, с.4]. Дар бештари тарҷумаҳо таъсири шеърофарии худи Гулрухсор Сафиева баръало ба мушоҳида мерасад, ки ин масъала таҳқиқу баррасии алоҳида ва мукаммалро талаб менамояд. Тарҷумон дар вақти интихоби матни асл бештар ашъори шоирҳоро интихоб ва тарҷума намудааст ва ин навъ интихоб эҳсосу диди эстетикии тарҷумонро нишон додааст. Ин раванд барои таъсирбахш ва нишонрас гардидани тарҷумаҳо муосидат намудааст ва дар баробари ҳифзи зебоии матни асл, эҳсосот ва образҳову тасвирҳои навро ба тарҷума зам намудааст.

Муқарриз: ***Маликшозода Ш.Х.*** – н.и.ф.,
АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

А Д А Б И Ё Т

1. Алиева, Ф. Агар маҳзун шавӣ аз дурии ман (Шеър) / Ф. Алиева // Комсомоли Тоҷикистон. –1978. – 22 янв. – С.3.
2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Гулистони гӯё (Намунаи ашъори шоирони Иттифоқи Советӣ). Тарҷ. Гулрухсор Сафиева. – Душанбе, Ирфон, 1978. – 112 с.
4. Гулрухсор. Девон (Девони Ишқу Ашқу Ханда). – Душанбе, 2004. – 954 с.
5. Зулфия. Гул кард зардолу (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1968. – 29 март.
6. Казакова, Р. Кӯлоҳи сангин (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева / Р.Казакова // Пионери Тоҷикистон. – 1975. – 1 окт. –С.2.
7. Мухтор, Ш. Ҳамсадои дил. Тарҷумаи асарҳои Гулрухсор Сафиева ба забони русӣ / Ш.Мухтор // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 26 июл.
8. Пушкин, А.С. Ба мураббия (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева / А.С. Пушкин // Пионери Тоҷикистон. – 1974. – 5 июн. – С.2.
9. Пушкин, А.С. Стихотворения / А.С. Пушкин. – Москва: Худож. литература, 1979. – 255 с.
10. Рашидӣ, Р. Тарҷума ва мутарҷим / Р. Рашидӣ. – Машҳад, 1378. – 190 с.
11. Русские писатели о художественном переводе. – Л.: Сов. писатель, 1960. – 312 с.
12. Сайфуллоев, А. Дӯстии халқҳо-дӯстии адабиётҳо / А. Сайфуллоев. – Душанбе, Ирфон, 1975. – 224 с.
13. Тарба, Н. Дарёи Ритса (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева / Н.Тарба // Тоҷикистони советӣ. – 1977. – 27 март. – С.3.
14. Федоров, А.В. Введение в теорию перевода / А.В. Федоров. - М.: Изд-во лит. на инностр. яз. - 1958. – 376 с.
15. Федоров, А.В. Искусство перевода и жизнь литературы: Очерки / А.В. Федоров. - Л.: Сов. писатель, 1985. – 352 с.
16. Шарифов, Х. Шоир ва шеър: (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 217 с.
17. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
18. Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 384 с.

ИНТИХОБИ МАТНИ АСЛ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ГУЛРУХСОР САФИЕВА

Зимни баррасиҳо маълум гаштааст, ки Гулрухсор Сафиева дар тарҷумаи ашъори як қатор шоирони машҳури ҷаҳонӣ саҳми бориз доштааст. Интихоби матни асл аз ашъори шоирони номдор аз завқи хоссаи бадеӣ ва диди эстетикии ӯ дарак додааст. Гулрухсор Сафиева дар баробари фаъолияти шоирӣ ва нависандагӣ, инчунин дар тарҷумаи ашъори як зумра шоирҳои номдор саҳми беназир гузоштааст. Баррасиҳо нишон

додаанд, ки тарҷумон бештар барои тарҷума аз ашъори шоираҳоро интихоб кардааст ва ин навъ интихоб барои таъсирбахш баромадани тарҷумаҳо кумак кардааст. Дар раванди тарҷума ашъори шоирон ба ашъори Гулрухсор Сафиева таъсир гузоштааст ва дар баробари ин, дар тарҷумаи шеърҳо низ таъсири шеърофарии Гулрухсор Сафиева бармало ба мушоҳида мерасад, ки ин масъала таҳқиқу омӯзиши мукаммалро талаб мекунад. Маълум гардидааст, ки дар раванди интихоби матни асл тарҷумон бештар ба мавзуъҳои ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳифзи мақоми занон, ишқу муҳаббат ва гуманистӣ майл доштааст. Дар баробари ин, як қатор шеърҳои кӯдаконаро низ тарҷума намудааст. Таҳқиқоти пурраи интихоби матни асл дар раванди тарҷума дар мисоли тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева нишон доданд, ки мутарҷим ба ашъори як қатор шоирон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, аз ашъори онҳо бештар тарҷума намудааст.

Калидвожаҳо: Гулрухсор Сафиева, тарҷумаи бадеӣ, таъсири адабӣ, таъсири бадеӣ, матни асл, матни тарҷума, тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева, интихоби матни асл.

ВЫБОР ОРИГИНАЛА В ПЕРЕВОДАХ ГУЛРУХСОР САФИЕВЫ

В ходе исследования выяснилось, что Гулрухсор Сафиева внесла значительный вклад в перевод стихов ряда всемирноизвестных поэтов. Выбор оригинального текста из стихов известных поэтов отражает ее неповторимый художественный вкус и эстетическое видение. Наряду с поэтической и писательской деятельностью, Гулрухсор Сафиева также внесла уникальный вклад в перевод стихов ряда известных поэтов. Исследования показали, что переводчик для перевода чаще выбирает стихи поэтесс, и этот тип отбора помог сделать переводы более эффективными. В процессе перевода стихи поэтов оказали влияние на поэзию Гулрухсор Сафиевой, и в то же время в переводе стихов очевидно влияние поэзии Гулрухсор Сафиевой, что требует тщательного изучения. Выяснилось, что в процессе выбора оригинального текста переводчицу больше интересовали темы патриотизма, самопознания, защиты женского статуса, любви и гуманизма. Она также перевела ряд детских стихов. Полное исследование подбора оригинального текста в переводах Гулрухсора Сафиева показало, что переводчик уделил особое внимание стихам ряда поэтов и для перевода больще всего выбирала именно их стихотворения.

Ключевые слова: Гулрухсор Сафиева, художественный перевод, литературное влияние, художественное влияние, оригинальный текст, текст перевода, переводы Гулрухсор Сафиевой, выбор оригинального текста.

SELECTING THE ORIGINAL IN TRANSLATIONS GULRUHSOR SAFIEVA

During the study, it turned out that Gulrukhsor Safiyeva made a significant contribution to the translation of poems by a number of world-famous poets. The choice of the original text from the poems of famous poets reflects his unique artistic taste and aesthetic vision. Along with her poetic and writing activities, Gulrukhsor Safiyeva also made a unique contribution to the translation of poems by a number of famous poets. Research has shown that translators are more likely to select verses to translate, and this type of selection has helped make translations more efficient. In the process of translation, the poems of the poets influenced the poetry of Gulrukhsor Safiyeva, and at the same time, the influence of the poetry of Gulrukhsor Safiyeva is obvious in the translation of the poems, which requires careful study. It turned out that in the process of choosing the original text, the translator was more interested in the topics of patriotism, self-knowledge, protection of women's status, love and humanism. He also translated a number of children's poems. A complete study of the selection of the original text in Gulrukhsor Safiev's translations showed that the translator paid special attention to the poems of a number of poets and most of all chose their poems for translation.

Key words: Gulrukhsor Safieva, literary translation, literary influence, artistic influence, original text, translated text, translations by Gulrukhsor Safieva, choice of original text.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Моҳираи Маматхон*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.Саид Носир, 33. Тел.: **(+992) 985-61-02-92**

Сведения об авторе: ***Мохира Маматхон*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры таджикского языка и документации. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Саида Носира, 33. Тел.: **(+992) 985-61-02-92**

Information about the author: ***Mohira Mamatkhon*** - Academy of public administration under the Prezident of the Republic of Tajikistan, reseacher of the chair of tajik language and documentation. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir, Str., 33. Phone: **(+992) 985-61-02-92**

УДК: 891.550:001

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ РИСОЛАИ “ИСТИЛОҲОТИ СУФИЯ”-И МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ВА РИСОЛАИ ҲАМНОМИ ШАЙХ ФАХРИДДИНИ ИРОҚӢ

Мисбоҳиддини Нарзиқул, Асозода Ҳотам Раҷаб
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносибат ба шахсияту осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) дар ҷомеаи мо, махсусан дар даврони Истиқлол, қадру манзалати сазовореро касб намудааст, ки дар қиёс ба давраҳои пешазистиқлол тамоман фарқ дорад. Дар давроне, ки халқи шарафманди тоҷик дастурҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хосса, сифати ахлоқии худро муайян менамояд, албатта, ба хазинаи бойи маънавии ба мерос гузоштаи донишмандони гузаштаи худ низ такя менамояд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудааст: “Пос доштани хотираи бузургоне, мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои нотакрори илму адабамон набояд фақат ба хотири ифтихору болидан бошад. Мо фақат дар ҳамон сурат эҳтиромӣ бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар руҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаҳои онҳоро дастури амал қарор диҳем, то ки дар оянда ҳам аз байни халқи мо Рӯдакиҳо, Фирдавсиҳо, Буалиҳо, Хайёмҳо, Мир Сайидҳо ба воя расанду мо дар рушду камоли тамаддуни башар саҳмгузор бошем» [14, с.9].

Аз ин ҷост, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди таърихӣ фароҳам овардан баҳри омӯхтан, эҳё кардан ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани арзишҳои миллию фарҳангии дар дарозои таърих ба даст овардаи миллати тоҷик мебошад. Зимомдори асосии ин сиёсати фарҳангсолорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Маҳз ба ибтикори ватандӯстонаи ин марди накӯном исми бузургони илму адаби ҷаҳоншумули тоҷик аз нав зинда мегарданд. Зарурате пеш омадааст, ки аҳли илму эҷод дар ин маврид ба ҳаёт тадбиккунандагони ин сиёсати созанда бошанд.

Беҳуда нест, ки омӯзиши бисёрҷонибаи аҳвол ва осори Алии Ҳамадонӣ дар даврони Истиқлол таҳти унвони “Ҳамадонишиносӣ” ҳамчун як шохаи мустақилу устувори илми адабиётшиносии тоҷик эътироф гардидааст. Дар ин давра дар кори ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, чоп ва омӯзиши аҳволу осори Алии Ҳамадонӣ, пеш аз ҳама, дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» корҳои муайяне анҷом ёфтаанд [5, с.123;12, с.18; 13, с.401; 14, с.17-18]. Инчунин, донишмандон аз дигар марказҳои пажӯҳишӣ низ ба масъалаҳои аҳволу осори Алии Ҳамадонӣ таваҷҷуҳ кардаву китобу мақолаҳои арзишманд таълиф кардаанд. Аз корҳои анҷомшуда маълум мешавад, ки омӯзиши аҳвол ва осори Алии Ҳамадонӣ дар Тоҷикистон дар қиёс ба кишварҳои дигар дертар оғоз шуда бошад ҳам, зуд авҷ гирифта, натиҷаҳои хубе ба бор овардааст.

Агар ба масъала аз назари таърихият таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки зиндагии пандомӯз ва осори гаронқадри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шуруъ аз замони зиндагиаш то кунун, дар давоми беш аз 700 соли охир, мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Адибони сӯфимашрабу муҳаққиқони асримиёнагӣ бо истифода аз равиши сулук ва нукоти омӯзандаи мундариҷ дар осори ӯ тариқи маърифатро аз худ карда, дар роҳи такмили назариёти мавҷуд хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Аммо шароити ҷаҳони муосир ва тақозои замони Истиқлол дигаргуна буда, дар баробари осори илмию адабии мутафаккироне, ба монанди Алии Ҳамадонӣ муносибати махсусу санҷидашудаеро талаб менамояд, ки ба принсипҳо ва равишҳои муосири илмӣ созгор бошад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз намояндагони машҳури адабиёти асри XIV форсу тоҷик буда, дар таърихи фарҳанг ва адаби тоҷикӣ ҳамчун шахсияти адабии мутафаккир, муршиди аҳли тариқат, солори Аҷам ва адиби суфимашраб эътироф гардидааст. Аз ӯ то ба рӯзгори мо таълифоти илмӣ ва осори назмию насрии зиёде дар қолаби жанрҳои хурди шеърӣ, рисола, китоб ва маҷмуаи осор боқӣ мондааст. Аммо мавқеи осори мансури адиб дар қиёс бо осори манзумаш баланд буда, маъруфияти адабии вай бештар ба воситаи асарҳои насрии “Захират-ул-мулук”, “Мактуботи амирия”, “Рисолаи Қуддусия», “Мақомоти суфия”, “Рисолаи футувват”, “Сайр-ул-тоибин”,

“Чиҳил асрор”, “Ҳафт водӣ” ва чандин рисолаҳои хурди дигар ба даст омадааст. Дар маҷмуъ, теъдоди умумии асарҳои Алии Ҳамадониро муҳаққиқони зиндагинома ва мероси адабии ӯ аз 70 то беш аз 140 адад муқаррар кардаанд [17, с.29; 4, с.18; 7, с.189; 5, с.123; 6, с.237; 3, с.113; 1, с.23-24; 2, с.9; 10, с.14; 12, с.18; 13, с.401; 15, с.9]. Аз ин теъдод 52 асар дар Тоҷикистон дастрас буда, 37-тоаш ба хатти кириллии тоҷикӣ баргардон ва чоп шудааст. Ин равиши илмиро, ки натиҷааш ҳанӯз қонеъкунанда нест, дар оянда низ бояд пайгирона идома дод, то ҳар чӣ зудтар асарҳои адиб дастраси хонанда ва муҳаққиқи тоҷик қарор бигирад.

Масъалаҳои дигари баҳсталаб низ перомуни зиндагинома ва асарҳои адиб ҳанӯз хеле зиёданд, ки аз ҷумлаи онҳо яке интисоби асарҳои ӯ ба исми дигарон ва дигаре масъалаи таъйини асолати ашъори манзуми мундариҷ дар таркиби осори мансури ӯ мебошад. Ҳар ду масъала ҷустори алоҳидаро тақозо дорад. Мақсади мо дар ин мақола баҳсе атрофи ҳақиқати ба қалами Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тааллуқ доштани рисолае бо номи “Истилоҳоти сӯфия” мебошад.

Рисолаи “Истилоҳоти сӯфия” аз ҷумлаи рисолаҳои хурди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, дар шарҳи истилоҳоти маъмули аҳли тасавуф ва маърифати инсони комилу ҳақиқати мароҳили сайру сулук таълиф гардида, аз назари фарогирии матолиб рисолае дар роҳнамоии аҳли тасаввуф барои расидан ба мақсади ниҳоӣ мебошад. Чунин асарҳоро дар замони зиндагии Алии Ҳамадонӣ рисолаҳои таълимӣ меномиданд.

Дар хусуси сол ва ҷойи таълифи рисолаи “Истилоҳоти сӯфия” дар худи асар ягон ишора мавҷуд нест. Ҷиҳати ҷолибу фарқкунандаи ин рисола аз он иборат аст, ки муаллиф асли маърифатро аз шинохти Офаридгор иборат дониста, бо ба миён гузоштани масъалаи чигунагии шинохти авсофи худовандӣ ба шинохти инсон аз ҷониби худ мегузарад.

Алии Ҳамадонӣ ҳангоми шарҳу тавзеҳи баъзе сифоти Худовандӣ изҳор медорад, ки Зоти Худовандӣ шинохташаванда нест, балки Худоро танҳо тавассути сифоташ метавон шинохт: “Бидон, юлқика-л-Лоҳу ва ийёно ила-з-зурвати-л-ъулё аллати ланфисома лаҳо, ки вуҷудро мин ҳайси ҳува ҳува, яъне мутлақ ва аъамро аз он, ки бо тааққули он зот сифати эҷобӣ ё салбӣ эътибор кунанд, ҳувияти ғайб ва ҳақиқатулҳалоиқ ва баёзи мутлақ аз нури мутлақ ва ҳазрати итлоқу улуҳият ва Ҳақ ва аҳадияти айн ва аҳадияти зотӣ ва аҳадияти сарф гӯянд ва дар ин Ҳазрат ӯро шинохтан мумкин нест, зеро ки на васф дорад ва на расм ва на исм, балки дар аъмо аст, ки ҳиҷоб-ул-ъиззати ва мақом-ул-ҳайрати гӯянд ва истеъдоди муддати бақои ӯ дар ин Ҳазрат мазбут нест. Ва чун аз ин Ҳазрат таназзул фармуд, ба Ҳазрате, ки аҳадият ва ҳазрати илм ва илми бинафисҳи. Ва таъйини аввал ва улуҳияту илми аввал ва илми иҷмолӣ номанд, маърифат мумкин гашт, зеро ки муттасиф шуд ба сифат ва ӯро натавон шинохт, илло ба сифат” [20, с.44].

Алии Ҳамадонӣ чанд сифати Худовандро баён намуда, таъкид месозад, ки ҳам дар Худованд ва ҳам инсонҳо сифатҳое, аз ҷумла самиъу басирию олимӣ мавҷуданд, вале Худованд дорои сифоти “олим-ул-ғайби ва-ш-шаҳодат” ва “лайса камислиҳи шайун” аст, ки дар инсонҳо ин сифат нест.

Дар рисолаи “Истилоҳоти суфия” ба яке аз арзишҳои муҳимми ҳастии инсоният – вақт диққати асосӣ равона шудааст. Адиб таъкид менамояд, ки инсоният бояд ба қадри ин неъмат бирасад ва аз ҳар лаҳзаи ҳастӣ мақсаднок ва самаранок истифода намояд, зеро рӯзи ҳисоб аз вақти зоеъкарда изҳори пушаймонӣ намуда, шарбати шармсориро хоҳад чашид. Бинобар ин, инсони комил агар аз вақт ва ҳоли муяссаргаштааш истифодаи оқилона намояд, соҳиби мулк хоҳад гашт. Инчунин, бо истифода аз вақту ҳол солик ба мақоми шуҳуд метавонад бирасад: “Бидон, ки вақт он аст, ки ту дар вай бошӣ ва ҳол он доруеро гӯянд, ки дар вақт бошад ва агар мутамаккин шавад ва чунонки ҳар вақт ки хоҳад, тавонад мутолиаи он кардан, мулк хонанд” [20, с.47].

Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, барои ба ҳадди инсони комил расидан бояд панҷ марҳалаи вақт тай шавад: “Пас, аволими куллия панҷ бошад: аъёни собита, ки олами ғайби мутлақ гӯянд ва олами ҷабарут ва олами малакут ва олами малак ва олами инсони комил” [20, с.45-46].

Дар идома адиб инсонро олами сағир, яъне ҷаҳони хурд ва кулли мавҷудоти дигари ҳастиро шомили олами кабир, яъне ҷаҳони бузург медонад. Ҳастии инсон дар олами кабир тавассути руҳи инсони комил сайр менамояд: “Бидон, ки олами руҳониро улвӣ ва ақлӣ ва нуронӣ ва малакутӣ ва ботинӣ гӯянд ва олами ҷисмониро сифлӣ ва ҳиссӣ ва зулмонӣ ва малакӣ ва зоҳирӣ номанд ва дунёву оҷиз низ гӯянд ва инсонро олами сағир хонанд ва тамоми мавҷудотро олами кабир ва инсони кабир гӯянд” [19, с.46].

Ба андешаи адиб, ки худ суфимашраб аст, солик дар ин роҳи пурташвиш танҳо бо майли

ҷамили ҷалол ба мазҳари мушоҳида, ки натиҷаи муҳаббати комил аст, расида метавонад. Ва дар ин камолот аз ду навъи асрор воқиф хоҳад гашт: дар навъи аввали асрор қолаб бо руҳ якҷо бошад ва дар навъи дувум танҳо руҳ қобили дарки сир(р) хоҳад гашт. Дар ҳар ду навъи асрор вақт мавқеи меҳварӣ дорад. Чигунагии маърифати вақт дар боло қайд гардида буд. Ин ҷо ба масъалаи таносуби вақт бо ҳол, самоъ ва шуҳуд таваҷҷуҳ мекунем, ки барои солик риояти онҳо аз ҷумлаи зарурот ҳисобида мешавад.

Бо пайдо шудани ҳолати махсус дар солик лаҳзаи ниҳоӣ ё пухташавии ӯ оғоз мешавад. Баъди шуҳуд самоъ рух медиҳад. Самоъ, ба андешаи Алии Ҳамадонӣ, ҳолати махсуси солик аст, ки баъзан он бо рақс анҷом меёбад. Агарчанде ки баъзе соликон завқ, ё худ ҳоли шуҳуди худро ошкор намесозанд, дар бисёр мавридҳо натиҷаи шуҳуд рақси самоъ мегардад. Ва ин рақс таскинбахши ҳоли солик мешавад: “Ва баъзе дар ин мақом рақс кардаанд, лекин на ба вуҷуди мафқуд ва на ба фақди вуҷуд, бале, ба воситаи он, ки фарти маънӣ аст, бар усули мухталиф ва қувои мутанаввияи мутанозия, лоҷарам, қолаб музтариб мешавад ба сабаби изтироби қалб ва баъд аз рақс сукун меёбад, чунонки тифл ба таҳрики маҳд” [19, с.47].

Алии Ҳамадонӣ натиҷаи шуҳуд ва самоъро ҳузур медонад. Давомнокии сафари солик маҳз барои ҳузур аст. Ҳар соликеро, ки ҳузур пайдо шавад, ӯро ба ҳақрасида ва комил гӯянд. Ҳузур мадхале барои висол аст. Яъне, тамоми сайри солик, ки аз “илм-ул-яқин” – хондани оёту аҳодис оғоз мегардад, дар зинаи дувум, ки онро “айн-ул-яқин” номанд, ба маърифати назораи зоту сифот ташаккул ёфта, ниҳоят, дар мақоми “ҳаққ-ул-яқин” ба зуҳури Зоти ҳақ ба камолоти мутлақ мерасад: “Бидон, ки илм-ул-яқин ҳосил омад ба истидлоли оёт ва айн-ул-яқин ҳосил ояд ба мукошифаи малакути сифот ва ҳаққ-ул-яқин ба зуҳури Зот” [19, с.48].

Чунонки аз равиши мазкур ва давоми андешаҳои Алии Ҳамадонӣ дар баёни истилоҳоти тасаввуфӣ бармеояд, вай дар рисолаи “Истилоҳоти сӯфия” аслан пайраҳаи соликро аз маърифат то ба мақсади ниҳоӣ зина ба зина нишон дода, дар пайванди ҳамдигар қарор доштани баъзе истиолоҳоти муҳимми аҳли тасаввуф, аз ҷумлаи зот, сифот, вақт, ваҷд, самоъ, шуҳуд, зуҳур, сукор, шароб, ҳол, мукошифот ва амсоли инро шарҳу тавзеҳ додааст.

Ҳамин тавр, рисолаи “Истилоҳоти сӯфия”-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ асари мустақиле мебошад, ки бо мақсади муайян: шарҳи истилоҳоти муҳимми тасаввуфӣ, ки барои солик заруранд ва ба миён овардани дастури раҳнамое барои шогирдони тариқи маърифати аҳли тасаввуф таълиф шудааст. Ба ҳамин равиш ва ё монанд ба он дар тавзеҳи истилоҳоти тасаввуф аз ҷониби муаллифони дигар низ асарҳо таълиф шудаанд, ки рисолаҳои ба мо маълуми Фахриддини Ироқӣ [8], Ҳофиз Шамсиддин Аҳмад [21] ва Абдурраззоқи Кошӣ [9] аз ҷумлаи онҳоянд.

Сайида Ашраф Зафар дар китоби “Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ”, дар радифи рисолаи «Хулосат-ул-маноқиб» чанд рисолаи дигар, аз ҷумла «Аҳбоб», «Шарҳи Авроди фатҳия» ва «Рисолаи истилоҳоти сӯфия»-ро ба Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ нисбат медиҳад [7, с.189]. Дар миёни осори Ҷаъфари Бадахшӣ рисолае дар бораи истилоҳоти сӯфия дучор намешавад, шояд манзури муҳаққиқ ҳамин рисолае бошад, ки ҳамаи ҳамадонишиносон онро ба қалами Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нисбат медиҳанд. Худи ҳамин муҳаққиқ, ҳангоми зикри номгӯйи осори Алии Ҳамадонӣ «Рисолаи истилоҳоти сӯфия»-ро номбар карда, онро аз ҷумлаи асарҳои таълифии Алии Ҳамадонӣ медонад. Агар мавҷудияти ду рисолаи ҳамном дар миён бошад, пас ҳоло танҳо ҳамин як асари Алии Ҳамадонӣ дастрас асту халос.

Рисолаҳое, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи “Истилоҳоти сӯфия” таълиф гаштаанд, ҳар кадом услуби махсуси баён доранд. Масалан, Алии Ҳамадонӣ калимот ва таъбироти тасаввуфиро дар дохили матн, зимни баёни равишҳои маърифатии солик шарҳу тавзеҳ додааст. Фахриддини Ироқӣ, ки қариб як аср муқаддам аз Алии Ҳамадонӣ зиндагӣ кардааст, бо чунин ном асаре таълиф намуда, вале тавзеҳоти худро бо сабку услубе дигар баён кардааст.

Истилоҳоти мавриди назари Фахриддини Ироқӣ ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд: аввал, ному сифоти Маъшуқ ва он чӣ мутааллиқ аст ба ӯ, дувум, калимот ва истилоҳоте, ки миёни ошиқу Маъшуқ истифода мешавад, сеюм, калима ва истилоҳоти махсус ба Ошиқ. Дар муқаддимаи рисолаи “Истилоҳоти сӯфия”-и Фахриддини Ироқӣ ҳамин матлаб бо таъкид ба мундариҷаи умумии истилоҳот чунин ифода шудааст: “Ин калимоте чанд аст аз мусталиҳоти машҳур, ки дар миёни тоифаи мутасаввифа... дар насру назм вориду воқиъ аст ва ин бар се матлаб бино афтод:

Матлаби аввал – дар калимоте, ки аксари он махсус ба маҳбуб аст ва баъзе аз он мутааллиқ ба муҳиб.

Матлаби дувум – асомие, ки миёни ошиқу маъшуқ муштарак асту ворид ва дар итлоқи исме хусусият надорад, валекин аз рӯйи маънӣ гоҳ хусусият гираду гоҳ на.

Матлаби савум – дар калимоте чанд, ки махсус ба ошиқу аҳволи ӯст ва агарчи баъзе дар навъе ба маъшуқ тааллуқ гирад" [8, с.439].

Бо такя ба ҳамин матлаб, Бадриддин Мақсудов оид ба муҳтавои асари мазкур чунин таъкид дорад: "Он рисолаи мухтасаре аст роҷеъ ба шарҳи истилоҳоте, ки шуарои ориф дар баёни худ ба кор бурдаанд" [11, с.328]. Аммо аз баёни худи Ироқӣ бармеояд, ки асари вай шомили истилоҳоти шуарои ориф набуда, балки фарогири истилоҳотест, ки "дар миёни тоифаи мутасаввифа... дар насру назм вориду воқиъ аст". Баёни "шоирони ориф" аз "тоифаи мутасаввифа" фарқҳои усулӣ низ дорад, ки бозгӯи он масъалаи ҷудогона мебошад.

Дар нусхаи чопии "Истилоҳоти сӯфия"-и Фахриддини Ироқӣ истилоҳоти ҳар се матлаби мазкур ба таври омехта, вале бо тартиби ҳуруфи алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ оварда шудаанд. Аз мундариҷаи рисолаи Фахриддини Ироқӣ бармеояд, ки дар он беш аз 300 калима ва истилоҳоти тасаввуфӣ маънидод шудааст [8, с.339-456].

Дар муқоиса ба сохтори асари Фахриддини Ироқӣ рисолаи Алии Ҳамадонӣ аз назари ҳаҷм ва фарогирии истилоҳот мухтасар буда, истилоҳоти тасаввуфӣ дар рисолаи "Истилоҳоти сӯфия"-и ӯ ба сурати омехта ва бо низоме махсус тавзеҳ ёфтаанд. Алии Ҳамадонӣ масъалаи шинохтро аз маърифати зот ва асмои Холиқ сар карда, дар пайванд ба он ба дигар истилоҳоте, ки дар масъалаи шинохт пеш меояд, таваҷҷуҳ кардааст. Ҷамъи истилоҳоти шарҳдодаи Алии Ҳамадонӣ наздики панҷоҳ истилоҳ мебошад, ки баъзеи онҳо қабатҳои маъноӣ ва вобаста ба онҳо боз истилоҳоти махсусе доранд, ки дар сурати ба эътибор гирифтани онҳо теъдоди истилоҳот боз ҳам бештар мешавад. Истилоҳоти таркиби ин рисоларо низ ба тартиби алифбоӣ даровардан мумкин аст.

Ҳарчанд ки ин ду асар ба сурати ҳамгун номгузорӣ шудаанд, вале аз лиҳози сохтори муҳтавоӣ, сабк ва тарзи баён миёни онҳо тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Масалан, агар Алии Ҳамадонӣ нахуст пайраҳаи соликонро нишон додаву ҳамзамон, баъзе истилоҳотро шарҳу тавзеҳ дода бошад, пас, Фахриддини Ироқӣ дар рисолаи «Истилоҳоти сӯфия» баъди овардани муқаддима бевосита ба шарҳи калимот ва истилоҳоти суфия пардохтааст. Дар ҳар ду рисола ба маҷмуи истилоҳоте дучор мешавем, ки дар дигарӣ тавзеҳ наёфтаанд. Масалан, истилоҳоте, амсоли явм, воҷид, завқ, сукр, асрор ва ғайра, ки дар асари Алии Ҳамадонӣ шарҳ ёфтаанд, дар рисолаи Фахриддини Ироқӣ мавҷуд намебошанд.

Барои равшан шудани андешаҳои дар боло баёншуда, ду истилоҳ: "ақл" ва "ҷамол"-ро дар ҳар ду асар аз роҳи қиёс баррасӣ мекунем.

1. Шарҳи мафҳуми "ақл":

а) Дар рисолаи Алии Ҳамадонӣ: "Эй азиз, бидон, ки руҳи муҳаммадиро, ки халифаи Аллоҳ аст, ақли аввал ва нури муҳаммадӣ ва сироҷи сания ва қаламу исми аъзам ва абуларвоҳ ва волиди акбар гӯянд ва Одамро абулашбоҳ ва волиди кабир хонанд" [19, с.46].

б) Дар рисолаи Фахриддини Ироқӣ: "Ақл: олати тамизро гӯянд миёни хайру шар" [8, с.451].

2. Шарҳи мафҳуми "ҷамол":

а) Дар рисолаи Алии Ҳамадонӣ: "Эй азиз, бидон, ки ҷамоли мутлақ Ҳаққ таъоло аст. Ва ҷамол муқайяд ва ҳусни хулқро Ҳусни иборат аст аз таносуби аъзо ва ҷамоли он малоҳат аст ва тароват бошад, ки дар ҳусн аст. Ва гоҳ бошад, ки ҷамоли муқайядро ҳусн номанд, бад-он, ки қатъи мақомот мумкин нест, илло ба ҷозибаи муҳаббат, ки иборат аст аз майли ҷамили ҷалол, ки ба ҷамол, то худро дар мазоҳир мушоҳида кунад ва ин ҷозибаро дар омма майл гӯянд ва дар солик иродат ва дар комил муҳаббат" [19, с.47].

б) Дар рисолаи Фахриддини Ироқӣ: "Ҷамол: зоҳир кардани Маъшуқ камолотро гӯянд ба ҷиҳати зиёдатии рағбату толиби ошиқ" [8, с.444].

Чунонки аз ҳар ду намунаҳои зикршуда бармеояд, баёни Фахриддини Ироқӣ дар тавзеҳи истилоҳоти сӯфия мухтасар буда, онҳо ҳамчун луғати истилоҳоти тасаввуфӣ ифода шудаанд. Дар муқоиса ба ин, баёни Алии Ҳамадонӣ дар тавзеҳи истилоҳот доманадору печида буда, луғати тафсирри истилоҳотро ба хотир меоварад. Вай зимни тавзеҳи як истилоҳ вориди паҳлуҳои дигари алоқаманд ба он шуда, дар навбати худ, боз истилоҳи нави дигарро пешорӯи хонанда мегузорад. Нуктаи дигар, дар фарқ гузоштани Алии Ҳамадонӣ миёни фаҳмиши оммаи халқ, аз як тараф, солик, аз тарафи дигар, инсони комил, аз ҷониби севум мебошад.

Ба ҳар сурат, ҳар ду рисола, ҳам рисолаи Алии Ҳамадонӣ ва ҳам Фахриддини Ироқӣ, асарҳои ҷудогонаи дар зоти хеш беназир буда, дар омӯзиши истилоҳоти тасаввуфӣ муфид ва дорои арзиши махсуси маърифатию таълимӣ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов, Қ.С. Ақидаҳои ахлоқӣ дар осори Шоҳи Ҳамадон [Матн] / Қ.С. Абдураҳимов. – Қурғонтеппа, 1996. – 221 с.
2. Азизов, М. Оромгоҳи Ҳазрати Амирҷон [Матн] / М. Азизов, Р. Асозода. – Кӯлоб, 1990. – 28 с.
3. Азкоӣ, Парвиз. Мири Ҳамадон. [Матн] / Парвизи Азкоӣ. – Ҳамадон, 1394. – 332 с.
4. Асозода, Р. Шаммае аз “Захират-ул-мулук” [Матн] / Р. Асозода, Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1991. – 82 с.
5. Асозода, Ҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ. [Матн] / Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1991. – 82 с.
6. Аҳмад, Ш. Шоҳи Ҳамадон [Матн] / Ш.Аҳмад. – Кашмир, 1999. – 434 с.
7. Зафар, С.А. Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ [Матн] / С.А. Зафар. – Кашмир, 1972. – 323 с.
8. Ироқӣ, Фахриддин. Куллиёти девони Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ мутахаллис ба Ироқӣ [Матн]: муқаддимаи устод Саъид Нафисӣ, ҳавошии М. Дарвеш. – Теҳрон: Созмони интишороти ҷовидон, 1362. – 448 с.
9. Кошӣ, Абдурраззоқ. Истилоҳоти сӯфия [Матн] / Абдурраззоқи Кошӣ. – Калкутта, 1845.
10. Қодиров, К. Риёзи ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / К. Қодиров. – Душанбе, 2008. – 250 с.
11. Мақсудов Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ. [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе. Пайванд, 2009. –555 с.
12. Нарзиқул, М. Бузургдошти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Лоҳур [Матн] / М. Нарзиқул // (Бардоште аз сафар). Ба қуллаҳои дониш. № 2. (1388). 1-уми феврали 2016.
13. Нарзиқул, М. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таҳқиқи адабиётшиносони тоҷик. [Матн] / М. Нарзиқул // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни “25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе,. 2016. – С.401.
14. Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар фарҳангу адаби Тоҷикистон [Матн] / М. Нарзиқул // Маҷмуаи мақолоти форсии конфронси байналмилалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: тартибдиҳанда доктор Муҳаммад Носир. – Лоҳур, 1395 ҳ.ш. / 2016 м. – С. 13-36.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн]. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
16. Султонов, М. Ҳақиқат дар бораи мазори Ҳазрати Амирҷон [Матн] / М. Султонов. – Душанбе, 1975. – 31 с.
17. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Истилоҳоти сӯфия [Матн] / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маҷмаъат-урасоил. – Дастхатти №546 дар китобхонаи Маркази миероси хаттии назди АМИТ, 1885. – Вараққои 286-288.
18. Ҳамадонӣ, Мир Сайид. Ганҷи ирфон [Матн]. Таҳиякунандагон: Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, Қувваталӣ Турдиев. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2015. – 379 с.
19. Ҳамадонӣ, Мир Сайид. Ганҷи ирфон [Матн]. Таҳиякунандагон: Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, Қувваталӣ Турдиев. – Ҷилди 2. – Душанбе, 2015. – 287 с.
20. Ҳамадонӣ, С.А. Солори аҷам [Матн] / С.А. Ҳамадонӣ. – Покистон, 1992. – 276 с.
21. Ҳофиз, Шамсиддин Аҳмад. Истилоҳоти сӯфия [Матн] / Шамсиддин Аҳмад Ҳофиз. – Нувалкишур, 1904.

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ РИСОЛАИ “ИСТИЛОҲОТИ СУФИЯ”-И МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ВА РИСОЛАИ ҲАМНОМИ ШАЙХ ФАХРИДДИНИ ИРОҚӢ

Дар ин мақола оид ба сохтор ва муҳтавои рисолаи “Истилоҳоти сӯфия”-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) ва рисолаи ҳамноми Шайх Фахриддини Ироқӣ (1213-1289) таҳқиқи қиёсӣ сурат гирифтааст. Мақсади аслии муаллифон исботи ҳақиқати ба қалами Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тааллуқ доштани рисолае бо номи “Истилоҳоти сӯфия” мебошад. Рисолаҳое, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи “Истилоҳоти сӯфия” таълиф гаштаанд, ҳар кадом услуби махсуси баён доранд. Масалан, ҳарчанд ки ин ду асар ба сурати ҳамгун номгузорӣ шудаанд, вале аз лиҳози сохтори муҳтавоӣ, сабк ва тарзи баён миёни онҳо тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Агар Алии Ҳамадонӣ нахуст пайраҳаи соликонро нишон додаву ҳамзамон, баъзе истилоҳотро шарҳу тавзеҳ дода бошад, пас, Фахриддини Ироқӣ баъди овардани муқаддима бевосита ба шарҳи калимот ва истилоҳоти сӯфия пардохтааст. Дар ҳар ду рисола ба маҷмуи истилоҳоте дучор мешавем, ки дар дигарӣ тавзеҳ наёфтаанд. Ба мисл истилоҳоте, амсоли явм, воҷид, завқ, сукр, асрор ва ғайра, ки дар асари Алии Ҳамадонӣ шарҳ ёфтаанд, дар рисолаи Фахриддини Ироқӣ мавҷуд намебошанд. Баёни Фахриддини Ироқӣ дар тавзеҳи истилоҳоти сӯфия мухтасар буда, онҳо ҳамчун луғати истилоҳоти тасаввуфӣ ифода шудаанд. Дар муқоиса ба ин, баёни Алии Ҳамадонӣ дар тавзеҳи истилоҳот доманадору печида буда, луғати тафсирри истилоҳотро ба хотир меоварад. Вай зимни тавзеҳи як истилоҳ вориди паҳлуҳои дигари алоқаманд ба он шуда, дар навбати худ, боз истилоҳи нави дигарро пешорӯи хонанда мегузорад. Нуктаи дигар, дар фарқ гузоштани Алии Ҳамадонӣ миёни фаҳмиши оммаи халқ, аз як тараф, солик, аз тарафи дигар, инсони комил, аз ҷониби севум мебошад. Ба ҳар сурат, ҳар ду рисола, ҳам рисолаи Алии Ҳамадонӣ ва ҳам Фахриддини Ироқӣ, асарҳои ҷудогона ва дар зоти хеш беназир буда, дар омӯзиши истилоҳоти тасаввуфӣ муфид ва дорои арзиши махсуси маърифатӣ ва таълимӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Шайх Фахриддини Ироқӣ, рисолаи “Истилоҳоти сӯфия”, таҳқиқи қиёсӣ, сохтор, муҳтаво, луғат, тасаввуф.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ ОБЗОР ТРАКТАТА "ИСТИЛАХОТ СУФИЯ" МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ И ОДНОИМЕННОГО ТРАКТАТА ИРАКСКОГО ШЕЙХА ФАХРИДДИНА

В данной статье проведено сравнительное исследование структуры и содержания трактата «Суфийские реформы» Мир Сайида Али Хамадани (1314-1386) и одноименного трактата шейха Фахриддина Ираки (1213-1289). Основная цель авторов – доказать факт принадлежности трактата под названием «Суфийские реформы» перу Мир Сайида Али Хамадани. Трактаты, написанные в истории таджикской литературы под названием «Истилахоти суфия», имеют каждый свой особый стиль изложения. Например, несмотря на то, что эти два произведения имеют одинаковое название, между ними есть существенная разница по структуре содержания, стилю и манере выражения. Если Али Хамадани сначала показал путь мудрецов и при этом разъяснил некоторые термины, то Фахриддин Ираки, дав введение, непосредственно обратил внимание на объяснение суфийских слов и терминов. В обоих трактатах мы сталкиваемся с набором терминов, которые не объясняются в другом. Например, такие термины, как явм, ваджид, завк, сукр, асрор и т. д., разъясняемые в работе Али Хамадани, не встречаются в трактате Фахриддина Ираки. Толкование Фахриддина Ираки суфийских терминов кратко, и он выражено в виде словаря суфийских терминов. По сравнению с этим объяснение терминов Али Хамадани сбивает с толку и напоминает словарь определений терминов. Объясняя термин, он знакомит с другими связанными с ним аспектами и, в свою очередь, знакомит читателя с другим новым термином. Другой момент заключается в различении Али Хамадани понимания народных масс, с одной стороны, мудреца, с другой стороны, совершенного человека, с третьей стороны. В любом случае оба трактата, Али Хамадани и Фахриддина Ираки, являются отдельными и уникальными произведениями, полезными при изучении суфийской терминологии и имеющими особое просветительское и воспитательное значение.

Ключевые слова: Мир Сайид Али Хамадани, Шейх Фахриддин Ираки, диссертация «Суфийские реформы», сравнительное исследование, структура, содержание, лексика, суфизм.

COMPARATIVE REVIEW OF THE TRACT "ISTILAKHOT SUFI" THE WORLD OF SAYEDALI HAMADANI AND THE TRACT OF THE SAME NAME BY THE IRAQI SHEIK FAHRIDDIN

This article provides a comparative study of the structure and content of the treatise "Sufi Reforms" by Mir Sayyid Ali Hamadani (1314-1386) and the treatise of the same name by Sheikh Fakhriddin Iraqi (1213-1289). The main goal of the authors is to prove the fact that the treatise called “Sufi Reforms” was written by Mir Sayyid Ali Hamadani. The treatises written in the history of Tajik literature under the title "Istilakhoti Sufi" have each particular style of presentation. For example, despite the fact that these two works have the same title, there is a significant difference between them in terms of content structure, style and manner of expression. If Ali Hamadani first showed the path of the sages and at the same time explained some terms, then Fakhriddin Iraqi, after giving an introduction, directly drew attention to the explanation of Sufi words and terms. In both treatises we encounter a set of terms that are not explained in the other. For example, such terms as yawm, wajid, zawq, suqr, asror, etc., explained in the work of Ali Hamadani, are not found in the treatise of Fahriddin Iraqi. Fakhriddin Iraqi's explanation of Sufi terms is brief and they are expressed in the form of a dictionary of Sufi terms. Compared to this, Ali Hamadani's explanation of terms is confusing and resembles a dictionary of term definitions. In explaining a term, he introduces other aspects related to it and, in turn, introduces the reader to another new term. Another point is Ali Hamadani's distinction between the understanding of the masses, on the one hand, the sage, on the other hand, the perfect man, on the third hand. In any case, both treatises of Ali Hamadani and Fahriddin Iraqi, are separate and unique works, useful in the study of Sufi terminology and having a special educational value.

Key words: Mir Sayyid Ali Hamadani, Sheikh Fakhriddin Iraqi, dissertation "Sufi reforms", comparative study, structure, content, vocabulary, Sufism.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мисбоҳиддини Нарзиқул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Асозода Ҳотам Раҷаб – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, докторанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Мисбохиддин Нарзикул*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17

Асозода Хотам Раджаб – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors: ***Misbohiddin Narzikul*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of History of Tajik Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17

Asozoda Hotam Radjab – Tajik National University, Candidate of Philology, Doctoral Candidate of the Department of History of Tajik Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

ИНЪИКОСИ ВИЖАГИҲОИ МУҲИТИ ДЕҲ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Маликшозода Ш.Х.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инъикоси ҷузъиёти муҳити деҳ бо оғози фаъолияти эҷодии Бозор Собир тавъам мебошад. Шоир ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодии худ ба мавзуи деҳа таваҷҷуҳи хосса дошт. Ин мавзуъ дар ашъори Бозор Собир ба он ҳад реша давонидааст, ки ҳатто одитарин ҷузъиёти марбут ба деҳ дар ашъори ӯ воситаи ифодаи тасвир шудаанд.

Унсурҳои ҷузъии табиати дехро, ки Бозор Собир мавриди тасвир қарор додааст, ба чанд бахш ҷудо кардан метавон.

Нахустин ҷузъиёти муҳимме, ки дар ашъори Бозор Собир аён мегардад, истифодаи калимаву ибораҳои хосси деҳ аст. Аз ҷумла, истифодаи номи ҳайвонот, рустаниҳо, паррандаҳо, ҳашарот, исмҳои макон, ки хосси деҳ мебошанд ва монанди инҳо. Дар ашъори Бозор Собир тақрибан 90 номгӯи ҳайвоноту паррандагону ҳашаротро метавон вохӯрд. Аз ҷумла, асп, гург, саг, гурба, меш (барра), гов, оҳӯ, ғизол, моҳӣ, гулмоҳӣ, кирмак, мор, сангпушт, тутӣ, мурғ, хурӯс, кабк, парасту, турна, каргас, магас, занбӯр, мӯр, магас (пашша), кайк, шоҳпарак, малах (малахи гаҳворачунбонаш), момоҷавобак, момоборонак, булбул, қумрӣ, хомӯшак, шабкӯрак, каргас, лошахор, чӯҷа, гунҷишк, боша, зоғ, уқоб, товус, тазарв, ку-ку, парвона, хирс, бум ва ғайра.

Шабкӯраки пашшахори шаббедорам,
Бо болу пари хаёл пар-пар дорам,
Шабкӯраки шеърам, аз ҳавои шаби шеър,
Хомӯшаку пашшаи сухан медорам [12, с.188].

Товусу тазарви ҳарду абрут парид,
Оҳуи бухории ду чашми ту рамид.
Дар ҷангали нозу ишваи мижгонат
Сагҳои шикории нигоҳи кӣ давид? [12, с.189].

Бозор Собир номгӯи ҳамаи ин ҳайвоноту парандаҳову ҳашаротро ба сифати образ истифода намудааст. Баъзе образҳо, ки дар ашъори ӯ чанд маротиба истифода шудаанд, мазмуни ягона доранд. Масалан, образи «асп» бештар маънии ҷудоиро ифода мекунад:

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар…

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Бори дигар надидамат, эй аспи бодпо!
Ту то куҷо давидию ку он сабораат?
Ӯро ту дар ҷавониаш афкандӣ дар куҷо?! [16, с.70].

Баъзе образҳо барои барҷаста нишон додани зебоии табиат истифода шудааст.

Себаргаю гул дамида аз сангу сафол,
Дар бом хурӯси лола мекӯбад бол.
Ин барраи сабзи таракро, ки тар аст,
Мелесаду хушк мекунад меши шамол [16, с.217].

На кабки дарӣ, на дар ҳаво турнақатор,
Дар пушта на арғувон, на бӯйи гули хор.
Дар ҳар қадаме дар қадами тобистон,
Саҳрои хурӯси лоларо кушт баҳор [16, с.219].

Дар сурати баъзе аз ин образҳо шоир модари худ ва наздикон, кулбаи беғами модари худро ҷустуҷӯ мекунад:

Касе дар кулбаи модар намондаст,
Ба ғайр аз корбофакҳои чун ӯ,

Ба ғайр аз риштаҳои корбофак,
Ба ғайр аз лонаи ҷуфти парасту [16, с.86].

Ҳамаи ин образҳо аз нигоҳи мавқеи истифодаашон гуногун мебошанд. Образҳое монанди асп, гург, саг, меш, мӯр, малах, кирмак ва монанди инҳо зиёд истифода шудаанд. Образҳое низ дида мешаванд, ки танҳо як ё ду маротиба истифода шудаанд. Аз қабили «гурба», «ғизол» ва ғайра.

Дар ашъори Бозор Собир истифодаи номи рустаниҳо низ хеле зиёд аст. Аз ҷумла, сафедор, бед (калбед), тут, шаҳтут, гелос, чанор, лола, сада (сабда), райҳон, пӯдина, ҳулбӯ, себ, гашниш, ангур, кишмиш, бунафша, тирак, ток, олуча, маҷнунбед, олу, сияҳгӯш, сарв, санавбар, анҷир, себарга, қоқу, хӯса, қарақшу, ар-ар, садбарг, ёс, ушна, бобуна, дӯлона, чормағз ва ғайра.

Шоир худ ҷойе чунин ишора дорад:

Маро ин осмон шоир накардаст,
Гирифтам аз алафҳо бӯйи ашъор.
Чу барге сабз шуд, ман ҳам шудам сабз,
Чу барге сӯхт, ман ҳам сӯхтам зор [16, с.140].

Дар ашъори шоир номи баъзе рустаниҳое низ дида мешавад, ки дар лаҳҷаҳо унвони гуногун доранд, аз ҷумла калимаҳои хироҷ ва сӯзанак. Ин калимаҳоро шоир дар поварақ шарҳ медиҳад, ки гиёҳи хӯрдании кӯдакон будааст.

Ин образҳоро аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: серистеъмол ва камистеъмол. Ба гурӯҳи серистеъмол образҳое дохил мешаванд, ки дар ашъори Бозор Собир чанд маротиба истифода шудаанд. Ба гурӯҳи камистеъмол образҳое дохил мешаванд, ки тангҳо як ё ду маротиба истеъмол шудаанд. Масалан, образҳои гург, гов, асп, меш, турна, парасту, лола, чанор, сафедор, бед, маҷнунбед, тут, ангур олу, олуча дар ашъори шоир чандин дафъа истеъмол шудаанд. Ба воситаи ин образҳо шоир ҳолати ботинии худро нишон медиҳад. Ҳамаи ин образҳо дар ашъори Бозор Собир мавқеи хосса доранд. Дар образҳои сафедору чанор ормонҳои шоир нуҳуфтаанд. Ин образҳо гоҳе ӯро аз танҳоӣ наҷот ҳам медиҳанд.

Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтани лолаи туст.
Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст [16, с.216].

Шоир дар образи дарахтон низ падару модар ва дигар наздикони худро ҷустуҷӯ мекунад. Чун онҳоро намеёбад, худро бо сафедору, беду токи деҳа ором мекард:

Шабҳо намешунидам ман шир-шири сафедор,
Шабҳо ману сафедор чун чӯби хушку хомӯш,
Дар тирагӣ нишастем, сар то ба бун сияҳпӯш,
Ӯ аз бурун сияҳпӯш, ман аз дарун сияҳпӯш [16, с.95].

Бе ман дар ин қадар вақт гӯри падар фурӯ рафт,
Токи падар баромад, аз боғ кӯ ба кӯ рафт;
Ангури лаълаш акнун аз хуни синаи ман,
Ангури ҷавзаш акнун аз ашки дидаи ман [16, с.39].

Аз он чӯбе, ки дар гӯраш задам тӯғ,
Баромад модарам сабзида аз гӯр.
Дарахти сабда шуд дар пуштаи хок,
Ки модар менамояд бар ман аз дур.

Чуноне зист ӯ, бечорагӣ кард,
Миёни ҷандаҳояш бандагӣ кард.
Дарахти модарам шуд латтабандӣ,
Саропо куртаҳои кандагӣ кард.

…Дарахти сабда шуд дар пушта модар,
Дарахте чун сабадҳои каҷова.

Ту гуфтӣ, як сабад ғам, як сабад ғам,
Ту гуфтӣ, як сабад андӯҳу мотам [16, с.85-86].

Дар ашъори Бозор Собир тасвирҳои ҷолиби хосси дехро дидан мумкин аст, ки онҳоро танҳо шоири деҳотӣ ёфта метавонад.

Аз ҷумла, моҳро ба кӯзаи шир монанд мекунад. Ва ё лолазори Файзобод барои ӯ хунинҷигар менамояд.

Ҳазор лола ба дил лолазори Файзобод,
Дубора хуни ҷигар шуд, чаро намеоӣ? [16, с.21].

Моҳтобро шоир халтаи моҳтоб мегӯяд ва онро ба халтаи чакка ва халтаи ҷурғот монанд мекунад.

Дар навдаи тути модар овезон,
Чун халтаи чакка халтаи маҳтоб,
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот [12, с.70].

Ангури чиликакро ба хӯшаи панҷаҳои хоҳар монанд мекунад:

Қишлоқи маро, ки тозаю тар будаст,
Он сӯзанакаш сӯзани модар будаст.
Ангури чиликаки сари девораш
Чун хӯшаи панҷаҳои хоҳар будаст [12, с.180].

Барои Бозор Собир сафедорон саропо чашм ва барги чанорон саропо панҷаи даст менамоянд:

Ку сафедорони анбӯҳи саропо чашм-
Чашми пурмеҳру муҳаббат?
Ку чанорони саропо панҷаи даст,
Панҷаи дасти мададгор? [12, с.13].

Ин навъ бозёфтҳои шоирӣ дар ашъори Бозор Собир ба ҳадде зиёд аст, ки ӯро ҳамчун шоири тасвиргаро машҳур кардааст.

Дар сари ҳар пушта аз рангинкамон чархофалак дорад,
Кӯзаи моҳи шабаш шири малак дорад [12, с.12].

Маҳтоби нав ба тахтаи дарвозаи уфуқ
Кӯбида наъли ашқари гардуннаварди мост… [12, с.49].

Ҳар сатри дафтари ман
Чун мӯр меравад роҳ,
Гаҳ дона мекашонад,
Гаҳ тӯда мекунад коҳ [12, с.77].

Танаш чун барфи навборидаи субҳи зимистон буд,
Пайи дандони ман ҳар ҷо
Саҳаргоҳон чу нақши пои гургон буд,
Пайи ошӯби гургони биёбон буд [12, с.80].

Шаҳре, ки манам, нам аст аз боронаш,
Мардум ҳама дар ғам аст аз боронаш.
Боми дилам ушна баст аз боронаш,
Девори дилам нишаст аз боронаш [12, с.184].

Рагҳои дили маро буриданд аз банд,
Сад теғ заданд дар рагу дар пайванд.
Рагҳои буридаи дилам хушоранд,
Монанди найи буридаи найзоранд [12, с.184].

Ангури сиришкам аз гиристан пухтаст,
Са хӯша дар ин чашми тари ман пухтаст.
Ин лаҳза куҷост, з-ашки ангурии ман

Ширинии ангурӣ пазад модари ман [12, с.199].

Сурхида дарахти арғувон лола шудаст,
Ҳар лола шукуфта ҳамчу пайғола[3] шудаст [12, с.238].

Дар ашъори шоир ҳамчунин калима ва ибораҳои марбути зиндагии деҳ зиёд аст. Махсусан, истифодаи калимаву ибораҳои ифодакунандаи исми макон бартарият дорад. Аз ҷумла, «кӯчаи хокӣ», «хам-хами пуштаҳои қишлоқ», «қишлоқак», «қишлоқаки кӯдакии саҳроӣ», «боми беандова», «қафои пода», «пуштаҳо», «роҳҳои хокӣ», «қатори дӯлонаҳо», «каҳгили кулбаҳо», «бӯйи дуди алов», «тали пурхору хаси деҳкада», «шаббода», «шаббодаи саҳро», «каҳрезаи Файзобод», «моҳи лаби ҷар», «гаҳвораи таҳҷоӣ», «гаҳвораи талҳо», «лолазор», «навдаи тути модар», «халтаи чакка», «халтаи моҳ», «халтаи ҷурғот», «таги тути пухта», «тутборон», «чак-чаки чакка», «равғани маска», «ба рег шустани дег», «каҳу дон», «дӯшидани гов», «шир-шири ширдӯшии модар», «навдаи тути пухта», «донаи тут», «ҷолаи тут», «мушти калтут», «мурғи пагоҳӣ», «синакӯбии мурғи пагоҳӣ», «фарёдзании мурғи пагоҳӣ», «ку-ку»-и мурғи пагоҳӣ», «қишлоқии хоксор», «чак-чаки халтаҳои хобовар», «халтаи маҳтоб», «шохи чанор», «бӯйи фатир», «хамири гарм», «бӯйи модар», «зери сафедор», «хоки модар», «зери дарахти тут», «хори даст», «мазори лаби ҷар», «ошдони модар», «хирмани коҳи падар» ва монанди инҳо.

Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Товасангони сафеду сияҳи гӯристон.
Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Тали пурхору хаси деҳкадаи Суфиён [12, с.47].

По монда лаб-лаби ҷар, гуфтам: бародарам ку?
Момоҷавобак аз ҷар гуфто: бародарат ку?
Акси садои ман не, бо гӯши худ шунидам –
Овози модарам буд, аз дарра мекашид уҳ [16, с.95].

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тути қатори Сӯфиёнам ҳама шаб.
Дар ҳавлии кӯдакиям аз донаи ашк
Ман донаи тут метаконам ҳама шаб [12, с.211].

Аз заминҳо ман каҳу дон мекашидам пеш аз ин,
Хори дастамро ба дандон мекашидам пеш аз ин [12, с.52].

Шоир ҷойе чунин ишора намудааст:

Нахустин байти ман дар дафтаре нест,
Нахустин байти ман дар подараҳҳост,
Ки ӯро пои урёнам навишта,
Ба рӯйи хок иншои кафи пост.

Заминҳои баланди лалмикорӣ
Барои ман алифбои ҳунар шуд.
Сари машқи хати ман дар заминҳо,
Хати хонои шудгори падар шуд… [16, с.140].

Дар ашъори шоир анъана ва урфу одатҳои мардумӣ бо тасвирҳои аҷиб дида мешавад. Масалан, миёни мардуми деҳ анъанае роиҷ будааст, ки ба хотири ба даст овардани фарзанд ба дарахти мазори занони серфарзанд латта мебастаанд. Ии анъана дар чанд шеъри Бозор Собир ба таври барҷаста нишон дода шудааст. Аз ҷумла, дар шеъри «Дарахти сабда шуд дар пушта модар» мебошад:

…Чуноне зист ӯ, бечорагӣ кард,
Миёни ҷандаҳояш бандагӣ кард,
Дарахти модарам шуд латтабандӣ,
Саропо куртаҳои кандагӣ кард.

[3] Пайғола-пиёлаи шароб

Ҷавонзанҳои қишлоқам ба армон,
Ки шояд кӯдаке гардад муяссар,
Ба нӯги шохаҳояш латта банданд
Ба дандон канда аз ҳар докаи сар.

Ки ҳамчун остони модари ман
Набуд як остони хонақоҳе,
Набуд чун модари ман бошафоат,
Азизею шаҳидею мазоре.

Ки ҳамчу модари ман чӯҷапарвар
Ками кам буд дар дунё аёле.
Ки ҳамчун модари ман бо шафоат,
Азизею шаҳидею мазоре [12, с.108].

Барои ориёиён чун оташ муқаддас будаст, дар зери по мондани он низ вубол будааст. Ҳарчанд имрӯз оташ барои мо як чизи муқаррарӣ аст, аммо анъанаи вубол будани хокистар дар зери по то имрӯз дар рустоҷоҳо боқӣ мондааст.

Моро увол аст аз азал
Хокистаре дар зери по,
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир.
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

Бо пояш оташро накушт
Аҷдоди оташкеши мо,
Дар назди мардум лоҷарам
Сахт аст ин айбу гуноҳ [12, с.119-120].

Занони деҳ дегҳоро бо рег шуста тоза мекунанд. Аз ҳамин ҷо калимаи регшуста низ пайдо шудааст.

Ку модараки сағерабонам, ку?!
(сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш ба рег ношуста) [12, с.72].

Инчунин, баъд аз вафоти яке аз аҳли хонавода ҳамон хонадон то сари сол ҳар бегоҳи рӯзи ҷумъа нони ҷумъагӣ медодааст. Дар баъзе минтақаҳо ин анъанаро то рӯзи чил идома медиҳанд. Онро гоҳе оши ҷумъагӣ, нони ҷумъагӣ, бегоҳи ҷумъагӣ низ ном мебаранд.

Модари бечораи ман чанд фарзанди калон гум кард,
Ҳамсарашро бармаҳал гум кард
(Модарам чилсола буд он вақт);
Модари бечораам дар сӯги пайвандон
Рӯзҳои ҷумъа нони ҷумъагӣ медод,
Хатми Қуръон карда мебахшид… [12, с.133].

Дар ашъори Бозор Собир калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ низ дида мешавад, ки хосси як деҳ ё як минтақа аст.

Он тири ҳавоие, ки яккаш мерехт,
Он тир на аз камони Ораш мерехт
Аз шаттаи гови мурдаи абри матир
Аз чашми ҳаво алову оташ мерехт [12, с.197].

Чунон ин зиндагӣ моро пакар кард,
Чунон хору чунон муҳтоҷу мадҳуш.
Чунон номеҳрубон, бе нангу номус,

Ки модар ҳам фаромӯш шуд, фаромӯш [12, с.109].

Гашта-баргашта модарам мегуфт,
Кенҷатулфори моӣ, Иброҳим [12, с.141].

Калимаи «кенҷатулфор»-ро шоир дар поварақ чунин шарҳ додааст:«тифли кенҷагӣ (вожаи модарам)».

Ҳар мулк, ки ҳаст, аз камон аст, ҷазир,
Шерони замонаро камон кард асир [12, с.241].

Бозор Собир гоҳе ба мавзуъҳои динӣ ва боварҳои мардумӣ руҷуъ намудааст, ки бешак, аз таъсири муҳити деҳ аст. Ҳарчанд шоир иброз медорад, ки ба ҳеч дине бовар надорад, аммо баъзе ҷузъиёти мушаххаси динӣ ва исломиеро дар ашъори ӯ мушоҳида мекунем, ки аз бовар доштани ӯ ба дин ва дигар арзишҳои диниву ахлоқӣ шаҳодат медиҳад, яъне он навъ мавзуъҳо дар ашъори Бозор Собир боз ҳам дар заминаи дин ва арзишҳои ахлоқӣ ба вуҷуд омадаанд ва шоир низ ба онҳо эътиқод меоварад, гоҳе ба онҳо ниёз дорад.

Замини бетарафро дар замин дида,
Яқин кардам ҳудуди имтиёзамро.
Ба ҳукми ҷонамози мӯйсафедон буд,
Намондам пеш пойи бенамозамро [12, с.140].

Аввал на худои лоязолӣ, нон аст!
Дуввум на расулу авлиёӣ, нон аст!
Дасти ту агар ба тоқи нонат нарасад,
Хиште, ки ба зери по ниҳӣ, Қуръон аст [15, с.181].

Дар заминаи фарҳанги динӣ дар ашъори Бозор Собир боварҳои мардумӣ низ инъикос гаштаанд, ки бешубҳа аз таъсири муҳити деҳ будааст.

Ин замон дар говгуми ёди ман бори дигар,
Ояти Қуръону кампири Назокатро нигар,
Гов гум кардасту аз говаш хавотир сад карат
Мекунад чун гови гардунаш, ту гуфтӣ, кӯрхат… [12, с.51].

Солҳои ҷанг, ки ҳама ҷоро қашшоқӣ фаро гирифта буд, миёни мардуми деҳ ибораи «соли сиёҳ» пайдо шуда буд.

Кӯдаки чиллаи зимистонӣ,
Тифли соли сиёӣ, Иброҳим.
Соли кунҷораву сабусхорӣ,
Давраи нонгадоӣ, Иброҳим… [12, с.141].

Барои пешгирии боронҳои шабонарӯзӣ, мардуми деҳ борони ҳафтшабонарӯзиро ҷӯшонда хушк мекардаанд, то об деги осмон ҳам хушк шавад ва онҳо бовар доштаанд, ки аз ин амал борон қатъ мешавад.

То наборад дигар биҷӯшондам,
Рӯзи боронӣ оби боронаш.
Оби чашми маро биҷӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш [12, с.141].

Дар ашъори Бозор Собир баъзе рубоиву дубайтиҳо, ҳатто оҳанги чаҳорпораҳои ӯ ба эҷодиёти даҳонакии халқ, аз ҷумла, ба рубоиву дубайтиҳои халқӣ монандӣ дорад, ки эҳтимол аз таъсири муҳит деҳ будааст:

Ман волаи сӯзане, ки гул медӯзад,
Қурбони гуле, ки Мавҷигул медӯзад.
Вақте нигарам ба сӯзани мижгонаш,
Як сӯзании дигар ба дил медӯзад [12, с.186].

Гуфтам, ба гули хорам агар мебастанд,
Кам буд дусад борам, агар мебастанд.
Дар вақти шукуфтани гули хор, вале,
Дардо, ки ба сими хордорам бастанд [12, с.186].

На боғи падар монду на он беди қатор,

Аз беди қатор монда калбеди қатор.
Он беди қатор чӯби гаҳвора нашуд,
Ё чӯби аловӣ шуд ва ё чӯби мазор [12, с.190].

Шоир дар мақолаи «Хонавода пароканда шуд» чунин менигорад: «Дар кӯдакии мо ҳама гӯяндаю сарояндаю навозанда буданд: ҷуфтакиҳо, чапаракиҳо, подабонҳо, даравакиҳо, хирманакиҳо…

Тӯйҳои фақиронаю ғазалҳои фақирона, роҳҳои хокию дубайтиҳои хоколуд, палаку полизҳои лалмию ҳандалабайтҳои ширини лалмӣ, ҷуфту рубоиҳои сарҷуфтӣ, каланду хонишҳои калондакӣ ва ҳоказо. Байту ғазалро мекиштанду медаравиданд, дарза мебастанду мекашоданд, мекӯфтанду орд мекарданд, мешӯриданду мепухтанд. Кампираке калоба печонда, ҳавоеро димоғӣ мунга мекашид. Хирманакие майдаю мандоғ мехонд. Подабоне гурӯғлӣ мегуфту лабакӣ нағмаю мақоме мегардонд. Духтарони қадрас сӯзанӣ дӯхта, ҳамчун най овоз мекашиданд. Ва сари ин замзамаҳо замзамаи Мағфират буд. Мағфирати химчамиён, ки пӯпаки тоқии тосаш як ваҷаб дарозӣ дошт. Мағфират буду шилдир-шилдири дойраю дастаи духтарон, ки сари овозашро мегирифтанд:

Ҳар ҷо, ки равӣ, хатат равон мекардам,
Гапҳои нагуфтаро баён мекардам.
Гапҳои нагуфтаро, агар гуфта нашуд,
Худро ба даруни хат равон мекардам.

Он маҳал намефаҳмидем, ки шоирӣ чист. Инак, фаҳмидем, ки Мағфирати нозанини мо шоира будааст (ёдаш ба хайр)» [16, с.279].

Шоир бо деҳаи худ ба он ҳад пайвастагӣ дорад, ки дар ғарибӣ онро барои худ чун пиру авлиё пуштибон медонад. Эҳсосоте, ки дар шеъри ӯ ба назар мерасад, нишон медиҳад, ки Бозор Собир як умр ба деҳи худ чун такягоҳ ниёз доштааст.

Дар пушти ман авлиё набуд, пир набуд,
Девори Хитою кӯхи Помир набуд.
Дар пушти сарам латтамазорон буданд,
Бо латтаи пора-пораи сурху кабуд [12, с.190].

Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст.
Қишлоқаи ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст [12, с.190].

Дурӣ аз деҳа, аз ёрон, бародарону хоҳарон, макони охирати падару модар ва дигар эҳсосоти ба ин монанд барои шоир фоҷеа мешавад. Муҳити деҳ барои шоир ягона макони амну осоиш аст, ки акнун аз он ҷудо шудааст. Дар мисоли деҳаи хурдакаки худ шоир фоҷеаи ғарибӣ ва оқибати онро дар мисоли эҳсосоти худ ва наздикони гумкардааш нишон додааст:

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тути қатори Сӯфиёнам ҳама шаб.
Дар ҳавлии кӯдакиям аз донаи ашк
Ман донаи тут метаконам ҳама шаб [12, с.211].

Шоир ба наздикони худ ниёз дорад, аммо дигар онҳоро ёфта наметавонад:

Ёрону бародарони ман кам шудаанд,
Дар гарду ғубори кӯчаҳо гум шудаанд.
Дар хам-хами пуштаҳои қишлоқаки ман
Гандумдаравон гиёҳи гандум шудаанд [12, с.241].

Дар ашъори Бозор Собир инчунин таъсири ашъори Сергей Есенин мушоҳида мешавад. Маҷмуаи «Гулафшон», ки маҷмуи тарҷумаҳои ашъори шоири номдори рус Сергей Есенинро дар бар гирифта, соли 1977 аз чоп баромадааст, дар тарҷумаи он Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир саҳми арзанда гузоштаанд. Зимни баррасиҳо муайян гардид, ки Бозор Собир бештар шеърҳоеро барои тарҷума интихоб намудааст, ки дар онҳо мавзуи деҳ инъикос ёфтаанд. Эҳтимол, яке аз заминаҳои тасвиргароии Бозор Собир, ки бештар ба муҳити деҳ такя намудааст, маҳз тарҷумаи ашъори Сергей Есенин будааст.

Матни асл:

Низкий дом с голубыми ставнями,
Не забыть мне тебя никогда, –

Слишком были такими недавними
Отзвучавшие в сумрак года [6, с.150].

Тарҷумаи Бозор Собир:

Аввалин сарпанаҳам дар олам,
Хонаи чӯбии дарвозакабуд.
Дару боми ту нарафт аз ёдам,
Рӯзгори ту фаромӯш нашуд [5, с.61].

Матни асл:

Ворочусь я в отчий дом –
Жил и не жил будный странник…
В синий вечер над прудом
Прослезится конопляник [6, с.163].

Тарҷумаи Бозор Собир:

Ғел-ғелон маро ҳам аз дарҳо,
Мекашад хоки деҳаам бар худ.
Як шабе дар канори ҷӯйи падар,
Мешавад шоҳдона ашколуд [5, с.140].

Таҳлилу баррасиҳое, ки дар атрофи ашъори Бозор Собир анҷом дода шуд, нишон медиҳанд, ки муҳити деҳ дар ашъори Бозор Собир аз чанд ҷиҳат таъсир расонидааст, ки метавон онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ кард:

1. Мавзуъ ва образҳои ашъори Бозор Собирро ҷолибу таъсирбахш намудааст.
2. Ба воситаи образҳо ва ҷузъиёти мушаххаси марбут ба деҳ ашъори шоир воқеӣ ва такрорнашаванда гардидаанд.
3. Ба шакли ашъори Бозор Собир таъсир расонидааст.
4. Ба оҳанги ашъори Бозор Собир таъсир расонидааст. Ба ин восита ашъори шоир оҳанги шеърҳои халқиро гирифтаанд.
5. Муҳити деҳ дар ашъори шоир барои офаридани образҳои барҷаста мусоидат намуда, ӯро ба сифати шоири тасвиргаро ба воя расонидааст.
6. Шоир дар мисоли фоҷеаи деҳ фоҷеаи ғарибӣ ва фоҷеаи ватанро нишон додааст, ки дар ғарибӣ якумра аз ватан ҷудо шудааст.

Баррасиҳое, ки атрофи ашъори Бозор Собир анҷом ёфтанд, нишон доданд, ки дар ашъори ӯ муҳити табиат ва ҷузъиёти такрорнашавандаи он бо тамоми зебоиҳояш тасвир ёфта дар баробари ин, фарҳанги исломӣ ва анъанаҳои мардумӣ, расму оин ва арзишҳои хонаводагӣ ба таври барҷаста инъикос ёфтаанд. Шоир дар баробари инъикоси табиат, ба воситаи ҷузъиёти он олами ботинии эҳсосоти худро нишон додааст. Муҳити деҳ дар ашъори Бозор Собир аз чанд ҷиҳат таъсир расонида барои ба воя расидани шоири тасвиргаро ва такрорнашаванда мусоидат намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
2. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.
3. Бариева, М.Х. Роль и место С. Есенина в западно-восточном литературном синтезе («Персидские мотивы»): автореф… дис. на канд. филол. наук. (10.01.03) / М.Х. Бариева. – Душанбе, 2007. – 22 с.
4. Бариева, М.Х. Мақоми Сергей Есенин дар синтези адабии ғарбию шаркӣ («Савтҳои форсӣ»): рисола ... / М.Х. Бариева. Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 168 с.
5. Есенин, С. Гулафшон / С. Есенин. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
6. Есенин, С. Собрание сочинение: в 2 т. Т. 1 / С. Есенин. – М.: Современник, 1990. – 480 с.
7. Маликшоева, Ш. Бозор Собир: Есенинро бо шӯру шавқ тарҷума мекунам (мусоҳибаи Шобегим Маликшоева бо Бозор Собир) / Ш. Маликшоева // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 26 май. – С.13.
8. Маликшоева, Ш. Таъсири тарҷумаҳои ашъори Сергей Есенин дар ашъори Бозор Собир / Ш. Маликшоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - № 4/1. – С.180-187.
9. Собир, Б. Оташбарг: (маҷмӯаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 144 с.
10. Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан... / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
11. Собир, Б. Хонавода пароканда шуд: (чаҳор мақола) / Б. Собир. – М.: Трансдорнаука, 2000. – 128 с.
12. Собир, Б. Аз гули хор то симхор: (маҷмӯаи шеърҳо) / Б. Собир. – М.: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
13. Собир, Б. Шоиру шеъре агар ҳаст…: (шеърҳо ва мақолаҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
14. Собир, Б. Хуни қалам: (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: 2010. – 132 с.
15. Собир, Б. Лолаи сиёҳ: (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2013. – 88 с.
16. Собир, Б. Замини модарӣ / Б. Собир. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 410 с.

17. Муъмин Қаноат. Як чаман сухан. Собир Бозор. Шохи қалам. Лоиқ Шералӣ. Забони дил / Қаноат, Муъмин. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
18. Шамисо, С. Анвои адабӣ / С. Шамисо. – Теҳрон, 1373. – 344 с.
19. Шарифов, Х. Шоир ва шеър: (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 217 с.

ИНЪИКОСИ ВИЖАГИҲОИ МУҲИТИ ДЕҲ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъсири муҳити деҳ, ҷузъиёт ва мушаххасоти он дар ашъори Бозор Собир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқ муайян гардидааст, ки шоир ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодии худ ба мавзуи деҳ таваҷҷуҳи хосса доштааст. Унсурҳои мушаххаси муҳити деҳ дар ашъори шоир ба сифати образҳо ва тасвирҳои нодири шеърӣ истифода шудаанд. Муайян шудааст, ки дар ашъори Бозор Собир истифодаи номи ҳайвонот, парандагон, ҳашарот ва рустаниҳо хеле зиёд аст. Баъзе тасвирҳо дар ашъори ӯ мазмуни ягона доранд. Ба воситаи ин навъ тасвирҳо шоир гоҳе ҳолати ботинӣ ва равонии худро низ нишон додааст. Ба воситаи образҳои ҷузъии деҳ шоир муҳити деҳро ба таври барҷаста ва нишонрас инъикос намудааст. Дар ашъори Бозор Собир тасвирҳои ҷолиби марбут ба деҳ, ҳамчунин калима ва ибораҳои хосси деҳ мунъакис шудаанд, ки он навъ тасвирҳоро танҳо шоире ёфта метавонад, ки дар деҳ ба воя расидааст. Дар шеърҳои ба деҳ бахшидаи Бозор Собир як навъ ниёзу эҳтиёҷи шоир ба деҳ нишон дода шудааст, ки мутаассифона, дар ғарибӣ онро аз даст додааст ва аз даст додани онҳо барои шоир як навъ фоҷеа шудааст. Муайян гардидааст, ки дар мисоли фоҷеаи деҳ шоир фоҷеаи Ватан ва фоҷеаи ғарибиро нишон додааст.

Калидвожаҳо: деҳ, Бозор Собир, фоҷеаи деҳ, унсурҳои муҳити деҳ, калима ва ибораҳои марбут ба деҳ, мавзуи деҳ, тасвирҳои шеърӣ, ғарибӣ, эҳтиёҷи шоир ба деҳ, тасвирҳои ҷолиби хосси деҳ, ҳолати ботинӣ, образҳо.

ОТРАЖЕНИЕ УНИКАЛЬНОСТИ СЕЛЬСКОЙ СРЕДЫ В ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

В статье рассматривается влияние сельской среды, ее особенностей и конкретики в поэзии Бозора Собира. В ходе исследования выяснилось, что деревенская тематика интересовала поэта с самого начала его творчества. Специфические элементы сельской среды используются в поэзии поэта в виде уникальных поэтических образов и описаний. Выяснилось, что в поэзии Бозора Собира часто используются имена животных, птиц, насекомых и растений. Некоторые образы в его стихах имеют уникальный смысл. Через такие изображения поэт иногда показывал свое внутреннее и душевное состояние. Посредствам подобных изображений села поэт ярко и живо изобразил сельскую среду. Поэзия Бозора Собира содержит интересные описания села, а также специфические слова и фразы, которые может найти только поэт, выросший в деревне. Стихи Бозора Собира, посвященные деревне, показывают некую потребность поэта и любовь к деревне, которую, к сожалению, он потерял, и е утрата стала для поэта трагедией. На примере трагедии села, поэт показал трагедию Родины и трагедию чужака.

Ключевые слова: село, Бозор Собир, трагедия села, особенности деревенской среды, слова и выражения, связанные с селом, сельская тематика, поэтические образы, отчуждение, потребность поэта в селе, интересные сельские образы, внутреннее состояние, образы.

REFLECTION OF THE UNIQUENESS OF THE RURAL ENVIRONMENT IN THE POETRY OF BOZOR SOBIR

The article examines the influence of the rural environment, its features and specifics in the poetry of Bozor Sobir. During the study, it turned out that the poet was interested in the rural theme from the very beginning of his work. Specific elements of the rural environment are used in the poet's poetry in the form of unique poetic images and descriptions. It turned out that the names of animals, birds, insects and plants are used a lot in the poetry of Bozor Sobir. Some images in his poems have a unique meaning. Through such images, the poet sometimes showed his inner and spiritual state. By means of such images of the village, the poet vividly and vividly depicted the rural environment. Bozor Sobir's poetry contains interesting descriptions of the village, as well as specific words and phrases that only a poet who grew up in the village can find. Poems by Bozor Sobir, dedicated to the village, show a certain need of the poet in the village, which, unfortunately, he lost, and their loss became a kind of tragedy for the poet. It is clear that, using the example of the tragedy of the village, the poet showed the tragedy of the motherland and the tragedy of a stranger.

Key words: village, Bozor Sobir, tragedy of the village, features of the village environment, words and phrases related to the village, rural themes, poetic images, alienation, the need of the poet in the village, interesting rural images, inner state, images.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маликшозода Шоҳбегим Хайрулло*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсия. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, С.Носир-33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-11-84-70**

Сведения об авторе: ***Маликшозода Шохбегим Хайрулло*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, заместитель заведующего управлении науки и инноваций. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, С.Носира-33. E-mail: **becim1991@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 985-11-84-70**

Information about the author: ***Malikshozoda Shohbegim Khayrullo*** – Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of philology, deputy head of the department of science and innovation. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S.Nosir-33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Phone: **(+992) 985-11-84-70**

УДК: 891.550-8

ДРАМАТИЗМ КАК ЭСТЕТИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ ДИАЛОГОВ В РОМАНЕ «ФИРДОУСИ» СОТИМА УЛУГЗАДЕ

Мусоева Ш.Ю.
Таджикский государственный педагогический университет имени Айни

Диалог - одно из главных средств, раскрывающих восприятие автором действительности. Благодаря диалогу читатель определяет межличностные отношения среди персонажей - это главная функция диалога в художественном произведении.

Следовательно, диалог имеет коммуникативную функцию. В свою очередь, коммуникативная ситуация раскрывает главную задачу диалога, которая должна раскрыть социальную роль персонажей в ходе общения. Более того, по диалогу можно понять место и время общения между участниками сюжета.

Однако коммуникативная ситуация может быть выполнена удачно или неудачно.

Коммуникативная удача и неудача - это характеристика коммуникации о достигнутой цели. К коммуникативной неудаче относится негативный эмоциональный эффект, каковыми могут быть раздражение, недоверие, досада, обида, злоба и т.д.

Чтобы устранить этот эффект автор включает уточняющий диалог - расспрос, диалог - пояснение. Эти диалоги, в итоге, раскрывают намерение говорящего.

В каких случаях может создаться коммуникативная неудача? Чаще это происходит при некорректно составленном вопросе, обращенном к участнику диалога, или из-за нарушения этикета - правил вежливости.

Коммуникативный провал - это полное непонимание собеседниками друг друга. Коммуникативные помехи делятся на трех основных вида: со стороны источника отправителя; со стороны получателя; со стороны окружения. Они могут приводить к коммуникативным сбоям и недостаточному взаимопониманию между участниками коммуникации.

Коммуникативная функция обычно реализуется через вербальную систему общения и невербальную систему общения.

Невербальная система общения передает отношение человека к другому участнику диалога, показывает отношение говорящего к проблемам, событиям. Другая их характерная черта заключаются в том, что они конкретизируют смысл и придают информации эмоциональную окраску.

Движущей силой диалога является сам автор и одним из основных средств коммуникации является вербальная коммуникация.

Очевидно, что диалоги в художественном произведении являются стилистическим приемом, благодаря которым автор придает повествованию оживление. Диалог, как стилистически прием, способен раскрыть характер персонажа, его настроение, позицию, главную мысль произведения.

Советский и российский языковед Н.Д. Арутюнова - выделяет следующие виды художественного диалога:

«Информативный диалог - формирует социальный этикет.

Диалог - беседа - это бесконфликтный разговор.

Повествующий диалог - это монологичный диалог.

Прескрептивный диалог - содержит просьбу, приказ, обещание или отказ.

Диалог обмена мнениями - это обычно форма спора, дискуссии.

Диалог - спор - форма слабого конфликта.

Диалог - выпытывание (допрос) - расспрос, с целью разузнать что-либо.

Диалог – признание (сообщение)- направлен на объявление чего-либо.

Диалог - исповедь - основан на взаимоприятии индивидов, нередко можно назвать монологом, насыщенным вставными новеллами.

Диалог - объяснение - представляет откровенную передачу своих чувств, переживаний.

Диалог межличностного воздействия - подразумевают искренние признания и взаимные комплименты.

Диалог - убеждение - это диалог, в процессе которого взгляды и поведение человека без принуждения подвергаются словесному воздействию других людей.

Диалог эмоционального воздействия - *вид диалога, провоцирующий на* демонстрацию эмоций.

Эмоциональный диалог - представляет собой лингвистическую структуру, включающую в себя неязыковую объективацию чувств и эмоций говорящего, выраженную языковыми средствами в словах автора.

Артистический диалог - рассчитан на эстетическое восприятие.

Интеллектуальный диалог - разговоры о политике, предположения относительно истинного значения и направления в развитии событий и т.д.» [1. с, 44].

В литературоведении существует множество определений диалога - это является свидетельством сложности данного понятия, его можно понять как «функциональную разновидность речи, вид речи, тип коммуникации, принцип организации коммуникации, реализацию которого создает особый тип текста» [2, с.8].

В творчестве Сотима Улугзаде ведущее место принадлежит диалогу. Сотим Улугзаде, создавая целые тексты, не только завязывает сюжет с помощью диалога, но и представляет точку зрения автора и персонажей своих романов. С. Улугзаде, используя диалог в своих романах, раскрывает особенности мировосприятия характеров своих героев, а также внутреннее состояние и этические ориентиры героев.

Роман «Фирдоуси» ранее рассмотрен многими исследователями, такими как Ш. Салихов, З. Улмасова, С. Бакоева, Дж. Дж. Мурувватиён, вышеуказанные ученые вложили значимую лепту в исследование данного романа.

Новое слово в исследование романа «Фирдоуси» С. Улугзаде внесла Дж. Дж. Мурувватиён, выдвинувшая в таджикском литературоведении новую разновидность романа - филологический роман. По ее мнению этот роман является «первым романом, отвечающим всем критериям филологического романа (...), где присутствует соединение художественного и научного дискурса. Этим С. Улугзаде, несомненно, сделал шаг вперед по сравнению со своими предшественниками по жанру» [3 с, 36].

По мнению ученого, «в романе предметом художественного исследования и изображения Сотима Улугзаде становится творческий процесс над уникальным, многосложным по всем параметрам произведением «Шахнаме», со всеми бытовыми, личностными и общественными нюансами в жизни его создателя - Фирдоуси» [3. с, 38].

Следовательно, изучение диалога, монолога и полилога в романе «Фирдоуси» следует проводить с учетом его темы и жанровой разновидности.

В последние годы творчество писателя часто привлекает внимание ученых.

С. Улугзаде свою творческую деятельность начинал как критик и литературовед. В романе «Фирдоуси» писатель ставит перед собой цель описать основные компоненты творческого процесса при создании художественного произведения.

Как отмечает Дж.Дж. Мурувватиён: «Роман «Фирдоуси» часто путают с биографическим исследованием, считая, что картины литературно-филологического быта, организованные вокруг фигуры героя-поэта, интересны автору только в связи с фактами собственной биографии. Мы не исключаем такое мнение, тем более что до романа в рассказе «Смерть Хафиза» автор действительно использовал факт из своей жизни (1967 г.): сын Сотима Улугзаде, находясь в рабочей командировке в Индии, попросил политическое убежище в Англии, после чего писатель был исключен из рядов КПСС.

Долгие годы его произведения не печатались, но нашей главной задачей является выявление особенностей филологического романа в «Фирдоуси». Здесь уместно будет указать на главную отличительную особенность филологического романа - воплощение филологических идей в структуре романа, где главным героем становится творческая личность. Эта тема в творчестве Улугзаде не новая, к ней он обращается почти в каждом из своих произведений, как в литературоведческих, так и в художественных. Необходимо отметить что в романе «Фирдоуси» филологические размышления писателя пошли дальше: он ставит перед собой задачу выявить природу творчества, его механизмы, функции, смысл и значение. Автор философски осмысливает трагические этапы истории своего народа, С. Улугзаде в последних произведениях

глубже других таджикских писателей проводит мысль о том, что образ творящего прекрасное - есть сила, способная открыть человечеству путь к высшей истине, эта сила призвана стать главным источником человеческих идеалов и преобразить весь мир, все человечество» [3, с.68].

А. Боршаговский, анализируя произведение С. Улугзаде, в предисловии к книге «Согдийская легенда отмечает: «... что через всю жизнь писателя проходил пытливый интерес к великому Фирдоуси. Художник, отвергающий торопливость и дилетантизм, десятилетия двигался к заветной цели: созданию крупного эпического произведения о гении персо-таджикской литературы. Улугзаде в прошлом написаны многие оригинальные работы о Фирдоуси, опубликован двухтомный прозаический пересказ основных поэм «Шахнаме», изучены летописи, манускрипты, вся мировая литература о Фирдоуси, к концу подходит и написание самого романа, который может стать прекрасным завершением долгой, плодотворной жизни писателя и началом нового ее этапа» [4, с.7].

Диалоги в романе «Фирдоуси» служат основным средством характеристики персонажей и выражают главную мысль автора произведения. Особенно привлекают внимание литературные диалоги, которые требуют отдельного, углубленного рассмотрения.

Сотим Улугзаде использует немало авторских ремарок, раскрывающих характеры героев в построении диалога, направленного на читательское восприятие.

Имея конкретную мотивацию в рассказах «Поэт-неудачник», «Травля», «Хусайн Кутейб», диалог используется автором целесообразно, то есть раскрывая всю внутреннюю суть.

В рассказе *«Поэт - неудачник»* диалог носит психологический характер, в котором чувствуется повышенная внутренняя напряжённость поэта Найсони и аристократизм, спокойствие и уверенность Фирдоуси.

В произведении речь героя сообщает о кризисных моментах его жизни, слова, использованные им, раскрывают духовные горизонты его личности, где внешние факты биографии героя отражают психологическую мотивировку.

Фирдоуси, употребляя в речи ироничное отношение к собеседнику, использует речевую манеру таких форм, как «*допустим», «так, откуда тебе известно», «средоточие разума», «кладезь мудрости», «достиг совершенства во всем», «никто не превзошел меня в учености», «я велик в правосудии», «силою равен богатырю Рустаму?»* [6, с.20].

В данном диалоге мы наблюдаем за двумя типами характера: диалог поэта Найсони характеризует его как человека, зависимого от обстоятельств *(«отчаялся», «да тут услыхал», «и решил попытать счастье еще раз»).*

В словах Найсони звучит досада, обида, ирония: *«я пешком проделал путь от Нишапура до Туса», «мой драный камзол и стоптанные кауши»* [6. с. 25]. По высказываниям понятно, что поэта устраивает собственное бедственное положение: он готов писать хвалебные оды и проходить пешком километры, лишь бы заработать кусок хлеба. Однако его характеру противостоит характер поэта Фирдоуси, в ответах, которого чувствуется растерянность - он не знает, что посоветовать человеку, готовому так унижаться, о чем свидетельствуют его слова *«Знаю, нужда заставляет поэтов писать оды, но разве нельзя избрать другое ремесло, чтобы облегчить свое существование».* Характер диалога в данном случае проясняет нам отношение Фирдоуси к поэтам - панегирикам во второй части диалога: *«(...), но разве нельзя избрать другое ремесло, чтобы облегчить свое существование».*

Другая особенность этого диалога заключается в том, что в нем чувствуется явное присутствие автора. Мысли, высказанные Фирдоуси вслух: «- Я представил себе вот такую картину. Допустим, ваша касыда дошла до правителя, а он прочел ее и спросил вас: ты видишь меня впервые — никогда доселе не говорил и не имел дела со мной. Так, откуда же тебе известно, что я средоточие разума и кладезь мудрости, что я достиг совершенства во всем и что никто не превзошел меня в учености, что я велик в правосудии, а силою равен богатырю Рустаму? Что бы вы на это ответили?» [6, с.40] раскрывают характер не только главного героя, но и самого автора - непримиримость с унизительным положением, принципиальность, гордость.

В рассказе *«Спор с имамом»* автор начинает повествование с диалога:

«Фотимаҷон, ман ба Шодоб меравам, - гуфт Фирдавсӣ ба ҳамсараш, - мехохам охундро бубинам ва бипурсам, ӯ дар достони «Зол ва Рӯдоба» - и ман чӣ бидъат дидааст» [6, с.27].

«Съезжу-ка я в Шодоб, Фатима-джан, - обратился к жене Фирдоуси. - Хочется повидать

ахунда и спросить его, что еретического нашел он в моем дастане о Золе и Рудобе» [5, с.29].

Помогая с первых строк создать две характеристики образ неграмотного шодобского ахунда, а также уверенного в себе образованного поэта благодаря диалогу. Используя монолог вместо диалога, автор повышает выразительность мысли.

«Лекин гардиш мекарду хаёлаш боз ба саргузашти аламнок ва кисмати талхи Найсони мерафт. Дарвокеъ, мадеҳа гуфтани Найсонӣ ва амсоли вай шоирони дигар аз ночорист, - мегуфт ӯ дар дилаш. - Муҳтоҷанд, бенавоянд... Хуб мешуд, ки ӯро тавре дастгирӣ кунам...»[6, с.19].

«Какая жизненная драма, какая горькая участь! Да, да, именно нужда заставляет Найсони, многих других поэтов сочинять лживые оды, попусту растрачивать свой талант.. Как помочь ему, чем поддержать?» [5, с.21].

Диалог чаще носит информативный характер в романе.

«Оҳо, бузург марде буданд, - гуфта Кутайб сухани Фирдавсиро бурид, - мураббии ман буданд. Аз санаи 340 то 345, ки эшон волии Ҳирот буданд, ман аз муншиёни он ҳазрат будам. Миннати тарбият ва некиҳояшон дар зиммаи ман бокист. Хуб, шодравон чӣ тавр бонии «Шоҳнома» шуданд?» [6, с.66].

« - О, это был великий человек! - подхватил правитель. - Он был моим наставником! Когда этот почтенный муж правил Гератом, я был в числе его писцов» [5, с.66].

Сотим Улугзода в своем романе сообщает нам, что хранителем «Шахнаме» был Абумансур Мухаммад ибн Абдураззак.

«-Ба чанд абёт хатм шуд?

- Панҷоҳ ҳазор байт, - бидуни майл ҷавоб дод шоир.

- Панҷоҳ ҳазор? - изҳори ҳайрат кард ноиб. - \ҷамосае ба ин бузург? Чанд вакт навиштед?» [6, с.86].

«- Сколько бейтов получилось?

- Пятьдесят тысяч бейтов - неохотно ответил поэт.

- Пятьдесят тысяч?! - удивленно воскликнул наместник. - Как долго вы писали свою книгу?

- Двадцать лет» [5, с. 83].

«-Мегӯянд, тарчумаи «Худойномак» ҳам аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ бо фармоиши амири Сомонӣ ба амал омада?

- Оре, бо амри аълоҳазрат Абдумалик ибни Нӯш волии Хуросон ибни Абдураззок ба вазири худ Муҳаммади Муаммарӣ фармуда ва ин Муаммарӣ чанде аз мубадонро, ки забони паҳлавӣ медонистанд, гирд оварда, эшонро ба тарҷумаи «Худойномак» нишонида буд» [6, с.168].

«- Поэтическая переработка «Худойнамака» была начата, как мне известно, поэтом Дакики по желанию Нуха Саманида. Разве эта работа была поручена Фирдоуси?» [5, с.163].

В своих диалогах автор сообщает о внешнем облике героя, например:

«- Сколько лет Фирдоуси?

- Семьдесят один год, мой государь».

«- я бы скорее поверил, если бы ты сказал, что, несмотря на старость, он крепок и бодр...» [5, с.163].

Опираясь на проанализированные примеры, мы видим, собственную позицию автора романа в организации диалога. Информация о личности героя может содержаться в речи собеседника, или в его речи. Подлинными, реальными лицами является большинство героев романа, изображенные автором под собственными именами и фамилиями, то есть диалогов С. Улугзаде в данном романе крайне многоголосо. Особенность данного произведения заключается в его культурологической значимости и способности воплощать в моделируемой автором образной форме особую художественную картину мира. Художественный диалог в этом плане предстает как один из самых сложных видов художественно-литературной коммуникации, субъектами которой, помимо автора и читателя, становятся персонажи, вовлеченные в историю создания литературного шедевра.

Сотимом Улугзаде правила пунктуации строго соблюдены, диалоги начинаются с новой красной строки и со знака «тире». Диалоги, сообщают определенные сведения о персонаже, давая ему характеристику, перемеживая действия, в меру использовав фразы «сказал», «ответил».

Другая особенность диалогов Улугзаде заключается в том, что по законам драматургии, прослеживается динамика характеров персонажей и движение самого сюжета.

Диалоги в романе построены соразмерно, литературно, не содержат междометий, пауз, внезапной смены тем, недоговоренностей. Специфика художественного диалога в романе «Фирдоуси», таким образом, определяется эстетической функцией, способной репрезентировать процесс художественно-образного мышления.

Основным принципом эстетической категории в романе становится их драматизм, диалога, обработанный автором, с одной стороны, он может иметь в художественном тексте двойственный характер, а с другой стороны, основанный на живой разговорной речи, проходит через призму авторского восприятия.

Рассмотренные нами диалоги отражают межличностные отношения, из которых исходит, что диалог в романе «Фирдоуси» С. Улугзаде является отражением реальной коммуникативной ситуации, может выражать мировидение автора.

Таким образом, для классификации видов диалога в художественном тексте в качестве критериев важны жанровые особенности высказывания и предмет изображения: документальный факт или художественный образ. Диалог в художественном тексте может иметь композиционную форму, обусловливающую структуру произведения и обеспечивающую его единство и оригинальность. Развитие диалога происходит при участии «других» и стремлении автора к прояснению смыслов.

Сотим Улугзаде, очень скупо воссоздавая черты внешнего облика своих персонажей, подробно, детально характеризует их манеру изъясняться, выстраивать свои коммуникативные отношения с собеседниками и миром.

Рецензент: ***Рустамова Г.*** – д.ф.н., профессор МУТПТ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арутюнова, Н.Д. Некоторые типы диалогических реакций и «почему-реплики» в русском языке / Н.Д. Арутюнова // НДВТТТ. Филологические науки, 1970. № 3. - С.44-59.
2. Лагутин, В.И. Проблемы анализа художественного диалога (к прагмалингвистической теории драмы) [Текст] / В.И. Лагутин. - Кишинев: Штиница, 1991. - 98 с.
3. Мурувватиён Дж. Становление филологического романа в таджикской литературе XX века (на примере романа «Фирдоуси» Сотима Улугзода) / Дж. Мурувватиён. - Душанбе: ЭР- граф, 2018. - 148 с.
4. Улугзода, С. Согдийская легенда: повесть, исторический роман, рассказы / С. Улугзода. Пер. с тадж., предисл. А. Борщаговского. - Москва: Художественная литература, 1987. - 512 с.
5. Улуг-зода, Сатим. Фирдоуси. [Перевод с таджикского языка Хуршеды Даврондухт] / Сатым Улуг-зода. - М.: Советский писатель. - 1992. – 240 с.
6. Улугзаде, Сотим. Фирдавси / Сотим Улугзаде. - Душанбе: Адиб, 1988. – 268 с.
7. Фивегер Д.К. К семантической структуре текста [Текст] / Д.К. Фивегер // Исследования по теории текста. Реферативный сборник. - М.: ИНИОН АН СССР, 1977. - С.63-65.
8. Хэллидей М.А. К. Лингвистическая функция и литературный стиль: учеб. пособие [Текст] / М.А. Хэллидей. - М.: Прогресс, 1980. - 430 с.
9. Хализев, В.Е. Драма как род литературы: (Поэтика, генезис, функционирование) / В.Е. Хализев. - М.: Изд-во МГУ, 1986. - 259 с.
10. Щерба Л.В. Русская речь. Сборники статей / Л.В. Щербы. Под ред. Л.В. Щербы. - Петроград: Фонетич. ин-т практич. изучения языков, 1923. - 296 с.
11. Эткинд Е.Г. «Внутренний человек» и внешняя речь. Очерки психопоэтики русской литературы XVIII-XIX вв. / Е.Г. Эткинд. - М., 1999.
12. Юрьева Ж.А. Диалог в художественном тексте / Ж.А. Юрьева // Русская филология. - 2015. - № 2. - С.7-10.
13. Якубинский Л.П. О диалогической речи [Текст]. Избранные работы. Язык и его функционирование / Л.П. Якубинский. Под. ред. А.А. Леонтьева. – М.: Наука, 1986. - С.17-58.

ДРАМА ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ЭСТЕТИКИИ МУКОЛАМА ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Муаллиф дар ин мақола хусусияти дутарафаи муколамаро дар асари бадеї аз нуктаи назари худ баррасї мекунад, ки дар он василаи асосии раванди робитаи усули шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ, иттилоотї инъикоскунандаи он ба воситаи муносибати самимонаи шахс ба ҳамроҳаш, ҳодисаҳо ва масъалаҳо тавассути нутқ интиқол мешаванд. Муаллиф дар мақола аз эҷодиёти нависандаи тоҷик Сотим Улуғзода романи «Фирдавсї»-ро ҳамчун маводи амалї истифода мебарад, ки дар он муколама мавқеи асосиро ишғол намуда, бо ёрии он нависанда як матни томеро меофарад, ки дар он на танҳо сюжети роман, балки нуқтаи назари муаллиф ва персонажњо низ ба назар гирифта шудааст. Муколама дар асари бадеии С.Улуғзода ҳамчун воситаи равшани услубӣ, воситаи эҳёи баён амал мекунад, ки ба воситаи гуногунии нутқ хусусияти идеяи асосї персонажҳоро ифода мекунад, ки муаррифии муаллиф ҳамчун ахлоқӣ ба назар мерасад. Муаллиф қайд мекунад, ки вазифаи асосии муколама дар матни адабӣ инъикоси муносибатҳои байнишахсӣ, инчунин инъикоси вазъияти воқеии муошират мебошад. Муаллиф дар мақола чунин баён мекунад, ки дар эҷодиёти Сотим Улуғзода муколама мавқеи пешбарандаро ишғол намуда, нависанда бо ёрии он як матни томе меофарад, ки дар он на танҳо сюжети роман, балки нуқтаи назари муаллиф ва персонажҳо низ нишон дода шудааст. Маҳз дар муколама хусусиятњои дарки ҷаҳонбинӣ, сирати вазъи осоиштагии ботинӣ ва дастурҳои ахлоқии қаҳрамонони асари С. Улуғзода ошкор гардида, дар он муаллиф марҳилаҳои фоҷиабори таърихи

халқи худро ба таври фалсафӣ дарк намудааст. Муколамаҳое, ки муаллиф баррасӣ кардааст, муносибатҳои байнишахсиро инъикос мекунанд, ки дар романи «Фирдавсї»-и С.Улугзода тахмин шудаанд. Ин навъ муколамаҳо инъикоси вазъияти воқеии муошират буда, ҷаҳонбинии муаллифро ифода карда метавонанд. Муаллиф дар охири мақола ба хулосае меояд, ки аксари қаҳрамонони роман шахсони воқеӣ мебошанд, ки онҳо бо ном ва насаби худ тасвир шудаанд, яъне муколамаҳои С.Улуғзода ниҳоят бисёровозӣ буда, дар аҳамияти фарҳангӣ ва қобилияти дар шакли образнок таҷассум кардани манзараи махсуси бадеии ҷаҳон, ки муаллиф намунаи онро гузоштааст

Калидвожаҳо: вазифа, раванд, оҳанг, муколама, сохтор, характер, одоби иҷтимоӣ, эътироф.

ДРАМАТИЗМ КАК ЭСТЕТИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ ДИАЛОГОВ В РОМАНЕ «ФИРДОУСИ» СОТИМА УЛУГЗАДЕ

В данной статье автор рассматривает двойственный характер диалога в художественном произведении через призму авторского восприятия, где основными средствами коммуникативного процесса являются вербальная и невербальная система, через которую информация, отражающая отношение человека к партнеру, передается при помощи передаваемой речи. Автор в качестве практического материала в своей статье использует творчество таджикского писателя Сотима Улугзаде и его роман «Фирдоуси», где ведущее место принадлежит диалогу, с помощью которого создается целый текст, в котором завязывается сюжет романа и представляется точка зрения автора и его персонажей. В художественном произведении диалоги выступают как яркий стилистический прием, как средство оживления повествования, как средство разнообразия речи, как нравоучение в изложении, и выражает главную мысль, характеризующую героев романа. Автор отмечает, что главной функцией диалога является отражение межличностных отношений в художественном тексте, а также отражение реальной коммуникативной ситуации. В своей статье автор указывает, что в творчестве Сотима Улугзаде ведущее место принадлежит диалогу, с помощью целого текста завязывается не только сюжет романа, но и представляется точка зрения автора и его героев. В диалоге раскрываются особенности мировосприятия, характеры, состояние внутреннего мира и этические ориентиры героев произведений С. Улугзаде, где автор философски осмысливает трагические этапы истории своего народа. Рассмотренные автором диалоги отражают межличностные отношения, из которых исходит, что диалог в романе «Фирдоуси» С. Улугзаде является отражением реальной коммуникативной ситуации и может выражать мировидение автора. В заключение статьи автор приходит к выводу, что герои романа в большинстве являются реальными людьми, изображенными под собственными именами и фамилиями. Диалоги С. Улугзаде крайне многоголосны и способны воплощать автором в образной форме особую моделируемую художественную картину мира.

Ключевые слова: функция, процесс, мотив, диалог, структура, персонаж, социальный, этикет, признание.

DRAMA AS AN AESTHETIC CATEGORY OF DIALOGUES IN THE NOVEL "FIRDOUSI" BY SOTIM ULUGZADE

In this article, the author examines the dual nature of the dialogue in a work of art through the prism of the author's perception, where the main means of the communication process are the verbal and non-verbal system, through which information is transmitted reflecting a person's attitude to a partner, events and problems through the transmitted speech. The author uses the novel “Firdousi” by the Tajik writer Sotim Ulugzade as a practical material in his article, where the dialogue belongs to the leading place, with the help of which the writer creates a whole text in which not only the plot of the novel is tied, but also the point of view of the author and characters is presented. It is in the dialogue that the features of world perception, the nature of the state of the inner world and the ethical guidelines of the heroes of the works of S. Ulugzade are revealed. Dialogues in the work of art by S. Ulugzade act as a vivid stylistic device, a means of revitalizing the narrative: a means of diversity of speech that characterizes the characters, expresses the main idea, which, as presented by the author, may seem like a moral. The author notes that the main function of dialogue in a literary text is the reflection of interpersonal relations, as well as the reflection of a real communicative situation. In his article, the author points out that in the work of Sotim Ulugzade, the leading place belongs to dialogue, with the help of which the writer creates a whole text in which not only the plot of the novel is tied up, but also the point of view of the author and characters is presented. It is in the dialogue that the features of the world perception, the state of the inner world and the ethical guidelines of the heroes of the works of S. Ulugzade are revealed, where the author philosophically comprehends the tragic stages in the history of his people. The dialogues considered by the author reflect interpersonal relations, from which it is assumed that the dialogue in the novel "Firdousi" by S. Ulugzade is a kind of reflection of the real communicative situation, can express the author's worldview. At the end of the article, the author comes to the conclusion that most of the heroes of the novel are real persons, real people, depicted under their own names and surnames, that is, the dialogues of S. Ulugzade are extremely polyphonic and lies in his cultural significance and ability to embody in a figurative form the special modeled by the author artistic picture of the world.

Key words: function, process, motive, dialog, structure, character, social etiquette, confession.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мусоева Шаҳноза Юнусовна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, унвонҷӯйи кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон, факултети забон ва адабиёти рус. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 121. E-mail: **s.musoeva74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 908-85-86-96**

Сведения об авторе: ***Мусоева Шахноза Юнусовна*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, соискатель кафедры русской и мировой литературы факультета русского языка и литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: s.musoeva74@mail.ru. Тел.: **(+992) 908-85-86-96**

Information about the author: ***Musoeva Shakhnoza Yunusovna*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the Department of Russian and World Literature of the Faculty of Russian Language and Literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: **s.musoeva74@mail.ru.** Phone: **(+992) 908-85-86-96**

ЖУРНАЛИСТИКА

УДК: 07 (575.3)

СОМОНАҲОИ ИТТИҲОДИЯВӢ ВА АСОСҲОИ АМАЛИИ ОНҲО ҲАМЧУН ФИШАНГИ ТАВОНО ВА СУБЪЕКТИ ТАЪСИР ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳамидиён И.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сомонаи иттиҳодиявӣ, ки ширкатро дар фазои виртуалӣ - интернет муаррифӣ мекунад, ҳамчун фишанги тавоно дар ҷараёни таблиғи молу хидматҳои ширкат, ҷалби муштариёни эҳтимолӣ, пайдо кардани шарикони тиҷоратӣ, инчунин як воситаи ташаккулдиҳандаи нуфузи корхона хидмат менамояд.

Дар шароити муосир ва воқеияти зудтағйирёбанда захираҳои интернетӣ, аз ҷумла сомонаҳои иттиҳодиявӣ (корпоративӣ) воқеан яке аз роҳҳо ва воситаҳои асосии ҷалби на танҳо мизоҷони дилхоҳ, балки хизматрасонӣ ҳисобида мешаванд. Ин захираҳо ҳамчун платформа барои муаррифии пурраи имкониятҳои иттилоотӣ дар бораи маҳсулот ва вокуниши харидори эҳтимолӣ хизмат менамоянд. Захираҳои интернетии иттиҳодиявӣ ҳамчун платформа ё замина барои мубодилаи таҷрибаи пешқадам ва муошарати муфид низ аз аҳамият холӣ нестанд. Онҳо фарогири муштариёни доимӣ (мизоҷ) ва кормандони корхона мебошанд.

Таҳлили мавзӯӣ, мундариҷавӣ ва забонии сомонаҳои иттиҳодиявӣ ба ташаккули назарияи жанрҳои виртуалӣ иртибот мегирад, ки аз ҷониби муҳаққиқон М. Г. Шилина [24], М.М. Абдулкадиров [1], В. А. Андреева [2], А. В. Ермоленко [9], Ю. В. Чемякин [23], Н.А. Клименко [14], П. В. Лобачев [10], М. С. Христосенко [22], В. В. Никишкин [16], А. И. Нуруллина [17], М. Ю. Яковлева [26], И. Н. Потеряхина [18], И. И. Ҳамидиён [20, 21], **А. Диллон, М. Вон, Б. Гушровский, С. Херринг, К. Уоттерс ва дигарон** таҳқиқ шудааст.

Муҳаққиқ А.С. Беседина менависад: «Истифодаи босамари вебсомонаи ширкат дар назар мегирад, ки маъракаҳои таблиғотии арзон бо таблиғоти яквақта ҳамоҳанг карда мешаванд. Агар мо ба раванд муносибати дуруст намоем, захираи иттиҳодиявӣ метавонад воситаи асосии ҷалби муштариёни нав ва нигоҳ доштани муштариёни мавҷуда гардад" [3, с. 336].

Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки воситаи асосии муайянкунии самаранокии захираҳои иттиҳодиявӣ табдилдиҳӣ (конвергенция) ҳисобида мешавад - аз *"convertio"*-и лотинии "табдил додан".

Муҳаққиқ В. А. Грабелников менависад, ки истилоҳи "конвергенсия" (аз лотинӣ *convergere* - наздик шудан) аз Ғарб ба мо омадааст ва он дар миёнаи асри гузашта ба илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ворид гардид [6, с.17]. Имрӯз ин мафҳум бо тағйироти азим барои ВАО ба ҳайси синоним ё ҳаммаъно истифода мешавад. Конвергенсия равандест, ки дар даҳсолаҳои наздик метавонад на танҳо низоми ахбори омма ва мухобирот, балки соҳаҳои мухталифи марбут ба онҳоро комилан тағйир диҳад.

Аввалан, ин маҷмуи технологияҳоест, ки ба васоити гуногуни техникӣ имкон медиҳанд иттилоотро ба корбар ё истеъмолкунанда расонанд. Дар маркази конвергенсияи технологияҳои медиавӣ – ҷараёни рақамисозии мундариҷа меистад, ки калимаи чопӣ ва тасвири ҳаракатдиҳандаро "баробар менамояд".

Баъдан, ин маҷмуи васоити ахбори монанд ва ё алоҳида аст, ки дар натиҷа маҳсулоти мултимедиявӣ (чандрасонаӣ) ба вуҷуд меояд.

Сониян, бозори нави иттилоотии муштарак сохта мешавад, ки дар он хадамотҳои мултимедиявӣ, шабакавӣ ва таҳияи нармафзор бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд [7, с.22].

Раванди конвергенсияи ВАО бо рушди интернет ворид шуд, ки ба таври техникӣ имкон медиҳад унсурҳои матнӣ, визуалӣ ва аудиовизуалӣ якҷоя шаванд. Фаъолмандӣ ё интерактивии интернет барои корбарон имкониятҳои нав фароҳам овард: гузоштани шарҳҳо дар сомона ва мақолаҳо, овоз додан барои мақолаи беҳтарин, ба дӯсти худ ирсол

намудани замима ва ғайра. Муштариёни ВАО аз объекти иттилоотӣ ба субъекти таъсир ва продюсери фаъол табдил ёфтанд.

Муҳити мултимедиявӣ ба мо имкон медиҳад, ки муаррифии маводро ба таври хосса ва васеъ анҷом диҳем, маълумоти беҳтаре гирем ва таваҷҷуҳи аудиторияро дар шакл ва қолабҳои нав ҷалб намоем. Форматҳои нави журналистика ва самтҳои фаъолият ба ВАО-и иттиҳодиявӣ низ таъсири амиқ мерасонанд – кор бо аҳолӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ неру ва самти нав касб менамояд, саҳифаҳои хусусӣ ва контенти нав фазои маҷозиро пурра мекунанд, бренд ҳамчун падида дигар боиси таваҷҷуҳ нест, он бояд ба васоити ахбор табдил ёбад.

Омилҳои мазкур ба раванди таҳрир таъсири бевосита доранд. Доштани малакаҳои мултимедиявӣ барои кормандони васоити ахбори омма талаботи муҳим аст. Онҳо бояд рӯзноманигороне шаванд, ки на танҳо қалам, балки диктофон, видеокамера, қобилияти ҷамъоварии иттилоот барои инфографика, омодасозии барномаҳои аудиоӣ, таҳрири видео, коркарди аксҳо ва қобилияти истифода аз платформаҳои гуногунро барои нашр ва паҳн намудани маводи эҷодкорӣ дошта бошанд ва талаботи иттилоотии истеъмолкунандаро бароварда созанд.

Илова бар ин, ки дар заминаи як платформаи иттилоотӣ метавон аз тамоми имконоти васоити ахбори омма истифода намуд. Саҳифаҳои конвергентӣ, дар навбати худ, бахшҳои ахбори иттиҳодиявиро фаро мегиранд: b2p (business-to-personal), b2b (business-to-business), b2c (business-to-customers). Баъзе бахш ва навъҳо метавонанд барои тамоми аудитория боз шаванд, қисми марбут ба ҳаёти дохилии ширкат – танҳо барои кормандон дастрас аст.

Фаъолнокии сомона муносибати муштариёнро нисбат ба ширкат ва хизматрасонии он муайян менамояд. Агар сомона фаъол бошад, барои дарёфти иттилооти гуногунмавзуъ ба он ҳамарӯза мурочиат сурат мегирад. Сатҳи пасти конвергенсия ҳамеша бо як қатор омилҳо иртибот мегирад, аз ҷумла, интихоби нодурусти меъёрҳои кор бо аудитория ва хизматрасонӣ ба мизоҷон. Вазифаи мутахассиси PR (робита бо ҷомеа) табдилдиҳии майли аудитория ва кор бо мизоҷоне мебошад, ки хоҳиш ва имконияти харидории мол ё маҳсулотро доранд.

Ҳамчун намуна, метавонем сомонаи ҶСК "Ориёнбонк"-ро орем, ки дар он ба шахсони воқеӣ (https://orienbank.tj/individuals) ва тиҷорати калон (https://orienbank.tj/largebusinesses) як қатор хизматрасониҳо барои қарз ба таври хосса пешниҳод мешаванд - амонатҳо, кортҳои бонкӣ, пардохтҳо ва интиқоли маблағ, хизматрасонии мобилӣ ва интернет-банкинг, амалиёти амонатӣ, амалиётҳои ҳисоббаробаркунии пули нақд, маблағгузории тиҷорат, амалиётҳои бехатар ва ҷамъоварӣ. Дар ҳар яке аз ин хизматрасониҳо ба мизоҷон доираи васеи хизматрасониҳои иловагии бонкӣ ва маълумоти муфассал оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ пешниҳод гардидаанд.

Вобаста ба пешниҳод намудани навъҳои гуногуни хизматрасонӣ ва табдилдиҳӣ (конвергенция)-и сомона фурӯши молу маҳсулоти ширкат афзуда, хароҷоти иловагӣ ҷиҳати ҷалби муштариёни нав коҳиш меёбад.

Афзоиши шумораи мизоҷони корхона ҳамеша барои маркетинг ва усулҳои он корбаст мегарданд. Маҳсулоти ширкат бо назардошти сабабҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ ва маъракаҳои таблиғотӣ бояд муаррифӣ шавад. Масалан, ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Спитамен Бонк» (https://www.spitamenbank.tj/ru/) дар бахши "Рейтинг" маълумот нашр мекунад, ки MicroFinanza Rating моҳи январи соли 2020 ба «Спитамен Бонк» рейтинги BBB додааст - дурнамои устувор. Рейтинги ин категория барои бонк дар бозорҳои молиявӣ имкониятҳои нав боз мекунад. Арзёбии ин категория аз эътимоднокӣ ва вазъи устувори молиявии «Спитамен Бонк» шаҳодат медиҳад. Рейтинг дар асоси вазъи устувори молиявии «Спитамен Бонк» ва сифати баланди «портфели қарзӣ» мураттаб шудааст.

Ҳангоми боздид аз сомонаи ношинос истифодабаранда аксар вақт ба маслиҳат ё маълумоти иловагӣ ниёз дорад. Дар бештарини мавридҳо, машваратчиёни онлайн бо пешниҳоди як қатор хизматҳо ва муаррифии имкониятҳои корхона муштариёни эҳтимолиро аз тарк кардани саҳифа пешгирӣ мекунанд. Яъне муштарии эҳтимолӣ бояд ҳар қадар бештар дар саҳифаи онҳо дар тамос (онлайн) бошад. Ин восита аз ду нуктаи назар ҷолиб аст:

1. Ба меҳмонони эҳтимолии сомона ва операторе, ки аз таваҷҷуҳи муштарӣ огоҳанд, хабари васеъ медиҳад.

2. Даъватҳои автоматӣ – чатҳо дар сомонаҳои иттиҳодиявӣ нақши муҳим мебозанд.

Онҳо хизматҳои ширкатро барои ҳалли мушкилот ё машваратҳоро барои меҳмонони сомона пешниҳод мекунанд. Аз сегменти тоҷикии интернетӣ мо метавонем ду корхона - ҶСП "Спитамен Бонк" ва Алиф Бонкро номбар кунем (https://alif.tj/), ки дар сомонаи онҳо Шахноза ва Умар ҳамеша омодаанд дар ягон кор ба Шумо кумак кунанд, машварат диҳанд ё ба дилхоҳ саволатон дар вақти корӣ посух гардонанд. Ин хизматрасониҳо имрӯз ҳам фаъоланд.

Ба гумони ғолиб, таҳлил ва омӯзиши рафтори муштариён ва корбарони сомонаро метавон ҳамчун як усули афзоиши табдилдиҳӣ (конвергенция) шуморид.

Дар шароити мусоир корхонаҳо дарк мекунанд, ки сомонаи онҳо, пеш аз ҳама, барои муаррифии муассиса дар сатҳи байналмилалӣ ва фурӯши маҳсулоти ширкат хеле зарур аст. Барои таъсиси воситаҳои нави мухобиротӣ ва роҳҳои нави муошират таҳлили амиқи конвергенсия, таҳрир ва буҷети маъракаи таблиғотиро тартиб додан муҳим аст. Баҳодиҳии сомонаи ширкат ва суръати баланди хизматрасонии онро корбар муайян менамояд. Ин амал дар ҳоле сурат мегирад, ки сомона ба талаботи муштарӣ бояд мутобиқ карда шавад.

Сатҳи нокифояи ҷараёни табдилдиҳӣ (конвергенция) метавонад фарогири чанд омили хос бошад. Зери мафҳуми нуктаҳои тамос шумораи телефон ва суроғаи ширкат фаҳмида мешавад, ки дар ҷойи намоён ишора гардида, вазифаи махсуси "занг бизан, фармоиш бидеҳ" ичро хоҳад шуд. Аз таҷриба маълум аст, ки маълумот дар сомонаи ширкат бояд сода ва фаҳмо бошад. Маълумоти пешниҳодшаванда аз як тараф, оммафаҳм бошад ва дониши махсус талаб накунад ва аз ҷониби дигар, барои корбарони ботаҷриба мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

Дар ширкатҳои тиҷоратӣ ҳадафи таъсиси сомона барои фурӯши маҳсулот пешбинӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, он бояд дорои таблиғи мол ё хизматҳои воқеӣ бошад. Дар акси ҳол, корбар вокуниши манфӣ нишон медиҳад ва бо эҳтимоли зиёд, ба сомона барнамегардад. Аз дақиқаи аввали дар сомона қарор доштан корбар бояд нишон диҳад, ки он чӣ гуна метавонад зиндагии ӯро осонтар намояд. Тавсия дода мешавад, ки бевосита дар саҳифаи асосӣ (главное меню) манфиатҳое, ки муштарӣ аз фармоиш додани маҳсулот ё хизматрасонӣ ба даст меорад, нишон дода шавад: сарфаи вақт, тахфифҳо, самаранокӣ ва ғайра.

Маълумот дар сомона бояд ба ҳама саволҳои имконпазири корбар посух диҳад. Набудани маълумоти муфассал оид ба молу маҳсулот ва шарҳи мол боиси шубҳа дар интихоби ширкати мушаххас ба ҳайси таъминкунандаи ниёзи муштариён мегардад.

Дар сомонаи ҶСК «Оби Зулол» (http://shop.obizulol.tj/) нархҳои маҳсулот барои корбарони сабтиномнашуда дар ибтидо дастрас набуданд. Дар айни замон, ба корбар дар шакли матн хабар дода мешавад, ки танҳо корбарони сабтиномшудаи сомона нархи маҳсулотро дида метавонанд. Ин далел шумораи зангҳоро ба мушовири онлайн афзоиш медиҳад, аммо дар маҷмуъ табдили онро ба таври назаррас коҳиш дод: 7 нафар аз 10 мизоҷ мустақилона дар бораи арзиши мол ва шароити кор маълумоти зарурӣ пайдо накарданд. Дар натиҷа, тасмим гирифта шуд, ки эълони маҳсулот бо матни зерин пешниҳод карда шавад: “Маълумот дар бораи нархҳо, рангҳо ва андозаи маҳсулот танҳо барои корбарони сабтиномшуда дастрас аст. Барои сабти ном, ин ҷо пахш кунед. Мо танҳо бо шахсони ҳуқуқӣ кор мекунем. " Ин матни одӣ ба корбар мегӯяд, ки барои гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи нархҳо чӣ кор кунад ва оё идома додани кор бо сомона имконпазир аст ё не. Муваффақияти сомона инчунин, маънои онро дорад, ки вай аҳамиятнок ва манфиатовар аст. Якчанд роҳҳои намунавии огоҳ кардани муштарӣ ба боздид аз сомонаи ширкат вуҷуд доранд: ахбори иттиҳодиявӣ ва баннерҳо бо аксияҳои аз лиҳози вақт маҳдуд - "нарх аз ... то ... эътибор дорад".

Тавре аз таҳқиқ бармеояд, агар шумораи иқдом ва ташаббусҳои корбар барои ба ҳадаф ноил шудан коҳиш ёбад, конверсия афзоиш хоҳад ёфт. Ҳар сонияи боздид аз сомона муштарӣ бояд унсур ё блокеро бинад, ки ӯро ба амали навбатӣ даъват мекунад. Масалан, дидани маълумоти муфассал дар бораи маҳсулот ё хизматрасонӣ. Муштарии сомона бояд тавонад аз нуқтаи воридшавӣ бидуни ҳеҷ саъй ва ҷустуҷӯ фармоиш ё амали дигари заруриро аз марҳилаи ниҳоии истеҳсол анҷом диҳад. Яке аз омилҳои муваффақият дар ин замина пешниҳод кардани роҳҳои хуби алтернативӣ дониста мешавад.

Фикру мулоҳизаҳои корбарон дар бораи ширкат то ҳол муҳим ва аҳамиятнок дониста шуда, нуфузи корхона ба он пойбанд аст: дар ҷаҳони имрӯза, вақте ки шахс дар асоси таҷрибаи худ хулоса баровардан намехоҳад ва ё вақт надорад, мо ба андешаи дигарон такя карданро афзал медонем.

Риояи ин шартҳо кафолат медиҳад, ки сомонаи иттиҳодиявӣ монеаҳои мухобиротиро бартараф мекунад ва воситаи муассири нуфузи ширкат мегардад.

Чунин ба назар мерасад, ки таҳлили услубии фазои сомонаҳои иттиҳодиявӣ бо рушди нисбатан наздики назарияи омӯзиши жанрҳои виртуалӣ иртиботи бевосита дорад. Назарияи он аз ҷониби муҳаққиқони рус Э.И. Горошко, Э. А. Землякова, Л. Капанадзе, Л.Ф. Комантсева, Е.А. Жигалина, О.В. Лутовинова, С.А. Федорова, Е.Ч. Дахалаева, Е.В. Бабенко, И.Н. Потеряхина, Е.Ю. Распопина М.Л. Якунина ва ҳамкорони хориҷии онҳо А.Диллон, М.Вон, Б.Гушровский, С.Херринг, К.Воттерс, М.Шеперд ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Сомонаҳои расмии ширкат, ки ҳадафашон ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти тиҷоратидошта мебошад, аз назари хусусиятҳои жанрӣ объекти мустақими таҳқиқ ҳастанд.

Бояд гуфт, ки дар тули солҳои зиёд Ҷопон дар нашри ВАО-и иттиҳодиявӣ пешсафи ҷаҳон аст. Тақрибан 95% ҳамаи ширкатҳои бузурги ин кишвар нашрияи чопии худро доранд. Дар Аврупо Британияи Кабир ва Фаронса аз лиҳози нашри матбуоти иттиҳодиявӣ, ки қариб 80 фоизи ширкатҳо васоити ахбори оммаи худро доранд, дар сафи пеш қарор мегиранд.

Мо шоҳиди таҳаввулоти як навъи ВАО ҳастем, ки қаблан барои доираи муайян ошно буд. ВАО-и иттиҳодиявӣ имрӯз вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки сазовори таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба онҳо мебошад. Ҳангоми баррасии масъалаи иртиботи ВАО-и иттиҳодиявӣ ба журналистика мо ба хулосаҳои олими рус Ю.В.Чемякин такя мекунем. Мавсуф бар ин назар аст, ки муҳимтарин вазифаи ин навъи ВАО хидмат ба манфиатҳои як ширкат аст. Бешубҳа, аз вазифаҳои асосии нашрияҳои иттиҳодиявиро олимон ташаккули фарҳанги иттиҳодиявӣ ва симои мусбати ширкат, ҷорӣ намудани арзишҳо ва рафтори муайян, эҷоди эҳсоси оилаи ягона, мустаҳкам намудани эътимод, муттаҳидӣ ва сафарбар намудани коллектив ба ҳалли масъалаҳои марбут ба истеҳсолот медонанд. Мо набояд дар бораи арзёбии мутахассисони PR, ки ВАО-и иттиҳодиявиро ҳамчун воситаи робита бо ҷомеа медонанд, фаромӯш кунем.

Агар роҷеъ ба озодии баён сухан кунем, бешубҳа, дар ВАО-и иттиҳодиявӣ он аксар вақт сензура мешавад, аммо барои эҷод ва рушди масъалаҳои эҷодӣ ҳеҷ гоҳ монеа мавҷуд набуд. Аз ин лиҳоз, гуфтан душвор аст, ки журналистони ВАО-и иттиҳодиявӣ озод нестанд.

Муҳаққиқ А.Ю.Бабкин бар ин назар аст, ки дар нашрияҳои иттиҳодиявӣ ҳама мавзуъҳо ба «дуруст» ва «нодуруст» («манъшуда») тақсим мешаванд. Дар марҳилаи имрӯза ВАО воқеиятро на танҳо инъикос менамоянд, балки муҳити иттилоотии ҳаёти воқеии иҷтимоиро ташаккул медиҳанд. Ба ақидаи А.А.Юрков, муҳити иттилоотӣ маҷмуи шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мавҷудияти ҷомеа мебошад, ки дар асоси воқеияти атроф тавлид мегардад ва мазмун, сохтори мавзуӣ ва самти мақсадноки иттилооти оммаро ташкил медиҳад [25, с.98].

Ҳангоми таҳлили контенти тоҷикии ВАО-и иттиҳодиявӣ бояд иброз намуд, ки онҳо барои таблиғ ва ташвиқ пайдо шудаанд, на барои ниёзҳои ҷомеа ба иттилооти муътамад. Дар солҳои минбаъда ин хусусият ба миён омад. Мавҷудияти ин навъи расонаҳо ба вижагиҳое, ки муаррих М.М.Ковалева [11, с. 83] зикр кардааст, шабоҳат дорад.

Бо назардошти тафаккури шарқӣ, урфу одат, расму ойин ва дигар хусусиятҳои миллӣ метавон гуфт, ки расонаҳои иттиҳодиявӣ дар Тоҷикистон ба арзишҳои худ содиқ буданд ва боқӣ монданд.

Расонаҳои иттиҳодиявӣ барои ширкатҳо дар пасманзари афзоиши ниёз ба ҷараёни иттилооти дохилӣ ва хориҷӣ зарур ҳастанд. Ин намуди ВАО ба кормандон тасвири мукаммал ва маълумоти боэътимоди тасдиқшударо аз дохил пешниҳод мекунад.

Мақсади асосии матни тиҷоратӣ ё PR-матн нигоҳ доштани мавқеи корхона дар ҷомеа ва дарки мусбати иттилоот мебошад. Айни замон навъҳои зерини маводҳое мавҷуданд, ки ба идора даромади иловагӣ меоранд: таблиғ, эълони ашхоси алоҳида, шаклҳои пинҳонии таблиғ, ки дар қолаби публитсистӣ ва PR пешниҳод карда мешаванд. Матни тиҷоратӣ имрӯз ҳамчун моли журналистӣ муаррифӣ мегардад, муаррифии истеҳсолкунандагон аз номи журналист сурат мегирад, таблиғ дар шаклҳои гуногун зуҳур менамояд ва мавқеъ ва

боварии харидорро ба даст меорад, ба фаъолияти лоббистӣ (манфиатҳимоягӣ) иртибот мегирад. Ҳамаи ин ба шаклҳои номуайяни таблиғ дахл дорад, ки дар ин хусус А.С. Саввин низ навишта буд [19].

Гуфтан мумкин аст, ки комёбии ВАО, бахусус суботи тиҷоратӣ ва маҳбубият миёни хонандагон дар шароити муосир мустақиман ба мавқеъгирии бомуваффақи паёми таблиғотӣ вобаста аст. Имрӯз таблиғ «чеҳра»-и нашрияро муайян карда метавонад. Масалан, ҳафтаномаи «Азия-Плюс» дар Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои байналмилалии муқими ин кишвар ҳамчун стандарти сифат эътироф шудааст. Муассисаҳо ва ширкатҳои байналмилалӣ тарҷеҳ медиҳанд, ки ҳама эълонҳо, новобаста ба шакл ва мундариҷа, дар рӯзномаи «Азия Плюс» чоп шаванд. Дар симои рӯзнома нашрияи содиқеро мебинанд, ки талаботи хонандаро ба маълумот қонеъ мегардонад ва ҳар шумораи онро мутолиа мекунанд.

Муҳаққиқ А.А.Бузинова менависад: ҳама гуна маълумоте, ки мутахассиси PR ҳангоми кор бо ҷомеаи мавриди ҳадаф қарор медиҳад, бояд ба қонуни иттилооти муассир тобеъ бошад, яъне иттилоот дуруст рамзгузорӣ гардад, шабакаи мухобиротӣ (канали алоқа) ба иттилооти интиқолшаванда мувофиқ бошад ва фикру мулоҳизаҳо пешниҳод гарданд. «Барои кор бо канали муошират визуалӣ мутахассиси PR бояд аз доираи васеи усулҳо аз фанҳои гуногун истифода барад: санъати тасвирӣ (графика, расмкашӣ); аксбардорӣ (коллаж); кинематография; полиграфияи муосир; тарроҳӣ, дизайн; технологияҳои муосир (аксбардории рақамӣ, голография, видеоарт); технологияҳои муосири компютерӣ (барномаҳои махсуси макетӣ, муҳаррири тасвирҳои графикӣ, барномаҳои коркарди видео ва эҷоди презентатсияҳо ва ғайра)» [4, с.23]. Мавсуф бар ин назар аст, ки намунаи визуалии матни анъанавии PR, ки дар фазои мухобироти оммавӣ амал мекунад, бояд зери таъсири равандҳои визуализатсия (усули тасвир ва қабули иттилоъ) ба таври назаррас тағйир ёбад. Муҳаққиқи дигар В.С. Кочетова мутмаин аст, ки матн ҷузъи коммуникатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад [12, с.37]. Ба вуҷуд омадани имкониятҳои нави коммуникатсия, рақамикунонӣ, интернетизатсия, равандҳои конвергентӣ дар ВАО дар матнҳои нави мухобироти оммавӣ инъикос меёбанд. Навъҳои нави матнҳои PR пайваста пайдо мешаванд, ки кӯшишҳои ба низом даровардани онҳоро ба вуҷуд меоранд. Имрӯз гурӯҳбандӣ ё диверсификатсияи намудҳои матнҳои PR аз ҷониби аудиторияҳо ба назар мерасанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии матн, ки барои чоп дар нашрияи иттиҳодиявӣ пешбинӣ мегардад, серпаҳлу ё ба истилоҳ, бисёрфункционалӣ будани он аст. Матн на танҳо барои маълумот додан ва эҷоди симои мусоиди ширкат, балки барои ташаккул додани тасвири хосси ҷаҳон, ки дар он арзишҳо ва принсипҳои ширкат нақши ҳалкунанда доранд, пешбинӣ шудааст. Ҳангоми кор бо матн муҳаррири ВАО-и иттиҳодиявӣ аз аксиома (қоида ё назарияе, ки ба исбот ниёз надорад) бармеояд: ин ВАО бояд ба меъёрҳои журналистикаи муосир ҷавобгӯ бошад, вале, пеш аз ҳама, вазифаҳои муқаррарнамудаи роҳбарияти корхонаро ичро намояд.

Муҳаррири ВАО-и иттиҳодиявӣ дар ҳамбастагии иртиботи маркетингӣ кор мекунад, яъне ӯ ҳамеша бо таблиғ ва PR сару кор дорад. Бо вуҷуди хусусиятҳои хосси худ, ВАО-и иттиҳодиявӣ сензураро дар ширкат эътироф менамояд, ки он ба ҷанбаи эҷодӣ иртибот дорад. Фаъолияти муҳаррир бевосита ба афзалиятҳои муассис вобаста аст.

Кори таҳририя, пеш аз ҳама, ба хоҳиш ва рағбати хонандагони нашрия вобастагӣ мегирад. Ҳадаф ва вазифаҳои нашрия роҳҳои пешниҳоди иттилоотро муайян мекунад. Нашрия бо вазифаҳои дарозмуддат рӯ ба рӯ мешавад, ки одатан бо эҷоди симои мусоиди ширкат ва баланд бардоштани садоқати аудитория алоқаманд ҳастанд.

Матнҳои иттиҳодиявӣ набояд фикру ақидаро дар бораи ширкат таҳмил кунанд, балки пайваста барои андеша замина гузоранд. Азбаски ВАО-и иттиҳодиявӣ одатан ҳамчун воситаи таблиғот истифода намегардад, жанрҳо ва усулҳои таблиғотӣ набояд дар матнҳо корбаст гарданд. Зимнан, хусусиятҳои таблиғотиро на танҳо дар паём ва хоҳиши муштарӣ, балки дар паёми ширкатҳои ҳамкор низ ошкор кардан имконпазир аст.

Ҳар як ширкат фалсафа ва фарҳанги иттиҳодиявии худро дорад. Инъикос ва шинохти дурусти онҳо барои ВАО-и иттиҳодиявӣ муҳим дониста мешавад. Онҳоро метавон шартан арзишҳои иттиҳодиявӣ номид. Арзишҳо як воситаи муҳим барои ҷалби шарикон ва манбаъҳои маблағгузории иловагӣ мебошанд.

Агар соҳаро дар маҷмуъ баҳо диҳем, метавон гуфт, ки ВАО-и иттиҳодиявӣ рақобат надоранд, аудитория дар дохили ташкилот маҳдуд мегардад. Агар шурои партиявӣ, касабавӣ, комсомолӣ ва маъмурияти фабрикаи либоси рӯйи трикотажии ба номи 60-солагии СССР – «Минбари коргар»-ро, ки аз 7 ноябри соли 1988 то соли 1992 нашр шудааст, таҳлил намоем, маълум мегардад, ки онро хонандагон дар вилояти Суғд ва хосса, шаҳри Истаравшан мутолиа мекарданд. Хонандагони маҷаллаи «Садаф» («Перламутр») – нашрияи иттиҳодияи байналхалқии дандонпизишкони Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, вобаста ба кормандони соҳа ва теъдоди нашр маҳдуд буд.

Қабл аз буҳрони ҷаҳонии моливу иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба шарофати бахши хусусӣ ва тиҷорат теъдоди зиёди нашрияҳои иттиҳодиявӣ ба вуҷуд омада, дар фазои иттилоотӣ имиҷ, нуфуз ва мавқеи муайян доштанд. Роҳбарияти як қатор муассисаҳои молиявӣ хоҳиш доштанд, ки ба ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодии дохили мамлакат таъсири иттилоотӣ расонанд.

Яке аз вижагиҳои муҳимми журналистикаи иттиҳодиявӣ дар он аст, ки онҳо ба аудиторияи худ нигаронида мешаванд. Рӯзноманигороне, ки дар расонаҳои иттиҳодиявӣ кор мекунанд, ба ҷуз аз қавонини касбӣ ва стандартҳои байналмилалии ахлоқӣ, бо бисёр қоидаҳои дохилӣ, ҳуҷҷатҳо, гузоришҳо, кадрҳо ва равандҳо шиносанд. Нашри мунтазами нашрия ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо натиҷаи кори худро пайгирӣ намоянд, балки бо тамоми даста робитаҳои наздиктар дошта бошанд ва муносибатҳо барқарор созанд.

Бархе аз муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла А. Х. Азимов бар ин назаранд, ки нашрияҳои иттиҳодиявӣ матбуоти сертиражро ташкил медиҳанд.

Бояд фаҳмид, ки онҳо якхела нестанд ва аз рӯйи хусусиятҳои типологӣ як падидаи мураккаб мебошанд. Матбуоти «бисёртираж» дар низоми матбуоти ҳизбӣ дар зинаи охир буданд, аз ҷиҳати мавзуӣ аз нашрияҳои ҷумҳуриявӣ қариб фарқ намекарданд.

Имрӯз дар тамоми ҷаҳон иттифоқҳои касаба, бонкҳо, ширкатҳои суғурта, ассотсиатсияҳо, ташкилотҳои гуногун васоити ахбори оммаи иттиҳодиявии худро доранд. Ширкатҳо имрӯз маҷбуранд, ки байни ҳамдигар ва муштарӣ муошират кунанд, дар иртибот бошанд, бо ҷомеа гуфтугӯ намоянд ва на танҳо манфиатҳои тиҷоратии худ, балки манфиат ва ниёзҳои иҷтимоии ҷомеаро низ ба инобат гиранд. Дар чунин шароит нақши мутахассисони муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба мутобиқ гардондани муносибат байни ширкат ва ҷамъият талош мекунанд, афзоянда маънидод мегардад. Нақши имиджелогия ҳамчун механизми эҷоди симои мусбати шахс низ дар ҳоли афзоиш аст.

Муҳимтарин стратегияи барқарорсозии эътимод ба бахши хусусӣ масъулияти иҷтимоии тиҷорат дониста шудааст, ки ба муайян ва ҳалли мушкилоти воқеӣ ва манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор асос ёфтааст. Ин назарияро муҳаққиқ Ян Мейтленд низ ҷонибдорӣ менамояд [15, с. 124].

Таҳлили ин раванд моро ба хулосае меорад, ки дар сегменти тоҷикии ВАО-и иттиҳодиявӣ PR-матн як қатор вазифаҳои асосиро дорад. Ин, пеш аз ҳама, таҳияи матни PR оид ба манфиатҳои як ширкати мушаххас аст. Ҳадафи матни PR нигоҳ доштани мавқеи ширкат ва дарки мусбати вазифаҳои он дар ҷомеа мебошад. Барои он ки матни PR ба тамошобин ва хонанда таъсири муайян дошта бошад, риояи як қатор қоидаҳо заруранд. Ба PR-матн низ хусусиятҳои услубӣ хос ҳастанд.

Дар шароити муосир сомонаи ширкат васоити муассир мебошад, ки тавассути он муштарӣ (истеъмолкунанда) ширкатро ҳамчун муваффақ ё ноком, боэътимод ва ё беэътимод ва ғайра тасниф мекунад. Дар натиҷа, истеъмолкунанда ширкати миёнаравро интихоб мекунад, ки сомонаи он ба ниёзҳои дилхоҳи ӯ тааллуқ дорад ва ширкатеро пайдо менамояд, ки сомонааш муваффақтар ба назар мерасад.

Фаҳмиш дар муҳити интернет аз рӯйи қонунҳои умумии дарк идора мешавад ва аз муҳитҳои дигар ба куллӣ ва сифатан фарқ намекунад. Нуктаи калидии мушаххасоти муҳити интернет дар он аст, ки бинобар аз ҳад зиёд пурбор шудани ин фазо, инсон мекӯшад миқдори ҷараёни иттилоотиро камтар ё ҳадди ақал, танзим намояд.

Ин маънои онро дорад, ки шахс матнро бодиққат ва ё тамоман нахондааст, мутаносибан, тасвирҳои визуалӣ (тасвирҳо, баннерҳо, расмҳо) ба як воситаи мукаммали муошират табдил меёбанд, зеро онҳо назар ба матн дар як муддати кӯтоҳ маълумоти бештарро мерасонанд. Масалан, ранги сиёҳро дар ороиш на ҳамеша истифода мебаранд. Он дорои хусусиятҳои ҷолиби тасвир аст. Истифодаи ин ранг метавонад маънои духӯра

дошта бошад – симои ширкатро тавоно, маъруф ва боэътимод муаррифӣ намояд ва ҳамзамон, имкон дорад нуфузи ташкилот бюрократӣ ва тира ҷилва намояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари сомонаҳои иттиҳодиявии Тоҷикистон рангҳои гулобӣ, сабз, сурх ва кабуд истифода гардидаанд. Рангҳои сиёҳ ва сурх қариб истифода намегарданд, зеро тамос бо чунин ширкат дар шуури муштарӣ хусусияти манфӣ пайдо мекунад. Истифодаи оқилона ва дурусти рангҳои баланд – зард ва сиёҳ таносуби форам ва мусбатро эҷод менамояд.

Рушди порталҳои иттиҳодиявӣ фарогири омилҳои гуногун аст. Яке аз сабабҳои пайдоиши онҳо – афзоиши доимии ҳаҷми иттилоот дар дохили ширкат маънидод мегардад. Яке аз таърифҳои қаблии ин падида чунин аст: «Порталҳои иттилоотии корхонаҳо ин барномаҳое мебошанд, ки ба ширкатҳо имкон медиҳанд ба иттилоот дар дохили ширкат ва берун аз он дастрасӣ дошта бошанд ва ба корбарон роҳи ягонаи дастрасӣ ба маълумоти шахсиро фароҳам оранд, ба онҳо барои қабули қарорҳои огоҳона имкон диҳанд» [27, с.7].

Афзалияти онҳо нисбат ба дигар расонаҳои анъанавӣ возеҳанд:

1. Васеъ намудани фазои иттилоотии иттиҳодиявӣ, ҷалби ҳамаи кормандон ва таҳкими арзишҳои ширкат, ҳамбастагии иттиҳодиявӣ дар шуури коллективии ҷамъиятӣ.
2. Суръати пайдоиш ва паҳншавии иттилоот дар фазои интернетӣ.
3. Ҷустуҷуи самараноки маълумот дар бораи ҳамаи захираҳои электронии ширкат.
4. Алоқаҳои фаврӣ аз корбарон (пурсишҳо, мубоҳисаҳо, тахтаҳои эълон ва блогҳо). Овоздиҳӣ оид ба ин ё он раванд имкон медиҳад, ки фикри кормандон ва муштариёнро дар бораи сифати кори шуъбаҳои гуногуни ширкат фаҳмида бошем.
5. Хидматҳои блогнависӣ (инфиродӣ ва коллективӣ), ки тавассути он кормандони ширкат дар дохили портал маълумот ва андешаҳои худро мубодила карда, стратегияҳои гурӯҳро муҳокима менамоянд. Раванди мазкур нисбат ба почтаи электронӣ нисбатан қулайтар аст. Он дарёфт ва нигоҳ доштани маълумоти заруриро осон менамояд.
6. Порталҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки сифати маводи пешниҳодшударо мустақилона баҳо диҳанд.
7. Баръакси расонаҳои чопӣ, ки дар онҳо миқдори иттилооти нашршуда маҳдуд аст, веб-порталҳо имкон доранд саҳифаҳоро бемаҳдуд ва маълумоти зиёдро нашр намоянд. Муҳимтарин хабарҳо дар саҳифаи асосии портал ва ахбори филиалҳои ширкат - дар саҳифаҳои дахлдори ин сохторҳо пешниҳод мегардад.
8. Портали иттиҳодиявӣ имичи мусбати ширкатро бомуваффақият ташаккул медиҳад ва сармояи онро афзун мекунад.

Тавре маълум, дар жанрҳои гуногуни журналистика, ки анъанавӣ шинохта шудаанд, барои эҷоди мавод кумак мерасонанд. Дар айни замон, таҷрибаи мултимедиявӣ жанрҳои зиёдеро илова мекунад. Жанрҳои форматҳои нав шаклҳои иттилоотиро фаро мегиранд ва фазои интернетро пур менамоянд.

Яке аз усулҳои мушоҳидашаванда – таҳияи шаклҳои жанрӣ аз сода ба мураккаб дар заминаи маълумоти умумӣ аст. Одатан, дар саҳифаи асосии портал зери сарлавҳаи "Хабарҳои асосӣ" маводе нашр мешавад, ки дар жанри хроника эҷод шудааст ва аз як сатр иборат аст. Барои пайдо намудани иттилооти бештар оид ба маълумоти дилхоҳ ба дохили хабар ворид шудан зарурат пайдо мешавад. Дар дохили матлаб истифодабаранда бо шаклҳои нави жанрӣ рӯ ба рӯ мешавад. Аз рӯйи маънои мундариҷавӣ формат ва ё қолаби жанрӣ дақиқ гардида, барои комилтар шудани воқеа имкон дорад гузориши муфассал ё фоторепортаж аз ҷойи ҳодиса илова карда мешавад.

Тавре маълум аст, табодули иттилоотӣ барои дилхоҳ ширкат яке аз ҷараёнҳои мураккаб ва печида маҳсуб меёбад. Комёбӣ ва рушди корхона дар бештарини маврид ба муошарати муассири коллектив ва расидан ба ҳадафҳои бузурги прагматикӣ иртибот мегирад. Набудани муколама ва маҷмуи таъсирҳои иттилоотӣ барои расидан ба ҳадафҳо ва мавқеи дилхоҳи корхона монеа эҷод мекунад. Мухобироти дохили ширкат хеле муҳим ва барои пешрафт зарурӣ арзёбӣ мегардад, ки гоҳе аз мадди назар дур мемонад. Имрӯз мутахассисони касбӣ дорои мустақилияти комили эҷодӣ ҳастанд. Хеле муҳим аст, ки корфармо барои фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои онҳо ҳавасманд бошад.

Қаблан мушоҳида мегардид, ки заҳмат ва талоши роҳбарияти корхона оид ба ҳалли баъзе мушкили дохилиитиҳодиявӣ тавассути ворид намудани маблағгузории иловагӣ ё мукофотпулӣ муассир нест. Баргузории дарсҳои иловагӣ (семинар, тренингҳо) барои

коркарди ҳадафҳои муассир ва ҳалли мушкил дигар самараи дилхоҳ намедиҳанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо доштани мақсад нокифоя буда, амалӣ гардидани принсипҳои дақиқ ва арзишҳои иттиҳодиявӣ муҳим дониста мешаванд. Яке аз роҳҳои бунёд, дастгирӣ ва рушди арзишҳои иттиҳодиявӣ – истифодаи шаклҳои маъмули мухобиротӣ, аз ҷумла сомонаҳои иттиҳодиявӣ дониста шудааст.

Ба қавли Е.В. Бутсик, роҳбар аз 50 то 90 фисади вақти худро барои муколама ва суҳбат масраф мекунад, яъне ин раванди интиқоли иттилоот барои зердастон аст, ки бояд ба он ягон навъ вокуниш нишон диҳанд [5].

Сомонаи иттиҳодиявии ширкатҳо дорои матнҳое ҳастанд, ки ба мундариҷаи контент ва шабака (канал) иртиботи бевосита мегиранд. Мундариҷаи сомона вобаста ба самти фаъолияти ширкат мушаххас мегардад ва одатан, дорои маълумоти умумӣ дар бораи ширкат аст, масалан таърихи корхона, номгӯйи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, иқдомҳо, фаъолияти ҷорӣ, ҳисоботи молиявӣ, маълумотномаи ҳуқуқӣ, шарҳи ҳоли роҳбарият ва зерсохторҳо, суроға ва телефон.

Дар ин замина бояд дақиқ намоем, ки на ҳамеша сомонаҳои иттиҳодиявӣ ба ҳайси воситаи менеджмент ё маркетинг баромад мекунанд. Дар фазои тоҷикии интернет мо бо сомонаҳои иттиҳодиявие вомехӯрем, ки баъзе бахшҳои он солҳои зиёд бозбинӣ ё таҷдид нашудаанд. Барои нишон додани фаъолмандии сомона аксар маврид саҳифаи хабарии он дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ба самти фаъолияти ширкат иртибот надорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин маълумоти расмӣ, сафарҳои корӣ ва ё номаҳои табрикотии Роҳбари давлат аст. Яъне ин такрор ва бознашри маълумоти аллакай нашршуда аст. Масалан, сомонаҳои «Тоҷпромбонк» (http://www.tajprombank.tj/), «Соҳибкорбонк» (http://www.sohibkorbank.com/) ва Аввалин бонки маблағгузории хурд (https://www.fmfb.com.tj/) комилан фаъол нестанд. Сомонаи Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон (https://www.abt.tj/) аз 1 марти соли 2017 таҷдид нашудааст, ҳарчанд ширкат фаъолияти худро қатъ накардааст ва роҳбар дорад.

Олими рус Е. А. Дронова навишта буд, ки сомонаи иттиҳодиявӣ барои ҳалли як қатор мушкили корхона мусоидат намуда, ба истифодабарандагони мушаххас равона гардидааст – кормандон, шарикон, муштариён ва ғайра [8]. Онҳо дар фазои иттилоотии ширкат мавқеи худро доранд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар аксар маврид сомонаҳо ба хотири дарёфти имкониятҳои иловагии иртибот ва низоми муассири таъсиргузорӣ барои ҳама – шуруъ аз аудиторияи дохилӣ то иштирокчиёни берунӣ бунёд ва ташкил мегарданд. Ҳадафи асосӣ дарёфти манфиат маънидод мешавад. Дар доираи ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин имконпазир аст:

- Ташаккули имиджи мусбати корхона дар назари истеъмолкунанда;
- Истифодаи интернет ҳамчун воситаи фурӯши хизматрасониҳо ба истеъмолкунанда;
- Истифодаи интернет барои нашр ва паҳн намудани маълумоти вобаста ба корхона.

Вобаста ба вазифаҳои ишорашуда, сомонаи ширкат барои расидан ба онҳо бояд созгор ва муносиб бошад. Воситаҳое, ки барои мухобироти маркетингӣ мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- **Реклама.** Дар сомона имкон дорад, ки ҳамаи паёмҳои рекламавиро барои аудиторияи мақсаднок истифода барем ва онҳоро барои технологияҳои интернетӣ мутобиқ намоем.
- **Ҳавасмандкунии фурӯш.** Дар интернет истифодаи ҳамаи усулҳо имконпазир аст – тахфифҳо, иқдомҳо ва ғайра.
- **Фурӯши бевосита**.
- **Маркетинги мустақим.** Дар ин ҳолат сухан дар бораи ирсоли паёмҳо ба истифодабарандагони ҳавасманд меравад.

Аз замони пайдоиш то имрӯз интернет ба ҳайси воситаи хуби нашри реклама ва паҳни мавод эътироф гардидааст.

Агар солҳои аввали таъсиси сомонаҳои иттиҳодиявиро дар Тоҷикистон ёд оварем, маълум мегардад, ки ин раванд тамоюл ва тақозои замон буда, аз нигоҳи технологӣ мунтазам вусъат ёфтааст. Инчунин, бояд ба инобат гирифт, ки маҳз ҳамон давра Ҳукумати мамлакат барои гузариш ба «Ҳукумати электронӣ» талошҳои чашмрас ва пайгирона анҷом додааст.

Гузашти вақт боис шуд, ки бунёдгузорони сомонаҳои иттиҳодиявӣ донишҳои нави соҳавиро аз худ кунанд, нозукиҳои менеҷмент ва маркетингро аз бар намоянд. Маълум гардид, ки сомонаи иттиҳодиявӣ метавонад на танҳо барои муаррифии корхона мусоидат намояд, балки воситаи муассири ҷалби сармояи иловагӣ ва шарикони рушд гардад. Намунаи барҷаста дар ин замина сомонаи ҶСП «Имон интернешнл» https://www.imon.tj/ ҶСП «Ҳумо» https://humo.tj/ru/ аст. Ин сомонаҳо дар ҳоли такмилёбии мунтазам қарор дошта, барои муштариёни худ номгӯйи зиёди хизматрасониро пешниҳод мекунанд. Гузашта аз ин, онҳо мудом бо мизоҷ дар иртибот буда, сари вақт ниёзҳои иттилоотии онҳоро бароварда мекунанд. Ба ақидаи Л. Китайсев, тақозои замони муосир чунин аст, ки сомонаи иттиҳодиявии ширкатҳо ҳангоми кор бо матбуот мавқеи калидӣ пайдо мекунанд ва ба ҳайси равзанаи гуфтугӯӣ хизмат менамоянд [13, с.114.].

Гузашта аз ин, дар манбаъҳои иттиҳодиявӣ маҷмуи асбобҳое ҳастанд, ки тавассути онҳо кормандони ВАО имкон доранд фаъолияти худро ба таври шоиста ба роҳ монанд ва оид ба мавзуъҳои гуногун дар тамос буда, маълумоти заруриро сари вақт дастрас намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулкадыров М.М. Корпоративный сайт как основная дискурсообразующая единица англоязычного виртуального корпоративного дискурса / М.М. Абдулкадыров // Современные тенденции науки и технологий. – 2016. – № 11-6. – С.6-9.
2. Андреева О.С. Категориальная структура цветовосприятия корпоративных интернет-сайтов / О.С. Андреева, П.П. Екимова // Вестник Тюменского государственного университета. Гуманитарные исследования. Humanitates. – 2013. – № 9. – С.248-253.
3. Беседина, А.С. Как увеличить конверсию корпоративного сайта (в рамках исследования «корпоративный сайт как инструмент PR») / А.С. Беседина // В сборнике «Наследие Ю.М. Селезнева и актуальные проблемы журналистики, критики, литературоведения, истории». Материалы первой Международной научно-практической конференции. – 2015. – С.335-339.
4. Бузинова, А.А. Визуальный PR-текст в управлении публичными коммуникациями: автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / А.А. Бузинова. – СПб, 2015. – С.27.
5. Буцык, Е.В. Корпоративное телевидение как канал коммуникаций / Е.В. Буцык // В сборнике «Управление человеческими ресурсами: теория, практика и перспективы». Белгородский государственный технологический университет им. В.Г. Шухова. – 2017. – С.152.
6. Грабельников, В.А. Развитие корпоративных СМИ в новой медиасреде (на примере интернет-портала): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / В.А. Грабельников. – М., 2012. – С.24.
7. Вартанова Е.Л. К чему ведет конвергенция СМИ? / Е.Л. Вартанова // Информационное общество. - 1999. Вып. 5. – С.14-14.
8. Дронова, Е.А. Разработка корпоративного сайта фирмы как эффективного инструмента маркетинга / Е.А. Дронова // Вестник Академии. – 2011. – № 1. – С.142-144.
9. Ермоленко, А.В. Корпоративный сайт в управлении компанией / А.В. Ермоленко // Вестник Коми республиканской академии государственной службы и управления. Серия: Теория и практика управления. – 2014. – № 12 (17). – С.113-115.
10. Лобачев, П.В. Корпоративный сайт и его эволюционный потенциал / П.В. Лобачев // Экономика. Бизнес. Информатика. – 2017. - Т.3. – № 6. – С.558-561.
11. Ковалева, М.М. Отечественная журналистика: вопросы теории и истории / М.М. Ковалева. – Екатеринбург, 2000. – С.108.
12. Кочетова, В.С. Корпоративные коммуникации в системе связей с общественностью: фактор социальной ответственности бизнеса: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / В.С. Кочетова. – М., 2010. – С.41.
13. Китайцев, Е.В. Инструмент работы со СМИ на корпоративном сайте / Е.В. Китайцев // В сборнике: Медиапространство региона: истории и перспективы развития. Сборник научных трудов. Курганский государственный университет. Ответственный редактор Н.А. Катайцева. – Курган, 2016. – С.113-115.
14. Клименко, Н.А. Формирование принципов разработки корпоративных сайтов подразделений образовательных учреждений / Н.А. Клименко, О.С. Резниченко // Международный студенческий вестник. – 2015. – № 3-1. – С.31-32.
15. Мейтленд, Я. Рабочая книга PR-менеджера / Я.Мейтленд. Пер. с англ. Я. Мейтленд. – М., 2008. – 176 с.
16. Никишкин, В.В. Влияние юзабилити сайта банка на восприятие его имиджа корпоративными клиентами / В.В. Никишкин, М.Д. Твердохлебова // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Экономика и управление. – 2014. – № 1 (16). – С.78-85.
17. Нуруллина, А.И. Корпоративный сайт как эффективный инструмент рекламы для малого бизнеса / А.И. Нуруллина, Р.А. Майский // В сборнике «Менеджмент предпринимательской деятельности». Материалы Четырнадцатой научно-практической конференции. – 2016. – С.165-166.
18. Потеряхина, И.Н. Жанрообразующие элементы корпоративного сайта / И.Н. Потеряхина // Вестник Челябинского государственного университета. – 2013. – № 37 (328). – С.49-51.
19. Саввин, А.С. Эффективность деятельности отдела рекламы провинциального СМИ (на примере периодических изданий Воронежской области): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / А.С. Саввин. – Воронеж, 2011. – 20 с.

20. Хамидиён, И.И. К вопросу о функциях и сравнительных характеристик корпоративных СМИ / И.И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. - №2. – С.234-239.
21. Хамидиён, И.И. Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана / И.И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.
22. Христосенко, М.С. Превращаем шаг за шагом корпоративный сайт в эффективный инструмент продаж / М.С. Христосенко // Маркетинг в России и за рубежом. – 2011. – № 2. – С.124-132.
23. Чемякин, Ю.В. Российские корпоративные медиа: современные тенденции и перспективы развития / Ю.В. Чемякин // Известия Уральского федерального университета. Серия 1. Проблемы Образования, науки и культуры. – 2013. - № 4 (119). – С.95-103.
24. Шилина, М.Г. Корпоративные интернет-ресурсы в системе общественных связей: структура, содержание, особенности развития: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / М.Г. Шилина. – СПб., 2007. – 277 с.
25. Юрков, А.А. Этика журналистского творчества / А.А. Юрков. – СПб, 2003. – С.142.
26. Яковлева, М.Ю. Корпоративный сайт как эффективный инструмент продвижения коммерческой фирмы / М.Ю. Яковлева, Д.Т. Ансуман // В сборнике «Качество информационных услуг». Сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции. Тамбовский государственный технический университет. – 2015. – С.247-251.
27. Christopher C. Shilakes, Julie Tylman. Enterprise Information Portals. Merrill Lynch, Inc. - New York: NX November 16, 1998. – P.7.

СОМОНАҲОИ ИТТИҲОДИЯВӢ ВА АСОСҲОИ АМАЛИИ ОНҲО ҲАМЧУН ФИШАНГИ ТАВОНО ВА СУБЪЕКТИ ТАЪСИР ДАР ТОҶИКИСТОН

Сомонаи иттиҳодиявӣ, ки ширкатро дар фазои виртуалӣ - интернет муаррифӣ мекунанд, ҳамчун фишанги тавоно дар ҷараёни таблиғи молу хидматҳои ширкат, ҷалби муштариёни эҳтимолӣ, пайдо кардани шарикони тиҷоратӣ, инчунин як воситаи ташаккулдиҳандаи нуфузи корхона хидмат менамоянд. Зери мафҳуми сомонаи иттиҳодиявӣ муаллифи мақола маҷмуи технологияҳоеро мефаҳмад, ки ба васоити гуногуни техникӣ имкон медиҳанд иттилоотро ба корбар ё истеъмолкунанда расонанд. Фаъолнокии сомона муносибати муштариёнро нисбат ба ширкат ва хизматрасонии он муайян менамояд. Агар сомона фаъол бошад, барои дарёфти иттилооти гуногунмавзуъ ба он ҳамарӯза мурочиат сурат мегирад. Дар мисоли сомонаҳои orienbank.tj, spitamenbank.tj, alif.tj, shop.obizulol.tj, tajprombank.tj, sohibkorbank.com, fmfb.com.tj, abt.tj, imon.tj ва humo.tj фаъолмандии сомонаи иттиҳодиявӣ дар инъикоси набзи ширкат ва ҷомеа баррасӣ мешавад. Ба хулосаи муаллифи мақола, дар манбаъҳои иттиҳодиявӣ маҷмуи асбобҳое ҳастанд, ки тавассути онҳо кормандони ВАО имкон доранд фаъолияти худро ба таври шоиста ба роҳ монанд ва оид ба мавзуъҳои гуногун дар тамос буда, маълумоти заруриро саривақт дастрас намоянд. Гузашти вақт боис шуд, ки бунёдгузорони сомонаҳои иттиҳодиявӣ донишҳои нави соҳавиро аз худ кунанд, нозукиҳои менеҷмент ва маркетингро аз бар намоянд. Маълум гардид, ки сомонаи иттиҳодиявӣ метавонад на танҳо барои муаррифии корхона мусоидат намояд, балки воситаи муассири ҷалби сармояи иловагӣ ва шарикони рушд гардад. Фаъолмандӣ ё интерактивии интернет барои корбарон имкониятҳои нав фароҳам оварда: гузоштани шарҳҳо дар сомона ва мақолаҳо, овоз додан барои мақолаи беҳтарин ва ғайра. Муштариёни ВАО аз объекти иттилоотӣ ба субъекти таъсир ва продюсери фаъол табдил ёфтанд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, ВАО, сомонаи иттиҳодиявӣ, конвергенсия, асосҳои амалӣ, субъекти таъсир, бонкҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, шарҳ, иттилоот.

КОРПОРАТИВНЫЕ САЙТЫ И ИХ ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КАК МОЩНЫЙ РЫЧАГ И СУБЪЕКТ ВЛИЯНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

